ISSN 2413-516X

ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ

П А Ё М И
ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
(маҷаллаи илмӣ)

БАХШИ ФИЛОЛОГӢ

4/6 (122)

В Е С Т Н И К
ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
(научный журнал)

СЕРИЯ ФИЛОЛОГИЯ

ДУШАНБЕ: «СИНО»
2013

ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ

МАҶАЛЛАИ ИЛМӢ СОЛИ 1990 ТАЪСИС ЁФТААСТ.
НАУЧНЫЙ ЖУРНАЛ ОСНОВАН В 1990 ГОДУ.

Ҳайати таҳририя:
Редакционная коллегия:

Имомов М.С. – гл. редактор, доктор филологических наук, профессор
Солиев А.А. – зам. гл. редактора, кандидат экономических наук, доцент
Сироджиддини Эмомали- зам.гл.редактора, кандидат филологических наук, доцент

Аъзои ҳайати таҳририя:
Члены редколлегии:

Асозода Х. - доктор филологических наук, профессор
Исматов С. - кандидат филологических наук, доцент
Камолиддинов Б.- доктор филологических наук, профессор
Кучаров А.- доктор филологических наук, профессор
Маджидов Х. - доктор филологических наук, профессор
Муроди М.- доктор филологических наук, профессор
Нагзибекова М. - доктор филологических наук, профессор
Нарзикул М. - доктор филологических наук, профессор
Раджабов Х. - доктор филологических наук, профессор
Сулаймонов С.- доктор филологических наук, профессор
Сафаров У. - доктор филологических наук, профессор
Ходжаев Д.- доктор филологических наук, профессор
Шарипов Х. - доктор филологических наук, профессор

Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад.
Журнал печатается на таджикском, русском и английском языках.

Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2013
Вестник Таджикского национального университета, 2013

З А Б О Н Ш И Н О С Ӣ

ЗАБОН - МЕҲВАРИ ШЕЪР

М.Саломов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Шеър ба ҳайси як унсури хеле муҳим аз замонҳои қадим чун забон ҳамсафари ҳаёти инсонӣ будааст. Яъне аз он замоне ки инсоният дорои забони гӯё гардида, соҳиби тафаккури олӣ – шуур шудааст, ба офаридани каломи мавзун низ шурӯъ кардааст. Ба ибораи дигар, ибтидоитарин одамон аз шеър баҳра бурдаанд ва давра ба давра дар шароитҳои гуногуни ҷомеаҳои мухталиф, дар муҳитҳои гуногуни низомҳои сиёсию иҷтимоӣ пешрафтатарин инсонҳо шеърро ривоҷу равнақ дода, рӯҳияи маънавии замони худро тавассути он тасвиру инъикос намудаанд.

Мушоҳидаҳо ва далелу аснодҳои гуногун шаҳодат бар он медиҳанд, ки дар тӯли таърих ва тайи асрҳои гуногун дар тамоми мамлакатҳо ва марзу бумҳои гуногун шеър бо роҳу василаҳои гуногун ва дар шароиту муҳити мухталиф эҷод мегардид ва бо шавқу рағбати зиёд қироат мешуд ва ё аз ҷониби мардум гӯш карда мешуд. Ба ин минвол, инсоният маҳсули тафаккури эҷодии худро барои қаноатманд гардонидани рӯҳияи маънавии худ истифода менамуд. Агар ба таърихи пайдоиши шеър бо дидаи таҳқиқ назар кунем, дармеёбем, ки ба шеър, эҷод ва қироати он шоҳон, амирон, аҳли дарбор, афсарон, сарбозон, сиёсатмадорон, давлатмардон, деҳқонон, ҳунармандон, рӯҳониён, файласуфон ва умуман донишмандони илмҳои гуногун ва монанди инҳо таваҷҷуҳи хосае зоҳир кардаанд. Яъне дар тамоми давру замонҳо шеър мавриди таваҷҷуҳи афроди таҳсилкарда, хушзеҳн, одамони дақиқназару ҳассос будааст ва ҳамчунин шеър дар шакли хеле содааш, ҳатто, таваҷҷуҳи ашхоси бесавод ва кӯдаконро низ ба худ ҷалб кардааст.

Пас, бармеояд, ки шеър ва умуман каломи мавзун ба мисли забон хеле қадимӣ буда, заминаҳои гуногуни ташаккулёбӣ ва рушду инкишофро аз сар гузаронидааст.

Асли пайдоиш ва решаи шеър дар гузаштаи таърихи башарӣ нуҳуфтааст. Маҳз ҳамин аст, ки доир ба нахустин шеър ё нахустин шоир дар таърих ва фарҳанги ҳар миллате бо афсонаю асотир ва ривоятҳои гуногуне омезиш ёфтааст. Масалан, арабҳо нахустин шоир Яъриб ибни Қаҳтонро, ки аз набераҳои Нӯҳ пайғамбар буд, донистаанд. Ба қавли Шамс Қайси Розӣ дар китоби «ал-Муъҷам» нахустин абёти мавзунро ба забони арабӣ ӯ адо кард ва «ба сабаби он ки ӯро бе воситаи таълим ва тааллум ба каломи мавзун шуур афтод, онро шеъру қоили онро шоир хонданд». Дар устураҳои исломӣ гӯяндаи аввалин шеър ҳазрати Одам аст, ки нахустин шеърро дар марсияи фарзандаш - Ҳобил, ки ба дасти фарзанди дигараш Қобил кушта шуд, ба забони арабӣ сурудааст [2, 145].

Забонро яке аз муҳимтарин василаи гуфтор ва мубодилаи афкори инсоният номидаанд, ки тавассути он одамон ба якдигар иттилооти гуногунро медиҳанд, ё аз иттилооти якдигар баҳравар мешаванд. Чун шеър низ яке аз васоити муҳимми иттилоърасонӣ аст, дар ибтидо метавон онро яке аз гунаҳои забон муаррифӣ кард, ки аз забони маъмулию гуфтори одӣ таъсири бештар ва нерӯи бокудраттаре дорад.

Дар ин маврид байни забони шеър ва забони маъмулӣ тафовуте ба миён меояд, ки ин фарқият дар заминаю шароитҳои гуногун мавридҳои гуногуни корбуд дорад. Ин тафовутро метавон ба таври зайл баррасӣ кард:

1. Муҳимтарин вазифа ё корбурди забони маъмулӣ барои табодули иттилоот аст, ки мо онро дар муошират ҳамарӯзаи худ мушоҳида карда метавонем. Яъне гуфтугӯйи байниякдигарии одамонро истифодаи маъмулии забон меноманд, ки дар равиши зиндагӣ ба онҳо кӯмак мерасонад. Масалан, ҷумлаҳои зерин намунаи корбурди маъмулии забонанд, ки иттилооти гуногунро инъикос кардаанд: Имрӯз ҳаво гарм аст. Устод Рӯдакӣ бунёдгузори адабиёти тоҷик аст. Ман субҳ аз хоб барвақт хестам. Ту кай аз дарс баргаштӣ? Президенти мамлакат барои иштирок дар маҳфили идона ба мактаб-интернати хонандагони бесарпарастори шаҳри Душанбе ташриф овард…

2. Шеър ва умуман каломи бадеъ танҳо ба хотири додани иттилоот эҷод намешавад. Яъне достонҳои муҳташам чун «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, қасидаҳои устод Рӯдакӣ чун «Модари май» ва «Шикоят аз пирӣ», рубоиҳои Абӯалӣ ибни Синою

Умари Хаём, маснавиҳои Низомии Ганҷавию Ҷалолуддини Балхӣ, ғазалҳои дилошӯби Саъдию Ҳофиз ва соири осори эҷодшудаи бадеӣ аз қадим то имрӯз бо забони маъмулӣ эҷод нагардидаанд. Ин осор ба хотири ба инсон бахшидани ҳис ва идроке аз зиндагӣ офарида шудаанд ва моҳиятан ҳам бо забон ва васоити гуногуне, ки аз забони маъмулӣ тафовут дорад, эҷод шудаанд. Яъне осори бадеӣ, махсусан шеър, барои амиқу наздик кардани робитаҳои мо ба ҳастӣ таълиф гардида, бо таҷриба робита дорад. Ҳар як инсон дар ниҳоди худ як ниёзи даруние барои донистани таҷрибаи дигарон ва хубтару беҳтар фаҳмидани таҷрибаи худ дорад.

Масалан, Абулқосим таҷрибаи чандинсолаи инсониятро омӯхтаю мушоҳида карда, чунин гуфтааст:

Ба бинандагон Офаринандаро
Набинӣ, маранҷон ду бинандаро.

Яъне шоир сухани одии «Худовандро бо чашм дида намешавад»-ро дар қолаби шеърӣ, хеле муассир ифода кардааст, ки ин намунаи таҷрибаи ҳаётӣ аст.

Ё байти зерини Ҷалолуддини Румӣ, ки ба таҷрибаи ҳаётӣ иртибот дорад, ба мазмуни байти Фирдавсӣ алоқамандӣ дорад:

Ошиқон пайдову маъшуқ нопадид,
Дар ҳама олам чунин ошиқ кӣ дид?

Дар ин байт маъшуқ барои ифодаи маънои «Худо» омада, «ошиқон» маънои инсониятро ифода кардааст.

Дар ин замина бояд таъкид кард, ки шоирон аз захираи эҳсос, мушоҳида ва ё таҷрибаи зеҳнии худ барои хонанда ё шунаванда таҷрибаҳои нав ва пурмафҳуме эҷод менамоянд, ки дар он хонанда низ саҳмгузор аст ва шоир ба ин таҷрибаҳо ҳушёрӣ ё огоҳии бештаре медиҳад. Яъне ҳар як хонанда баъзе паҳлӯҳои ҳаёту рафтор ва муносибати худро дар шеър мушоҳида карда метавонад.

Ҳамин тариқ, адабиёти бадеӣ метавонад ба ҳайси як муҳаррике барои гузаштан аз ҳар гуна мушкилиҳо ва афзоиши мизони таҷрибаи инсонҳо ва ба унвони заррабине барои возеҳ кардани он мавриди истифода воқеъ шавад, ки ин истифодаи адабӣ аз забон мебошад.

Шеър ҳамаи паҳлӯҳои зиндагиро дар бар мегирад. Робитаи асосиаш на бо зебоӣ аст на ба воқеияти фалсафӣ ва на ба тарғибу ташвиқ, балки робитаи асосиаш бо таҷриба тавъам аст. Зеро зебоӣ ва воқеият аз ҷанбаҳои таҷриба ҳастанд ва инсон дар равиши касби таҷрибаи рӯзгор бо онҳо мувоҷеҳ мешавад. Аммо шеър ба таври куллӣ ба ҳамаи ҷанбаҳои таҷриба – бо зебоию зиштӣ, ранҷурию умедворӣ, олию паст, воқеию тахайюлӣ сару кор дорад.

Ҳамин тариқ, инсоният бо бунёди шеър ва сароидани он ба бунёди ҳунари суханофаринӣ ва кашфи санъати суханварӣ асос гузоштааст.

Ба андешаи мутафаккири бузурги Юнони қадим – Арасту «Как кажется поэтическое искусство породили вообще две и притом естественные причины. Во-первых, подражание присущее людям с детства, они теми отличаются от прочих животных, что наиболее способны к подражанию, благодаря которому приобретают и первые знания; а во-вторых, продукты подражания всем доставляют удоволствие» [1,151].

Арасту бо ин тезиси худ ду сабаби асосии бунёди санъати шеъру шоириро муайян кардааст, ки яке аз онҳо ба вуҷуд овардани одамон аз замони кӯдакӣ аст, ки ин нерӯро ҳайвонот надоранд. Ҳамчунин тавассути ба вуҷуд овардан нахустин донишҳо низ ба даст меоянд ва сониян, маҳсули ин ба вуҷуд оварданҳо ба инсоният хушҳолӣ ато менамояд.

Дар идомаи ин андешааш дар мавриди ба вуҷуд овардан Арасту чунин таъкид кардааст: «Так как подражание свойственно нам по природе так же как и гармония и ритм (а что метры – особые виды ритмов, это очевидно) то ещё в глубокой древности были люди одарённые от природы способностью к этому, которые мало-помалу развивая ее, породили из импровизации действительную поэзию.

Поэзия, смотря по личным особенностям характера поэтов, распалась на разные отделы: именно поэты более серьезные воспроизводили прекрасные деяния, притом подобных же им людей, а более легкомысленные изображали действия людей негодных, сочиняя сперва насмешливые песни, как другие сочиняли гимны и хвалебные песни» [1,152].

Ҳамин тариқ, зина ба зина дар раванди инкишофи таърихии ҷомеа талабот ба осори бадею шеъру шоирӣ меафзояд ва илмҳои гуногуне чун поэтика, нақди адабӣ, баён, калом, балоғат, назарияи адабиёт ва монанди инҳо ба вуҷуд меоянд, ки равиши эҷоди каломи бадеиро ба низом медароранд.

Дар таърихи тамаддуни мардуми ориётабор низ шеър ва каломи бадеӣ мавқеи махсус доштааст. Баъзе қисмҳои китобҳои муқаддаси дину ойинҳои матрукшудаи ин қавм низ дар қолаби шеърӣ навишта шудаанд.

Тибқи маълумоти сарчашмаҳо то истилои араб дар байни мардуми ориётабор шеърҳои ҳиҷоӣ роиҷ будааст. Баъдтар низоми шеъри арабӣ, ки дар қолаби арӯз эҷод мегардид, аз ҷониби шоирону адибони мардуми форсизабон низ пазируфта мешавад. Ҳамчунин дар солҳои аввали ривоҷи дини ислом дар ин сарзамин аксаран бо забони арабӣ шеър эҷод мекарданд, ки ин раванд то замони салтанати Яъқуб ибни Лайси Саффорӣ идома ёфтааст ва нахустин шоире, ки бо дастури ӯ ба тоҷикӣ шеър эҷод кардааст, Муҳаммад Вассиф мебошад.

Ҳамин тариқ, шеър яке аз қисматҳои муҳимми дастовардҳои мардуми эронитаборро дар тӯли таърихи зиёда аз ҳазорсола ташкил медиҳад, ки он бо шаклу анвои гуногун ва мазмунҳои хеле баланди инсонпарварона ва забони фасеҳу гӯшнавози тоҷикӣ зинатафзои адабиёти умумибашарӣ гардидааст.

Ба ин минвол, вожаи арабии «шеър» низ барои ифодаи маъноҳои сухани манзуму фасеҳ ва бадеъ, ки дорои вазну қофия мебошад, вориди фарҳангу адаби забони тоҷикӣ гардида, ба ҳайси истилоҳ пазируфта мешавад. Албатта, дар забони тоҷикӣ вожаи «сарвода» низ гоҳ-гоҳ барои ифодаи маънои шеър мавриди истифода қарор мегирад, вале он ба ҳайси истилоҳ пазируфта нашудааст.

Дар китоби «Вожаномаи ҳунари шоирӣ» мафҳуми шеър чунин шарҳ дода шудааст: «Шеър (poetry) яке аз ақсоми дугонаи калом аст дар муқобили наср, дар содатарин таъриф онро каломе андешида бо ҳамроҳ бо вазн ва гоҳ бо қофия донистаанд. Баъзе шарти хаёлангез будани онро низ бар ин ду омил афзудаанд ва каломеро, ки аз унсури тахайюл баҳра надорад ва танҳо дар он вазну қофия ба кор рафта бошад, назм хондаанд» [2,144].

Дар мавриди ин мафҳум мутафаккирон ва адибони барҷастаи ҷаҳон низ андешаҳои ҷолибе баён кардаанд, ки онҳо хусусиятҳои зоҳирию ботинии шеърро ба инобат гирифта, дар атрофи он андешаҳои худро баён кардаанд. Аз ҷумла, Абӯалӣ ибни Сино дар «Китоб-уш-шифо» шеърро сухани хаёлангез, ки аз ақвол (қавлҳо, лафзҳо ё вожаҳо – С.М.)-е мавзуну мутасовӣ сохта шуда бошад, таъриф кардааст. Хоҷа Насируддини Тусӣ дар китоби «Асос-ул-иқтибос» мегӯяд, ки шеър аз назари аҳли мантиқ каломи хаёлангез аст ва дар урфи мардум каломе мавзуну муқаффо аст [ниг. ба 2,144-145].

Аксари таърифҳое, ки ин ду донишманд додаанд, аз ҷониби соири муҳаққиқони назарияи адабиёт ва забоншиносӣ пазируфта шудаанд. Дар ҳамаи таърифҳои ин мафҳум ду ҷанбаи хеле ҷолиби шеър – хаёлангезӣ ва дорои вазну қофия будани он таъкид мегардад.

Дар ҳамин замина таърифи ба шеър додаи шоираи амрикоӣ Бобат Дувич низ ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки гуфтааст: «Шеър ҳунаре аст, ки калимотро ҳам ба унвони калому ҳам ба унвони мусиқӣ ба кор мебаранд, то воқеиятҳоро иброз кунанд, ки ҳавоси сабт мекунанд, эҳсосот башорат медиҳанд, зеҳн дарк мекунад ва тахайюли шаклдиҳанда назм медиҳад» [2,144].

Таърифи Шафеии Кадканӣ низ ҷолиби таваҷҷуҳ буда, ҳам шакл, ҳам забон ва ҳам моҳияту ҷавҳари шеърро дар бар мегирад. Аз назари ӯ «шеър гиреҳҳӯрдагии отифа ё андешае, ки баёну илқои он дар ҳар шеър ҳадафи шоир аст ва вуҷуди ҳамин отифа ё андеша аст, ки шеърро аз суханони оҳангин, вале бемаънӣ ва мафҳум ва низ аз мафоҳими ғайришеърӣ, ки ба шакли мавзун адо мешаванд, мутамоиз мекунад» [2,144], тахайюл, яъне қудрати зеҳнии шоир барои эҷоди иртибот бо ҷаҳони хориҷ ва ашёву табиати атроф, шакли шеър, оҳанг ё мусиқиро унсурҳои муҳимми бунёди шеър медонад. Муҳимтарин унсуре, ки аз ҷониби Шафеии Кадканӣ таъкид шудааст, забон аст, ки онро метавон асоситарин унсури бунёдӣ барои тамоми осори бадеӣ арзёбӣ кард.

Ҳар як эҷодкори каломи бадеӣ ё шоир барои баёни отифӣ ва хаёлангези осори эҷодкардааш аз забони мутаносибе кор мегирад, ки хусусиятҳои савтии пайванди калимаҳо, ҳамнишинии овозҳо ва хусусиятҳои лексикию семантикии калимаҳо бо

тобишҳои маъноияшон барои офаридани таъбиру таркибҳои наву тоза барои баёни муассиру ҷолиб мусоидат карда тавонанд. Ҳамчунин зимни эҷод воситаҳои алоқаи синтаксисии калимаю ибора ва ҷумлаҳо, аъзоҳои ҷумла – сарҷумлаю аъзоҳои пайрави ҷумла ва мавқеи ҷойгиршавии онҳо дар мисраъҳои байтӣ барои ифодаи андешаи шоирона нақши хеле муҳим доранд. Яъне эҷодкор ҳар қадар ки барои баёни отифию хаёлангез аз ин воситаҳои забонӣ васеъ истифода бурда тавонад, ҳамон қадар забони асари эҷодшудааш ҷолибтару рангинтар мегардад.

Муҳимтарин хусусияти забони шеър фишурда будан ва тасвирӣ будани он ба шумор меравад. Яъне ба истилоҳ абстраксиякунонии воҳидҳои забон чун калимаю ибора барои забони шеър хеле муҳим аст. Ин барои дар қолаби хурди шеърӣ баён кардани мазмуни нисбатан васеътар ва ё тасвири таваҷҷуҳ ба оҳанге мусоидат менамояд. Масалан:

Нимашаб пайгумкунон дар кӯйи ҷонон омадам,
Ҳамчу ҷон бе сояву чун соя бе ҷон омадам.
Чун сагони дӯст ҳам пеши сагони кӯйи дӯст
Доғ бар рух, тавқ бар гардан хурӯшон омадам.
Сӯзани мижгонаш аз дебои рухсораш маро
Хилъате нав дӯхт, к-ӯро дӯш меҳмон омадам (5, 412)

Шоир дар ин чанд байт ба назди ҷонон (маҳбуба) рафтани худро хеле ҷолибу муассир бо вожаҳои хеле сода ва маъмул баён кардааст. Дар байти аввал шоир ҳадафи худро иброз намудааст, ки пайгумкунон ба назди ҷонон омадам. Яъне бо овардани вожаи «пайгумкунон» шоир ба он ишора мекунад, ки нимашаб буд ва ман бо машаққати зиёд роҳро пайдо мекардам ва тарзи рафтани худро ба «ҷон» (исми маънӣ, ки сояи ӯро дида намешавад) ва «соя» (исми маънӣ, ки ҷон надорад) монанд кардааст. Дар байти дигар рафтани худро ба мисли сагони дӯст, ки ба назди якдигар мераванд монанд карда, ишора бар он мекунад, ки чун сагон тавқ бар гардану хурӯшон ба назди ҷонон меравам. Байтҳои дигари ин ғазал хеле ҷолиб буда, дар он ҳунари волои шоир дар истифодаи вожаҳо инъикос ёфтааст. **Сӯзани мижгон, дебои рухсор** таъбирҳоеанд хеле ҷолиб. Дар ҳамин байт мо мушоҳида мекунем, ки шоир даъвати ҷононаашро чӣ қадар ҷолиб тасвир кардааст. Яъне агар ин байтро шарҳ диҳем, бармеояд, ки маъшуқ рӯзе, ки ӯро меҳмон будам, бо сӯзани мижгон (бо нигоҳ) аз дебои рухсор (чеҳраи зебо) хилъати нав дӯхт, яъне ба ман таваҷҷуҳу меҳрубонӣ намуд. Мисоли дигар:

Турки ман, эй ман ғуломи рӯйи ту,
Ҷумла туркони ҷаҳон ҳиндуи ту.

Лаъли ту ширинтар аз оби ҳаёт,
Зеро бигӯ хуштар чӣ бошад дар ҳаёт? (4, 205).

Дар байтҳои фавқ як лаҳзаи хеле содаи муроҷиати ошиқ ба маъшуқ тасвир ёфтааст, ки дар онҳо вожаҳо низ дорои тобишҳои ҷолибанд. Яъне дар мисраи аввал, вожаи «турк» ба маънии маъшуқ омадааст ва дар мисраи дуюм вожаи «ҳинду» маънии ғуломро ифода кардааст. Яъне бо овардани ин ду калима аввалан шоир ба он ишора мекунад, ки дӯшизаҳои туркӣ хеле зебоанд ва бо овардани вожаи «ҳинду» ишора ба он мекунад, ки дар баъзе сарзаминҳо ҳиндувонро ҳамчун ғулом истифода мебурданд. Бинобар ин, ҳамаи дӯшизаҳои зебо дар ҳусну ҷамол ва зебоӣ ғуломи туанд. Ё мисоли дигар:

Ҷаҳонро бидидам, вафое надорад,
Ҷаҳон дар ҷаҳон ошное надорад,
Дар ин қурси заррини боло ту мангар,
Ки дар андарун бӯрёе надорад (3, 386).

Дар ин абёт шоир аз бевафоии дунё сухан меронад ва таъкид бар он мекунад, ки ин ҷаҳон дар дохили худ ҷаҳони дигаре надорад. Ба хонанда таъкид менамояд, ки ба офтоб (қурси заррини боло) назар маяфкан, ки дар андаруни ӯ бӯрёе нест, яъне дар он ҷо ҷаҳони дигар ва зиндагии дигаре мавҷуд нест, бинобар ин, танҳо умед бар дунёи боқӣ бояд кард. Мавридҳое низ дар забони шеър ба назар мерасад, ки шоир ба ҳодисаю воқеаҳои гуногунро шарҳу тавзеҳ надода, танҳо ба онҳо ишора мекунад, масалан Ҳофиз ба ҳодисаи гандумро истеъмол кардани ҳазрати Одам, ки сабаби ронданаш аз биҳишт гардидааст, чунин ишора менамояд:

Падарам равзаи ризвон ба ду гандум бифурӯхт,

Нохалаф бошам, агар ман ба ҷаве нафрӯшам.

Аз ин бармоеояд, ки шеър ва умуман каломи мавзун фишурдатарин шакли адабиёт мебошад, яъне андеша ё тасвири ҳодисаю воқеаеро бо камтарин луғот баён кардан аз ҳар як эҷодкори сухан маҳорат, дониш ва таҷрибаи волоеро тақозо менамояд. Чунин тарзи баён аз ҳар як эҷодкор дар баробари дигар донишҳои ҳунари эҷодкорӣ дониши қавии забониро низ тақозо мекунад ва чунин тарзи баён бузургтарин вазифаи забон дар эҷоди ҳама гуна каломи мавзун ба ҳисоб меравад. Яъне дар раванди эҷоди бадеӣ адиб бояд тамоми нозукиҳои савтию луғавӣ ва сарфию наҳвии забонро ба инобат бигирад ва дар мавридҳои зарурӣ аз онҳо барои ифода ё баёни муассир кор бигирад. Ҳамин тариқ, забон бо тамоми воҳидҳои фарогирифтааш меҳвари асосии шеърро ташкил медиҳад, ки дигар унсурҳо аз қабили вазну қофия, санъатҳои бадеӣ, шаклҳои шеърӣ, сабку услуб ва монанди инҳо такмилдиҳандаи ин меҳвар ба шумор мераванд.

Ба андешаи Майманат Мирсодиқӣ формалистон (шаклгароён)-и рус низ бештар ба забони шеър таваҷҷуҳ кардаанд ва андешаҳои онҳоро ба таври зайл баррасӣ менамояд: «Шаклгароёни рус куллияи ин аносирро бо таваҷҷуҳ бо забони шеъру калимоте, ки шоир интихоб мекунад, тавҷеҳ ва тафсир мекунанд ва муътақиданд, ки шоир бо маҳорататаш дар корбурди забон ва бакоргирии тамҳидоте, ки дар истилоҳ онҳо мояи растохези калимот мешаванд (мусиқӣ ва ҷилваҳои гуногуни он, анвои маҷоз, бостонгароӣ, ҳисомезӣ, ошноизудоӣ, корбурди сифати ҳунарӣ, породокс ва монанди инҳо), ба ҳамаи ин аносир даст медиҳад» [2,145].

Ҳамин тариқ, доир ба назарияи пайдоиши шеър ва ташаккулу такомули он дар таърихи тамаддуни умумибашарӣ андешаҳои зиёде баён гардида, доир ба бунёд, рушду такомул, сохтор, паҳлӯҳои дигари шаклдиҳандаи он чун забон, санъатҳои бадеӣ ва мавқеи он дар маънавияти инсонҳо тадқиқотҳои боарзише ба анҷом расида бошад ҳам, то кунун баъзе паҳлӯҳои фарогири ин мафҳуми адабӣ тадқиқоти бештар ва пажӯҳиши боарзиштареро тақозо дорад.

А Д А Б И Ё Т

1. Аристотель. Риторика. Поэтика / Аристотель. – М.: Лабиринт, 2000.-224 с.
2. Вожаномаи ҳунари шоирӣ/зери назари Майманат Мирсодиқӣ. – Теҳрон: Китоби Маҳноз, 1376. – 374 с.
3. Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммад (машҳур ба Мавлавӣ).-Куллиёти девони Шамс / Мавлоно Ҷалолиддин Муҳаммад. –Теҳрон: Маҳорат, 1374. – Ҷ. 1. – 748 с.
4. Шайх Фахриддин Иброҳими Ҳамадонӣ (мутахаллис ба Ироқӣ). Куллиёти девон / Шайх Фахриддин Иброҳими Ҳамадонӣ – Теҳрон: Ҷовидон, 1367. – 447 с.
5. Хоқонии Шарвонӣ. Девон /Хоқонии Шарвонӣ; ба эҳтимоми Ҷаҳонгир Мансур ва бо муқаддимаи Бадеъуззамон Фурӯзонфар. – Теҳрон: Нигоҳ,1375. –862 с.

ЯЗЫК - СОСТАВЛЯЮЩАЯ ОСНОВА ПОЭЗИИ

Поэзия как одна из основных составляющих достижений персоязычных народов в период его тысячелетней истории своими разнообразными формами и высоким поэтическим и гуманистическим содержанием, красноречием и изяществом и ласкающим слух таджикским языком стал украшением общечеловеческой литературы. Художественным и литературным свойствам поэзии посвящено очень много научных изысканий и исследований, но ее лингвистические свойства мало изучены. Язык и его основные элементы как красноречие, стиль и форма изложения, стихотворные формы и т.п. являются основными составляющими языка поэзии.

Ключевые слова: поэзия, язык, язык поэзии, стихосложение, художественные и литературные свойства поэзии, лингвистические свойства поэзии, стиль и форма изложения, стихотворные формы.

ANGUAGE - THE MAKING BASIS OF POETRY

Poetry as one of the main components of achievements the persoyazychnykh of the people in the period of his thousand-year history the various forms and the high poetic and humanistic contents, eloquence and grace and the Tajik language caressing hearing became decoration of universal literature. Many scientific researches and researches are devoted to art and literary properties of poetry, but its linguistic properties are a little studied. Language and its basic elements as eloquence, style and a statement form, poetic forms, etc. are the main components of the poetic diction.

Key words: poetry, language, poetic diction, versification, art and literary properties of poetry, linguistic properties of poetry, style and statement form, poetic forms.

Сведения об авторе: ***Саломов М.*** – докторант кафедры истории языка и типологии факультета таджикской филологии Таджиксого национального университета. Телефон: **(+992) 918 80 84 67.**

НАҚШИ ПАСВАНДҲОИ АЗ МАЪНОИ ЛУҒАВӢ ОРӢ ДАР ТАШАККУЛИ ГИДРОНИМҲОИ МОВАРОУННАҲР

Д. Ҳомидов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Мусаллам аст, ки таҳлилу баррасӣ ва маъникушоии номвожаҳои ҷуғрофӣ, бахусус гидронимҳо (номвожаҳои ҷуғрофии ба об марбутбуда - Д. Ҳ.) дар айни замон бо назардошти ҷанбаҳои забонӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, таърихӣ ва ҷуғрофӣ ба сомон расонида мешавад, ки хеле ҷолиби диққат аст.

Бояд зикр кард, ки омӯхтану аз нигоҳи вижагиҳои забонӣ мавриди баррасӣ қарор додани гидронимҳои мавзеъҳои алоҳидаи таърихӣ, чун Моваруннаҳри таърихӣ дар айни ҳол хеле муфид буда, сарзамини Моваруннаҳрро ҳоло бо унвони минтақаи **Осиёи Миёна** ном мебаранд. Дар минтақаи Осиёи Миёнаи кунунӣ аз нигоҳи ҳудуди ҷуғрофӣ ва маъмурӣ чор ҷумҳурӣ - Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон воқеъ гардида, нуфузи аҳолиаш беш аз 45 миллион нафарро ташкил медиҳад. Аз нигоҳи қавмӣ мардуми ин сарзамин мутааллиқи гурӯҳҳои эрониву туркианд ва мардуми тоҷик чун мардуми ориёинажод дар рушду такомули тамаддуну фарҳанги ин сарзамин, аз ҷумла дар шаклгирии номвожаҳои ҷуғрофии мавзеъҳои ба об иртиботдошта (гидронимҳо) нақши муҳим гузоштаанд ва мегузоранд. Мардуми тоҷики ин сарзамин асосан дар ҷумҳуриҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон ва Қирғизистон зиндагӣ намуда, мардуми бумӣ маҳсуб меёбанд.

Бояд гуфт, ки барои ташаккули гидронимҳо нақши пасвандҳои забони тоҷикӣ хеле назаррас буда, бо воситаи ин пасвандҳо гидронимҳои зиёде дар ҳудуди Моваруннаҳри таърихӣ ё Осиёи Миёнаи кунунӣ шакл гирифтаанд. Дар номшиносӣ ё ономастика пасвандҳоро бо истилоҳи формант ёд мекунанд, ки муодили тоҷикии он пасванд аст. Дар адабиёти илмӣ ва луғату фарҳангҳои соҳавӣ дар бораи вожаи формант ё пасванд маълумоти ҷолиб дода шудааст. Аз ҷумла, дар «Луғати тафсирии калимаҳои русӣ-интернатсионалӣ» формант аз **formans**-и забони лотинӣ гирифта шуда, маъноияш **бавуҷудоранда** мебошад ва дар илми забоншиносӣ: 1) айнан ҳудуди вандҳо (аффикс); 2) пасванд (суффикс) бо ҳамроҳии анҷома, бандак мебошад [2, 334].

Формант гуфта, муҳаққиқони топонимшинос дар илми топонимика пасвандҳои калимасозу шаклсозеро мегӯянд, ки дар ташаккули топонимҳо иштирок менамоянд. Вале зикр кардан бамаврид аст, ки як идда аз калимаҳои мустақилмаъно низ дар ташаккули номвожаҳои ҷуғрофӣ ҳамчун топоформант иштирок намуда, дар натиҷаи сохтани шумораи зиёди топонимҳо метавонанд вазифаҳои формантро иҷро намоянд. Баъзан истилоҳи формантро унсури ёридиҳанда (ёвар) низ зикр менамоянд» [1,57 – 58; 5,45-50]. Ба андешаи топонимшинос А. Хромов, «топоформантҳо пасванд ва ё морфемаҳои ёвареанд, ки ҳамчун воситаи калимасози топонимӣ истифода мешаванд. Топоасоси дилхоҳ, морфемаи луғавиест, ки дар асоси он топоним ба воситаи ҳамроҳшавии топоформант сохта мешавад» [5,4]. Дар ин бобат топонимшиноси дигари тоҷик Ҷумъахон Алимӣ дар таҳқиқи топонимҳои минтақаи Кӯлоб боз чунин меафзояд: «Ба андешаи мо, топоформант гуфта, суффикс ва калимаҳои алоҳидаеро номбар кардан мумкин аст, ки аввалан, тавассути онҳо дар як ҳудуд ва ё минтақа, ё замони алоҳида гурӯҳе (қаторе) аз топонимҳо ташаккул ёфтаанд ва сониян, бе истифода аз онҳо топоним - калима ҳамчун номи мавзеи ҷуғрофӣ вуҷуд дошта наметавонад» [1, 58]. Пас маълум мешавад, ки формантҳо (пасвандҳои топонимсоз) дар шакл гирифтани номвожаҳои ҷуғрофӣ саҳми хоса доштаанд, ки ҳамаи муҳаққиқони илми топонимия ба ин унсур таваҷҷуҳ намуда, дар таҳлили маводи

топонимии ин ё он минтақа хусусиятҳои онҳоро махсус қайд намудаанд. Аз ин ҷост, ки мо низ маҷмӯи формантҳо ё пасвандҳои гидронимсози Моваройннаҳрро вобаста ба хусусиятҳои хосашон таҳқиқу баррасӣ менамоем. Бояд гуфт, ки пасвандҳои гидронимсозро метавон вобаста ба хусусиятҳои луғавию дастуриашон ба ду гурӯҳ метавон тасниф намуд: а) пасвандҳои гидронимсози дорои маънои луғавӣ; б) пасвандҳои гидронимсози аз маънои луғавӣ орӣ.

а) Ба қатори пасвандҳои гидронимсози дорои маънои луғавии Моваройннаҳр вожаҳои аслан тоҷикӣ ё умумиэронӣ, чун **дарё, рӯд, об, кӯл, чашма, чоҳ, ях, шаршар, дара, сой, даҳана, корез, банд, дарғот, нова, ҷӯй, ҷӯйбор, шохоб**ҳо дохил мешаванд ва дар ташаккули номи гидронимҳои Моваройннаҳр нақши муайяне доранд. Ҳамчунин дар байни анҷомаҳои гидронимсози Моваройннаҳр анҷомаҳои гидронимсозе ба назар мерасанд, ки мутааллиқи забонҳои арабӣ (баҳр, наҳр, ҳавз), туркӣ-ӯзбекӣ (**су, сув, қудуқ, ариқ, чилға**) ва дигар забонҳои эронии шарқӣ, бахусус суғдӣ (**ғара, кант//канд, ғозӣ, шедз)** ба назар мерасанд.

б) Ба қатори анҷомаҳои гидронимсози аз маънои луғавӣ орӣ асосан пасвандҳои шаклсозу маънисоз дохил мешаванд ва ин пасвандҳо инҳоянд: **-а, -зор, -гоҳ, -истон, -дон, - чӣ, - ӣ, -ак, -вор, -ча, -гар.**

Ҳоло чанд мисол доир ба ин пасвандҳои шаклсозу маънисоз меорем ва онҳоро мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Пасванди **–а**. Ин пасванд ё гидроформант баробари суффикси –**а** буда, номи гидронимеро созмон додааст, ки ин гидроним аз нигоҳи шакл ва таъинот ба гидроними аввала монандӣ дорад ва бо ин гидроформант чунин гидронимҳо сохта, шакл гирифтаанд: **Дуоб + а, Дув+а, Нов + а, Хондиз+а, Чашм+а …**



Дуоба //Дуова, (Duoba//Duva), номи мавзеъ ва номи шохоби дарё дар ноҳияи Китоби вилояти Қашқадарё, ноҳияи Узуни вилояти Сурхондарё ва шимолии Кӯлоб буда, ин гидроним шакли дигари **Дуоб** аст ва бо илова шудани пасванди калимасози -**а** шакли **Дуоба//Дуваро** гирифтааст.

Нов+а (Nova), номи ҷӯйбор дар ноҳияи Ғузори вилояти Қашқадарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон аст. Ин гидроним аз нигоҳи сохт сохта буда, аз ҷузъи **нов** ва пасванди калимасози -**а** таркиб ёфта, шакли **Новаро** гирифтааст.

Хондиз+а//Хонҷиза (Xondiza//Xonjiza), номи дарё дар вилояти Сурхондарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон аст. Ин гидроним аз ҷузъҳои **хондиза** ва пасванди калимасози -**а** таркиб ёфта, шакли **Хондизаро** гирифтааст. **Чашм+а (Čašma**) номи чашма воқеъ дар ноҳияи Олтинсойи вилояти Сурхондарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон аст. Ин гидроним аз нигоҳи сохт сохта буда, аз ҷузъи **чашм** ва пасванди калимасози -**а** таркиб ёфта, шакли **Чашмаро** гирифтааст. Умуман, **чашма (čašma)** ҷое, ки аз он оби зериза- минӣ берун омада, равон мешавад. Чашмаҳо дар қаъри ҳавзаҳои об низ вуҷуд доранд. Онҳо доимӣ, мавсимӣ, бефишор, фишордор, аз рӯйи ҳарорати оби худ муқаррарӣ, хунук ва гарм мешаванд. Дар ҳудуди Тоҷикистон беш аз **2000** чашмаи обаш хунук, гарм ва минералӣ мавҷуд аст. Дар назди чашмаҳои гарми минералӣ табобатгоҳҳои **Гармчашма, Хоҷаобигарм, Обигарм** ва ғайра арзи ҳастӣ кардаанд.

Пасванди –зор. Ин пасванд ё гидроформант баробари суффикси –**зор** буда, номи гидронимеро созмон додааст, ки ин гидроним дар забони тоҷикӣ гидронимҳои зиёде сохта, фаровонии об ё ашёро нишон медиҳад ва аз пасванди калимасози сермаҳсул маҳсуб меёбад. Ин анҷома баробари пасванди –**зор** буда, бо пасванди **-зор** чунин

гидронимҳои сохта шакл гирифтааст: **Марғ+зор, Марғу+зор, Санг+зор, Чашма+зор…**



Марғзор // марғузор (Marγzor // marγuzor), номи кӯл (гидроним) дар ноҳияи Панҷакенти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ин гидроним аз нигоҳи сохт сохта буда, аз ҷузъи **марғ** ва пасванди калимасози **-зор** таркиб ёфта, шакли **Марғзорро** гирифтааст.

Марғзор // марғузор (Marγzor//marγuzor), номи шибир (гидроним) дар ноҳияи Бойсуни вилояти Сурхондарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон аст. Ин гидроним аз нигоҳи сохт сохта буда, аз ҷузъи **марғ** ва пасванди калимасози **-зор** таркиб ёфта, шакли **Марғзорро** гирифтааст.

Сангзор (Sangzor), номи дарё дар вилояти Ҷиззахи Ҷумҳурии Ӯзбекистон аст. Ин гидроним аз нигоҳи сохт сохта буда, аз ҷузъи **санг** ва пасванди калимасози **-зор** таркиб ёфта, шакли **Сангзорро** гирифтааст.

Чашмазор (Casmazor), номи чашма, воқеъ дар ноҳияҳои Бойсуну Шерободи вилояти Сурхондарё ва Шаҳрисабзу Деҳқонободи вилояти Қашқадарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон аст. Ин гидроним аз нигоҳи сохт сохта буда, аз ҷузъи **чашма** ва пасванди калимасози **-зор** таркиб ёфта, шакли **Чашмазорро** гирифтааст.

Анҷомаи -чӣ. Ин формант аз қабили пасвандҳои калимасоз буда, аз исм исмҳое месозад, ки ба шахс ва касбу кори он далолат мекунанд. Бо ин пасванд чунин гидронимҳои сохта шакл гирифтааст:



Дувчӣ (Duvči), номи ҷӯй дар мавзеи Касбии вилояти Қашқадарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон аст. Аз нигоҳи сохт сохта буда, аз ҷузъҳои **дув** - туркӣ, чоҳ ва пасванди **-чӣ** ба маънои касбу кор далолат мекунад. Аслан, дар забони тоҷикӣ дар шаклгирии калимаҳои ифодагари касбу кор бо пасванди –чӣ таъсири забонҳои туркӣ-ӯзбекӣ бештар аст ва ин қолабҳо туркианд.

Қудуқчӣ (Quduqči), номи чоҳкоб дар ноҳияи Чироғчии вилояти Қашқадарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон аст. Аз нигоҳи сохт сохта буда, аз ҷузъи **қудуқ** - туркӣ, чоҳ ва пасванди **-чӣ** ба маънои касбу кор далолат мекунад.

Анҷомаи -ӣ. Ин формант аз қабили пасвандҳои калимасоз буда, аз исм исмҳое месозад, ки нисбат ба макону мавзеъ далолат мекунанд. Бо ин пасванд чунин гидронимҳои сохта шакл гирифтааст: **Бойғоз+ӣ, Нӯғайл+ӣ**...



Бойғозӣ (Boyγozi), номи иншооти обӣ, нахустин иншооти обёрии нақбӣ дар Тоҷикистон мебошад. Аз нигоҳи сохт сохта буда, аз ҷузъи **бойғоз** ва пасванди **–ӣ** таркиб ёфта, ба маънои дар макони Бойғоз мавҷуд будани гидронимро далолат мекунад.

Нӯғайлӣ (Nuγayli) номи селхона дар ноҳияи Яккабоғи вилояти Қашқадарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон аст. Аз нигоҳи сохт сохта буда, аз ҷузъи **нуғайл** ва пасванди **–ӣ** таркиб ёфта, ба маънои дар макони Нуғайл мавҷуд будани ин гидронимро ифода мекунад.

Анҷомаи -он (-ён, -вон, -гон): Ин анҷомаи топонимсоз чун пасванди маънисоз аз исмҳои шахс ва хос исми амалу кор сохта, ҳамчунин мансубият ба ин ё он маҳалро ифода менамояд: **Вах+он, Моғи+ён, Ниж+он, Пари+ён …**



Вахон (Vaxon), номи дарёест дар ҳудуди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшони Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Аз нигоҳи сохт сохта буда, аз ҷузъи **вах** ва пасванди –**он** таркиб ёфта, ба маънои нисбат ба макони Вахон мавҷуд будани ин гидронимро ифода мекунад.

Моғиён (Moγiyon), номи дарё, деҳа ва шаҳрак дар ноҳияи Панҷакенти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Аз нигоҳи сохт сохта буда, аз ҷузъи **моғи** ва пасванди – **ён** таркиб ёфта, ба маънои нисбат ба макони Моғиён мавҷуд будани ин гидронимро ифода мекунад.

Нижон (Nijon), номи кӯли дараи Шинги ноҳияи Панҷакенти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Аз нигоҳи сохт сохта буда, аз ҷузъи **ниж** ва пасванди –**он** таркиб ёфта, ба маънои дар макони Нижон мавҷуд будани ин гидронимро ифода мекунад.

Парниён (Pariyon), номи кӯл дар нишебии ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор, дар ҳудуди ноҳияи Ҳисори Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Аз нигоҳи сохт сохта буда, аз ҷузъи **парни** ва пасванди – **ён** таркиб ёфта, ба маънои дар макони Парниён мавҷуд будани ин гидронимро ифода мекунад.

Анҷомаи -ак. Ин анҷома чун пасванди гидронимсози ифодакунандаи хурдӣ ва навозиш буда, калимаи нав намесозад, балки барои шакли нав гирифтани он калимаҳо мусоидат менамояд. Бо пасванди -ак чунин гидронимҳои сохта шакл гирифтааст: **Норак, Рӯдак, Чангак, Ҳавзак, Ҳавзи дарозак...**



Норак (Norak), номи шаҳр ва обанбор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Аз нигоҳи сохт сохта буда, аз ҷузъи **нор** ва пасванди **-ак** таркиб ёфта, ба маънои нисбатан хурд будани ашё ё аломат далолат мекунад.

Рӯдак (Rudak), номи ҷӯй дар ноҳияҳои Шаҳрисабз ва Яккабоғи вилояти Қашқадарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон аст. Аз нигоҳи сохт сохта буда, аз ҷузъи **рӯд** ва пасванди –**ак** таркиб ёфта, ба маънои нисбатан хурд будани рӯдро ифода мекунад.

Хавзак (Xavzak), номи ҳавз дар ноҳияи Бойсуни вилояти Сурхондарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон аст. Аз нигоҳи сохт сохта буда, аз ҷузъи **хавз** ва пасванди **-ак** таркиб ёфта, ба маънои нисбатан хурд будани хавз далолат мекунад.

Ҳавзак (Havzak), номи чашма дар ҳудуди деҳаи Мискинободи ноҳияи Файзободи Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеъ аст. Аз нигоҳи сохт сохта буда, аз ҷузъи **ҳавз** ва пасванди **-ак** таркиб ёфта, ба маънои нисбатан хурд будани ҳавз ё аломат далолат мекунад.

Ҳавзи дарозак (Havzi darozak), номи ҳавзест дар ноҳияи Тоҷикободи Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Аз нигоҳи сохт ибора–гидроним буда, ҷузъи дуюми он **дарозак** аз ҷиҳати сохт сохта мебошад. Аз нигоҳи сохт сохта буда, аз ҷузъи **дароз** ва пасванди **-ак** таркиб ёфта, ба маънои нисбатан хурд будани ҳаҷми ҳавз ё аломати он далолат мекунад.

Чангак (Čangak), номи ҷойи оби равони дарё воқеъ дар ноҳияи Қамашии вилояти Қашқадарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон аст. Аз нигоҳи сохт сохта буда, аз ҷузъи **чанг** ва пасванди **-ак** таркиб ёфта, ба маънои нисбатан хурд будани ашё ё аломат далолат мекунад.

Анҷомаи –ин. Ин пасванди гидронимсоз ифодакунандаи нисбият буда, калимаи нав намесозад, балки барои шакли нав гирифтани он калимаҳо мусоидат менамояд. Бо пасванди -ин чунин гидронимҳои сохта шакл гирифтааст: **Норин, Нофин…**

Норин (Norin), номи дарё дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон буда, аз Тиёншони Марказӣ сар мешавад. Аз нигоҳи сохт сохта буда, аз ҷузъҳои **нор** ва пасванди **-ин** таркиб ёфта, маънои мансубият ба ҳамон ашё ё аломатро ифода мекунад.

Нофин (Nofin), номи кӯл дар дараи Шинги ноҳияи Панҷакенти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Аз нигоҳи сохт сохта буда, аз ҷузъҳои **ноф** ва пасванди **-ин** таркиб ёфта, ба маънои мансубият ҳамон ашё ё аломатро ифода мекунад.

Ҳамин тавр, аз мисолҳои овардашуда маълум мегардад, ки анҷомаҳои топонимсози аз маънои луғавӣ орӣ низ дар шакл гирифтани гидронимҳои Мовароуннаҳри таърихӣ ё Осиёи Миёна нақши муайян доранд ва чандин номвожаҳои ҷуғрофии ба мавзеи об иртиботдошта ба воситаи ин пасвандҳои гидронимсоз созмон ёфтаанд. Пасвандҳои гидронимсози аз маънои луғавӣ орӣ аз нигоҳи вазифа баробари вандҳои забони адабии тоҷикӣ буда, дар бунёди номвожаҳои ҷуғрофӣ, хосатан гидронимҳо тобишҳои иловагӣ илқо менамоянд.

А Д А Б И Ё Т

1. Алимӣ Ҷ. Ташаккул ва таҳаввули микротопонимияи минтақаи Кӯлоб: рисолаи илмӣ / Ҷ. Алимӣ – – Душанбе, 1995. – С. 82-110.
2. Луғати тафсирии в таджикском языке: монография /В. А. Ливщиц В. А. – Душанбе, 1967. – С. 68-70.
3. Олимҷони Муҳаммадҷон. Баррасиҳо дар номшиносии тоҷик: рисолаи илмӣ /О. Маҳмадҷонов – Душанбе, 2004. – С.19.
4. Офаридаев Н. Ойконимияи вилояти мухтори кӯҳистони Бадахшон: рисолаи илмӣ/Н. Офаридаев – Душанбе, 2001. – С.125.
5. Хромов А. Л. Очерки по топонимике и микротопонимике Таджикистана: Сборник статье / А. Л. Хромов. – Душанбе, 1978. – С. 39.
6. Ҳомидов Д. Топонимияи водии Кешрӯд: рисолаи илмӣ /Д. Ҳомидов. – Душанбе, 2002. – 104 с.

ВКЛАД СУФФИКСОВ В СТАНОВЛЕНИЕ ГИДРОНИМОВ МОВАРОУННАХРА

В данной статье рассматривается вклад суффиксов в становление гидронимов Мовароуннахра как исторических топонимов региона Центральной Азии. Автор статьи стремится показать именно эту особенность гидронимов Мовароуннахра и повергать научному анализу географические названия с лексемой об «вода» и её синонимами.

Ключевые слова: гидронимы, топонимы, таджикский язык, суффикси, форманти, топофоманты, вода, река, ручей, бассейн, иранские языки, родник, колодец, структура, сложный, составной, выражение-гидронимы и т.д.

LINGUISTIC RESEARCH TOPONYMS OF CHAGONRUDA

This article is devoted to the linguistic research of hydronyms Chagonruda as an ancient toponyms of Central Asian region. The author of the article tries to show particular this feature of hydronyms of Chagonruda and paralyze scientific analysis of geographical names with the token "water" and its synonyms.

Key words. Hydronim, toponim, Tajik language, structure word, word expression, water, river, Iran language, spring, structure, compound, complex, expresions of hydronim.

Сведения об авторе: ***Д. Хомидов*** **–** кандидат филологических наук, доцент кафедры истории языка и типологии факультета таджикской филологии ТНУ. Телефон:: **(+992) 918 - 19 - 23 - 8 0**

СЛОВООБРАЗОВАТЕЛЬНЫЕ И СЕМАНТИЧЕСКИЕ КАЛЬКИ В КОМПЬЮТЕРНОЙ ИНФОРМАТИКЕ

М.Бекмурадов
Таджикский национальный университет

Английский язык в наше время, и особенно в последние десятилетия, прочно занял место языка глобального общения и имеет тенденцию к сохранению роли интернационального языка [1, 232]. Главной причиной существующего статус-кво английского языка признается технологическая, коммерческая и политическая мощь США: "*language and power go together*" [2,101-107]. Это превосходство делает американский английский - языком науки и техники. Современное общество называют обществом информационным. Из всей информации, хранящейся в электронном виде, 80% составляет информация на английском языке [2, 358]. Таким образом, необходимость информационного доступа и конкуренция в области технологий укрепляют ведущую позицию английского языка [3].

Пополнение лексики национального языка, происходит непрерывно и осуществляется различными путями: придание старому слову нового смысла (семантическая деривация), производство новых слов для обозначения новых понятий (образование неологизмов с помощью словообразовательных средств языка), а также заимствование. Заимствование и адаптация терминов английского языка на национальной почве - основной способ номинации в подъязыке компьютерной информатики.

Английская терминология компьютерной информатики опирается на богатый лексический материал, в свою очередь ранее заимствованный из других языков. При создании новой терминологии компьютерной информатики в национальном языке, наряду с традиционными требованиями к языку необходимо принимать во внимание психологические и социальные факторы,обусловливающие выбор того или иного слова. Приведем примеры национальных терминов компьютерной информатики: *data* - додаҳо, маълумотҳои рақамӣ, *back up* - пуштибонӣ, *cluster* - хӯша, *indicator* - нишондиҳанда, *image* – нақш, тасвир. Подобные термины по основным параметрам соответствуют традиционным требованиям к языку, однако, они *де факто,* не вытеснили соответствующие англоязычные термины и обыватель отдает предпочтение английским терминам.

Заимствование - продуктивный способ пополнения лексики компьютерной информатики национальных языков. Анализ корпуса терминов компьютерной информатики показывает, что чаще заимствуется пользовательская лексика и лексика Интернета. Наименее подвержена заимствованиям лексика программирования. Это объясняется тем, что терминология программирования формировалась еще в СССР и имеет свою лексическую базу.

Заимствованию слова предшествует заимствование понятия. В язык-реципиент вначале входит понятие и лишь, затем появляется необходимость в его вербальном выражении. Для иллюстрации используем термин компьютер (*computer*). В русском языке изначально появился термин «электронно-вычислительная машина» (ЭВМ). Вслед за калькой (*loan shifts*) этого термина (мошини электронии ҳисоббарор) в таджикском языке появляется и его аббревиатура (МЭҲ), которая и по сей день используется в некоторых печатных изданиях. Сам термин, ввиду своей громоздкости непрактичен для использования, а предлагаемый сегодня в качестве альтернативы «*компьютер*», термин «*роёна*» пока, не находит должного отклика у общественности. В данном случае термин не переводится, т.е. не калькируется, это полное заимствование (*loan words*). Добавим лишь, что о его частичной адаптации в таджикском языке может свидетельствовать процессы суффиксации (компютерҳои фардӣ) [4,32].

Когда за основу принимаются разграничение формы и значения, то заимствования разделяются на следующие типы:

- собственно заимствования или прямые заимствования (заимствуется и материальная форма и значение) (*loan words*);
- кальки (заимствуется только значение) (*loan shifts*);

• полукальки или гибриды (заимствуется содержание при частичном заимствовании формы, то есть в слове сочетаются иноязычные и исконные морфемы) (*loan blends*) [5,210-231].

Данная классификация Э. Хаугена считается в лингвистике наиболее удачной, большинство последующих классификаций также выделяют данные три типа заимствований [6]. Разногласия возникают лишь в терминах для обозначения каждого типа заимствований.

Семантическое терминообразование –это традиционный и продуктивный способ создания специальной терминологии. Данный способ образования новых слов заключается в развитии в уже существующем слове нового, вторичного значения. Начальный этап лексико-семантической ассимиляции заимствованных единиц обычно характеризуется размытостью границ значения, возможностью сосуществования заимствования и исконного термина, обозначающих одно и то же понятие. В терминологии компьютерной информатики проявляет себя специфика *научного* термина, как лексической единицы со строго определенным понятийным ядром. На периферии лексики компьютерной информатики, обозначающей неспециальные понятия, наблюдается возможность интерпретации. При последующей адаптации термина происходит либо вытеснение исконного термина, либо отторжение заимствованного термина. По мере дальнейшей ассимиляции термина трансформируется его значение (сужение или расширение). Окончательным этапом в усвоении заимствованного слова считается появление его в словарях языка-реципиента.

Довольно часто терминообразование происходит в результате расширения значения исходного слова. При лексико-семантическом создании терминов в русском и в таджикском языках расширение значения слова сочетается с калькированием: память (*memory*) хотира, ҳофиза; мышь (*mouse*)/муш; стереть (*erase*)/пок кардан.

Термин калька происходит от французского слова *calque*- копия на прозрачном листе. Калькирование - способ создания нового слова, при котором из иностранного языка берется значение (план содержания), а из родного - форма (план выражения). Кальки разделяют на - словообразовательные и семантические кальки. Помимо этих двух типов существуют фразеологические кальки - устойчивые словесные блоки, возникшие в результате пословного перевода иноязычного прототипа в перенявшем их языке [7].

Под словообразовательными кальками в лексикологии понимается имитация иноязычной модели и наполнение морфемным материалом своего языка при сохранении внутренней формы языка-источника. Отличие этого типа калек от словообразовательных эквивалентов состоит в том, что эквивалент берется при переводе из существующего фонда языка, а кальки, будучи следствием перевода, являются новообразованиями, возникшими под влиянием исходного языка [8].

Семантическое калькирование представляет собой вызванное иноязычным влиянием употребление слов языка-реципиента в новых значениях по образцу употребления слов-прототипов в воздействующем языке. Главным фактором образования семантических калек считают наличие общих семантических звеньев у лексических единиц контактирующих языков. При этом исходное слово и калька могут иметь фонетическое сходство, а могут и не иметь его [9].

Калькирование, таким образом, является свидетельством культурного влияния. С другой точки зрения может калькирование являться свидетельством слабости и недостаточности средств данного языка.

Термин «*memory (storage, store)*» (хотира, ҳофиза - *нами отмечены случаи равнозначного употребления обеих слов для выражения данного понятия*) в таджикской терминологии компьютерной информатики относится к семантическим калькам. Слово принимает свое новое лексическое значение. Компьютерное значение пришло из английского языка - происходит расширение семантики слова 1) способность к воспроизведению прошлого опыта; 2) устройство хранения данных в ЭВМ; 3) объект, связанный с памятью о ком-либо. Слово источник - английское *memory* -память ЭВМ, которая установлена для хранения и осуществления операций с информацией. «Память»подразделяют на оперативную и внешнюю. Существительное «*memory»* было заимствовано в английский из латинского «*memoria*». Современное значение термина компьютерной информатики появилось предположительно в 1946 году,

когда происходит расширение его семантики. В английском языке существительное реализуется в форме среднего рода и приобретает форму единственного и множественного чисел. Слово « *memory»* в английском языке во всех своих значениях и формах неодушевленное: «*Everything stored in the memory of a computer can be copied on to removable diskettes*» [10]. В английском языке существительное «*memory»* часто употребляется в контексте с лексемой *computer*.

Нам не известно точное время расширения семантики слова в таджикском языке, однако, можно предположить, что семантическая калька образовалась при посредничестве русского языка в 90-ые годы 20 века. По нашим наблюдениям термин во множественном числе используется в данном значении значительно реже. Изначально термин употребляется, как профессионализм, однако, с распространением компьютеров становится широко употребительным: «хотираи фаври компютер – хотираест, ки доимо бевосита бо микропротсессор сару кор дорад» [11]; «вазифаи асосии хотира аз нигоҳ доштани информатсия иборат аст» [12]. Основываясь на анализе частотности употребления данных слов, можно сделать вывод, что семантическая калька «память» в таджикском языке еще не усвоена в той мере, как в английском языке слово-источник.

Литература по компьютерной информатике свидетельствует, о том, что семантическое заимствование или калькирование играет важную роль для обогащения терминологии таджикского языка. В таджикской терминологии компьютерной информатики достаточно широко представлено полное калькирование термина, что объясняется историей развития данной сферы деятельности в Таджикистане. При этом структура и семантика термина (английского, русского или интернациональных терминов, обычно пришедших в таджикскую лексику посредством русского языка) не соотносятся в сознании обывателя с какими-то иными значениями и функционируют в соответствии с заданной в них прагматикой. Эти термины достаточно быстро приспосабливаются к заимствовавшей их термино-системе, и проходят свою дальнейшую адаптацию с помощью словообразовательных средств таджикского языка.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Campbell G. L. Concise Compendium of the World's Languages / G. L. Campbell. - Padstow, Cornwall: TJ Press Ltd, 1995. – 670 p.Кабакчи В. В. Основы англоязычной межкультурной коммуникации: Учеб. пособие / В. В. Кабакчи. - СПб.: РГПУ им. А. Герцена, 1998. - с.232
2. Crystal D. The Cambridge Encyclopedia of Language / D. Crystal. -Cambridge: CUP, 1995, с357,Kachru B. The Alchemy of English / B. Kachru. - Oxford: Pergamon Press Ltd., 1986, с 144, Truchot C. The spread of English: from France to a more general perspective / CTruchot // World English's. - 1997. - Vol. 16. - № 1.- pp. 65-76.Тер-Минасова С. Г. Английский язык как глобальный - спасение человечества или языковой фашизм? / С. Г. Тер-Минасова // Лексикология и лексикография: Сб. науч. тр.- М., 2002. - Вып. 13. - с. 101-107
3. Grabe W. English, information access and technology transfer: a rational for English as an international language / W. Grabe // World English's. - 1988. -Vol. 7.- №1.- pp. 63-72.Swaan A. A political sociology of the world language system: The dynamics of language spread / A. Swaan // Language problems and language planning. -1998. - Vol. 22. - № 1.- pp. 63-75.
4. Ф.С.Комилов Информатикаи татбиқӣ/ Ф.С.Комилов, Д.С.Шарапов. – Душанбе, 2009. – с.32
5. Haugen E. The analysis of linguistic borrowing / E. Haugen // Language. -1950. - vol. 26.- № 2. - pp. 210-231
6. Наркевич И. Р. Калькирование слова русского происхождения в современном немецком языке: Автореф. дис. ... канд. филол. наук. — Киев, 1973.-31 с.4; Гринев С. В. Терминологические заимствования (краткий обзор современного состояния вопроса) / С. В. Гринев // Вопросы заимствования и упорядочения иноязычных терминов и терминоэлементов. - М.: Наука, 1989. - с. 108-124.
7. Наумова И. О. Фразеологические кальки английского происхождения в современном русском языке: автореф. дис. ... канд. филол. наук/ И. О. Наумова - М., 1982.
8. Чернышева М. И. Эквиваленты, заимствования и кальки в первых славяно-русских переводах с греческого языка / М. И. Чернышева // Вопросы языкознания. - 1984. - № 2.- с. 125.
9. Наркевич И. Р. Калькирование слова русского происхождения в современном немецком языке: автореф. дис. ... канд. филол. наук/ И. Р.Наркевич. - Киев, 1973.- С. 31.
10. BNC, Caterer & Hotelkeeper, Sutton, Surrey: Reed Publishing Group, 1991., 30020 words
11. Комилов Ф.С. Информатикаи татбиқӣ/ Ф.С.Комилов, Д.С.Шарапов. – Душанбе, 2009. – с.53.
12. Комилов Ф.С., Шарапов Д.С. Китоби дарсӣ барои хонандагони синфҳои 8-9 мактабҳои миёнаи таҳсилоти умумӣ/ Ф.С.Комилов, Д.С.Шарапов. - Душанбе, 2006. – с.54.

СЛОВООБРАЗОВАТЕЛЬНЫЕ И СЕМАНТИЧЕСКИЕ КАЛЬКИ В КОМПЬЮТЕРНОЙ ИНФОРМАТИКЕ

Данная статья касается вопросов словообразования в компьютерной информатике. Автор анализирует употребление заимствованных слов в таджикском и русском языках, а также использование калькирования в компьютерных терминах.

Ключевые слова: прямые заимствования, заимствованное значение, морфемы, лексико-семантическое заимствование слов, словообразование, память, хранилище данных (база), указатель.

WORD BUILDING AND SEMANTIC CALQUES IN COMPUTER TECHNOLOGIES

The present article concerns the problem of word-building process in the computer language.

Проведенный анализ фразеологической семантики свидетельствует, что в процессе образования фразеологизмов происходит семантическая перестройка сочетающихся слов. Это характерно как в случаях переосмысления переменного словосочетания типа *первая ласточка*, так и в случаях алогического соединения слов *собаку съел* и проч. Вследствие такой перестройки компоненты фразеологизма теряют предметную соотнесенность, а вместе с тем, естественно, утрачивают ранее присущее им лексическое значение (оно оставляет лишь ассоциативный след) и номинативную функцию. Лексическим значением начинает обладать весь фразеологизм в целом, обнаруживая следующую зависимость: чем полнее утрачена предметная соотнесенность компонентов фразеологизма, тем меньшей самостоятельностью они обладают и тем целостнее значение такого фразеологизма, и наоборот.

Целостное значение возникает вследствие расшифровки реального или нереального образа, лежащего в основе фразеологизма. При расшифровке и осмыслении образа всегда наблюдается отвлечение, отход от словесной основы внутренней формы, диктующий передачу смысла оборота совершенно другими словами.

Отметим, что фразеологический образ, лежащий в основе метафорического переосмысления, является результатом взаимодействия смыслов всех компонентов исходного сочетания слов. Например, взаимодействие значений слов *белый* и *ворона,* репрезентирующих компоненты фразеологизма *белая ворона* (птица с черно-серым оперением), создает образ птицы, резко выделяющейся среди особей своего вида; отсюда возникает переосмысленный образ - «человек, *резко выделяющийся чем-либо среди окружающих его людей».*

Для возникновения целостного значения необходимо, чтобы весь словесный комплекс, имеющий образную основу, был направлен на тот или иной предмет реальной действительности как единое целое, как на объект ценностного отношения, одобрительного или неодобрительного. При этом образ, лежащий в основе такого фразеологизма, предсказывает объект обозначения, то есть несет своеобразную указательную обобщающую функцию, иначе нельзя было бы говорить о мотивированности целостного значения.

С этих позиций наибольшей соотнесенностью с лексическим значением компонента отличаются фразеологические единства, преобладающие в исследуемом материале, наименьшая соотнесенность характерна для фразеологических сращений.

Проведенные лингвистические наблюдения открывают сложную проблему двустороннего поведения слова как компонента оценочного фразеологизма - с одной стороны, компонент фразеологизма утрачивает предметную соотнесенность, номинативную функцию, с другой - его общее значение остается мотивирующим, легко подразумеваемым, имплицитным, базирующимся на внутренней форме компонента, «эмациогенным стимулом» [3,120]. Внутренняя форма не только определяет образность оборота, но и становится частью импликационала слова, как бы «вбирая назад» возникающие в обороте коннотации - оценочные, экспрессивные, эмоциональные.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Войтик А.С. К вопросу о смысловой структуре слова: (На материале лексико-семантической группы наименований животных): Дис. ... канд. филол. наук/ А.С.Войтик. - Алма-Ата, 1974: В 2-х т. - Т. I. -180 е., Т. П. - 212 с.
2. Карпенко М.А. Обобщенно-символическое значение как компонент семантической структуры слова и фразеологической единицы / М.А. Карпенко // Тезисы докладов МГУ. - 1995. - С.72 - 74.
3. Телия В.Н. Русская фразеология. Семантический, прагматический и лингвокультурологический аспекты/ В.Н.Телия. М., 1996.

ЗООНИМЫ И ФИТОНИМЫ - КОМПОНЕНТЫ ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКОЙ ЕДИНИЦЫ В НЕМЕЦКОМ, ТАДЖИКСКОМ И РУССКОМ ЯЗЫКАХ

В основу ассоциативных связей между поведением человека и животного легли наблюдения людей в процессе реальной деятельности над различными видами и особями животных. Это позволяет предполагать, что характеристика человека, выражаемая с помощью ФЕ, определённым образом предопределена характером стержневого компонента, который соотносится с конкретной особью животного. Большинство исследований лексико - семантической группы названий животных ограничивались каким-либо одним классом животных, чаще всего классом четвероногих и птиц. Поэтому представляется целесообразным исследовать (проанализировать) названия всех имеющихся в зоонимной фразеологии классов животных.

Ключевые слова: зооним, фитоним, фразеологические единицы, фраземы, сопоставление, лексико-семантическаягруппа.

ZOONIMS AND FITONIMS COMPONENTS PHRASEOLOGY UNIT IN GERMAN, TAJIK AND RUSSIAN LANGUAGES

The basis of associative links between human behaviour and the animal lay people-watching in the process of real activity in various types and species of animals. This suggests that the characteristic of a person, expressed by FE, in a certain way is predetermined by the core component that corresponds to a particular individual animal. Most studies of the lexico - semantic group of animals confined to any one class of animals, often a class of four-legged animals and birds. It therefore seems appropriate to explore (explore) the names of all available зоонимной phraseology classes of animals.

Key words: zoonim, fitonim, phraseological units, phrasems, mapping, lexico-semantic group.

Сведения об авторе: ***К.Т.Гафарова*** – кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедрой иностранных языков Российско-Таджикского славянского университета. Телефон: **(+992) 907 97 59 77.**

СИСТЕМА СЕМАНТИЧЕСКИХ СВЯЗЕЙ И ПРОТИВОПОСТАВЛЕНИЙ ПРИ ОСВОЕНИИ РУССКО-ИНТЕРНАЦИОНАЛЬНОЙ ЛЕКСИКИ
(на примере прозы Ф.Ниязи)

М. М. Акилова
Худжандский государственный университет им. Б.Гафурова

Выделение и описание основных особенностей художественного текста, характеристика его языкового и экстралингвистического своеобразия является одной из важнейших задач лингвистического анализа текста. В связи с национальным самосознанием и ростом потребительского спроса в таджикском языкознании стал особенно актуален анализ языкового материала на примере художественной литературы. Проблема языковых контактов всегда привлекал внимание филологов. Известно, что в результате длительных контактов происходит определенное разрушение структуры языка на каком-либо уровне.

Процессу взаимовлияния и взаимообогащения языков подвержены, абсолютно все языки мира, контактирующие в той или иной сфере, на том или ином уровне. Не стал исключением в этом вопросе и таджикский язык. Особенно процесс заимствований в таджикском языке наблюдался в постсоветский период, когда русификация слов достигла наивысшего накала. Это, на наш взгляд, возможно было связано с политической системой того периода, когда в многонациональной республике русский язык был языком межнационального общения во многих сферах жизнедеятельности людей.

Текст является отражением языковой ситуации определенного периода в истории языка и как конкретно-речевое воплощение определенного авторского замысла. Исследование текста как языковой уровневой структуры в контексте определенного исторического периода, в частности, анализ интернациональной лексики советского периода можно провести на примере прозы Фотеха Ниязи, где подобная лексика наблюдается нами в огромном количестве.

Основными вопросами при анализе русизмов является их смысловая классификация, установление степени их освоенности таджикским языком, частотность употребления, приемы толкования и др. Как отмечают исследователи, переход слов из одного языка в другой процесс не механический, а творческий. Слово «переход», употребляется условно, потому что переход совершается через головы людей, т.е. при участии нашего сознания. Слова, перейдя из одного языка в другой, из одной лексической системы в другую, начинают приспосабливаться к ней, жить новой жизнью. Ученые-лингвисты называют процесс приспособления по-разному: адаптация, ассимиляция, обработка и др.

В основе адаптации лежит влияние норм и законов принимающего языка. В принимающем языке происходит "обработка" данного слова, его приближение к жизни системы заимствующего языка. Вот как об этом явлении на материале русского языка пишет профессор Н. М. Шанский: "В силу длительных экономических, политических, военных и культурных и тому подобных связей русского народа с другими народами в русский язык проникало и укреплялось в его системе довольно значительное количество иноязычных элементов лексики. Этот процесс освоение русским языком некоторых заимствованных фактов не был явлением отрицательным: напротив, он обогащал наш родной язык, делал его еще более емким, выразительным и развитым. Естественно, что взятое извне перерабатывалось в русском языке, подчиняясь законам русской фонетики и грамматики, правилам русского словопроизводства и семантической системы"[1, 35].

Большинство ученых главным признаком вхождения в систему чужого языка считают "принцип необходимости" или "принцип общественной потребности".

Анализируемая нами русская лексика в прозаических произведениях Ф.Ниязи- это, с одной стороны, слова проникшие в таджикский язык до Октябрьской революции главным образом устным путем и лексика вошедшая в таджикский язык после Октябрьской революции. Эти слои лексики отличаются друг от друга как по характеру, так и по способу проникновения в таджикский язык.

Слова, проникшие в таджикский язык до Октябрьской революции и в первые годы Советской власти, по своему облику значительно фонетизированы по нормам таджикского языка, обозначают главным образом бытовые понятия, явления, связанные с торговлей, хозяйством, административно-управленческим аппаратом старой России. Это ранние заимствования, проникшие устным путем. Количество подобных заимствований ограниченно. Например, каравот - кровать; истакон - стакан; мошин - машина; духтур - доктор; турма - тюрма; большавой - большевик; Маскав - Москва; повуска - повестка и др.

Вторую группу составляют слова, вошедшие в таджикский язык в послеоктябрьский период. Эта лексика вошедшая главным образом через книжные каналы, сохраняет русское произношение и написание и называет самые различные понятия и явления из всех сфер человеческой деятельности. Но ядром ее является лексика общественно-политической терминологии, советизмы.

Следует отметить, что многие понятия, выработанные в социалистической действительности при совместной жизни разных народов, получают наименования и в таджикском языке. Эта новая русско-интернациональная лексика, это слова и обороты советского быта, искусства, спорта, научная терминология. Это новые иноязычные заимствования обиходной семантики, новые топонимы и антропонимы. Этот процесс был активным и нашел свое отражение в таджикской литературе.

Изменение семантики чужого слова связано с различными условиями: внутренними, внешними. Так, на начальных этапах вхождения слова в другую систему оно теряет прежние связи.

О характере лексических изменений и его освоении профессор Ю.С.Маслов замечает: "При лексическом освоении заимствованное слово включается в систему семантических связей и противопоставлений, имеющихся в заимствующем языке, входит в то или иное семантическое поле или даже в несколько семантических полей" [2, 261].

Наиболее расширенную характеристику находим у профессора Ю.С.Сорокина: "Между тем процесс заимствования иноязычных слов есть процесс двусторонний. Это не просто простая передача готовых элементов одним языком во владения другого языка. Это вместе с тем процесс их органического освоения системой данного языка, их приспособления к его собственным нуждам, их преобразования - формального и семантического - в условиях иной системы. Именно о процессе заимствования, - если только это действительно акт усвоения и приспособления заимствованных слов, а не механическое перенесение в иную речевую стихию некоей совокупности иностранных слов, - можно сказать, что это процесс по преимуществу творческий, активный, предполагающий высокую степень самобытности усваивающего языка, и высокую степень его развития" [3, 62].

При семантическом освоении происходит включение слов в синонимические, антонимические и другие ряды, установление новых связей с другими словами лексической системы и определенного места его в этой системе.

При этом может произойти процесс сужения объема значения или расширение его значения. Слово может приобрести также и совершенно новое значение.

Интересным является и то, что в прозаических произведениях Фотеха Ниязи определенная группа слов вошла в таджикский язык не в одном, а в нескольких своих значениях, что свидетельствует о более широких связях русизмов с таджикскими словами.

Так, в тексте слово «райком» употреблено в трех значениях:

I) организация; 2) заседание; 3) здание.

-Ҳамаи аъзоёни *райкому* комиҷроияро даъват кардаанд, аз марказ касе омадааст...[4, 8].

Султон Сафоев аз *райко*м бевақтии шаб баромад ва ҳамроҳи усто Шариф рост ба комиҷроияи район омада, коғазу ҳуҷҷатҳои зарурии дар қуттию рӯи мизи корӣ бударо ҷамъ карда, ба усто супурд…(4, 8).

Сафоев усто Шарифро гуселонида, либосашро иваз карда ба *райком* шитобид.(4, 8).

Слово «почта» также употреблено в трех значениях:

I) здание; 2) учреждение; 3) корреспонденция.

Пас аз чандин рӯзи дигар Оксана Алексеевна аз таваллудхона ба Максим Макарович мужда оварда, ӯро ба муносибати бобо шуданаш табрик кард ва дар навбати худ Максим Макарович ҳам ба *почта* давида, ба Давлат телеграмма фиристод…[4, 165].

- Сонӣ хаткашон якчанд рӯз пеш хабар дода буд, ки дар *почтаи* саҳроӣ ба номи шумо якчанд мактуб будааст [4, 165].

Оксана Алексеевна хатро гирифта ба рӯи конверт дере чашм дӯхту баъд хавоби кӯтоҳаки хушки дар як гӯшаи он навиштаи *почтаи* Данғараро нимғурма хонд: "Адресат выбыл"[4, 36].

Слово «суд» также употреблено в двух значениях:

1)государственный орган, ведающий разрешением гражданских споров и рассмотрением уголовных дел;

2) разбирательство дел таким органом в заседании.

- Ана халос, мо дар ин хо *суду* прокурорро аз кухо меёбем?- пурсид ҳайрон шуда Самеев (4, 202).

- Балки дар асоси он мулоҳизаи худатон, бе - тергаву *суд* ҳех кас моро нахоҳад кушт [4, 206].

Слово «разведка» также употреблено в трех значениях:

1) обследование чего-нибудь со специальной целью;

2) боевые действия, осуществляемые войсковыми группами, для получения сведения о противнике и занимаемой им местности;

3) войсковая группа, осуществляющая такие действия.

Ба тарафе, ки садои тир баромад, ба *разведка* меравед [4, 210].

Финҳо аз нобарории ҳухумҳои охирини ғисми полковник Хохлов фоида бурда, аз афти кор мақсад доштанд, ки шабохун зада, *разведкаи* хангӣ гузаронанд [4, 147].

Разведка хабар овард, ки одамони бисьёри Иброҳим-бек тайёрии аз кӯҳ хамидан дорад…[4,15].

Слово «резерв» употреблено в двух значениях:

1) часть войск, оставляемая в распоряжении начальника для использования ее в нужный момент;

2)состав военнообязанных, призываемых в армию по мобилизации.

Бо ҳамин мақсад дар шаҳру районҳои Тоҷикистон ҳам аз ҳисоби уҳдадорони ҳарбӣ, махсусан аз ҳисоби онҳое, ки пештар дар хизмати армия буданд, *резервҳои* махсус тайёр мекарданд [4, 152].

Дар давраи аввали ханги пуршиддати Финляндияю Иттифоғи Советb лозим омад, ки аз эҳтиёт дар ақибгоҳ ғувваҳои *резервb* омода карда, дар вақту соати зарур ба сафҳои Армияи Сурхи амалкунанда фиристода шавад [4, 152].

Слово «театр» употреблено в двух значениях:

1)искусство изображения драматических произведений на сцене;

2) помещение, где происходит такое представление.

Баъди тамошои *театр* Давлат Максим Макарович ва Наташаро то хонаи майор Тарасевич гуселониду дар бозгашт тамоми ҳушу ёди вай ба Наташа банд шуд [4,.90].

Ҳар се ба *театр* рафтанд [4, 89].

Слово «телефон» употреблено в двух значениях:

1)система технических приспособлений для передачи звуков на расстоянии по проводам при помощи электрической энергии;

2)аппарат для разговора таким образом.

Алоғаи *телефонӣ* бо подразделенияҳо қатъ шуда ва ҳоло ҳозир илохи барғарор кардан нест [4, 200].

- Хуб, ман тайёр, - гуфт Давлат ва гӯшаки *телефонро* ба ханговари алоқачӣ дароз карду пурсид: - Тамоку дорӣ, Семенов? [4, 131].

Слово «рапорт» также употреблено в двух значениях:

1) служебное сообщение, донесение младшего военного начальника старшему;

2) доклад о выполнении взятых на себя обязательств.

Давлат аз назди майор Тарасевич баромаду *рапорти* баргаштагирифтаи худро дарронида, ба қуттии хасрӯбаҳо партофт ва боз ба гирдоби фикру хаёлҳои беохир ихтиёр дода, ба сӯи казарма ғадам ниҳод.

Омадед? - пурсид комиссар баъди ба лейтенант Сафоев *рапорт* додани онҳо [4, 144].

Известно, что иноязычное слово осваивается языком реципиентом как единица лексики. Часто иноязычное слово может использоваться для уточнения уже существующего слога (синонима). Так, ряд русизмов в прозе Ф.Ниязи употребляется как синонимы к существующим таджикским словам. Таких случаев меньше, чем употребления полисемантических слов. Такими синонимами являются слова солдат-ханговар; солдат- аскар; стул - суфача; стул - курсӣ; стол - миз; фонарь - фонус; почтальон - хаткашон.

Дигарҳо низ сарлуч шуда, як дам дар болои сари ҷасади беҷони *ҷанговари* советӣ хомӯш рост истоданд [4, 114].

Ана ин айни гуфти сарлашкар Суворов аст: *солдат* дар машқ чӣ қадар бисьёр арақ кунад, дар ҷанг ҳамон қадар кам хун талаф медиҳад [4, 84].

Давлат рӯшноии *фонарро* ба кунҷи даҳлез равон кард [4, 294].

Гоҳ-гоҳ кондукторону навбатчиёни станция, дар даст *фонусчаҳои* шамъдор, ин сӯ - он сӯ мегузаштанд [4, 638]

Таким образом, русизмы в большей ее части в прозе Ф.Ниязи, на определенном временном отрезке были усвоенными таджикским языком. В этом вопросе мы придерживаемся точки зрения "теории общественной потребности". В пользу такого подхода говорят следующие данные:

-русизмы, употребленные в произведениях Ф.Ниязи, в большинстве своем зафиксированы были толковым словарем таджикского языка. Все они употребляются в произведениях по необходимости: они называют жизненно-необходимые понятия, связанные с социалистической действительностью;

- многие слова отличаются частностью своего употребления, а это значит, что данные слова входят в многочисленные связи с другими словами. Так, например, слово "колхоз" употребляется в одном только романе 405 раз; "лейтенант" - 398; "командир" - 374; "немец" - 356; "солдат"- 230; "старшина" - 182; "танк" - 181; "стол" - 160; "телефон"- 85; "разведка" - 63; "траншея"- 54; "шинель" - 36; "гимнастерка" - 23 и др.;

-достаточно широка словообразовательная активность русизмов. Они служат определенной базой для образования новых слов в таджикском языке.

Русский язык как один из высокоразвитых языков оказал благотворное влияние на языковую систему контактирующих с ним языков. Он также содействовал приобщению каждой нации и народности к культурным достижениям всех других народов и к мировой культуре.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Шанский Н.М., Иванов В.В. Современный русский язык/ Н.М.Шанский, В.В.Иванов. - М., 1981.
2. Маслов С.Ю. Введение в языкознание/ С.Ю. Маслов. - М., 1975.
3. Сорокин Ю.С. Развитие словарного состава русского литературного языка 30-90 годы XIX века/ Ю.С.Сорокин.- М.-Л., 1965.
4. Ниёзї Фотеҳ. Мунтахабот. Х.2/ Ниёзї Фотеҳ. -Душанбе: Ирфон, 1985.

СИСТЕМА СЕМАНТИЧЕСКИХ СВЯЗЕЙ И ПРОТИВОПОСТАВЛЕНИЙ ПРИ ОСВОЕНИИ ЗАИМСТВОВАННОЙ ЛЕКСИКИ В ХУДОЖЕСТВЕННОМ ТЕКСТЕ
(на примере прозы Ф.Ниязи)

В данной статье рассматривается система семантических связей и противопоставлений при освоении русско-интернациональной лексики на примере прозы Ф.Ниязи. При семантическом освоении иноязычной лексики нами установлено, что происходит включение слов в синонимические ряды, установление новых связей с другими словами лексической системы и определенного места его в этой системе.

Ключевые слова: заимствованная лексика, русизмы, интернациональная лексика, языковые контакты, семантическое освоение.

THE SYSTEM SEMANTIC CONNECTIONS AND OPPOSITIONS DURING THE DEVELOPMENT OF THE BORROWED LEXICON IN FICTION
(on the example of prose Ф.Ниязи)

This article explains the semantic connections and oppositions during the development of Russian-international vocabulary for example prose Ф.Ниязи. Semantic development of foreign language vocabulary we found that happens inclusion of the words in the synonymic ranks, to establish new contacts with other words lexical system and certain of his place in this system.

Key words: borrowed vocabulary, russisms, international vocabulary, language contacts, semantic development.

Сведения об авторе: ***Акилова М.М.*** - соискатель Худжандского государственного университета им. Б.Гафурова. Телефон: **(+992) 927 17 33 15**

ИСТИФОДАИ УСУЛИ КОММУНИКАТИВИИ ТАЪЛИМ ДАР МАШҒУЛИЯТҲОИ КОРҲОИ МУСАҚИЛОНА АЗ ФАННИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

О. М. Қозихонова
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

Раванди ҷаҳонишавии ҷомеаи имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон талаботи тамоми табақаҳои ҷомеа, махсусан ҷавонони донишҷӯйи ҷумҳуриро ба омӯзиши забони англисӣ ниҳоят зиёд гардонида бошад, ҳам, вале сатҳ ва сифати таълими забони мазкур начандон ҷавобгӯйи талаботи рӯз аст. Аз ин ҷост, ки дар назди мо омӯзгорони забони англисӣ масъалаи интихоби дуруст ва истифодаи мақсадноки тарзу усулҳои самарабахши таълими забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла забони англисӣ меистад.

Яке аз чунин усулҳои самарабахши таълими забони англисӣ усули коммуникативии таълим мебошад. Азбаски истифодаи усули коммуникативӣ самти муайяни амалиро доро мебошад, табиист, ки аксари кулли омӯзгорони макотиби олии ҷумҳурӣ бо ин усули дар ҷаҳон эътирофгардидаи таълим фаъолият мекунанд. Усули номбурда солҳои 50-60-уми асри гузашта дар Донишгоҳи Кембриҷ мавриди истифода қарор гирифта, то имрӯз самаранокии худро дар таълими забони англисӣ барои донишҷӯёни хориҷӣ (дар он давлатҳое, ки забони англисӣ забони давлатӣ намебошад), пурра собит сохтааст.

Усули мазкур фарогири чандин тарзҳои таълими забони англисӣ мебошад, ки тавассути онҳо донишҷӯйи забономӯз метавонад, бо муошират самарабахш ва босифат ба муҳити нави забонӣ дохил шавад.

Системаҳои куҳнаи таълими забонҳои хориҷӣ, ки аз рӯйи онҳо аксари китобҳои дарсӣ ва дастурҳои методӣ таълиф гардидаанд, тамоми матнҳо ва мусоҳибаҳоро тобеи лексика ва грамматикаи омӯхташаванда мегардонанд ва дар натиҷа донишҷӯ ибораҳои дилгиркунандаи начандон лозим ва ғайриҷолибро аз худ мекунад.

Усули коммуникативӣ ба ҷойи он роҳу усулҳои нав ва ҷолиби таълимро ба монанди ба вуҷуд овардани вазъи воқеии муҳити забонӣ, саҳначаҳои нақшӣ, як навъ эҳёгардонии рӯйдодҳои воқеан ҳаётиро ба кор мебарад. Чунин тарзи таълим донишҷӯёнро барои муошират суҳбатороӣ бо забони омӯзишӣ ҳавасманд мегардонад. Ширкати донишҷӯён дар мусоҳибаҳо фаъолона гардида, дар ҷараёни дарс донишҷӯён мавзӯъҳои гуногунро баррасӣ менамоянд.

Таҷриба нишон медиҳад, ки қобилияти коммуникативии донишҷӯён ҳамон вақт бештар ташаккул меёбад, ки омӯзгори забони англисӣ барои баҳсу мунозира ва мусоҳиба мавзӯи мувофиқро интихоб карда тавонад.

Аз нуқтаи назари мо, омӯзгор бояд мавзӯеро хоста гирад, ки он дар забони модарӣ ба донишҷӯ хуб шинос бошад ва барои донишҷӯёну аҳли ҷомеа рӯзмарра маҳсуб ёбад. Масалан, мусиқӣ, варзиш, сиёсат ё масъалаҳои бевосита ба зисту зиндагии донишҷӯён дахл дошта метавонанд, дар навбати аввал ҳамчун мавзӯъҳои дарсӣ интихоб карда шаванд. Дар ин ҳолат машғулияти таълимӣ бо баҳсу мунозира ё мусоҳиба хусусияти маҷбурӣ не, балки ихтиёрӣ ва хеле табииро ба худ мегирад.

Фарқияти усули коммуникативӣ аз дигар усулҳо дар он аст, ки дар ин ҷо такрору дарёддоштанҳо истифода нагардида, суҳбат «бо фароварди кушода» сурат мегирад. Бо ибораи дигар, донишҷӯёни таълимгиранда худашон суҳбатро ташкилу идора мекунанд ва натиҷаи суҳбат ба ҷавобҳо ва вокуниши ҳамсуҳбатон дар аудитория вобаста мебошад. Бо мақсади дар сатҳи қобили қабул нигоҳ доштани шавқу рағбати донишҷӯён ба чунин машғулиятҳо, омӯзгор барои ҳар як машғулияти таълимии навбатӣ мавзӯъҳо ва ҳолатҳои нав ба навро интихоб менамояд, зеро ки мақсади асосии ҳар як гурӯҳи таълимӣ мубодилаи бофаросат дар бораи масъалаҳои рӯзмарра мебошад.

Махсусияти дигари дарсҳои коммуникативӣ дар он аст, ки дар онҳо нутқи шифоҳӣ нисбат ба хондану навиштан бартарӣ дорад. Омӯзгор барои муҳокима мавзӯъро интихоб намуда, самти зарурии дарсро барои донишҷӯён муайян карда, онҳоро «ба гап медарорад», бевосита аз суҳбат дар канор меистад, асосан гӯш мекунад ва баъзан донишҷӯёнро ислоҳ мекунад. Муҳим он аст, ки ислоҳ кардани омӯзгор ба забони англисӣ сурат гирад.

Самаранокии таълими коммуникативӣ пеш аз ҳама дар он аст, ки усули номбурда имкон медиҳад тамоми малакаҳои забономӯзиву забондонӣ, аз қабили:

- малакаи суҳбатороӣ;
- малакаи дарки шунавоӣ;
- малакаи хондан;

- малакаи навиштан… баробар ташаккул ёбанд.

Дар мавриди баробар ташаккул ёфтани тамоми малакаҳои забондонӣ донишҷӯён новобаста ба синну сол дар омӯзиши забони англисӣ ба натиҷаҳои баландтарину устувор ноил мегарданд.

Мехостам, бо мақсади боз ҳам самараноктар гардонидани натиҷаҳои таълими коммуникативӣ бо истифода аз таҷрибаи омӯзгорӣ пешниҳодоти зайлро манзур намоям:

Аввалан, барои усули коммуникативии таълим муқаррар намудани теъдоди муайяни донишҷуён хос аст. Ба андешаи ман, теъдоди оптималии ҳайати донишҷӯён бояд аз 8 то 12 нафар бошад, зеро ки усули коммуникативии таълим тақозо мекунад, ки донишҷӯён ҳатман дар гурӯҳҳои начандон калон барои иҷрои супоришҳои коллективӣ муттаҳид карда шаванд. Дар ҷараёни дарс инчунин муҳокимаҳои коллективӣ ва бозиҳои нақшӣ гузаронида мешаванд.

Сониян, зарур аст, ки аз дарси нахустин сар карда, тамоми машғулиятҳо дар гурӯҳҳои таълимӣ танҳо бо забони англисӣ гузаронида шаванд. Дар ҷараёни машғулиятҳои таълимӣ сатҳи истифодабарии забони модарӣ бояд ба ҳадди ақал паст фароварда шавад. Тамоми шарҳу тавзеҳоти забони англисӣ тавассути ибораҳои шинос ва бандубасти лексиконӣ сурат гирад. Барои фаҳмондадиҳӣ, инчунин имову ишора, сабти овоз, тамоми маводи аёнӣ, аз қабили видеороликҳо, суратҳо ва расмҳо ба кор бурда мешаванд.

Ҷоизи зикр аст, ки дар ҷараёни таълими забони англисӣ донишҷӯён ба муҳити фарҳангӣ,ҷуғрофӣ ва таърихии мамлакате, ки забони онро меомӯзанд, ворид мегарданд. Калимаву ибораҳои нав ва грамматика бо истифода аз шарҳу тавзеҳдиҳӣ ва дарккунии бевосита ба забони англисӣ аз худ карда мешаванд ва бо ин тарз маводи таълимӣ дар лавҳи хотири донишҷӯ бештар ва амиқтар мемонад.

Дар ҷараёни машғулиятҳо, диққати махсус бояд ба моделикунонии ҳолатҳои ҳаррӯза ва захираи луғавӣ, ки дар баробари бандубасти грамматикӣ омӯзонида мешаванд, равона гардад. Чунин тарзи дарсгузаронӣ имкон медиҳад, ки донишҷӯён амиқтар ба муҳити забономӯзӣ ворид гарданд.

Ҳамоҳангсозии фаъолияти донишҷӯён дар гурӯҳҳои хурд, истифодаи бозиҳои нақшӣ ва фақат бо забони англисӣ ба роҳ мондани муошират дар машғулиятҳои таълимӣ боиси аз байн рафтани садди забонӣ - яке аз проблемаҳои асосии таълими забони англисӣ мегарданд.

3. Тавре ки маълум аст, тарзу усули таълим ба синну соли забономӯзон низ вобаста мебошад. Масалан, зимни таълими наврасон бештар лаҳзаҳои бозиҳои гуногун мавриди истифода қарор дода мешаванд.

Дар мавриди таълими донишҷӯён бошад, истифодаи усулҳое, ки ба фаҳмиши пурра ва таҳлили ҷанбаҳои омӯзонидашавандаи забон асос ёфтаанд, ба мақсад мувофиқ мебошад.

Новобаста ба ин, дар ҳар ду ҳолат воридшавӣ ба муҳити забонӣ ба ҳадди ниҳоӣ мерасад ва ин амал имкони муошират ба забони модариро ба ҳадди ақал мерасонад. Чунин усул имкон медиҳад, ки донишҷӯ дар муҳлати кӯтоҳтарин захираи (фонди)луғавии худро аз ҳисоби ибораҳои муқаррарӣ пурра гардонад ва он дар оянда бо истифода аз калимаву ибораҳои нав ғанӣ гардонида шуда, заминаи устувори ташаккулёбии нутқи зебои англисии донишҷӯ мегардад.

Дар робита бо истифодаи усули коммуникативӣ як масъалаи ниҳоят муҳимро махсусан қайд намудан бамаврид аст. Солҳои охир дар байни омӯзгорони забони англисӣ дар бораи масъалаи ислоҳ намудани камбудиҳои нутқи донишҷӯён баҳсу мунозираҳои тӯлонӣ идома доранд. Айни замон доир ба ин масъала се нуқтаи назар мавҷуд аст.

Тарафдорони нуқтаи назари якум чунин мешуморанд, ки ислоҳи нутқи донишҷӯён ягон зарурат надорад. Муҳим он аст, ки донишҷӯён ҳарчи бештар ва зудтар ба забони англисӣ озодона ҳарф заданро омӯзанд.

Гурӯҳи дуюм ислоҳи хатогиҳои одиро зарур мешуморад.

Гурӯҳи сеюм, ки теъдоди тарафдорони он бемайлон меафзоядчунин ақида доранд, ки донишҷӯён бояд ҳатман дуруст ҳарф заданро ёд гиранд ва омӯзгор сари вақт камбудиҳои онҳоро ислоҳ кунад.

Боиси қайд аст, ки усули коммуникативӣ дар баробари бартариҳо инчунин баъзе камбудиҳо низ дорад.

Ҳалқаи заифтарини усули мазкур омӯзиши ниҳоят ками грамматика дар машғулиятҳои таълимӣ мебошад. Аксари мухолифони таълими ҳатмии грамматика чунин меҳисобанд, ки омӯзонидани грамматика чандон шарт нест, донишҷӯ грамматикаро мустақилона аз худ мекунад.

Чунин ақида комилан нодурусту беасос мебошад. Ба андешаи мо, таълими грамматика дар дарсҳои коммуникативӣ бояд 30 фоизи вақти дарсиро дар бар гирад. Наомӯзонидани грамматика ба донишҷӯён боиси бенизомӣ дар таълими забони англисӣ мегардад. Дуруст сарфаҳм нарафтан ба мантиқи забон ба он оварда мерасонад, ки донишҷӯ аз забони ёдгирифтааш дуруст истифода бурда наметавонад.

Дар хотима қайд бояд кард, ки усул, тарз, роҳ ё методи таълимӣ ҳамон вақт самараи хуб дода метавонад, ки худи омӯзгор ба қабул ва истифодаи он аз нигоҳи зеҳнӣ ва маърифати касбӣ омода бошад. Дар ҷараёни машғулиятҳои дарсӣ тарзи дурусти муносибатро бо донишҷӯён истифода бурда тавонад ва муҳимтар аз ҳама бо донишҷӯён муносибати хайрхоҳона дошта бошад ва аз боварию эътимоди онҳо бархӯрдор гардад.

А Д А Б И Ё Т

1. Маджидов Х. Самостоятельная работа студентов / Х. Маджидов, Р.Р. Мирзоев, (методическое пособие на тадж. яз.). – Душанбе: Эр-граф, 2009. –70 стр.
2. Маджидов Х. Самостоятельная работа студентов в кредитной системы образования/ Х.Маджидов, Р.Р. Мирзоев // Вопросы психологии и педагогики. –Курган-Тюбе, 2009. – № 3. – С. 52-54.
3. Хабибов С.Х. Кредитная технология обучения и повышения качества подготовки бакалавров/ С.Х.Хабибов, Р.Р. Мирзоев // Вопросы психологии и педагогики. Курган-Тюбе, 2009. –№ 4.
4. Маджидов Х., Мирзоев Р.Р., и др. Самостоятельнаяработа студентов (методическое пособие на тадж.яз.)/ Х.Маджидов, Р.Р. Мирзоев. –Душанбе: Эр-граф, 2009. –70 стр.

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ КОММУНИКАТИВНОЙ МЕТОДИКИ ПРЕПОДАВАНИЯ АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА

В данной статье говорится о коммуникативном методе преподавания английского языка. Эта методика была разработана в Кембридже в 50-х годах и за это время уверенно зарекомендовала себя, как наиболее эффективная при обучении английскому языку студентов. Успех коммуникативного обучения заключается в том, что данная методика параллельно развивает все языковые навыки: разговора, восприятия на слух (аудирование), чтения, письма.

Коммуникативная методика обучения рекомендует определенный количественный состав в группах, и это предусматривает обязательное объединение студентов в небольшие группы. Коммуникативная методика развивает параллельно все навыки языка у студентов любого возраста и они достигают стабильно высоких результатов в освоении английского языка. У этой методики большое будущее.

Ключевые слова: способность, коммуникативная методика преподавания, устная речь, английский язык.

THE USAGE OF THE COMMUNICATION METHODS IN TEACHING ENGLISH

In given article is spoken about communication method of teaching of English. This methods was designed in Cambridge in 50-x year during, which time certain has proved; proven to be itself, as the most efficient English when learning student. The success of communicate education is concluded in that, given methods parallel develops all language skills: talk, perceptions on rumor (аудирование), reading, writing.

The Communication methods of teaching recommends the certain quantitative composition in group, and this provides the obligatory association of students in small groups. The Communication methods develops parallel all skills of the language beside student of any age and they reach the stable high result in mastering of English. Beside this methods has a big future.

Key words: ability, communication methods of the teaching, oral speech, English language .

Сведения об авторе:***Қозихонова О.М.*** –преподаватель ТГУК Телефон: **(+992) 93 4444181.**

ИСТИЛОҲОТИ МАРБУТ БА АЪЗО ВА МОДДАҲОИ ТАРКИБИ БАДАНИ ИНСОН ДАР «ЗАХИРАИ ХОРАЗМШОҲӢ»- И ИСМОИЛИ ҶУРҶОНӢ

Ш.И. Ҳаитова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муаллифи «Захираи Хоразмшоҳӣ» барои ба пизишкон ва донишомӯзони соҳаи тиб пурра омӯзонидани ҳар як мафҳуму матлаби мавриди назар хеле ҷиддӣ рафтор намуда, онро бо теғи қалам «ҷарроҳӣ» намуда, тамоми ҷузъиёти онро аз назар мегузаронад ва шарҳ медиҳад. Зимнан, ӯ ҳангоми баёни ин ё он мафҳум, яке аз ду роҳҳои зеринро истифода мебарад: якум, мафҳумро бо вожа ё ибораи тоҷикӣ ном бурда тафсир мекунад, сипас муродифи арабӣ, юнонӣ ё дигари онро ном мебарад; дуюм, номи иқтибосии мафҳумро зикр карда, баъд онро бо вожаҳои муносиби тоҷикӣ-форсӣ тавзеҳ медиҳад. Чунин тарзи тафсири мафҳумҳо ва истилоҳоти тиббиро мо дар тамоми матни «Захираи Хоразмшоҳӣ» дида метавонем.

Ин ҷо тасмим гирифтем, ки чанд истилоҳи марбут ба аъзо ва моддаҳои таркиби бадани инсонро аз ин асари бузурги тиббӣ мавриди барраси қарор диҳем.

Андом оростагӣ бошад, дар забони авестоӣ handama – андом, аз сар то по [5,12]. Инчунин дар «Ясно» [43, 7] омадааст: «Вожаи авестоии tanuš – тан, андом, пайкар». Муаллифи «Фарҳанги Пошанг» низ оид ба ин истилоҳ шарҳи муфассал медиҳад: «Баданро гӯянд ва ҳар кореро, ки ороста бошад ва гоҳе (зебоӣ ҳам омадааст) чун хушандом, зебоандом. Дар паҳлавӣ handam аст (тозӣ он низ *ҳандом* бошад, ки (*андраво* - дар ҳаво) сарнагун низ бошад). Дар «Авесто» han – ҳам ва da – гуфтаанд [4;120].

Димоғ – 1**.** а. –бинӣ, машом; 2.а. –мағз, мағзи сар [1,453, 3, 3322]. Муаллифи «Захираи Хоразмшоҳӣ» аз рӯйи мизоҷ димоғро ба чанд навъ ҷудо менамояд:

1. *Димоғи муътадил* – агар сар бузург бошад ва шакли ӯ табиӣ бошад, чунон ки андар ташреҳ ёд карда, ояд ва … гардан ситабр бошад, сина паҳн ва устухонҳои муҳраи пушт қавӣ бошад, (пас) ҳоли димоғ нек бошад (ЗХ, 38)†.

2. *Димоғи гарм*- ранги рӯй ва ранги чашм ба сурхӣ гарояд ва рагҳои чашм бархоста ва пайдо бошад ва мӯйи сар, пас аз он ки аз модар бизояд, зуд барояд ва ранги мӯй ё нек сурх бошад ё сиёҳ (ЗХ,38).

3. *Димоғи сард* – мӯйи сар рост бошад ва ношикаста ва ранги ӯ ба зардиву сапедӣ гароя д ва аз ҳавои сард ва аз бӯйҳои сарду аз таому шароби сард ранҷур шавад ва аз сари вай тарӣ меполояд ва зуком ва назла бисёр ва ранги чашм ҳеҷ сурхӣ надорад ва рагҳо борик бошад ва пӯшида ва хоб тамом бошад (ЗХ,38-39.).

4. *Димоғи хушк* - аз сари вай ҳеҷ тарӣ наполояд ва ҳисҳо тез бошад, чунонки овозҳои нарму бӯйҳо ва таомҳои андак зуд дарёбад ва хоб андак бошад ва мӯй зуд барояд ва касиф бошад ва ба ҷамудӣ майл кунад ва зуд аслаъ шавад (ЗХ,39).

5. *Димоғи тар* - ҳисҳо кунд бошад ва аз димоғ тариҳо бисёр полояд ва хоб сангин бошад (ЗХ,39).

6. *Димоғи гарму хушк* - аз ин ҳеҷ тарӣ наполояд ва ҳисҳо тез бошад ва хоби сахт андак бошад, вай мӯй бисёр ва ҷаъд ва сиёҳ бошад ва зуд барояд ва ранги рӯй сурм бошад, ё гандумгун ва зуд аслаъ шавад.

7. *Димоғи гарму тар* - тариҳо, ки аз димоғ полояд ба қавому ба ранг, асири пухтагӣ дорад ва ранги рӯй хуб бошад ва равшан ва рагҳои чашм бархоста бошад ва пайдо ва мӯйи сар ношикаста бошад ё камшикан ва ба сурхӣ гароя д ва аз чизҳои гарм сари ӯ андаке гармноӣ дорад ва полудани тариҳо зиёдат гардад ва бад-ин ҳол бошад андар. гармӣ ва тарӣ, аз эътидол бас дур набошад. Ва ҳар гоҳ ки аз эътидол дур бошад, боди ҷануб ва гармоба ва ҳама чизҳои гарм ва тар сахт зиён дорад ва

† Захираи Хоразмшоҳи»-и Ҳаким Саийид Исмоил Ҷурҷонӣ/Бо тасҳеҳи дуктур Муҳамадризо Маҳрурӣ.– Техрон,1382. – минбаъд ЗХ.

бемориҳои сар бисёр афтад ва тарӣ бисёр полояд ва бедор камтар тавонад буд ва агар хоҳад, ки бихуспад, хоб хуш нахуспад ва хаёлҳо ва хобҳои шӯрида бисёр бинад, ҳисҳо кунд бошад ва агар ҳарорат (гармӣ) ғалаба дорад, нишонҳои ҳарорат пайдотар бошад ва агар тарӣ ғалаба дорад, нишонҳои тарӣ (намӣ, рутубат) пайдотар бошад (ЗХ,.39).

8. *Димоғи сарду тар* - ҳар чи андар мизоҷи димоғи сард гуфта омадааст ва андар мизоҷи димоғи тар, ҳар ду сахт қавӣ бошад.

9. *Димоғи сарду хушк* - ранги рӯй тира бошад ва ҳама чизҳои сард зиён дорад ва андак сабуксор бошад ва андак ҷавонӣ ҳисҳо тез бошад, пас аз он тирагӣ падид ояд ва мӯйи сар заиф бошад ва ранги ӯ ба зардӣ гарояд ва зуд сапед шавад ва агар хушкӣ бар сардӣ ғалаба дорад, зуд аслаъ шавад. (ЗХ,40)

Бинӣ – узви ҳисси шомаи инсон ва ҳайвон, димоғ» [1,204]. Дар «Захираи Хоразмшоҳӣ» муродифи ин истилоҳ «димоғ» зиёд истифода шудааст. Дар форсии қадим *naham* шакли падежи Acc. Sg. *nah,* форсии миёна *binik*.

Ташреҳи бинӣ аз ташреҳи устухонҳо ва ғузруфҳо ва асабҳо маълум гардад (ЗХ. –С.170.).

Бешубҳа, чунин усули шарҳу таснифи мафҳумҳои тиббӣ, ки Ҷурҷонӣ онро дар «Захираи Хоразмшоҳӣ» ба кор бурдааст, ба пажӯҳандагону мутахассисони соҳаи тиб барои ин мафҳумҳоро амиқтар шинохтан кӯмак мерасонад. Барои дарки бештари ин матлаб намунаҳои дигари корбурди усули таснифи муфассали мафҳумро аз ин китоби пуразриш баррасӣ мекунем.

Чашм – тоҷ. узви биниш дар инсон [1,543]. Дар забони авестоӣ casman, паҳлавӣ ин истилоҳ ба шакли casm, dōysar, дар санскрит iksana [4,247] истифода мешуд, ки то замони мо кам ба тағйирот дучор шудааст. Ҳарчанд ки муродифҳои арабии он низ серистеъмоланд. Дар «Захираи Хоразмшоҳӣ» гунаи тоҷикии он зиёд корбурд дорад.

Ин узви инсонӣ низ вобаста ба мизоҷ тақсимбандӣ шудааст. Ба монанди *чашми гарм*, *чашми хушк,* ч*ашми сард, чашми гарму тар* ва ғ.

Дил - аз паҳлавӣ dil, узви марказии низоми гардиши хун [1,446]. Ногуфта намонад, ки муродифи арабии ин истилоҳ ***қалбро*** маротибе дар «Захираи Хоразмшоҳӣ» вонахӯрдем. Шояд ин сабаб дошта бошад, чунки вожаи «қалб» ба дараҷае шоирона аст ва хусусияти муассириву тобиши бадеӣ хоси истилоҳ нест. Бинобар ин, олими табиб низ аз ин суханпардозиву рангубори бадеӣ дурӣ меҷӯяд, яъне «ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад». Дар «Фарҳанги Пошанг» оварда шудааст: «Равон, ба забони тозӣ қалбро гӯянд. Ин истилоҳ дар авестоӣ zereza ва ҳам решаи он вожаи zevisya =дӯстона, меҳрубонӣ ва вожаи zevis = дӯст доштан. Дар паҳлавӣ *дил* ва дар курдӣ «zar», аз вожаи авестоии zereza мебошад ва дар форсӣ *дил* [4,301].

Дар асар дигар истилоҳот низ шарҳ ёфтаанд. Чун *дили гарм, дили сард*, *дили хушк, дили нарм* , *дили гарму хушк, дили гарму тар*, *дили сарду тар*, *дили сарду хушк* .

Ҷигар - тоҷ. яке аз узвҳои дарунии бадани инсон ва баъзе ҳайвонҳо, ки ҳосилкунандаи заҳра мебошад ва барои таъмини мубодилаи моддаҳо дар бадан хизмат мекунад [2,590]. Авестоӣ yakāre, форсии миёна jagar. Дар мавқеи байни садонокҳо овозҳои бечаранги эронии қадим дар забони форсии миёна ба овозҳои ҷарангдор табдил ёфтанд [94,94]. Муаллифи «Фарҳанги форсӣ ва решаёби»-и Мустафо Пошанг» як каме дигар шарҳ медиҳад: яке аз андомҳои бадани одамӣ (кабид) [4,236].

Муаллифи «Захираи Хоразмшоҳӣ» дар баробари ин истилоҳ, гунаи форсии он «кабид»-ро низ истифода бурдааст. Ногуфта намонад, ки ин истилоҳ дар форсии муосир, махсусан тиби муосири Эрон серистеъмол аст.

Ибораистилоҳҳои *ҷигари гарм*, *ҷигари сард*, *ҷигари хушк, ҷигари тар*, *ҷигари гарму хушк*, *ҷигари гарму тар*, *ҷигари сарду тар*, *ҷигари сарду хушк* низ дар асар корбурд доранд.

Меъда – вожаи арабӣ, паҳлавӣ kumig, узви бадани инсон, ҳайвон ва дигар мавҷудоти зинда, ки хӯрок ба он медарояд ва ҳазм мешавад [1,796]. Ин истилоҳро забоншинос С.Сулаймонов низ дар «Фарҳанги васити арабӣ-тоҷикӣ» шарҳ дода, вожаи арабӣ будани онро исбот менамояд ва дар баробари ин чанд истилоҳи дигари тиббиро вобаста ба ин аъзои дохилаи инсон чун «шираи меъда», «табларзаи меъда», «омоси меъда», «газаки меъда», «меъдадард», «бемориҳои меъда» мавриди тафсир қарор медиҳад.

Дар «Захираи Хоразмшоҳӣ» ибораистилоҳҳои *меъдаи гарм*, м*еъдаи сард*, м*еъдаи тар*, м*еъдаи хушк* низ шарҳу тафсир ёфтаанд.

Хасия. В-агар базли ӯ будӣ андар табиат, хасиро аз ӯ баҳра фарзанд будӣ [3,2772].

Ин аъзои бадани инсон низ ба *хасияи гарм*, х*асияи сард*, х*асияи тар*, х*асияи хушк,* х*асияи гарму тар,* х*асияи сарду тар*, х*асияи сарду хушк* ҷудо шудааст.

Устухонҳо ва ғузруфҳо . Дар забони паҳлавӣ устухон - ast . Ғузруф- ар. навъи бофти пайвандии бадан, рагҳои хунӣ, ки ҳолати иртиҷоӣ дорад … [3,5185]. Дар забони паҳлавӣ аз ин вожа вожаи дигар низ сохта шудааст- хасту =банд =шикастабанд, аз решаи авестоии azareta [4,269]. Истилоҳи «ғузруф» – устухони нарму суст, тағояк дар осори тиббии Ибни Сино низ корбурд дорад (Қонуни тиб. саҳ. 4770).

Ибораистилоҳҳои *устухонҳои сар,* у*стухонҳои фукҳо* (фукро ба порсӣ *зифр (зуфр)* гӯянд ва ба Марв *минаҳ* гӯянд ва ба арабӣ *зақан* ва ба лафзи ом *занах* (ЗХ. –С.64.), у*стухонҳои паҳлӯҳо, устухонҳои сина, устухонҳои даст, устухонҳои тиҳигоҳ, устухонҳои пой* ва ғ. низ шарҳу эзоҳ ёфтаанд.

Паҳлӯ – канор, бар. Дар катибаҳои Дориюш ба шакли parthava омадааст. Дар забони авестоӣ perethu ва peresu = канор ва дар паҳлавӣ pahluk истифода шудааст [4,195].

Истилоҳи *паҳлӯ* дар забони тоҷикӣ серистеъмол аст ва дар баробари он истилоҳи дигар *биқин* (дар забони гуфтугӯйӣ), ки шояд туркӣ-ӯзбекӣ бошад, корбурд дорад.

Ҷолинус ва дигар муҳаққиқон асҳоби ташреҳ чунин гуфтаанд, ки андар дасте сиву чаҳор пора устухон аст, аз ҷумла: устухонҳои сойид; ибҳом (ба порсӣ *ибҳом*ро *ангушти нар* (нарангушт) гӯянд *русуг* (ба порсӣ *хурда* гӯянд); мушт (устухонҳои пушти даст чаҳор аст ва онро ба тозӣ *мушт* гӯянд; саломиён (устухонҳои ангуштонро ба тозӣ *саломиён* гӯянд); устухонҳои бозу (устухоне аст ҳамчун найза, миёни ӯ пурмағз ва хами даст ва хами ӯ ба сӯйи берун аст) (ЗХ. –С.79) .

Бояд кайд кард, ки Ибни Сино низ вожаи *тиҳигоҳ*ро истифода намудааст. Ин истилоҳ ҳамчун *устухони кос* ҳам номида мешавад (Қонуни тиб, ҷ.1, саҳ.286).

Истилоҳи анотомии *пой* дар забони тоҷикӣ зиёд корбурд дорад. Андоме аз бадан, ки бо онҳо роҳ мераванд. Дар иронии бостон pad, дар авестоӣ padha, паҳлавӣ pad [4,161].

… андар ҳар пой сӣ пора устухон аст: *устухони рон; соқ; зону; алразаъ* (ба порсӣ *гирднои зону* гӯянд); *иштоланг (пошна); сина ва кафи поймушт (устухонҳои пушти пойро ба тозӣ мушт гӯянд); ангушти пой* ва ғ. (ЗХ. –С.79).

Дандон- аз решаи авестоии dantan = дандон ва dansar = дандон дар авестоӣ ва порсии бостон dantan, аз паҳлавӣ dandan. Истилоҳи *дандон* дар забони форсӣ-тоҷикӣ серистеъмол аст.

Дандонҳо сиву ду аст: шонздаҳ рада бар савин аст ва шонздаҳ рада фурусавин ва ин ҷумла чаҳор дандон пешин аст, ду зер ва ду забар онро ба тозӣ *саноё* гӯянд. Ва аз паси он чаҳор дандони дигар аст ва аз паси ҳар яке ду зер ва ду забар, онро *рубоиёт* гӯянд. Хӯрданиҳои сахтро бишиканад, онро *неши дандон* гӯянд ва ба тозӣ *анёб* хонанд.Чаҳор забар аз ҳар сӯйи ду ва ҳама гирд аст ва сарҳои он паҳн аст ва дурушт, онро *дандонҳои осиё* гӯянд ва ба тозӣ *тавоҳин* гӯянд ва *азрос* низ гӯянд (ЗХ. –С.67).

Офаридгори таборак ва таоло бехи дандонҳои забарин аз баҳри он зиёдат кард, ки ҳама овехта ва сарнагунаст, то аз хоидан ва шикастани чизҳои сахт бими афтодан набошад (ЗХ, 57).

Муҳраҳои гардан ва пушт. Адади муҳраҳо сӣ аст ва панҷ бахш аст бахши нахуст муҳраҳои гардан аст ва адади онҳо ҳафт аст ва думи муҳраҳои пушт аст ва адади он дувоздаҳ аст ва сеюм муҳраҳои камаргоҳ аст ва ба тозӣ он ҷойгоҳро *қатн* гӯянд ва *ҳақу* гӯянд (ЗХ, 58). Ин истилоҳҳо низ – *муҳра, гардан, пушт* дар забони тоҷикӣ серистеъмоланд.

Чанбари гарданро ба тозӣ *алтарқӯҳ* гӯянд ва он ду пора устухон аст ноҳамвор ва хамида, яке аз сӯйи рост ва яке аз сӯйи чап бар сари устухонҳои сина ниҳода ва ҳар пораеро як сар ба сар устухони сина пайваста аст ва дигар сар ба сар китф ва сари устухони сина бад-ӯ пайваста аст (ЗХ. –С.76).

Гардан – форсӣ, бахше аз бадани инсон ва бархе ҷонварон, ки сарро ба тана мутассил мекунанд [3,6120]. Паҳлавии griw.

Китф – устухони китфро ба порсӣ *шона* гӯянд ва ташреҳи ӯ он аст, ки андар шонаҳои ҳама ҷонварон пайдост, аммо ниҳоди ӯ чунонаст, ки сари паҳни ӯ сӯйи ҳиҷоматгоҳ аст ва сари дигари он ҷойгоҳ аст, ба тозӣ алманкаб гӯянд ва ба порсӣ андар баъзе аз шаҳрҳои Хуросон *сафт* гӯянд ва бар ин сар мағоке аст, ки қаъри ӯ нек фурӯ рафта нест (ЗХ. –С.77). Инчунин ин истилоҳро дар забони паҳлавӣ nibeg низ меномиданд.

Узла - ар. навъе аз бофти муташаккил аз сулулҳои қобили инқибоз, ки боиси ҳаракати яке узв ё қисмате аз он мешавад [3,5033].

Узла - асли узла асаб аст ва асабро ба порсӣ *пай* гӯянд ва ин пай се навъ аст ва ҳар навъеро ба наздики табибон номе аст: *асаб, работ, ватар.*

1.Асаб – ар. пай ё торҳои борик, ки аз мағзи сар ба тамоми узвҳои бадан паҳн шудааст [1,81]. Истилоҳи «асаб» серистеъмол аст дар забони тоҷикӣ.

2.Работ - ар. аз ҷинси бофти лифӣ, ки устухонҳо ё ғузруфҳоро барои ҳифз истеҳком ва пойдорӣ мекунад [3;3580]. Дар забони тоҷикӣ ҳамчун истилоҳ истифода намешавад.

3. Ватар – аз беруни узла растааст. Ин вожа арабӣ буда, дар забони тоҷикӣ оммафаҳм нест.

Он чи мутаҳаррик аст, аз андомҳои рӯйи пешонӣ аст ва пилки чашм ва чашму лабҳо ва факки зерин ва ҷумлаи *узлаҳои рухсор*, *узлаҳои хосаи лаб, узлаҳои бинӣ, узлаҳои чашму пилки чашм, узлаҳои забон, китф, даст,узлаҳои дам задан, узлаҳои пушт, шикам, узлаҳои қазиб ва хоя, узлаҳои пой* (ЗХ. –С.91.).

Нухоъ - ар. моддаи сафедранг, ки дар даруни аррапушт ҷойгир аст; мағзи ҳаром, ҳароммағз (2,947).

Раг- тоҷ. маҷрои лӯлашакле дар аъзои бадан, ки дар он хун ва лимфа ҷорист [1;142].

Таснифи рагҳо:

1) рагҳое, ки аз ҷигар растааст;

2) аз рагҳои авҷаф (авҷаф. - ар миёнтиҳӣ, пук, дарунхолӣ [3,258], ки ба нимаи боло баромадаст;

3) рагҳои даст;

4) раги паси аҷваф;

5) рагҳои ҳалқум;

6) рагҳои занахдон;

7) рагҳои шарёни варидӣ;

8) рагҳои шарёни бузург;

9) рагҳои шарёне, ки ба сӯйи боло барояд;

10) рагҳои шарёни саботӣ.

Шараёни саботӣ - ар. ҳар як аз ду сурхраги дурушт, ки хунро ба гардан ва сар мерасонанд [3;4007].

11) рагҳои шарёне, ки ба сӯйи зер омадааст;

12) рагҳои шарёне, ки бо варид аст.

Гӯш - аз форсии миёнаи gos – форсии бостон, gausa – авестоӣ, gaosa –эронии қадим gausa. Ин истилоҳи ба ҳама маълум дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» чунин шарҳ дода шудааст: Узви шунавоии инсон ва ҳайвон, ки дар сар воқеъ аст [1,357].

Гӯш садафӣ аст, аз ғузруф ва асабу гӯшт бар сони бодбонӣ бардошта то ҳаво, ки аз қути овозҳо мутаҳаррик шавад андар ин садаф ҷамъ шавад ва танин кунад (ЗХ. –С.169.).

Даҳон – дар паҳлавӣ dahan. Дар «Фарҳанги вожагони авестоӣ» zafan =даҳон ва zafare =даҳан ва вожаи zaf =хамёза кашидан аст ва вожаи zafar= пӯз ва даҳон бо вожаи авестоии zafare як мебошад [5, 307].

Зуфон- форсӣ, завон-забон [3,3859].

Зуфон – гӯште аст нарм ва сапед ва андар вай рагҳо шарёнҳои борик аст ва бисёр аз хуни он сурхӣ андар забон падид омадааст ва андар забон гӯште аст чун ғадуде онро ба тозӣ *аллаҳм алғадуди* гӯянд (ЗХ. –С.170).

Ҳалқ –ар. ҳуфрае қифмонанд, ки бахше аз лӯлаи гувориши муҳрадорон аст ва байни даҳону мӯрӣ қарор дорад; гулӯ [3,2576]. Дар осори тиббии Сино шакли *ҳалқум* зиёдтар корбурд дорад.

Қасибаи *ҳалқ* олат андар омадан ва берун шудани ҳаво аст (ЗХ. –С.179).

Шуш – тоҷ. яке аз аъзои асосӣ дар бадани инсон ва ҳайвон, ки узви аслии нафасгирист [3,661].

Ва аҷзои *шуш* қасибаҳо аст, ки андар вай пароканда шудаст (ЗХ. –С.175).

Мурӣ – форсӣ, лӯла, бавижа лӯлаи сафолӣ [3,7474].

Аҷзои *мурӣ* гӯшт аст ва ғашо ва рагҳо, ки ғизо диҳанд (ЗХ. –С.179.)

Заҳра - зарда, яке аз ду навъи сафро [3,3917].

Сипурз - яке аз аъзои дарунии бадан, ки лӯндачаҳои хунро ҳосил мекунад, испурч (1;248). Дар осори тиббии Ибни Сино ба шакли *испурч* истифода шудааст.

Сипурз - узвест, ки дарде хун, ки хилти савдо аст бад-ӯ фурӯ полояд (ЗХ. -С.170).

Рӯда форсӣ, бахше аз лӯлаи гувориш, ки дар муҳрадорон аз боб-ул-меъда то мақъад идома дорад ва андоми асли гувориш ва ҷазби ғизо маҳсуб мешавад [3,3721].

Рӯда - олати дафъи фазла аст. Офаридгор ин олат аз шаш навъ офарид (ЗХ. –С.176).

Гурда – форсӣ, миёни душона; кул; пушт [3, 6128].

Гурда ду аст: яке сӯйи рост ва яке сӯйи чап, шакли ҳар яке чун нимдоираест (ЗХ. –С.190).

Раҳм - ар. дар забони тоҷикӣ бачадон низ мегӯянд.

Раҳм// раҳим асли офариниши олати тавлиди фарзанд аст (ЗХ. С.197).

Қарния – ар. бофти шаффоф ва беранг қисмати ҷулӯи чашм, ки бештари нақшро дар ҳамгиро кардани партавҳои нур бар чашмро бар уҳда доранд (3,5526).

Ҳадақа – форсӣ, косаи чашм [3, 2480].

Таҳол – ар. узви қуддимонанд (гирех), ки дар боло ба самти чапи ҳуфраи шикам қарор дорад ва маҳалли тахриби гулӯгулаҳои қирмизи фарсуда ва яке аз қонунҳои хунсозӣ дар даврони ҷанинӣ аст [3,4866].

Мақъад – ар. сӯрохии баромади наҷосат, матфуъ.

Қулун – ар. бахше аз рӯдаи бузург, ки дар фосилаи баёни рӯдаи кӯр ва рострӯда қарор дорад ва шомили се бахш суудӣ, уфуқӣ ва нузулӣ аст [4,5609].

Кулия – ар. ҳар як аз ду узви лубиёшакл дар пушти шикам ва поёни дандаҳо (қабурға) наздики сутуни фақароти инсон, ки кори он танзими оби бадан ва тасфияи хун аз маводи зоиде аст, ки ба сурати идрор (пешоб) дафъ мешаванд [4,5907]. Ин истилоҳ дар забони тоҷикӣ, қариб ки истифода намешавад. Гунаи ин истилоҳ яъне гурда хеле серистеъмол аст ва он дар боло шарҳ дода шуд.

Масона – ар. киссаи азулонӣ, ки пешоб ё идрор аз мизнойҳо дар он ҷамъ мешаванд [4,6683]. Дар забони тоҷикӣ ин аъзои баданро пешобдон низ меноманд, ки серистеъмол аст.

Сурин – ноҳияи азулонӣ ва нисбатан барҷаста зери тиҳигоҳ, ки нишемангоҳи инсон аст ва қисмати болоии он кафал аст [4,4177].

По// пой андоме аз бадан, ки бо онҳо роҳ мераванд. Дар Эрони бостон pad – под, дар авестоӣ padha, паҳлавӣ pad - под гӯянд.

Зуҷочия – ар. модаи желотинмонанд ва шаффофе, ки ҳуфраи ақиби адасии чашми муҳрадоронро пур мекунад [3,3828].

Хилт – ар.1. ҳар чизе, ки бо чизи дигаре омехта шудааст, таркиб, омезиш: 2. яке аз моддаҳои чоргона: хун, балғам, сафро ва савдо, ки гӯё ҳамаи бемориҳо аз онҳо сар мезадааст [2,435].

Хилт- рутубате аст андар тани мардум равон ва ҷойгоҳи табиӣ мар онро рагҳо бошад ва андомҳо, ки миёни онҳо тиҳӣ бошад, чун меъда ва ҷигар ва сипурз ва заҳра (талхадон). Ин хилт аз ғизо хезад ва баҳре аз хилтҳо нек бошад ва баҳре бад бошад. Он чи нек бошад, он аст, ки андар тани мардум дар физояд ва ба бадали он тариҳо, ки харҷ мешаванд, биистад ва хилтӣ бад он аст, ки бад-ин кор нашояд ва ин он хилт бошад, ки тан аз он пок бояд кард ба доруҳо ва хилтҳо чаҳор гуна аст: хун, балғам, сафро, савдо (ЗХ. –С.45.).

Баъди шарҳи мазмуни куллии мафҳуми хилт, Ҷурҷонӣ ба шарҳ ва таснифи ҳар як навъи хилт мепардозад:

Хун – дар паҳлавӣ хōn буда, аз вожаи авестоии vohna [4,280].

Табъи хун гарм аст ва тар ва ҳар хӯрданӣ, ки хӯрда шавад, он вақт ғизо гардад, ки хун шавад ва ғизои ростин хун аст ва хӯрданиҳоро ғизо аз баҳри он гӯянд, ки андар тани мардум хун хоҳанд шуд ва ба андомҳо хоҳанд расид ва тан аз онҳо парварда хоҳад шуд ва хун ду гуна бувад: яке сахт сурм бошад ва андаке ситабрӣ

дорад ва ин андар ҷигар бувад ва андар рагҳо, ки аз ҷигар рӯйидаанд ва ба тозӣ онро *урда* хонанд ва гунаи дувум сурм бошад ва дурахшон ва гармтар ва равонтар … ва ин андар дил бошад ва андар рагҳо, ки аз дил рустаанд ва бад-ин сабаб гармтар бошад ва ба тозӣ ин рагҳоро *шароин* гӯянд ва як рагро *шараён* гӯянд (ЗХ. –С.46).

Ҷурҷонӣ баъди муфассал шарҳ додани анвои хилт, нишонаҳо ва хусусиятҳои ҳар яки онҳо ин усулро дар мавриди шарҳ додани дигар навъҳои хилт - балғам, сафро ва савдо низ ба кор бурда, зимнан, ҳар кадоми онҳоро ба табиӣ ва нотабиӣ ҷудо мекунад.

Хулоса, истилоҳоти ифодакунандаи аъзо ва моддаҳои таркиби бадан дар «Захираи Хоразмшоҳӣ»-и Исмоили Ҷурчонӣ чӣ бо вожаҳои тоҷикӣ ва чӣ бо иқтибосӣ бамаврид корбаст шуда, худи муаллиф низ дар шарҳу эзоҳи ин вожаҳо аз услуби илмӣ хуб истифода бурдааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Фарҳанги забони тоҷикӣ/ С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, Мизо Ҳасани Султон – Душанбе, 2008. –Ҷ.1– 949 с.
2. Фарҳанги забони тоҷикӣ/ С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, Мизо Ҳасани Султон. – Душанбе, 2008. –Ҷ.2. – 949 с.
3. Фарҳанги бузурги сухан/ Мураттиб Ҳасан Анварӣ. –Теҳрон: Сухан, 1381 ҳ.
4. Фарҳанги порсӣ ва решаёбии вожагон/ Мустафо Пошанг. – Теҳрон, 1377.
5. Фарҳанги вожаҳои авестоӣ/ Мураттиб Эҳсон Баҳромӣ.– Теҳрон, 1369 – Ҷ.3.
6. Фарҳанги васити арабӣ-тоҷикӣ/ Тартибдиҳанда С. Сулаймонов.– Душанбе, 2008. – 1140 с.
7. Додихудоев Р.Х. Таърихи забони тоҷикӣ/ Р.Х.Додихудоев, Л.Г. Герценберг.– Душанбе: Маориф, 1988. –200 с.
8. Қосимова М. Н. Истилоҳоти қадимаи тоҷикӣ (маълумоти мухтасар)/ М. Н.Қосимова. – Душанбе: Сино, 2007.
9. Назарзода С. Забон ва истилоҳот (Андешаҳо дар атрофи забони тоҷикӣ ва ташаккули истилоҳот)/ С. Назарзода. – Душанбе: Дониш, 2003.
10. Саймиддинов Д. Вожашиносии забони форсии миёна/ Д.Саймиддинов. – Душанбе, 2001. – 400 с.

ТЕРМИНОЛОГИЯ ОТНОСИТЕЛЬНО ЧАСТЕЙ ТЕЛА И ЧЕЛОВЕЧЕСКИХ ВНУТРЕННОСТЕЙ В КНИГЕ ИСМАИЛА ДЖУРДЖАНИ «СОКРОВИЩНИЦА ХОРЕЗМШАХА»

Книга Исмаила Джурджани «Сокровищница Хорезмшаха» является одним из самых лучших энциклопедических трудов по теоретической и практической медицине. Ввиду того, что эта книга написана на классическом персидско-таджикском языке, она имеет большее значение. Особенно, изучение медицинской терминологии «Сокровищницы Хорезмшаха», её лингвистических и функциональных особенностей, а также уникальных методов создания, выбора, заимствования и применения терминов, использованных автором этой книги, имеет огромное теоретическое и практическое значение не только для таджикской лингвистики и терминоведения, так же и для развития языка и терминологии современной таджикской медицины.

Ключевые слова: книга Исмаила Джурджани «Сокровищница Хорезмшаха», изучение медицинской терминологии, заимствование и применение терминов, терминология частей тела.

TERMINOLOGY CONCERNING PARTS OF THE BODY AND HUMAN INTERIORS IN ISMAIL DZHURDZHANI'S BOOK "HOREZMSHAKH'S TREASURY"

Ismail Dzhurdzhani's book "Horezmshakh's Treasury" is one of the best encyclopedic works on theoretical and applied medicine. In view of the fact that this book is written in classic Persian-Tajik language, it has bigger value. Especially, studying of medical terminology of "Horezmshakh's Treasury", its linguistic and functional features, and also unique methods of creation, a choice, loan and application of the terms used by the author of this book, has huge theoretical and practical value not only for the Tajik linguistics and a terminovedeniye, as and for development of language and terminology of modern Tajik medicine.

Key words: Ismail Dzhurdzhani's book "Horezmshakh's Treasury", studying of medical terminology, loan and application of terms, terminology of parts of a body.

Сведения об авторе: ***Ш. Хаитова*** **–** докторант Таджикского нацоонального университета.
Телефон: **(+992) 918 12 39 80**

ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВИИ МУРОДИФОТИ ИСМҲОИ МАЪНӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ
(дар заминаи «Ёддоштҳо»-и С.Айнӣ)

Т. Р. Назриев
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Вазифаи дақиқ намудани маънии калима ва истифодаи дурусти он муҳимтарин вазифаи семантикии синонимҳо мебошад, ки он барои ошкор сохтан ва ифшо намудани тарафҳои гуногун - хосиятҳо, аломатҳои хоси ашё ва падидаи муайян, воқеияти ифодашаванда истифода мешавад. Дар баробари ин дақиқ баён кардан умуман, яке аз вазифаҳои аслии семантикии забон аст. Ин вазифа аз ҳама бештар дар ҳудуди як ҷумла, дар ҳолати наздик ва дар муносибати маъноиву робита ҷойгир шудани калимаҳои гуногуни таркиби матн ва ҷумла амалӣ мешавад.

Масъалаи омӯзиши муродифоти исм дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ басо доманадор ва густурда мебошад. Аз ин рӯ, таҳқиқ ва таҳлили онҳо дар заминаи як асари бадеӣ ва тарҷумаи он мувофиқи матлаб мебошад. Асари «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ, албатта, чандин маротиба бо забонҳои гуногуни дунё тарҷума ва нашр шудааст, аммо афзалияти тарҷумаи мазкур аз он иборат аст, ки он тарҷумаи бевосита аст ва метавонад бисёр паҳлӯҳои маъногии калимаҳои синонимии ду забонро ошкор созад.

«Аслан, тарҷума на танҳо қаробати ду системаи забонӣ, балки қаробати ду фарҳанги гуногун аст. Дар бисёр мавридҳо ин нуқтаро бе донистани далелҳо ва падидаҳои ғайризабонӣ, ки ба таърих, ҷуғрофия, этнография, маданияти халқи мазкур алоқамандӣ доранд, фаҳмидан мумкин нест. Аз ин рӯ, аз тарҷумон донистани на танҳо забон, балки таъриху фарҳанг, адабиёт ва рӯҳи ҳамон халқ талаб карда мешавад» [5,148]. Ҳамин ҳолат дар тарҷумаи асари «Ёддоштҳо» пеш аз ҳама, бар он мусоидат мекунад, ки муродифоти забонҳои мавриди омӯзиш аз рӯйи гурӯҳҳои интихобнамудаи мо зери таҳқиқи амиқи маъноӣ қарор гиранд ва тафовуту монандӣ, хусусиятҳои хоси муродифоти исмҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, мувофиқати маъноии калимаҳои синонимии муқоисашаванда муайян гарданд. Илова бар ин, дар рафти тадқиқот пайдо шудан ва истифода намудани муодили муродифоти тоҷикӣ дар забони англисӣ дар матн аз тарафи тарҷумонҳо ошкор ва омӯхта мешавад, ки ин амал ҳам дар навбати худ дар амалӣ намудани таҳлили муқоисавӣ аз манфиат холӣ нест.

Мусаллам аст, ки тарҷумаи вожа ё калима аз кӯшиши дар забони тарҷумашаванда ёфтани вожаи ҳаммаънои он оғоз мешавад ва таҳлилҳо ҳам нишон медиҳанд, ки аксарияти калимаҳои забони тоҷикӣ ва ё англисӣ вожаҳои ҳаммаънои худро дар ҳарду забон доранд. Аз ин нуқта, таҳқиқи муқоисавӣ-семантикии муродифот дар заминаи «Ёддоштҳо»-и устод С.Айнӣ метавонад, ки паҳлӯҳои гуногуни маъноии муродифоти исмро дар забонҳои муқоисашаванда баррасӣ намояд ва ба ин восита дар таҳким ва мустаҳкам намудани хазинаи луғавӣ саҳмгузор бошад. Тарҷумаи бевоситаи асари «Ёддоштҳо» дар соли 1998 аз тарафи Ҷон Перрӣ ва Рашил Лер иҷро шуда, теъдоди 5000 нусха нашр шудааст.

Таҳқиқот ва омӯзишҳо нишон медиҳанд, ки дар асари «Ёддоштҳо»-и устод С.Айнӣ исмҳои маънӣ ё худ абстракт хеле зиёд мавриди истифода қарор гирифтаанд ва муродифоти он низ дар ин баробар дар асар ба таври назаррас корбаст гардидаанд.

Маълум аст, ки исмҳои маънӣ дар ифодаи амал, хислат, сифат, ҳолат мавриди истифода қарор мегиранд. Забоншинос М.Муҳаммадиев дар ҳамин мавзӯъ оид ба чанд хусусиятҳои исмҳои маънӣ дар забони тоҷикӣ ақидаронӣ карда, аз ҷумла қайд менамояд, ки «ин гуна калимаҳо асосан ба маънои аслии худ омада, ба маънои маҷозӣ кор фармуда намешаванд ва ниҳоят кам меоянд. Хусусияти дигари чунин исмҳо аз он иборат аст, ки хеле кам дар шумораи ҷамъ меоянд» [7,162].

Дар ҳақиқат, мушоҳида мешавад, ки исмҳои маънӣ дар забон асосан дар ифодаи чунин амалҳо меоянд: а) сифат ва хусусият (кушодадилӣ (искренность, ясность); б) ҳолати рӯҳӣ ва ҷисмонӣ (хоб (сон), оромӣ (тишина), тарс, ҳарос (страх), ишқ, муҳаббат (любов); в) амал ва протсесс (давиш (бег), равиш (ход); г) этикет

(саломуалейк (приветствие), хайрухуш (прощание); д) мавҳумҳои илмӣ (диалектика, сюжет). Дар аксар маврид ин гурӯҳи исмҳо дар шакли танҳо истифода мешаванд тоқат, сабр (терпение), дар шумораи ҷамъ нисбатан камтар ба назар мерасанд.

Калимаҳои **фоида, манфиат, суд, нафъ** дар забони тоҷикӣ муродифи ҳамдигар ба шумор рафта, ба гурӯҳи исмҳои маънӣ дохил мешаванд. Ба ин гурӯҳи синонимҳо дар забони англисӣ вожаҳои **profit-advantage, benefit, earnings, gain, interest, percentage, return, winnings**- ро дохил кардан мумкин аст. Вожаҳои мазкур дар забони тоҷикӣ ба ҳамдигар алоқаи наздики маъноӣ дошта, мушоҳида мешавад, ки дар матн махсусан дар асари «Ёддоштҳо» тавонистаанд, ки дар ивази пурраи маъно корбаст гарданд ва нависанда аз такрори доимии як калима худдорӣ намояд:

Ман як кор карда омадам, намедонам ***фоида*** *медиҳад ё не (2.1,78). ~ I have done something- I don't know wether it will work or not (2.2,90). Ин аҳвол холисона, ба умеди* ***манфиат*** *расонида ҳам ба халқ ва ҳам ба давлат ба ҷаноби олӣ арз карда шуд (2.1,78). ~ The situation has been brought to Your Highness notice purely in hopes of* ***benefiting*** *both people and state (2.2,91).*

Амир баъд аз хондани ин ариза бояд ягон чора бинад, чунки ***фоидаш*** *худаш аст (2.1,78). ~ …the emir will have to do something about it, since its in his own* ***interest*** *(2.2,91). …нафъи бойро* ***нафъи*** *худ, зарари бойро* ***зарари*** *худ донистааст (2.1,46). ~ …the rich man's* ***profits*** *and losses were his own (2.2,62). Шумо гумон накунед, ки* ***фоидаш*** *бунак барои коркунон танҳо ҳамин аст(2.1,120). ~ Don't imagine that the only* ***benefit*** *of the advance is to enable them to play with their fireworks (2.2,126)* ***Фоидаш*** *асосии бунак дар ин аст, ки коркунон ба ин восита ба як корхона баста мешаванд (2.1,120). ~ The basic* ***benefit*** *is that it ties the workers to the one pottery (2.2,126).*

Модарам ана аз ҳамин ҳаваси аз ҳад зиёди ман барои рӯза дорондани ман ***фоида*** *бурдан хоста ба ман гуфт…(2.1,116). ~ My mother decided* ***to make use of*** *this inordinate desire of mine in order to get me to fast (2.2,123).*

Намунаҳои боло нишон медиҳанд, ки ҳамаи муродифоти вожаи **фоида** муқобили маънои калимаи зарар баромад мекунанд.

Вожаи **фоида** аслан дар забони тоҷикӣ бо чунин маъноҳо меояд: 1). суд, нафъ, манфиат; 2). *иқт.* баҳрае, ки қарздиҳанда аз қарзгиранда изофа мегирад, рибо, суд; **фоидаи пул** маблағе, ки суддиҳанда аз судгиранда меситонад, рибо; **фоида бахшидан,** нафъ расондан; судманд шудан; **фоида бурдан** истифода кардан, манфиатдор шудан; фоида дидан нафъ бурдан, фоидаманд шудан; **фоидаи худро дидан** дар коре манфиати худро ба назар гирифтан, ба эътибори нафъи худ кореро анҷом додан; **фоида дидан** *ниг.* **фоида бахшидан**; **ба фоида додан** маблағеро ба касе бо изофаи суд ба қарз додан; **фоида доштан** нофеъ будан, судманд будан; **фоида кардан** суд бахшидан, манфиат расондан, нафъ дидан; **ба фоида мондан** (маблағеро) *ниг.* **ба фоида додан**; **фоидаи** *касе* **ба** *касе* **расидан** барои касе аз ягон ҷиҳат нафърасон будан; расидани нафъ ба касе; **фоида расондан** барои коре нофеъ ва судманд будан; **аз фоида холӣ набудан** фоиданок будан, фоидае доштан, бенафъ набудан [13, 421].

Омӯзишҳо ва шарҳи фарҳангҳо далолат бар он мекунад, ки муродифоти калимаи **фоида** дар забони тоҷикӣ нисбат ба забони англисӣ хусусияти комили ҷойивазкунандагиро зоҳир менамоянд, аммо дар забони англисӣ ин хусусият каме дигаргун аст. Муродифоти вожаи **profit-фоида** дар забони англисӣ агарчанде дар як гурӯҳи синонимӣ ҷой гиранд ҳам, тобишҳои гуногуни маъноиро зоҳир менамоянд. Масалан, **profit (фоида, даромад); advantage (бартарӣ, манфиат), benefit (фоида, нафъ), interest (фоида, манфиат), return (даромад, фоида асосан дар муомилаи иқтисодӣ- earnings, percentage, gain, return, winnings)** (14,139). Дар тақвияти ҳамин андешаҳо чанд намуна барои муқоиса меоварем: *I can't see any* ***profit*** *in continuing this dispute (14,289). ~ Ман дар идома додани ин баҳс ягон* ***суде*** *намебинам. It doesn't* ***profit*** *you to say bad thing about others (14, 289) ~ Суханҳои бад гуфтан нисбат ба дигарон ба шумо* ***суде*** *намебахшад.- Marrying the boss's daughter was to his* ***advantage****, for he has been made president (14,8). ~ Хонадор шудан ба духтари корфармо ба ӯ барои роҳбар шуданаш* ***манфиат*** *оварда …the emir will have to do something about it, since its in his own* ***interest*** *(91 р). ~ Амир баъд аз хондани ин ариза бояд ягон чора бинад, чунки* ***фоидаш*** *худаш аст (2.1,78).*

Мушоҳида мешавад, ки дар гурӯҳи синонимҳои мазкур вожаҳои **фоида, манфиат, суд, нафъ** дар забони тоҷикӣ дар матн дар ҷойивазкунандагии ҳамдигар омада метавонанд, аммо ин хусусият дар забони англисӣ на бо ҳамаи муродифоти он

зоҳир мешавад, яъне муродифоти калимаи **profit-фоида** дар забони англисӣ дар баробари ифодаи ҳамин маъно тобишҳои иловагӣ доранд, ки ҳар яке мавқеъ ва мавриди истифодаи худро доранд, аммо ин вожаҳо дар забонҳои мавриди таҳқиқ дар гурӯҳи худ нисбат ба дигарон бартарӣ доранд, ки дар матн синонимҳои худро ба осонӣ иваз карда метавонанд. Намунаҳои дар боло овардашуда низ ба ҳамин андеша далолат мекунанд.

Дар забони тоҷикӣ вожаҳои **шарм, хиҷолат, ҳаё** аз лиҳози маънӣ ба ҳамдигар хеле наздик буда, дар ифодаи ҳолати шахс меоянд. Вожаҳои **шарм** ва **хиҷолат** дар ин робита дар матн тез-тез метавонанд, ки дар ивази ҳамдигар истифода шаванд, аммо вожаи **ҳаё** нисбатан камистеъмол аст ё ин ки дар ифодаи **шарму ҳаё** корбаст мегардад: *Баъд аз он ки чойнӯшон аз **шарм**, ё бо далолати якдигар….як чиз-як чиз доданд (2.1,124). ~When the customers had been **shamed** or bullied into giving something, either by the persistent barker…(2.2,130).*

*Ӯ ҳанӯз гиря мекард ва маро дида аз шарм бояд бошад, хомӯш гардид (2.1,126). ~ He was still crying but, presumably **ashamed**, stopped when he saw me (2.2,131).*

Ифодаи ҳамин маъно дар забони англисӣ асосан бо вожаҳои **shame - embarrassment** меоянд, ки ҳам дар тарҷумаи «Ёддоштҳо»-и устод С.Айнӣ вомехӯрад ва ҳам шарҳи фарҳангҳои гуногуни синонимии забони англисӣ бар он далолат мекунанд. Дар аксари фарҳангҳо муродифоти зерини ҳамин вожаҳо пешниҳод шудаанд: **shame (шарм), embarrassment (нороҳатӣ, хиҷолат); humiliation (таҳқир, шармсорӣ)**: *A feeling of **shame** came over me when I realized that Suzie had overhead me talking about her sister (14, 338). …лекин аз **тарси** падар ва **шарми** шикастабанд ман худдорӣ кардам ва дод нагуфтам (2.1,145).*

Мушоҳида мешавад, ки муродифоти вожаҳои боло дар забони тоҷикӣ нисбат ба забони англисӣ доираи васеътари истифода доранд, яъне имконияти бештареро дар иваз ва ифодаи ҳамон як маънӣ доранд, аммо ин хусусиятро муродифоти вожаҳои забони англисӣ дошта наметавонанд. Муродифоти вожаи **shame (шарм),** ки болотар зикр шуданд, тобишҳои иловагии маъноӣ доранд, ки намегузоранд бар ивази пурраи ҳамдигар оянд. Агарчанде онҳо дар ифодаи **шарм** оянд ҳам, вале ҳолатҳои гуногуни ҳамин ифодаро дар назар доранд.

Дар ин робита дар забони тоҷикӣ вожаҳои **номус, ор** низ истифода мешаванд, ки дар баробари истифода шудан дар ифодаи маънои боло асосан дар ифодаи **шараф, обрӯ, некномӣ** меоянд: *Истам-хархӯр бошад, дар газаб омада, «ба ман **ор** аст, ки бо ҳамин бачаи ашкӣ гарав бандам» ва… (2.1,132).*

Вожаҳои **осоиш-осудагӣ, хомӯшӣ, оромӣ, сукунат, тинҷӣ** асосан дар ифодаи чунин маъноҳо меояд:1). мавҷуд набудани овоз, ҳаракат; 2). мавҷуд набудани бетартибиҳои ҷамъиятӣ, ҳаяҷон; ҳаёти ором; 3). ҳолати оромии рӯҳӣ; 4). тавозун дар хислат: дар оромӣ кор кардан, хомӯшии том, оромии шаб, дар атроф сукунат ҳукмфармо будан. Ифодаи ҳамин маъниро дар забони англисӣ дар калимаҳои **calm**, **calmness, stillness, serenity, quiet** пайдо кардан мумкин аст: *Аҳволи падарат хеле сахт аст, аммо… худро ором нигоҳ медорад (2.1,160). ~Your father's condition is very grave, but he is staying **calm** (2.2,167). Ин **ороми** абадии ӯ буд (2.1,170). ~ …then he was **still** forever (2.2,166).*

Мушоҳида мешавад, ки дар забони англисӣ муродифоти ин вожаҳо асосан дар заминаи истифодаи суффиксҳои исмсоз ба миён омадаанд ва дар баробари ифодаи ҳамон як маъно тобишҳои иловагиро низ доранд. Масалан, агар калимаҳои **calm**, **calmness, stillness** алоқаи хеле наздики маъноиро дошта бошанд дар ин миён вожаи **serenity** тобиши андаки дигаргуни маъноиро зоҳир менамояд. Масалан**, serenity (тозагӣ, покӣ, оромӣ - ҳаво, осмон ва ғ.):** *No breath disturbed the perfect serenity of the night. — Ҳеҷ чиз оромии комили шабро халалдор намекард [6,34].* Дар чунин маъно истифода шудан бар он далолат мекунад, ки на ҳамеша вожаи мазкур метавонад дар ифодаи маъноҳои муродифҳои боло корбаст гардад. Дар ин баробар дар забони англисӣ вожаҳои ***peace, quiet*** низ дар ҳамин гурӯҳи муродифот меоянд.

Дар тарҷумаи асари «Ёддоштҳо»-и устод С.Айни мушоҳида мешавад, ки дар аксар маврид вожаҳои мазкур дар тарҷумаи англисӣ наомадаанд, зеро усулҳои гуногуни тарҷума ва истифодаи ифодаҳои дигар тавонистаанд, ки дар ифодаи ҳамин маъно кӯмак расонанд, махсусан усули конверсияи матн ва ғайраҳо: *Аммо он сол дар музофоти Бухоро аҳволе рӯй дод, ки на танҳо умеди падарам ва **осоиши** мо барбод рафт, балки **осудагӣ** ва ҳаёти ҳама зеру забар шуд (2.1,167). ~But that year something*

intervened that was not only to shatter my father's hopes and our ***peace of mind,*** *but disrupt the lives of everyone in Bukhara province (2.2,164).*

Вожаҳои **андеша, фикр, хаёл, мулоҳиза** аз зумраи муродифоти як гурӯҳи синонимӣ ҳастанд, ки дар асари мавриди омӯзиш корбаст гардидаанд. Онҳо асосан дар ифодаи раванди фикрронӣ, нуқтаи назари касе ба чизе, муносибат ба касе ё чизе меоянд, аммо дар ин баробар дар забони тоҷикӣ вожаҳои **тааммул, тафаккур, мафкура, ғоя** низ метавонанд дар ифодаи маънои боло корбаст гарданд. Масалан, дар ифодаҳои **ғояи асосии асар, ба фикри ман, дар ин кор мулоҳиза лозим, андешаи ӯ дар ин кор**.

Дар забони англисӣ ифодаи маънои болоро дар вожаҳои **concept** (ақида, фикр), **idea** (фикр, ақида, андеша, тасаввур), **belief** (ақида, эътиқод, имон) **opinion** (нуқтаи назар) мушоҳида кардан мумкин аст. Дар ин гурӯҳ вожаи **thought-фикр, андеша, афкор, хаёл, назар, тафаккур** ҳамчун сарсилсила меояд ва нисбат ба дигарон серистеъмол аст. Бояд таъкид кард, ки дар ин гурӯҳ вожаи **belief** (ақида, эътиқод, имон) бештар дар матнҳои динӣ дар ифодаи **эътиқод, ақида, андеша** меояд: *Дар* ***фикр*** *ва* ***ақидаашон*** *дар ҳаққи одамон ҳам ҳар ду як буданд (2.1,69). ~They* ***thought*** *alike and shared the same attitude toward others (2.2,82). Ин суҳбат барои* ***ҳаёт*** *ва* ***фикри*** *ман таъсири бузург кард (2.1,107). ~This observation was to have a strong influence on my subsequent life and* ***thought*** *(2.2,115).*

… Ман бо ҳамин **мулоҳаза** таклифи падарро бо хурсандӣ қабул кардам (2.1,110). *~ With these thoughts I gladly accepted my father's suggestion (2.2,117). Ятим бо шунидани ин* ***ҳиллаҳои*** *шаръии имом аввал оташин шуда бошад ҳам,* ***фикре*** *ба хотираш расида, худашро оромиш додаст (2.1,50). ~At first when the orphan heard the imam's legal finagling he was very angry, but then his gave him a new* ***idea*** *(2.2,66).*

Вожаҳои **шак, шубҳа, гумон** барои ифода намудани нобоварӣ ба дурустии чизе, имконияти коре, чизе истифода мешаванд. Дар забони тоҷикӣ мушоҳида мешавад, ки дар ифодаи ҳамин маънӣ агарчанде дар маъно онҳо баробар ба шумор раванд ҳам, вожаи **шубҳа** нисбатан бештар мавриди истифода қарор мегирад. Вожаи **гумон** дар баробари ба ҳамин гурӯҳи синонимҳо дохил шуданаш боз тобишҳои маъноиро зоҳир менамояд. Он метавонад дар ифодаи фарз, пиндошт, хаёл истифода гардад: *Бо ин эзоҳи Иброҳимхоҷа* ***шубҳа*** *ва ҳайрати ман дар бораи ҷавонмардӣ ва сахигии ӯ ҳанӯз бартараф нашуда буд (2.1,123). ~This esplanation did not entirely allay my* ***debts*** *about Ibrohim Khoja's uncharacteristic generosity…(2.2,129). …дар бораи* ***имконияти шоир*** *шудан бе «валӣ» будан дар дили ман ҳеҷ* ***шубҳае*** *намонда буд (2.1,108). ~ I was* ***delighted to learn****…but also that it was possible to be a poet without being a saint (2.2,116).*

Дар забони англисӣ дар ифодаи ҳамин маъноҳо асосан вожаи **doubt, шак, шубҳа, гумон** истифода мешавад, аммо бо такя бо шарҳи фарҳангҳои синонимии забони англисӣ метавон муродифоти онро бо чунин тарз пешниҳод намуд: **doubt – uncertainly** (номуайян, нофаҳмо, шубҳанок); **indecision** (дудилагӣ, нобоварӣ, шубҳа), **misgiving** (шубҳа, гумони ноҷо); **disbelief** (нобоварӣ, шак). *I have no doubts about the truth of your story of being brought up by wolves (14,116) ~ Ман оид ба ҳикояи аз тарафи гургон тарбия ёфтанатон шубҳае надорам .*

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар забони англисӣ на ҳамаи муродифоти ин гурӯҳ қобилияти ҷойивазкунандагии ҳамдигарро доранд, ки ин хусусият, ҳатто, дар тарҷумаи «Ёддоштҳо» низ эҳсос мешавад. Агарчанде онҳо дар як гурӯҳи синонимӣ ҷой дода шудаанд, аммо дар матн мавқеи муайяни худро доранд. Албатта, муайян аст, ки заминаи ба вуҷуд омадани онҳо префиксҳои инкорӣ шудаанд ва мусаллам аст, ки дар ифодаи маъно асосан маънои асосии калимаи истифодашаванда нақш мебозад. Ҳамин хусусият дар забони тоҷикӣ дида намешавад ва муродифоти ин гурӯҳ қариб, ки ҳамеша метавонанд ҳамдигарро ба осонӣ иваз намоянд (ғайр аз вожаи **гумон**).

Дар асари «Ёддоштҳо»-и устод С.Айнӣ вожаҳои **мақсад, ният, мурод, матлаб** мавриди истифода қарор гирифтаанд, ки метавонанд дар ифодаи маъноҳои ба ҳамдигар наздик оянд. Аслан, дар ҳамин гурӯҳи синонимҳо М.Муҳаммадиев вожаҳои «***муддао, мақсад, мурод, ком, ният, орзу, умедро*** пешниҳод намудааст [7,166]. Аз калимаҳои зикршуда дар забони адабии тоҷик калимаи **мақсад** аз ҷиҳати маъно ва андозаи истеъмол нисбат ба синонимҳои худ васеътар ва пурратар аст. Калимаҳои **муддао, ният, мурод, орзӯ, умед** чӣ дар забони адабии китобатӣ ва чӣ дар забони

адабии гуфтугуйи дар истеъмолбуда калимаи **ком** то андозае маҳдуд гардидааст [7,166].

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар ифодаи ҳамин маъно вожаи **матлаб** низ корбаст мегардад, вале дар ин баробар тобишҳои маъноӣ дорад. Вожаи **ҳадаф** дар маънои маҷозиаш дар ифодаи **мақсад, маром** истифода мешавад [13,498]: *Ин дафъа тапончаи мо нақафида, **матлаб** ҳосил шуд (2.1,174). ~ …and this time **he achieved the desired result** (2.2,172).*

Мушоҳида мешавад, ки фарҳангҳои синонимӣ илова ба гуфтаҳои боло вожаҳои зеринро дар қатори синонимҳои калимаи **мақсад** ҷой медиҳанд: **мақсад, матлаб, маром, мақсуд, ният, қасд**. Масалан: **мақсад, олӣ, матлаби ман, нияти нек, қасди бад** ва ғ. [9,206].

Дар забони англисӣ дар ифодаи ҳамин маънӣ вожаҳои **aim- мақсад, матлаб, маром, мақсуд, ният, қасд- purpose, goal, target, object, objective** [14,11] истифода мегарданд. Мушоҳида мешавад, ки ин гурӯҳи синонимҳо дар забони англисӣ нисбатан дар ҷойивазкунандагӣ мувофиқтаранд. Масалан, дар ифодаҳои **the main aim, the main purpose, the main objective, the mail goal** – мақсади асосӣ, ҳадафи асосӣ. Бояд зикр кард, ки дар тарҷумаи асари «Ёддоштҳо» низ ҳамин хусусияти ин вожаҳо эҳсос мешавад: *Weather one is an outrider for the emir's officers, or…**the purpose** is to get a regular ration of bread for one's belly (2.2,138). ~ Одам хоҳ сипоҳигарӣ кунад, хоҳ эшонӣ ва дуохонӣ **мақсад** як лаб нони бемеҳнат ёфта, шикам сер кардан аст (2.1,134). **Мақсади** ӯ танқид кардани Мулло Бобоҷон набуд, чунки ӯ бо сабаби қашшоқӣ имконияти дар мадраса таҳсил кардан надошт (2.1,15). ~ My father's **purpose** was obvious: no so much to criticize Mullo Bobojon, who because of poverty had no means to persevere at the madrasa,…(2.2,36).*

Умуман, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки роҳу воситаҳои калимасозӣ дар ташкил ёфтани синонимҳо мавқеи муайян доранд. Аксари исмҳои маънӣ калимаҳое мебошанд, ки аз феълҳо ва ё сифатҳо таркиб ёфтаанд ва онҳо дар ташкили синонимҳои мураккаб замина мегузоранд. Исмҳои маънӣ дар забони тоҷикӣ аз ин восита ба забони англисӣ монандӣ доранд. Фаъол ва серистеъмол будани ин гуна воситаҳо дар ташкили синонимҳои исмҳои маънӣ дар забони тоҷикӣ хеле кам мушоҳида мешаванд, аммо дар забони англисӣ ин амал андаке дигаргун аст. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки агар дар забони тоҷикӣ дар ин робита истифодаи суффикси-ӣ, -гӣ бештар ба назар ояд, дар забони англисӣ ҳамин вазифаро аксари суффиксҳои исмсоз ба сомон мерасонанд, ки хусусияти фарқкунандагиро нисбат ба забони тоҷикӣ зоҳир менамояд, ба монанди: -er, -ness, -ment, -ship, -ity, -or, -er, масалан, brotherhood, friendship, kindness - дустӣ, бародарӣ, меҳрубонӣ.

Гурӯҳи дигари исмҳои маънӣ ва муродифоти онҳо аз исмҳои шаклан сода таркиб ёфтаанд: қувва (сила), ирода (воля), ғам (горе), ақл (ум) ва ғ. Бояд зикр кард, ки дар асари «Ёддоштҳо»-и устод С.Айнӣ маҳз ҳамин гурӯҳи исмҳои маънӣ ва муродифоти онҳо бештар ба назар мерасанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Виноградов В.А. Лексикология английского языка/ В.А. Виноградов. –М.: Наука, 1977. – 312 с.
2. Капранов В.А. Луғати мухтасари русӣ-тоҷикӣ ва тоҷикӣ-русии синонимҳо/ В.А.Капранов, А.Х.Николаев, А.Х.Халилов. – Душанбе: Маориф, 1985, – 319 с.
3. Каращук П.М. Словообразование английского языка/ П.М.Каращук. – М.: Высш. школа, 1977. – 303 с.
4. Камолиддинов Б. Хусусияти услубии сарфу наҳви забони тоҷикӣ/ Б.Камолиддинов. – Душанбе: Маориф, 1992. – 123 с.
5. Камолиддинов Б. Нависанда ва иқтибоси калима //Сухандонон сухан санҷида гӯянд. – Душанбе, 2005.-148 с.
6. Мамадназаров А. Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ/ А.Мамадназаров. – Душанбе: Саҳбо, 2007. –1080 с.
7. Муҳаммадиев М. Синонимҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷик/ М.Муҳаммадиев. – Душанбе, 1962. –162 с.
8. Маҷидов Ҳ. Омезиши маъноии луғавӣ/ Ҳ.Маҷидов // Маърифат. – 1977. – № 9-12. –С.7-9.
9. Норматов М. Муқаддимаи забоншиносӣ/ М.Норматов. – Душанбе: Маориф, 1995. -176 с.
10. Рустамов Ш. Калимасозии исм дар забони адабии тоҷик/ Ш.Рустамов. – Душанбе: Дониш, -1981. С.93.
11. Туйгунов Н.Х. Некоторые особенности синонимов в таджикском и английском языках/ Н.Х. Туйгунов. – Вестник ТНУ. – 2011. –№10/74. – С. 346.
12. Фарҳанги забони тоҷикӣ /дар зери таҳрири М.Ш. Шукуров, В.А. Капранов, Р. Ҳошим, Н.А. Маъсумӣ. – М: Советская Энциклопедия,1969. –Ҷ.1. –951 с.
13. Фарҳанги забони тоҷикӣ /дар зери таҳрири М.Ш. Шукуров, В.А. Капранов, Р. Ҳошим, Н.А.

Маъсумӣ. – М: Советская Энциклопедия,1969.-Ч.2.-949 с.
14. Laurence Urdang. Dictionary of synonyms and antonyms/ Laurence Urdang. –USA, 1985. – 441p.
2. 1. Айнӣ С. Ёддоштҳо/ С. Айнӣ.– Душанбе: Адиб, 1990. – Ҷ.1. –352 с.
2. 2 J. Perry., Rachel Lehr. The sands of Oxus (Reminiscences)/ J. Perry., Rachel Lehr. – Mazda publisher, Costa Mesa, California, 1998.– 275 p.

СРАВНИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ СИНОНИМОВ АБСТРАКНЫХ СУЩЕСТВИТЕЛЬНЫХ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ
(НА ОСНОВЕ ПРОИЗВЕДЕНИЯ «ВОСПОМИНАНИЕ» С. АЙНИ)

В статье анализируются синонимы абстрактных существительных в таджикском и английском языках на материале произведения основоположника современной таджикской литературы - С.Айни. В ней автор уделяет особое внимание на наличие соответствий в значениях между синонимами английского и таджикского языков.

Ключевие слова: синонимы, лексика, семантика, значение, полное соответствие, соответствие, сравнение, стилистические особенности.

COMPARATIVE ANALYSIS OF THE SYNONYMS OF ABSTRUCT NOUNS IN ENGLISH AND TAJIK LANGUAGES
(ON THE BASIS OF "REMINISCENCES" OF S.AYNI").

The article analyses the synonyms of abstract nouns in English and Tajik languages on the basis of the materials from S. Ayni's works. The author gives consideration to perfect equivalence of the meaning of the words-synonyms in English and Tajik languages.

Key words: synonyms, perfect equivalence, equivalence, comparison, stylistic peculiarity.

Сведения об авторе: ***Назриев Т.Р.*** **-** аспирант общеуниверситетской кафедры английского языка Таджикского национального университета. Телефон: **(+992)918-99-28-59**

НОМҲОИ ЗАНОНА ДАР «ШОҲНОМА»-И АБУЛҚОСИМ ФИРДАВСӢ

Сомон Қурбонмамадов
Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев

Маълум аст, ки дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ размоварию набарду майдони ҷанг ва қаҳрамонии паҳлавонон хеле зиёд тасвир шудааст. Вале дар баробари паҳлавонон Ҳакими Тӯс аз номҳои занона низ ёдовар шудааст, ки онҳо бархе агар ҳамчун модар тасвир шудаанд, бархеи дигар чун ҳамсарони вафодори шоҳону паҳлавонон, баъзеҳо агар чун канизак ба қалам дода шуда бошанд, иддаи дигар чун паҳлавонони баору номус мавриди истифода қарор гирифтаанд. Умуман доираи амалиёти занон низ дар «Шоҳнома» васеъ буда, як қисмати муайянеро ташкил додаанд. Шоир некӯтарин анъанаҳои мардумиро бо роҳи офаридани образи зан-модар босамар идома дода, онҳоро аз ҳама ҷиҳат пурраву мукаммал сохт.

Ҳангоми баррасии мавқеи зан дар ин асар, аз як тараф агар аз муносибати шоир нисбати зан огоҳӣ ёбем, аз тарафи дигар тавассути афсонаҳои пешин ва ривоёти куҳнатарин достонҳои «Шоҳнома» аз арҷмандии зан дар онҳо ва оқибат бо чигунагии муносибати ҷомеаи муосири Фирдавсӣ аз зан бохабар мешавем. Аз эҳтимол дур нест, ки Фирдавсӣ зимни офариниши нақши занон эҳтиёткорона ва батафсил анъанаҳои куҳанро риоя карда бошад. Қаҳрамонони «Шоҳнома» танҳо канизакон, ғуломони фармонбардори мутадайин набуда, балки занону модаронеанд, ки ҳамеша паи адои нақшаю орзуҳои хеш фаъолона амал менамоянд. Рӯдоба, Таҳмина, Гурдофарид, Манижа, Гурдия дар сафи қаҳрамонони пешраву пешбин ва фаъоли «Шоҳнома» меистанд, ки дар мардию шуҷоат аз мардон – паҳлавонон камӣ надоранд, ҳатто дар аксар мавридҳо дар шуҷоату далерӣ аз мардон баландтар қарор доранд.

Номҳои занона дар ҳар як забон тибқи қонуниятҳои умумӣ ва фаръӣ ба вуҷуд омада, вижагиҳои этнолингвистӣ ва фарҳангию иҷтимоӣ доранд. Пайдоиши поэтонимҳои занона аз як ҷониб агар ба омилҳои муайяни пайдоиши номҳо робита дошта бошад, аз тарафи дигар номҳои занона омилҳои махсуси пайдоиши худро доранд.

Дар номҳои занона ҷинсияти грамматикии забон бо роҳҳои гуногун инъикос меёбад. Дар ҳар як забон номҳои занона аз вожаҳои апплеятивии хосе пайдо мешаванд, ки аз номҳои мардона тафовут дорад.

Таҳлили поэтонимҳои занонаи «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ шаҳодати онанд, ки номҳои занонаи асар қисман номгузории даврони бостонро инъикос намуда, ба сурати гуногун оварда шудаанд. Дар иддае аз номҳо калимаҳое, ки ба зан, ба ҷинси латиф далолат мекунанд, оварда шудаанд.

Муҳимтарин анҷомаҳои номсози занона пасванди ***«а»*** мебошад, ки идомаи аломатҳои ҷинсии асосҳои забони порсии бостон маҳсуб меёбад, ба монанди Таҳмина, Рудоба, Манижа, Нӯша, Озода ва ғайра. Иддаи дигари номҳо, ки пасванди «-а» доранд, мансуби забони арабӣ ҳастанд. Чунончӣ: Молика, Ҷарира ва амсоли инҳо. Чанде аз антропонимҳои занона аз вожаи «ноз» таркиб ёфтаанд, аз қабили Мушкноз, Шаҳрноз, Нозёб, ки маҳсули давраи нави инкишофи забони порсии дарӣ мебошанд. Ҳамчунин дар таркиби номҳои занона пасванди «ак» дучор меояд, ки идомаи номҳои қадима бо ин пасванд мебошанд (Фаронак, Савсанак, Мушкинак, Равшанак). Бо калимаи «офарид» низ таркиб ёфтани номҳои занона ба мушоҳида мерасад (Гурдофарид, Моҳофарид, Беҳофарид). Маъмулан чунин номҳо пасванди «духт»-ро қабул мекунанд (Синдухт). Дигаре аз анҷомаҳои номсози занона дар «Шоҳнома» «моҳ» мебошад, ки антропонимҳои зерин аз он таркиб ёфтаанд (Моҳёр, Моҳи Озодахӯй, Моҳофарид).

Ҳангоми таҳлилу таҳқиқи поэтонимҳои «Шоҳнома» номҳои занонае низ дучор омаданд, ки дар раванди воқеаҳо аз онҳо муаллиф ёдрас шудааст. Бояд гуфт, ки миқдори ин поэтонимҳо назар ба номҳои мардонаи ин асар хело кам мебошанд, вале дар асар нақши калон доранд.

Номҳои занонаро низ аз ҷиҳати мақому манзалат, ҷойгоҳи иҷтимоӣ ва нақши онҳо дар достонҳои «Шоҳнома» метавон чунин гурӯҳбандӣ намуд:

1. Номҳои ҳамсарони шоҳон:

Дар «Шоҳнома» дар баробари овардани номи подшоҳон ҳамчунин номи ҳамсарони онҳо низ ба қалам дода шудаанд, зеро онҳо низ дар он ҳама ҳодисоту воқеоте, ки дар «Шоҳнома» мавриди тасвир қарор гирифтаанд, иштирок дошта, дар бештари мавридҳо ҳатто ҷоннисориҳо низ кардаанд. Албатта, ин қабил номҳои занона дар «Шоҳнома» дучор мешаванд, ба монанди:

Судоба - номи зани подшоҳ Кайковус дар «Шоҳнома». Судовар, дорои суд (аз сута – суд, фоида ва пасвандҳои мансубии ав ва анҳу) (12-8).

Ғамин гашту ***Судобаро*** *пеш хонд,*
Зи Ковус чанде суханҳо биронд. (2-126).

Равшанак - номи духтари Доро, зани подшоҳ Искандар дар «Шоҳнома»; дар маъхазҳои таърихӣ духтари ашрофи Суғд – Уксорт, зани Искандар (10-9).

Нависанда аз килк чун хома кард,
Сӯи модари ***Равшанак*** *нома кард.*(7 - 9).

Синдухт - номи зани Меҳробшоҳ (10-333).

Яке ҳамчу Рудобаи хубчеҳр,
Яке ҳамчу ***Синдухт*** *бо рою меҳр.*(1–255).

2. Номҳои духтар, хоҳар ва дигар пайвандони шоҳон:

Ин гурӯҳ қисмати дигари поэтонимҳои занонаро ташкил дода, дар баробари овардани номи шоҳон ҳамчунин аз номи хоҳару модар, духтару дигар пайвандони онҳо низ ёдоварӣ шудааст.

Фаронак - ҳам номи модари подшоҳи Эрон Фаридун, ки ӯро бо як ҷаҳон заҳмат аз чанголи Заҳҳоки хунхор наҷот дод.

Инчунин ҳам номи духтари Деҳқон Барзин, зани Баҳроми Гӯр мебошад (1-380). Байти зер бошад аз модари Фаридун будани Фаронак шаҳодат медиҳад.

Фаронак *будаш ному фархунда буд,*
Ба меҳри Фаридун дил оганда буд.(1–89).

Шаҳрноз – ҳам номи духтари Ҷамшед ва ҳам номи хоҳари Ҷамшед мебошад (10-446).

Зи пушидарӯён яке ***Шаҳрноз,***
Дигар моҳрӯе ба ном Арнавоз.(1–79).

Арнавоз – низ аз хоҳарони Ҷамшед, зани Заҳҳок буд (10-83).

Зи пушидарӯён яке Шаҳрноз,
Дигар моҳрӯе ба ном ***Арнавоз****.*(1–79).

Молика - 1. Номи маҳбубаи подшоҳ Шопур; 2. Номи духтари подшоҳи Ҳинд (10-208).

*Падар **Молика** ном кардаш чу дид,*
Ки духташ ҳаме мамлакатро сазид.(7-313).

Нӯша – номи духтари подшоҳ Нарсӣ, холаи подшоҳ Шопур.

Чу огаҳ гашт аз аммаи шаҳриёр,
*Кӯчо **Нӯша** буд номи он навбаҳор.*(7-313).

Ҳумой – мурғи афсонавие, ки гӯё агар сояаш бар сари ҳар касе афтад, ӯ ба давлат ва салтанат мерасад (15-758). Номи подшоҳзодаи эронӣ, духтари Гуштосп ва ҳам номи мӯбади Баҳроми Гӯр.

*Зи пеши **Ҳумояш** бурун тохтанд,*
Ба оби Фурот андар андохтанд.(6-472).

Қайдофа – 1. Номи маликаи Андалус, 2. Номи шаҳр (10-467).

*Ҷаҳонҷӯю бахшанда **Қайдофа** ном,*
Зи рӯзи беҳӣ ёфта ному ком.(7-64).

Ноҳид – номи духтари Файлақус, зани Дороб.

*Нигоре, ки **Ноҳид** хонӣ варо,*
Бар авранги заррин нишонӣ варо.(6–502).

3. Номҳои ҳамсарони паҳлавонон, номварон, мӯбадон, сипаҳбадон:

Ҳангоми мутолиаи «Шоҳнома» бо номҳои занонае дучор омадем, ки ҳамчун ҳамсари паҳлавонон, далерону гурдон ва номварону мӯбадон ба қалам дода шудаанд. Албатта ҳамсарони паҳлавонон ҳамеша дар ҳама пасту баландии ҳаёт барои шавҳарашон содиқу вафодор ва дилбардор буда, баъзе аз онҳо ҳамчун қаҳрамонони фаъол тавсифу тасвир ёфтаанд.

Орзӯй - номи зани паҳлавон Салм – писари Фаридун мебошад. Ҳамчунин дар «Шоҳнома» Орзӯй номи духтари Моҳёри ҷавоҳирфурӯш ва зани Баҳроми Гӯр низ ҳаст.

*Зани Салмро кард ном **Орзӯй**,*
Зани Турро Моҳи озодахӯй.(1–146).

Саҳӣ - номи зани Эраҷ, ки писари хурди Фаредун буд (15-228).

*Зани Эраҷи некпайро **Саҳӣ**,*
Кӯчо буд суҳайлаш ба хубӣ раҳӣ.(1–146).

Моҳи озодахӯй – номи зани Тӯр – писари Фаридун (10-211).

Зани Салмро кард ном Орзӯй,
*Зани Турро **Моҳи озодахӯй.***(1–146).

Ҷарира – номи духтари Пирон, зани Сиёвуш, ки бо маслиҳати худи Пирон Сиёвуш ӯро ба зани гирифт ва соҳиби писаре гардид Фуруд.

*Аз эшон **Ҷарираст** меҳтар ба сол,*
Ки аз хубруён надорад ҳамол.(2-132).

Рудоба – маънои луғавии ин калима дорои қади баланд, баландболо буда, дар асар номи духтари Меҳробшоҳ, зани Золи Зар, модари Рустам мебошад (12-9).

*Яке ҳамчу **Рудоба**и хубчеҳр,*
Яке ҳамчу Синдухт бо рою меҳр.(1–255).

Таҳмина - Таҳмина, назар ба гуфтаи А.М.Белинский, сурати эпикист; дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ - духтари шоҳи Самангон, зани Рустам ва модари Сӯҳроби гурд (12-9).

*Чуниндод посух, ки «**Таҳминаам**,*
Ту гӯӣ, ки аз гам ба ду нимаам…».(2-196).

Гулшаҳр – номи зани Пирони Виса, модари Ҷарира мебошад.

*Биёвард **Гулшаҳр** духтар-шро,*
Ниҳод аз бари торак афсар-шро.(3-133).

Фарангис – номи духтари Афросиёб ва зани Сиёвуш аст, ки бо маслиҳати Пирон барои наздиктар будан бо Афросиёб ва эмин будан аз ҳар гуна носозгориҳои замон ва бадгӯиҳо ба Сиёвуш ба занӣ дод, вале оқибат ба фармони Афросиёб кушта шуд.

***Фарангис** хонад варо модараш,*
Шавам шод, агар бошам андарх(в)араш.(3-138).

Бонугушасп – номи духтари Рустами Дастон, зани паҳлавони далеру чобук Гев мебошад.

*Хабар шуд ҳамон гаҳ ба **Бонугушасп**,*
Ки мар Гевро рафтан орост асп. (3-291).

Шаҳрбонуир– номи духтари Гударз, зани Рустам.

Супурдам ба Рустам ҳаме хоҳарам,
Маҳи бонувон ***Шаҳрбонуирам****.* (3-322).

Катоюн –номи духтари Қайсар, зани Гуштосп.

Яке буд меҳтар ***Катоюн*** *ном,*
Хирадманду равшандилу шодком. (6-23).

Сапенуд – дар «Фарҳанги мухтасари «Шоҳнома»» омадааст; номи духтари подшоҳи Ҳинд ва зани Баҳроми Гӯр.

Чу хуррамбаҳоре ***Сапенуд*** *ном,*
Ҳама шарму нозу ҳама рою ком. (7-609).

Манижа – яке аз персонажҳои «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, духтари Афросиёб. Чунонки дар «Шоҳнома» омадааст, Манижа духтари зебои хуршедчеҳра буд. Дар марғзори марзи Эрону Тӯрон бо Бежан вохӯрда, ба ӯ ошиқ шуд. Афросиёб аз ин хабар ёфта, Манижаро аз дарбор берун кард ва Бежанро ба чоҳе андохт… (17-150).

Манижа *куҷо духти Афросиёб,*
Дурахшон кунад бог чун офтоб. (4-302).

4. Номҳои духтару хоҳар ва дигар пайвандони паҳлавонон, сипаҳбадон, мӯбадон ва мисоли инҳо:

Гурдофарид – номи духтари паҳлавон Гаждаҳам, ки худ низ ниҳоят ҷасуру чобук ва паҳлавони беназире буд.

Куҷо номи ӯ буд ***Гурдофарид****,*
Ки чун ӯ ба ҷанг андарун кас надид. (2-213).

Моҳофарид - номи духтари паҳлавони туронӣ - Тӯр.

Меҳиндухтро ном ***Моҳофарид****,*
Фаронак дигар буд, дигар Шанбалид. (7- 499).

Чеҳрзод – лақаби Ҳумой, духтари Баҳман (10-431).

Ҳаме хондандӣ варо ***Чеҳрзод****,*
Зи гетӣ ба дидори ӯ буд шод. (6-468).

Гурдия – номи хоҳари Баҳроми Чӯбина (10-108).

Хирадмандро ***Гурдия*** *ном буд,*
Парирух, дилороми Баҳром буд. (8-577).

5. Номҳои канизакон:

Испанӯй – номи канизи қаҳрамони тӯронӣ, домоди Афросиёб Тажов мебошад.

Яке моҳрӯй аст ном ***Испанӯй****,*
Суманпайкару дилбару мушкбӯй. (3-391).

Моҳофарид – 1.номи канизак ва маҳбубаи Эрач;

Меҳиндухтро ном ***Моҳофарид,***
Фаронак дигар буд, дигар Шанбалид. (7- 499).

Озода – номи канизаки Баҳроми Гӯр – писари Яздгирд, ки ҳамроҳ дар шикоргоҳ ҳунар менамуданд:

Куҷо номи он румӣ ***Озода*** *буд,*
Ки ранги рухонаш чу бечода буд. (7-385).

Гулнор – номи занона, номи канизаки Ардавони Ашконӣ.

Ки ***Гулнор*** *буд номи он моҳрӯй,*
Нигоре пур аз гавҳару рангу бӯй. (7-182).

6. Номҳои занонаи динӣ:

Батул – а. Дӯшизае, ки тарки халоиқи дунё кардааст ва тамоми умраш аз шавҳар кардан худдорӣ намудааст, роҳиба; 2. д. лақаби Марям – модари Масеҳ (Исои пайғамбар); 3. Лақаби Фотима – духтари Муҳаммади пайғамбар (с) (13-158).

Чаҳорум Алӣ буд ҷуфти ***Батул,***
Ки ӯро ба хубӣ ситояд Расул. (1-33).

7. Номҳои занонаи дигар:

а) номи духтари деҳқон. **Моҳофарид, Шанбалид:**

Моҳофарид–номи духтари деҳқоне; 4) номи яке аз занҳои Баҳроми Гӯр.

Шанбалид – номи духтари деҳқоне, ки ҳамсари Баҳроми Гӯр шуд:

Меҳиндухтро ном ***Моҳофарид,***
Фаронак дигар буд, дигар ***Шанбалид*** (8- 499).

б) номи духтари осиёббон:

Мушкноз - номи духтари осиёбоне дар замони Баҳроми Гӯр:

Яке ***Мушкноз****у дигар Мушкинак,*

Яке Нозёбу дигар Савсанак (7- 466).

Мушкинак, Нозёб, Савсанак – номи хоҳарони Мушкноз, духтарони осиёбоне (10-216):

Яке Мушкнозу дигар ***Мушкинак,***
Яке ***Нозёбу*** *дигар* ***Савсанак.*** (7-466).

Номҳои занона дар «Шоҳнома» ташаккули номгузориро дар забонҳои эронӣ, бахусус забони форсии дарӣ инъикос намуда, аксари онҳо бунёди эронӣ доранд. Бархе аз чунин номҳо дар осори хаттии даврои бостон «Авесто» дучор меоянд.

Номҳои занона воҳидҳои хоси луғавӣ доранд, ки дар номҳои мардонаи асар дида намешаванд. Дар таркиби номҳои қадимаи асар осори ифодашавии ҷинсияти занонаи забонҳои бостонии эронӣ боқӣ мондааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома/ Абулқосим Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 1987. – Ҷ.1.
2. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома/ Абулқосим Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 1987. – Ҷ.2
3. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома/ Абулқосим Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 1988. – Ҷ.3
4. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома/ Абулқосим Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 1988. – Ҷ.4
5. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома/ Абулқосим Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 1989. – Ҷ.5
6. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома/ Абулқосим Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 1989. – Ҷ.6
7. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома/ Абулқосим Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 1989. – Ҷ.7
8. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома/ Абулқосим Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 1990. – Ҷ.8
9. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома/ Абулқосим Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 1991. – Ҷ.9
10. Ализода И. Фарҳанги мухтасари Шоҳнома/ И. Ализода. – Душанбе: Адиб, 1992. – 496 с.
11. Азиза Отахонова. Фарҳангномаи Ҳусайни Вафоӣ/ А. Отахонова. –Душанбе: Дониш, 1986. – 124с.
12. Аюбова М. Сухане чанд дар бораи этимологияи поэтонимияи қадими тоҷик / А.Аюбова – Маърифат. – 1999. – № 7-8. – С.7-9.
13. Муҳаммадҳусайни Бурҳон. Бурҳони қотеъ / Муҳаммадҳусайни Бурҳон, Душанбе: Адиб, 1993. – Ҷ 1.
14. Фарҳанги забони тоҷикӣ, ҷилди якум // дар зери таҳрири М.Ш. Шукуров, В.А.Капранов, Р. Ҳошим, Н.А. Маъсумӣ. – Москва: Советская Энциклопедия, 1969. – 952с.
15. Фарҳанги забони тоҷикӣ, ҷилди дуввум // дар зери таҳрири М.Ш. Шукуров, В.А.Капранов, Р. Ҳошим, Н.А. Маъсумӣ., - Москва: Советская Энциклопедия; – Москва, 1969. – 948с.
16. Шофақирова Р. Симои зан-модар дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ/ Р. Шофақирова, Душанбе, 2007, – 128с.
17. Энциклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик // сарредаксияи илмии энциклопедияи советии тоҷик, Душанбе. – 1989. Ҷ 2.

ЖЕНСКИЕ ИМЕНА В «ШАХНАМЕ» АБУЛЬКАСЫМА ФИРДОУСИ

Женские имена «Шахнаме» Фирдоуси отражают специфику женских иранских поэтонимов. Кроме того, в произведении использованы женские поэтонимы арабского и греческого происхождения, которые связаны с содержанием различных поэм «Шахнаме» и отражением исторических событий.

Ключевые слова: женские имена «Шахнаме» Фирдоуси, специфика женских иранских поэтонимов, женские поэтонимы арабского и греческого происхождения, отражение исторических событий.

NAMES OF MUTHICAL CHARACTERS TO SHAKHNAMA FIRDOUSI

Names of muthical characters to Shakhnama Firdousi originate from mythology of the indo-iranian nationalities. In Shakhnama in a poetic from are reflected a role of muthical characters and their names which correspond to the ideological and art concept of the poet are piced up.

Key words: female names "Shakhname" of Firdousi, specifics female Iranian поэтонимов, female поэтонимы Arab and Greek origin, reflection of historical events.

Сведения об авторе: ***Сомон Курбонмамадов*** – преподаватель кафедры таджикского языка Хорогского государственного университета им.М.Назаршоева. Телефон: **(+992) 935160148**

БАРРАСИИ РОБИТАИ ҲАММАЪНОИИ ВОЖАГОН ДАР «ЗАХИРАИ ХОРАЗМШОҲӢ» - И ИСМОИЛИ ҶУРҶОНӢ

Заҳро Аҳмадӣ Калатеҳаҳмад Асадоллаҳ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҳаммаъноӣ дарвоқеъ ба дараҷоти мухталифи шабоҳати маъноӣ ишора дорад ва дар мутолиаи ҳаммаъноӣ на танҳо ба шабоҳатҳои маъноӣ пардохта мешавад, балки мизони тамоюзи маъноии ду вожа низ дорои аҳамият аст. Ба иборати дигар баррасии шабоҳати ду чиз мусталзими баррасии тафовути онҳо низ мебошад. Ҳампӯшии вожаҳои ҳаммаъно ба сурати дараҷаӣ аст, ки мумкин аст аз мизони боло то дараҷоти

поинро шомил шавад. Бояд таваҷҷуҳ кард, ки ҳеҷ мизон ва меъёри дақиқе ҷиҳати андозагирии ду вожа вуҷуд надорад. Вуҷуди ин ҳамавожаҳои ҳаммаъно бештар ба иллати таърихӣ аст [4, 94-96]. Яъне вожаҳои маъмулан муодилҳои як вожа дар забонҳои қарзӣ мебошад. Дар форсӣ ҳаммаъноии вожаҳои фавқ/ боло, дил/ қалб ва бисёри дигар решаи таърихӣ доранд. Ба иборати дақиқтар ҳар як аз ҷуфтдодаҳо муодилҳои арабӣ ва форсӣ мебошанд.

Вожаҳое, ки маънои тақрибан яксон дошта бошанд, агар чи бояд ба ин нукта таваҷҷуҳ кард, ки ҳаммаъноии мутлақ вуҷуд надорад, яъне як вожаро наметавон дар ҳамаи бофтҳо (ҷумлаҳо) ба ҷои вожаи дигар истифода кард.

Аз назари Сафавӣ ду ё чанд вожаро замоне ҳаммаънӣ ё мутародиф мегӯянд, ки битавон якеро ҷонишини дигаре кард ва тағйире дар маънии калом пеш наояд [2,68].

Забоншиноси тоҷик Ҳ. Маҷидов баён мекунад, ки: «Ду ва ё зиёда калимаҳое бо яке аз маъноҳои луғавии худ ба ҳам наздик ва гоҳе баробар, ки мансуби як гурӯҳи лексикиву грамматикӣ буда, аз ҳам бо тобишҳои дигари маънӣ, мавридҳои истеъмол ва рангубори мухталифи эҳсосотии худ фарқ мекунанд, бояд муродиф ё синонимҳои луғавӣ номида шаванд» [1,76].

Ш. Ҳаитова аз қавли А. Қодиров мегӯяд: «Забони тоҷикӣ таркиботи вожагони ғанӣ дорад ва ҳангоми навиштани матолибе дар зеҳни нависанда барои ин ё он фикр на як калима, балки гурӯҳе аз ҳаммаъноҳои калима пайдо мегардад. Нависанда бояд аз байни онҳо калимаеро интихоб кунад, ки дар матн ҳам хушоҳанг ва дилнишин бошад ва ҳам қасту нияти ӯро аз навиштани матлаб ба хубӣ нишон диҳад. Интихоб ва истеъмоли калима ба ҷаҳонбинӣ, завқ ва маҳорати адиб вобастагии зиёде дорад. Бинобар ин, муайян кардани хусусиятҳои ҳаммаъноӣ дар баёни мафоҳими забон кӯмаки густардаеро мерасонад» [3,93].

Ба бархе аз намунаҳои бакоррафта дар «Захираи Хоразмшоҳӣ» ишора мешавад:

1) «Хелтҳо андар хазон майл ба сӯйи зандаруни тан доранд» (С.50). «Ҳар гоҳ ки шаҳвати содиқ падид омад, таом хӯрдан таъхир накунад ва чунон бояд, ки даст аз таом боз гирад ҳанӯз орзу бошад, чи он боқии орзу пас аз як соат биравад» (С.99).

Дар ин ду ҷумла се вожаи «майл» ба маънои рағбат, ки калимаи арабӣ аст ва «шаҳват» ба маънои рағбату хостан ва «орзу» ба маънои шаҳвату хостан ба кор рафтааст, ки ҳар се калима нисбат ба ҳам мутародиф мебошанд. Дар ин ҷумла нависанда ба зебоӣ аз танаввӯи калимаҳо истифода кардааст, то бар ҳасби зарурат як калима чанд бор такрор нашавад. Ҳамчунин агар диққат намоем ҳамнишинии калимаҳо дар ҷумла инро баён мекунад, ки ҳар калима наметавонад ҷойи ҳаммаънои худро бигирад, зеро наметавонад, қасди аслии нависандаро ифода кунад. Ба унвони мисол: «Андар хазон шаҳват ба сӯйи зандаруни тан дорад» асосан иштибоҳ мебошад. Ба илова бо истифода аз калимаҳои ҳаммаъно дар ҷумлаҳо иқтидори забони форсии тоҷикиро нависанда нишон медиҳад, ки чунин забоне чи имконияти дар баёни маъноҳо ва мафҳумоти гуногун дорад.

2) «Ҳавои ғализ андар ҳавои тира падид наояд ва ситораҳои дигар низ рӯшану дурахшон набошанд» (С.24).

«Агар бар ташнагии козиб, яъне ташнагии дурӯғин об хурда шавад, ҳар соате ташнагӣ зиёд гардад» (С.71).

Дар ин ду ҷумла Ҷурҷонӣ аз мутародифҳои ҷуфт истифода намудааст (рӯшан/ дурахшон) ва (ташнагии козиб/ ташнагии дурӯғин) то битавонад таъкид ва аҳамияти назари худро дар ҷумлаҳо баён намояд. Ҳамчунин калимаҳои ҷуфт зебоии нигоришро дучандон мекунад ва чи қадар ба мавриди ин нависандаи порсигӯ дар навиштаҳои худ онҳоро ба кор бурдааст.

3) «Судоби тар гарм аст, Ибни Мосӯя гӯяд, чашмро қувват кунад ва ҳисси басар тез кунад» (С. 134).

«Ривоҷ сард ва хушк аст, ба дараҷаи дувум оби ӯ ба чашм андар кашанд, биноии чашмро суд дорад» (С.139).

Ду вожаи «ҳисси басар» ва «биноии чашм» дорои маънои яксоне ҳастанд, аммо калимаи «ҳисси басар» асосан арабӣ мебошад, ки дар забони форсӣ ворид шудааст. Ҷурҷонӣ дар замоне зиндагӣ кардааст, ки аксари уламо аз забони арабӣ истифода мекарданд ва вай аз маъдуд касоне аст, ки аз форсӣ дар нигориши худ баҳра бурдааст ва ҳар ҷойе ки ниёз будааст ба зарурат арабӣ ё лотинвожаро овардааст. Ин худ баёнгари он аст, ки вай рағбати бисёр ба забони форсӣ доштааст.

4) «Ҳавои тоза ба ҳарорати ғализӣ расад ва мадади рӯҳ гардад ва бо вай биёмезад роҳатӣ ба рӯҳ расонад» (С. 10).

«Бибояд донист, ки мардум ба ҷон зинда бошанд ва ҷон ҳавои латиф аст, оташ ва маъдани ӯ андар ҳавои ҷонварон дил аст» (С. 167).

Ду калимаи «рӯҳ» ва «ҷон» дар ин ду ҷумла ҳаммаъно ҳастанд. Бояд зикр намуд, тибқи ҳаммаъноии зикршуда, гоҳе тародуфи калимаҳо нисбат ба ҳам биёр наздик ва гоҳе ин робита камрангтар мебошад, аммо шабоҳатҳои байни калимаҳо ҳар чанд ҷузъӣ вуҷуд дорад, метавон аз онҳо дар баёни мафоҳим истифода бурд. Ба унвони намуна: ду вожаи «рӯҳ» ва «ҷон» калимаҳое ҳастанд, ки ҳар ду бавижагии зинда будан ва асли вуҷуди инсонҳо ишора дорад, вале вожаи «рӯҳ»-ро бештар дар мавориде, ки марбут ба авотиф, эҳсос ва равони башар мебошад, мавриди истифода қарор мегирад. Монанди шоирҳо рӯҳи латифе доранд ва намешавад, ба ҷойи калимаи «рӯҳ» аз «ҷон» дар ин макон истифода кард. Ба илова калимаи «ҷон» баъзан дар мавориде, ки ба ҷисм ва авомили физикии бадан марбут мешавад ва зиндагии башар ба ӯ вобастааст, ба кор меравад. Ба унвони намуна Ҷурҷонӣ дар ҷумлае мегӯяд: «Мардум ба ҷон зинда бошанд», ки дар ин ҷо ҳадаф зиндагии моддии инсон аст ва калимаи «рӯҳ»-ро наметавон дар ин ҷо ҷойгузин намуд.

5) «Андар руғани зит бичӯшонанд ва ба гӯш андар чаконанд, овозҳо, ки ба гӯш даруфтода бошад биравад ва он овозҳоро ба тозӣ танин гӯянд ва давӣ низ гӯянд» (С.78).

Исмоили Ҷурҷонӣ бо корбурди истилоҳот ва вожагони форсӣ талош намудааст, ки аз қудрати забони форсӣ дар баёни гуфтаҳояш баҳра бубарад, аммо дар канори ин матлаб мехостааст, ки барои ҳамаи навъи хонандагонаш возеҳ ва қобили дарк бошад. Бинобар ин, ҳар ҷо зарурат доштааст баробари он вожаро ба арабӣ ва гоҳе лотинӣ баён намудааст. Мо дар ин китоб ба бисёре аз вожаҳо бармехӯрем, ки нависанда аз муодилҳои арабӣ ва лотинӣ истифода кардааст, ки ин низ ба дониши вай ба матолиби илмӣ дар забонҳои дигар ва ҳамчунин тасаллуташ ба он забонҳоро мерасонад. Барои намуна метавон ба бархе аз онҳо ишора намуд:

Овоз/ танин/ давӣ (С.78), қулинҷ/ иловус (С.33), бирюн/ қубо (С. 64), гандума/ сулул (С. 63), рик/ ношто (С.97), чаковук/ кубра (С.111), бузморут/ навола (С. 123), ҳелюн/ морчӯба (С.139), камаргоҳ / қатан (С. 157).

1. «Сипарзро бузург кунад ва касалонӣ оварад ва шаҳвати таомро заиф кунад» (С.187).

«Он роҳҳо баста гардад ва иллатҳои, ки бад-он мансуб аст, падид ояд, чун сакта ва саръ ва ғайри он» (С. 167).

«Бисёр бошад, ки беморе андар иллати уср монда бошад ва ногоҳ ба умеди бузург расад, бад-он сабаб он беморӣ бар вай сабуктар гардад» (С. 186).

Се вожаи «иллат/ касалонӣ/ беморӣ» ҳаммаънои якдигар мебошанд, ки мафҳуми бадҳолӣ ва нохушии шахсро мерасонад. Бояд ишора кард, бархе вожаҳо дорои маъноҳои дур аз ҳам ва шояд, яке аз маъноҳои он бештар мавриди истифода қарор гирад, ҳаммонанди калимаи «иллат», ки яке аз серистеъмолтарин маънои он сабаб ва қасд мебошад, аммо ин ҳунари нависанда аст, ки маъноҳои камкорбурдтарро низ ба кор барад ва ин худ бар дониши нависанда меафзояд.

Вожаи «касалонӣ» як калимаи форсии тоҷикӣ аст, ки то ба ҳозир низ мавриди истифода қарор мегирад ва ин нишондиҳандаи он аст, ки забони форсии тоҷикӣ то чи андоза пӯёё ва зинда аст ва метавонад ба рӯшанӣ мафоҳими илмӣ, адабӣ ва ғайраро ифода намояд.

2. «Пас ӯро сикангибин ҷило диҳанд, ҳар ду мазаратро ботил кунад» (С.53).

«Мазарати сукмуниё он аст, ки шаҳватро соқит кунад ва ҷигарро гарм кунад» (С.53).

«Шотарра бад-ин қувват пӯсти берунинро аз гар ва хориш пок кунад» (С.90).

Дар се ҷумлаи зикршуда ба се феъли таркибӣ «ботил кардан», «соқит кардан» ва «пок кардан» бармехӯрем, ки дар иртибот бо ифода кардани маънои аз байн бурдани чизе, ҳаммаънои якдигар дар ин ҷумлаҳо ҳастанд. Ҳар се калима «ботил/соқит/пок» аз назари сохторӣ бо феъли «кардан» таркиб шудаанд. Феъли «кардан» ифодакунандаи анҷоми амал мебошад ва ин мафҳуми калима дар таркиб бо се калимаи зикршуда маънои анҷоми амали асаркунандагиро ба ин калимаҳо медиҳад. Монанди, ***ботил кардан*** дар ҷумлаи овардашуда мафҳуми аз байн бурдани «зарар ва зиёни чизе»-ро мерасонад. ***Соқит кардан*** «аз байн бурдани шаҳват»-ро

ифода мекунад ва калимаи ***пок кардан*** дар ҷумлаи савум «аз байн бурдани бемории гар ва хориш»-ро баён мекунад; ва чи моҳирона нависанда аз такрор ва якнавохтӣ, навиштаҳояшро дур нигоҳ доштааст ва бо истифода аз муодилҳои арабӣ дар канори форсӣ, қобили фаҳм будани мафоҳимро ба содагӣ барои мухотабонаш фароҳам кардааст.

Дар идома фақат ба зикри намунаҳои дигар басанда мекунем, бошад, ки завқу маҳорати устод ҳарчанд гузаро дида шавад:

табъ (С.97)/ мизоҷ (С.11);	тақсир (С.28)/ иллат (С.167) / сабаб (9);
қулбах (33) / иловус (С.33);	шиш (С.38) /рия (С.67);
наздикӣ (С.50) / ҳамсоягӣ (С.54);	шуҳрат (С.111) / майл (С.50)/ орзу (99)
гузар (С.53) / роҳ (С,10)	қилатулмоъ (С.58) / идратулмоъ (С.58)
бирюн (С.64) / қубо (С.64)	гандума (С.63) / сулул (С.63)
ташнагии козиб (С.71) / ташнагии дурӯғӣ (С,71)	гӯшти мурғобӣ (С. 111) / алсудониёт (С.111)
риқ (С.71) / ношто (С. 97)	Саморуқ (С.94)/ алфитр (С. 94)
куз (С.95) / ҷузъ (С. 96)	кумоҷ (С. 103) / хабзулмалҳ (С. 103)
чаковук (С.111) / қубар (С. 111)	идрор (С.117)/ бул (С.23)
рӯшан (С.24) / дурахшон (С.24)	бузморут (С.124) / навола (С. 123)
кундии ҳис (С.133)/ хидр (С.133)	кикиз (С.133) / ҷирҷир (С. 134)
кумо (С.140) / кумӣ (С.140)	биноӣ (С.139) / ҳисси басар (С.134)
ҳарорат (С. 139) / гармо (С. 139)	ҳилюн (С. 139) / морчӯба (С. 139)
марг (С.35) / фавт (С. 143)	харун (С. 144) / сипандони гирд (С. 144)
анҷадон (С. 144) / ангадон (С. 144)	фоида (С. 151) / манфиат (С. 10)
алнабуқ (С. 153) / токдона (С. 153)	ҳуббулос (С. 153) / мӯрдона (С. 153)
алхабис (С.160) / ахруша (С. 160)	руғани кокиён (С. 161) / алқиртам (С.161)
девонагӣ (С.167) / қатраб (С.167)	ҷон (С.167) / рӯҳ (С.10)
бим (С.172)/ тарс (С.187)	марҳам (С.144)/ дору(С.79)
бурҷ (С.16) / моҳ (С.172)	ақл (С.177) / хирад (С.177)
нишот (С.177)/ шодӣ (С.29)	андеша (С.187) / тадбир (С.177)
таамул (С.10) / интизор (С.10)	наҳифӣ (С.151) / заифӣ (С.29)
роҳ (С.10)/ тариқ (С.10)	шифо (С.22) / илоҷ (С. 30)
гарон (С.114)/ ғализ (С.114)	таъм (С.96) / мазза (С.96)
нахуст (С.57) / аввал (С.17)/ оғоз (С.15)	мондагӣ (С.187) / касалонӣ (С. 187) / парешонҳолӣ (С.187)
уфтимон (С.68) / зиреҳ (С.68)	алам (С.118) / дард (С.64)
дароз (С.28) / баланд (С.12) / тавил (С.86)	танин (С.78) \ овоз (С.78) / давид (С.78)
сиёҳӣ (С.118) / тирагӣ (С.118)	арақ (С.167) / хӯй (С.168)
камаргоҳ (С.157) / қатан (С.157)	пирӣ (С.177) / коҳилӣ (С.177)
умед (С.187) / орзу (С.99)	нарм (С.12) / латиф (С.33)
борик (С.61) / танг (С.174)	козиб (С.71) / дурӯғин (С.71)
гуворанда (С.95) / зудгувор (С.95)	пок (С.106) / покиза (С.116)
кӯчак (С.205) / хурд (С.105)	тоза (С.91) / нав (С.137)
гушода (С.29) / фарох (С.127)	кордида (С.185) / озмуда (С.185)
бадхӯй (С.200) / бадмизоҷ (С.200)	андар охир (С.46) / ба охир (С.64)
аз баҳри он ки (С.22) / чун (С.22) / бад-ин сабаб (С.22) / бад-ин тариқ (С.63)	пок кунад (С.90) / ботил кунад (С.53) / зойил кунад (С.206) / соқит кунад (С.53) / табоҳ кунад (С. 119)
мудовимат (С.52) / пайваста (С.22)	ҳар гоҳ (С.168) / ҳар вақт (С.194)
лекин(С.79) / локин (С. 66) / шояд (С.116)	ҷумла (ба маънии кул) (С.63) / тамомӣ (С.116)
дигар бор(С.145) / дигарбора (С.152)	тей кардан (С.140) / молидан (С.196)
дуруст (С.106) / хуб (С.100)	қувват (С.21) / буня (С.21)

А Д А Б И Ё Т

1. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик.- Ҷ. 1. Луғатшиносӣ.- Душанбе, 2007.- 242 с.
2. Сафавӣ Куруш. Даромаде бар маъношиносӣ. – Теҳрон: Интишороти «Сура, меҳр».- 1383.- 459с.
3. Ширинбону Исматуллоҳ. Дафтари ишқ.- Душанбе: Ирфон, 2007.-139 с.
4. Jackson, H. and Amvela, E. Z. Words, Meaning and Vocabulary: An Introuduction to Modern English Lexicology. The Cromwell Press, Trowbridge 2000 С. 94-96

5. Саид Исмоили Ҷурҷонӣ. Захираи Хоразмшоҳӣ. Ба кӯшиши доктор Ҷалоли Мустафавӣ.- Теҳрон, 1352.- Ҷ. 1. 223 с.Ҷ. 2. 228 с.

ИЗУЧЕНИЕ СВЯЗЕЙ СИНОНИМИЧНОСТИ СЛОВ В В КНИГЕ ИСМАИЛА ДЖУРДЖАНИ «СОКРОВИЩНИЦА ХОРЕЗМШАХА»

В данной статье автором подвергнуты изучению и рассмотрению связи синонимичности слов в произведении Исмаила Джурджани «Сокровищница Хорезмшаха», которое является одним из самых лучших энциклопедических трудов и внем приведены уникальные методы создания, выбора, заимствования и применения терминов. Данння книга имеет имеет огромное теоретическое и практическое значение для развития персидско-таджикского языка и терминологии.

Ключевые слова: «Сокровищница Хорезмшаха» Исмаила Джурджани, изучение и рассмотрение, синонимичность слов, заимствование и применение терминов, термінология.

STUDYING OF COMMUNICATIONS OF SINONIMICHNOSTI OF WORDS B IN ISMAIL DZHURDZHANI'S BOOK "HOREZMSHAKH'S TREASURY"

In this article by the author are subjected to studying and consideration of communication of a sinonimichnost of words in Ismail Dzhurdzhani's work "Horezmshakh's Treasury" which is one of the best encyclopedic works and vny unique methods of creation, a choice, loan and application of terms are given. Dannya the book has has huge theoretical and practical value for development of the Persian-Tajik language and terminology.

Key words: "Horezmshakh's treasury" Ismail Dzhurdzhani, studying and consideration, sinonimichnost of words, loan and application of terms, terminology.

Сведения об авторе: ***Захро Ахмади Калатехахмад Асадоллах-*** аспирантка Таджикского национального университета.Телефон: **(+992) 917 39 70 57**

ПРОБЛЕМАИ ТАДҚИҚИ ҶОНИШИНҲО ДАР ЗАБОНИ ВАХОНӢ

Б.М. Неъматова
Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев

Забони вахонӣ яке аз забонҳоест, ки аз тарафи забошиносони эронӣ ба гурӯҳи забонҳои шарқӣ-эронӣ маҳсуб дониста, новобаста ба баъзе хусусиятҳои сарфию наҳвии тафовутии худ дар баробари дигар забонҳои помирӣ шинохта шудааст. Ин забон инъикоскунандаи таърихи мардуми куҳани Вахон (Wux) мебошад, ки ҳанӯз дар китоби муқаддаси зардуштиён “Авасто” бо маънои «бахшояндаи некӣ» (*wahviya) омадааст [Стеблин-Каменский 1999, 378]. Забони вахонӣ таърихи сеҳазорсоларо дар бар гирифта, яке аз қадимтарин забон маҳсуб ёфта, дар забоншиносии муосир мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Нахустин маълумот оид ба забони вахонӣ дар аввали асри XIX аз тарафи А.С. Бернс, ки дар кори худ «Reisy nach und in Bokhara» чанде аз калимаҳои вахониро оварда буд, дода шудааст, аммо маълумоти бештар дар бораи забони вахонӣ соли 1878 аз ҷониби Р.Шоу дар асараш бо номи «On thy Ghalchah languages (Wakhi and sarikoli)» нашр гардидааст.

Имрӯзҳо низ ин забон диққати эроншиносон, шарқшиносон ва таърихнигорону сайёҳони хориҷӣ ва худиро ба худ ҷалб кардааст. Саҳми олимон ва муҳаққиқони Аврупо, ба мисли W.Lents, D.L.R.Lorimer (1958), муҳаққиқони рус И.И.Зарубин [1924], И.М.Оранский [1960], В.С.Соколова [1980], Т.Н. Пахалина [1975], А.Л. Грюнберг ва И.М. Стеблин-Каменский [1976] ва дигарон дар тадқиқи забони вахонӣ басо арзанда мебошад. Инчунин муҳаққиқони бумӣ соҳибони забони вахонӣ ба мисли А.А. Саидмамадов [1982], Б.Б. Лашкарбеков [1986], А.Мирбобоев [1987], С.Матробов [2002] ва дигарон мақолаҳо ба табъ расонидаанд.

Қайд кардан равост, ки то ҳозир фақат маълумоти мухтасар оиди хусусиятҳои ин забон вуҷуд дорад, масъалаҳои асосии забони вахонӣ оид ба лексика ва фразеология, грамматика, хусусан морфология ва синтаксиси чумлаҳои мураккаб тадқиқи худро наёфтаанд. Дар забоншиносии эронии ҳозира, ҳиссаҳои алоҳидаи нутқ ва хусусиятҳои хоси забонии онҳо дар алоҳидагӣ кор ва тадқиқ нашудаанд. Яке аз чунин проблемаҳо масъалаи баррасии ҷонишинҳо мебошад, ки ҳанӯз чун ҳиссаи нутқ дар алоҳидагӣ дар забони вахонӣ ҳалли худро наёфтааст.

Дар тадқиқоти мавҷудбуда ҷонишинҳои забони вахонӣ диққати вахоншиносонро ба худ ҷалб намудааст. Дар очеркҳои Т.Н.Пахалина [1975], А.Л.Грюнберг ва И.М. Стеблин-Каменский [1976] дар бораи ҷонишинҳо маълумоти махсуси мухтасар оварда шудааст,ки пеш аз ҳама характеристикаи умумии ҷонишинҳо, хелҳои он аз руйи маъно, хусусияти морфологии онҳо, таҳлили категорияҳои грамматикӣ ва инчунин маълумоти мухтасар доир ба функсияҳои синтаксисии ҷонишинҳои забони вахониро дар бар мегиранд.

Қайд кардан зарур аст, ки чӣ хеле ки аз маълумоти мухтасари тадқиқоти вуҷуддошта бармеояд, Т.Н.Пахалина, А.Л.Грюнберг ва И.М. Стеблин-Каменский оид ба ташхиси хусусиятҳои морфологӣ ё сохтории грамматикиву калимасозии ҷонишинҳо ақидаҳо изҳор менамоянд, ки бо вуҷуди ягонагии умумӣ баъзе нуқтаҳои гуногун ба назар мерасанд, ки он ба назарияи типологияи умумии шинохти ҷонишинҳо чун ҳиссаи муайяни нутқ вобастагии зич дорад.

Т.Н.Пахалина дар робита ба назарияи классикӣ ҷонишинҳоро аз рӯйи семантика ба нуҳ хел тасриф кардааст, ки чунин типпикунонӣ ва тасриф аз рӯйи аломатҳои алоқамандии ҷонишинҳо бо дигар ҳиссаҳои нутқ ва мазмуни мушаххаси семантикӣ, ки ҷонишин дорад, ба амал оварда шудааст. Т.Н.Пахалина дар рисолаи худ «Ваханский язык» ҷонишинҳоро ба намудҳои зерин ҷудо менамояд: ҷонишинҳои шахсӣ (бевосита, бавосита), ҷонишинҳои ишоратӣ, ҷонишини нафсӣ, таъкидии муайянӣ, ҷонишинҳои саволӣ, ҷонишинҳои миқдорӣ, ҷонишинҳои номуаянӣ, ҷонишинҳои ҷамъбастӣ, ҷонишинҳои нафсӣ-таъкидии мутақобила, ҷонишинҳои муайянӣ.

А.Л.Грюнберг ва И.М.Стеблин-Каменский қайд карданд, ки дар очеркҳои онҳо танҳо ҷонишинҳои серистеъмолро дида баромада (1976, 576) онҳоро ба ҳашт хели ҷонишинҳо ҷудо мекунанд: ҷонишинҳои шахсӣ, таъинӣ, ишоратӣ, нафсӣ-таъкидӣ, саволӣ, номуайянӣ, манфӣ, муайянӣ.

Робитаи ҳархелаи муаллиф зиёдшавии ҷонишинҳои нафсӣ- таъкидиро муайян менамояд.

Муносибати муаллифони очеркҳо ба ҳудудгузории ҷонишини нафсӣ ягона нест. Т.Н.Пахалина ҷонишини нафсӣ-таъкидиро ба ҷонишинҳои нафсӣ-таъкидии муаянӣ (хы/ə ха́- ə) ва ҷонишинҳои нафсӣ-таъкидии мутақобиларо ба хелҳои алоҳидаи ҷонишинҳо ҷудо менамояд.

А.Л.Грюнберг ва Стеблин-Каменский ба ҷонишинҳои нафсӣ- таъкидии ӽы\ə ӽа́t дохил кардаанд.Ҷонишинҳои kы, ӽat ,dəgar, yəmrang , a-yəm ба қатори ҷонишинҳои муайянӣ дохил карда шудаанд.

Фарқияти асосӣ дар очеркҳои муаллифон низ дар он зоҳир мегардад, ки ҷонишинҳои алоҳида ба гурӯҳҳои гуногуни мансуб дониста шудаанд, ё ин ки маънои типпии грамматикии онҳо ба тарзи гуногун ошкор карда шудаанд. Т.Н.Пахалина ба сифати қатори алоҳида ҷонишини миқдорӣ cum “чанд, якчанд”, tum - ин қадар, kыfč/kifč -ҳар ду)-ро дохил мекунад. Ҷонишинҳои ишоратии муайянӣ (a) zi “ин хел” ҷудо мекунад.

Дар очерки А.Л.Грюнберг ва И.М.Стеблин-Каменский cum ба ҷонишинҳои номуаянӣ дохил карда шуда, kы (х- ə) kы ба ҷонишинҳои ҷамъбастӣ (обобщительные) тааллуқ дониста шудааст.

Таҳлили грамматикии ҷонишинҳо дар очеркҳо асосан муайян намудани категорияҳои морфологӣ ва тавсифи функционалӣ- синтаксисии ҷонишинҳоро дар бар мегирад.

Масъалаи категорияҳои грамматикии ҷонишинҳо дар асарҳои қайдшуда мавқеи махсус доранд. Муаллифон ба сифати категорияҳои асосии грамматикии ҷонишинҳо

дар забони вахонӣ шумора ва падежро ҷудо менамоянд. Лекин қайд кардан зарур аст, ки усули шарҳи морфологӣ ва тафсири шаклгирии сохтории ифодашавии категорияҳои падеж ва шумора дар системаи ҷонишинҳои забони вахонӣ дар ин очеркҳо ба тарзи гуногун шарҳи худро ёфтаанд.

Баъзе хелҳои ҷонишинҳо дорои категорияҳои шумора мебошанд. Тарзи ҳосилшавии шакли категорияи шумораро Т.Н.Пахалина бо муқобилгузории шакли бевосита ва бавоситаи падежии ҷонишинҳо ва инчунин бо суффикси шаклсози - ist алоқаманд менамояд. Шарҳи дигари шаклгирии категоряи шумораро мо дар очерки А.Л.Грюнберг ва Стеблин -Каменский меёбем, ки дар умумият ин категория бо нишондиҳандаи падежи номинативи -ist ,ки шакли ҷамъи баъзе ҷонишинҳоро ҳосил мекунад, алоқаманд месозанд. Новобаста ба ин тадқиқотчиён қайд менамоянд, ки на ҳамаи ҷонишинҳо шакли ҷамъ доранд, аз он ҷумла дар баъзе намудҳои ҷонишинҳои субстантивӣ категорияи ҷамъ шаклан зоҳир наёфтааст.

Категорияи падеж низ дар асарҳои муаллифон шарҳи ягонаи худро наёфтаанд.Т.Н.Пахалина чун анъана дар сохти ҷонишинҳо муқобилгузории шакли бевоситаю бавосита ё ин ки посессивро қайд кардааст.Мувофиқи чунин назар Т.Н.Пахалина барои ҷонишинҳои шахси I-ум ва II-уми танҳо шаклҳои зерини падежиро ҷудо менамояд: а) шакли падежии бевосита; б) шакли падежии бевоситаи тасрифӣ; в) шакли падежи объектӣ; г) шакли падежии амалӣ. Дигар ҷонишинҳо намуди каму беш якхела дошта, аз падежҳои болоӣ тафовути калон доранд, ҷонишинҳои ишоратӣ шаклҳои бевосита, бавосита ва посиссивӣ, ҷонишини нафсӣ-таъкидии муайянӣ шаклҳои объекти бевосита (хы/ə ва посессивӣ хы/ –ə), ҷонишинҳои саволӣ (фақат ҷонишини кӣ дорои ду шакли падежӣ мебошад: объекти бевосита (kuy) ва посессивии (ki). Дигар ҷонишинҳои саволӣ як шаклро дороанд. Ҷонишинҳои намудҳои дигар шаклҳои падежӣ надошта аз рӯйи категорияи падежӣ шакл дигар намекунанд.

А.Л.Грюнберг ва В.М.Стеблин-Каменский панҷ шакли падежи баъзе намуди ҷонишинҳои субстантивиро муайян менамоянд: номинатив, генетив, датив, аккузатив , аблатив ва онҳоро ба шакли калима - пасвандҳо алоқаманд кардаанд, ки худ онҳоро бандакҳои падежӣ (окончание) ном гузоштаанд.

Лекин қайд кардан зарур аст, ки асоси ҳудудгузорӣ ва фарқкунии падежҳо дар системаи ҷонишинҳои забони вахонӣ дар очерки А.Л.Грюнберг ва В.М.Стеблин-Каменский бештар ба семантикаи умумӣ-грамматикии чунин ҷонишинҳо вобастагӣ дорад. Формантҳои падежсози ҷонишинҳо бештар хусусияти послелогӣ дошта, ба флексияи забонҳои классикии падеждор чун забонҳои қадимии эронӣ шабоҳати бештаре надоранд. Хусусан, яке аз аломатҳои асосии форманти падежӣ ин дар ягонагӣ дар худ таҷассум намудани категорияҳои грамматикии шумора ва падеж мебошад, ки дар шакли ҷонишинҳои шумораи танҳо ва ҷамъи забони вахонӣ шаклан зуҳур наёфтааст. Формантҳои падежии ҷонишинҳо (-ər, -ən ва ғайра) чӣ дар шумораи танҳо ва чӣ дар шумораи ҷамъ шакли формантии якхела доранд. Барои ҳамин қайд кардан зарур аст, ки А.Л.Грюнберг ва В.М.Стеблин-Каменский ҳангоми ҷудо намудани категорияи падеж на ба назарияи анъанавии падеж дар эроншиносӣ, балки ба таълимоти азнавсозии сохтории калима ва шаклҳои грамматикии он дар забонҳои эронӣ такя намудаанд.

Ҳамин тавр, масъалаҳои баҳсталаби зиёде доир ба пайдоиши ҷонишинҳо, категорияҳои грамматикии ӯ, системаи маънои лексикӣ ва синтаксисии маънои-функсионалии ҷонишин, тафовути байниҳамдигарии лаҳҷаҳои Покистон, Хитой ва Тоҷикистон дар системаи ҷонишинҳо ва ғайра вуҷуд доранд, ки ҳалли худро интизоранд. Аз ин рӯ, тадқиқи монографӣ-рисолавии ҷонишинҳо дар забони вахонӣ яке аз масъалаҳои мубрами рӯз шинохта мешавад.

А Д А Б И Ё Т
1. АбаевВ.И.Сравнительно-историческое иранское языкознание / В.И. Абаев // Очерки по истории иранских языков. – М.,1962. – С.3-8
2. Burnes A. Travels into Bokhara/ A. Burnes.-London.,1835.- Vol.III.179 p.
3. Боборинский Б.Б.Горцы верховьев пянджа (Ваханцы и Ишка-шимцы) / Б.Б. Боборинский. – М.,1908.– С. 114– 118
4. Грюнберг.А.Л.Языки Восточного Гиндукуша Ваханский язык/А.Л.Грюнберг.И.М.Стеблин.– Каменский.– М.,1976. –670 с.
5. Оранский И.М. Введение в иранскую филолологию/И.М.Оранский.– М.,1960.– 338с.
6. ПахалинаТ.Н. Ваханский язык /Т.Н. Пахалина.– М: «Наука», 1975.– С.14-20.
7. Джамшедов П. Иранистика/ П. Джамшедов, А. Мирбобоев. –Душанбе, 2012.– С.104–105.
8. Шоу P.Onthӯ”Ghalchah Lӯnguagӯs (Wakhi and sarikoli) ”Journal of thy Asiatiksociӯtoys Uӯngal”/P Шоу. -1876.45 v.
9. Розенфельд А.З.Советская этнография (отцельный оттеист) /А.З Розенфельд. – 1970.–№3.–114-118 с.
10. Стеблин-Каменский И.М.Этимологический словарь ваханского языка/ И.М. Стеблин-Каменский. – С-Пт.,1999.– С.1-14.

ПРОБЛЕМЫ ИССЛЕДОВАНИЯ МЕСТОИМЕНИЙ В ВАХАНСКОМ ЯЗЫКЕ

История исследования ваханского языка показывает, что местоимение как часть речи не стало объектом монографического исследования, хотя в существующих кратких очерках по системе местоимений ваханского языка высказываются противоречивые мнения о системе местоимений, их разрядах, грамматических категориях, формах их выражения, лексической и функционально-синтаксической семантике местоимений, что ждет своего разрешения. Проблема местоимений в ваханском языке является актуальной в качестве монографического исследования.

Ключевые слова: ваханский язык, проблемы исследования, местоимение, разряды местоимений, грамматические категории, способы выражения, число, падеж.

PROBLEMS IN THE STUDY OF PRONOUNS IN THE WAKHAN LANGUAGE

The history of the study of Wakhan language shows that the pronoun as part of speech did not become the object of a monographic study, although the existing system of short essays on Wakhan language pronouns expressed conflicting opinions about the system of pronouns, their ranks, grammatical categories and forms of expression, the lexical and syntactic functional and the semantics of pronouns.These problems are waiting to be solved. In general the pronouns in Wakhan language is actual problem for monographic study.

Key words: Wakhan language, the research problem, the pronoun, bits of pronouns, grammatical categories, modes of expression, number and case.

Сведения об авторе: ***Б.М.Неъматова*** **–** аспирантка Хорогского государственного университета им.М.Назаршоева. Телефон: **(+992) 937438180.** Электронная почта: **bibijon07@mail.ru**

КОРБАСТИ ОНОМАСТИКА ДАР ОСОРИ ШАМСИДДИН ШОҲИН

А.А. Нуров
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Гидронимҳо, яъне номҳои марбутбуда ба об мебошанд. Таҳлилу баррасӣ ва маъникушоии номҳо яке аз бахшҳои муҳимми забоншиносӣ мебошад. Гидронимҳо ба навъҳо тақсим мешаванд: потамонимия (маҷмӯи номи дарёҳо), лимноминимия (маҷмӯи номи кул ва ҳавзҳо). Омӯзиш ва мавриди таҳлил қарор додани ономастикаи асарҳои ҷуғрофӣ, таърихӣ, адабӣ дар айни замон хеле муҳим аст.

Осори Шамсиддин Шоҳин дар ҳаёти сиёсиву адабии халқи тоҷик нақши муайянеро доро буда, дар таърихи тамаддуни ин миллати ориёинажод нақши пуразрзише гузоштааст. Ономастика дар осори Шамсиддин Шоҳин мавқеи махсус дорад. Топонимҳо (номҳои ҷуғрофӣ) ва хелҳои он дар осори шоир хеле зиёд аст. Антропонимҳо низ хеле зиёд корбаст шудаанд.

Тадқиқу таҳлили лингвистии ономастикаи (таърихӣ) осори хаттии асрҳои гузашта аҳамияти басо бузург дорад. Яке аз шохаҳои ономастика антропонимҳо мебошанд. Антропонимҳо номи ашхоси алоҳидаи асотирӣ ва таърихиву воқеӣ, ном бо насаб, номи авлодӣ, номи мустаор, лақабу тахаллус, ном бо мансубият ба маҳал, шаҷара, ном бо нишондиҳии ҷоҳу манзалатро дар бар мегиранд. Номи одамонро дар осори Шамсиддин Шоҳин низ ба гурӯҳҳо ҷудо мекунем.

а) Номҳои асотирӣ, ки инҳоро мифонимҳо меноманд: Одам, Сомирӣ, Аюб, Калим, Нуҳ, Хизр, Сулаймон, Мусо, Маҳмуд, Аёз, Кайқубод, Юсуфи Мисрӣ, Гаршосп, Дониёл, Ҷабраил, Ҳотам, Заҳҳок, Иблис, Фиръавну Ҳомон, Маҳдӣ, Фаридун, Қорун, Масеҳо ва ғайраҳо.

Ба насаб хоҷа кунад фахр, маро фахр бас аст,
Дудмоне ба нубувват, ки зи Одам дорам (2,159).
Сутуни фалаксозам ангуштро,
Ба гурзи Фаридун занам муштро (2,510).
Ғубори гам аз рӯйи олам бишуст,
Ба ҷуз аз ҷаҳон номи Ҳотам бишуст (2,465).
Ба хокам фишонанд, к-ин ёвасанҷ
Ба худ фахр дорад чу Қорун ба ганҷ (2,535).
Ҳунар дар ҳасаб ғайри тадлис на,
Падар дар насаб ғайри Иблис на (2,473).

б) Номҳои шахсони воқеии таърихиро реалионимҳо меноманд. Реалионимҳо ному насаби шахс, тахаллус ё лақаб, номи авлод мебошад:

Монӣ, Муиззӣ, Ҷомӣ, Фитрат, Беҳзод, Бедил, Имомӣ, Унсуриву Асҷадиву Фирдавсӣ, Савдо, Возеҳ, Дониш, Ҳофиз, Саъдӣ, Буалӣ, Садриддин ва ғайраҳо.

Лабатро ба ширинӣ, эй нукли маҷлис,
Тавон кард ташбеҳ бо шеъри Ҷомӣ (2,274)
Ман, ки н-орам ба назар Анвариву Саъдиро,
Шиква аз Фитратам оё ба ки бовар бошад? (2,235)
Гар бувад Унсуриву Асҷадиву Фирдавсӣ,
Бо манаш нисбати ҳар муҳра ба гавҳар бошад (2,236)
Дар он дам, ки ин сон насақ доштам,
Зи девони Ҳофиз сабақ доштам (2,485).
Ба дастури Саъдӣ, ки дар «Бӯстон,
Ба мадҳи Абӯбакр шуд тар забон (2,486).
Аз он ҷумла Савдои фаррухнажод,
Ки буд оби ҳайвонаш андар савод (2,466).
Дувум Возеҳи нуқтасанҷ, он ки чарх
Ба ҳар нуқтааш ҷон ниҳоди ба нарх (2,467).
Чаҳорум сухандони Дониш лақаб,
К-аз ӯ фахр дорад Аҷам бар Араб (2,467).

Корбасти дигар аз шохаҳои ономастика топонимҳо мебошад, ки дар осори Шамсиддин Шоҳин бисёр ба мушоҳида мерасанд. Топонимҳо номи маҳал, мамлакат вилояту шаҳр, кӯҳу дара, саҳрову биёбон, кулу ҷӯй, баҳру дарё, номи қасру бошишгоҳҳо, дахма, кӯчаву маҳал ва амсоли инро ифода мекунад.

а) **номҳои ба об марбутбударо гидронимҳо низ меноманд**:

Ту рафти аз барам, эй сарвиноз, аз пайи ту
Зи ҳар ҳадиқаи чашмам равонаҶайҳун аст (2,56).
Чашми ман баччаи нилӣ шуда аз гиря, чаро
Гузар, эй Юсуфи Мисрӣ, накунӣ ҷониби Нил? (2,147).
Навиштам, ки ин Даҷла асту Фурот,
На бал чашмае пур зи оби ҳаёт (2, 529).
Умеде, ки ин сабза бӯстон шавад,
Навиде, ки ин қатра Уммон шавад (2,496).
Ҳинду ба лаби чашмаи Кавсар набарад роҳ,
Эй ҳол, ту дар кунҷи лаби ёр чи сонӣ? (2,207).

б) **номӣ кӯҳҳо, водиҳо:**

Барафрӯхт бар Аймани зулф оташ,
Дили ман, ки бар Тури маънӣ Калим аст (2,47).
Нишони тешаи Фарҳод шуд аз Бесутун зоил,
Чӣ Ширинӣ, ки меҳри туст боқӣ дар дили Шоҳин?! (2,174)
Ҳар дам матои сабри маро чашми масти ту
Ғорат ба сони мардуми Қипчоқ мекунад (2,107).
Хуни диле, ки буд, ба яғмои дида рафт,
Мино ҳар он чӣ дошт, нисори ағёр кард (2,86).
Орост ба хубтар сипоҳе
Дар домани Наҷд размгоҳе (2.367).

в) номи мамлакат, шаҳрҳо, маҳал, вилоят:

Дили ман аз занаху зулфи ту чун Юсуфи Миср,
Гарчи аз чоҳ бурун гашт, ба зиндон афтод (2,80).

Бошад хатти ту сабзаи сарчашмаи ҳаёт,
Бошад лаби ту лаъли Бадахшони зиндагӣ (2,201).
Роҳати назм чу Шоҳин ба Бухоро афрохт… (2,113).
На холи рухи ту гашта дар Рум ғариб
Афғонбачае зи мулки Кобул гӯйӣ (2,311).

Корбасти дигар аз шохаҳои ономастика этнонимҳо низ дар осори Шамсиддин Шоҳин ба назар мерасад. Ба этнонимҳо номи сулолаҳо, халқ, қабила, авлод дохил мегардад. Масалан, Каён, Ашкониён, Сосониён, Сомониён. Инчунин номи бошандагони ягон маҳал: ҳиндувон, чиниён, туркон, ховариён, мозандарон, ҳалулиён, барбариён. Номи забони халқ, миллат, қавм, қабила низ ба этнонимҳо дохил шуда, лингвоним номида мешавад.

Ҳиндубачае зи пеш бурдӣ,
Ду зангии мастро чӣ кардӣ? (2, 374).
Тегест ҷавҳар ба кафи туркӣ бадмаст,
Ё додаст чашми ту бар абрӯвон гирех (2,193).

Астроним ва космонимҳо, ки номҳои ҷирмҳои осмонӣ-сайёраҳоро ва бурҷҳои осмониро мефаҳмонад, дар осори Шамсиддин Шоҳин корбаст шудаанд:

Гар Зуҳра чанг гираду Ноҳид даф занад,
Ғайр аз навои мадҳи ту набвад тараннумаш (2,267).
Нола бар маҳ расаду оҳ зи Парвин гузарад,
Гар ба ман мегузарад шаб, ҳама ҳамчин гузарад (2,314).
Хареро Масеҳо насаб рондаме,
Суроро Сурайё лақаб хондаме (2,529).
Қоилшуда дар байни ҷабини рӯхат абрӯст,
Чун дар васати Зуҳраву Хуршед ҳилоле (2,203).

Корбасти дигар аз шохаи ономастика хрематонимҳо низ вуҷуд доранд.

Хрематонимҳо калимаҳое мебошанд, ки номи асарҳои адабӣ-бадеӣ, илмиро дар бар мегиранд: «Қуръон», «Таврот», «Инҷил», «Забур», «Авесто», «Калила ва Димна», «Ғиёс-ул-луғот», «Бӯстон», «Махзан», «Туҳфаи дӯстон» ва ғайраҳо.

Расон бар фалак гӯшаи боми ӯ,
Бинеҳ «Тӯҳфаи дӯстон» номи ӯ (2, 523).
Чу «Бӯстон» ба даҳ боб пероя деҳ,
Зи ҳар бобаш аҳбобро моя деҳ (2,523).
Ҳадисе ба «Мишкот» дидам равон,
Ки хуш бод гӯяндаашро равон (2,477).

Зоонимҳо номҳое, ки ба ҳайвонҳо дода мешаванд: Бурок, Рахш:

Чигуна кӯҳи сурини туро кунам тавсиф,
Ки Рахши фикри маро раҳ ба кутал надиҳӣ (2,214)

Дар осори Шамсиддин Шоҳин ва умуман, дар осори асрҳои гузашта антропонимҳо, реалионимҳо, мифонимҳо, топонимҳо, гидронимҳо, этнонимҳо, лингвонимҳо, астронимҳо ва космонимҳо, хрематонимҳо, зоонимҳо хеле зиёд корбаст гардидаанд. Омӯзиш ва пажӯҳиши ономастикаи тоҷик барои олимони забоншиноси тоҷик бахши нав аст. Осори Шамсиддин Шоҳин дар айни ҳол чун дигар осори таърихӣ сарчашмаи боэътимод дар ин бахш мебошад.

А Д А Б И Ё Т

1. С.Айни. Куллиёт, / С.Айни. – Душанбе: Нашриёти Давлатии Тоҷикистон, 1963. – ҷилди II.
2. Шамсиддин Шоҳин. Куллиёт / Шоҳин Шамсиддин. –Душанбе: Адиб, 2006.
3. М.Н.Қосимова. Таърихи забони адабии тоҷик / М.Н. Қосимова– Душанбе, 2003.
4. Х.Мирзозода. Таърихи адабиёти тоҷик / Х.Мирзозода –Душанбе: Маориф, 1987.
5. Исматов.С.М. Тоҷ андар «Шоҳнома» / С.М. Исматов. –Душанбе, 2009.
6. Фирдавсӣ Абулқосим. Шоҳнома (иборат аз 9 ҷилд)/ Абулқосим Фирдавсӣ. – Душанбе: Ирфон, 1964-1966.
7. Фарҳанги забони тоҷикӣ. – М.: Советская энсиклопедия, 1969.
8. Фарҳанги форсӣ ба русӣ. – М.: Русский язык, 1985.
9. Баранов.Х.К. Арабско-русский словарь / Х.К. Баранов. – М.: Русский язык, 1985.
10. Ҷ.Алимӣ. Ташаккул ва таҳаввули топонимияи минтақаи Кӯлоб / Ҷ.Алимӣ. – Душанбе, 1995.
11. В.Д.Бондалетов. Русская ономастика / Бондалетов В.Д.Москва: Просвещение, 1983.

ПРИМЕНЕНИЕ ОНОМАСТИКИ В ТВОРЧЕСТВЕ ШАМСИДДИНА ШОХИНА

В статье на основе многочисленных примеров из классической и современной таджикско-персидской литературы и истории ономастика - наука, изучающая имена собственные, рассматривается как самая молодая часть таджикского языкознания.

Ключевые слова: ономастика, наука, языкознание, семантика, этимология, морфология, антропонимы, топонимы, хрематоиимы, зоонимы, гидронимы, мифонимы, этнонимы, лингвонимы, астронимы и космонимы.

ONOMASTIKI'S APPLICATION IN SHAMSIDDIN SHOKHIN'S CREATIVITY

In clause on the basis of numerous examples from classical and modern Tajik of the Persian literature and history onomastic a science studying names own, considered as youngest part of the Tadjik linguistics.

Key words: onomastic, science, linguistics, semantics, etymology, morphology, antroponims, topoftims, khrematonoms, zoonoms, gidronims, mifonims, etnonims, lingvonims, astronyms and kosmonims.

Сведения об авторе: ***А.А. Нуров*** **–** аспирант КГУ им. А.Рудаки. Телефон: **(+992) 985 45 11 26**

ВИЖАГИҲОИ ФЕЪЛҲОИ ПЕШВАНДӢ ДАР АШЪОРИ НОДИРИ НОДИРПУР

Хадича Меҳдизода Номӣ
Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ

Сохти феълҳои пешвандӣ аз давраи қадим оғоз шудааст. Дар форсии бостон пешвандҳои мутаадид ном ва феъл вуҷуд дошт, ки баъзеи онҳо яксара аз истеъмол монда фаромӯш шудаанд ва онҳоро пешвандҳои мурда меноманд. Баъзеи дигар бошанд, ҳанӯз каму беш маънии нахустини худро нигоҳ дошта, қиёсан метавон ба мафҳуми аслии онҳо пай бурд.

Дар форсии дарӣ дар давраи нахустин (аз оғози қарни ҳафтум) пешвандҳои феълӣ ҳанӯз зинда буд ва маънии мутаадиду мухталиферо ба воситаи онҳо баён мекарданд, аммо аз ҳамон давра истеъмоли феъли мураккаб, махсусан бо исму сифати арабӣ шурӯъ шудааст.

Дар форсии имрӯз танҳо баъзе аз феълҳои пешвандӣ истифода мешаванд ва дар зеҳни аҳли забон маҷмӯи онҳо дар ҳукми феъли сода аст, яъне ба амали феъли пешвандҳо таваҷҷуҳе нест.

Назарияи баъзе аз забоншиносон ва дастурнависон дар бораи феълҳои пешвандӣ

Чунончи забоншиноси тоҷик Шамсиддинов дар ин бора мегӯяд: «Дар сохтори забони форсии миёна феълҳо аз чанд роҳ ташкил ёфтааст, тавассути пешвандҳо, пайдоиши феълҳои номӣ, ташкили феълҳои мураккаб мутобиқи сохтори таркибҳои маҷозӣ ва ғайра. Ин усул яке аз равишҳои бунёдӣ дар вожасозии феъли форсии миёна ба шумор меравад".

Ин равиш дар сохтори феъл аз забони эронии қадим оғоз меёбад ва идомаи бештари пешвандҳои эронии бостонро метавон дар таркиби феълҳои форсии миёна мушоҳида кард. Дар форсии миёна бархе аз феълҳо бо роҳи омӯзиши пешвандҳои эрони қадим бо асосҳои шакли таърихӣ ба шакли сода табдил гардидааст.

Дар баъзе феълҳо ин омӯзиш то ҷое аст, ки пешванд аз асоси ғайримураккаб буда, ошкор сохтани он танҳо аз роҳи шарҳи таърихӣ ва этимологии вижа метавонад сурат гирад. Аммо дар забони форсии миёна ҳамчунин равиши вожасозӣ тавассути чунин пешвандҳои аслӣ аз нав оғоз гардидааст. Ин усул,ки тибқи вижагиҳои сохтори забони форсии миёна дар пайравии равишҳои эронии қадим сурат гирифтааст, як падидаи нав буд. Яке аз вижагиҳои имлоии ин пешванд иборат аз он аст, ки онҳо аз феъл ҷудо навишта мешаванд" [5, 61-62]. Забоншиносу дастурнависи эронӣ доктор Парвизи Нотили Хонларӣ дар ин бора мегӯяд: "Истифода нашудани пешвандҳои куҳан, ки аз оғози давраи забонҳои эронии миёна, яъне забонҳое монанди паҳлавик (паҳлавонии ашконӣ) ва порсик (паҳлавии сосонӣ) анҷом ёфт. Муҷиб шуд, ки забон ба пешвандҳои тозае муҳтоҷ шавад ва барои ин манзур ғолибан аз ҳарфҳои изофа ва қайдҳо истифода шавад ва ғ. Феълҳои пешвандӣ дар паҳлавӣ (порсик) фаровон ба кор мераванд ва истифода аз пешвандҳои феълӣ барои баёни маънии дақиқи феъл ривоҷи бисёр дорад. Аз он ҷумла, **фароз расидан**, **абр расидан** ва ғ. Дар забонҳои эронии миёна ин пешвандҳои ҷадид ба кор рафта ва аз он ҷо ба форсии ҷадид, яъне форсии дарӣ интиқол ёфт" [2,2120-184]. Мавсуф дар идомаи баҳс мефармояд: "Баъзе аз пешвандҳои феълӣ яксара аз истеъмол баромадаанд. Аз он ҷумла, дар навиштаҳои

муосирон ва дар гуфтори форсизабонони имрӯз пешванди “фароз” дар сохтани феъл ҳеҷ ба кор намеояд. Пешванди “боз” танҳо дар маҳалли қайд ба кор меравад ва амали худро дар афзудан, яъне хоса ба феъл аз даст додааст.

Яъне “бозомад” ба маънои “муроҷиат кардан” дар форсии ҷорӣ имрӯз вуҷуд надорад, аммо “бозомад” ба маънои “бори дигар омадан” истифода мешавад. “андар” балки матрук аз истифода баромадааст ва сурати ҷадидтари он “дар” ба маънии “дохил ва андарун “ низ серистеъмол нест, аммо дар баъзе маврид ба маънии берун ба кор меравад: “даромад” дар замони қарни шашум ва ҳафтум, яъне “дохил шуд” ва дар форсии имрӯз ба маънии “хориҷ шуд”, “даркард” дар даврони нахустини форсии дарӣ муодили “дохил кард” аст ва дар форсии имрӯз муодили (монанди) “хориҷ кард”. “дарафт” дар даврони рушду даврони форсӣ .... ба маънии “дохил шуд” ва “ворид шуд” ба кор меояд.

Аммо дар форсии имрӯз ба маънои “берун рафт”, “гурехт” меояд. “Фуруд” дар забони ҷорӣ мансух аст ва танҳо гоҳе дар забони адабӣ ба кор меравад, аммо сурати дигари он “фурӯ” ҳанӯз дар баъзе феълҳо ба монанди “фурӯ рафт” ва “фурӯ кард” ва фурӯ дод” ва “фурӯ нишаст” истеъмол карда мешавад. “бар”, ки дар феълҳои пешвандӣ ба монанди “баромадан, “тулӯъ кардан”, “бар шудан”, “боло рафтан”, “бар кардан” , “боло бурдан”, “бар нишастан”, “савор шудан” ба кор мерафт, аз истеъмол афтода, танҳо дар баъзе феълҳо ба монанди “бардоштан” ва “барҷастан” серистеъмол аст, ки дар забони гуфтори одӣ ғолибан ба “вар” табдил ёфтааст:“Вардоштан”, “варҷастан”, “бархостан” танҳо дар забони навишт ба кор меравад. Ба ин сабаб пешванди он ба “вар” табдил шудааст. Дар забони гуфтор ба ҷойи он феъли мураккаби пошидан маъмул аст” [2,2,186-187]. Бархе аз ин пешвандҳо дар самири ин интиқол карда, бо асли худ фосила гирифтаанд. Ҳамон тавре ки Маликушшуаро Муҳаммадтақии Баҳор мегӯяд: “ин пешванди мухаффаф “асир, овар” паҳлавист ва .... он “қадам” аст. Дар паҳлавӣ ин пешванд бандрат бар сари афъол дар ояд ва ба ҷойи “бар” дар забони паҳлавӣ “ӯ” ... аввали маъмул будааст, вале дар забони дарӣ ба ҷойи “ӯ” пешванди “бар” қарор гирифта ва гоҳе “вар” дар насри қадим дида мешавад ва ҳам омӯзиши мутадовил аст, чун: “варафтод”, “варшикаст”, “варкашид”, ҳамчунин пешванди “антар” дар паҳлавӣ, ки дар забони дарӣ ба “дар” тағйир ёфт. Дар замони Сомониён ба ҳеч вақҳ калимаи “дар” дар наср нест ва дар аҳди Ғазнавиён ин калима “дар” пайдо шудааст ва ҳамчунин пешванди”фаро” дар паҳлавӣ” дида намешавад ва аз мухтасоти забон дарист, ки бар сари феъл дармеояд ба монанди “фаро омад”, “фаро афканд”, “фаро рафт” [1,1337-339]. Хусрави Фаршедвар пешвандҳоро соза меномад: “Соза кӯчактарин ҷузи маънидори калом аст, ба монанди пешвандҳо ва пасвандҳо” [3,39]. Ӯ ҳамчунин ба ин бовар аст, ки : “... аммо пешванду пасванд сарфи он аст, ки луғати тозае менамояд, балки сурати дастурии дигаре аз калимаро ба даст медиҳад ва ё муҷиби сарфи феълҳо ва калимот мешавад” [3,87]. Пешвандҳои феълӣ дар девони Нодирпур иборатанд аз: **ба-, боз-, бар-, дар-, фаро-, фурӯ-, фуруд-, ме-, ӯ** ... Чунонки медонем асоси феълҳои пешвандӣ ҳамвора шудани пешванд бо феъл мебошад, аммо шарти аслӣ он аст, ки ин пешванд дар маънии феъл тағйире эҷод кунад, ба пешвандӣ маҳсуб мешавад, ба монанди пешванди “ба-, ме-,- н,- ме,- ҳаме -“бар сари бештари феълҳо меояд, вале барои таъкид. Зинат, нафӣ, сохти феълҳои дуоӣ, таъйини замон ё вақҳи феъл (оянда, амр, илтизом, шартӣ ва ғайра) ва танҳо пешванди ба- аст, ки дар чанд мавриди феъл пешванди воқеӣ месозад. Бо ҷойгузин шудани пешвандҳои “на-” ва “ме-” ба ҷойи “ме-” ва “ҳаме-” ин пешвандҳои дигар корбурд надорад ва имрӯз феълҳое, ки бо ин пешвандҳо ба кор мераванд, пешванди воқеӣ ба ҳисоб намеоянд.

Маънои пешвандҳо. Бисёре аз забоншиносон пешвандҳоро маънидод карда, онро таъмим додаанд ва мушоҳида мешавад, ки бештарин маъное, ки барои онҳо дар манобеъ зикр карда шудааст, маънои қайде мебошад. Масалан, ба маънои пешванди “бар”- ишора мешавад (**бар**: *рӯй, болоӣ, баландӣ ва ҳар чизи истеъло*). Дар ин сурат пешванди ҷонишин қайд шуда ва нақш дар тағйири маънии феъл нахоҳад дошт ва ҳамин нукта аст, ки дар забони форсии имрӯз мо аз феълҳои пешвандӣ камтар истифода мекунем ва ба ҷойи онҳо аз қайдҳои гуногун баҳра мебарем. Гоҳе ҳам пешванд бари исмҳо меояд, ки дар ин ҳол аз мақолаи феъли пешвандӣ хориҷ мешавад. Нуктаи дигар, ин ки калима гоҳе пешвандҳо маънои исмӣ доранд, ки дар ин сурат ҳам таъсире дар тағйири маънии феъл надорад ва агар дар канори феъл ҳам қарор бигиранд, феъли пешвандӣ хориҷ мешавад. Нуктаи дигари ин калима, гоҳе

пешвандҳо маъноии исмӣ доранд, ки дар ин сурат ҳам таъсире дар тағйири маънои феъл надоранд ва агар дар канори феъл ҳам қарор бигиранд, феъли пешвандии воқеӣ маҳсуб намешавад:

Дар задам. Дар кушуданд ва ногоҳ / дашнае дар сиёҳӣ дурахшид (С.150,4).

“Дар” дар ин ҷо маънои қайде надорад, исм аст, на пешванд.

Нақши туро, ки моҳ офарида буд / хуршедҳо рабуда ва **дар бар кашидаанд** (с. 120,4).

Дар ин мисол ба назар мерасад, ки феъл дорои ду пешванд аст, аммо чунин нест, зеро дар ҳарфи изофа ва бар ба маъно оғӯш аст.

Пас, дар шинохти феълҳои пешвандӣ, он чӣ муҳим аст, нақши пешванд дар эҷод ва маъно ҷадид аст. Ба монанди пешванди “бара”, ки бо бархе аз феълҳои маъноии “**аз байн бурдан**” медиҳад. Ба монанди **бардоштан**, аз байн бурдан

.

Эй фаромӯшӣ, эй мояи хомӯшӣ / ин ҳама ёди парешонро аз хотираи ман бардор (с.509,4).

Дар мавриде ҳам вуҷуди пешванд дар канори феъл баёнкунандаи ҳеҷ маъное намебошад ва ҳамон маъноро мерасонад, ки дар феъли пешини пешванд мушоҳида мешавад:

Акси ман сад пора шуд, ҳар пораро мавҷе фурӯ пӯшид / Чашми ман, гӯё ки ин ҳангомаро дар хоб мебинад (с.642,4).

Аз он ҷо ки пешванд бо як феъл метавонад чандин нақш ифо кунад, дар натиҷа бар шумурдани нақши пешвандҳо ва таъмими он ба ҳамаи афъол ғайрмумкин бошад.

Вижагии феълҳои пешвандӣ. пешвандҳо дар ҳамроҳӣ бо феъл чанд вижагӣ метавонанд дошта бошанд ва дар воқеъ, ҳар як аз пешвандҳо метавонанд дорои тамоми ин хусусият бошанд. Мисол, пешванди “дар” дар ҳамроҳӣ бо феълҳои гуногун метавонанд ҷузъи пешвандҳои воқеӣ, нимаи воқеӣ, дастур ва ғайривоқеӣ бошад. Бинобар ин пешвандҳоро аз ҷиҳати таъсиргузорӣ бар мафҳуми феъл, метавон ба чаҳор даста тақсим кард.

1- Пешвандҳои воқеӣ. Ин пешвандҳо дар маънои феъл тағйир эҷод мекунад.

Биншаст. халқ кардан: Мардум чашме, ки тешаи назари ӯ / пайкараҳои надиданӣ битарошад (С.690,4).

Боз овардан: ба ёд овардан: Чандон фосилаҳое абас хондам / То хотироти гумшуда бозоварам (с.105,4).

Бозкардан: кушудан: Роҳе ба сӯйи хонаи худ боз кунам / В-аз бонги пойи раҳгузаре нашинохта (с.945,4).

Баромадан: тулӯъ кардан: Манам, ки чашм ба чашми ситора медӯзам / ва то сапеда барояд ситора мешуморам (92, 4).

Бардоштан: баланд кардан: Сар ба сӯйи осмон бардошт / Шонаашро дид (с.346,4).

Даромехтан: ҳамроҳ шудан: Суруди чанд деҳқони даравгар / Даромезад ба бонги ҷӯйборон (с. 67,4).

Даровардан: шакл додан: То он гули хунукро дар панҷа бифишурам / Ва онро ба шакли одами хокӣ дароварам (с.771,4).

Фаро хондан: даъват кардан: Дидам, ки бо нигоҳ маро меронад / Бе он ки бо умед фаро хонад (с.103, 4).

Фаро гирифтан: пӯшондан: Дар шаби моҳтобии баҳор / Заминро фаро гирифт (С.451, 4).

Фурӯ бастан: хомӯш шудан: Замин ва ман ду ғазабнокем / Лаб аз хурӯш фурӯ баста (С. 242, 4).

Фурӯ рафтан: ба хоб рафтан: Бо ҳамаи андешаҳо ва бо ҳамаи ғамҳо / Хоб ба чашмони ӯ чакид ва фурӯ рафт (С.79, 4).

Фурӯ омадан: ба вуҷуд омадан: Уруҷи хазон – дар ман фуруд омад / Бо гесувоне аз нажоди абру хокистар (с.593, 4).

Фуруд овардан: ба даст овардан: Чигуна нури ҷавонеро / дар чашми пири хеш фуруд орад? (с.271, 4).

Во кардан: рӯшан кардан: бо сармояи ду чашм маро во кард / Ин дастро хаёли навозиш буд (С.271, 4).

2 . Пешвандҳои нимавоқеӣ: Ин гурӯҳ аз пешвандҳо дар маънои феъл тағйири куллӣ эҷод намекунанд ва аз ҷиҳати дигар комилан бе асар ҳам нестанд. Бархеро ин пешвандҳо бори маъноии бештаре монанди таъкид ба феъл меафзоянд.

Барафрӯхтан: рӯшан кардан, ки то чароғи ҳақиқатро / дубора дар шаб нобоварӣ бар афрӯзад (с. 503, 4).

Барчидан: ҷамъ кардан:Туъмаҳояшро, ки мо будем, як-як аз замин барчид / ногаҳон бархост (с.618, 4).

Даромехтан: яке шудан: То бо ту ҷовидона даромезам / як тан шав эй таҷассуми рухи ягонагӣ (с.547, 4).

Дарафкандан: густурдан: Хуршед шомгоҳ дарафканда, соявор / оянда бузурги маро дар қафои ман (с.743, 4).

Фаро гирифтан: дар бар гирифтан: Санги лаҳад ба синааш афтод бедиранг / З-он пас сукути маҳфазоро фаро гирифт (61, 4).

Фурӯ хезидан: фаро расидан: Шаб чунон сангин фаро омад, ки як тан ҷони набард (с.645, 4).

3. Пешвандҳои ғайривоқеӣ: шумори феъли пешвандӣ дар осори пешиниён дида мешавад, ки имрӯз пешванди онҳо зоид мебошад ва дар маънӣ тағйире эҷод намекунад.

Бидоранд: **шикофтан**: дардаш чун гиря дар гулӯ фиканд чанг / То магар аъмоқ синаро бидаронад (с. 690, 4).

Бираҳонад: наҷот додан: Ин ҷо садои пойи тилло меравад ба арш / то офтобро бираҳонад зи гумроҳе (с.896, 4).

Бозомадан: баргаштан: Боз омадам ба шаҳри шигифтӣ, ки осмон / Чу сақфи куҳна бар сари ӯ чака мекунад (800, 4).

Барафшондан: **пошидан**: ин бодҳои тар, ки барафшонда регҳо / Бар гӯри хуфтагони боло дида намешавад (с.146, 4).

Бархӯшидан: **фарёд задан**: Нойи маро ба дандон бихарош ва бархурӯш / Занҷири интиқоди маро аз замин бикан (с.627, 4).

Дарафкандан: андохтан: Ҳар тарроҳро ба гирд гулӯе дарафканад / Танг ончунон кашид, ки нафас низ бишканад (с.653, 4).

Даррасидан: расидан: Бод шаб аз зери токи сабзи дарахтон /синакашон даррасид ва ғамзада нолид (с.76,4).

Фаро расид: омадан: Эй нолаҳои вуҳушии марголуд / Охир фаро расид ба имдодӣ (с.118, 4).

Фурӯ афтодан: поён афтодан: Шонааш аз сар фурӯ афтод / Қатра дар чашми ӯ пошид (с.346, 4).

Фурӯ бастан: Чу марди даркушо дарро фурӯ баст / Садои хандае дар кӯча печид (с.75, 4).

4. Пешвандҳои дастурӣ. Гоҳе ин гурӯҳ аз феълҳои пешвандӣ бештар аз ҷиҳати грамматикаи забони форсӣ мавриди таваҷҷуҳанд ва дар таъйини вақҳи феъл ва манфӣ кардани феъл нақш доранд. Ба монанди, ҳаме - бар истимрор далолат дорад ва баъдҳо ба ме- табдил ёфт. Имрӯз пешванди ме- ба музореи ҳозира-ояндаи давомнокӣ ҳам далолат дорад. Пешвандҳои “ма,- ва на”-, ки пешвандҳои манфӣ номида мешаванд ва феълро манфӣ мекунанд, гоҳе ҳам пешвандҳо бо ҷонишин қайд мешаванд: Чунонки дар мисоли зер пешванди “бар”- ба маънои боло мебошад, дар ин ҳолат феъл маънои худро ҳифз мекунад.

Баромадан: боло омадан: Лаҳзае зи бом абрҳо баромаданд / Лаҳзае ба ком абрҳо фурӯ шуданд (с.220, 4).

Баровардан: берун овардан: Ин ситорагони шаб /Чун сар аз шикофи синаи фарохи ман баровардand (438, 4).

Даромадан: ворид шудан: Чунон ракси раксон ба майдон даромад / Ки по кӯфта бар сояи саргунаш (с.886, 4).

Даромадан: берун омадан: Пиразан роҳибе зи ғурфа дарояд / Роҳзан шаб аз садои по бигурезад (с.4, 92).

Фурӯ афтодан: поён афтодан: Шонааш аз сар фурӯ афтод / Қатрае дар чашми ӯ пошид (с.346, 4).

Фурӯ бурдан: поён бурдан: Чун аз зӯри оташ панҷа фурӯ бурда ба хок / То магар дарди ҷигарсӯзи худ ором кунад (398, 4).

Фурӯ омадан: пойин омадан: Агар ба дашт фурӯд ояд / Чунон кандам дар батн хок мекандад (с. 500, 4).

5.Ҷойгузинии пешвандҳо. гоҳе чанд пешванд бо як феъл меоянд ва як маъноро мерасонанд, ки дарвоқеъ ҷойгузини якдигар шудаанд ва метавон гуфт, ки пешвандҳо дар ин қабил феълҳо ҳаммаъно ҳастанд.

Бозгаштан: баргаштан: З-он пас, ки шодӣ аз дили ман пар кашидааст / Андар сӯйи лона боз гаштааст (с. 308, 4).

Бозкардан: во кардан: Роҳе ба сӯйи хонаи худ боз кунам / В-аз бонги пойи раҳгузаре ношинохта (с. 945,4).

Баргаштан: бозгаштан: То осмон парида ва баргашта сӯйи хок / Хокӣ пур аз нигоҳи валӣ ҳамчунон наҷиб (697, 4).

Даррасидан: баррасидан: Боди шаб аз зери токи сабзи дарахтон /Синакашон даррасид ва ғамзада нолид (с.76, 4).

Даррасидан: фирор кардан: Чун гардбоди кӯчаке аз роҳ даррасид /Кам-кам садои пойи ҳафифаш шунида (с.62, 4).

Во кардан: боз кардан: Ҳар шаб, ки дар ба рӯйи ман боз кунӣ / Дар чашми хобноки ту хонам маломат (188, 4).

Во шудан: боз шудан: Тани бараҳнаи ман рӯҳи обро дарёфт / Миёни руху дили ман даричае во шуд (с.527, 4).

Дар натиҷа нуҳ пешванд бо қарор гирифтан дар канори феълҳои гуногун, 25 феъл пешванди воқеиро ташкил медиҳанд. Ин пешвандҳо дар ҳамроҳӣ бо феъл ба чаҳор гурӯҳ тақсим мешванд. Ин гурӯҳ худ дорои як вижагӣ мебошанд, ки маҷмӯан панҷ вижагиро ташкил медиҳанд. Аз он ҷо ки бархе аз феълҳои пешвандӣ дорои чандин маъно мебошанд, лизо маънои феъл ва мафҳуми куллии ҷумла дар ташхиси маънои он нақши муҳимме доранд ва ин пажӯҳиш нишон медиҳад, ки:

1) Феълҳои пешвандӣ дар ашъори Нодирпур зиёд истифода шудаанд.

2) 25 феъли пешвандии воқеӣ дар ашъори Нодирпур вуҷуд дорад ва дигар пешвандҳоро метавон нимавоқеӣ, ғайривоқеӣ ва дастурӣ ном ниҳод.

3) Пешвандҳо метавонанд бо ҳифзи маъно ҷойгузини якдигар шаванд.

4) Баррасии пешвандҳо ҳамчунин нишон дод, ки пешванди (б) дар панҷ маврид сабаби тағйири феълӣ шудааст, фақат дар як маврид ба сурати дуоӣ дар кулли ашъори Нодирпур ба кор рафтааст. Пешванди (**боз**)- дар 4 маврид ба унвони пешванди воқеӣ дар ин ба кор рафтааст. Дар як маврид ғайривоқеӣ зикр шудааст. Пешванди “**бар**”- бештар истифода шудааст, дар як маврид ба маънои нобудӣ омадааст ва дар 15 маврид пешванди воқеӣ месозад ва 10 мавриди он дар маънои қайдӣ, 7 маврид нимавоқеӣ ва 5 маврид ғайривоқеӣ ба кор рафтааст. Пешванди “**дар**”-, ки шакли ҷадиди пешванди “**андар**”- аст, дар 5 маврид дар ҳамроҳӣ бо феълҳо, пешванди воқеӣ ба ҳисоб омадааст ва дар 6 маврид ғайривоқеӣ, 2 маврид нимавоқеӣ ва дар 2 маврид дар ҷанбаи қайдӣ ба кор омадааст. Пешванди “**фаро-**”ҳарчанд кам истифода шудааст, вале дар 3 маврид феъли пешванди воқеӣ месозад. Пешванди “**фурӯ -**” ҳам бештар истеъмол шудааст ва дар 15 маврид сабаби тағйири маънои феъл шудааст, дар 7 маврид ғайривоқеӣ, 5 мавриди он дар маънои қайдӣ ва 3 маврид нимвоқеӣ ба кор рафтааст. Пешванди “**фуруд**”фақат дар 2 маврид пешванди воқеӣ месозад, дар 1 маврид нимавоқеӣ ва як маврид дар ҷанбаи зарфӣ омадааст. Пешванди “**во**”- танҳо дар 3 маврид ба кор рафта, 1 мавриди он пешванди воқеӣ маҳсуб мешавад ва дар 2 мавриди дигар ғайривоқеӣ мебошанд. Пешванди “**ме**”- дар ашъори Нодирпур бештар дар сохти феълҳои пешванди дастурӣ нақш дорад.

А Д А Б И Ё Т

1. Баҳор Муҳаммадтақӣ. Сабкшиносӣ/ Баҳор Муҳаммадтақӣ. – Теҳрон, Амири Кабир, 1375.– Ҷ.1.– С.467.
2. Хонларӣ Парвиз. Таърихи забон/ Хонларӣ Парвиз. – Теҳрон: Фирдавсӣ, 1377. – Ҷ.2.– С.4.
3. Фаршедвар Хусрав. Таҳаввули феъл дар забони форсӣ/ Фаршедвар Хусрав. – Теҳрон: Ваҳид, 1352. – С.250.
4. Нодирпур Нодир. Куллиёт. (Девони ашъор)/ Нодирпур Нодир. –Теҳрон: Нигоҳ, 1382. –С.1000.
5. Сиёев Б. Очерк доир ба таърихи феъли забони адабии тоҷик/ Б. Сиёев– Душанбе, 1968. – С.162.

ОСОБЕННОСТИ ПРИСТАВОЧНЫХ ГЛАГОЛОВ В ТВОРЧЕСТВЕ НАДИРА НОДИРПУР

Автор в данной статье рассматривает особенности и строение приставочных глаголов в творчестве Надира Нодирпур. Первоначально предоставляются приставки, которые вышли из употребления, история

развития представок и теория некоторых языковедов. Используемые примеры из творчества Надира Надирпур определяют степень изучения приставочных глаголов.
Ключевые слова: глагол, приставка, теория, творчество, лингвистика.

PLATFORMERS ARE ESPECIALLY VERBS IN CREATIVITY NADIR NODIRPUR

In this article, the author examines the characteristics and structure of platformers are verbs in the works of Nadir Nodirpur. Initially, and set-top boxes, which went out of use, the history of the development of the theory of predstavok and some linguists. Used examples of the creativity of nadir Nadirpur determines the degree of exploration platformers are verbs.
Key words: verb prefix, theory, creativity, linguistic.

Сведения об авторе: ***Хадича Мехдизаде*** **–** аспирантка Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им. А.Рудаки АН РТ

ИСТИЛОҲ ВА ИБОРАҲОИ СОҲАИ ВАРЗИШ ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

А.Н.Шафоатов
Донишкадаи давлатии тарбияи ҷисмонии ба номи С. Раҳимов

Дар қолаби ибора сохта шудани истилоҳоти соҳаи варзиш зуҳуроти каммаҳсул нест. Он дар заминаи роҳи синтаксисии вожасозӣ ба амал омадааст. Бисёр рӯйдодҳо ва мафҳумҳои ин соҳаро дар чорчӯбаи як вожа (гуногунсохт) ифода кардан баъзан, тангӣ карда, матлаб кушодаву возеҳ баён намегардад. Бо ин мақсад аз қолаби ибораҳо, ки боиси ба вуҷуд омадани истилоҳоти зиёд шудааст, истифода бурдан ба мақсад мувофиқ омадааст: гӯштини тоҷикӣ, гӯштини самбо, гӯштини озод, гӯштини дзюдо ва ғайра. Ин қабил истилоҳот дар заминаи ибораҳои озоди синтаксисӣ сохта шудаанд.

Дар ин гуна мавридҳо истилоҳи гӯштӣ(н) хусусияти исми кулро доро гардида, навъҳои зиёд доштани ин намуди варзиш дар ҷузъҳои тобеи он баён ёфтааст. Ин намуди истилоҳсозӣ хеле сермаҳсул аст, ки аксаран дар қолаби ибораҳои исмии изофӣ пайдо шудаанд. Дар баробари ин дар кори истилоҳофарӣ бо ибораҳо мақоми пешояндҳо низ назаррас аст. Аз ҳамин лиҳоз, ибора – истилоҳотро ба ин тариқа гурӯҳбандӣ мекунем:

1. Ибораҳои изофӣ:

а) ибораҳое, ки аз исму исм рӯйидаанд: бозии миру вазир, бозии дум-думакон, бозии гир-гиракон, бозии чашмбандакон, баҳри калон, дастаи шамшер, тахтаи нард, сари бемӯй, сари кифт, сари зону, сари даст, шодии паҳлавон, устоди варзиш;

б) ибораҳое, ки аз исму сифат пайдо шудаанд: зарбаи сахт, ҳолати мадҳушӣ, захми вазнин, найзаи хаттӣ, пойгаи пиёда, тири том, тири ҳавоӣ, тири дукамона, ҳолати оббозӣ, зарбаи кунҷӣ, зарбаи ҷаримавӣ, мураббии шоиста ва ғайраҳо;

в) ибораҳое, ки аз исму шумора ва аз исму зарф ба вуқӯъ омадаанд: зарбаи ёздаҳметра, имконияти дубора, холи кам, холи зиёд ва ҳоказо.

2. Ибораҳои пешояндӣ:

а) бо пешоянди ба: ба сар зарба задан, ба сар гол задан, тӯбро ба дарвоза задан, ба даст бурдан, ба тахтапушт афтонидан, ба машқ машғул шудан.

б) бо пешоянди дар: дар ҳолати нобозӣ будан, тӯбро дар ҳаво доштан.

в) бо пешоянди бо: бо ду даст бардоштан, бо сар задан, бо пойи рост (чап) задан, бошаст омадан, бо суръат давидан.

Ба ҳамин тариқ, дар қолаби ибора сохтани истилоҳоти соҳаи варзиш ҳодисаи маъмул аст. Имкониятҳои истилоҳсозии ибораҳои озоди синтаксисӣ бо изофат нисбатан зиёдтар аст. Ба назари мо, шарти муҳимми дар шакли ибора ифода ёфтани истилоҳоти соҳаи варзиш дар он аст, ки аксарияти ному навъҳои гуногуни варзиш ва

қисматҳои ба он вобаста характери иқтибосӣ доранд ё худ дар натиҷаи тарҷума аз забонҳои дигар ба мо омадаанд: тӯби дастӣ (ручной мяч, гандбол).

Бояд гуфт, ки қолиби мазкур дар истилоҳсозӣ шакли нав нест. Вай дар фарҳангномаҳои тоҷикию форсӣ кайҳо тазаккур ёфтааст.

Пӯшида нест, ки истилоҳот хусусияти маҷозӣ касб карда наметавонад, вале дар луғат ва фарҳангномаҳои амсоли "Бурҳони қотеъ", "Чароғи ҳидоят" "Ғиёс-ул-луғот" ва ҳоказо ибора – истилоҳотеро дарёфтан мумкин аст, ки онҳо вобаста ба сифати истилоҳ корбаст шудаанд ва дар байни мардум шуҳрат пайдо карда, маънои нави маҷозӣ касб кардаанд: аспу фарзин ниҳодан (киноя аз ҷойгир кардани донаҳо дар тахтаи шоҳмот), бозиро бурдан (забардаст шудан, ғолиб омадан).

Истилоҳоте, ки бидуни ягон морфемаи калимасоз дар натиҷаи ҳодисаи конверсия аз як ҳиссаи нутқ ба дигараш мегузаранд, онҳо бо роҳи морфологӣ – синтаксисии калимасозӣ рӯйи кор меоянд.

Усули мазкур дар ҷодаи сохтани истилоҳоти соҳаи варзиш мақоми назаррас надошта бошад ҳам, онро падида гуфтан мумкин аст. Чунончи, истилоҳи паҳлавон аслан, сифат аст (марди паҳлавон), вале аломатҳои исмро гирифта, чун исм баромад мекунад. "Сабаби ба исм бештар дохил шудани сифатҳо дар он аст, ки аз ҳамаи ҳиссаҳои дигари нутқ сифат ба исм наздиктар мебошад, яъне сифат бе исм вуҷуд надорад" [27, 127]: бидав (зоти асп), бодпо (аспи тезрафтор), ақво ё ақвот (паҳлавони пурзӯру қавӣ), чобук, чобукдаст, забардаст, чапандоз, тозӣ (арабӣ, аспи зоти арабӣ), гурехтан (амал дар бозии шоҳмот), гард, (гаштан, бозидан), таҳамтан (қавиҷусса, лақаби Рустам). Ба исм гузаштани феълҳои гуногун низ ба мушоҳида мерасад: уфт (натиҷаи амал дар гӯштин), паридан (ба баландӣ, ба дарозӣ, номи навъи варзиш), пӯё (даванда), оташафрӯз (навъи тир, тири баҳаво рафта).

Далелҳо гувоҳи онанд, ки ниёгони мо дар марҳилаҳои гуногуни таърих нисбат ба варзиш бетараф набуданд. Инро мо аз гуногунрангии истилоҳоти соҳаи мазкур мушоҳида карда метавонем.

Хулоса, сохтори истилоҳоти соҳаи варзиш нишони он аст, ки истилоҳсозии соҳаи мазкур пурра бо роҳу усулҳои калимасозии забони тоҷикӣ мутобиқат мекунад. Хусусан, роҳи морфологӣ ва синтаксисӣ нисбатан сермаҳсул аст. Бояд тазаккур дод, ки хусусияти сермаъноӣ, омоморфемавӣ ва синонимӣ касб намудани баъзе истилоҳоти соҳаи варзиш, ки аз ҳисоби вожаҳои умумиистеъмолӣ рӯйидаанд, низ ба мушоҳида мерасад. Дар бобати истифодаи вандҳо ҳамчун воситаҳои истилоҳсозии соҳаи варзиш маҳсулнокии вандҳои -бар, -ба, -он, -ӣ, -гар, -гор ва ғайра зиёд ба чашм мерасад.

Инчунин бо роҳи конверсия ва субстантиватсия (ба исм гузаштани ҳиссаҳои дигари нутқ) офарида шудани истилоҳот дар соҳаи варзиш хеле маъмул аст.

А Д А Б И Ё Т

1. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. - Душанбе: Дониш, 1985. – Ҷ. 1. –356 с.
2. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик.– Душанбе:Дониш, 1987. – Ҷ. 2. –350 с.
3. Қосимова М. Н. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои IX-X)/ М. Н. Қосимова.– Душанбе, 2003. – Қ. 1. – 490 с.
Основная масса наречных словосочетаний двукомпонентна, и являются они собственно наречными, т.е. структурообразующим центром в них выступает наречие разной семантики. Располагают всеми моделями СС, а по значению и функциям относятся к наречно-обстоятельственной группе. Свой функциональный потенциал они раскрывают в контексте, где они получают синтаксическую специализацию. Это и является критерием отнесения их к наречным конструкциям. Образуют наречные словосочетания разные части речи: существительное, прилагательное, наречие, инфинитив, числительное, служебные части речи, послелоги. Наиболее активно употребительными моделями являются а) наречие + существительное; б) существительное + деепричастие; в) наречие +

деепричастие; г) существительное + существительное + частица; д) существительное + существительное + частица; е) существительное + существительное + деепричастие. Наречные словосочетания по своей семантике подразделяются на единицы, указывающие на образ и способ действия, время и пространство. Наиболее многочисленна группа, указывающая на образ действия, и представлена она несколькими грамматическими моделями. Модель ≪имя существительное в номинативе + деепричастие переходной семантики≫ - одна из основных и продуктивных моделей адвербиальных словосочетаний. Например: *старательно, с душой-бохаракат,аз сидки дил*. Модели ≪имя в номинативе + деепричастие непереходной семантики≫ и ≪имя в номинативе + наречие≫ также выступают выразителями образа действия. Например: *радостно-хурсандона , мехмондустона- гостеприимно.* К этой же группе относятся адвербиальные словосочетания, образованные сочетанием наречия с инфинитной формой и именами в разных падежных формах. При этом именная часть может состоять из двух компонентов, вошедших в состав словосочетаний как одна семантическая величина. Составными компонентами этой семантической группы могут быть имена в разных падежных формах, непереходные деепричастные формы пространственной семантики и наречия. Например*: очень близко, рядом-наздикакак, редко-баъзан.* Семантика *время* выражается также несколькими моделями адвербиальных словосочетаний. Основную семантическую нагрузку несут модели, где смысловым и структурообразующим центром выступают деепричастные формы переходной и непереходной семантики, оформленные суффиксом времени, а также имена в разных падежных формах и наречия.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Апресян Ю.Д. Синтаксис и семантика в синтаксическом описании/ Ю.Д. Апресян // Единицы разных уровней грамматического строя языка и их взаимодействие. – М.,1969. –240 стр.
2. Аракин В.Д. Типология объективных словосочетаний в скандинавских языках/ В.Д. Аракин // Типология германских литературных языков.– М.,1976. –124 стр.
3. Бархударов Л.С. Семантика связочных глаголов в современном английском языке: автореф. дис.канд. филол. наук./ Л.С.Бархударов.– М., 1957. –23 стр.
4. Белошапкова В.А. Сложное предложение в современном русском языке/ В.А. Белошапкова. –М., 1967. – 137 стр.
5. Виноградов В.В. Идеалистические основы синтаксической системы проф/ В.В.Виноградов. –М., 1967.

МОРФОЛОГИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ АДВЕРБИАЛЬНЫХ СЛОВОСОЧЕТАНИЙ В ТАДЖИКСКОМ, РУССКОМ И В АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

В данной статье говориться о том, что в словообразовании наречий как в таджикском языке, так и в английском, морфологическая структура качественных наречий отличается предельной четкостью: во всех них вычленяется основа прилагательного. С синтаксической точки зрения между наречиями в рассматриваемых языках обнаружено больше различий, чем сходств. Общими в обоих языках являются определительные функции: обозначение признака действия, состояния и другого признака в сочетаниях с глаголами и прилагательными. Синтаксической особенностью качественных наречий в таджикском языке является также широкое использование их в предикативной функции, в которой они семантически и морфологически противопоставлены прилагательным располагаются в зависимости по отношению к ядру)

Ключевые слова: enough «достаточно, during «в течение», concerning «относительно, unexpected – unexpectedly.

MORPHOLOGICAL ANALYSIS OF ADVERBIAL PHRASES IN RUSSIAN, TAJIK AND ENGLISH LANGUAGE“

The article is mentioned that in the word formation of adverbs, as in the Tajik and English languages , morphological structure of qualitative adverbs differs extremely. In all of them singles out the basis of an adjective. From a veiw of syntax between adverbs is detected more differences than similarities. In both languages there are determinative functions. Syntactic feature of qualitative adverbs in Tajik language is also wideL used in predicative function in which they are semantically and morphologically contrasted with the adjective.

Kev words: enough «достаточно, during «в течение», concerning «относительно, unexpected – unexpectedly .

Сведение об авторе: ***Ходжаева С.О.*** **-** кандидат филологических наук, доцент кафедры иностранных языков, Института экономики и торговли ТГУК. Телефон: **(+992) 919-29-11-20**

А Д А Б И Ё Т Ш И Н О С Ӣ

ПЕЙЗАЖ ДАР РОМАНИ «ВОСЕЪ» - И С. УЛУҒЗОДА

Сироҷиддин Эмомалӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Пейзаж (калимаи фаронсавӣ) маънои ҷой, макон, маҳал, минтақа ва кишварро ифода намуда, дар айни ҳол тасвири манзараи табиат дар асари адабӣ мебошад. Аз ин ҷост, ки тасвири табиат ва манзараҳои дилнишини он дар асарҳои манзуму мансур мавриди баҳрабардории адибон қарор гирифтааст.

Пейзаж дар эҷодиёти адибон мавқеи сазовор дорад. Аз устодон Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Фаррухӣ ва Манучеҳрӣ сар карда, то адибони адабиёти асри ХХ устодон С. Айнӣ, М. Турсунзода, Ҷ. Икромӣ, Пайрав Сулаймонӣ, Ҳ. Юсуфӣ ва С. Улуғзода тамоми воситаҳои тасвирро барои пурраю возеҳ инъикос кунонидани ҳаёти халқ дар эҷодиёташон истифода кардаанд.

Тасвири манзара акси муҳити табиӣ, манзилу макон, нурафшонии офтоб, партави моҳ, ҷилои ситораҳо, паҳнои осмон, ғуриши раъду барқу дарё, хиширроси баргҳо, сабзҷомаи дарахтон, сукути қуллаҳо, хониши булбулон, хиромидани оҳувон, наъраи бабрҳо, олами ҷондору бечон ва амсоли инҳо ҳамеша дар асарҳои эпикӣ муфассалу мукаммал истифода мешаванд. Ин аст, ки бе тасвири манзараи табиат асари эпикӣ арзиши бадеию эстетекии худро соҳиб шуда наметавонад.

Пейзаж аз рукнҳои муҳимми композитсия дар асари бадеӣ мебошад ва барои ошкор сохтани мундариҷаю ғояи асари бадеӣ ҳамчун ҷузъи муҳимми сюжет ва устухонбандӣ хизмат карда, рабти умумии асарро таъмин менамояд.

Тасвири манзара дар роман гоҳо мухтасар, гоҳо муфассалу тулонӣ истифода мешавад. Нависанда дар асари эпикӣ имкон дорад, ки макон ва ҷузъиёти воқеаро ҳамчун ҷойю макони инкишофи амалиёти минбаъдаи персонажҳояш ба тафсил баён кунад.

Нависандаи халқии Тоҷикистон С. Улуғзода маҳз ба хотири ҳарчи бештар ҷалб намудани таваҷҷуҳи хонанда ба макони воқеаҳо ва ҷойи амалиёти персонажҳои марказии романи «Восеъ» аз пейзаж моҳирона истифода намудааст.

Манзараи дар аввали романи «Восеъ» тасвирнамудаи С. Улуғзода, аз як тараф, чӣ гуна оила будани хонадони қаҳрамони марказии асар - Восеъро муайян намояд, аз сӯйи дигар ҳаёти хушбахтона ба сар бурдану садоқатмандона меҳнат намудан, бо меҳнату заҳмати ҳалол баҳри ба даст овардани қути лоямуте талош варзидани Восеъро нишон медиҳад. Дар баробари ин С. Улуғзода бо тадқиқи бадеӣ шароити зиндагии Восеъ ва дигар деҳқонони кӯҳистонро ягон – ягон нишон дода, тадриҷан моро бо шиддати муносибатҳои синфӣ ва иҷтимоӣ шинос намудааст. «Дар кӯҳистони Кӯлобу Балҷувон водиҳои хурд - хурди Хингоб, Сурхоб, Шӯроб, Обимазор аҷаб ҷоҳои хушбоду ҳаво ва бештаринашон тагоб, яъне обшор ва сердолу дарахтанд. Бару домани кӯҳҳои қабат ба қабат ва талу кӯталҳои ҷафс аз аввали баҳор то васати тирамоҳ сабзу хуррам, чашмасорони бешумор оби зулоли худро ба сойҳо, кишту боғу мевазорҳо ҷорӣ медоранд. Меваҳои ин сарзаминро намегӯед! Себ, анор, тут, олу, гелос, зардолу ва шафтолуи сершарбату хушмазаи Балҷувон, Ховалинг, Сари Хосорро кӣ намедонад!

Кӯҳистон фақат аз замин камбағал аст. Қитъаҳои калони замини корам аҳён - аҳён вомехӯранд. Пора – пора киштзорони сабзгун монанди дарбеҳҳои ҷомаи камбағали кӯҳистонӣ дар адирҳо паҳну парешонанд. Гандум, ҷав, арзан, ҷувориро аксари деҳқонон дар токиҳо баркашида мекоранд. Фалонӣ имсол даҳ токӣ ғалла коштааст, бисмадонӣ понздаҳ токӣ…

Ҷо – ҷо обраҳае, селхонае, сое, ки кӯҳистониён сангобаш меноманд, дили кӯҳу талу кӯталҳоро чок карда ба водӣ рахна мекушоянд. Ҳар кадоми ин рахнаҳо дараи танге мебошад.

Яке аз калонтарини ин дараҳои танг дар самти шарқии водии Обимазор дараи Мухтор аст. Аз даҳани дара дар масофаи як километр ба дарунтари он деҳае ҳамноми дара афтодааст, ки дар канори чапи сангоби хушк ҷой гирифта, қад – қадди он ёзида меравад. Вай ба намуд аз деҳаҳои дигари кӯҳистон фарқе надорад – онро талу кӯталҳои питов, яъне росту баланд аз се ҷониб фушурда дар миёна нигоҳ

медоранд. Ба миёнаҷои деҳа қушачиноре ҳамчун ду бурҷи дидбонӣ сояандоз мебошад.

Ин қушачинор аз ҳавлии беруни Восеъ қад кашидааст. Дарвозаи фарсудаи роғ – роғи ҳавлӣ ба тангкӯчаи пушти масҷид боз мешавад.

Дар ҳавличаи дарун ба ду хонаи пешайвону долондор оилаи Восеъ зиндагӣ мекунад. Дар ҳавлии берун меҳмонхона, ҷувозхона, оғилу каҳдон ҷой гирифтаанд. Аз пушти ҳавлӣ кӯчаи калони деҳа мегузарад; дар он бари кӯча аз баландие, ки бар фарозаш як қисми хонаҳо ва боғчаҳои бошандагони деҳа ҷой гирифтааст, чашмаи сардобе сар мезанад; оби чашма бо як новаи борик ба ҳавлии беруни Восеъ меояд ва аз ҳавлӣ ба ҳаёт – рӯйдаричае, ки мардуми маҳаллӣ онро ҳота мегӯянд, ҷорӣ мешавад. Ҳота, иборат аз боғча ва андак замини юнучқаву сабзавоткорӣ, дар мобайни ҳавлӣ ва сангоб воқеъ шудааст.

Баҳор, баҳори хурраму хандон, сабзпӯш ва гулбасар дар айни ҷавлону худнамоӣ. Шуълаи офтоб намесӯзонад, намегудозад, балки фақат ҳамчун меҳри падару модар ба фарзанди дилбанд гарм – гарм навозиш мекунад. Гунҷишкҳо, парастуҳо (фароштурукҳо) чаҳ – чаҳкунон дар осмони шаффофи лоҷувардӣ парафшон ва дар ташвишу тараддуди ошёнсозӣ…» [3, 10-11].

Чунин тавсифҳои мушаххас, ки аз онҳо хонанда чигунагии предмет, манзара ва ҳолатеро пеши назар дида тавонад, дар осори С. Улуғзода кам нестанд. Тавре ки академик М. Шукуров қайд мекунад, «Чунонки мебинем, дар ин ҷо тасвир оҳанги лирикии навозишкоронае дошта, тавсифҳои ҳиссӣ ва ташбеҳи мавҳуми ***«ҳамчу меҳри падару модар ба фарзанди дилбанд»*** оҳангро қувват додааст» [4, 74].

Манзараҳои дилнишини табиати кӯҳистони Балҷувону Ховалинг ва Сари Хосор бозгӯйи мақсадҳои бадеии нависанда мебошад, ки хеле диққатҷалбкунанда сурат гирифта, барои ифодаи боз ҳам пурратари мазмун ва барҷастатар баромадани тасвирҳо боис гардидаанд. Ба гуфти мунаққиди рус В. Г. Белинский «Даҳои адиб чӣ қадар ки баланд бошад, ӯ табиатро ҳамон қадар мукаммалу возеҳ тасвир мекунад ва алоқаи мустаҳками вайро бо ҳаёт, бо муваффақияти тамом нишон медиҳад» [1, 49].

Дуруст аст, ки яке аз вазифаҳои авалиндараҷаи пейзаж аз ифодаи манзара, баёни макони иҷроиши амал аст, ҳарчанд ки дар назари аввал ин вазифа одӣ намояд ҳам, набояд таъсири онро ба хонанда сарфи назар кард. Дар баробари ин ба воситаи пейзаж муносибати нависанда ба олами табиат ва амалиёти минбаъдаи персонажҳои мусбату манфии асари бадеӣ ошкор мегардад.

Манзараҳои табиат дар асари бадеӣ вазифаҳои лирикию фалсафӣ, дидактикӣ ва психологиро низ таъмин намуда, ба мақсади амалӣ гардидани ғояи бадеии нависанда зич алоқаманд мебошад. «Мунаққиди рус В. Г. Белинский мутобиқати манзараҳои табиатро бо ҳаёти халқ яке аз шартҳои муҳимми истеъдод мешуморидааст. Аз ҳамин ҷост, ки вазифаи пейзаж дар асарҳои бадеӣ на фақат иборат аз инъикоси образноки ҳодисаю воқеаҳои табиат, фазо, обу ҳаво ва манзараҳои кишвар аст, инчунин муносибати инсонро ба табиат низ ифода менамояд» [2, 117-118].

С. Улуғзода дар бисёр маврид на бо эҳсосоти худ, балки ба воситаи тасвир ба хонанда таъсир расонида, кӯшиш намудааст, ки аломату нишонаҳои мушаххасу асосии манзараву ҳолатҳоро як-як нишон диҳад, то ки он манзараву ҳолатро худи хонанда дида, аз он таъсир гирад. Ин аст, ки манзараҳои табиати тасвир намудаи С. Улуғзода дар романи «Восеъ» пуршукӯҳ ва гуногунранг буда, воқеаҳои асарро бой гардонидаанд. «Баъд аз се ё чор рӯз Саидалӣ дар чорбоғаш танҳо (оилаи ӯ ҳоло аз Зувайр ба боғ накӯчида буд) токҳои ангурро хомток карда гашта буд, ки баногоҳ Давлат бо як даста сарбозу навкарони худ ҳозир гардид.

Ваҷоҳати тираи ӯ нагбатхез ва балоангез буд.

- Бандед ӯро! – фармуд ба сарбозон Саидалиро нишон дода.

Мардакро зада – зада ба дарахт баста монданд.

- Буред! Шиканед! – ба боғ ишора намуда боз фармон дод саркардаи бадҳайбат.

Навкарони фармонбардор ва сарбозони шуҷоъ остин барзада ба кор даромаданд. Навкарон бо табару тешаву арра, сарбозон бо теғу шамшер. Фурсати нӯшидани як чойнак ҷой ҳам нагузашта буд, ки лашкари себу ток, анор, нок, шафтолу, гелос торумор карда шуд.

Ба истиснои гелос, меваҳои дигар нав акнун ғӯра шуда, хӯшаҳои ангур ҳам ҳоло сабзу хом буданд. Шоху навдаҳои пурбор ҳамчун шаҳидони майдони ҷанг ба хок

сарнагун гаштанд, танаҳои дарахтони каллакшуда ба мисоли падару модарони мусибатзадае, ки фарзандони дилбандашонро талаф дода бошанд, дастҳои худро боло намуда гӯё ба фалаки кӷрафтор лаънатҳо мефиристоданд» [3, 28]. Манзараи мазкур аз хонавайронӣ ва саргардонии Саидалӣ хабар медиҳад. Вай хонандаро ба воқеаҳои ноҳинҷору мудҳиши минбаъда тайёр мекунад. Табару тешаву арра ва теғу шамшер ифодаи зулму ситами зимомдорон ба фақирон аст.

Тасвири ҳаётро бе шарҳи табиат тасаввур кардан ғайриимкон аст. Бинобар ин, дар адабиёт тасвири пейзаж истифода мешавад. Аммо сабаби ягонаи истифодаи пейзаж дар адабиёт танҳо ин нест. Пейзаж ба асар обутоби эҳсосотро фароҳам меоварад, ки дар масираш ҳодисаҳои гуногун ба вуқӯъ мепайванданд, ҳолати рӯҳии қаҳрамонҳои асарро ифода карда, ба ходисаҳо маънои чуқур мебахшад. Ишораи кӯтоҳ дар тасвири табиат метавонад таассуроти баръалоеро дар бораи асар ба вуҷуд оварад, ба далелҳои алоҳида мазмуни иловагӣ зам намояд.

«Аз наззораи даштҳо, адирҳо, доманаҳои кӯҳсорон чашм ҳаловат мебарад, дил меболад. Онҳо дар ин фасли гандумпазӣ ҳама зарнигор шудаанд. Дар ҳама ҷониб ғаллазорҳои тиллоранг дар шуълаи офтоби гармтоб медурахшанд. Гандуми расида гӯё аз гармии офтоб шалпар шуда, пинак рафта, саракҳои вазнини худро хам намудааст. Гоҳ-гоҳ насими сабукпарвози кӯҳистонӣ бол афшонда, бо замзамаи латифи худ селаҳои гандумро аз пинаки ширин бедор мекунад ва нозук-нозук алвонҷ дода мерақсонад, бӯйи диловези онро парешон намуда, ба димоғи даравгарон, наҳру сойҳои шӯхи кӯҳӣ, ки дар дараҳо танинадоз аст ва хониши пурқаҳқаҳаи кабкҳои дарӣ, ки гоҳ аз ин ҷо ва гоҳ аз он ҷо баланд мегардад, аҷаб нашъае дорад. Ба ин савтҳои тарабангез ва рӯҳнавоз таронаи «майда» - хонии хирманкӯбон ҷур мегардад.

Гандуми Балҷувон ба хубӣ машҳур, нонаш бисёр бомаза ва хушгувор аст» [3, 213].

С. Улуғзода дар романи «Восеъ» манзараҳои табиатро дар вобастагӣ ба ҳаёти персонажҳои асар тасвир намуда, ба воситаи иловаи манзараҳо ба мураттабию диққатҷалбкунандагии хатти сужаи асар муваффақ мегардад, ки ин ҳолатро аз тасвири минбаъда хеле хуб мушоҳида кардан мумкин аст. «Ӯ (Восеъ - С. Э.) ду даст ба пушт карда оҳиста-оҳиста қадам партофта мерафт. Баъди як дам ба адир – ҷойи ғаллакорони камолиён расид, он ҷо дар болои адир як бех садаи калон ва дар таги сада нимвайрона ва барфу бороншуста, ба замин чӯкида хоначае буд, ки ҷуфтгарон, даравгарон ё чӯпонҳо аз борону жола ба вай паноҳ мебурданд. Аз сӯрохҳои бому девори хонача дуди нафисе мебаромад. Ин чӣ дудест, магар чӯпонҳо дар ин вайрона алов карда кӯмоч ё дунбулбирён пухта истода бошанд? – фикр кард Восеъ ва аз дари фарсудаи роғ – роғи хонача ба дарун назар андохт. Дид, ки воқеан ҳам дар он ҷо марди нимбараҳнае почакӣ сохта алов карда чизеро дар аланга тоб дода нишастааст. Восеъ дурусттар нигоҳ карда Ризоро шинохт. Ризо, ин тӯ? – ӯ дарро боз карда даромад» [3, 34].

Аз лаҳзаҳои аввали шиносоӣ Восеъ дар ниҳоди Ризо як ҷавҳари ҳақиқии инсонӣ мушоҳида карда, ба ӯ беш аз пеш таваҷҷуҳ зоҳир менамояд. Таваҷҷуҳи Восеъ ба Ризо рӯз аз рӯз меафзояд. Ӯ ин бачаи оворагарди бепарасторро ба хонааш писархонд карда меорад ва ҷиддан ба тарбияи ӯ машғул мешавад. Боварӣ ва тарафгирии Восеъ ба Ризо рӯҳ мебахшад, дар дили ӯ шарораҳои умед бедор менамояд ва оҳиста – оҳиста ба роҳи росту садоқат қадам мегузорад. Ҳамаи ин ба мо имконият медиҳад ба хулосае оем, ки С. Улуғзода дар романи «Восеъ» ба воситаи тасвири манзара ба пайдарпайии хати сужаи асар кӯшиши зиёде ба харҷ додаст.

Нависанда ба воситаи манзараҳои табиат ҳиссиёт, фикр, андеша, ҳолати рӯҳӣ ва олами ботинии персонажҳои мусбату манфиро аён месозад. «Шаб ором. Дар осмони бекарона ситораҳои бешумор медурахшиданд. Ҷо-ҷо дар байни сабзазори сиёҳтоби домани талҳо чароғаки кирми шабтоб чашмак мезанад. Чирроси ҳашароти орамида ва гоҳ-гоҳ гуфтугӯйи паст-пасти қаровулон ва якто-нимто одамони шабзиндадор, шиҳаи аспон ба гӯш мерасад. Заврақи рахшони моҳ дар баҳри ахзари фалак шино мекунад. Восеъ аз хурроки Саидалӣ дилгир шуда, «рахт»-и хобашро аз коза берун кашидааст. Хоби нооромеро, ки соате чашмонашро пӯшонда буд, акнун аз вай гурехта ҷояшро барои хаёлу андешаҳои парешон холӣ кардааст. Бар рӯйи сабзаи тар пуштнокӣ дароз кашида, Восеъ воқеаҳои се рӯзи охир – се рӯзи пас аз ҷанги Мазори Додаракро аз назари хаёл мегузаронад, таҳлил мекунад, ба маърази муҳокима мекашад…» [3, 267].

Нависанда ҳангоми тасвири ҳодисаҳои фараҳбахш манзараҳои табиатро низ зебову дилкаш ба қалам дода, агар воқеаи тасвиршаванда ғамангезу фоҷианок бошад, пейзажро ҳам мувофиқи ҳамон тасвир менамояд. Масалан, манзараҳои баҳор бештар аз ҳолати хурсандӣ, аммо фасли тирамоҳ аксаран аз воқеаҳои нохуш ё ки аз ягон фоҷиаи ғайрчашмдошти дарпешистода дарак медиҳад. Чунин ҳолати тасвирро дар асарҳои устод С. Айнӣ «Одина», «Дохунда» ва романҳои Ҷ. Икромӣ «Шодӣ» ва «Ман гунаҳгорам» мушоҳида кардан мумкин аст.

С. Улуғзода низ ба воситаи манзараҳои табиат ҷараёни амалиёти персонажҳои мусбату манфии романи «Восеъ»-ро дар якҷоягӣ нишон дода, вобаста ба характери қаҳрамонҳо ва дигар шудани ҷараёни воқеаҳои асар манзараҳои тасвир намудааш низ тағйир ёфтан мегирад. «Чашми рӯз кафида дарараро равшан кард. Ду километр поёнтар дар соҳили рости Сурхоб қалъаи ҳокимнишин урёну ҳайбатнок ба болои шахи баланд қарор гирифтааст. Вай ба як тарзи асроромез ва хавфангез сокиту ором мебошад. Дар рӯ ба рӯи қалъа ба соҳили чапи дарё, дар даҳани дараи Оби Мазор, ҷое ки ин об ба Сурхоб мерезад, дарахтзори тирагуне ба назар мерасад, ки аз дарунаш чинорҳои хушкидасар, тӯбсадаҳои паҳновар ва қайрағочҳои пир қад кашидаанд. Ин ҷо яке аз муқаддасоти кӯҳистониён - мазори Хоҷа Балҷувон мебошад. Деҳае борику дароз, ба ном деҳи Сари Мазор, аз мазор сар шуда, дар пои қатортали баланд хазида-хазида то қарибии Тути буни Ҳайдар мерасад. Дар муқобили он ба канори дигари (канори рости) дарё, дар мобайни масофаи аз Тути буни Ҳайдар то қалъа, деҳаи хурдтараки Сурхакон дар бағали шаҳҳо ва ҷариҳои сурх ҷой гирифтааст.

Шуълаи офтоби сарбароварда, аммо ҳанӯз ба шӯришгарон намудор нашуда, ба болои қалъа тофт. Он гоҳ шӯришгарон дар болои девори қалъа сиёҳии се-чор нафар одамро диданд. Дар он ҷо бек Мирзоакрамбой ва мансабдорони вай истода, бо дурбин ӯрдуи шӯришгаронро назора мекарданд. Аз ҷониби Сурхакон чаҳор нафар савор намоён гардиданд. Бе яроқ. Саллаи сафеди якеро фарқ кардан мумкин. Шикорчии тезчашм Назир соҳиби саллаи сафедро шинохт:

- Ҳоҷӣ Яъқуби мударрис, - гуфт ӯ ба Восеъ» [3, 279].

Манзара яке аз мавзӯъҳои муҳим ва махсуси ҷинси лирика ба шумор равад ҳам, он дар ин ҷинси адабӣ хусусияти муҷаррадиро дорад. Яъне мурод аз тасвири манзара дар ҷинси лирика тақвияти воқеаву характер нест. Вазифаи асосии манзараи асари лирикӣ баён кардани орзуву ормони қаҳрамони лирикӣ ва ҷамъбасти он мебошад. Аммо манзара дар ҷинси эпикӣ, аз ҷумла жанри роман, вусъатёбанда тасвир мегардад. Манзараи роман хоҳу нохоҳ лавҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ, минтақаҳои ҷудогонаи маҳалеро пеши назари хонанда воқеӣ ҷилвагар менамояд, ки воқеа дар он рӯй дода истодааст.

Чунонки ба хонанда маълум аст, сабабҳои асосии мағлубияти шӯриши деҳқонону камбағалони кӯҳистони Ховалингу Балҷувон дар романи Восеъ баъд аз ғоратгарии Саидалӣ ба «Боғи мир» тасвир ёфтааст. Саидалӣ бо ин кораш нақшаи Восеъро барбод дод. Аз сужаи роман ба хонанда маълум мегардад, ки баъд аз фатҳи Балҷувон дар байни лашкари Восеъ маҳз ҳамин Саидалӣ парокандагӣ ба вуҷуд овард. Ин аст, ки С. Улуғзода тасвири зебоии чорбоғ ва ҳусну таровати «Боғи мир» - ро вобаста ба ҳодисаҳои тасвиршаванда ва мақсаднок истифода намудааст. «Шарм кун, Саидалӣ! – гуфт баъд Восеъ. – Ту худатро меросхӯри мир кардӣ? Молу хазинаи мир ғанимати ҳалоли фақирон аст, ҳар кас, ки ба сари худ ғанимати фақиронро ғорат кунад, дузди ғоратгар аст. Маълум мешавад, ки ту бо мақсади дуздию ғоратгарӣ ба ғазот ҳамроҳ шудаӣ!

Саидалӣ чизе гуфтанӣ шуда даҳон кушода буд, ки Восеъ:

- Дам ист! Ман гап мезанам, ту шунав! – гуфта шасти ӯро шикаст.

Ман ҳозир барои бо ту саволу ҷавоб карда истодан вақт надорам, ҳамин қадар мегӯям, ки агар ту ин феъли бадатро напартоӣ, тавба накунӣ, сонӣ аз худат гила кун!

Восеъ ба ҳисоб гирифтани чизҳои ғораткардаи Саидалӣ ва дигар ашёи боқимондаи «Боғи мир»-ро ба Назир супурда, худ бо Нозим ва ҳамроҳони дигараш пиёда чорбоғро давр зад. Бас дилкушову босафо чорбоғе дид, ки касро ба фароғату роҳат моил менамуд. Дар фарози ҳамвори кӯҳ ва нишебии он як бист таноб ҷойро бо девори баланди сангин иҳота намуда, токзору мевазорҳо, гулистонҳо, суфаю сарҳавзҳо сохта буданд. Мақомгоҳи мир кушки сафеди оинакорӣ, шипанг ва айвонҳои нақшин дошт. Бӯи диловези гули садбаргу райҳон машомро муаттар месохт, ба ҷон ҳаловат мебахшид. Хониши булбулон рӯҳнавоз, оби зулоли чашмасор

бо миллаҳои сафолин ва новадонҳои чӯбин ба ҳар ҷониб равон буд. Сайри насими фараҳбахши кӯҳсорон сафо ва таровати ҳавои чорбоғро афзунтар менамуд. Мирон соле ду бор-се бор аҳолии калонсоли ҳар як амлокдориро ба навбат ба ин ҷо оварда кор мефармуданд, сангу рег мекашонданд, деворҳо ва иморатҳо, роҳу пайраҳаҳо, ҷӯйҳоро таъмир мекунонданд. Восеъ ҳавлиҳои даруну беруни ҳокимро даромада дид. Дар ҳавлии дарун вай ба ду хизматгори бек- марди куҳансол ва ҷавоне вохӯрд, ҷавонро зуд шинохт - вай Ниёз буд, ки дар он ҷо бо зани бемори тағоияш монда буд» [3, 300].

С. Улуғзода дар романи Восеъ вобаста ба хулқу атвор, рафтору кирдор, ҷаҳонбинӣ, хислату характерҳои персонажҳои асар ва воқеаю ҳодисаҳои тасвиршаванда манзараҳои табиатро истифода намудааст. Чунончи, баъд аз оне ки шӯриш пахш мегардаду Восеъ бо ҳамроҳии ёронаш дастгир мешавад, то баромадани ҳукми амир Восеъро зиндон мекунанд. Манзараи тасвирнамудаи С.Улуғзода танҳо барои тасвири образи Восеъ хизмат намуда далерию нотарсӣ ва шуҷоату мардонагии ӯро чунин нишон медиҳад. «Баъд аз маҳкам шудани дар, зиндониён овози Восеъро шуниданд, ки мегуфт:

- Мард бошед, ёрон. Маҳкам бошед, дилатонро бой надиҳед. Манғит гумон накунад, ки мо тарсидем. Сар аз тан медиҳему сидқ аз дил намедиҳем. Агар мо аз зиндон, аз теғу дор метарсидем, шӯриш намекардем.

Овози Восеъ хомӯш гардид. Ӯ ба боло нигоҳ карда дид, ки дар шифти зиндон ба қадри даҳони кӯза сӯрохест, аз он сӯрох ду ситора хира – хира чашмак мезад. Ҳозир фақат ҳамин ду ситора буд, ки асиронро бо олами берун алоқаманд мекард.

- Назир, нигоҳ кун, ду ситора, - гуфт ӯ.

Назир нигоҳ кард.

- Монанди ду чашми гург аст, ки дар шаби тор метобад, - гуфт шикорчии дерин.

Чашми гург нагӯй, он ду чашми Парвардигор аст, ки ба мо нигоҳ мекунад, - гуфт як зиндонии дигар, ки аз овозаш марди солхӯрдае буд.

- Ду чашми Худо… - худ ба худ такрор кард Восеъ ва илова намуд:

- Рост гуфтӣ, Худо ҳеҷ вақт бандагонашро бо як чашм намебинад» [3, 353].

Бе муболиға С. Улуғзода мусаввири забардасти манзараҳои табиат мебошад. Нависанда манзараҳои табиатро бо ҳолати рӯҳии персонажҳои романи «Восеъ» мувофиқ тасвир намудааст. Аксари қаҳрамонҳои офаридаи асарҳои С. Улуғзода, аз ҷумла Восеъ, ба тариқи фоҷиавӣ ҳалок мешаванд. Адиб дар ин маврид низ аз пейзаж тарзе истифода намудааст, ки манзараи табиат қувваю қудрат ва қаҳрамонию ватандӯстии онҳоро баръало намоиш медиҳад.

«Ҷаллодон ҳалқадаваки ресмони дорро ба гардани Восеъ андохтанд. Вай охирин бор ба шаҳр, ба мардумон, ба дарахтон ва баъд ба осмон нигарист. Дар осмон шоҳинеро дид, ки баланд, хеле баланд парвоз менамуд. Шоҳин зуд дар баҳри лоҷувардии фазо ғӯтида аз назар ғоиб гардид.

Ҷаллодон ресмони дорро кашиданд... Чашмони Восеъро торикӣ пахш кард…» [3, 363].

Ҳамин тариқ, дар романи «Восеъ» манзараҳои табиат як рукни муҳимми тасвири бадеӣ ба шумор рафта, онҳо ба бандубаст, сюжети асар иртиботи комил доранд ва боиси муассирии мундариҷаи ғоявии он гардидаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Белинский В. Г. Избр. фил. соч., Госиздат полит. лит., М., 1948.- 867 с.
2. Сайфуллоев А. С. Айнӣ – мусаввири забардасти манзараҳои табиат/ А. Сайфуллоев //Ҷашнномаи Айнӣ, ҷузъи 2. - Душанбе, 1963. –С. 117-127.
3. Улуғзода С. Восеъ/ С. Улуғзода. – Душанбе: Ирфон, 1979. – 366 с.
4. Шукуров М. Диди эстетикии халқ ва насри реалистӣ/ М.Шукуров . - Душанбе: Ирфон. - 1973.- 158с.

ПЕЙЗАЖ В РОМАНЕ «ВОСЕ» С. УЛУГЗОДА

Пейзаж является одним из содержательных элементов литературного произведения, который выполняет многие функции в зависимости от стиля автора, литературного направления и жанра произведения и как часть природы, может подчеркивать определенное душевное состояние героя с помощью воссоздания созвучных или контрастных картин природы.. Писатели очень часто в своих произведениях обращаются к описании пейзажа, который помогает им рассказать о месте и времени изображаемых событий.

Основу творчества С. Улугзаде составляют главным образом атрибуты историчности и событийности художественного произведения, где главной целью автора является реальное и объективное описание

исторического факта. В историческом романе «Восе» С. Улугзаде удалось в совершенстве создать образ Восе и мастерски изображать и природу той местности где проходили исторические события, описанные в романе «Восе».

Ключевые слова: творчество С. Улугзаде, пейзаж в романе «Восе», природа, изображение природы, любовь к родной земле, сливание с природой.

LANDSCAPE IN THE NOVEL «VOSE» S. ULUGZADA

Landscape is one of the substantive elements of a literary work, which performs many functions depending on the style of the author of the literary direction and genre of the work and as part of nature, may emphasize a certain state of mind of the hero by means of a reconstruction of harmony or contrasting patterns of nature.. Writers very often in his works, refer to the description of the landscape, which helps them to tell about the place and time of the depicted event.

Basis of creativity, C. Ulugzada mainly consists of the attributes of the historicity and the newsworthiness of an artistic work, where the main goal of the author is real and objective description of the historical fact. In the historical novel «Vose» S. Ulugzada managed perfectly to create an image of Vose and masterfully represent and nature of the countryside where were the historical events described in the novel «Vose».

Key words: creativity C. Ulugzada, landscape in the novel «Vose», nature, images of nature, love to the native earth, merging with the nature.

Сведения об авторе: ***Сироджиддин Эмомали*** – кандидат филологических наук, доцент, директор Издательского центра Таджикского национального университета

ТАЛМЕҲ ДАР ШЕЪРИ ҚАТРОН

А.М. Бобобеков
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Талмеҳ дар шеъри Қатрон мавқеи муҳим дорад. Шоир дар истифодаи талмеҳ маҳорати комил дошта, ба ҳаводису шахсиятҳои асотирию динӣ ва таърихӣ ишороти малеҳ намуда, ба ин восита таъсири сухани ӯ зиёд ва аҳдофи муаллиф нишонрас баён шудаанд. Маълуми ҳамагон аст, ки бо талмеҳ сухан гуфтан осон нест. Ба қиссаву ривоятҳо, ҳикояву воқеаҳо мурочиат намуда, бо истифодаи мазмуни онҳо образу тасвирҳо ва маъниҳои нав офаридан душвор аст. Чи тавре ки дар луғатҳо овардаанд, талмеҳ нигоҳи сабук кардан ба сӯйи чизест. Ва ҳам овардаанд, ки дар шакли «тамлеҳ» - ба маънии милҳ, яъне намакин кардан меояд. Ва дар адабиёти бадеӣ ишора кардан ба воқеаҳои таърихӣ, асотирӣ, қиссаву афсонаҳо ва ба шеъри маъруфи яке аз саромадони сухан мебошад.

Аз оғози девони Қатрон маълум мегардад, ки шоир давовини шоирони Моваруннаҳру Хуросонро хуб омӯхта ва аз қиссаву ривоятҳои зиёде бохабар будааст. Дар баъзе абёти қасоиди хеш қиссаву ривоятҳо ва ҳикоёту воқеоти зиёдеро пайи ҳам ва бо иртиботи андешаҳои наҷиб меорад:

Шуд аз шаш номдор андар ҷаҳон шаш чиз ӯро ирс,
Ки ҷуз бо вай наёбӣ бо кас ин шаш чиз дар кайҳон.
Вафои Эраҷу фарҳанги Салму фарри Афредун ,
Забони Золу саҳми Сому дасти Рустами Дастон (1,325).

Ё худ дар абёти зер, ишоракунон ба он гуфтаи Фирдавсӣ аз забони Суҳроб:

Чу Рустам падар бошаду ман писар,
Чӣ бояд ба гетӣ касе тоҷвар (2,203).

Чунин гуфта :

Ҳамеша гуфт ҳаме пури Рустам он Суҳроб,
Чу сӯйи Эрон овард лашкари Тӯрон.
Ки ман писар буваму Рустам падар бошад,
Дигар чӣ бошад дайҳимдор дар кайҳон (1,285).

Бояд тазаккур дод, ки шоир ҳангоми истифодаи санъати «талмеҳ» бештар ба қиссаҳои паямбарон Довуду Мӯсову Сулаймону Юсуф (а) ва ашхоси машҳури қиссаву достонҳо: Салмону Ҳотами Той, Қоруну Фиръавн, қаҳрамонони «Шоҳнома»

- и безавол чун Ҳушангу Сому Золу Рустами Дастон, Қуболу Фаридуну Кова, Салму Эраҷ, Ковусу Геву Бежану Баҳроми Гӯр ва дигарон ишораҳо намуда, зимни он қиссаву ривоятҳо ба ҳаёти хеш рӯ меорад:

Ба сони Кова ман будам нажанд аз дасти Заҳҳокон,
Ту Афредун маро ҳамчун дирафши коваён кардӣ (1,366).

Чуноне ки аз байти боло маълум мегардад, шоир бо истифодаи санъати «талмеҳ» ба образҳои офаридаи Фирдавсӣ ишораҳо карда, инчунин лаҳзаи ҳаёти хешро баён месозад ва мамдӯҳи худро ба шоҳ Фаридун баробар сохта, мадҳи ӯро мегӯяд.

Баъзан ба ашхоси воқеии таърихӣ низ ишора менамояд:

Гоҳи салому саҳм чу Ковусу Кайқубод,
Гоҳи калому фаҳм чу Қобуси Вушмагир (1,140).

Бояд ёдовар шуд, ки аз санъатҳои бадеӣ Қатрон дар осори хеш бештар аз ташбеҳ, тавсиф, таҷнис ва талмеҳ (тамлеҳ) – у тарсеъ, муболиға истифода кардааст ва муҳаққиқини осори ӯ ҷо – ҷо ба истифодаи ин саноеи бадеӣ аз ҷониби шоир ишораҳо доранд.

Аз санъатҳои бадеии дар боло овардашуда чуноне, ки ёдрас шудем, санъати «талмеҳ» барои муайян намудани ҳаёти шоир ва омӯзиши таърихи Моварои Кафказ аз аҳамият холӣ набуда, тавассути он метавон бисёр паҳлӯҳои ҳаёти он замонро дақиқтар омӯхт.

Шоир ҳам дар истифодаи асотири эронӣ (пешазисломӣ) ва ҳам асотири исломӣ ба андозаи кофӣ аз андеша ва ақоиди роиҷ дар адабиёти то замони ӯ огоҳ аст ва дар корбурди талмеҳот ҳадди авсатро риоя намудааст. Гоҳо Қатрон дар як қасида пайи ҳам чандин талмеҳ меорад, ки ҳам мансуб ба асотиру қиссаҳои эронӣ мебошанд ва ҳам ба асотиру қиссаси исломӣ:

На Ковус аз фузун ҷустан зи чарх афтод бар соҳил,
На Намруд аз фузун ҷустан зи абр афтод дар саҳро.
На боду дому деву дад ба фармон буд Сулаймонро?
Ба тадбир аз фузунӣ гашт дур аз маскану маъво.
Ба тамъи Рум шуд Шопур зиндонӣ ба Рум андар,
Ки бистонад зи Қайсар мулки Руму кини дил з-аъдо.
Паямбар буд чун Хусрав, ки сахтӣ бурду дин парвард,
Бидод Эзид пайи сахтиш ин дунёву он дунё.
На аз тобут мурсал гашту аз сандуқ хусрав шуд,
Яке Мӯсо бини Имрон, яке Доро бини Доро?
На Юсуфро нагун дар чоҳ афканданд ихвонаш,
На бифрӯхтанд сайёраш миёни Миср чун мавло?
Фаровон буд дар зиндон ба Миср, Эзид бубахшидаш,
Бад-ӯ бахшид мулки Мисру мулки Шом то Санъо.
Шудем аз гиря нобино чу Яъқуб аз ғами Юсуф,
Зулайховор гашта пиру ин худ буд ҳаққи мо (1,3).

Ба андешаи Кубро Раҳбари Ҷиранда: «Дар девони «Қатрони Табрезӣ (мутаваффо ба соли 465ҳ.) байни асотири исломӣ ва эронӣ таъодул аст ва дар хор шумурдани асотири эронӣ Қатрон кӯшиш накардааст» [3,224].

Дар ҳақиқат Қатрон дар ин маврид миёни асотир ва қиссаҳои эронии куҳан ва асотиру қиссаҳои исломӣ ҳеҷ якеро тарҷеҳ намедиҳад ва дар истифодаи ин талмеҳот ҳадди таодулро риоя намудааст. Чунончи дар ин байтҳо, ки шоир ҳам ба қиссаю шахсиятҳои эронии қадим ва ҳам ба қиссаю шахсиятҳои исломӣ ишороти малеҳ менамояд:

Ба илми осафӣ з-он рӯ ниёз омад Сулаймонро,
Ки будаш фарри яздонию таъйиди сулаймонӣ (1,359).

Дар байти аввал шоир ишорат ба илми Осаф - вазири донишманди ҳазрати Сулаймони паёмбар намудааст, ки бо донишу тадбири худ машҳур аст ва таъкид мекунад, ки ба илми Осаф ниёз доштани Сулаймон ҳама аз баракати нури яздонӣ ва иқболи паёмбарӣ буд ва чунин вазиру фарри эзадӣ ва таъйиди сулаймонӣ аз бахшишҳои Яздон буд. Дар байти дуюм зимни васфи мамдӯҳ ишорат ба қиссаи аз ҷониби Искандар ба шикаст ва қатл мувоҷеҳ шудани Доро-шоҳи охирини сулолаи Ҳахоманишиён ва ба ҳазимату марг анҷом ёфтани кори Заҳҳоки хуношом ба туфайли Фаридун намудааст:

Зи ту бар душман он омад, ки бар Доро зи Искандар,
Зи ту бар ҳосид он омад, ки бар Заҳҳок з-Афредун (1,334).

Дар ин абёт ва байтҳои дигари қасоиди Қатрон вазифаи талмеҳ тақвияти сухани шоир дар мадҳи мамдӯҳон мебошад ва дар ин росто шоир гоҳо талмеҳро дар дохили ташбеҳ ва дигар санъатҳои бадеӣ меорад. Масалан:

Муштаричеҳру фалакҳиммат Манучеҳр, он ки ӯ,
Чун Фаридун фарру чун Ҳушанг дорад ҳушу ҳанг (1,198).

Гоҳо шоир дар як байт ҳам талмеҳи сомӣ ва ҳам талмеҳи эрониро ба кор мебарад:

Рӯзи бахшидан нашояд ходимаш солори Тай,
Гоҳи кӯшидан нашояд чокараш пури Пашанг (1,198).

Шоир талмеҳоти эрониро низ фаровон истифода кардааст. Чунончи, дар байти поён ба Исфандиёри Рӯинтан ишора намуда, сипас ӯро бо мамдӯҳи худ муқоиса мекунад. Яъне, ба қавли шоир агар Исфандиёр теғи шоҳро бубинад, ҳаргиз қасди ҷанг намекунад:

Рӯин Сифандиёр накардӣ ба ҷанг рой,
Гар рӯзи ҷанг теғи ту дидӣ Сифандиёр (1,136).

Дар байти дигар шоир ба қаҳрамонони қиссаи ишқии «Хусраву Ширин» ишора намуда, аз сарвату неъмати Хусрави Парвез ва аз меҳнату ранҷҳои кашидаи Фарҳоди кӯҳкан дар роҳи ишқ ёд мекунад:

Мувофиқони туро бод неъмати Парвез,
Мухолифони туро бод меҳнати Фарҳод (1,82).

Тавре ки мебинем, санъати талмеҳ дар шеъри Қатрон васеъ ба кор рафта, шоир зимни ишора ба қисса ва шахсиятҳои асотирию таърихӣ ва динӣ барои мамдӯҳони худ ба таври муъҷаз ибрати рӯзгори гузаштагонро гӯшзад мекунад.

А Д А Б И Ё Т

1. Девони Ҳаким Қатрони Табрезӣ / Аз рӯйи нусхаи Муҳаммад Нахичувонӣ. –Теҳрон, 1362.-552 с.
2. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома (иборат аз 9 ҷилд) / Таҳияи К.Айнӣ, З.Аҳрорӣ, Б. Сирус/ Б.Аҳрорӣ. – Душанбе, 1987.– Ҷ. 2.– 320с.
3. Кубро Раҳбари Ҷиранда. Талмеҳ дар адабиёти форсӣ/ Кубро Раҳбари Ҷиранда // Паёми Донишгоҳи Миллӣ. – 2005. – №1. – С. 224.

ТАЛМЕХ В ПОЭЗИИ КАТРОНА

Катрон Табрези является поэтом, творившим в основном в жанре касыды и благодаря своим изящным и неповторимым касыдам занявшим достойное место в истории персидско-таджикской поэзии. Поэт обладал большим мастерством в применениии художественных средств выражения в своих сочинениях, которые придавали им особую значимость и привлекательность. Талмех в поэзии Катрона Табрези занимает важное место

Ключевые слова: Катрон Табрези, поэзия, художественные средства выражения, талмех.

TALMEKH IN POETRY KATRON

Katron Tabrezi is a poet, working mostly in the genre of касыды and thanks to its elegant and unique касыдам took a worthy place in the history of the persian-tajik poetry. Poet possessed great skill in the use of artistic expression in their writings, which gave special importance and attractiveness. talmekh in poetry Katron Tabrezi occupies an important place

Key words: Katron Tabrezi, poetry, artistic means of expression, talmekh.

Сведения об авторе: ***Бобобеков А.М.***- кандидат филологических наук, старший преподаватель кафедры таджикского языка и методики обучения таджикского языка и литературы ТНУ

ТАМСИЛИ ҶОНВАРОН ДАР «ХАДИҚАТ-УЛ-ҲАҚИҚА»-И ҲАКИМ САНОИИ ҒАЗНАВӢ

Гулрухсор Нозимова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

«Ҳадиқат-ул-ҳақиқа»-и Ҳаким Саноии Ғазнавӣ яке аз шоҳкориҳои бузурги адабиёти қарни XI- XII- и форс-тоҷик мебошад. Номи пурраи он «Ҳадиқат-ул ҳақиқа ва шариат-ут тариқа» буда, дар адабиёт бо унвони «Ҳадиқа»-и Саноӣ маъруф гардидааст ва аввалин асари ирфонӣ дар адабиёти ин давр мебошад. Ин асари бузург иборат аз даҳ боб буда, бештар аз даҳ ҳазор байтро дарбар мегирад ва дар мавзӯъҳои мухталифи марбут ба ирфон баҳс менамояд.

«Ҳадиқа»-и Саноӣ инчунин бо номи «Иллоҳинома» ва «Фахринома» низ дар адабиёт машҳур аст ва дар баҳри хафифи махбуни мақсур (фоилотун, мафоилун, фаулун) ба номи Баҳромшоҳи Ғазнавӣ суруда шудааст ва замони шурӯи он ба соли 525 ҳ.қ.1131 м. ва анҷомаш ба соли 534 ҳ.қ. ва 1140-41м. рост меояд.

«Ҳадиқа» аз асарҳои эҷоднамудаи марҳилаи дувуми умри Саноӣ мебошад ва бояд гуфт, ки маҳз эҷодиёти ҳамин давра маҳбубияти ӯро миёни аҳли илму адаб афзун гардонидааст. Ғазалу қасоид, қитъаву рубоиёт, ки як қисмати осори бузургҳаҷми Саноии Ғазнавиро ташкил медиҳад, аз сурудаҳои аввали зиндагии ӯ мебошад ва аз ҳаёти боишрату тарабангезӣ шоир дарак медиҳад. Дар қисмати дувуми умр бо тағйир додани вазъи рӯзгори худ ӯ даст аз ҷаҳону ҷаҳониён шуста, худро ба кунҷи узлат мезанад ва дар офаридани асарҳои динию ахлоқӣ мепардозад. Тозагии баён ва таркиби маънавии пурғановати ҳар як асари офаридаи ин орифи бузург, шуҳрати ӯро ҳанӯз дар даврони зиндагиаш ба бор меоварад. Ин буд, ки баъд аз сари ӯ низ бузургоне чун Аттор, Мавлавӣ, Низомӣ ва Ҳоқонӣ рағбати зиёду алоқамандӣ бар осори ӯ дошта, дар пайравии ӯ асарҳои зиёдеро таълиф намудаанд.

«Туҳфат-ул- ироқайн»-и Ҳоқонӣ, «Махзан-ул -асрор»-и Низомӣ, ки баҳрае аз шамаи боғи Саноианд, дар заминаи «Ҳадиқа»-и ӯ эҷод гардидаанд ва шумораи чунин асарҳо дар адабиёт хеле зиёданд.

Забони баёни ин шоҳасари бузург хеле содаю равон мебошад. Ҳаким Саноӣ барои ҷаззобияти фикр бештар ҳикмати гузаштагонро ба кор бурда, бо тасвири образу манзараҳои ҷолиб онҳоро ифоданок мегардонад ва қариб дар ҳар як образи офаридаи ӯ корбурди масал ба чашм мерасад. Яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи содагии баёни ӯ овардани тамсили ҷонварон мебошад. Тамсил дар «Ҳадиқа»-и Саноӣ мақоми ба худ хос дошта, бахусус рамзӣ нишон додани онҳо дар нақши ҳайвонот дар ҳар як образи офаридааш бараъло мушоҳида мешавад.

Ҳаким Саноӣ зимни ҳар як гуфтори худ бо овардани мисоле аз ҷонварон тафсири зикри Ҳақро гӯё мешавад ва аз дидгоҳи ӯ шинохти Худо шинохти худ аст, бар ҳастию қазову қадар, ки дар ҳар як ифодаи ӯ возеҳу равшан акс ёфтааст.

Ӯ дар боби аввал хӯрдагирони олами бебақоро дар образи нобиноён ба қалам додааст ва суханро аз дарозои тақдир ба шаҳри нобиноён бурда, мисле ки:

Шаҳре буд азим дар Ғур ва мардуми он ҳама нобино. Рӯзе аз он ҷо подшоҳ мегузарад ва ҳамроҳи лашкараш дар наздикии шаҳр, дар дашт қарор мегиранд. Овозаи пили шоҳ, ки хеле бузургҷусса буд ба гӯши мардуми шаҳр мерасад ва хоҳиши дидани ӯ онҳоро ором намегузорад:

Чанд кӯр аз миёни он кӯрон,
Бари пил омаданд аз он урон.
То бидонанд шаклу ҳайъати пил,
Ҳар яке тозиён дар он таъҷил…(1, 43).

Назди пил омаданд, чун чашми бино надоштанд, бо иродати худ ҳар як қисмате аз бадани пилро ламс мекарданд, то бидонанд чи гуна аст. Ба ҳини баргашт назди ҷамоаи кӯрон васфи пилро менамуданд, аз он чи насиби тадбирашон буд, аммо назари ҳамаи онҳо дар шарҳи қисматҳои дида хато буд.

Бо овардани тамсили «Ҷамоати нобиноён ва аҳволи кӯр» Ҳаким Саноӣ таъкид менамояд, ки дарки асрори ниҳони ҷаҳон танҳо ба воситаи омӯхтану дақиқнигорӣ ба даст меояд, яъне чашми сар (ақл)-ро беҳтар аз чашми дил медонад:

Ҳеҷ дилро зи куллӣ огаҳ не,
Илм бо ҳеҷ кӯр ҳамраҳ не (1, 44).

Ҳамин гуна дар ҷойи дигар Саноӣ ҳикмати азалро дар тадриси омӯзиши олам баён дошта, офаридгорро наққоши созандаи кул маънидод кардааст. Пурсиши аблаҳ дар «Достони бостон», ки аз кажии уштур ба миён меояд, аз ягонагии Худованд ва қудрату тавоноии ӯ назди бандагонаш ҳадс мезанад, яъне дар иллати ҳар як офаридае ҷавоби қонеъкунанда бар ҳасби ҳоли ӯ дида мешавад, чун ҷавоби уштур:

Нақшам аз маслиҳат чунон омад,
Аз кажӣ ростӣ камон омад.
Ту фузул аз миёна берун бар,
Гӯши хар дархӯр аст бо сари хар (1,55).

Яъне ҳар мавҷудеро, ки Худо офарид, сурату сираташро ба андозаи идрок бахшиш кард.

Зишти некӯ ба назди аҳли хирад,
Сахт нек аст аз ӯ наояд бад (1, 56).

Яъне Ӯ (Худо) донандаи кул аст ва Ӯ хубтар медонад, шоистагии қимматро ба мол. Дастури Худовандиро ба сӯйи инсонҳо аз раҳи раҳмату сидқу вафо мебинад, чунон ки фармуда:

Пилро пашша гар бидаррад пӯст,
Гӯ бар он гӯши пашшарон бо ӯст.
Шапуш ар ҳаст нохунат ҳам ҳаст,
Кайкро гӯшмол чун барҷаст.
Кӯҳ агар пур зи мор шуд машкӯҳ,
Сангу тарёқ ҳаст ҳам дар кӯҳ.
В-ар зи каждум ба дил нишон дорӣ
Кафшу наъл аз барои он дорӣ (1, 57).

Бо ин Ҳаким Саноӣ фузунии раҳмати Офаридгорро бар бандагонаш рӯшан сохта, ҳама мушкилоти ҳаёти онҳоро ҳалшаванда меҳисобад, ҳар як фиристодаро сабабест мефармояд ӯ:

Нӯш дон арчи заҳри ӯ бошад,
Лутф дон ҳар чи қаҳри ӯ бошад (1, 57).

Яъне ҳикмати Худованд бар ҳар як офаридаи худ равона гардидааст. Ба ин маънӣ дар ҷойи дигар аз бевафоиҳои дунё ва даст бардоштан аз талабу ҳирс мефармояд:

З-ин ҳавасҳои ҳарза даст бидор,
Орзу заҳр дону меъда чу мор.
Афъии орзу-т агар бигазад,
Бо ту ин корҳо басе напазад (1, 61).

Дар қазоват намудани ин тамсил, аввалан чизе, ки ба ҳуши хонанда мерасад, қиссаи пурмоҷарои Искандари Мақдунист, ки ҳазорон наздикону пайвандону афсаронашро барои расидан ба орзуву ҳавасҳои дастнорас қурбон кард ва ба вақти фаҳмидани марги худ:

Чунин гуфт, к-«Аз марг худ чора нест
Маро бар дил андеша з-ин бора нест.
Маро беш аз ин зиндагонӣ набуд,
Замона на коҳид, на ҳаргиз фузуд» (2, 263-264).

Таъкиди Ҳаким Саноӣ низ дар зикри ин матлаб далолати гуфтаҳои фавқро менамояд, яъне орзуе, ки дар пайи худ қурбонӣ меорад арзишеро қоил нест.

Аз ҳамаи ин натиҷа гирифта, Ҳаким Саноӣ қаноатро бар инсонҳо шарафи камолот медонад:

Ҷуз паи зоди роҳи олами ҳай,
Зӯр лохайр дону зар лошайъ.
Ҳаст лохайр зӯри зардорон,
Ҳамчу лошайъ ақли майхорон (1, 61).

Дар ҷойи дигар Ҳаким Саноӣ ҳирсу тамаи инсониро шабеҳи гург карда, гургу Юсуфро дар ҳам мекашад ва чокарони ҳирсу тамаъро бад-ин сарзаниш мекунад:

Ӯ туро роъию ту гургписанд,
Ӯ туро доъию ту ҳоҷатманд.
Гургу Юсуф ба туст хурду бузург,
В-арна зи ӯ якест Юсуфу гург (1, 62).

Ҳаким Саноӣ воқеиятро бар ҳастӣ собит карда, ақлро фармонбари ҳукм ва табъро нақшпазир, ки нақкошаш нафс аст меҳисобад ва қаноатро мунтаҳои эминӣ аз ҳама балоҳои рӯйи олам ба қалам медиҳад:

Ҷунбиши чарх бе сукуну замин,
Ҳаст чун мӯр дар дами танин.
Мӯрро аждаҳо фурӯ набарад,
Гардиши чарх бехабар гузарад (1,62).

Ва ҳаммаъно аз ин мисраҳо:

Нолаи шавқи фохта бишнав,
Ҳолату завқи сохта ба ду ҷав (1, 67-68).

ҳасби ҳоли ҳикмати азалро:

На ман аз пардаи тақво бадар афтодаму бас,
Падарам низ биҳишти абад аз даст биҳишт (8, 56).

гӯшрас мекунад.

Аммо бо шукр зистан, дар қаноат кӯшиданро Ҳаким Саноӣ далели будан ва ба ҳастӣ расидан медонад ва ӯ лутфи иллоҳиро навозандаи бенаво ва қаҳрашро гудозандаи нозанин, ки аз созиши ин қаҳру лутф аз зинда мурда ва аз мурда зинда бурун меорад ҳамоҳанг кардааст:

Кушт қаҳраш, чу омад андар ҷанг,
Бошаи мулкро ба пашшаи ланг.
Боз чун аспи лутфро зин кард,
Луқмаи кирмро малахчин кард.
Худ аз ӯ ақлу раъйи разин,
Кирм симин бувад малах заррин (1,72-73).

Шукр, ҳам калиди ризқ ва ҳам қаноатро комрон мегардонад,- мегӯяд Ҳаким Саноӣ ва аз ӯ инсон ҳамеша сарфароз аст, бо ин матлаб ӯ инсониятро ба қаноатпешагӣ даъват мекунад, ки Худованд ҳам ҳабиби чунин ашхос аст, мисле ки:

Шукри қудрат, қудратат афзун кунад,
Ҷабр, неъмат аз кафат берун кунад (6, 39).

Ҳаким Саноӣ ихлос ба Худовандро нусрат ёфтан бар ҳастию вуҷуд ҳисобида, ҳар кӣ назди Худо азиз аст, ӯро соҳиби каромот медонад ва мефармояд, ки ҳамеша саъй кунед, то ин ки соҳиби ин каромот бошед. Бо лутфу эҳсон ишора ба Офаридгор мегӯяд ӯ:

Ту маро дил деҳу далерӣ бин,
Рӯбаҳи хеш хону шерӣ бин (1, 124).

Дар ҳамин ҷо давоми гуфторашро ба онҳое, ки матлаби ягона надоранд ва дар худ устувор нестанд мебахшад:

Умр зоеъ ҳамекунӣ дар кор,
Ҳамчу хар пеши сабза бе афсор.
Гирди ҳар шаҳр ҳарза мегардӣ,
Хар дар он раҳ талаб, ки гум кардӣ (1,125).

Ҳамчунин Ҳаким Саноӣ нодониро маҳкум карда, муваффақ будани инсони комилро дар ҳама ҳолат аз роҳи илму дониш мебинад ва қасди нишастани киштӣ кардани шахси аз баҳр бехабарро аз рӯйи нодонӣ шумурда, хатарашро эҳсоси аз фаҳму салосати инсон дур мебинад:

Қасди киштӣ макун, ки пурхатар аст,
Марди киштӣ зи баҳр бехабар аст.
Гарчӣ навхезу навгирифт бувад,
Бати киштиталаб шигифт бувад (125).

Анӯшервони Одил ғарқ шудан дар обро авлотар аз он медонад, ки аз нохалафе ёрӣ пурсӣ: «Ба кам зи худӣ муҳтоҷ будан азим мусибате бошад, агарчи хуш бувад, ки андар об мурдан беҳ, ки аз ҳақир зинҳор хостан» [7, 36]. Яъне танҳо Худо аст, ки тамоми рози ҷаҳон барояш ошкор аст ва одамӣ ҳамон вақт аз хатар дур мегардад, ки бо Ӯ (Худо) бипайвандад.

«Дар тамсили он касе, ки маро сарзаниш ва омӯзонид» Ҳаким Саноӣ дар мавриди бо машаққат омӯхтану ин дунёро бо чашми хирад нигаристан тафриқаи бози дар банд хӯ гирифтаро аз бози ваҳшӣ яксара ба ҳам меорад ва бартарии бози бо дасти инсони нек хӯ гирифтаро, ки бо риёзат ба ҳама хулқу атвори ҳамида сар фуруд меорад тасвир менамояд ва бо ин инсонҳоеро, ки ба сахтию азият тобовар нестанд ва пайи рӯзгузаронии муфтанд маҳкум мекунад:

Рав риёзат каш ор-т бояд боз,
В-арна роҳи ҷаҳимро месоз (1, 131).

Дар ҷойи дигар Ҳаким Саноӣ маърифати инсониро аз ҳама чизи дунё боло гузошта, фазилати олимонро нурбахши раҳи маъниву саодат мешуморад ва аз доно бадӣ сар заданро накӯтар аз некии нодон медонад, монанди он ки амалро маркаб медонаду илмро савораи он:

Он кашад зину он кашад з-он бор,
Ки амал маркаб асту илм савор (1,269).

дар ҷойи дигар:

Илм дорӣ амал на, дон ки харӣ,
Бори гавҳар барию коҳ харӣ (1, 243).

маънидод менамояд, ки мувофиқи матлаб аст. Роҳбари раҳравони ин роҳро бошад, дард унвон мекунад ва воқеан ҳам дард чароғи равшанибахши ҳама ҷаҳони тор аст, ки аз он хомҳо пӯхта, монеаҳо кушода ва мушкилҳо осон мегардад ва танҳо эҳсоси дард шахсро ғаюру тавоно мегардонад, мисле ки:

Раҳравонро чу дард роҳбар аст,
Он киро дард нест кам зи хар аст (1, 269).

Ҳаким Саноӣ бо овардани «тамсил дар муҳаббат ва шукр» ин нуктаро пайгирӣ намуда, аз забони уштур ҷавоби босалоҳиятро дар мавриди пурсиши аблаҳе:

Ки чаро бо чунин қаду қомат,
Кӯдакеро ҳамекунӣ тоат?(1, 269)

чунин меорад:

Додаш уштур ҷавобу гуфт: Эй мард,
Ман шудастам чунин мутобеи дард.
Ман худ аз кӯдак арчӣ бехабарам,
Ба маҳору расан ҳаменигарам (1, 269).

Ҳама фараҳу нишотро ворастаи ин дарду мукаррами илм медонад, илми аз баҳри дину дод бударо боде бар оташу обу хок меҳисобад ва рӯйи илмҷӯйи дар харобӣ бударо шабеҳи дар об моҳӣ будан кардааст. Ҳамин тавр фазилати инсони боилмро назди Худованд аз ҳама воло гузоштааст, ки зикри сухани ҳақ аст.

Ба асолати ишқи ҳақиқӣ расидан аз нигоҳи Ҳаким Саноӣ иштиёқ ба маърифати кул аст ва бешак ҳар маънии офаридаи ӯ дар ниёз ба ишқи ягона ки нишонаш Худо аст тасвир ёфта:

Ишқ бе чормехи тан бошад,
Мурғи доно қафасшикан бошад (1, 274).

ё дар ҷойи дигар:

Азми хушкӣ бар аспу бар хар кун,
Чун ба дарё расӣ қадам сар кун (1, 275).

ин гуна ҷӯйишҳои исрорангезро дар зиндагӣ танҳо нафаре метавонад анҷом бидиҳад, ки чашми муҳаббаташ кушода бошад ва нишони Ҳақ дар нигоҳи ӯ равшанӣ бахшад:

Тифлро бози ишқ пир кунад,
Пашшаро ишқ бошагир кунад.
Бошаи ақл саъвагир бувад,
Каргаси ишқ бозгир бувад (1,277-278).

Яъне танҳо нигоҳи ишқ метавонад нусратро коромӯз бошад, инсонро комгору музаффар намояд:

Ки аҷал ҷони зиндагонро бурд,
Ҳар ки аз ишқ зинда гашт, намурд (1, 278).

Ҳаким Саноӣ дар боби ишқу муҳаббат бештар ақидаҳои ирфониро пеш гирифта, ишқи ҳақониро дар нигоҳи Ҳақ таҷаллӣ медиҳад. Аз ин рӯ тасаввуфӣ будани «Ҳадиқа»-и Саноиро қисми зиёди олимон ҷонибдорӣ менамоянд, аммо Евгений Эдуардович Бертельс бар он назар аст, ки ягона қисмате, ки моро ба тасаввуфӣ шуморидани «Ҳадиқа»-и Саноӣ водор менамояд, боби ишқии он мебошад,

ки онро ҳам пурра рангу бори суфиёна додан аз имкон берун аст, мегӯяд. Аммо сабаби дигаре, ки Саноиро ба суфигарой нисбат медиҳад, муаллифони асарҳои тасаввуфӣ мебошанд, ки дар эҷоди худ «Ҳадиқа»-ро ҳамчун манобеи матни тасаввуфӣ меоваранд. Ҷалолуддини Румӣ низ, гӯё «Маснавии Маънавӣ»-ро бо дархости дарвешони шаҷараи худ навишта, ки ҳамагӣ ба хондани назми Аттору «Ҳадиқа»-и Саноӣ таваҷҷуҳ дошатанд, аммо чизе, ки лозим ба шаҷараи худ доштанд аз ин асарҳо пайдо намекарданд. Ҳамчунин маълум, ки Ҷалолуддин гуфта:

Аттор рӯҳу Саноӣ ду чашми он,
Ман аз паи Саноиву Аттор омадам (3, 437-438).

Бертелс аз ин хулоса бароварда мегӯяд, ки танҳо аз сабаби оне, ки назми Низомӣ бо таваккуле тасаввуфӣ хонда шуд, «Ҳадиқа» низ дар ин шумор дохил шуд.

Саноӣ дар яке аз гуфторҳои худ роҷеъ ба суфиён чунин нигоштааст:

Аз бурун мард марди қут ниҳад,
Дом дар хони анкабут ниҳад.
Сӯфиён дар даме ду ид кунанд,
Анкабутон магас қадид кунанд.
Мо, ки аз дасти рӯҳ қут хӯрем,
Кай намаксуди анкабуд хӯрем (1, 316),

ки ин собит менамояд, ки Саноӣ яке аз сӯфиёни пешқадам мебошад.

Бо офаридани образҳои мухталиф Саноӣ нақши ҷонваронро вобаста ба мавқеу нуфуз ва шароити зисти онҳо тавъам намудааст, ки ин хеле ҷолиби диққат аст. Масалан, мӯрро агар мутафаккирони гузаштаи мо бештар ба деҳқон, ба мардуми одӣ нисбат дода бошанд, Саноӣ дар нақши мӯр ашхоси ҳарису тамаъкорро ба қалам додааст:

Мӯр бошад мудом дар таку пӯй,
Биму ранҷу алам зи дунёҷӯй.
Мӯр бошад ҳамеша дар тагу тоз,
Мард бошад чу боз дар парвоз.
Мӯри ҳирс аз даруни сина барор,
Чунки он мӯр зуд гардад мор (1, 317),

ки ин ҳам далели шахси тасаввуфӣ будани Саноист.

Ҳаким Саноӣ дар ҳар як мисоли овардааш ҳикматеро бозкушоӣ менамояд ва рози ниҳони даҳрро бар бевафоиҳо собит месозад, чуноне ки дар қиссаи пири зол овардааст:

Қиссае ёд дорам аз падарон,
З-он ҷаҳондидагони пурҳунарон.
Дошт золе ба рӯстои Таков,
Меҳситӣ ном духтареву се гов… (1, 395).

Рӯзе ин духтари зебопайкар бемор мешаваду пиразан аз ин сахт мутаассир мегардад ва бо ҷигари сӯхта:

Зол гуфтӣ ҳамеша бо духтар:
Пеши ту бод мурдани модар (1, 396).

Аз қазо ҳамон рӯз гови пирзол сар даруни дег мекунаду сараш даруни дег рӯст мегардад ва гов ба сурати деве девонавор бо ҳуҷум сӯйи зан метозад ва пири нодон чунин меандешад, ки ӯ Азроил аст, аз шасти ҳаракати гов ва балои ҷон оҳу фиғон бар осмон мебардорад пири нодон, ки ман ҳамоно як зани пиракиам, солимаму мубталои дарде нестам, балки ӯ-Меҳситӣ мариз аст, ту хато кардаӣ маро ба ҷойи духтарам машумор, бирав ту медонию ӯ, маро ба ҳолам гузор бигир домони ин духтар.

Пас куҷост он ҳама муҳаббатҳои ба ҳам хӯрда ва Ҳаким Саноӣ барои чунин ашхос мефармояд:

Ту наӣ бар аҷал далер ҳанӯз,
Гӯр гӯр асту шер шер ҳанӯз (1, 364).

Аз ин бармеояд, ки вафо андар бевафоӣ нақши худро пурзӯр карда, то инсоният аз хештан огоҳ бошад, яъне авсофи рӯзгори раиятро дар садоқату вафодорӣ метавон муттаҳид кард. Чунонки дар ҷойи дигар дар мавриди шахси дилозор омадааст:

Ранҷадоранда кам зияд чу магас,
Ҳаст камранҷ аз он зияд каргас (1,482).

ва баръакси ин хӯйи некро даст ёфтан ба ҳама бузургиҳо медонад: Хушхӯ аз бадон сутург шавад,

Гург чун меш хӯрд гург шавад (1, 392).

Ҳар он чиро, ки Ҳаким Саноӣ дар риштаи назм кашидаву дар ӯ тобиши маънӣ ангехта, роҳкушоест ба сӯйи висол, нағмаест дар шигифти тор ва болест ҷониби баландиҳо бар ошёни ситоразор. Дар либоси ҷонварон даровардани дурри маънӣ ва бад-ин васила кушодани рози ниҳони ин ҷаҳон раҳнамоӣ роҳи ҳақиқат аст, ки бо амсолу ҳикматҳои бемисли «Ҳадиқа»-и Ҳаким Саноӣ саропо зеварпӯш гардидааст. Вориди ин дунёи хираду андеша шудан, боиси худогоҳиву камолоти ҳар фарди соҳибдил хоҳад шуд.

А Д А Б И Ё Т

1. Абулмаҷд Маҷдуд ибни Одам Саноии Ғазнавӣ. Хадиқат-ул ҳақиқа ва шариат-ут-тариқа/ Абулмаҷд Маҷдуд ибни Одам Саноии Ғазнавӣ. – Душанбе, 2008. – 666с.
2. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома/ Абулқосим Фирдавсӣ.–Душанбе, 2009. –Ҷили VII. – 480с.
3. Бертельс Е.Э. История персидско – таджикской литературы. Избр. Тр. Т. I/ Е.Э.Бертельс. – М., 1960. – 556с.
4. Гузидаи ашъори Ҳадиқаи Саноии Ғазнавӣ. Аз силсилаи «Шоҳкориҳои адабиёти форсӣ»/ Зери тасҳеҳ ва тавзеҳу муқобилаи доктор Аҳмади Ранҷбар. –Теҳрон, 1369. –90с.
5. Дар боғи рӯшноӣ. Баргузидаи «Ҳадиқат-ул-ҳақиқат». Интихоб ва тавзеҳи доктор Аҳмад Маҳдавии Домғонӣ/ Бо саъй ва эҳтимоми М.Солеҳов. – Душанбе, 2007. – 228с.
6. Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ-Румӣ. Маснавии маънавӣ/ Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ-Румӣ. – Теҳрон, 1379ҳ. –2001м. –732с.
7. Унсурулмаолии Кайковус. Қобуснома/ Унсурулмаолии Кайковус. – Душанбе, 1979. – 192с.
8. Ҳофиз, Шамсиддин Муҳаммад. Девони Ҳофиз/ Ҳофиз, Шамсиддин Муҳаммад. – Теҳрон, 1386. – 391с.

БАСНЯ ПРО ЖИВОТНЫ{ В «ХАДИКАТ-УЛ ХАКИКЕ» ХАКИМА САНА'И ГАЗНЕВИ

Один из важнейших образов в «Хадике» Сана'и является басня про животных, используя которые, Сана'и показывает правильный путь человечеству, чтобы познать истину и жить достойно.

Ключевые слова: «Хадике», басня, подобный, животные, благочестие, всевышний, разум, любовь, жизнь.

ANIMALS IN FABLE "HADIKAT UL-HAQIQI" HAKIM SANAA GHAZNI

One of the most important images in the "Hadike" Sanaa is a fable about the animals that are using them, Sanaa shows the correct path of humanity to the truth recognized by the world and live with dignity.

Key words: "Hadike" fable-like, animals, piety, God, reason, love, life.

Сведения об авторе: ***Гулрухсор Нозимова*** – кандидат филологических наук, ассистент кафедры истории таджикской литературы Таджикского национального университета. Телефон**:(+992) 907 32 66 11**

СОХТОРИ ЖАНРИИ РУБОИЁТИ АМИР ХУСРАВ

Р.Тағоймуродов
Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа ба номи Носири Хусрав

Рубоӣ яке аз жанрҳои қадимтарин ва маъмули адабиёти гуфториву навиштории форсӣ-тоҷикӣ ба шумор меравад. Ин калима дар аксар луғатномаҳо ба маъниҳои чаҳоргонӣ, чаҳортоӣ, чаҳорхона ва монанди инҳо тавзеҳ ёфта, гоҳе бо номҳои дубайтӣ, тарона ва байт низ мавриди истеъмол қарор гирифтааст.

Мувофиқи ишораи муаллифи «ал-Муъҷам» рубоиётеро, ки ба он оҳанг баставу бо овоз хонда мешудааст, тарона ва рубоиёти муҷаррадеро, ки корбурди оҳангу мусиқӣ надорад, дубайтӣ мегуфтаанд.

Ҳамчунин рубоиёти малҳун ё худ таронаро қавл ва ғазал низ мегуфтаанд, яъне рубоии малҳуни арабиро қавл ва рубоии форсӣ-тоҷикиро, ки бо оҳангу овозхонӣ марбут буд, ғазал меномиданд. Рубоӣ дар адабиёти араб маъмулан, бо номи форсӣ-тоҷикии худ-аддубайт ва дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ бо номи арабӣ машҳур аст. Дар ин бора донишманди эронӣ, яке аз муҳаққиқони жанри рубоӣ Сируси Шамисо чунин мегӯяд:

«Ҳамин вожаи дубайтӣ аст, ки ба арабӣ рафтаву дар он ҷо табдил ба «дубайт» шудааст ва мақсуди араб аз «аддубайт» ҳамон рубоӣ дар истилоҳи форсизабонон аст.

Арабҳо аз вожаи форсии «дубайт» ва эрониён аз луғати арабии «рубоӣ» истифода мекунанд» [30, 14].

Рубоӣ дар истилоҳи адабиётшиносӣ шеъре аст мураккаб, аз чор ҷузъ ё худ мисраъ, ки маъмулан ду тарҳи қофия дорад, тарҳи қофияи навъи аввал **а,а,а,а** буда, онро **мурассаъ** ё **тарона** мегӯянд ва тарҳи қофияи навъи дуюм, ки шаклаш **а,а,б,а** мебошад, дар истилоҳ **хасӣ** мехонанд. Чунонки дида мешавад, тарҳи қофия дар рубоӣ бар асоси тасреи байти аввал ва пайравии мисраи охир аз қофияи байти аввал аст. Корбурди қофия дар мисраи сеюм ихтиёрист.

Тибқи нишондоди муҳаққиқони назарияи рубоӣ дар асри Х истифодаи рубоиёти мусарраъ ва хасӣ дар осори адибони форс-тоҷик баробар аст, вале дар эҷодиёти Рӯдакӣ теъдоди рубоиёти секофияӣ бештар аз чорқофияӣ мебошад. Тарзи корбурди қофияро дар рубоӣ ба назар гирифта, бархе муҳаққиқон рубоии чаҳормисроиро қадимтар медонанд. Аз ҷумла, Ҳумоӣ дар ин масъала чунин мегӯяд:

«Хасӣ- дубайтӣ, яъне рубоие аст, ки мисрои савумаш қофия надошта бошад. Тавзеҳан, қудамо дар гуфтани рубоӣ ағлаб мултазам буданд, ки ҳар чаҳор мисроаш қофия дошта бошад ва дар миёни мутааххирон он қайд бархоста ва он расм чандон муроот нашудааст» [29, 406].

Гурӯҳи дигари муҳаққиқон, ки аксаран ховаршиносону муҳаққиқони адабиёти туркзабон мебошанд, бар хилофи ин ақида рубоиёти хасиро асилтар медонанд ва барои маншаи туркӣ доштани он баъзе далелҳои беасос меоранд, Ховаршиноси итолиёӣ Алессандро Баузани ва шарқшиноси рус Т. Ковалский бар он назаранд, ки як навъ шеъри роиҷи чиниву туркӣ бо номи **ҳойку**, ки тарҳи қофияаш мисли рубоии хасист, маншаи рубоӣ ба шумор меравад. Мусташриқи олмонӣ Фрис Майер ба маншаи арабӣ доштани рубоӣ муътақид аст. Адабиётшиноси қазоқ М. Ҳамроев дар асоси гумони бепояву беасоси Т.Ковалский иддао дорад, ки возеи рубоӣ намояндагони адабиёти туркзабон мебошанд, на эрониён [24, 142-143].

Қобили зикр аст, ки барои шинохти воқеиву ҳақиқӣ ва ба таври аниқ муқаррар кардани хастгоҳи ин ё он анвои адабӣ муҳаққиқ ниёзманд ба далоилу бароҳини зиёде аст, зеро мусалламан бидуни мавҷудияти далелу асноди вофири қотеъ ва ҳамапазир дар асари таҳқиқотӣ аҳамияти илмии он ба нуқсон мувоҷеҳ гардида, заҳмати муаллифро дар ҳар гуна таълифот камарзиш месозад. Масалан, барои муайян кардани хостгоҳи рубоӣ нахуст, бояд мавҷудият ва сатҳи корбурди онро дар адабиёти гуфторӣ ва навиштории ин ё он халқу миллат ҷустуҷӯ кард. Дар иртибот ба ин, зикр кардан бамаврид аст, ки тибқи хулосаҳои муҳаққиқон рубоӣ яке аз жанрҳои қадимтарину соҳибистиқлоли ҷинси ғиноии адабиёти форс-тоҷик аст, ки хостгоҳаш эҷодиёти даҳонии халқ мебошад. Рубоӣ дар адабиёти навиштории форсӣ-тоҷикӣ аз эҷодиёти шифоҳии ин миллат маншаъ пазируфта, қариб дар эҷодиёти ҳамаи адибон ҳузур ва корбурди фаровон дорад.

Далели дигаре, ки ҳар як муҳаққиқ бояд ба он такя дошта бошад, ба эътибор гирифтани нуқтаи назари муаллифони сарчашмаҳои таърихиву адабӣ, луғатномаҳо ва орои назарии суханшиносони асримиёнагӣ мебошад. Омӯзишу пажӯҳиш дар ин замина низ куллан собит месозад, ки рубоӣ маншаи форсӣ-тоҷикӣ дорад ва мухтареи он миллати форс-тоҷик аст.

Дигар аз асноди муҳимму арзишманд дар пажӯҳишу баррасии ҷанбаҳои гуногуни адабиётшиносӣ, бахусус дар масъалаи мавриди назар, таҳқиқоти бунёдӣ ва беғаразонаи адабиётшиносону ховаршиносони муосири ватаниву хориҷӣ мебошад. Омӯзиши таҳқиқоти ба мо дастрасшудаи адабиётшиносону ховаршиносони муосир ғолибан исбот менамоянд, ки рубоӣ маншаи чиниву туркӣ ва ҳатто арабӣ надошта, балки офаридаи табъу завқи баланд ва саршор аз эҳсоси миллати форс-тоҷик аст, ки баъдан ба адабиёти дигар ақвом, аз ҷумла нахуст ба адабиёти араб, пас ба адабиёти қавмҳои туркизабон ва дертар ба адабиёти халқҳои славянӣ ворид шудааст.

Ба назар чунин мерасад, ки иллати ба чиниву туркӣ мансуб донистани маншаи рубоӣ аз ҳикояте, ки шарқшиноси итолиёӣ Алессандро Баузани зикр кардааст, сар задааст. Дар ин масъала муҳаққиқи рубоӣ донишманди эронӣ-Сируси Шамисо дар китоби арзишманди худ «Сайри рубоӣ дар шеъри форсӣ» чунин менависад:

«Нигоранда…, ба сабаби адами ошноӣ бо забони итолиёӣ, аз машрӯҳи назарияи Бузони (Баузани Р.Т.) бехабар аст. Ба назари ӯ бозаргононе, ки баъд аз ислом аз тарафи Чину Мочин ва Туркистон омадушуд доштанд, як шакли шеърии роиҷ аз адабиёти худро, ки муҳтамалан навъи ҳойку (Haiku) будааст, дар байни

форсизабонон ривоҷ доданд ва он шакли шеърӣ бо тағйироте мавриди тақлид қарор гирифт вал-Лоҳу аълам» [30, 25-26].

Ривояти мазкур, ки гӯё жанри рубоӣ нахуст аз Туркистон ба Эрон интиқол ёфтааст, шояд қисман асоси воқеӣ дошта бошад, зеро маълум аст, ки сафар аз Чин ба Эрон дар гузашта тавассути Роҳи абрешим сурат мегирифт ва тоҷикон, ки дар саргаҳи ин роҳ сукунат доштанд, боиси мунтақил шудани жанри рубоӣ аз забони онҳо ба Эрон тавассути бозаргонон шуда бошад.

Ёдоварии Баузани аз Туркистон аз он ҷиҳат аст, ки Осиёи Миёнаро ба хотири он ки аксар сокинонаш, ба ҷуз аз тоҷикон, ҳама турктабору туркизабононанд, дар гузашта Туркистон медонистанд. Тахмину гумонҳои бархе муҳаққиқон, ки гӯё рубоӣ бар мабнои ҳойкуҳои чиниву туркӣ бунёд ёфтааст, асосе надорад, зеро мантиқан сурудани шеъре, ки маҷмӯан аз чор мисраъ иборат аст, амре нест, ки форситаборон ба пайравиву тақлиди он ниёз дошта бошанд.

Дар бораи хостгоҳи вазни рубоӣ баҳсҳои зиёде сурат гирифта бошад ҳам, аксари онҳо роҷеъ ба он ки вазни рубоӣ маншаи форсӣ-тоҷикӣ дорад, иттифоқи назар доранд [Розӣ 1991; Тусӣ 1992; Фарзод (16-18) 1354; Хонларӣ 1345; Наҷафӣ 1352; Ваҳидиён 1370; 1374; Кадканӣ 1389; Рипко 1385 ; Шамисо 1374; Ҳумоӣ 1386; Мусулмониён 1377, 1980, 1987, 1990; Шарифов 2002, 2005; Тоиров 2007; Абдусатторов 2004; Раҳмонов 2010; Тағоймуродов 2009; Зарипов 1990 ва дигарон].

Сарчашмаҳои адабиву таърихӣ, осори шифоҳиву катибии форсӣ-тоҷикӣ, таълифоти суханшиносони асримиёнагиву муосир комилан собит месозанд, ки рубоӣ жанрест, ки хостгоҳи он адабиёти гуфтории форс-тоҷик аст. Бо назардошти он ки рубоӣ маншаи фолклорӣ дорад, забон, мазомину муҳтавои он аслан сода, равон ва аксаран холӣ аз такаллуфоту сохтакории вожагонӣ, саноеи бадеиву баёнӣ аст, ки ин нишон аз зиндагии одиву хоксорона ва омолу орзуҳои омма, бахусус деҳотиёни миллати форс-тоҷик дорад.

Аз мазмуни рубоиёти мардумӣ эҳсос мегардад, ки онҳо аксаран дар посух ба ниёзҳои гуногуни оммаи мардум суруда шудаанд. Аз ин рӯ, метавон онҳоро аз назари мавзӯъ ва маънӣ ба рубоиёти дорои мазомини кӯдакона, рақсу бозӣ, пандомез ё интиқодӣ, тавсифиву мадҳӣ, чистониву муаммоӣ, марбут ба касбу пеша, иҷтимоиву сиёсӣ, талаби дуо ё тақозо, орифона, ошиқона, навозишҳои модарона (аллагӯйӣ), маҳаллӣ, бумӣ ё қавмӣ, миллӣ, ҳаҷвӣ, ҳамосиву қаҳрамонӣ, марбут ба муносибатҳои хос (шодӣ, азо) ва амсоли инҳо табақабандӣ кард.

Ин жанри адабӣ дар миёни анвои дигари назми форсӣ-тоҷикӣ таърихи қадима дорад ва ягона жанре мебошад, ки истиқлолу ҳуввияти худро дар тӯли асрҳои зиёд аз даст надода, дар шакли матбӯъ, ширину дилкаш, хушоянду малҳун боқӣ мондааст ва ягона жанре ҳаст, ки истиқлоли вазни худро то кунун ҳифз карда, ба ягон навъи адабии дигар муяссар нагардидааст, ки вазни онро комилан тасарруф кунад. Аммо дар сохтори шаклии рубоӣ баъзе тағйироти ҷузъӣ аз қабили рубоиёти мустазод, рубоиёти мавқуфулмаънӣ, рубоиёти пайваста, баъзан тарҳи қофияи а,а,б,б ва ғайра дида мешавад, ки ин тасарруфоти бархе шоирон на танҳо муваффақият пайдо накард, балки ба шукӯҳу шаҳомати рубоии суннатӣ нуқсоне ворид карда натавонист.

Жанри рубоӣ дар эҷодиёти Амир Хусрав нақши бориз дорад. Миқдори ин навъи адабиро дар осори ӯ ба таври дақиқ муайян кардан душвор аст, зеро ӯ танҳо дар абёти силсилаи ду девонаш («Васат-ул-ҳаёт» ва «Бақияи нақия») миқдори умумии ашъор ва теъдоди ҳар як навъи адабиро баррасӣ кардаасту халос.

Омӯзиш дар осори Хусрав нишон дод, ки ӯ ба рубоӣ дилбастагӣ ва алоқаи хоссе доштааст. Нақли Хусрав дар дебочаи девони «Туҳфат-ус-сиғар» доир ба мавриди имтиҳон қарор гирифтани қобилияту истеъдод ва мавзунии табъи ӯ аз ҷониби Хоҷа Азизуддин дар ҳузури Хоҷа Асил, яъне манзум кардани чор калимаи бо якдигар берабту номутаносиби «мӯй», «байза», «тир», «харбуза» ва дар қолаби рубоӣ таркибу манзум кардани калимаҳои мутазаккира аз тарафи Амир Хусрав далели ин гуфтаҳост [14 (1), 78; 2, 75].

Маҳз ҳамин дилбастагии Хусрав ба жанри рубоӣ боис гардидааст, ки ҳатто як ҷилд аз осори вайро ин навъи адабӣ ташкил медиҳад. Аз рубоиёти дастрасшудаи Хусрав маълум мегардад, ки ӯ дар сурудани ин навъи адабӣ маҳорату истеъдоди қобили мулоҳизае дорад. Рубоиёти Амир Хусрав аз назари мазмуну мундариҷа ва сохтор асосан тибқи суннату ананаи пешгузаштагони адабиёти форсӣ-тоҷикӣ сурат

гирифта бошад ҳам, саҳми ӯ дар тавсеа ёфтани баъзе мавзӯъҳо, тарзи ифодаи афкор, корбурди саноеи адабӣ ва монанди инҳо дар ин навъи адабӣ назаррас аст.

Маълум аст, ки дарёфту баррасии мазомини наву тоза, ибдои саноеии ҷадиди адабӣ ва мавриди истифода қарор додани онҳо дар осори адабӣ ба ду омил вобастагӣ дорад. Агар мавзӯъҳои нав тибқи талабу тақозои замон ва тағйироту дигаргуниҳои иҷтимоиву сиёсии ҷомеа ба вуҷуд оянд, тарзи баёну баррасии онҳо ба завқу салиқа, маҳорату истеъдод ва сабку услуби вижаи адиб иртибот дорад. Амир Хусрав, ки шоири навовар ва дорои тарзи хос буд, сарфи назар аз риояи қавонину қарордодҳои адабӣ ва арҷ гузоштан ба ананаи мутадовили гузаштагон дар тарзи ифодаи афкор ва ашколи анвои адабӣ баъзан тасарруф карда, барои ба вуҷуд овардани тарҳи нави огоҳонаву ҳунармандона дар шаклу мазмуни онҳо ҳиммат гумоштааст. Амир Хусрав дар шеър, бахусус рубоӣ, хаёлпардози тавонову чирадаст аст. Ӯ ҳеҷ гоҳ намепазирад, ки шоире ба баҳонаи сурати шеърӣ аз баррасии мазмуну муҳтавои баланд ғофил бимонад ва ё баръакс, намехоҳад, ки касе ба хотири даъвии аҳамияти маънӣ аз зебоиву ороишоти суварии шеърӣ канора ҷӯяд. Дар оро ва тачрибаи Хусрав таносуби сурату муҳтавои шеър бо ҳамдигар комилан риоя гардидааст.

Ҳарчанд Амир Хусрав дар рубоисароӣ дар радифи шоироне чун Хайём, Абӯсаид Абулхайр, Аттор, Мавлавӣ, Бобо Афзал, Авҳадуддини Кирмонӣ ва дигарон ном бурда намешавад, вале ба далели имтиёзе, ки дар бархе аз вуҷӯҳи рубоиёташ мавҷуд аст, қобили тавақҷуҳ ва баррасии бештаре аст. Яъне агар дар сурудани рубоӣ Амир Хусравро аз шоирони номбурда бартар надонем ҳам, ақаллан бояд қоил шуд, ки рубоиёти ӯ дар баъзе ҷиҳатҳо аз рубоиҳои шоирони номбурда кам нест. Шояд, шеваи хаёлпардозӣ, тасвирсозиву мазмунофаринии хос, забону сабки начандон содаву саҳл, корбурди зиёди саноеи адабӣ ва бархе хусусиёти дигари шеъри Хусрав, ки аксар ҷанбаи ақлониву сохта дорад, боиси аз доираи таҳқиқи густурдаву ҳамаҷиҳатаи муҳаққиқон дар канор мондани рубоиёти ӯ шуда бошад.

Бо вуҷуди он ки ба василаи муаррифӣ ва нақду баррасии фарогир ҳеҷ гоҳ наметавон як шоири дараҷаи дуюмро ба шоири дараҷаи якум табдил кард, вале ба воситаи таҳқиқи дурусту беғараз ҷойгоҳу манзалати шоиронро метавон ба хубӣ таъйин сохт.

Дар иртибот ба ин масъала бояд ёдовар шуд, ки ҳарчанд Амир Хусрав дар рушду такомули жанри рубоӣ, ҳам аз назари мавзӯъ ва ҳам аз лиҳози сохтор саҳми арзанда дорад. То кунун роҷеъ ба вижагиҳои кори ӯ дар ин навъи адабӣ таҳқиқоти боиставу шоистае сурат нагирифтааст. Ҳатто донишмандоне, ки доир ба рубоӣ таҳқиқот доранд, на танҳо Амир Хусрав, балки асри мезистаи ӯро низ давраи заволу суқути рубоӣ медонанд. Аз ҷумла, Сируси Шамисо дар таҳқиқоти роҷеъ ба рубоӣ анҷомдодаи хеш -«Сайри рубоӣ дар шеъри форсӣ» чунин менигорад:

«Дар ин қарн (асри XIV) ҳеҷ шоири бузурги рубоигӯе суроғ надорем ва филвоқеъ рубоӣ аз ин қарн ба баъд афул (ғуруб) мекунад» [30, 99].

Муҳаққиқи мазбур зимни арзёбии шоирони рубоисарои ин аср аз Амир Хусрав танҳо ном мебараду халос [30, 99], ки ин амал аз ночиз шуморидану нодида гирифтани ихтирооту ибдооти як шоири қодирсухану нодирагуфторе чун Амир Хусрав шаҳодат медиҳад.

Чи хеле ки қаблан ёд шуд, Амир Хусрав дар баробари забони форсӣ-тоҷикӣ забонҳои арабӣ, ҳиндӣ ва туркиро хеле хуб медонист ва ҳангоми истифода аз калимоту таъбироти ин забонҳо дар шеъри форсӣ-тоҷикӣ латофату назокати онҳоро ҳунармандона риоя кардааст, аз ҷумла дар рубоии зерин калимоти ҳиндиро ба тарзи муламмаъ ба забони форсӣ-тоҷикӣ ба сурати ширу шакар ба наҳве омехтааст, ки калимаҳо дар ҳар ду забон ифодаи маънӣ мекунад, масалан:

Рафтам ба тамошо ба канори ҷӯе,
Дидам ба лаби об зани ҳиндуе.
Гуфтам санамо, баҳои зулфат чӣ бувад?
Фарёд баровард, **ки дур-дур мӯе** (26, 15).

Дар ин рубоӣ Амир Хусрав, махсусан дар мисраи чорум аз санъати муламмаъ истифода кардааст. Маънии «дур-дур мӯе» дар забони форсӣ-тоҷикӣ он аст, ки қиммати ҳар тори мӯи ман баробар ба як дона дур(р) (марворид) аст, вале дар забони ҳиндӣ бошад, маънии «-эй мард, бирав-бирав, дур шав!»-ро ифода мекунад.

Муаммо яке аз санъатҳои маънавӣ буда, аз дерзамон асосан назм ва баъзан насри форсӣ-тоҷикиро ҳамроҳӣ мекунад. Ин санъат дар қолабҳои гуногуни шеъри форсӣ-тоҷикӣ баррасӣ шуда бошад ҳам, рубоӣ яке аз маъмултарин жанрҳо барои ифодаи ин санъат шинохта шудааст. Амир Хусрав, ки давомдиҳандаи ананаи гузаштагон буд, қариб ҳама муаммоҳои хешро дар пайравӣ бо Мавлоно Баҳоуддини Бухорӣ дар қолаби рубоӣ суруда бошад ҳам, дар ин санъат ибдоот дорад. Худи ӯ дар ин бора дар дебочаи девони «Ғуррат-ул-камол» чунин навиштааст:

«Санъати муаммо пеш аз ин ҷумла ба ҳисоби ҷумал будӣ. Ё навъе дигар, ки тасҳиф ва мақлуби аъло меангехтанд, чунонки сареҳи муаммо намудеву маънии зоид, ки будӣ ва ном аз муаммо душвор берун омадӣ. Аммо ҳеҷ кас дар ин санъат чунон ном берун набурд, ки Мавлоно Баҳоуддини Бухорӣ, зеро ки муаммое ангехт, ки номи гумшудаи суханварон давиш кард… тариқе, ки вазъи банда аст, он аст, ки байте ба нафси хеш дар мадҳ ё ғазал ва ё сифати касе ва ба маънии дигар тамом бошад ва касеро хаёл набарад, ки дар ин зер хаёли дигар ҳаст, аммо чун бикованд ва баъзе лафз, ки форсӣ аст, арабӣ кунанд, ё арабӣ бошад, форсӣ кунанд, номе бихезад чунонки сурати маънӣ мактубӣ нагардад…, масалан:

Эй аз қалами ту карда нуҳ чархи куҳун,
Пайдо ба Аҷам чашмаи ширини сухун.
То номи ту равшан шавад аз сеҳргарӣ
Он чашма, ки ҳаст дар Аҷам, моҳӣ кун»

(27, в. 6б).

Амир Хусрав дар тавзеҳи муаммои мазкур чунин мегӯяд:

«Зоҳиран маънӣ ин аст, ки чашмаро моҳӣ кардан соҳирӣ бошад, аммо маънӣ аз рӯйи муаммо он, ки «айн» чашм аст ва «нун» моҳӣ. Ҳар гоҳ дар лафзи «Аҷам» «айн»-ро «нун» кунанд, «наҷм шавад. Ин тариқ хосси банда аст» [27, в. 7а].

Чунонки аз мисоли фавқ ҳам эҳсос мешавад, қариб ҳама рубоиҳое, ки дар онҳо Амир Хусрав аз санъати муаммо корбурд кардааст, ҳуруфи мактуба ё худ навишташуда муътабар аст, на ҳуруфи малфуза.

Бояд иқрор шуд, ки Амир Хусрав санъати муамморо дар қолаби рубоӣ чунон моҳирона ва устодона баён кардааст, ки хонанда ва шунавандаи боҳушу закӣ ҳам муаммо будани онро ба суҳулат эҳсос намекунад, зеро маънии зоҳирии рубоиҳои ӯ низ хеле зебо ва барҷаста ифода шудаанд. Ин хусусият дар анвои дигари ашъори шоир ба мушоҳида расад ҳам, дар рубоиёти ӯ нақши бориз дорад, вале, мутаассифона, то кунун иртиботи сувариву маънавӣ, бадеиёт ва дигар вижагиҳои рубоиёти Хусрав ба таври муфассал мавриди омӯзишу таҳқиқ ва таҳлилу баррасӣ қарор нагирифтааст.

Таҳқиқ дар сохтори рубоиёти Амир Хусрав нишон дод, ки вазн, теъдоди абёт ва тарҳи қофияи ин навъи адабӣ дар эҷодиёти ӯ тибқи ананаи суннатӣ сурат гирифтааст, яъне рубоиёти Хусрав дар ҳамон вазни маъмулу собита, тарҳи қофияи сеқофиявӣ (хасӣ) ва чаҳорқофиявӣ (тарона) эҷод шудааст.

Ашъори себайтии тамомматлаъ мубтанӣ бар вазни рубоӣ, ки дар осори бархе аз шоирони сӯфимашраби қабл аз Хусрав дида мешавад, дар эҷодиёти ӯ ба назар нарасид. Теъдоди рубоиёти мураддаф дар қиёс бо рубоиҳое, ки бо қофия хатм шудаанд, дар эҷодиёти Амир Хусрав хеле зиёданд. Аксар радифҳо феъл ва миқдори андаки онҳо мутааллиқ ба дигар ҳиссаҳои нутқ, яъне исм, сифат, ҷонишинҳо ва ҳатто пешоянду пайвандакҳоянд. Рубоии мустазоде, ки ба ҳар мисраи рубоии аслӣ як рукни изофии **мустафъилу фаъ(фоъ)** меоваранду тарҳи қофияи мисраъҳои афзудашуда айнан мисли рубоии аслист, дар эҷодиёти Амир Хусрав ба назар нарасид, вале дар навъи дуюми рубоии мустазод, яъне баъди ҳар байти рубоӣ овардани ним мисраъ, ки маънии байт дар ҳамин ним мисраи афзудашуда хулоса мегардад, аз ибтикороти Амир Хусрав буда, қабл аз ӯ дар эҷодиёти адибон дида намешавад, аммо баъд аз ӯ ин навъ рубоӣ дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ба ҳукми анана даромадаст. Рубоии мустазоди ибдоъкардаи Хусрав аз лиҳози тарҳи қофия бо қофияи рубоии аслӣ тафовут дошта бошад ҳам, лахтҳои изофашуда бо якдигар ҳамқофияаанд. Амир Хусрав дар дебочаи девони сеюми худ- «Ғуррат-ул-камол» роҷеъ ба рубоии мустазоди вазъкардаи хеш чунин навиштааст:

«Байти мустазодро устодони мозӣ чунон меоростанд, ки байт бе мустазод дар нафси хеш тамом мебудӣ, чунонки мустазод агар будӣ ва ё набудӣ, маънии байт мавқуфи он набудӣ ва дар ин сурат мустазод муҳмал (камаҳамият) менамуд, аммо

банда ин санъати мустазодро ҳомили мавқуф ангехт, чунонки байт мавқуф бошад ва мустазод ҳомил, то аз ин сурате назояд, аз ӯ маънӣ берун наёяд, яъне байт бе мустазод тамом нашавад. Дубайтии мустазод ин аст:

То хатти муанбар аз рухат берун ҷаст,
Аз бодаи ашки хеш ҳар ошиқи маст
Рух гулгун кард.
Дар ҷӯйи ҷамоли ту магар об намонд,
К-он сабза, ки зери об будӣ, пайваст
Сар берун кард» (27, в. 5б-6а).

Воқеан, агар порчаҳои афзудашуда аз ин рубоӣ ихтисор карда шавад, аз байтҳо дар алоҳидагӣ маънии мушаххасе ба даст намеояд, аммо дар навъи рубоии мустазоде, ки пеш аз Амир Хусрав маъмул буд, ҳар байт бидуни ниммисраъҳои афзудашуда дорои маънии воҳиде буд, ки агар мустазод бошад ё набошад, дар маънии рубоӣ халале ворид намегардид.

Аз тозакориҳои дигаре, ки Амир Хусрав дар жанри рубоӣ ворид кардааст, ба истилоҳи худи ӯ **«ҳомили мавқуф»** аст. Ҳомили мавқуф аз назари тарҳи қофия шабеҳи санъати назм-ун-наср буда, бо андак дигаргунӣ аз он тафовут дорад. Дар хусуси санъати назм-ун-наср Амир Хусрав дар китоби «Эъҷози хусравӣ» ё худ «Расоил-ул-эъҷоз» мушаххасан дар рисолаи сеюми он муфассалан таваққуф карда, роҷеъ ба вижагиҳо ва ибдоъкунандагони ин санъат дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ишораҳо дорад [28, 219-220).

Зиёда аз ин, донишмандоне, ки роҷеъ ба ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Хусрави Деҳлавӣ таҳқиқот доранд, ба чигунагии санъати мутазаккира, навовариҳои Амир Хусрав дар ин санъат таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд, ки ҳоҷат ба тавзеҳи дигарбораи онҳо нест, аз ҷумла Х. Шарифов, М. Тасбеҳӣ, У. Тоиров, М. Нарзиқул ва дигарон [31, 125-126; 19, 232-235; 20, 74; Нарзиқул 2009, 112].

Дар бораи ҳомили мавқуф Амир Хусрав дар дебочаи девони «Ғуррат-ул-камол» чунин нигоштааст:

«Пеш аз ин ақдкунандагон уммаҳоти қасоидро… ҳомили мавқуф чунон будааст, ки дар мисрае моддаи маъниро мавқуф медоштанд ва мисраи фурӯдро ҳомил гардонида, натиҷаи маънии тамом аз мисраи таҳина мутаваллид мешуд. Чун аз сухан зояд, нутфаи нутфе, ки аз қалами котиб дар батни коғаз чакидааст бар камоли балоғат ҳамл шуда, агарчи модари табъро ба вақти вазъ заҳмате будааст, аммо бубин, ки чӣ ройи ғарибу марғуб дар ӯ карда омадааст. Ҳомили мавқуфе, ки ҷумла табоеи ҳомила то ин муддат аз зодани мисли он ақим (нозо) будаанд ва баъд аз ин ҳам ба назаре ҷумла фаҳули шуаро ҳомил шаванд ва аҳли тазкир зеҳ биниҳанд. Шакли байт чунон аст, ки мисрае ҳомили мавқуф бо мисраи дигар аст, то сеюм мисраъ ва чаҳорум мисраъ маънӣ ҳамчунон мавқуф дошта, ки нозода сухан гӯяд. Рубоӣ:

Дар ҳусн касе туро намонад, илло
Хуршед, ки дар субҳ бурун ояд, то
Хидмат кунаду пои ту бӯсад, аммо
Бинӣ ту ба сӯйи ӯ чу по бӯсад, ё…» (27, в. 4б-5а).

Чи хеле ки мушоҳида мешавад, ин рубоӣ аз назари вазн, миқдори абёт ва дигар унсурҳои шаклӣ монанди рубоиҳои муқаррарӣ ва маъмулист, тарҳи қофияи он низ мисли рубоии тарона чорқофиягӣ аст, аммо аз лиҳози доштани истиқлолияти маънӣ дар ҳар байт аз рубоиёти мутадовилу маъмулӣ фарқ дорад, яъне фаҳми маънии ҳар мисраъ дар гарави мутолиаи мисраи баъдӣ буда, ҳатто дар мисраи мақтаъ низ фикр тамом намешавад. Сабаби идома ёфтану аз як мисраъ ба мисраи дигар гузаштани маънии ниҳоӣ дар ин рубоӣ ба қофияи он иртибот дорад, зеро дар мисраи нахуст қофия калимаи арабии «илло» буда, дар забони форсӣ-тоҷикӣ маънои магар, ҷуз, ғайр аз ва амсоли инҳоро дорад. Ин калима пешоянди таркибие аст, ки калимаи баъд аз худро ба он ҳукме, ки пеш аз он шудааст, бояд истисно кунад. Барои ҳамин ҳам, овардани калимаи «хуршед» аз ҷониби шоир дар мисраи дуюм тақозои калимаи «илло» мебошад, ки дар мисраи якум қофия шудааст.

Дар мисраи дувум пешоянди аслии **то,** ки тобишҳои маъноии зиёд дорад, ба ҳайси қофия кор фармуда шудааст. Ин калима дар охири мисраъ аслан, барои баёни сабабу натиҷаи амри қаблан изҳоршуда омада, иқтизо кардааст, ки ҳадафи мафҳуми

истисношуда тавзеҳ ёбад, вале пайвандаки хилофии **аммо**, ки баъд аз иброзу шарҳи матлаб омадааст, боиси идомаёбии сухан шудааст.

Ҳадаф аз корбурди пайвандаки хилофии **аммо** дар сухан асосан баёни ихтилоф, шикаст, шарҳи адами муваффақият дар коре, изҳори ҳодисаи ногувор ва монанди инҳо буда, дар охири мисраи сеюм ба ҳайси қофия омадани ин калима сабаби тафсил ёфтани матлаб гардидааст. Пайвандаки ҷудоии **ё** дар мисраи чорум, ки қофия шуда омадааст, моҳиятан барои нишон додани ҳампоягиву баробарӣ ё тақобули ду ва ё якчанд чиз аст. Ин пайвандак имконият фароҳам меоварад, ки аз ду ва ё зиёда чизи пешниҳодшуда якеаш интихоб гардад, вале чи хеле ки дида мешавад, дар мисраи чоруми рубоии фавқуззикр аз ду ва ё зиёда хостаҳо танҳо якеаш (бӯсидани по) вуҷуд дорад ва шеър бо пайвандаки ҷудоии **ё**, ки баъд аз он омадани калимаи дигар амри ҳатмист, поён пазируфтааст, яъне мисраи чорум низ идома мехоҳад. Ҳарчанд дар ин рубоӣ ҳама унсурҳои сохторӣ ва қарордодҳои собитаи шаклӣ риоя шудааст, вале он аз назари бандубаст ва баёни матлабу маонӣ на танҳо бо рубоиёти маъруфу маъмул, ҳатто бо рубоиёти ғайримутаорифи себайтӣ тафовут дошта, бо рубоиёти мавқуфулмаонӣ як андоза шабоҳат дорад. Зиёда аз ин, қофияи шеър қарор додани пешоянду пайвандакҳо, чунонки дар рубоии мавриди назар ба мушоҳида мерасад, дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ҳодисаи камназире аст, ки вазъи он аз ҷониби Амир Хусрав таҷриба ва татбиқ шудааст.

Умуман, бояд иқрор кард, ки рубоиёти Амир Хусрав аз назари шаклу қолаб, мазмуну мундариҷа ва тарзи ифода ғолибан мисли рубоиҳои шоирони собиқ бошад ҳам, ӯ дар мазмуну муҳтаво, тарзи ифодаи афкор, корбурди саноеи адабӣ, шаклу қолаб ва дигар хасоиси ин навъи адабӣ навгонӣ ворид карда, дар рушду такомули ин жанр саҳми арзандае гузоштааст. Мазмуни рубоиҳои Хусрав аксаран хотирмон буда, дар зеҳни хонандаву шунаванда таъсири амиқе мегузорад. Сабки нигориши ӯ дар ағлаб рубоиҳо саҳли мумтанеъ мебошад.

Самимияту садоқат ҷавҳари аслии кулли ашъори Хусрав бошад ҳам, ин чиз дар рубоиёти вай боз ҳам афзалият дорад. Мутобиқати шаклу мазмун, таносуби вазну муҳтаво, қолабу мавзӯъ, калимаву таъбирот, ашё, қаҳрамони лирикӣ, хонанда ва амсоли инҳо дар рубоиҳои ӯ комилан риоя гардидааст. Оҳангнокӣ, равонӣ ва таъсиргузории суханаш дар рубоӣ камназиру чашмгир аст.

Корбурди сувари хаёл, саноеи бадеӣ (ҳам лафзӣ ва ҳам маънавӣ), истифодаи калимаву таъбироти маъмул, ихтироъ ва сунъи калимаву таркибҳои тозаву ҷадид барои офариниши мавзӯъҳои ҷавобгӯйи талаботи замон, дарёфт ва истифодаи тасвирҳои тозаи шеърӣ, интихоби калимаҳои муносиб барои ифодаи матолиб, роҳандозии бамавриди зарбулмасалу мақол, ифодаҳои мардумӣ ва амсоли инҳо вижагиҳое мебошанд, ки азамату шукӯҳ, салобату абадияти рубоиёти Амир Хусравро оинадорӣ мекунанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдусатторов А. Асрори шеъри марғуб/ Абдушукури Абдусаттор. Мақолаҳо.– Душанбе: Адиб, 2004.– 112 с.
2. Бақоев М. Ҳаёт ва эҷодиёти Хусрави Деҳлавӣ/ М. Бақоев. – Душанбе: Дониш, 1975. – 282 с.
3. Ваҳидиён. Баррасии маншаи вазни шеъри форсӣ/ Тақии Ваҳидиёни Комёр. – Машҳад: Остони қудси Разавӣ, 1370. – 157 с.
4. Ваҳидиён. Вазн ва қофияи шеъри форсӣ/ Тақӣ Ваҳидиёни Комёр.- Теҳрон: Маркази нашри донишгоҳӣ, 1374. – 112 с.
5. Зарипов З. Жанр рубаи в персидско- таджикской литературе XIII века. Диссер.канд.филиол.наук/ З.С. Зарипов. – Душанбе, 1990. – 191с.
6. Кадканӣ. Мусиқии шеър/ Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ. – Теҳрон: Огоҳ, 1389. – 679 с.
7. Кадканӣ. Сувари хаёл дар шеъри форсӣ/ Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ. – Теҳрон: Огоҳ, 1383. – 732с.
8. Мусулмониён. Шеър дар сарчашмаҳои назарӣ/ Р.Мусулмониён. – Теҳрон: Ҳавзаи ҳунарӣ 1377. – 256 с.
9. Мусулмонқулов. Асрори сухан/ Р.Мусулмонқулов. – Душанбе: Ирфон, 1980. – 152с.
10. Мусулмонқулов. Тарҷеъбанд: ЭСТ. Ҷ.7. /Р.Мусулмонқулов. – Душанбе: Сарредаксияи илмии энсиклопедияи советии тоҷик, 1987.– С.262-263.
11. Мусулмонқулов. Назарияи ҷинсҳои адабӣ/ Р.Мусулмонқулов. – Душанбе: Маориф, 1987.– 88 с.
12. Мусулмониён Р. Назарияи адабиёт/ Раҳими Мусулмониён.– Душанбе: Маориф, 1990.–336 с.
13. Наҷафӣ. Ихтиёроти шоирӣ/ Абулҳасани Наҷафӣ// Ҷунги Исфаҳон.– Теҳрон, 1352.– Дафтари даҳум.
14. Нуъмонӣ Ш. Шеър-ул-аҷам ё таърихи шуаро ва адабиёти Эрон. Тарҷумаи Сайид Муҳаммадтақӣ Фахири Доии Гелонӣ/ Шиблии Нуъмонӣ.. Ҷилдҳои аввал ва дувум.– Теҳрон: Ибни Сино, 1368.– 564 с.

15. Раҳмонов Ш. Таҳаввули воҳидҳо ва созмони жанрҳои лирикӣ дар назми форсу тоҷик/ Ш. Раҳмонов.– Душанбе: Пайванд, 2010.– 310 с.
16. Рипко. Таърихи адабиёти Эрон (аз даврони бостон то Қоҷория)/ Ён Рипко ва дигарон. Мутарҷим Исо Шиҳобӣ.– Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, 1385.– 575с.
17. Розӣ. Ал- муъҷам/ Шамси Қайси Розӣ. Муаллифи сарсухану тавзеҳот ва ҳозиркунандаи чоп У. Тоиров.– Душанбе: Адиб, 1991.–464 с.
18. Тағоймуродов Р. Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва жанри рубоӣ/ Р. Тағоймуродов// Масъалаҳои равоншиносӣ ва омӯзгорӣ. – Кӯрғонтеппа, 2009. – № 1. – С. 58-65.
19. Тасбеҳӣ М. Саноии лафзии Хусрав. Дар китоби Форсии Покистон ва матолиби покистоншиносӣ. Ҷилди дуюм/ Муҳаммадҳусайни Тасбеҳӣ. – Исломобод: Покистон, 1977. – С. 232-265.
20. Тоиров У. Мунтахаб-ул-арӯз, Рисолаи рубоӣ, Эъҷози хусравӣ/ У. Тоиров. – Душанбе: Ҳумо, 2007. – 87с.
21. Тӯсӣ. Меъёр-ул-ашъор/ Насируддини Тӯсӣ. Таҳияи У. Тоиров ва дигарон. –Душанбе:Ориёно 1992. – 144 с.
22. Фарзод. Масъалаи ҳаштсадсолаи вазни рубоӣ/ Масъуди Фарзод// Хирад ва кӯшиш, шумораи 16. – Шероз, 1354.
23. Фарзод. Масъалаи ҳаштсадсолаи вазни рубоӣ/ Масъуди Фарзод// Хирад ва кӯшиш, шумораи 18. – Шероз, 1354.
24. Хамроев М. Основы тюркского стихосложения/ М.К. Хамроев. – Алма -Ата, 1963. – С. 142-143.
25. Хонларӣ. Вазни шеъри форсӣ/ Парвиз Нотили Хонларӣ. – Теҳрон: Интишороти бунёди фарҳанги Эрон,1345. – 303 с.
26. Хусрав 1380 Девони Амир Хусрави Деҳлавӣ мутобиқи нусхаи Яминуддин Абулҳасан Хусрав. Ба тасҳеҳи Иқбол Салоҳиддин, бо муқаддимаи Муҳаммади Рӯшан/ Амир Хусрав. –Теҳрон: Нигоҳ, 1380. – 928 с.
27. Хусрав Девон/ Амир Хусрави Деҳлавӣ. Ғуррат-ул-камол. Дастнависи китобхонаи Институти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Рақами 537.
28. Хусрав Расоил-ул-эъҷоз маъруф ба Эъҷози хусравӣ. Матни илмӣ- интиқодӣ бар асоси чаҳор нусха. Бо муқаддима, тасҳеҳи матн, тавзеҳот ва шарҳи луғоту таркиботи Мисбоҳиддини Нарзиқул/ Амир Хусрав Деҳлавӣ. – Душанбе: Арт-крафт, 2013. – 464 с.
29. Ҳумоӣ Ҷ. Фунуни балоғат ва саноати адабӣ/ Ҷалолуддини Ҳумоӣ. – Теҳрон: Ҳумо 1386. – 424 с.
30. Шамисо С. Сайри рубоӣ дар шеъри форсӣ / Сируси Шамисо. – Теҳрон: Фирдавс, 1374. – 392 с.
31. Шарифов Х. Балоғат ва суханварӣ/ Х. Шарифов. – Душанбе: Ирфон, 2002.- 278саҳ.
32. Шарифов Х. Назмшиносӣ/ Х. Шарифов, У. Тоиров. – Душанбе: Ҳумо, 2005. – 384 с.
33. Шарифов Х. Назарияи наср (дар адаби форси асрҳои IV-IX)/ Шарифов. – Душанбе: Пайванд, 2004. – 320 с.

ЖАНРОВАЯ СТРУКТУРА РУБАИ АМИР ХУСРАВА

В классической персидско - таджикской поэзии жанр рубаи занял весьма прочное место.Амир Хусрав Дехлави был весьма плодовитым поэтом, о его наследии существуют легенды и предания. Он является основателем таких жанров поэзии как газели, рубаи, касыда, маснави, лирики любовного содержания. В данной статье автором подвергнута рассмотрению и изучению жанровая структура рубаи Амира Хусрава Дехлави.

Ключевые слова: творчество Амир Хусрава Дехлави, рубаи, форма и содержание рубаи, жанровая структура рубаи, совершенствование жанра.

GENRE STRUCTURE OF RUBAI AMIR HUSRAV'S

In the classical Persian - Tajik poetry genre rubai took a very strong место.Амир Khusrav Дехлави was quite prolific poet, his legacy, there are legends. He is the founder of such genres of poetry as gazelles, rubai, kasida, masnavi, lyrics love content. In this article the author subjected to review and study of the genre structure of rubai Amir Nosiri Khusrav district Дехлави.

Key words: creativity Amir Husrav Dehlavi, rubai, form and content of rubai, genre structure of rubai, improvement of the genre.

Сведения об авторе*: Тағоймуродов Р*. –докторант КТГУ имени Носира Хусрава.
Телефон: **(+992) 917-57-55-22**

МАВЗӮИ «НАСИҲАТ БА ФАРЗАНД» ВА ИНЪИКОСИ ОН ДАР ДОСТОНҲОИ ИШҚИИ РОМАНТИКИИ АДАБИЁТИ АСРИ XV

С.Маҳкамов
Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф

Дар достонҳои ишқии романтикии адабиёти классикии форсу тоҷики асри XV мавзӯи «Насиҳат ба фарзанд» мавқеи муайяне дорад.

Умуман, ин мавзӯъ яке аз мавзӯъҳои анъанавии адабиёти классикии форсу тоҷик ба ҳисоб меравад. Қариб ҳамаи адибони классик, аз қабили Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Носири Хусрав, Унсурулмаолии

Кайковус, Умари Хайём, Низомии Ганҷавӣ, Саъдии Шерозӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Камолиддини Биноӣ дар асарҳои гаронбаҳои худ барои панду андарзи фарзандон бобҳои алоҳида ҷудо кардаанд.

Ба қатори адибони номбурда Абдурраҳмони Ҷомӣ, Абдуллоҳи Ҳотифӣ ва Мактабии Шерозиро низ метавон номбар кард, ки дар тарбияи фарзанд ҳиссаи босазо гузоштаанд. Зеро аз мутолиаи достонҳои ишқии романтикии ин адибон бармеояд, ки онҳо на танҳо дар тарбияи фарзандони худ, балки дар офариниши чеҳраҳои марказӣ – Саломон ва Абсол, Лайлӣ ва Маҷнун, Ширин ва Хусрав, Юсуф ва Зулайхо ва махсусан ба тарбияи дурусти онҳо саъю кӯшиш намудаанд.

Албатта, адибони гузашта, ҳамчун фарзанди замона масъалаҳои гуногуни тарбияро аз назари манфиатҳои синфии худ ҳал намудаанд. Аз ин рӯ, он чизе, ки мувофиқи талаб буд, ба фарзандони худ талқин кардаанд. Онҳо баробари омӯзиши фарзандони хеш тарбияи наврасону ҷавонони асри худ ва наслҳои минбаъдаро низ дар мадди назар доштаанд. Адибон дар боби эҳтиром ва дӯст доштани устод (муаллим) ва падару модар, омӯхтан ва аз худ намудани илму ҳунар, расму русум ва усулҳои гуфтор, одоби сухан, дӯстиву рафоқат, кӯшишу ғайрат ва ҳаракат, ростиву садоқат, дӯст доштани меҳнат, расонидани ёрӣ ба куҳансолон, алалхусус бечорагон ва дармондагон, иззати меҳмон, накӯкор будан, аз хирадмандон ибрат гирифтан ва ғайраҳо сухан ронда, дар тарбияи фарзандон ҳиссаи гаронбаҳои худро гузоштаанд.

Ҷомӣ, Ҳотифӣ ва Мутрибӣ дар достонҳои ишқии романтикии хеш ду навъи ҳукми падаронро нишон медиҳанд: якум, падари Саломон, Қайс (Маҷнун), Хусрав, Ширин, Юсуф ва Зулайхо, новобаста ба вазифаву мансаб, шахси нармдил ва ором буда, иҷрокунандаи ҳар як хоҳишу илтимоси фарзанд мебошанд. Онҳо, ҳамчун падарони раҳмдил, мехоҳанд фарзандашон ба муроди хеш бирасад ва аз ин рӯ, тамоми буду набуди худро барои хурсандию хушбахтии онҳо сарфа менамоянд; дуюм, падари Лайлӣ (дар ҳар се достони ҳамном), баръакси падарони дар боло номбаршуда шахси бераҳму сангдил ба назар мерасад. Вай ишқи поки духтарашро бозича пиндошта, барои пулу мол ва сарват Лайлиро ба ҷавоне аз қабилаи Сақиф (дар достони Ҷомӣ), ба писари Ибни Салом (дар достони Ҳотифӣ) ва худи Ибни Салом (дар достони Мактабӣ) ба шавҳар медиҳад. Адибони номбурда худро ҳамчун типи сеюмини падарон нишон додаанд. Онҳо ба ғайр аз ғазалиёт дар аксари достонҳои хеш роҷеъ ба тарбияи дуруст ва ҳамаҷонибаи фарзанд бобҳо бахшидаанд.

Азбаски мисол овардан ва таҳлил намудани бобҳои мазкури достонҳои ин адибон вақт ва ҷойи зиёдро талаб мекунад, мо ин мавзӯъро танҳо дар достонҳои ишқии романтикии «Саломон ва Абсол», «Ширин ва Хусрав», «Юсуф ва Зулайхо» ва «Лайлӣ ва Маҷнун» дида мебароем.

Абдурраҳмони Ҷомӣ дар достони «Саломон ва Абсол» бо овардани ҳикоятҳо, нақлҳо ва тамсилоти зиёд, ки ба сужети достон дахл надоранд, ҳаҷми асарро зиёд менамояд. Ӯ, пеш аз ҳама ба тарбияи фарзанд диққати ҷиддӣ дода, хонандаи хешро водор месозад, ки аз натиҷаи содагии фарзандон хулоса бароранд. Масалан, дар боби «Ҳикояти он содае, ки дар анбӯҳи шаҳр кадуе бар пойи худ баст то худро гум накунад» адиб симои бачаи деҳотиеро тасвир менамояд, ки аз анбӯҳи мардуми бачӯшомадаи шаҳр ҳайрон шуда, барои гум накардани хеш, пеш аз хоби гарон кадуи дар даст доштаро ҳамчун нишона дар пояш мебандад. Шоир давоми қиссаро чунин ба қалам медиҳад:

Сода чун бедор шуд, дид он каду
Баста бар пойи касе паҳлӯи ӯ.
Бонг бар вай зад, ки хез эй сусткеш –
К-аз ту ҳайрон мондаам дар кори хеш.
Ин манам, ё ту, намедонам дуруст,
Гар манам, чун ин каду бар пойи туст?
В-ар туйӣ ин, ман куҷоям? Кистам?
Дар шуморе менаёрам, чистам? (2,167).

Сипас, ҷавони сода ба Худо муроҷиат мекунад, ки ба марди соҳиби каду гардида тавфиқ диҳад, «то зи ҳар олоише софӣ шавад».

Ҳарчанд дар ин боб шоир роҳҳои тарбияи ҷавони содаро нишон намедиҳад, аммо, ба назари мо, ҳадафи ӯ даъват намудани ҷавонон ба худшиносист. Зеро шинохти одаму олам, пеш аз ҳама, аз худшиносӣ оғоз меёбад.

Дар ҳикмати дигар шоир аз ношукрӣ ва бепарвоии баъзе ашхоси замона нақл мекунад. Ӯ менигорад:

Дар диёри Миср қаҳтӣ хост сахт,
К-аз фазаъ ҳар кас ба Нил андохт рахт.
Чун ба сӯйи нон раҳе нашнохтанд,
Нақли ҳастиро дар об андохтанд.
Буд ҷоне қимати ҳар тои нон,
Нон ҳамегуфтанду медоданд ҷон (2,168).

Давоми қисса чунин аст: Хирадманде ғуломеро мебинад, ки тозарӯ, хандон ва шодком буда, парвои чизе надорад. Хирадманд аз ӯ мепурсад:

– Эй ғулом, мардум аз ғами нон ғамгину ошуфта ва хору зоранду чаро ту аз ин дарду ғам фориғӣ?

Ғулом сабаби бепарвоии хешро чунин шарҳ медиҳад:

Гуфт: «Бар сар хоҷае дорам карим,
Ҳастам аз инъоми ӯ ғарқи наим.
Хон пур аз нон, хонааш пургандум аст,
Номи қаҳт аз хонумони ӯ гум аст.
Чун набошам хурраму шод инчунин
В-аз газанди қаҳт озод инчунин» (2,168-169).

Ҳадаф аз инъикоси ин боб дар он аст, ки назар ба ақидаи шоир, касе, ки азобу машаққати қаҳатиро надида ва ё насанҷида бошад, ба қадри нон намерасад.

Дар боби «Ҳикояти шахсе, ки дар валодат (ба дунё омадан)-и фарзанд аз бузурге истимдод (талаб)-и ҳиммат карда буд ва боз аз барои шарри (бадӣ) вай аз ҳамон пир истимдоди ҳиммат кард».

Ҷомӣ мефармояд, ки марди пургӯе аз бефарзандии хеш ба шайхе ҳасрат мекунад. Шайх ӯро тасалло дода, мегӯяд, ки худро азобу шиканҷа надода, ин корро ба Худо вогузор намо. Марди пургӯй аз шайх хоҳишу илтиҷо менамояд, ки ту низ марҳамататро дареғ мадор ва дуо кун, ки орзуи ман амалӣ гардад. Шайх даст ба дуо мебардорад:

Шайх ҳолӣ дар дуо бардошт даст,
Бар нишон афтод тири ӯ зи шаст (2,187).

Марди пургӯй соҳиби писар мегардад. Вақте ки писар бетарбия нашъунамо меёбад, бо бадон ҳамнишин гардида, ба айшу ишрат дода мешавад. Ҳатто дар ҳолати сахушиву мастӣ ҷо бар канори бом карда, духтари ҳамсояро бадном мекунад. Шавҳари духтар мехоҳад бо ханҷар хунаш бирезад, аммо аз ин кор худдорӣ менамояд. Миршаб барои ин амали зишти писар аз марди пургӯй ҳамёни зар мехоҳад. Ба ин нигоҳ накарда, нохалафию беадабии фарзанд торафт зоҳир шудан мегирад.

Ҳамин тавр, марди пургӯй аз рафтору кирдори фарзанд ба дод омада, боз ба назди шайх меояд ва зориву илтиҷо менамояд, ки дуои дигар кун, то озори фарзанд аз сари ман дур гардад.

Шоир ҷавоби шайх дар бобати аз баҳри дуо гузаштан ва баъди реҳлат ба кор наомадани чӣ писар ва чӣ духтарро ба таври зайл меофарад:

Шайх гуфт: «Он рӯз ман гуфтам туро,
Ки макун илҳоҳу бигзар з-ин дуо…
Чун бубандӣ бори реҳлат з-ин диёр,
Не писар, не духтарат ояд ба кор» (2,187-188).

Дар ин ҳикоят шоир дар хусуси бетарбия мондани фарзанди марди пургӯй ибрози назар менамояд. Ба ақидаи ӯ, азбаски худи марди пургӯй тарбияи дуруст надида, аксар вақт ба гапҳои беҳуда машғул буд, аз ин рӯ, писараш низ ба роҳи бад рафт. Марди пургӯй дар боби фарзандталабӣ на ин ки хостгори марҳамату илтифоти Худованд шуд, балки бо дуои шайх қонеъ гардид.

Ҳарчанд Ҷомӣ дар боби тарбияи фарзанд фикрҳои дуруст баён карда бошад ҳам, дар ин ҳикоят дар бораи тарбияи дурусти фарзанди марди пургӯй оҷиз мондааст. Зеро агар писари марди пургӯй тарбияи хуб медид, он гоҳ:

- бо ҳарифон бода наменӯшид;
- аз пайи корҳои беҳуда намешуд;
- бар канори бом дар ҳолати мастӣ намехуфт;
- духтари ҳамсояро бадном намекард;

- шавҳари духтарро намегурезонд;
- боиси қасдгирии шавҳари духтар намешуд;
- дучори таъқиби миршаб (шаҳна) намегардид;
- насиҳати падарро гӯш мекард ва ҳоказо.

Аз ин ҷиҳат, ба ақидаи шоир фарзандон аҳлу ноаҳл ба дунё меоянд ва ба онҳо ҳеҷ гуна тарбия таъсир надорад.

Меҳри падарӣ дар достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Ҷомӣ ҳанӯз дар боби «Хабар ёфтани падари Маҷнун аз пайванди вай бо Лайлӣ ва ба сарвақти вай расидан» ҷӯш мезанад. Ӯ фарзанди азизро ба оғӯш гирифта, мегӯяд:

К-«-Эй ҷони падар, чӣ ҳол дорӣ?
Рӯ баҳри чӣ дар вубол дорӣ?
Имрӯз шунидаам, ки ҷое
Додӣ дили худ ба дилрабое…
Лайлӣ, ки ба чашми ту азиз аст,
Нисбат ба ту камтарин каниз аст» (4,52).

Дар ин боб падари Маҷнун риштаи дӯстии Маҷнун ва Лайлиро канданӣ шуда, Маҷнунро ба гул, сарви тоза, тазарв ва Лайлиро ба хас ва зоғ ташбеҳ медиҳад, ки бо ҳамдигар ҳеҷ гуна монандӣ надоранд:

Бо хас гулу сарвро чӣ нисбат?
Бо зоғ тазарвро чӣ нисбат?! (4,53).

Аз ин рӯ,- мегӯяд падар,- боғ (қабила)-и мо аз чунин гулу раёҳин (духтарони зебосанам) саршор буда, якеро интихоб намо, то ин ки дарҳол ба хидмат ҳозир гардад (яъне ҳамоно арӯсӣ намоем).

Шоир пеш аз хотимаи китоб «Дар насиҳати фарзанди арҷманд Зиёуддин Юсуф» ном бобе меофарад, ки аз панду насиҳатҳои падарона лабрез мебошад [4,240]. Шоир ба фарзанди хеш дар бораи васеъ будани гирдоби талаб, амиқу чуқур будани дарёи улум, қонеъ нашудан аз ҳар чизи ёфта, аз хуб ба хубтаре шитофтан, омӯхтани дин ва фалсафа, худотарс будан ва амсоли инҳо фикру ақидаҳои ҷолиб баён намуда, дар охири насиҳат ба Зиёуддин Юсуф таъкид месозад:

Ҳуш дор, ки бошад андар ин роҳ
Аз ҳашмату ҷоҳ канда сад чоҳ.
Аз кӯрдилӣ зи раҳ наяфтӣ,
Чун кӯрдилон ба чаҳ наяфтӣ...
Дар табъи ту гар қабули панд аст,
Ин панд, ки гуфта шуд, басанд аст.
Гуфтам сухане, ки гуфтанӣ буд,
Суфтам гуҳаре, ки суфтанӣ буд (4,241).

Ба ин минвол, шоир дар боби боло ба масъалаҳои тарбиявӣ – ахлоқӣ, ростӣ ва вафо, ҳушёриву чаққонӣ ва амсоли инҳо аҳамият дода, ба фарзанди худ – Зиёуддин Юсуф роҳҳои дурусти тарбияро нишон додааст.

Ҷомӣ дар достони дигари худ – «Юсуф ва Зулайхо» дар боби «Рафтани бародарон пеши падар ва дархост кардан, ки Юсуфро ҳамроҳи худ ба ҷониби саҳро баранд», ҷавоби манфии Яъқуб (а) ба писаронаш дар бобати ба саҳро бурдани Юсуф, баъди илтиҷои онҳо, боварибахш ба қалам медиҳад:

Чу Яъқуб ин сухан бишнид аз эшон,
Гиребони ризо печид аз эшон.
Бигуфто: «Бурдани ӯ кай писандам,
К-аз он гардад дарун андӯҳмандам?
Аз он тарсам, к-аз он ғофил нишинед,
Зи ғафлат сурати ҳолаш набинед.
Дар ин дерина дашти меҳнатангез
Куҳан гурге бар ӯ дандон кунад тез.
Бад он нозукбадан дандон расонад,
Танашро, балки ҷонамро даронад» (3,214-215).

Ба ин минвол, Яъқуб (а) аз афсунгарии фарзандон бехабар монд ва бо дили нохоҳам барои ба саҳро бурдани Юсуф иҷозат дод.

Шоир пеш аз хатми достони номбурда боби алоҳидаеро таҳти унвони «Дар панд додан ва банд ниҳодани фарзанди арҷманд, ки дасти идрок дар фитроки иктисоби камолот устувор дорад ва пойи майл дар зайли иҷтиноб аз ҷаҳолот

барқарор…» ба насиҳати фарзанди арҷманд мебахшад. Вақте ки шоир ба насиҳат шурӯъ мекунад, сину солаш ба ҳафтод ва сину соли фарзандаш ба ҳафт расида буд.

Ӯ аз солу моҳ ва ҳафтаи умри барабасрафта афсӯс мехӯрад ва фарзандро насиҳат мекунад, ки аз илму дониш баҳравар гардад, зеро умри одамӣ кӯтоҳ буда, ба кас дубора муяссар намегардад (3,370-371).

Ҷомӣ илми беамалро ба заҳри бенӯш монанд карда, фарзандро талқин менамояд, ки кораш на ин ки хом, балки ҳамеша пухта бошад (3,371). Дар назари шоир, мард набояд майл ба зебу зинати хеш дошта бошад. Вай бояд фақираҳвол буда, пастиву баландии рӯзгорро таҳаммул намояд. Ба сари он касе, ки аз дастархони ӯ нон хӯрд, мушт набардорад, намакдони хонаро баъди халос шудани намак напартояд [3,371].

Шоир қадру қимати дӯсти ҷониро баланд мебардорад. Ҳатто барои ин гуна дӯстон фидо кардани ҷонро низ дареғ намедорад. Аммо, таъкид мекунад ӯ,- дӯстро бояд аз душман ҷудо кард. Сипас, маънои дӯстро батафсил шарҳ дода, хотирнишон мекунад:

Барои дӯстон ҷонро фидо кун,
Валекин дӯст аз душман ҷудо кун,
Ки бошад дӯст он ёри худоӣ,
Дилаш равшан ба нури ошноӣ (3,372).

Ҷомӣ фарзандро насиҳат мекунад, ки ба китоб меҳру муҳаббат бандад, зеро китоб аз як тараф, ғамгусори инсон бошад, аз дигар тараф устоди бе музду миннат аст:

Зи доноён бувад ин нукта машҳур,
Ки дониш дар кутуб, доност дар гӯр.
Аниси кунҷи танҳоӣ китоб аст,
Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст.
Бувад бе музду миннат устоде,
Зи дониш бахшадат ҳар дам кушоде (3,372-373).

Ваъда қавлу қарор дар иҷрои ин ё он кор аст. Ваъда додан – умедвор кардани ин ё он шахс мебошад. Аз ин рӯ,- мегӯяд шоир,- аввал ин ки ваъда мадеҳ, аммо чун ваъда додӣ, бикӯш, то вафо намоӣ:

Макун ваъда, в-агар кардӣ, вафо кун,
Тариқи бевафоиро раҳо кун (3,375).

Дар охир, шоир ба ҳунаромӯзии фарзанд диққати ҷиддӣ дода, таъкид мекунад, ки монанди нодонҳо пойбанди падар набуда, балки фарзанди ҳунар бошад, зеро шахси ҳунарманд дар ҳеҷ куҷо хор намегардад:

Чу нодонон на дар банди падар бош,
Падар бигзору фарзанди ҳунар бош (3,375).

Ҳотифӣ дар достони «Лайлӣ ва Маҷнун» дар боби «Насиҳат кардани падар мар Маҷнунро» ба мавзӯи тарбияи фарзанд рӯ оварда, аз номи падари Маҷнун ба ҳалли ин масъала диққати ҷиддӣ медиҳад. Падари Маҷнун ба фарзанди худ бо ибораи «нури дида» муроҷиат намуда, аз ин кори пешгирифта, яъне ошиқ шудани вай ба Лайлӣ ор мекунад [5,38].

Таваллуди фарзанд орзуи ягонаи ҳар падару модар буда, боиси баланд гардидани обрӯю эътибори онҳо мегардад. Аз ин рӯ, падари Маҷнун таъкид месозад, ки ман туро (яъне Маҷнунро – М.С.) ба он умед ба воя расондам, ки ҳангоми пирӣ дастам бигирӣ ва баъди вафот ҷойгузини ман бошиву шарти писарии хешро иҷро намоӣ [5,38].

Албатта,- огоҳ месозад падар,- зиндагӣ пастиву баландии зиёд дорад. Барои он ки дар зиндагӣ хор нагардӣ, бояд илму адаб омӯзӣ, зеро агар дар ҷавонӣ илму адаб наомӯзӣ, дар пиронсолӣ пушаймон мегардӣ, ки оқибат надорад [5,38].

Арӯс,- мегӯяд падар,- набояд аз ҳусни модар фахр кунад. Ҳамчунин, фарзанд набояд аз ном ва касбу кори падар фахр кунад, балки илму ҳунари ӯро биомӯзад. Писар, пеш аз ҳама ба суханони падар гӯш андозад ва аз гуфтаи ӯ сар мапечад, чунонки писари Нуҳ (а) – Канъон суханони падарро рад намуда буд [1,39-40].

Ҳоло,- насиҳатро идома медиҳад падар,- ту хурдсол буда, таҷрибаи кофӣ надорӣ. Мард набояд аз зан меҳру вафо ҷӯяд, тавре ки дар хоки шӯразамин гули суман намерӯяд [5,39].

Сипас, падар Қайс (Маҷнун)-ро насиҳат мекунад, ки лайлиталабиро бас карда, худрову ӯро дар азоб нагузорад. Ҳарчанд ӯ Лайлиро дӯст медорад, аммо вай баръакс, бо дигарон омодаи ҳазлу шӯхист. Ба дигар маъно, шахсеро, ки ӯ дӯст медорад, майли каси дигар дошта, аз дӯст буданаш бо вай нанг мекунад [5,40].

Аз ин рӯ,- мегӯяд падар дар охири насиҳат ба Маҷнун,- ту бояд аз дил ҳавои Лайлиро дур карда, минбаъд ба ӯ майл насозӣ. Ҳарчанд ӯ аз ту рӯй тобад ҳам, ғам махӯр, зеро ки ёр дар ҳар чо, минҷумла дар байни хешу қабилаамон зиёд аст. Онҳо низ дар ҳусну малоҳат фасона ва дар ҷилвагарӣ ягонаанд. Кадоме аз онҳо ба ту хуш ояд, дарҳол ба хидмат меояд [5,40].

Дар достони «Ширин ва Хусрав» низ Ҳотифӣ боберо ба насиҳати фарзанд бахшидааст, ки «Насиҳат кардани Ҳурмуз Хусравро ва тарғиб намудан ба адл» ном дорад. Ин насиҳат баъди он шурӯъ мегардад, ки Хусрав ба яғмогарони меваҳои боғи деҳқон ҷазои одилона ва сазовор дода буд [6,21]. Аз ин насиҳати Ҳурмуз бармеояд, ки шоҳ, пеш аз ҳама бояд:

- сояи илоҳӣ будани худро ҳис кунад;
- ба раият адлу инсофро раво донад;
- ба ободии мардум саъю кӯшиш намояд;
- лашкариёнро ҳавасманд созад;
- дар сиёсати лашкар устувор бошад;
- мансабдорон (маъмурони давлат)-ро зулм накунад ва ҳоказо.

Сипас, шоир дар атрофи раиятпешагон ва амалдорон изҳори ақида намуда, таъкид месозад, ки раиятпеша дар атрофи тамоми ҳодисот танҳо ҷабру зулми дарвеши мазлумро ҳис мекунад. Амалдорон бошанд, баръакс, ба сагони ваҳшӣ шабоҳат доранд, ҳатто сагонеро, ки бо занҷир нигоҳ медоранд, аз онҳо беҳтар аст [6,21-22].

Шоҳ,- таъкид месозад Ҳурмуз,- набояд ба ашхоси нокас мансаб диҳад. Чун замини шӯразор лоиқи киштукор нест, аз ин рӯ ба дарё партофтани хишт аз рӯйи ақл набувад. Агар заҳр дар оби зиндагонӣ бошад ҳам, касро ҳалок месозад [6,22].

Ҳурмуз дар охири насиҳати хеш ба Хусрав ёдрас мегардад, ки шоҳ набояд пойбанди зебу ҳусни ҷома бошад. Доное ба ӯ низ панд дода буд, ки зебу зиннати шоҳ танҳо адлу дод аст. Шоҳе, ки роҳи адлу эҳсонро пеша менамояд, ҳамеша зафар меёбад [6,22].

Дар достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Мактабӣ насиҳати падари Маҷнун дар боби «Додани панди падар Маҷнунро» гирд омадааст. Вақте ки Маҷнун чанд муддат ба хона намеояд, падар ба ҷустуҷӯйи ӯ мебарояд. Баъди саргардониву оворагии зиёд аз ҷониби кӯҳ нолаи маҳзуне ба гӯшаш мерасад. Мебинад, ки ҷавони лоғаре ҳамчун «пӯсти аз вуҷуд холӣ» дами марг аст [7,146-147]. Падар Маҷнунро шинохта, ба оғӯш мегирад. Аммо Маҷнун падарро намешиносад ва ба ӯ савол медиҳад:

Гуфто: «Чӣ талаб кунӣ аз ин ӯр,
Ту зинда, чӣ мекунӣ дар ин гӯр?» (7,147).

Падар дарҳол посух медиҳад:

Гуфто: «Падари туам бад-ин сӯз
В-аз рӯзи бади туам бад-ин рӯз» (7,147).

Баробари шунидани ин хабар Маҷнун падарро дар оғӯш гирифта, рух ба рухи ӯ мениҳад. Баъди ҳолпурсӣ падар ба писар ҷома пӯшонда, пешаш таом мегузорад. Аз дарди ҷудоӣ чанде бигриста, ба насиҳат мепардозад [7,148].

Сипас, падар дар хусуси ҳарзагардии боди вазон, ғуборолуд гардидани об ҳангоми ҳаракат ва соф гардидани он дар вақти қарор гирифтан, сарсониву саргардонии Маҷнун монанди афлок ва ҳамчун онҳо бисёр касонро ба доми худ кашидани хок фикру ақидаҳои фалсафӣ ронда, ба хулоса меояд:

Хешон зи ғамат шикастаҳоланд
В-андар талабат шикастаболанд
В-он модари дардманди табкаш
Чун шуъла ҳаметапад бар оташ.
Гар бо падар ошно нагардӣ,
Аз роҳи ситеза вонагардӣ
Он хок ба сар кунам, ки ғамнок
Дар ҳашр бароварам сар аз хок (7,148-149).

Чунонки мебинем, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Абдуллоҳи Ҳотифӣ ва Мактабии Шерозӣ гоҳе аз забони худ ва гоҳе аз забони қаҳрамонони асарҳо роҷеъ ба масъалаҳои хулқу атвор, одобу ахлоқ, панду насиҳат ва амсоли инҳо диққат дода, ба ин восита фикрҳои пешқадамонаи худро баён кардаанд. Ин адибон барои тарбияи фарзанд тамоми маҳорати бадеии худро сарф карда, дар зимни ҳар як баҳс аз ҳикояву воқеаҳои шунида ва ё аз сар гузаронида нақл бинмуда, аз онҳо натиҷаҳои дилхоҳ ва ибратбахш баровардаанд. Шоирони боло аз як тараф фарзандони худро аз роҳи бад баргардонанд ҳам, вале аз тарафи дигар, пайдост, ки нуқсони табақаҳои ҳукмрони ҷамъияти феодалиро фош намудаанд. Наслҳои минбаъда барои амалӣ гардидани пандҳои судманди адибони номбаршуда саъю кӯшиш менамоянд. Онҳо дар оянда низ номи ин адибонро ҳамчун шоирони инсондӯст бо эҳтиром вирди забон ва насиҳатҳои падаронаашонро сармашқи кори худ хоҳанд кард.

Дар шароити кунунӣ бошад, ҳама чиз ба тарбия вобастагӣ дорад. Дар ин бобат Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» амал мекунанд, ки мутобиқи онҳо чӣ дар мактаб, чӣ дар хона ва чӣ дар ҷамъият омӯзгорон, падару модарон ва аҳли ҷомеа ба тарбияи фарзандон диққати ҷиддӣ медиҳанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Қасас-ул-анбиё /Таҳияи Саидбеги Маҳмадуллоҳ, Аъламиён Махдуми Абдусаттор, Саидиён Исматуллоҳи Аҳрор, Амриддини Ҷалол.– Душанбе: Ориёно, 1991. – 400 с.
2. Абдурраҳмони Ҷомӣ. Осор. (Силсилат- уз- заҳаб, Саломон ва Абсол, Туҳфат - ул - аҳрор: Достонҳо) / Ба чоп ҳозиркунандагон К.Айнӣ, А.Зуҳуриддинов. – Душанбе: Адиб, 1987. – Ҷ.3. –288 с.
3. Абдурраҳмони Ҷомӣ. Осор. – (Субҳат-ул-аброр, Юсуф ва Зулайхо: Достонҳо) / Ба чоп ҳозиркунандагон З. Аҳрорӣ, М.Мамедова. – Душанбе: Адиб, 1988. – Ҷ.4. – 384 с.
4. Абдурраҳмони Ҷомӣ. Осор. – (Лайлӣ ва Маҷнун, Хирадномаи Искандарӣ: /Достонҳо) /Ба чоп ҳозиркунанда А.Афсаҳзод. – Душанбе: Адиб, 1988. – Ҷ.5. – 384 с.
5. Абдуллоҳи Ҳотифӣ. Лайлӣ ва Маҷнун / Бо тасҳеҳ ва муқаддимаи С. Асадуллоев. –Душанбе: УДТ ба номи В.И.Ленин, 1962. – 121 с.
6. Абдуллоҳи Ҳотифӣ. Ширин ва Хусрав /Мураттиб ва муаллифи сарсухан Ҷ.Додалишоев. – Душанбе: Дониш, 1981. –116 с.
7. Назриев Ҷ. Мактабии Шерозӣ ва достони ӯ “Лайлӣ ва Маҷнун”.–Душанбе: Дониш, 1983. – 188 с.

ТЕМА «НАСТАВЛЕНИЕ ПОТОМКАМ» И ЕЕ ОТРАЖЕНИЕ В ЛЮБОВНО-РОМАНТИЧЕСКИХ ПОЭМАХ ЛИТЕРАТУРЫ XV ВЕКА

Тема наставления потомкам является одной из традиционных тем персидско-таджикской литературы. Автором данная тематика подвергнута изучению и рассмотрению в таких поэмах как «Саламан и Абсал», «Лейли b Меджнун» и «Юсуф и Зулейха»Абдуррахмана Джами, «Лейли и Меджнун» и «Ширин и Хусрау»Абдуллоха Хотифи и«Лейли и Меджнун» Мактаби Шерози.

Ключевые слова: наставление, потомок, воспитание, подростки, молодежь, уважение, друг, родители, наука, знания, мастерство, обещание, книга, учитель.

THE THEME OF «PRECEPT TO DESCENDANTS» AND ITS REFLECTION IN LOVE-ROMANTIC POEMS LITERATURE OF THE XV CENTURY

The theme of instruction descendants is one of the traditional Persian-Tajik literature. The author of this subject is subjected to examination and review, in such poems as «Salaman and Abcal», «layli and Majnun» and «Yussuf and Zulaikha»Abdurahman Jami, «Leyli and Majnun» and «Shirin and Khusrav» Abdullo Knotifi and «Leyli and Majnun» Мактаби Sherozi.

Key words: manual, child, parenting, teenagers, youth, respect, friend, parents, science, knowledge, skills, promise, the book, the teacher.

Сведения об авторе: ***С. Махкамов*** – кандидат филологических наук, доцент кафедры гуманитарных наук Республиканского института повышения квалификации и переподготовки работников сферы образования (РИПКПРСО). Телефон:**(+992) 918-52-69-73.**

НАҚШИ ИМОМ ДАР ТАЪЛИМОТИ ИСМОИЛИЁН ВА ФАҲМИШИ НОСИРИ ХУСРАВ

Ҳоким Қаландаров
Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ

Андешамандони исмоилӣ дар дарёфти ҳақиқат чаҳор сарчашмаро эътироф ва тарғиб мекарданд, ки яке ақл, дувумӣ нафс, савум нубувват ва чаҳорум асос ё асоси таъвил буданд [3, 50-51]. Сарчашмаи охир, ё худ асос мартабаи имом дар мазҳаб аст, ки дар замони Пайғамбар (с) ба Алӣ (а) рост меомад ва баъд аз он ба фарзандони ӯ дар ҳар даври муайян то ба имрӯз. Аз рӯйи таълимоти исмоилиён ҷаҳон лаҳзае аз нафаси имом холӣ нест ва холӣ будани он аз имом фарҷоми онро фаро хоҳад хонд.

Вазифаи имом дар ҳар давру замон пайравони дини ҳақро ба роҳи рост – ба сироталмустақим раҳнамоӣ кардан аст ва нуктаи муҳим дар раҳнамоӣ ин аст, ки вай дар асоси таъвили китоби «Қуръон» ва шариати Расул (с) мувофиқи замони муайян сурат мегирад. Носири Хусрав ин нуктаро чунин баён намудааст: «Ва бад-ин расулон худованди таълифу таъвилро хост ва имомони ҳақ, ки маънии китобу таъвили шариатро пайдо кунанд» [5, 71].

Дар порчаҳои ҷудогонаи қасоиди хеш ва баъзан дар қасидаҳои мукаммал Носири Хусрав ин вазифаи имомро барои хонанда, аниқтараш барои пайравони мазҳаб шарҳ медиҳад ва ба таъкид мегирад, чунончи дар ин порча:

В-он-ч аз «Қуръон»-ш нест гувоҳ, олам
Розе «Худоист, ниҳон з-аъдо
Таъвил-ш аз хизонаи он ёбӣ,
К-аз халқ нест ҳеҷ касаш ҳамто.
Фарде, ки нест, ҷуз ки ба ҷадди ӯ
Уммед мар-турову маро фардо (6, 88-89).

Чунончи дар қисмати маврусияти Пайғамбар (с) дида шуд, ба қавли шиён Пайғамбар (с) ворисияти худро ба Алӣ (а) ва фарзандони ӯ вогузошт. Алӣ (р) маҳз нахустин имоми аҳли шиа пазируфта шуд, ки ҳикмати илоҳиро бо худ дошт ва таъвили китоби «Қуръон»-ро медонист. Доштани ҳикмати илоҳӣ барои авлоди ӯ рисолати абадист ва ҳар кӣ ба дунболи ин ҳикмат аст, аз роҳи рост мунҳариф нахоҳад шуд. Дар ин замина Носири Хусрав ба ҳадиси дигари назди аҳли ташайюъ ва тасаннун машҳур – Сақалайн ишора дорад ба ин тарз:

Хонаи асрори Худой аст имом,
Рӯҳи амин аст мар – ӯро қарин.
То ту нагирӣ расани аҳди ӯ,
Даст нашӯяд зи ту деви лаин (6, 89).

Мувофиқи ин ҳадис, ҳазрати Расолатпаноҳ (с) ба уммати хеш башорати ба олами бақо пайвастани хешро пас аз муддате чанд овардааст ва ба таъкид гирифтааст, ки пас аз ман ду чизи гаронқимат дар миёни шумо мемонанд: яке китоби Худо, ки дар он нур ва ҳидоят аст ва дигаре итрат, яъне аҳли байти ман. Пас ба онҳо чанг занед ва маҳкам доред, то аз роҳи рост мунҳариф нашавед. Ин ду, то он даме ки дар канори ҳавз (ҳавзи Кавсар дар назар аст) маро мулоқот кунанд, аз ҳамдигар ҷудо намешаванд [4, 67-75]. «Гирифтани расани аҳди ӯ», ки Носири Хусрав дар порчаи боло гуфта, маҳз ба ҳамин ду чизи гаронқимат далолат дорад.

Ҷойи тазаккур аст, ки исм ва мафҳуми имом дар фаҳмиши исмоилиён ва аз ҷумла, Носири Хусрав аз мафоҳими илм ва ҳикмат ҷудо нест, балки имом тимсоли илму ҳикмат аст. Ба қавли маърифати Носири Хусрав дониш маншаи илоҳӣ дорад ва тамоми улум ва дониш аз Худо сарчашма мегиранд. Ин дониш ё илм тавассути калимаи илоҳӣ ба ақли кул ва аз он ба нафси кул мунтақил меёбад. Дар олами ҷисмонӣ бошад, дониш ё маърифат дар ниҳоди Пайғамбар (с) аст ва аз ӯ ба васӣ ва аз васӣ ба имоми вақт нақл мешавад [ниг.: 8, 270-279; дар хусуси мавқеъ ва мафҳуми илм аз назари Носири Хусрав инчунин ниг.: 2, 229-247].

Дар давоми порчаи боло Носири Хусрав илмро дар пеши имом ва аз они имом мегӯяд:

Илм куҷо бошад, ҷуз назди ӯ,
Шер куҷо бошад, ҷуз дар арин.
Ҳар кӣ сӯйи ҳазрати ӯ кард рӯй,

Зӯҳра битобад-шу Суҳайл аз ҷабин (6, 89).

Илм дар Назари Носири Хусрав ҳамоно илми ҳақ аст, чунончи:

Илм аст кимиёи ҳама шодӣ,
Эдун ҳамекунад хирадам талқин.
Бо нури моҳ шаб набувад торӣ,
Бо илми ҳақ дил набувад ғамгин (6, 35).

Васӣ нигаҳдорандаи ҳикмату илми Худой аст ва имомони баъдӣ ин расолатро доро мебошанд. Ҷустани ин илмро Пайғамбар (с), ки худ оварандаи он буд, талқину тарғиб мекард. Дар порчаи зер маҳз таъкиди Ҳаким Носир бар ҳадиси машҳури Набӣ (с) аст, ки гуфта: «Илмро бичӯед, агарчи дар Чин бошад»:

Ҳеҷ шунидӣ, ки чӣ гуфта-т расул,
Бор Худою шараф ул-мурсалин.
Гуфт: «Бибояд ҷустан илмро,
Гар набувад ҷойгаҳаш ҷуз ба Чин» (6, 89).

Тазаккур бояд дод, ки байтҳои дар болотар аз ин порча овардашуда, ки дорои мисраъҳои «Хонаи асрори Худой аст имом» ва «Илм куҷо бошад, ҷуз назди ӯ» пас аз порчаи ҳадиси расулро таҷнис карда омадаанд ва мафҳуми ҷустани илми ҳақ дар чеҳра ва шахсияти имомро дорад. Ин сухан далел ба даъвати исмоилӣ аст, ки дарёфти маърифати Имом расидан ба илми илоҳӣ мебошад. Ҷойи тааҷҷуб аст, ки Чин гуфта, Носири Хусрав на кишвари ҷуғрофиро дар назар дорад, балки нишемангоҳи имомро. Чунончи, дар қасидаи машҳури «Гузинам «Қуръон»-у дини Муҳаммад» байте дорад, бо истифода аз ҳадиси мазбури Пайғамбар (с) ва ҷустуҷӯйи илм:

Бифармуд ҷустан ба Чин илми динро,
Муҳаммад шудам ман ба чини Муҳаммад.
Шунидам зи меросдори Муҳаммад,
Суханҳои чун ангубини Муҳаммад (6, 229).

«Ситоиши хонадони Пайғамбар (с) ва меросбарони хираду илм дар қасидаҳои бисёр зиёд омадааст. Хусрав борҳо «шиати Ҳайдар» будани худро таъкид мекунад... Дар ҳамин равияи ашъори васфии мазҳабӣ ситоиши фотимиён мақоми ба назар намоён дорад. Аз паси фотимиён барои ин рафтан лозим аст, ки онҳо умматонро аз паси ҷадду падар –пайғамбару ҳазрати Алӣ мебаранд» [7, 85].

Дар замони Носири Хусрав меросбари илму ҳикмати пайғамбарӣ халифаи ҳаштуми фотимиён – Абӯтамим Маод ибни Алӣ ал-Мустансирбиллоҳ (ваф. 1094 м) буд, ки сифоту васфи зот ва илму ҳикматаш дар девони Носири Хусрав мавқеи алоҳида дорад ва оид ба чанд ҷанбаи ин тавсиф устод Худоӣ Шарифов изҳори ақида намудааст [7, 86-93].

Чизе ки дар ин миён қобили такрор аст, «Хусрав бо шинохтани мақоми олии имоми замон мақоми инсонро ҳам боло ва ба худованд наздик мегузорад». Дар хусуси мақоми инсон дар назария ва амалияи исмоилиён ва хосатан, Носири Хусрав муҳаққиқини фалсафа ва адабиёт ҳарфҳои зиёдеро иншо ва ифшо намудаанд [7, 95-185; 1, 146-153].

Ҳамин тариқ, Носири Хусрави Қубодиёнӣ, чӣ дар осори фалсафӣ-илмӣ ва чӣ дар осори бадеиаш, ҳамчун мубаллиғи афкору ғояҳои шиаи имомии исмоилӣ баромад карда, асоситарин рукнҳои мусалмонӣ – ваҳдонияти Аллоҳ, расолати Пайғамбари ислом ҳамчун хатми анбиё, маврусияти имомат, ки интиқоли он аз Набӣ (с) ба Васӣ (а) ва аз ӯ ба аҳли байт ҷараён мегирад, махзани ҳикмати илоҳӣ будани имом, ба таъвил ниёз доштани каломи Аллоҳ ва шариати Расул (с)-ро аз нуқтаи назари аҳли шиаи исмоилӣ мавриди таҳқиқ ва таблиғ қарор дода буд.

А Д А Б И Ё Т

1. Арабзода, Нозир.Ҷаҳони андешаи Носири Хусрав / Нозир Арабзода –Душанбе: Нодир, 2003, 276 с.
2. Бертельс А.Е. Насир-и Хосров и исмаилизм / А.Е.Бертельс –М.: Восточной литературы, 1959, 290 стр.
3. Волкер, Пол Е. Абӯяъқуб Сиҷистонӣ - мутафаккир ва доии исмоилӣ, тарҷумаи Фаридуни Бадраӣ / Пол Е. Волкер. –Теҳрон, 1377, 193 саҳ.
4. Дор-ут-тавҳед. Дар мактаби аҳли байт. –Теҳрон: ал-Ҳудо, 1997.
5. Носири Хусрав. Ваҷҳи дин / Носири Хусрав. –Душанбе: Амри илм, 2002.

6. Носири Хусрав. Девони ашъор/ Мураттибон ва таҳиягарони матн, сарсухан ва таълиқоту ҳавошӣ Амрияздон Алимардонов ва Нурмуҳаммади Амиршоҳӣ. –Душанбе: Шуҷоиён, 2009, (Ҷ.1, 639 саҳ.; Ҷ. 2, 645 саҳ).
7. Шарифов Х. Рози ҷаҳон / Х. Шарифов – Душанбе: Нодир, 2004, 352 саҳ.
8. Yahya Baiza. The Concept of 'Ilm in the Writings of Nasir Khusraw //Носири Хусрав: дирӯз, имрӯз, фардо,.. с. 270-279.

РОЛЬ ИМАМА В ДОКТРИНЕ ИСМАИЛИЗМА И ЕЕ ПОНИМАНИЕ НОСИРОМ ХОСРОВОМ

Данная статья посвящена анализу роли Имама в доктрине исмаилизма и олицетворению данной роли в понимании Носира Хосрова. Согласно анализу автора статьи Носир Хосров, как проповедник исмаилитских идей, утверждает, что Имам является сокровищницей (хранилищем) Божьей мудрости, и, с точки зрения исмаилитской доктрины, видел необходимость Имама в интерпретации Корана и Шариат Пророка.

Ключевые слова: Ислам, Носир Хосров, персидско-таджикская поэзия, доктрина исмаилизма, роль Имама, Коран, Шариат Пророка.

THE ROLE OF THE IMAM IN THE ISMAILI DOCTRINE AND NASIR KHOSROW'S UNDERSTANDING

This article analyzes the role of the Imam in the Ismaili doctrine and the incarnation of this role in the understanding of Nasir Khusraw. According to the author's description, Nasir Khusraw, as a preacher of Ismaili ideas, says that the Imam is the treasure of Allah's wisdom, and from the point of view of the Ismaili doctrine recovered need to interpret the Koran and Sharia Prophet.

Key words: Islam, Nosir Khosrow, Ismaili doctrine, Persian-Tajik poetry, the role of the Imam, the Koran and Sharia Prophet.

Сведения об авторе: ***Хоким Каландаров*** – кандидат филологических наук, старший научный сотрудник Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им. А.Рудаки АН РТ
Телефон: **(+992) 93 489 26 26**

ХУСУСИЯТҲОИ ТАҲАВВУЛИ АДАБИЁТИ ӮЗБЕК ДАР АСРҲОИ XVI-XIX

Ж.Ӯ. Мамадиев
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Дақиқ шинохтан ва мушаххасу равшан намудани хусусиятҳои таҳаввули адабиёти ӯзбек дар асрҳои XVI-XIX ба муайян кардани баъзе паҳлӯҳо ва масъалаҳои саҳифаҳои таърихи равобити адабии тоҷикону ӯзбекон сахт пайванд мехӯрад. Беш аз ин, таҳаввулоти адабии ин давраи адабиёти ӯзбек бо тағйироти сиёсию иҷтимоӣ, ки дар Хуросон ва Мовароуннаҳр ба вуқӯъ омад, робитаи ногусастанӣ дорад. Адабиёти ӯзбек дар масири баъдии пешрафт, хоса баъди асри XVI бояд миннатдори ҳокимони туркнажоде монад, ки аз замони Қарахониён ба баъд дар Осиёи Миёна на фақат ҳукумати сиёсии туркҳоро барқарор ва тақвият бахшидаанд, балки тадриҷан ба пайдоиш, ташаккул ва рушди адабиёту забони ӯзбекӣ низ мусоидат намудаанд.

Барои он ки заминаҳо ва равишҳои таҳаввули ин адабиётро ба тарзи воқеӣ муайян ва арзёбӣ кунем, як нигоҳи мухтасарро ба масоҳати таърихии сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангии муносибатҳо ва робитаҳои тоҷикону ӯзбекон муҳим медонем. Маълум аст, ки ҳарчанд давлати подшоҳони Сомонӣ дар интиҳои қарни X мелодӣ ба дасти туркони Қарахонӣ шикаста шуда ва баъд аз он дар Мовароуннаҳр дар тӯли ҳазор сол дигар ягон давлати тоҷикон арзи вуҷуд накардааст, аммо забон ва адабиёти форсии тоҷикӣ ҳамчунон побарҷо, дар ривоҷ ва равнақ буд.

Мовароуннаҳр дар давоми қариб ҳазор соли салтанати туркон қаламрави забони тоҷикӣ хоса мадҳи шеъру адаби ин забон боқӣ монд. Забони тоҷикӣ дар ин ҷо, ба ғайр аз он ки забони илм, адабиёт ва таълиму тарбият буд, забони расмии коргузории давлатӣ низ буд ва амалан, ин ҳолат то шикасти охирин амири манғитӣ - Олимхон идома дошт.

То ибтидои асри XX сулолаҳои ҳукмрони турк - Қарахониён ё оли Афросиёб, Темуриён, Шайбониён, Аштархониён ва Манғитиён, ки яке аз паси дигаре ҳокимият кард, на танҳо ба беэътибор ва танг кардани забони тоҷикӣ ва ба сари кор овардани забони туркӣ сайъ намекарданд, балки баръакс, ба ривоҷу равнақ ва тавсеаи доираи истифодаи забони тоҷикӣ мусоидат менамуданд, ки на фақат заминаҳои сиёсиву иҷтимоӣ, балки фарҳангию маърифатӣ низ дошт.

Дар мадориси Самарқанду Бухоро- ин ду шаҳри марказии Мовароуннаҳр ва дигар марокизи фарҳангию адабӣ таълим ба забони форсии тоҷикӣ низ сурат мегирифт. Бинобар ин, ҳар яке аз аҳолии турки Мовароуннаҳр, ки дар мадраса ё берун аз он таълим гирифта, аҳли савод ва маърифат мегардид, забони тоҷикиро аз бар мекард. Омӯхтан ва донистани илму маърифат ва ошноӣ ба шеъру адабро туркон бидуни забони тоҷикӣ тасаввур намекарданд. Ба ин восита онҳо бо шеъру адаби форсии тоҷикӣ унс гирифта, дар ҷараёни зуҳур ва равнақи он иштирок мекарданд. Ҳарчанд ин адабиётро асосан намояндагони халқи тоҷик эҷод кардаанд ва ба он рушд бахшидаанд, аммо дар он то ҳадде адибони туркнажод низ иштирок карда ва саҳм гирифтаанд. Иштирок ва саҳми туркон дар шеър ва адаби тоҷикӣ ҳодисаи даврaҳои сонӣ набуда, ҳанӯз аз аввалҳои қарни ёздаҳуми мелодӣ, аз замони барқарор гардидани давлати туркони қарахонӣ оғоз гардида, то аввали асри XX давом кардааст.

Дар тӯли тақрибан нуҳсад сол аз ҷумлаи аҳли савод ва маърифати қавмҳои турки маскуни Мовароуннаҳр онҳое, ки бо шеър ва адаб алоқа пайдо кардаанд, аз касони одӣ то арбоби давлат ва хону султонҳо - ҳама ба форсии тоҷикӣ эҷод кардаанд. Танҳо як қисми ками онҳо, баробари форсии тоҷикӣ ба забони модарии туркии худ низ муроҷиат намудаанд ва каму беш дар он осори адабӣ ба вуҷуд овардаанд. Шояд, ҳамин гуна вазъият ба Алишери Навоӣ таъсири рӯҳӣ гузошта буд, ки дар «Муҳокимат-ул-луғатайн» бо сӯзу гудоз ва афсӯси амиқе навишта буд: «Аммо бек ва мирзодаҳои хуштабъ ва поктабъони соҳибзеҳн ва озодагони қавми турк, чунонки лозим аст, асбоби иштиғолро ороста ва чунон натиҷаи табъе нишон дода натавонистаанд, ки аз он умеди хушгӯйӣ доштан мумкин бошад. Турфа ин аст, ки ба тарғибу талқин ва эҳсону таҳсини чунин подшоҳи сухандон мутобиқат ва мувофиқатро фаромӯш намуда, ҷодаи нофармонӣ ва залолатро пеш гирифта, аксар, балки ҳама ба форсӣ моил ва дар он забон ба назм қоил гардидаанд» [6, 167].

Навоӣ аввалин касе буд, ки бо як кӯшиш ва қуввати фавқуллодае ба кори илмӣ ва адабӣ машғул шуд ва саҳифаи аввали дурахшону пурфайзи назми классикии туркиро боз кард ва шоирони баъди худашро бо ин роҳ ҳидоят намуд. Навоӣ барои пешрафти адабиёти туркии ӯзбекӣ ҳарчи аз дасташ омад, кард. Шеърҳо навишт, ба шоирон роҳнамоӣ кард, доир ба назарияи шеър асарҳои роҳнамо таълиф намуд, ки «Мизон-ул-авзон» аз ҷумлаи он буд.

Зиёда аз ин, ҳатто бо фармони Ҳусайни Бойқаро шоирони замонаашро ба гуфтани шеър ба забони модариашон ташвиқ кард. Навоӣ бо ин кор тадқиқи адабиёти туркии ӯзбекиро замонат дод. Дар ҳамин давра адабиёти тоҷикию туркӣ арзи ҳастӣ кард, ки минбаъд яке аз омилҳои ташаккул ва пешрафти адабиёти ӯзбекӣ гардид.

Дузабонӣ дар ибтидо хоси шоирон ва адабиёти ӯзбек буд. Ба таъйиди адабиётшинос Садрӣ Саъдӣ: «то охири қарни ҳаждаҳум шоирони тоҷик, ба истиснои Нодир, ба туркӣ ё ӯзбекӣ намунаҳои ашъоре эҷод накардаанд, агарчи баъзе аз онҳо бо эҳтимоли қавӣ ин забонро медонистанд.

Туркигӯйии шоирони тоҷик танҳо дар нимаи аввали қарни XIX ва он ҳам дар шарқи Мовароуннаҳр дар минтақаи Фарғона, ки он ҷо мардуми туркзабон бисёр шуда буданд, эҷод гардид» [4, 23].

Адабиёте, ки дар Хӯқанд (маркази онвақтаи Фарғона) дар нимаи аввали қарни XIX равнақ пайдо кард, саросар дузабона буд. Шоирони ин ҳавзаи адабӣ тақрибан ҳама зуллисонайн буданд. Дар ин ҷо шоире пайдо намешуд, ки танҳо бо як забон ё ба тоҷикӣ ё ба туркӣ эҷод карда бошад. Қуввaҳои ин адабиёти зуллисонайн намояндагони ҳам мардуми тоҷик ва ҳам мардуми ӯзбек буданд. Ана ҳамин ҳодиса яке аз хусусиятҳои таҳаввули адабиёти ӯзбекро, ки дар асрҳои зикршуда ифода мекунад, заминаҳои муҳимми иҷтимоӣ ва сиёсӣ дорад.

Ҷангу низоъҳои зиёди сулолаҳои Темуриён ва Шайбониён ва Сафавиён агар дар ибтидо боиси парешонии қуввaҳои эҷодӣ шуда бошад ҳам, тадриҷан бо афзудани нуфузи Шайбониён дар қаламрави Хуросону Мовароуннаҳр то ҷое барои нашъу нумӯи пешрафти адабиёти ӯзбек мусоидат карданд. Дар ин давра пайвандҳои адабии тоҷику ӯзбек ба сатҳи дигар расид, ки ин ҳодисаи адабӣ яке аз хусусиятҳои умдаи пешрафти адабиёти ӯзбекро дар ин давра муайян мекунад. Ба ифодаи И.С.Брагинский: «дар асри XVI таъсири мутақобилаи адабиёти тоҷик ва ӯзбек, аз ҷумла алоқаҳои шахсии адибони ҳар ду халқ чунон наздик мешаванд, ки амалан ин

адабиётро чудо аз ҳам набояд омӯхт» [2, 163]. Ба мушоҳидаи ин донишманд мақоми адабиёти ӯзбек дар ин таъсиргузорӣ зиёдтар будааст. Ин ақидаашро И.С.Брагинский чунин асоснок кардааст: «Дар соҳаи пайвандҳои адаби се адабиёт ба забонҳои арабӣ, форсӣ ва туркӣ аз асрҳои VII ва XVI сар карда, ҳамчунон ки ба назари мо менамояд, ҳокимияти адабӣ аз арабӣ (VII –IX) ба форсӣ (X-XIV), аммо баъд ба адабиёти туркзабон (аз асри XV Навоӣ, баъд Фузулӣ ва дигарон) мегузарад» [2,163].

Маҳз дар ҳамин давра, яъне баъди асри XVI дузабонии адибон ҳодисаи маъмулии адабӣ мешавад, ки барои ҳар ду адабиёт хос буда, дар адабиёти ӯзбек ин равиш зиёдтар густариш пайдо карда буд. Мундариҷа ва ғояву оҳангҳои ягона ва муштарак низ барои ҳар ду адабиёт ҳодисаи маъмулӣ буд. Вале он чи И.С.Брагинский дар бораи таъсиргузории саҳми адабиёти ӯзбек ба адабиёти тоҷик мегӯяд, то ҷое муболиғае беш нест. Мо таъсири мутақобили ин ду адабиётро инкор карданӣ нестем, вале ҳақиқати мусаллам ин аст, ки дар ин ҷараёни таъсиргузорӣ адабиёти тоҷик бештар аст. Бинобар ин, дар вақти муайян ва мушаххас намудани хусусиятҳои таҳаввулоти адабиёти ӯзбек дар асрҳои XVI-XIX аз воқеияти ҳаётии адабӣ ва робитаҳои таърихии фарҳангии ин ду халқ наметавон чашм пӯшид.

Чунон ки ишора шуд, дузабонӣ дар асрҳои XVI-XIX аз хусусиятҳои умдаи пешрафти роҳи инкишофи адабиёти ӯзбек будааст. Донишманди тоҷик Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ ин равиши мусбатро дар таърихи адабиёти тоҷику ӯзбек ба мушоҳида гирифта, аз ҷумла навиштааст: «Зуллисонайнӣ ба ду забон - ба тоҷикию ӯзбекӣ (аз ҷумла ба тарзи ширу шакар) шеър гуфтан то асри XVI асосан дар байни шоирони ӯзбек ривоҷ ёфта буд, лекин пас аз ин дар адабиёти тоҷик ҳам то рафт вусъат гирифта, кор ба дараҷае расид, ки аз асри XVIII сар карда, эҷодиёти баъзе шоирон дар байни адабиёти тоҷик ва ӯзбек муштарак аст. Аз ҷумла, дар ҳудуди асри XIX эҷодиёти Махмур, Маъдан, Нодира ва ғайра, дар ибтидои асри XX эҷодиёти Анбар Отун, Аҷзӣ ва мисли инҳо ба адабиёти тоҷику ӯзбек баробар тааллуқ дорад» [7, 55]. Зимнан бояд таъкид кард, ки баъзе аз ин шоирони зуллисонайн аслан, тоҷик буда, ҳамчунон ки Мавлоно Ҳилолӣ «турк элидиндур», (Алишер Навоӣ) дар равнақи адабиёти тоҷик саҳм бурдааст, дар пешрафти адабиёти ӯзбек нақши муҳим бозидаанд.

Тағйироти сиёсии Мовароуннаҳру Хуросон аз асри XVI ва баъд аз заминасозии таҳаввулоти минбаъдаи адабиёти ӯзбек гардид. Агар то ин давра робитаи адабии тоҷику ӯзбек ё баръакс, фақат дар шакли фаъолияти шоирони дузабона, ки ба шоирони ӯзбек хос буд, ба тоҷикӣ шеър гӯяд, минбаъд ҳодисаи баръакс, яъне ба ӯзбекӣ шеър гуфтани шоирони тоҷик низ шоеъ шуд. Дар ин раванд шоироне пайдо шуданд, ки хидмати онҳо ба ду адабиёти тоҷику ӯзбек баробар тааллуқ дорад. Масалан, хидматеро, ки Гулхании тоҷик барои тараққии адабиёти ӯзбек кардааст, барои адабиёти тоҷик накардааст. Баръакс, Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқ «энг зӯр, уларнинг энг муҳим асарлари мана шу форс-тоҷик тилига ёзилган» [1, 6], яъне Ҳозиқ, назар ба адабиёти ӯзбек барои адабиёти тоҷик бештар хизмат кардааст. Ин ҷо масъалае ба миён меояд, ки тадқиқи он аз доираи мавзӯи мақолаи мо берун аст. Яъне муайян кардани нақши чунин шахсиятҳои адабӣ, ҷойгоҳи онҳо дар адабиёти ин ё он халқ барои аниқ кардани саҳифаҳои торики таърихи робитаҳои адабии ин ду халқ арзишманд аст.

Барои манзараҳои умумии таҳаввулоти адабиёти ӯзбекро дар асрҳои XVI-XIX муайян намудан сарчашмаҳо ва асарҳои таърихие, ки дар фосилаи ин асрҳо навишта шудаанд, ёрии бевосита мерасонанд. Масалан, вобаста ба вазъи адабиёти ӯзбек дар асри XVI маълумоти сарчашмаҳои адабию таърихии мутамодии ин давр бахусус, ду тарҷумаи «Маҷолис-ун-нафоис»-и Алишери Навоӣ, баъзе қисматҳои «Ҳабиб-ус-сияр»-и Хондамир, «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Восифӣ, тазкираи «Туҳфаи Сомӣ»-и Соммирзо, «Тазкират-уш-шуаро»-и Муҳаммади Мутрибӣ ва «Туҳфат-ус-сурур»-и Дарвешалии Чангӣ арзиши хос дорад.

Дар ин миён доир ба масъалаи зикршуда асарҳое, монанди «Маҷолис-ун-нафоис»-и Навоӣ, «Туҳфаи Сомӣ»-и Соммирзои Сафавӣ, «Ҳабиб-ус-сияр»-и Хондамир, «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Восифӣ, «Музаккир-ул-аҳбоб»-и Хоҷа Ҳасани Нисорӣ ва «Тазкират-уш-шуаро»-и Мутрибӣ маълумоти арзишманд додаанд. Аз маълумоти ин сарчашмаҳо, бахусус «Музаккир-ул-аҳбоб»-и Хоҷа Ҳасани Нисорӣ, «Тазкират-уш-шуаро»-и Мутрибӣ ба хулоса омадан мумкин аст, ки дар асри XVI адабиёти ӯзбекӣ дар ҳамон ҳавза ва равияҳои суннатии маълум рушд ёфтааст.

Дар таърихи адабиёте, ки дар замони Шӯравӣ доир ба адабиёти ин давра ва давраҳои баъд чоп шудаанд, адабиёти ӯзбек ва намояндагони он бо роҳи сунъӣ, танҳо аз рӯйи мансубияти ҷуғрофиёӣ аз ҳавзаи табиии адабиёти форсии тоҷикӣ берун кашида шудаанд. Ҳол он ки намояндагони адабиёти ӯзбекии ин давра дар ҳамон мактаби адабие камол ёфтаанд, ки бо адабиёти тоҷик аз як рагу реша буд. Бинобар ин, дар раванди таҳаввулоти адабиёти ӯзбекии асрҳои XVI-XIX таъсири равишҳои адабиёти тоҷик хеле зиёд буда, аз бисёр ҷиҳатҳо хусусиятҳои пешрафти ин адабиётро муайян мекунад. Дигар ин ки хоҳу нохоҳ мо маълумоти аниқро доир ба адабиёти ӯзбекии ин давраҳо аз сарчашмаҳои тоҷикӣ пайдо карда метавонем. Масалан, аз ахборе, ки муаллифи «Музаккир-ул-аҳбоб» доир ба адабиёти аввали асри XVI меоварад, доир ба ҷараёни таҳаввулоти адабиёти ӯзбекии ин давра баъзе хулосаҳо баровардан мумкин аст.

Аз ахбори Хоҷа Ҳасани Нисорӣ маълум мешавад, ки дар фазои адабии ин давр рӯҳи ягонаи ҷустуҷӯҳои адабии байни намояндагони адабиёти ҳар ду халқ муштарак будааст. Нисорӣ дар «зикри салотини чингизӣ, ба монанди Шайбонихон, Убайдуллохон» ва «зикру аҳволи салотини чиғатоӣ, ҳамчун Бобур, Ҳумоюн, Комрон, Сулаймоншоҳ» бо самимият сухан гуфта, вобаста ба ҳар давра исми шоиронро зикр мекунад, вале ӯ тааллуқоти миллии ҳеҷ шоиреро ёд намекунад ва ин ҳодиса аз воқиботи шаръии он рӯзгор буд.

Вале сарнавишти худи Нисорӣ, ки дар охирҳои нимаи дуюми асри XV дар Бухоро ба дунё омадааст, гувоҳи он аст, ки пайвандҳои адабиёти тоҷику ӯзбек аз ибтидои асри XVI сар карда, ба маҷрои тозае ворид мешавад, ки минбаъд боз шахси якуми адабиёти ӯзбекӣ мусоидат менамояд.

Назар ба маълумоти таърихӣ «падари ӯ Подшоҳҳоҷа дар давраи салтанати Шайбониён садр буда, баъдтар дар вазифаи шайхулислом кор кардааст» [5, 23]. Подшоҳҳоҷа ба забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ шеър гуфтааст ва ин шеърҳо дар шакли девон чоп шудаанд. Ба қавли Нисорӣ Подшохоҷа ба забони ӯзбекӣ достонҳои «Лайлӣ ва Маҷнун» ва «Мақсади атвор»-ро низ навишта будааст.

Чунонки мебинем, Хоҷа Ҳасани Нисорӣ дар хонадони аҳли адаб ба дунё омадааст, ки ба ҳар ду забон шеър гуфтааст. Илова бар ин, назар ба шаҳодати сарчашмаҳо, Нисорӣ аз файзи тарбияти Алишери Навоӣ низ баҳра бурдааст, ки худ онро дар тазкирааш ёд мекунад. Нисорӣ нақл мекунад, ки ҳазрати Мир вақте аз ӯ пурсидаанд, ки оё шеърҳои он касро аз ёд медонад, Нисорӣ матлаи шеърро барои ҳазрати Мир аз ёд мехонад:

Эй Навоий сен киму меҳробу масжид истамок,
Қайдаким хублар оёғин қуйса сен бошингни қӯй (5,22).

Сипас, Навоӣ илтифот карда, матлаи зерро ба забони форсии тоҷикӣ дар ҳаққи Нисорӣ қироат мекунад:

Чу дар кор дармонӣ, аз ҳар касе,
Ба рӯҳи ҷаҳонбахши ман даррасӣ (5,23).

Нисорӣ дар муҳити адабию фарҳангии тоҷикӣ парвариш ёфта, ба камол расидааст, вале адабиёти ӯзбекӣ, ки баъди Навоӣ дар қаламравӣ Мовароуннаҳру Хуросон мақом пайдо мекард, ба фаъолиятҳои адабии Нисорӣ бетаъсир набуд. Тазкираи Нисорӣ гувоҳ аст, ки ӯ ба забони ӯзбекӣ балад будааст ва ба шаҳодати сарчашмаҳо ба забони ӯзбекӣ низ девони шеър доштааст [5, 24].

Нисорӣ дар эҷоди тазкираи «Музаккир-ул-аҳбоб», ки барои омӯхтани адабиёти нимаи аввали Мовароуннаҳру Хуросон сарчашмаи бебаҳост, ба сабки нигориши «Маҷолис-ун-нафоис»-и Алишери Навоӣ пайравӣ карда, то ҷое ишораҳои саҳеҳе доир ба равиш ва ҳолати равнақи адабиёти тоҷику ӯзбеки ин давра дорад. Аз санъатҳое, ки Нисорӣ меоварад, дар ин давра низ ба ду забон шеър гуфтан шоеъ будааст. Нисорӣ доир ба 250 шоир маълумот дода, аз миёни ин гурӯҳ онҳоеро, ки ба ду забон-забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ шеър гуфтаанд, ҷудо мекунад.

Маълумоти Нисорӣ дар бораи намояндагони адабиёти ӯзбек Заҳириддин Муҳаммади Бобур, Мавлоно Маҷлисӣ, Подшоҳҳоҷа, ба ифодаи Б.Валихоҷаев, дар дигар сарчашмаҳои адабӣ дучор намешавад [5, 24]. Нисорӣ шоиронеро, ки ба ду забон- тоҷикию ӯзбекӣ шеър гуфтаанд, ба таври ҷудогона ёд мекунад. Дар ин миён, вай Мавлоно Фазоӣ, Мавлоно Бақоӣ, Нодирбек барин шоироне, ки дар гуфтани шеър ба ҳар ду забон иқтидорманд будаанд, зикр карда, дар бораи онҳо маълумоти муфид медиҳад.

Бар асоси маълумоте, ки Нисорӣ меоварад, доир ба вазъи адабиёти ӯзбекии ин давра баъзе хулосаҳоро метавон баён кард:

- адабиёти ӯзбек дар асри XVI асосан дар такя ба суннатҳои адабии мавҷуд, яъне арзишҳои адабие, ки хоси адабиёти форсу тоҷик аст, равнақ ёфтааст, ки метавон осори Саъдӣ, Ҳофиз Камол, Ҷомӣ ва ғайраро номбар кард;
- дузабонӣ, яъне шеър гуфтан ба забонҳои тоҷикию ӯзбекӣ низ хусусияти хоси адабиёт ва эҷодиёти шоирони ин адабиёт боқӣ мемонад;
- ҳамчунон ки дар адабиёти тоҷикии ин давра гароиш ба ду сабки эҷод - садои суннатӣ ва мураккаб ба мушоҳида мерасад, дар адабиёти ӯзбек низ чунин равиш идома пайдо мекунад;
- дар такя ба афкори адабии Бобур метавон хулоса кард, ки хусусияти эҷодиёти аксари шоирони ӯзбеки ин даврараро усули «баёни воқеини рост битилгай» [5, 25] ташкил медиҳад, ба назари мо яке аз заминаҳои ба адабиёти шифоҳӣ қаробат пайдо кардани адабиёти хаттии ӯзбекӣ мебошад, ки намунаҳои зиёди онро дар осори Саъдии Шерозӣ дидан мумкин аст:

Магӯ, ҷоҳе аз салтанат беш нест,
Ки эминтар аз мулки дарвеш нест (3, 52).

А Д А Б И Ё Т

1. Абдуллоев З.А. Ӯзбек адабиёти таърихи / З.А. Абдуллоев – Тошкент: Ӯқитувчи, 1964. – 383 с.
2. Брагинский И.С. К изучению таджикско-узбекских литературных взаимосвязей. -Дар кит.: И.С.Брагинский. Исследование по таджикский культуре. – М.: Наука, 1977. – С. 149–183.
3. Саъдии Шерозӣ. Бӯстон / Саъдии Шерозӣ. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2008. – 292 с.
4. Садрӣ С. Вазъи забон ва адаби форсии тоҷикӣ дар Ӯзбекистон / С. Садрӣ. – Дар кит.: Дурри дарӣ дар Самарқанд ва Бухоро. -Париж, 2008. -С.21-37
5. Ӯзбек адабиёти таърихи (III том, асрнинг 70 – йиларигача). – Тошкент: Фан, 1978. -377 с.
6. Ҳошим Р. «Муҳокимат-ул-луғатайн» ва мавқеи таърихии он/ Дар кит.: Раҳим Ҳошим. Солҳо дар саҳифаҳо. – Душанбе: Адиб, 1988.– С. 161-170.
7. Шукуров М. Назаре ба саргаҳи бародарӣ/Дар кит.: Муҳаммадҷон Шукуров. Пайванди замонҳо ва халқҳо. – Душанбе: Ирфон, 1982. – С.51-61.

СПЕЦИФИКА РАЗВИТИЯ УЗБЕКСКОЙ ЛИТЕРАТУРЫ В XVI-XIX ВЕКАХ

В статье автор проанализировал специфику и истоки развития узбекской литературы в XVI-XIX веках. Также в статье автор затронул литературные традиции устной и письменной литературы и проблемы двуязычия в узбекской литературе.

Ключевие слова: узбекская литература, литературные связи, история, стихи, тюркоязычные поэты, литературные двуязычные круги, литературные традиции, творческий стиль, письменная литература, устная литература.

SOME EVOLUTION PECULIARITIES OF UZBEK LITERATURE IN THE XVI-XIX CENTURIES

The author analyzed the specific of sources and development of Uzbek literature in the XVI-XIX centuries. Literary tradition, oral and written literature and the problems of bilingualism in the Uzbek literature are reviewed in the article as well.

Key words: Uzbek literature, Tajik and Persian literature, literary relations, history, verse, Turkish poets, bilingualism, literary schools, literary circles, literary tradition, creative style, written literature, oral literature.

Сведения об авторе: ***Ж. У. Мамадиев*** - аспирант Таджикского государственного педагогического университета им. Садриддина Айни. Телефон**: (+992) 919 697575.**

МАШРӮҲИ ФАРҲАНГҲОИ ФОРСӢ АЗ НАЗАРИ САИД МУҲАММАДАЛИИ ДОИЮЛИСЛОМ

Матлуба Сатторова
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров

Фарҳангнигории форсу тоҷик таърихи беш аз ҳазорсола дошта, чун рукни муҳимми фарҳангу тафаккури мо маҳсуб меёбад. Дар масири фарҳангнависии форсу тоҷик осори зиёди луғавие ба миён омадаанд, ки ҳар яке баҳри омӯзиши ташаккулу таҳаввули забон, ғаномандии захираҳои луғавӣ, пажӯҳишу шинохти осору афкори салаф хидмат мекунанд. Бо воситаи фарҳангномаҳо метавон на фақат бо таркиби луғавии забон шинос шуд, балки аз аҳволи илму фарҳанг, суннатҳои милливу маданӣ дар адвори гуногун низ иттилоъ пайдо намуд.

Таърихи лексикографияи форсу тоҷикро бисёре аз муҳаққиқон бо Осиёи Марказӣ, Эрону Озорбойҷон ва Ҳиндустон марбут медонанд, ки ин воқеан саҳеҳ аст. Дар Осиёи Марказӣ, Эрону Озорбойҷон фарҳангнигории форсу тоҷик ташаккул ва суннатҳои луғатнависӣ такомул ёфта, дар Ҳиндустон бошад, ба василаи нуфузи забону адаби форсӣ он ривоҷ ёфт, ки дар ин хусус қайдҳои луғатшинос В.А. Капранов хеле ҷолиб ба назар мерасанд.

Аз шумори фарҳангҳои муътабаре, ки дар Ҳинд таълиф ёфтааст, «Фарҳанги Низом»- и Саид Муҳаммадалии Доиюлислом аст, ки дар охири асри Х1Х ва рубъи авали садаи ХХ дар панҷ муҷаллад навишта шудааст. Ин фарҳанг ба сифати охирин шоҳкории фарҳангнигории форсии Ҳинд маҳсуб ёфта, таърихи ҳаштсадсолаи ин фанро дар он кишвар ҷамъбаст менамояд.

Саид Муҳамимадалии Доиюлислом дар дебочаи фарҳанги худ оид ба арзиши луғатномаҳо дар таърихи миллату кишвар сухан ронда, аз ҷумла менависад, ки «Тараққии ҳар миллат ва мулк ба тараққии забони он мулк ва миллат аст ва асоси тараққии забон тартиби китоби луғати ҷомеи он аст…» [1, Дебоча, 3]

Муаллифи фарҳанг оид ба хусусиятҳои фарҳангҳои пешин аз «Луғати фурс»-и Асадии Тӯсӣ сар карда, то «Бурҳони қотеъ» назари худро баён менамояд. Муаллиф аз меҳнату заҳмати ин фарҳангнигорон ташаккур мекунад ва дар ҳамин ҷо аз хидмати луғатнигорони Ҳиндустон ёд мекунад ва тазаккур медиҳад, ки «"Мақсудам гузоштани асоси луғатнависӣ мувофиқи сохти имрӯзаи дунёст, то ахлофи ман бар он асос иморати олие созанд" [1, Дебоча, 19].

Дар дебочаи фарҳангнома муаллиф маълумоти умумӣ оид ба навиштани фарҳанг- арзиши фарҳанг дар таърихи адабиёти форсӣ, заминаҳои пайдоиши луғатнигорӣ маълумот дода, тамоми фарҳангҳои пешинро аз назари таҳқиқ омӯхта, мақому манзалати онҳоро муайян кардааст. Муаллиф бо андешаҳои ҷолиб худро ҳамчун донандаи таърих, адабиёт, забон, шеър, луғат ва мунаққиди соҳибзавқ муаррифӣ мекунад ва қимати илмиву адабии луғатномаҳоро дар фарогирии ашъори суханварон дида, онҳоро ҳамчун фарҳанги махсуси ашъори шуаро ёд кардааст. Саид Муҳаммадалии Доиюлислом ҳаргиз луғатнависони пешинро мавриди таъну танқид қарор надодааст. Баръакс, ӯ аз заҳмату меҳнати ин фарҳангнигорон ташаккур мекунад ва луғатномаҳои мазкурро сарчашмаи инкишофи минбаъдаи лексикография медонад.

Доиюлислом дар бораи Абулҳафси Суғдӣ ва фарҳанги ӯ маълумотҳои илмӣ ҷамъ оварда, кӯшиш мекунад, ки чеҳраи илмии ӯро дар таърихи суханшиносии форсӣ муқаррар кунад. Аз ҷумла, нуқтаи назари муаллифи китоби «ал-Муъҷам фи- маойир-ул-ашъор-ул-аҷам»-ро ба қалам медиҳад: «Ва баъзе гӯянд аввал шеъри порсӣ Абулҳафси Ҳаким ибни Аҳваси Суғдӣ гуфтааст аз Суғди Самарқанд ва ӯ дар саноати мусиқӣ дасти тамом доштааст, Абӯнасри Форобӣ дар китоби хеш зикри ӯ овардааст… ва шеъре, ки ба вай нисбат кунанд ин аст:

Оҳуи кӯҳӣ дар дашт чӣ гуна давадо,
Ӯ надорад ёр бе ёр чӣ гуна бувадо»

Муаллифи «Фарҳанги Низом» ҳамин ҷо дар бораи фарҳанги алфози шеърӣ, ки аз ҷониби устод Рӯдакӣ бо номи «Тоҷ-ул-масодир» иншо шуда буд, ёд мекунад, ки аз нуктаи назари ӯ дувумин фарҳанги форсӣ дар таърихи луғатнигорӣ маҳсуб мешавад (Аммо барои аҳли таҳқиқ пӯшида нест, ки ин фарҳанг иштибоҳан ба Рӯдакӣ мансуб дониста шудааст. Муаллифи аслии ин луғати арабӣ-форсӣ Бӯҷаъфари Байҳақист.- М.С.). Сипас, Муҳаммадалии Доиюлислом дар бораи фарҳангҳои форсӣ аз қабили «Луғати фурс»- и Асадии Тӯсӣ, «Сиҳоҳ-ал-фурс» - и Ҳиндушоҳи Нахҷувонӣ, «Меъёри Ҷамолӣ»- и Шамсиддин Муҳаммад Фахрии Исфаҳонӣ, «Баҳр-ул-фазоил»- и Муҳаммад ибни Қавом, «Адот-ул-фузало»-и Қозихон Бадр Муҳаммади Деҳлавӣ, «Шарафнома»- и Иброҳими Қавом, «Мифтоҳ-ул-фузало»- и Муҳаммад ибни Довуд ва ғайра дар маҷмӯъ 56 номгӯйи фарҳанг маълумот медиҳад. Маълумоти Муҳаммадалии Доиюлислом дар бораи ин фарҳангҳо мухтасар, вале мукаммал аст. Муаллиф кӯшидааст дар бораи луғатномаҳо, муаллифи онҳо, фарогирии воҳидҳои луғавӣ, аҳамияти онҳо, нусхаҳои гуногуни интишоршуда ва ғайра маълумоти илмӣ пешниҳод кунад.

Дар ин бахш Саид Муҳаммадалии Доиюлислом дар бораи давраҳои инкишофи луғатнигорӣ пажӯҳиши илмии худро идома медиҳад. Аз ҷумла, оид ба сабабҳои интиқол шудани фарҳангнависии форсӣ аз Эрон ба Ҳинд андешаҳои ҷолиб баён

кардааст. Гузашта аз ин, ба луғатномаҳои дар Ҳиндустон эҷодшуда назари интиқодии худро изҳор менамояд. Чунончӣ, ӯ навиштааст: «Дар қарни ҳаштум фарҳангнависии форсӣ аз Эрон ба Ҳинд мунтақил ва дар қарни нуҳум ва ё даҳум ва ёздаҳум ба такмил расид. Ва охирин фарҳанги мукаммали шеърӣ «Ҷаҳонгирӣ» аст… Ва баъд аз ӯ ҳар чӣ дар Ҳинд навишта шуд ҳама тақлид ё таҳриби кори ӯ буда» [2, Дебоча, 19]. Дар ҳамин бахш дар чанд ҷумлаи мухтасар муаллиф оид ба сабабҳои густариши забони форсӣ дар сарзамини Ҳинд изҳори назар кардааст: «Мусулмонони Ҳинд дар ибтидои қарни панҷум баъд аз ҳамлаи Маҳмуди Ғазнавӣ ва ташкили салтанати исломия дар Ҳинд аз машриқи Эрони он замон (Афғонистону Тӯрон ва Хуросон) ба Ҳинд рафта маскан гузиданд ва бо худ тамаддун ва забони Эронро бурданд ва то ҳафт қарн забони такаллумӣ ва салтанаташон ҳамон форсӣ буда ва баъд забони мураккаб аз форсӣ ва ҳиндӣ барои худ дуруст карданд, ки урду ва ҳиндустонӣ номида мешавад ва ҳеҷ вақт тааллуқи худашонро бо форсии Эрон қатъ накардаанд ва дар ҳар қарну асре насру назмашон мутобиқи намунаи Эрон буда…» [2, Дебоча, 20-21].

Саид Муҳаммадалии Доиюлислом дар ин бахши китобаш шарҳи он луғатномаҳоеро ба роҳ мондааст, ки онҳо аз назари ӯ аз лиҳози принсип ва усули таълиф, ё арзиши лексикографӣ ё мақому манзалаташ дар таснифи фарҳангҳои дигар хеле муҳим аст. Дар бораи фарҳангҳо аз лиҳози ҳаҷм мухталиф маълумот медиҳад. Масалан, агар дар бораи «Адот-ул-фузало» ва «Шарафнома» танҳо дар чанд сатр маълумот дода бошад, дар бораи «Маҷмаъ-ул-фурс» ва «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» дар бештар аз ду саҳифаи китоб нақду таҳлил ба амал овардааст.

Муаллифи «Фарҳанги Низом» дар фарҳангҳо ба принсип ва усули таълифи луғатномаҳо бештар аҳамият медиҳад. Сабаби ин шояд дар он бошад, ки луғатномаи ӯ дар заминаи беҳтарин усул таълиф гардад. Масалан, оид ба усули тавзеҳи воҷа ва тартиби «Луғати Оламгир» менависад: «Ҳарфи аввал боб ва ҳарфи охир фасл аст ва дар фасли аввал алфози арабиро оварда ва баъд форсӣ. Ҳаракоти алфозро дода, аммо шоҳид наёварда. Дар зайли алфози арабӣ қиссас ва ҳикоёт роҷеъ ба алфоз ҳам оварда. Алфози арабиаш махсус ба он чӣ дар форсӣ истеъмол шуда нест. Китоб бузург аст ва нусхаи дастраси ман нусхаи хушхат аст, аммо торихи китобат надорад» [2, Дебоча,30].

Аз навиштаи боло маълум мешавад, ки муаллиф ҳамаи он фарҳангҳое, ки дар бораш маълумот додааст, дар даст доштааст ва кӯшидааст оид ба он луғатномаҳо маълумоти равшан ва дақиқ диҳад.

Дигар аз хусусияти пажӯҳиши муаллифи луғатнома дар ин бахш аз он иборат аст, ки пеш аз маълумоти илмӣ додан оид ба ин ё он луғатнома ӯ мавзеи иншои фарҳангномаро зикр мекунад. Чунончӣ: «Фарҳанги Вафоӣ» - таълифи Эрон, «Фарҳанги Мирзоиброҳим»- таълифи Эрон, «Баҳр-ул-афозил»- фарҳанги аввали форсӣ дар Ҳинд, «Туҳфат-ул-саодат»- фарҳанги дигари Ҳинд. Бо ишораи мавзеи таълифи асар муаллиф аз як ҷониб ба хонанда маълумоти дақиқ пешниҳод кунад, аз ҷониби дигар ӯро водор мекунад, ки аз нуктаи назари муқоисавии танқидӣ ба фарҳангҳо баҳо диҳад.

Дар бахшҳои ҷудогонаи китобаш муаллиф худро ҳамчун донандаи хуби таърих муаррифӣ кардааст. Воқеан, барои муқаррар кардани ақидаҳои илмӣ, арзишҳои фарҳангӣ донистани таърих ниҳоят муҳим аст. Чунончӣ, ҳангоми дар бораи «Мифтоҳ-ул-фузало» маълумот додан, муаллиф бинобар огаҳ будан аз таърихи салтанати подшоҳи давр як санади илмиро дақиқан баён мекунад:

«Фарҳанги дигаре, ки дар Ҳинд навишта шуда, «Мифтоҳ-ул-фузало» таълифи Муҳаммад ибни Довуд ибни Маҳмуд аст. Муаллиф дар муқаддима номи подшоҳи асри худ Абулмузаффар Маҳмудшоҳро мебарад. Дар он замон ду Маҳмудшоҳ буданд, яке Маҳмудшоҳи Хилҷӣ волии Ҳолува (839-873ҳ.) ва дигаре Маҳмудшоҳи Багира волии Гаҷрод (Гуҷарорд 834-917 ҳ.). Аммо муаллиф аҳли Шодиобод буд, ки шаҳрест аз васати Ҳинд дар вилояти Ҳолува. Мақсудаш Маҳмудшоҳи Хилҷӣ аст» [2, Дебоча, 11].

Ҳамин тариқ, Саид Муҳаммадалии Доиюлислом таърихи фарҳангнигории форсиро пурра омӯхта, қариб бо ҳар яке фарҳангҳо ошноии комил пайдо карда, бурду бохти онҳоро дониста, сипас, ба иншои фарҳанги худ пардохтааст, ки аз ҷиҳати сохт, мундариҷа ва ҳаҷм ба шеваи дигар офарида шудааст. Ин асар намунаи беҳтарини луғатнигории асри XIX ва ибтидои асри XX буда, аз як тараф идомаи

суннатҳои луғатнигориро таъмин намояд, аз ҷониби дигар як давраи нав ва ҷадиди лексикографияи форсу тоҷикро ташкил дод. Муҳимтарин арзиши ин луғатнома он аст, ки агар луғатномаҳои мутақаддам дар тавзеҳу таҳлили ашъори суханварон хизмат карда бошанд, «Фарҳанги Низом» ва дигар луғатномаҳои ин давра ба ғайр аз ин арзиш фарогири луғоту истилоҳот ва таъбироти тозаро фаро гирифтаанд, ки эҳтиёҷи насли навро адо мекарданд.

А Д А Б И Ё Т

1. Доиюлислом Саид Муҳаммадалӣ. Фарҳанги Низом/С.М. Доиюлислом – Теҳрон: Дониш, 1362.- Ҷилди 1.- 807с.
2. Доиюлислом Саид Муҳаммадалӣ. Фарҳанги Низом / С.М.Доиюлислом- Теҳрон: Дониш, 1362.- Ҷилди 5. -564 с.

КОММЕНТАРИИ К ПЕРСИДСКИМ СЛОВАРЯМ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ САИД МУХАММАДАЛИ ДОИЮЛИСЛОМА

Персидско-таджикская лексикография имеет тысячелетнюю историю, так как является одним из основных элементов нашей культуры и мышления. В течении веков в персидско-таджикской лексикографии было создано огромное количество словарей, которые служат для изучения, формирования и эволюции языка, обогащения словарного запаса, исследования и изучения наследия предков. Посредством изучения словарей можно ознакомиться не только с словарным составом языка, но также и с состоянием науки и культуры и национальными и культурными традициями.

Ключевые слова:. персидско-таджикская лексикография, формирование и эволюция языка, обогащение словарного запаса, изучение словарей.

COMMENTS TO THE PERSIAN DICTIONARIES FROM THE POINT OF VIEW OF SAID MUKHAMMADALI DOIYULISLOM

Persian-Tajik lexicography has a long history, as one of the key elements of our culture and thinking. For centuries in Persian-Tajik lexicography was created a huge number of dictionaries that are used to study the formation and evolution of language, vocabulary, research and study of ancestral heritage. Through the study of the dictionaries you can see not only the vocabulary composition language, but also with the state of science and culture and national and cultural traditions.

Key words: persian-tajik lexicography, the formation and evolution of language, enriching vocabulary, study of dictionaries.

Сведения об авторе: ***Сатторова М.А.*** - кандидат филологических наук, дотцент, кафедары современного таджикского литературного языка ХГУ им.Б.Гафурова. Телефон: **(+992) 928348084**

ЗАБОН ВА УСЛУБИ ОСОРИ УБАЙДИ РАҶАБ

Ф.Ҳусейнзад
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Аз мушоҳида ва пажӯҳиши маводҳои таҳқиқшуда бармеояд, ки намояндагони адабиёти кӯдакон ва наврасони тоҷик кӯшиш ба харҷ додаанд, ки барои кӯдакону наврасон бо забони фаҳмо ва ба донишу синни кӯдак мувофиқ асарҳо таълиф намоянд. Донишманди рус В.Г.Белинский оид ба ин масъала мегӯяд: «Китоби кӯдак бояд бо тозагӣ, равонӣ ва дурустии забонаш фарқ кунад», ки ҳақ асту рост.

Шоирони тоҷик С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ, М. Миршакар, А. Деҳотӣ, Г. Сулаймонӣ, Убайд Раҷаб, Ғаффор Мирзо, Али Бобоҷон, Бобо Ҳочӣ, А. Баҳорӣ, Н. Бақозода, Г. Келдӣ, Ҷ. Ҳошимӣ, Ю. Аҳмадзода ва дигарон заҳмати зиёд кашидаанд, то тавассути ашъорашон ба хонандагони хурдсол нафосату зебоӣ, масоили миллӣ ва шириниву гувороии забони тоҷикиро талқин намоянд.

Масалан, Убайди Раҷаб ва Гулчеҳра Сулаймонӣ бо мақсади рангин сохтани тасвир ва барҷаста ба қалам додани образҳо аз ибораҳои рехтаи забони модарӣ фаровон истифода бурдаанд. Дар эҷоди шоирони фавқуззикр ва шуарою удабои дигар, риояи меъёрҳои сарву навҳи тоҷикӣ, сохторҳои табиии забони модарӣ ба мушоҳида мерасанд. Тавре дар намунаҳои зайл:

а) Ин чӣ ***афсонае*** *буд*
Дурри ягонае *буд*
Кӯҳҳояш гарқи гул *буд,*
Боғаш пури булбул *буд.*
Водиҳояш сабзпӯш,
Ҳаргиз намешуд хомӯш.

Чашмаҳои хандонаш
Ҷӯйҳои ғазалхонаш
Ин чӣ афсонае буд
Дурри ягонае буд.
Ҷавонони паҳлавон
Мисли Рустами достон (Гулчеҳра).

б) Чӯҷа, ки якмоҳа буд,
Якраву якроҳа буд
Гуфто:
– Дигар калонам,
Дон чида метавонам.
Бояд барои дона
Танҳо равам аз хона (У.Раҷаб).

Бояд зикр кард, ки «боғчаҳои пури булбул», «чашмаҳои хандон», «ҷӯйҳои ғазалхон», «кӯҳҳои ғарқи гул», «дурри ягона, ё якто», «дурру гуҳар» ва «якраву якроҳа» аз ҷумлаи ибораҳои содаву рехтаи забони тоҷикӣ, ифодаҳои образноки бадеӣ буда, дар ҷойи худ шинам ва зебо гуфта шудаанд.

*Фарзанди ман – **<u>он дур(р)-и ягона</u>**…(Ҳилолӣ; 17).*
Номаро дод чину сахт дуто
*Кард зоҳир ба он **<u>дури якто</u>** (Мушфиқӣ**<u>; 1</u>**7).*
Панди Ҳофиз бишунав, хоҷа бирав некӣ кун,
*Ки ман ин панд беҳ аз **<u>дуру гуҳар</u>** мебинам (Ҳофиз;17)*

Зарбулмасалу мақол ва ҳикмату андарзҳо шираи забон, ҳусну назокат ва фасоҳати баён дар адабиёти бадеист. Хуб аст, ки бо истифода аз зарбулмасалу мақолҳои фолклорӣ шоирон Ғаффор Мирзо, Гулчеҳра, Убайд Раҷаб, Наримон Бақозода, Ҷӯра Ҳошим ва Ю.Аҳмадзода дар содабаёнӣ ва фасоҳати сухан муваффақиятҳои назаррасе ба даст овардаанд ва ба ҳусни забони асари худ таровати хосае бахшидаанд. Барои тасдиқи фикр чанд далел меорам:

а) «Афсонаи сесона,
Се мурғи дари хона».
Як духтараке будаст,
Қобилакаке будааст.
Аз хубии андомаш
Гулдаста будаш номаш.
Чашмони сиёҳ доштаст,
Се мурғи ало доштаст…
(Ғ.Мирзо)

б) Давидему давидем,
Сари Чорсӯ расидем.
Тути қатора дидем,
Чорта манора дидем.
(Гулчеҳра)

в) Аз шаб дамад субҳи сафед,
Ҳаргиз нагардам ноумед [‡]
(У.Раҷаб)

Чунонки мебинем, истифодаи ибораҳои рехтаву калимаҳои соф халқӣ ба ин шеърҳо ҳусну таровати хоса ва содабаёнии назаррасеро ато кардаанд. «Мурғи дари хона», «тути қатора», «чорта манора» ҳама ибораҳоеанд, ки дар байни мардуми бештари ноҳияҳо маълум буда, ба фаҳмиши кӯдакон ва наврасон низ бегона нестанд.

Шеъри хурдсолон ҳар қадар муҷаз бошад, ба андешаи нигорандаи ин сатрҳо ҳамон қадар хуб аст. Кӯтоҳбаёнии фикрро кӯдак мепарастад. Дар ашъори Гулназар ва Ҷӯра Ҳошим нишонаҳои он зиёд ба чашм мерасад. Чунончӣ:

[‡] Ба назари мо сарчашмаи пайдоиши ин байт дар достон «Ҳамсоя»-и Убайди Раҷаб фолклор аст. Шоир бо истифода аз зарбулмасали «Аз ноумедиҳо умед аст, поёни шаби сияҳ сафед аст» ҳикмати наве ба вуҷуд овардааст. (Ф.Ҳ.)

а) Себаргаи себарга,
Се барги зебо дорӣ,
Се кӯлчаи танӯрӣ,
Се ҳарфаки «О» дорӣ,
Ё мисли таблакнавоз
Се табли гӯё дорӣ,
Ё се кафи кушода
Ту ҷониби мо дорӣ.
Ё се ҳалқаи тӯҳфа
Баҳри таманно дорӣ! (Гулназар)
б) Чумчуқ, чӣ-чӣ мегӯяд,
Медонӣ чӣ мегӯяд.
Дар мактаби чумчуққо
Ман аълочӣ мегӯяд (Ҷӯра Ҳошим).

Пажӯҳиш нишон медиҳад, ки агар андешаи шоир саҳеҳ бошад, ӯ ба пешрафти андешаи кӯдак саҳме гузошта метавонад. Адабиётшинос Н.Файзуллоев нигоштааст: «Шеъри атфол бояд, қабл аз ҳама, шеъри асилу хоно бошад, аз нигоҳи услубу сабки нигориш ва ифодаву баёни андеша мисли шеъри Рӯдакӣ саҳли мумтанеъ, содаи мураккаб, аз нигоҳи дар он ҷой додани мазомин ва баёну ифодаи мантиқ бисёр қавӣ, аз лиҳози забону услуб бисёр зебову дилнишин ва равшану ҳамафаҳм бошад. Яъне, шеъри атфол батаҳрикдароварандаи қалбу аъсобу рӯҳ, сарчашмаи бузурги ахлоқиву маънавиву фалсафӣ бошад ва аз бадеияти олии шеъри классик бархурдор гардад. Офаринандаи ин ашъор бояд аз беҳтарин намунаҳои назму насри мо қабл аз дастовардҳои шуарои бузурги гузашта ва имрӯза огоҳии тамом дошта, дар он мактаби бузурги адабӣ таълим гирифта бошад…» (9, 107).

Шоирони муосири тоҷик кӯшидаанд, ки ҳангоми офаридани асарҳо барои кӯдакон ва наврасон ба лаҳҷаю шеваҳои забони тоҷикӣ низ такя кунанд. Аз маводи мавриди истифодаи мо маълум шуд, ки ба ин кор Н.Бақозода бештар шуғл дорад.

Чунончӣ:

Дакар-дукур давиданд
Ба боки буз расиданд.

Бояд гуфт, ки кӯдакон калимаҳои тақлидии амсоли «дакар-дукур», «тақар-туқур»-ро меписанданд ва дар пайравии онҳо ба кашфи шаклҳои нави онҳо мепардозанд. Инчунин кӯдакон шеъри муболиғаомезро, ки бо забони сода ва равон эҷод шудааст, дӯст медоранд. Дар ашъори Гулчеҳра ва Убайд Раҷаб нишонаҳои он зиёдтар ба назар мерасад. Тавре дар «Суратгар» ном шеъри Убайд Раҷаб омадааст:

…Уштур кашам, бехато,
Сӯйи саҳро мебарад.
Ҷумчуқ кашам, бар ҳаво
Аз дафтарам мепарад.

Ҷӯ кашам, оби зулол
Тозон тарона хонад,
Арча кашам, аз шамол
Шохи худро ҷунбонад.

Мӯрӣ кашам, меравад
Аз мӯрӣ бар фазо дуд,
Абр кашам, медавад
Дар осмони кабуд…

Дар вақти омӯзиш ва таҳлилу тадқиқи осори Убайди Раҷаб маълум гардид, ки ӯ аз вазнҳои маъмули арӯз бештар ва беҳтар истифода кардааст. Аксар асарҳои калонҳаҷми шоир (қисса, достон ва амсоли ин – Ф.Ҳ.) дар пайравии маснавиҳои адабиёти классикӣ таълиф гардидаанд. Онҳо иборат аз 120 ва 220 мисраанд.

а) аз қиссаи « Ҳамсоя»

Бишнид он чӣ гӯши ман,
Бирбуд ақлу ҳуши ман
Бар сӯзи дил як ҳисса шуд,
Вирди забон шуд, қисса шуд.

Он сон, ки бо дасти қалам,
Кардам барои ту рақам.

б) аз қиссаи «Харгӯши худсито»

Маҳ, ки садри фазо дошт,
Бо шавқе тамошо дошт.
Ҳоли харгӯшонро дид,
Диду зери лаб хандид.
Хандон-хандон ба хона
Оҳиста шуд равона.

в) аз қиссаи «Ёри номувофиқ»

Зогу кабӯтар як замон
Буданд бо ҳам дӯстон.
Зери нигоҳи Шаҳбоз,
Дар боргоҳи Шаҳбоз,
Чун зодагони як падар
Метофтанд андар назар.
Бе ҳамдигар об аз гулӯ
Ҳаргиз намерафтӣ фурӯ.
Ҳамсояҳо ҳампо буданд,
Як умр дар як ҷо буданд.

Дигар шакли шеърии қобили таваҷҷуҳ ва таҳқиқ дар адабиёти бадеии бачагонаи тоҷик мураббаъ аст. «Қиссаи луқмаи муфт»-у достони «Шабчаро»-и Убайди Раҷаб ва маснавии «Гургҳо»-и Ҷамолиддин Каримзода дар ин шакл (а б а б) эҷод шудаанд. Ба якчанд мисол рӯ меорем:

а) *Муфт хӯрдан барояш одат буд,*
Муфт чизе наёфт лек ин бор.
Ҳол ин сон насиба хоҳад шуд,
Ҳар киро, тан намедиҳад бар кор.
(«Луқмаи муфт» У.Раҷаб)

б) Кӯҳ метафсид айёми тамуз,
Тафс мегирад дили сарди ҳаво.
Молро хобонда андар нимарӯ,
Шаб барад даҳмардаи доно чаро.
(«Шабчаро» У.Раҷаб)

в) Гург ҳаргиз нагашта бо кас дӯст,
Чӣ бузургу чӣ хурд, ҳамсонанд.
Дар ҳама давру зиндагониҳо
Гург буданду гург мемонанд.[§]
(«Гургҳо» Ҷ.Каримзода)

Дар мавриди вазн бояд иттилоъ дод, ки ашъори назмии Убайди Раҷаб аксар бо вазни арӯз ва ҳиҷо гуфта шудааст. Шояд яке аз сабабҳои маҳбубият пайдо кардани шеъри Убайди Раҷаб дар адабиёти кӯдак аз арӯз хуб истифода карда тавонистани ӯ бошад. Зимни мусоҳиба бо газетаи «Комсомоли Тоҷикистон» (ҳоло «Ҷавонони Тоҷикистон» аз 1.05.1983) ба суоли «Ба фикри Шумо, шеъри бачагона бояд чӣ хел бошад?» Убайди Раҷаб чунин посух дода буд:

«Шоире, ки барои кӯдакон менависад, бояд рассомро монад. Яъне нигорандагӣ кунад, то ки бача чизи ба тасвир гирифтаи ӯро тасаввур намояд. Талаботи дигаре, ки ман пайваста дар назди худ мегузорам, **равону бесакта** гуфтани шеър аст. Вазни ҳиҷо, ки ҳоло ҳам дар қисме аз эҷоди шоиронамон дида мешавад, низ бояд бесакта истифода равад. Дар шакли **арӯз** барои кӯдакон шеър гуфтан беҳтар аст. Аз ҳисоби баҳрҳои арӯз вазн сохтан лозим, вазнҳои хоси шеъри кӯдакона. Равонгӯйиро бошад, мо бояд аз халқамон омӯзем. Адабиёти лафзӣ бояд манбаи ҳатмии омӯзиши адабиёти кӯдаконаамон қарор гирад…»

Яъне эҷоди шеър дар адабиёти бачагона бо арӯз сурат гирад беҳтар аст. Дар «Муқаддимаи шеършиносӣ» доктори илмҳои филологӣ М.Назриқул нигошта: «Назм

[§] Ин ҷо қофияи байни мисраъҳои якуму сеюм сакта дорад («дӯст» ва «ҳо» қофия шуда наметавонад ва ҳатто аз лиҳози қофияи ҳуруфоти назармахраҷ ҳам «дӯст» ва «ҳо» аз ҳам дуранд. Вале дар дигар бандҳо ин чиз риоя мешавад. ва ба ин хотир он истисно шуд. – Ф.Ҳ.)

ва таносуби хосе, ки баъд аз ба ҳиҷоҳои кӯтоҳу дароз ва аркон ҷудо кардани шеър ба вуҷуд меояд, вазн номида мешавад… Баъд аз ба таври дуруст муайян кардани вазни шеър як навъ оҳанги хосе ба вуҷуд меояд, ки онро мусиқии шеър мегӯем, ва он танҳо навъе аз мусиқии шеър аст».

Ба пиндори мо шеъри арӯзӣ шеъри олӣ аст, ки аз гӯяндааш дониши фаровон, тафаккури баландро тақозо дорад. Дар ин хусус дар рисолаи донишмандони тоҷик Х.Шарипов ва Ш.Ҳусейнзода ишораҳои ҷолиб назаррас аст [11], ки онро донишманди фақеҳ Мирзо Солеҳов чунин ҷамъбаст кардааст:

«Шеър аз назари суханшиносон бояд мавзуну муқаффо ва мураддаф бошад. Яъне суханшиносон асосан ба унсурҳои шаклии шеър таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд. Ба қавли донишманди садаи XII Саккокии Ҳоразмӣ дар «Муфтоҳ-ул-улум», «Шеър аз суханони мавзуну муқаффо иборат аст». Ё худ Шамсуддин Муҳаммади Қайси Розӣ дар «ал-Муъҷам фи маоир ул-ашъор-ил Аҷам» оид ба назарияи шеър чунин қазоватро раво мебинад: «Шеър аз таркиби вазни хушу лафзи ширин ва қофияи матин иборат аст» [12]. Аз қазоватҳои фавқуззикр бармеояд, ки агар мазмуни баланд дар сухан ғайри мазмуну муқаффо ифода шавад ҳам, наметавон онро шеър гуфт. Албатта, ин қазоват ботил нест, зеро ба ин байти Мавлавӣ Ҷалолуддини Балхӣ зеҳн монед:

Ҳотами мулку Сулаймон аст, илм,
Ҷумла олам сурату ҷон аст, илм…

Шеър дар таълимоти мантиқиён на бо манзури мухтасоти шаклӣ, балки бо назардошти мазмуну мундариҷа қазоват карда мешавад. Фаразан, Ибни Сино дар бахши мантиқи «Китоб-уш-шифо» мегӯяд, ки «Шеър сухане аст, хаёлангез, ки аз суханҳои дорои оҳанги бо ҳам мувофиқу мусовӣ сохта шуда…» [13]. Профессор Р.Мусулмониён барҳақ менависад: «Абӯалӣ Сино ду навъи назмро дар назар дорад - яке он аст, ки дараҷаи корбурди хаёл дар он хеле заъиф аст ва дар дигаре қавӣ» [6].

Пас, шеър каломи мухайялу муассири мавзуну муқаффо ва ё мураддафи ҳунармандона аст. Мутолиаи асарҳои фавқ ва баррасии он бо адабиёти бачагона нишон медиҳад, ки усули ба таври қисса ва ё афсонаи манзум бо кӯдак суҳбат оростан судбахш аст. Ин усул дар адабиёти бисёр халқҳо васеъ истифода мешавад. Шоиру нависандагон тавассути қисса ва ё афсона бо кӯдак суҳбат карданро муфид медонанд ва дар муҳимтарин мавзӯъ аз ин шакл истифода набаранд. Ин усули эҷодӣ дар эҷодиёти Спиридон Вангели (дар боби саргузаштҳои Гугутси), Имант Зиедонис (ҳикояҳои гули ҳафтранг), достонҳои Борис Заходер ва Юрий Кушак (дар бораи ҳайвонот ва табиат) васеъ истифода шудааст.

Равиши таҳқиқ собит сохт, ки шоирон Убайди Рачаб ва Наримон Бақозода беш аз ҳама аз ин тарзи эҷод манфиат бардоштаанд. Дар қиссаҳои Убайди Рачаб («Ҳотам ва ҳафт хари боркаш», «Қиссаи аккаи тақлидкор», «Қиссаи булҳавасӣ», «Дар рӯзаки тобистон», «Қиссаи луқмаи муфт», «Се додару як хоҳар», «Қиссаи ёри номувофиқ» ва ғайра) онҳо як воситаи хуби баёни тахайюли бадеии шоиранд. Қиссаҳои Н.Бақозода аз қабили «Фолбибӣ шуд сартарош», «Шаҳри нав омад», «Чаро ба кори Аҳмад касе нагуфт раҳмат?», «Ҳиштала ҳишт», «Мошинаи Қундузбек» ва чанде дигар низ барои хубтар ифода кардани фикр ба кӯдак мадад мерасонад.

Ба назари мо бо усули қиссапардозӣ изҳори ақида кардани муаллифон аз чанд ҷиҳат ба дард даво мешавад. Аз як тараф шакли қисса ҷолиб аст ва диққати хонандаро зуд ба худ мекашад, аз ҷониби дигар қисса сухани пурдабдаба ва мураккабро намепарастад, аз ин рӯ барои хонанда фаҳмо ва дилрас аст. Билохир, дар қисса ва ё афсона рамз хуб истифода мешавад, ки барои баёни матлаб воситаи мувофиқ мебошад. Шунидани қисса, алалхусус, барои томактабиён, ки худ ин навиштаҳоро мустақил хонда ва баҳра бардошта наметавонанд, беҳтарин воситаи шиносоист: онҳо қиссаро бо майли тамом мешунаванд ва осон манфиат мегиранд. Барои кӯдакон ва наврасон бошад, эҷоди қисса (достон, афсонаи манзум – Ф.Ҳ.) бо баҳрҳои гуногуни арӯз қобили қабул аст. Чунонки дар ашъори Убайди Рачаб равонии он зиёдтар ба назар мерасад:

а) аз «Қиссаи ёри номувофиқ»:
Тухми ҳасад мекошт Зог,
Рашки фаровон дошт Зог.
Аз он ки то бонуи шоҳ,
Ӯ не, Кабӯтар ёфт роҳ.

– – V – I – – V ~
мустафъулун /мустафъулон
Рағази мураббаи музол
б) аз «Қиссаи луқмаи муфт»:
Як саҳар луқмаи мувофиқ кофт
Гурги гушна барои субҳона.
Ба ҷуз аз устухони пора наёфт
Ҳеҷ чизе миёнаи хона.
– V – I V – V – I ~
фоъулотун /мафоъилун/ фаълон
Баҳри хафифи мусаддаси махбуни аслам (зарб-аслам)
в) аз достони «Шабчаро»:
Нимарӯзӣ дар қади оби кабуд,
Зери шах хобонд Ҳотам молро…
Бо Ҳокими додараш як ҳафта шуд,
Моли худро мебарад шаб бар чаро.
– V – I – V – I – V I
фоъилотун /фоъилотун фоъилун
Баҳри рамали мусаддаси маҳзуф.

Достони «Замин»-и Убайди Рағаб низ дар вазни арӯз омадааст. Вазни асосии достонро баҳри рағази мураббаи матвин марфӯъ ё мунсареҳи мураббаи матвини машкуф ташкил медиҳад:

Мисли туву мисли ман
Замини мо ҷон дорад,
Дилаш ҳамчун дили мо
Пайваста тугён дорад.
– V V – I – V –
муфтаъилун /фаъӯлун/

Дар баъзе мисраъҳо (масалан, мисраъҳои 2, 3) рукни аввал махбун ва дар мисраъҳои дигар (масалан, 1, 4) рукни аввал аз зиҳафи матвӣ сохта шудааст. Дар рукнҳои арӯзу зарб низ гоҳе зиҳофҳои матвии мавқуф гоҳе матвии макшуф ва гоҳе махбуни макшуф меояд (яъне, фаъулон, фаъилун, фаъулун).

Аз таҳқиқ ва мутолиаи ашъори адибон ва пажӯҳиши осори адабиётшиносон маълум мегардид, ки дар адабиёти бачагона шеъри ҳағвӣ бештар маълум аст. Аз мутолиаи «Арӯз ва омӯзиши он»-и адабиётшинос М.Солеҳов бармеояд, ки «дар асрҳои миёна миёни шеъру назм чандон ҳудуди муайяне нагузаштаанд ва ҳатто бузургтарин суханварон шеъру назмро ҳамчун муродифи ҳамдигар ба кор бурдаанд. Масалан, Хоҷа Шамсуддин Муҳаммад Ҳофизи Шерозӣ мегӯяд:

Ғазал гуфтиву дур суфтӣ, биёву хуш бихон, Ҳофиз,
Ки бар назми ту афшонад, фалак иқди Сурайёро.

Ё худ:

Ҳофиз, ҷу оби лутф зи назми ту мечакад,
Ҳосид чӣ гуна нукта тавонад бар он гирифт.

Бояд гуфт, ки назм ҳам лафзи арабӣ буда, ба маънии сухани мураттаб, муназзам ва ё каломи бо низому бо тартиб гуфташуда мебошад. Вале дар фаҳмиши кунунӣ аҳли маънӣ унсури тахайюлро хоси шеър дониста, доираи шеърро дар қиёс бо назм маҳдудтар ҳукм кардаанд. Ба ин маънӣ, олими маъруфи Эрон Муҳаммадтақӣ Маликушшуаро Баҳор дар як қитъаи худ сарҳади шеъру назмро шоирона бошад ҳам, хеле хуб муайян намуда гуфтааст:

Шеър донӣ чист? -Марвориде аз дарёи ақл,
Шоир он афсунгаре, к-ин турфа марворид суфт
В-аз барои он ки ин гавҳар фарочанг оварад,
Моҳҳову солҳо шоир наёсуду нахуфт.
Санъату вазну қавофӣ ҳаст назму нест шеър,
Ай басо нозим, ки назмаш нест илло ҳарфи муфт.
Шеър он бошад, ки хезад аз дилу ҷӯшад зи лаб,
Боз дар дилҳо нишинад ҳар куҷо гӯше шунуфт.
Ай, басо шоир, ки ӯ дар умри худ назме насохт,
В-ай басо нозим, ки ӯ дар умри худ шеъре нагуфт.

Аз ин қазоват ҳудуду талабот нисбат ба шеъру назм то ба ҳадде ошкор мешавад, ки назм нисбат ба шеър фаҳмиши васеътаре дошта, шеърро метавон назм гуфт, вале назм наметавонад шеър бошад. Чунончи, ба ин пораҳои манзум агар муроҷиат шавад, дарки маънии онҳо хеле одиву сода ва бе ягон душворӣ даст медиҳанд:

Борон борад дар Ёвон,
Алаф шавад ба говон.
Говон хӯранд, шир диҳанд,
Шира ба кампир диҳанд

Аз ин рӯ, ашъори ҳиҷоӣ ғолибан барои кӯдакон эҷод карда мешавад, то ин ки ҳавасу шавқи онҳо нисбат ба эҷоди бадеъ-адабиёт бештару беҳтар бедор карда шавад…» [8, 10 – 13].

Аз пажӯҳиши донишмандон Муҳаммадҷон Шукуров, Худоӣ Шарипов, Абдулҳолиқ Набиев, Турақул Зеҳнӣ, Урватулло Тоҳиров, Субҳон Давронов бармеояд, ки шеъри ҳиҷоӣ таърихи куҳан дошта, намунаи қадимии он бо номи «Суруди оташкадаи Каркуд» маълум аст, ки гӯё он аз «Шоҳнома»-и Абулмуайди Балхӣ иқтибос гардидааст. Илова бар ин, ду қитъаи зер, ки аз намунаҳои шеъри пешазисломиянд, хусусияти вазни ҳиҷоиро доранд. Яке аз ин шеърҳо суруди мардумии Балх аст, ки дар ҳаҷви Асад ибни Абдулло сарлашкари араб, ки соли 725 ба Хатлон лашкар кашидаю шикаст хӯрдааст, гуфта шудааст:

Аз Хуталон омадия,
Ба рӯ табоҳ омадия,
Овор боз омадия,
Хашанг низор омадия.

Дигар, шеъре мебошад, ки дар хусуси харобаҳои шаҳри Самарқанд дар асри VIII суруда шудааст:

Самарқанди кандманд,
Ба з-инат кӣ афканд?
Аз Чоч та беҳӣ
Ҳамеша та хуҳӣ!
(Эй Самарқанди ободон
Кӣ туро ба ин ҳол афканд?
Ту аз Чоч беҳтарӣ
Ҳамеша ту хубӣ!)

Баъд аз қарни IX шеъри ҳиҷоӣ, асосан, дар эҷодиёти шифоҳии мардум ба назар мерасад: сурудҳои халқӣ, зарбулмасалу мақолҳои манзум, чистон ва достонҳои халқӣ ва вазни ҳиҷо гуфта шудаанд. Дар адабиёти китобӣ бошад, дар ҳамин давра вазни арӯз марсум гардидааст» [8, 11 – 12].

Муҳаққиқи назми кӯдакон Неъматҷон Файзуллоев нигоштааст: « Дар давраҳои минбаъдаи таърихӣ баробари нуфӯзи бештар пайдо кардани вазни арӯз дар адабиёти китобатӣ мавқеи вазни ҳиҷо бамаротиб коста шуда, махсуси шеъри шифоҳӣ ва ашъори атфоли тоҷик гардид…» [9, 545].

Дар ашъори Мирсаид Миршакар, Аминҷон Шукуҳӣ, Гулчеҳра Сулаймонӣ, Убайди Раҷаб, Бобо Ҳоҷӣ, Мавҷуда Ҳакимова, Озод Аминзода, Алӣ Бобоҷон, Муҳаммадалишоҳи Ҳайдаршо, Нуъмон Розиқ, Муҳаммад Ғоиб, Ҷӯра Ҳошимӣ, Латофат Кенҷаева, Юсуфҷон Аҳмадзода ва дигарон нишонаҳои он зиёд ба назар мерасад. Равонии сухан, содагии баён ва ба табиати забони тоҷикӣ риоя кардан дар офаридаҳои Гулчеҳра, Убайди Раҷаб ва Нуъмон Розиқ ҷилои тоза пайдо кардааст. Шоирон бештар вазнҳои маъмули чаҳор ва панҷҳиҷогиро ба хотири содаву дилнишин баромадани мисраъҳо интихоб кардаанд, ки аз ҷиҳати бадеият ва образнокии тасвир қобили қабуланд. Дар шеърҳои Гулчеҳра «Хоҳаракам», «Хонаи бобом» Убайд Раҷаб «Хӯшаи гандум», «Оби равон», «Аз ёна сӯйи хона», «Худам кашидам», «Алонор» ва ғ; Нуъмон Розиқ «Телефони чумчуқ», «Муаллими мо», «Мураббии мо», «Холаи дилсӯз» ва чанде дигар нишонаҳои он зиёд ба назар мерасанд.

Чунончи:

а) аз «Хонаи бобом»-и Гулчеҳра:

Ка-но-ри ҷӯ-бор,
Са-ри чаш-ма-сор,

Бо-шад на-му-дор,
Мав-ҷи са-фе-дор,
О-рас-та де-вор
Хо-на-и бо-бом
Хо-на-и бо-бом (Сач.92).

б) аз «Холаи Гавҳар»-и Убайди Раҷаб:

За-ни бо-ҳу-нар,
Хо-ла-и Гав-ҳар,
Ка-си муъ-та-бар,
Хо-ла-и Гав-ҳар.
Ҷон ас-ту ҷи-гар
Хо-ла-и Гав-ҳар
Як-то-и гу-зар
Хо-ла-и Гав-ҳар… (Ол.17).

в) аз «Мӯрча»-и Нуъмон Розиқ:

Мӯр-ча-и до-но
До-на ме-ба-рад
До-на-ро сӯ-йи
Хо-на ме-ба-рад.
Биг-рез аз роҳ,
На-рас ба до-на.
Мӯр-ча-як ба-рад
Он-ро ба хо-на (Чил 104).

Ба гумони ғолиб, шоирони зикршуда иборасозӣ намекунанд, суханро намебофанд, ҳамон тавр мегӯянд, ки барои кӯдакон фаҳмост. Хонандаи хурдсол шеърро шунавад, дар он меҳнатро мебинад, аз манзараи хонаи бобо ва ҳунари холаи Гавҳару заҳматкашии мӯрча ҳаловат мебарад. Илова бар ин дар ин қабил шеърҳои ҳиҷоӣ андешаи озод ва мустақилбаёнии гӯянда эҳсос карда мешавад. Ин имкон дар шеъри арӯзӣ ба шоир даст намедиҳад, зеро талаботи арӯз олӣ буд, ҳарфҳои каму зиёд ва сактадорро намеписандад.

А Д А Б И Ё Т

1. Акбарзода Ю. Рисолати шоир ва шеър / Ю Акбарзода. – Душанбе: Адиб, 2009. – 376 с.
2. Амонов Р. Лирикаи халгии тохикӣ / Р. Амонов. – Душанбе: Дониш, 1968. – 412 с.
3. Асозода Х. Воғеият, сиёсат ва Айнӣ / Х. Асозода. –Душанбе: Шухоиён, 2010. -208 с.
4. Назарзода С. Забон ва истилохот. – Душанбе: Дониш, 2003. – 148 с.
5. Насриддинов А. Шарҳнависӣ дар таърихи адабиёти форсу тоҷик / А. Насриддинов.– Хуханд: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Халил. –253 с. – Ҷилди 1.
6. Раҳим Мусулмониёни Қубодиёнӣ. Шеър дар сарчашмаҳои назарӣ / Раҳим Мусулмониёни Қубодиёнӣ. – Теҳрон, 1377.
7. Сатторзода А. Таърихчаи назариёти адабии форсии тохикӣ / А. Сатторзода.– Душанбе: Адиб, 2001. – 144 с.
8. Солеҳов М. Аруз ва омӯзиши он / М. Солеҳов. – Душанбе: Илм ва адаб, 2005. – 110 с.
9. Убайд Рахаб. Саррез / Убайд Рахаб. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 272 с.
10. Файзуллоев Н. Назми кӯдакон / Файзуллоев Н – Хуханд: Нури маърифат, 2010. – 664 с.
11. Шакурӣ М. Инсонгароии омӯзиш ва забони миллӣ / М Шакурӣ. – Душанбе: Пайванд, 2002. – 302 с.
12. Шарифов Х. Шоир ва шеър / Х Шарифов. – Душанбе: Адиб, 1998. –217 с.
13. Шарифов Х. Каломи бадеъ / Х. Шарифов. – Душанбе: Маориф, 1991,
14. Ҳусейнзода Ш. Каломи манзум / Ш Ҳусейнзода. – Душанбе, Сарпараст, 2001.
15. Шамсуддин Муҳаммади Қайси Розӣ. Ал-муъҷам… Муаллифи сарсухану тавзеҳот ва ҳозиркунандаи чоп У.Тоиров / Шамсуддин Муҳаммади Қайси Розӣ. – Душанбе, Адиб, 1991.
16. Фанни шеър/ Танзим, тасҳеҳ ва тавзеҳоти Ш.Ҳусейнзода, Х.Шарифов. – Душанбе, Ирфон, 1985.
17. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.1. – М.: Наука, 1969. С. 401.

ЯЗЫК И СТИЛЬ ПОЭЗИИ УБАЙД РАДЖАБА

В статье подробно описаны языковые и творческие особенности произведения известного таджикского поэта Убайда Раджаба. Отмечается, что в творчестве Убайда Раджаба ярко прослеживаются языковые особенности классической литературы и наряду с этим поэт удачно интерпретирует неповторимые образы современной таджикской литературы в своей детской поэзии. Следовательно, язык творчества Убайда Раджаба остается очень доступным, действенным, образным и красноречивым для детей различного возраста. Метрические особенности поэзии также являются своеобразным, искусным и указывают на эффективное поэтическое мастурство поэта.

Ключевые слова: поэзия, классика, современность, метрика, творчество, язык, искусство, художественная литература.

LANGUAGE AND STYLE OF POETRY OF UBAID RAJAB

The article described in detail the language and creative features famous Tajik poet Ubaid Rajab. It is noted that in the poetry of Ubaid Rajab clearly traced the linguistic features of classical literature and along with it poet interprets the unique images of modern Tajik literature in his children's poetry . Consequently, the language of poetry of Ubaid Rajab remains very affordable, efficient, imaginative and eloquent for children of various ages. Metric features of poetry is also a kind, clever, which indicate the effective poetic text of Ubaid Rajab.

Key words: poetry, classic, modern, metric, creativity, language, art, literature.

Сведения об авторе: ***Ф.Хусейнзаде*** – старший научный сотрудник кафедры теории и современной персидско-таджикской литературы филологического факультета ТНУ. Телефон: **(+992) 927538765**

ФИРДАВСӢ ДАР АНДЕШАИ ЗАРРИНКӮБ

Настаран Иброҳимзода
Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ

Абдулҳусайн Зарринкӯб андешаманд, муаррих, исломшинос, адиб ва нависандаи пуркор аст, ки дар заминаи адаб ва таърих аз чеҳраҳои барҷаста ва номӣ ба шумор меравад, яке аз корҳо ва пажӯҳишҳои вай пардохтан ба зиндагӣ ва осори шоирони бузурги адаби форсӣ аст. Ӯ кори худро дар ин замина бо китоби “Бо корвони ҳула” дар соли 1343ҳ. ш. оғоз кард. Дар ин китоб сӣ гуфтор дар бораи шоирони таърихи адабиёти форсӣ омадааст, ки аз Рӯдакӣ-падари шеъри форсӣ оғоз мегардад ва то давраи муосир идома дорад.

Дар ин китоб нависанда бо дидгоҳи интиқодӣ ба баррасии осор ва ҳатто зиндагии шоирон мепардозад ва сабку нигоҳи тозаеро дар муаррифии шоирон пеш мегирад.

Унвонҳои ҷаззоб ва гӯё ҳамчун: Рӯдакӣ-шоири рӯшанбин, Анварӣ- пайёмбари ситоишгарон, Низомӣ[**]-достонсарои Ганҷа, Аттор-пири асрор, Бедил - шоири андешаҳо ва ... аз ин ҷумла аст. Наср ва қаламравоии равон ва адибонаи Зарринкӯб бар зебоии кор меафзояд ва дидгоҳи наққодонаи ӯ – ҳарчанд ба шакли муҷаз ба хонанда фурсати ғавру тааммул дар зиндагӣ ва осори шоиронро медиҳад. Баъд аз “Бо корвони ҳула” муаррифии шоирон ва бузургони адаб ва таърих шомили шарҳи ҳол ва фарозу фурудҳои зиндагии онон ва низ нақду баррасӣ ва баёни андешаҳои онон мавриди таваҷҷуҳи вай қарор мегирад. Илова бар нақди осор нигоҳи таърихии Зарринкӯб ба зиндагии шоир ва баррасии авзоъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ҳар давра ва арзёбии шоир ва осори ӯ дар ҳар бурҳаи таърихӣ, хонандаро бо сабку сиёқи тозае дар шинохти шоирон ошно мекунад.

Халқи чунин осоре бо китоби “Аз кӯчаи риндон” дар бораи зиндагӣ ва андешаи Ҳофиз дар соли 1349 шамсӣ оғоз мегардад. Истиқболи умумӣ аз китобҳои “Бо корвони ҳула” ва “Аз кӯчаи риндон” нависандаро ба таълифи осори дигаре бар ҳамон сабк ва навиштор савқ медиҳад ва китобҳои “Фирор аз мадраса” дар бораи зиндагӣ ва андешаи Имом Муҳаммади Ғаззолӣ[††] “Пила- пила то мулоқоти Худо”- дар бораи зиндагӣ ва андеша ва сулуки Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, “Пири Ганҷа дар ҷустуҷӯйи нокуҷообод”- дар бораи зиндагӣ, осор ва андешаи Низомӣ ба чоп мерасанд, китоби “Шуълаи Тур” -дар бораи зиндагӣ ва андешаи Ҳаллоҷ, “Садои боли Симурғ” - дар бораи зиндагӣ, осор ва андешаи Аттор ба чоп мерасанд. “Дидор

[**] Китоб дар оғоз бист гуфтор дошт, ки баъдҳо даҳ гуфтор ба он изофа шуд. Иқболи Лоҳурӣ, Парвини Эътисомӣ ва Деҳхудо се шахсияти муосир буданд, ки ба ин маҷмӯа роҳ рафтанд.

[††] Имом Муҳаммади Ғаззолӣ танҳо файласуфе аст, ки Зарринкӯб китоби хондании “Фирор аз мадраса”- ро дар бораи ӯ менависад.

бо каъбаи ҷон”- дар бораи осор ва андешаи Хоқонӣ, “Ҳадиси хуши Саъдӣ”- дар бораи зиндагӣ ва андешаи Саъдӣ ва “Номварнома”- дар бораи Фирдавсӣ ва “Шоҳнома” аз дигар осоре аст, ки бо номи Зарринкӯб ба чоп мерасанд. Ин китобҳо, ки фақат маҷмӯаи гуфторҳои пешин ва парокандаи Зарринкӯб ҳастанд, пас аз даргузашти ӯ ба ҳиммати ҳамсари вай доктор Қамари Ориён гирдоварӣ шудаанд ва фоқиди вижагӣ ва сабки Зарринкӯб дар баёни достонгуна ва назму тартиби маъмул дар осори дигари вай ҳастанд.

Ҳофиз, Имом Муҳаммади Ғаззолӣ, Мавлоно, Низомӣ ва Аттор аз шахсиятҳое ҳастанд, ки Зарринкӯб аз рӯйи ишқ, бо алоқа ва таваҷҷуҳи бисёр, ба онон мепардозад ва ошиқонатар аз ҳама ба Мавлоно менигарад ва вақти зиёдеро сарфи ӯ мекунад. Ба гунае ки осори ӯ дар бораи Мавлоно шомили ду ҷилд китоби “Сирри най”, “Баҳр дар кӯза”, “Пилла- пилла то мулоқоти Худо”, “Нардбони осмон”, “Нардбони шикаста”‡‡ ва таваҷҷуҳ ба Мавлоно дар осори ирфонии ӯ, мисли “Арзиши мероси сӯфия” ва чопи мақолаҳои гуногун дар бораи Ҷалолуддини Балхӣ ӯро дар зумраи мавлонопажӯҳон қарор медиҳад ва ҳикоятгари ишқ ва иродати зиёди ӯ ба ин шоир ва орифи номии адаби форсӣ аст.

Аммо он чи дар ин гуфтор мавриди таваҷҷуҳ аст, илова бар муаррифии навиштаҳои Зарринкӯб дар бораи Фирдавсӣ ва “Шоҳнома” тарҳи ин пурсиш аст, ки “Чаро Зарринкӯб, асаре дар ҳадду андозаи “Аз кӯчаи риндон” ва ё “Пилла- пилла то мулоқоти Худо” дар бораи Фирдавсӣ ва “Шоҳнома” нанавиштааст, дар ҳоле ки ин интизор аз ҳамон оғози навиштаи Зарринкӯб дар мухотаб шакл мегирад, то асаре мутафовит, бо нигоҳе тоза дар бораи ҳакими Тӯс халқ шавад. Интизорӣ, ки ҳеҷ вақт ба ҳақиқат намепайвандад.

Зарринкӯб дар китоби “Бо корвони ҳулла” дар гуфтори “Фирдавсӣ - офаридгори Рустам” –“Шоҳнома”-ро ин гуна муарифӣ кард: “Шоҳнома на фақат бузургтарин ва пурмоятарин дафтари шеърӣ аст, ки аз аҳду рӯзгори Сомониён ва Ғазнавиён боз мондааст, балки дар воқеъ, муҳимтарин санади боарзиш ва азамати забони форсӣ ва равшантарин гувоҳи шукуҳ ва равнақи фарҳангу тамаддуни Эрони куҳан аст. Хазонаи луғат ва ганҷинаи фасоҳати забони форсӣ аст. Достонҳои миллӣ ва муосири таърихи қавми эронӣ дар тайи он ба беҳтарин ваҷҳе намуда шудааст. Эҳсосоти амиқи ватанӣ ва таълими латифи ахлоқӣ дар он ҳама ҷо ҷилва ёфтааст. Шеваи баёни “Шоҳнома” сода ва равшан аст... ва аз овардани луғот ва таркиботи арабӣ то ҳадди зиёде худдорӣ кардааст ва ҳатто мазомин ва иборoти тозиро низ, ки ба порсӣ овардааст, ранги эронӣ додааст” [6,39].

Ба кор бурдани сифоти тафсилӣ чун **бузургтарин**, **пурмоятарин** ва **муҳимтарин** барои “Шоҳнома” ба навъе баёнгари ҷойгоҳи ин асар дар фикру андешаи нависанда аст, ки ҳеҷ тардиде дар он роҳ намедиҳад. Ҳар чи дар ин гуфтор омадааст, ҳама ҷанбаи таъйид ва такрим дорад, дар ин ҷо ба маводе чанд аз ин гуфтаҳо ишора мешавад:

- “Сухани Фирдавсӣ устуворӣ ва ҷазобияте дорад, ки шеъри ӯро хоса дар достонҳои Рустам, мисдоқи он чи Лунгенус “ Намтати олӣ” хондааст қарор медиҳад”. Ё “Қудрате, ки дар овардани тағйироти гуногун дорад лутф ва зебоии бемонанде ба каломи ӯ мебахшад, ки дар сухани дигарон нест” ва ё “Эъҷози ӯ ба ҳадди эҷоз мерасад” [5,40].

‡‡ “Нардбони осмон” асарест, ки мафқуд гардид ва ёбанда (!) пас аз солҳои дарозе барои пас додани он дархости маблағ ва газофе кард, ки дар тавони нависанда набуд. Солҳои баъд аз ёддоштҳо ва бархе пешнависҳои ин китоб китоби дигаре дар бораи маснавӣ ва Мавлоно таълиф шуд ва чун монанди “Нардбони осмон” комил набуд ва костагиҳое дошт, нависанда онро “Нардбони шикаста” номид.

Осоре, ки аз Зарринкӯб дар бораи Фирдавсӣ ба чоп расонидааст, илова бар гуфтори “Фирдавсӣ- офаридгори Рустам”, ки дар “Бо корвони ҳулла” оварда шудааст, шомили чаҳор мақола ба унвонҳои “Шоҳнома” ва “Иллеада” (маҷаллаи Яғмо, 1329), “Рӯшанфикрии Фирдавсӣ” (маҷаллаи Фирдавсӣ, 1346), “Фирдавсӣ-бузургтарин ҳамосасарои ҷаҳон” (Хонданиҳои қарн, 1365), “Хираду хирадгарой дар “Шоҳнома” (Ҳастӣ, 1371), як нақди адабӣ бо номи “Мулоҳизоте чанд дар боби Достони Рустаму Сӯҳроб”, асар мотиви Арнолди англисӣ, шоир ва мунтақиде, ки дар манзумаи кӯтоҳи ҳамосии худ ин достони эрониро бо қудрат ва маҳорати хоса таъбир кардааст (Яғмо, 1333) ва ду намоишнома бо номҳои “Гуфтушунид дар боби абадияти Эрон” (Роҳнамои китоб, 1350) ин намоишнома ду шахсият дорад: Фирдавсӣ ва Рустам ва дар воқеъ, баёни андешаҳои нависанда аст дар бораи масъалаи истисмор дар таърихи Эрон нақши “Шоҳнома” дар қиссаҳои паҳлавонии он. Намоишномаи “Рустаму Сӯҳроб дар Ғазна” (Аз чизҳои дигар, 1356), ки намоишворае аст, дар се пардааст. Нависанда дар қолаби ин намоишнома ҷангҳоро, ки ҳадаф ҷуз қудрату сарват надоранд, маҳкум мекунад ва рӯйи ҳамрафта, ҳар се пардаи намоиш накӯҳишест аз сӯҳробкушиҳои норост ва озмандонаи Рустамҳои Маҳмуди Ғазнавӣ дар Ҳинд*.

Афзун бар ин, матолиби чопшуда дастнавиштаҳои чопнашудаи Зарринкӯб дар бораи Фирдавсӣ дар китобе, ки “Номварнома” мунташир гардидааст, таъйиди дигарест бар ҷойгоҳи хос ва вижаи Фирдавсӣ ва “Шоҳнома” дар андешаи Зарринкӯб.

Дар гуфтори “Фирдавсӣ ва “Шоҳнома” нависанда бар ин нукта сиҳҳа мегузорад, ки ҳамосаи миллии Эрон дар “Шоҳнома” ба авҷ мерасад ва “Шоҳнома” девони воқеии фарҳанги холиси форсӣ аст, чаро ки ҷуз он тамоми адабиёти дарӣ ба шиддати таҳти таъсири ислом аст ва матолиби дигари китоб бо унвонҳои “Сулҳу дод ва адолат дар “Шоҳнома” ва “Ҳикмат ва ахлоқ” дар “Шоҳнома” ва “Хирад ва хирадгарой”, ки дар “Номварнома” такрор шудааст, ба ҷанбаҳои арзандаи ахлоқӣ ва иҷтимоии Шоҳнома ва ҷойгоҳи хирад ва андеша дар “Шоҳнома” ишора мекунад.

“Шоҳнома ва “Иллеада” §§ дар ин китоб ҳам чоп шудааст, намунаи хубе дар адабиёти татбиқӣ аст. Ин мақола дар ҳақиқат посухест ба Рукерт***- шоир ва наққоди олмонӣ, ки мегӯяд: “Чи фарқе байни Фирдавсӣ ва Ҳомер аст, ҷуз ин ки муҳтавиёти “Шоҳнома” аз ҳайси мавод андаке пасттар аз китоби Ҳомер ва аз ҳайси рӯҳ каме бартар аз он аст?” [11,126].

Зарринкӯб дар ин гуфтор ба муқоисаи ин ду асари ҳамосии ҷаҳон мепардозад ва ба ҷанбаҳои бартари “Шоҳнома” бар “Иллеада” ишора мекунад ва пас аз зикри мавориди бартарии “Шоҳнома” дар поён ба ин натиҷа мерасад, ки чун сифати боризи шеъри ҳамосӣ барангехтани ҳисси шигифтӣ ва ситоиш аст, ин хосияти қатъан дар “Шоҳнома” аз “Иллеада” қавитар аст.

Илова бар инҳо осор дар заминаи шоҳномапажӯҳӣ, хатти сайри фикрии Зарринкӯб дар бораи Фирдавсӣ ва “Шоҳнома”-ро дар дигар осори ӯ низ метавон ёфт. Осоре чун “Нақди адабӣ”, “Шеъри бедурӯғ, шеъри бениқоб”, “Аз гузаштаи адабии Эрон”, “Сайре дар шеъри форсӣ” ва “Пири Ганҷа дар ҷустуҷӯйи нокуҷообод”, ки ба таъсири Фирдавсӣ дар шеваи достонсароии Низомӣ бавижа, дар манзумаи “Искандарнома” мепардозад. Он чи Зарринкӯб дар ин осор дар бораи Фирдавсӣ ва “Шоҳнома” менависад баёнгари ошноӣ ва вуқуфи комили ӯ бар ин асари арзанда аст, ки ба намунаҳое аз он ишора мешавад.

---

§§ “Шоҳнома” ва “Иллеада” пеш аз чоп дар “Номварнома” дар китоби “На шарқӣ, на ғарбӣ, инсонӣ” ба чоп расида буд.

*** Rukert

- “Аммо нақди Фирдавсӣ аз сухани Дақиқӣ, ки аз ин мақула ба назар меояд, чизи дигаре аст. Чун аз “Қуръон” бармеояд, ки мидҳатгарони Маҳмуд на фақат саъй доштаанд диловарони “Шоҳнома”-ро ночиз ва бемиқдор ҷилва диҳанд, балки ҷиҳати тахфиф ва таҳқири Фирдавсӣ дар ситоиши Дақиқӣ низ муболиға мекардаанд ва ба таарруз мехостаанд, Фирдавсиро муқаллиди Дақиқӣ ҷилва диҳанд ва шояд барои рафъи чунин туҳмате будааст, ки Фирдавсӣ бо он ки ба “Ба тафовуқ ва риҷҳони сухани худ воқиф будааст, худро ба нақди шеъри Дақиқӣ муҳтоҷ дидааст” [4,347].

- “Ҳамосаҳое, ки баъд аз Фирдавсӣ ба вуҷуд омад, на аз ҳайси қудрати баёни шеърӣ ба пойи кори ӯ мерасад, на аз ҷиҳати таваҷҷуҳ ба дақоиқи фаннӣ”[9,147].

- “Услуби Фирдавсӣ устуворӣ ва пурборие дорад, ки шеъри ӯро намунаи сабки воло қарор медиҳад. Қудрате, ки дар танаввӯъ таъбирот дорад, каломи ӯро лутф ва азамати хос мебахшад. Дар ибдои маонии муносиб ва овардани тавсифот ва ташбеҳоти табиӣ қудратро бо эътидол дармеомезад, аммо эъҷози баён, чунон муқтазиёти ҳар як аз мавориди қаср ва ҳазфро ба воқибӣ муроот мекунад, ки эъҷози ӯ мисдоқи эъҷоз менамояд...” [8,18].

- “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ ҳам бо нақли ин маҷмӯъ ба шеъри дарӣ ва бо тасрифи ҷодукоронае, ки қудрати қариҳаи ҳакими Тус дар тақрири ин ривоёт нишон додааст, яке аз олитарин ва муаассиртарин таърихҳои ҳамосиро аз он ба вуҷуд овардааст” [5,73].

Дар китоби “Пири Ганҷа дар ҷустуҷӯйи Нокуҷообод”, ки бисту як бор ба Фирдавсӣ ва “Шоҳнома” ишора шудааст, менависад: “Ҷомеияти Низомӣ дар анвои фунуни шеър, албатта, маҳалли тардид нест, аммо Фирдавсӣ муқоиса кард” [12,208].

Ва ё: “Бо он ки дар ин маворид ҳафт баён бе ҳамояндӣ Фирдавсиро надорад, боз байни каломи ӯ бо он чи назди шоирони асраш роиҷ аст, тафовути бисёр ҳаст” [12,212].

Дар ин намунаҳо ва ҳар он чи ки Зарринкӯб дар бораи Фирдавсӣ ва “Шоҳнома” навиштааст, ишқ, алоқа ва иродати бисёр ба чашм мехурад. Шоҳнома ва шоираш дар назари Зарринкӯб намунаҳои мутаъолӣ ҳастанд, ки наметавон айб ва эроде бар он ворид кард.

Ин навъ нигоҳи Зарринкӯб ба Фирдавсӣ ва Шоҳнома барои нигорандаи ин сатуру онон, ки бо нигоҳ ва осори ӯ ошноие доранд, саволбарангез ва қобили таваҷҷуҳ аст.

Зарринкӯб мунтақиде аст, ки дар нақду баррасии ҳар мавзӯъ ва ҳар кас, илова бар дидани нуқта қутҳо ба заъфҳо ва костиҳо ҳам ишора мекунаду пардохтан ба ҷанбаҳои мусбат костиҳои ҳар асарро вазифаи мунтақид медонад. Ӯ мекӯшад бо баррасии комили асар ва шароити таърихӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҳар давра чеҳраи равшан ва дақиқ аз соҳиби асарро нишон диҳад. Бархе аз шоирон ва нависандагон бештар мавриди таваҷҷуҳ ва алоқаи ӯ ҳастанд, ба тавре ки дар шарҳ ҳол ва баррасии осори онҳо китобҳои мустақиле менависад. Бузургоне чун Ҳофиз ва Ғаззолӣ ва Низомию Мавлоно.

Дар ин миён шояд битавон гуфт, вақте дар бораи Мавлоно ва асари бузургаш “Маснавӣ” менависад, қаламро ошиқона ба чархиш дар меоварад, Мавлоно назди ӯ инсони комиле аст ва “Маснавӣ” асари азим ва роҳе барои расидан ба сӯйи Худо. Аммо бо тамоми ишқе, ки ба Мавлоно дорад, чашм бар заъфҳои Маснавӣ намебандад, ҳарчанд мекӯшад заъфҳоро тавҷеҳ кунад, аммо боз чашм бар онҳо намебандад ва ба онҳо ишора мекунад. Аммо ин иттифоқ дар бораи “Шоҳнома” ва Фирдавсӣ намеафтад. Ӯ ҳатто дар “Фирдавсӣ ва “Шоҳнома” муаққиқони шоҳномапажӯҳро аз се чиз барҳазар медорад, яке ҷустуҷӯ дар боби таърихи оғоз ва анҷоми “Шоҳнома”, дигаре баҳс дар бораи маохизи “Шоҳнома” ва ҳудуд ва пойбанди Фирдавсӣ ба манобеъ ва савум масъалаи муқоиса байни “Шоҳнома” ва

дигар ҳамосаҳои аз ҳиндӣ, арманӣ, юнонӣ, ирландӣ ва амсоли инҳо. Дар ин ки Фирдавсӣ инсони бузург ва “Шоҳнома” асари беҳамовард аст, сухане нест, аммо нақде ки бар ӯ ворид аст, ин аст ки чаро Зарринкӯб ин қадар муболиғаомез дар бораи Фирдавсӣ ва “Шоҳнома” менависад ва сухан мегӯяд ва ҳатто дар баробари мунтақидон ва хурдагирон дар мақоми дифоъ бармеояд?

Онон ки бо осор ва шахсияти Зарринкӯб ошноӣ доранд, ба хубӣ медонанд, ӯ беш аз ин ки адиб ё муаррих бошад, як муҳаққиқ буд ва ҳамвора дигаронро ба таҳқиқ ва пажӯҳиш даъват мекард. Худ низ барои рафъи ҳар гуна савол ва ибҳоме мекӯшид, аммо ин бор бидуни далел возеҳ ва равшанӣ пажӯҳишгаронро аз пардохтан ба мавзӯъ наҳӣ мекунад.

Пеш аз ин ишора шуд, ки шахсият, андешаҳо ва ормонҳо Зарринкӯбро, метавон дар осораш ёфт, бавижа дар шарҳи ҳоли шахсиятҳои баргузидае, ки ба онҳо пардохтааст, ҳамон гуна ки худи ӯ ҳеҷ асареро ҷудо аз муаллифи он баррасӣ намекунад.

Зарринкӯб ба Фирдавсӣ ва “Шоҳнома” ишқ меварзад, ишқе беш аз он чи ки нисори Мавлоно кардааст. Худ ба ин ишқ ва шефтагӣ воқиф аст ва агар дар бораи “Шоҳнома” асари мустақил халқ накардааст, бегумон реша дар ин шефтагӣ дорад, ба гунае ки дар ҳафтод солагӣ менависад: “Аммо дар боби Фирдавсӣ ва ҳамосаи азим ва бе монанди ӯ монием ишқ ва шефтагӣ ба ин асари ягона адабиёт тамоми олам буд” [10,491].

Ишқ ба “Шоҳнома” аз ӯ аз кӯдакӣ шакл гирифт. Дар рӯзгоре, ки дар масири бозгашт аз мадраса ба дорухонаи падарбузург мерафт ва ӯ барояш “Шоҳнома” мехонад ва қиссаҳои “Шоҳнома”-ро мегуфт.

Ёздаҳсола буд, ки дид, наққоли шаҳр “Шоҳнома”- еро ба падарбузург дод ва рафт васвасаи ламси китоб ва дидани тасвирҳо ва хонданаш боис шуд, найранги кӯдакона, махфиёна дар дорухонаи падарбузург бимонад ва шабро бо “Шоҳнома” сипарӣ созад. “Ман мондаму дорухонаи торик бо “Шоҳнома”, ки ба ман чашмак мезад. Чароғи дорухонаро равшан кардам, “Шоҳнома”-ро рӯйи мизи дорухона кушудам руйи сандалии падарбузург, ки баландиаш намегузошт поҳои кӯчакам ба замин бирасад, нишастам ва ғарқ дар тамошои саҳнаҳои “Шоҳнома” шудам. Варақ бар варақ ашъор ва саҳнаҳоро аз назар гузарондам. Бисёре аз ашъорро, ки дарки онҳо бароям осон буд рӯнавис кардам. Ашк рехтам, ҳол кардам, ишқ варзидам ва намедонам чанд бор он ҷилд қаҳваи китобро, ки ҷобаҷо бар асар дасти молӣ сиёҳ шуда буд бӯсидам. Билохира бар рӯйи китоб хобам бурд [10,493].”

Ҳарчанд бо ин кор танбеҳ шуд ва падарбузург аз ӯ ранҷид, аммо чанд ҳафта баъд падарбузург як ҷилд “Шоҳнома” ба ӯ ҳадя дод ва ӯ тамоми ранҷҳоро фаромӯш кард ва аз он пас рӯзҳо ва шабҳо “Шоҳнома” мунис ва рафиқаш шуд.

“Шоҳнома” таъсире, ки дар Зарринкӯб боқӣ гузошт ва ӯро ошиқи таърих кард, дар осори ӯ бисёр чашмгир ва қобили таваҷҷуҳ аст. Ишқ ба таърих, таърихи Эрон ва Ватану миллат, достон, фарҳанг ва устура. “Ишқ ва унс бо ин ҳамосаи азим ҳакими Тӯс аз дер боз каманди ҷозибае буд, ки маро ба водии таърих кашонд ва ... бояд иқрор кунам, ки дар ҳеҷ замина ба андозаи таърих сарф вақт накардам ” [10,494].

Зарринкӯб “Шоҳнома”-ро девони воқеи фарҳанги хоси эронӣ медонад, ки рӯҳи воқеии он рӯҳи Ориёӣ, Ҳинду Аврупоӣ аст. “Шоҳнома” тамоми ҳамосаи миллии Эрон ва пуле аст, ки дунёи бостониро бо дунёи қуруни васату дунёи исломӣ пайванд медиҳад. Аз диди ӯ суҳбат аз “Шоҳнома”, суҳбат аз як китоб ё як шоир нест, суҳбат аз як миллат, суҳбат аз як фарҳанг ва як дунёст. Зарринкӯб “Шоҳнома” ва асаре чун “Хамса”-и Низомиро танҳо махлуқи замони худ намедонад ва онҳоро дар таърихи адаби Эрон кушояндаи адво медонад ва менависад: “Фирдавсӣ бидуни шак дар тайи

ҳамосааш таърихи воқеии қавми эрониро ҳам овардааст. Таърихи ранҷҳо ва дилҳираҳои як қавмро, ки бо душманони хеш бо душманони фарҳанг ва ойини хеш дар дохилу хориҷ доим пайкор доранд ва ҷуз бо корҳои қаҳрамонӣ наметавонанд ҳастӣ ва бақои худро таъмин кунанд”.

“Шоҳнома” достони ҷидоли хайр ва шар аст. Ҷидоли Эрон ва Унайрон. Рустам паҳлавони “Шоҳнома” ба танҳоӣ таҷассуми тамоми ормонҳои озодони Эрон аст ва қаҳрамони табақаи наҷбо, ки доим бо Унайрон, бо дунёи беадолатӣ, пайкор дорад ва аз Эрон дифоъ мекунад.

Бо нигоҳи гузаро ба осори Зарринкӯб ба хубӣ метавон таъсири “Шоҳнома”-ро дар онҳо дид ва ба вуҷӯҳи иштироки Зарринкӯб ва Фирдавсӣ пай барад. Аввалин асари чопшудаи Зарринкӯб “Фалсафаи шеър ё таърихи тасвири шеър ва шоирӣ дар Эрон” аст.

Дигар таълифи Зарринкӯб, ки ҳафт сол баъд- дар соли 1330 ба чоп мерасад, “Дар қарни сукут” ном дорад. Китоб саргузашти ҳаводис ва авзои таърихи Эрон дар қарни аввали ислом аз ҳамлаи араб то зуҳури давлати Тоҳириёнро дар бар мегирад. Ишқ ба Эрон ва эронӣ дар ин китоб мавҷ мезанад ва султаи аъроб бар Эрон маҳкум мегардад.

Ин китоб дар замони худ мухолифон ва мувофиқони бисёр пайдо кард. Эрондӯстон ва арабситезон мувофиқи он буданду мухолифон бар он нақдҳо навиштанд.

“ Ду қарни сукут” шаш сол баъд бо таҷдиди назар ба чоп расид. Ин бор Зарринкӯб мекӯшид, таърих аз таъсиботи китобро чоп кунад. Аз ин рӯ, дар муқаддима чунин менависад: “Дар ин фурсате, ки барои таҷдиди назар пеш омада, қалам бардоштам ва дар китоби хеш бар ҳар чи машкук ва торику нодуруст буд, хати батлон кашидан. Бисёре аз ин маводи машкуку торик ҷоҳое буд, ки ман дар он рӯзгори гузашта, намедонам аз хомӣ ё таъсиб натавониста будам ба айб ва гуноҳ шикасти Эронро ба дурустӣ эътироф кунам. Дар он рӯзгорон чунон рӯҳи ман аз шӯр ва ҳамоса лабрез буд, ки ҳар чӣ пок ва ҳақ ва минуӣ буд аз он Эрон медонистаму ҳар чиро аз они Эрон (Эрони бостониро мегӯям) набуд, зишт ва пасту нодуруст мешумурдам... Лозим дидам, ки он гумон хатои таъсубомезро ҷуброн кунам. Охир аҳду паймоне, ки ман бо хонандаи ин китоб дорам он нест, ки дониста ё надониста таърихи гузаштаро ба зарқу дурӯғ ва ғуруру фиреб биолоем” [7,19-20].

Зарринкӯб дар он чи дар бораи таърихи Эрон, ислом ва аъроб менависад, эътироф мекунад, ки Фирдавсӣ шоире аст, ки ба фарҳанг ва таъриху миллати Эрони худ ифтихор мекунад ва ин эҳсосро ба беҳтарин шакл дар асари ҳамосиаш нишон медиҳад. Ӯ як эронӣ аст, дар айни ҳол мусулмон. Як эронӣ аст, ки исломро пазируфтааст, аммо султа ва таҳқиру тавҳини аъробро бар наметобад ва мекӯшад, бо ёдоварии таърих ва бузургии қавми эронӣ ин рӯҳияро дар миллат зинда нигоҳ дорад.

Зарринкӯб низ, ки баъд аз таҷрибаи “Ду қарни сукут” мекӯшад, муаррихи бетараф бошад ва воқеиятро бинависад беш аз ҳама ду мақулаи Эрон ва Ислом зеҳнашро ба худ машғул медорад. Дар бисёре аз осори ӯ ба шаклҳои гуногун ба мавзӯъҳое чун Эрон, дин, ислом, фарҳангу забони форсӣ, адабиёти омиёна, асотир ва афсонаҳо ба шаклҳои гуногун пардохта шудааст, ки баёнгари дағдағаҳо ва алоиқи ӯст.

Фирдавсӣ, шоир асту таърихи Эронро ба назм дармеоварад[†††], устураҳоро муаррифӣ мекунад, афсонаҳо ва достонҳое, ки дар адаби омма ривоҷ доранд, адибона месарояд, аз ойинҳо ва расму русуми эрониён мегӯяд ва қаҳрамонону паҳлавонони ин диёрро мешиносонад. Шеър низ яке дигар аз дағдағаҳои Зарринкӯб аст дар он сайр мекунад, ба нақдаш менишинад[‡‡‡], дурӯғ ва бедурӯғашро менамоёнад ва аз фанни фалсафа, таърих ва гузаштаи он мегӯяд. Ин ҳама сабаб мешавад то Зарринкӯб эҳсоси наздики бисёр ба Фирдавсӣ ва “Шоҳнома” пайдо кунад, андешаҳояшро бипазирад, дар онҳо ковиш ва ҷустуҷӯ кунад дар мақоми дифоъ аз ӯ барояду аз бузургии шоир ва асараш бигӯяд. Ҳатто агар Зарринкӯб дар солҳои поёни умр ба ишқ худ ба “Шоҳнома” чунин эътироф намекард: “Ҳеҷ ишқе ба қадри

[†††] Гӯё адиби муаррих шудааст

[‡‡‡] Ва ин бор муаррихи адиб гардидааст.

“Шоҳнома” дар тамоми умр то ин аҳд хотирамро барнаангехт. Шоҳнома ҳанӯз ҳам ишқи ман аст. Солҳои баъд буд, ки “Маснавӣ” рақиби он шуд.

Боз ҳам мешуд ин ишқро аз нигоҳи Зарринкӯб, осораш ва гуфтораш дар бораи Фирдавсӣ ва “Шоҳнома” дарёфт. Ишқе, ки монеъ аз сарфи вақт дар бораи “Шоҳнома”-и азими Фирдавсӣ шуд, аммо бар рӯҳу андешаи ӯ сиёҳӣ афканд.

Зарринкӯб чун Фирдавсӣ, ки умри хешро бар сари назми шоҳкораш гузошт, тамоми умрро сарфи илм, таърих ва фарҳанг кард. Агар Фирдавсӣ асаре ба азамати “Шоҳнома” навишт, ҳаҷми бисёр осор ва густураи фаъолиятҳои илмии Зарринкӯб нишон аз азамати кори ӯ дорад.

Ба тайъиди дӯстон ва ошноён ва шогирдон ва ҳатто мунтақидон маниш ва рафтори ӯ бар пояи арзишҳои ахлоқӣ ва хираду бузургманишии ӯ устувор буд ва мавриди таҳсини ҳамагон. Ӯ “Шоҳнома”-ро асари саршор аз ҳикмат ва таълими ахлоқӣ медонад ва таваҷҷуҳи Фирдавсӣ ба хирад ва адлу дод, ҳафт калому маниши бузургворонаи ӯро меситояд.

Дуруст аст, агар Фирдавсиро аввалин ишқ, муаллим ва оинаи вуҷуди Зарринкӯб бидонем ва ба таҳсини ҳар ду бархезем.

А Д А Б И Ё Т

1. Басир Муждиӣ, Сомеҳ. Офтоби маърифат/ Басир Муждиӣ, Сомеҳ. –Теҳрон: Амири Кабир, 1385. -552с.
2. Деҳбошӣ Алӣ. Корномаи заррин. Дафтари пажӯҳишҳои фарҳангӣ/ Деҳбошӣ Алӣ. –Теҳрон, 1379.-974с.
3. Деҳбошӣ Алӣ. Ёдгорномаи устод Абулҳусайни Зарринкӯб. Анҷумани осор ва мафохири фарҳангӣ/ Деҳбошӣ Алӣ. -Теҳрон, 1376.-610с.
4. Зарринкӯб, Абулҳусайн. Ошноӣ бо нақдиадабӣ/ Абулҳусайн Зарринкӯб. –Теҳрон: Сухан, 1374.-508с.
5. Зарринкӯб, Абулҳусайн. Аз гузаштаи адаби Эрон/ Абулҳусайн Зарринкӯб. –Теҳрон: Алҳудо,1375.-588с.
6. Зарринкӯб, Абулҳусайн. Бо корвони ҳула/ Абулҳусайн Зарринкӯб. –Теҳрон: Илм, 1374.-367с.
7. Зарринкӯб, Абулҳусайн. Ду қарни сукут/ Абулҳусайн Зарринкӯб. –Теҳрон: Сухан, 1378.-330с.
8. Зарринкӯб, Абулҳусайн. Сайре дар шеъри форсӣ/ Абулҳусайн Зарринкӯб. –Теҳрон: Илм, 1371.-600с.
9. Зарринкӯб, Абулҳусайн. Шеъри бедуруғ, шеъри бе ниқоб/ Абулҳусайн Зарринкӯб.–Теҳрон: Ҷовидон, 1375.-337с.
10. Зарринкӯб, Абулҳусайн. Ҳикоят ҳамчунон боқӣ/ Абулҳусайн Зарринкӯб. –Теҳрон: Сухан, 1379.-507с.
11. Зарринкӯб, Абулҳусайн. Номварнома/ Абулҳусайн Зарринкӯб. –Теҳрон: Сухан, 1381.-194с.
12. Зарринкӯб, Абулҳусайн. Пири Ганҷа дар ҷустуҷуи нокуҷообод/ Абулҳусайн Зарринкӯб. – Теҳрон: Сухан, 1374.-359с.
13. Зарринкӯб-сарбози илм, сарбози фарҳанг/ Абулҳусайн Зарринкӯб. –Шероз: Достонсаро, 1383.-301с.
14. Ойдинлу Саҷҷод. Мурурe бар корномаи шоҳномапажӯҳии устод Зарринкӯб/ Ойдинлу Саҷҷод //Сарбози илм, сарбози фарҳанг.- Шероз: Достонсаро,1383.-С.192-197.

ЗАРРИНКУБ О ФИРДОУСИ

Доктор Зарринкуб, являясь исследователем истории, культуры и языка персидской поэзии, в каждой своей статье стремился показать правдивость высказанного им. Что касается его отношения к Фирдоуси, и его “Шахнаме” то можно сказать, то здесь чувствуется его огромная любовь, благоговение и уважение к поэту. В данной статье излагается точка зрения Зарринкуба о роли Фирдоуси в персидско- таджикской литературе и его гениальном произведении “Шахнаме”

Ключевые слова: Зарринкуб, Фирдоуси, “Шахнаме”, философия, история, культура, персидская поэзия.

ZARRINKUB OF FERDOWSI

Doctor Zarrinkoub is researcher scholar interested in culture, history, language and poem of farsi who has worked in different fields. Although, he has worked in various branches professionally, he did not spend time as much as mentioned fields for Shahnameh and Ferdosi. While rare peaces which have been left from him about Shahnameh and Ferdosi do not show anything except his love and devotion to them. That sort of love and devotion prevent him to research about Shahnameh and Ferdosi. In this article beside of introducing Zarrinkoub’s works about Shahnameh, we are going to talk about the place of Ferdosi in Zarrinkoub’s ideas.

Key words: Zarrinkub, Ferdowsi, Shahnameh ", philosophy, history, culture, Persian poetry.

Сведения об авторе: Настаран Иброхимзода – соискатель Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им.А.Рудаки АН РТ

ТАБАРИ О МЕРВЕ И МЕРВСКОМ ОАЗИСЕ

Ф. Б. Бобоев
Институт языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им. А. Рудаки АН РТ

Фундаментальный свод «Та'рих ар-русул ва аль-мулук» («История пророков и царей») великого историка и богослова имама Мухаммада ибн Джарира ат-Табари (838-923) является комплексом огромного числа мифологических преданий и исторических легенд, изложенных в хронологической последовательности. Духовные традиции и обычаи народов Халифата, запечатленные в этом историческом своде, стали достоянием широкого круга читателей того времени. В хронике зафиксировано множество исторических и мифологических сведений о персоязычных и тюркоязычных народах и их городах с древних времен до 302 года хиджры (915 г.). Эти сведения почерпнуты из сокровищницы мусульманской культуры и доисламских источников научно-литературного и историко-географического характера. Данная статья посвящена информации о старом городе Мерве, Мервском оазисе и культурных связях между персоязычными и тюркоязычными обитателями края, содержащейся в данном памятнике. Изучению этой темы был посвящен труд В.А. Жуковского. По словам академика В.В. Бартольда, «именно труд проф. В. А. Жуковского о Мерве удовлетворяет современным научным требованиям» [2, 112]. Даже основываясь на фрагментах, которыми мы располагаем в контексте этого памятника, можно судить о важности самого города Мерва в региональной имперской слаженности и гармонии, требовании органической сплоченности к народам этого региона. Также следует отметить, что совокупность данных античных авторов, особенно Геродота, Ктесия и первоисточников иранской письменности свидетельствуют о важности древнего Мерва в контексте центрально-азиатской культуры и истории. Р. Фрай также утверждает, что основные источники информации о двух династиях – о Мидийцах и Ахеменидов принадлежат греческому историку Геродоту. Он считает «взгляды Геродота предвзятыми и тенденциозными, и в то же время признает необходимость исследования его сообщений, утверждая, что во многих случаях они переданы как рассказы» [9, 310].

Впервые о Мерве Табари упоминает, повествуя об отношениях между правителем персов Манучехром ибн Ираджем ибн Фаридуном и правителем тюрков Афрасиябом ибн Иршаспом ибн Туджем ибн Фаридуном. Во время своей коронации Манучехр обещал мстить за коварно убитого Ираджа, загубленного братьями Туджем (Туром) и Салмом. После долгих кровопролитных схваток в Омуле, городе Табаристана, Афрасияб взял войска Манучехра в круговую осаду, которая продолжалась больше десяти лет. В конце концов, враждующие стороны устали и пришли к соглашению о прекращении войны следующим образом: пригласили некоего сильного стрелка Аришабатыра и договорились провести границу там, где упадет его стрела. Аришабатыр выпустил стрелу, и она упала в районе реки Джейхун. После этого Джейхун (Амударья) стала разграничительной линией между потомками Тура и Ираджа, туранцами и иранцами. Этим выстрелом Аришабатыра прекращалась война между Афрасиябом и Манучехром [7, 228].

Активизация событий в Мавераннахре и Хорасане начала новой эры тесно связана с выходом на политическую арену сасанидских царей, особенно Ардашира Папака, и его борьбой за ликвидацию последствий завоевательной политики Александра Македонского. Предки Ардашира происходили из знатного рода: дед Сасан был жрецом главного храма огня Анахид в Истахре, его жена принадлежала к роду царской династии Парса из рода Базаранджин (перс. Базранги). Ардашир дал обет восстановить былую мощь иранского государства времен своего предка – Дария, попранную завоеваниями Александра Македонского и деяниями «удельных правителей» (мулук ат-таваиф) [7, 341]. Ардашир стал основателем и первым царем династии Сасанидов. В соответствующих разделах «Истории» подробно описываются войны, которые вел Ардашир на Востоке с целью расширения территорий Сасанидского государства. Он нанес решающее поражение Ардавану (Артабан V), и Парфянское царство прекратило существование. Победив и обезглавив крупного «удельного правителя» Ардавана, он в тот же день короновался и принял титул шахиншаха (царя царей). Далее мы находим упоминание города Мерв в таком контексте: «Затем он из Савада отправился в Истахр и оттуда – в Сиджистан, затем

в Джурджан, затем в Абаршахр, Мерв, Балх и Хорезм – к границе Хорасана. После этого он вернулся обратно в Мерв, убил нескольких людей, и отправил их головы в храм огня Анахид. Затем он отошел из Мерва в Персию и остановился в городе Гур. Посланцы королей Кушана, Турана и Мукрана прибыли к нему и заявили о своем повиновении [7, 391].

Впервые в этих разделах применяется термин «тухуму Хурасан» – «границы Хорасана», а обобщающее сообщение о вхождении Мерва в состав Сасанидской империи говорит о немаловажной военно-политической и географической значимости этого древнего города. При описании государств Сасанидов и Эфталитов и их царей – Хушнаваза и Пероза, решивших выяснять отношения военным путем, мы находим следующее сообщение: «Когда они построили войска к бою, между ними и эфталитами лежало великое пространство пустыни Мерва – то, что называют внутренней пустыней» [3, т. 2, 171]. Это дает основания полагать, что у народов региона имелся специальный сценарий боевого построения перед сражением, подробное описание которого имеется в эпосе Фирдоуси – «Шахнаме». Что касается внезапного нападения – «шабехун», его происхождение в военном искусстве иранцев восходит к грекам [5, 290].

Много исторических и мифологических сообщений, связанных с Мервом и Мервским оазисом, мы находим при описании судьбы свергнутого царя Сасанидов Яздегирда ибн Шахрияра и его трагической смерти. В разделе «Сказание о судьбе Йаздеджирда (Яздегирда) в Хорасане и о причинах его убиения» [3, т.2, 718] описываются события 22 года хиджры. Халиф Омар назначил Ахнафа ибн Кайса своим наместником в Хорасане. Под натиском арабских завоевателей персидский царь со своим окружением и военной охраной был вынужден отступать из города в город. Яздегирд, по сообщениям памятника, практически воочию увидел завоевание таких городов и областей, как Нахованд, Исфахан, Рей, Кумис, Джурджан, Табаристан, Азербайджан, Дербент (Баб уль-Абваб), Балх, Герат и Мерв. Перед выходом из последней своей резиденции Джалула, Яздегирд забрал с собой огонь главного храма огня и отправился в старый город Рей. В Рее к нему явился некий колдун Абан. Яздегирд, испугавшись за свою жизнь, исполнил требование Абана официально удостоверить печатью и подписью права последнего на несколько владений. После этого царь покинул Рей и отправился в Исфахан, но не смог там задержаться. Он намеревался найти спокойствие в Кирмане и решил хранить священный огонь в этом городе. Но через некоторое время ему пришлось переместиться со своим окружением в Хорасан и остановиться в городе Мерве. «И огонь был вместе с ним» – добавляет Табари. Яздигерд возвел в Мерве храм, заложил вокруг него большой сад и заново возжег в храме самый древнейший огонь империи. В расстоянии двух фарсахов от храма он построил для себя резиденцию и управлял оттуда городами Аджама, не завоеванными арабами [7, 546]. В данном разделе мы находим названия всех городов Мервского оазиса – Мерв, Мерв Шахиджан и Мерварруд. К последнему остается прибавить, что «при персах и арабах верхний Мерв, стоявший почти на самом берегу реки, назывался еще, в отличие от нижнего, «Мервом реки» – Мерв-и руд, по-арабски Мерв ар-руд» [1, 137]. В это время халиф Омар назначил Ахнафа ибн Кайса правителем Хорасана. Ахнаф ибн Кайс вошел в Хорасан из Табасайна, завоевал Герат и вплотную приблизился к Мерву. Он одновременно отправил свои войска в Нишапур и Сарахс, а сам подошел близко к Мерву Шахиджану. Яздегирд отступил в Мерварруд. Через своих посланников он обратился за помощью к хакану – правителю тюркского Каганата, и к правителю Согда и Чина. Однако помощь не пришла. К Ахнафу же подошло подкрепление из 4 тысяч человек, среди военачальников там были Бурейда ибн Хусайб, Алкама ибн Назр, Риб'и ибн Омир ат-Тамими и Ибн Умм Газал ал-Хамдани. Ахнаф один за другим стал занимать города Мервского оазиса. Яздегирд был вынужден отступать, отходя через реку, в Балх. Некоторое время он, объединившись с войсками Каганата, еще оказывал сопротивление войскам мусульман. Города Мервского оазиса несколько раз переходили из рук в руки. Когда Яздегирд обратно вернулся в Мерв Шахиджан, войска Хатама ибн Ну'мана окружили его, а войска Каганата отступили в Балх. Войска мусульман захватили сокровищницу сасанидского царя Яздегирда. Когда халифом стал Усман ибн Аффан, Яздегирд решил вернуться обратно в Мерв. Не найдя поддержки со стороны своих приближенных, он бежал и спрятался на мельнице. Там его захватили, убили и бросили в реку [4, т.3, 540].

В исламской части сочинения Табари события, связанные с Мервом, находятся в центре политической и экономической жизни Хорасана. Автор приводит полный хронологический материал о завоевании Мерва и других городов арабами, о религиозно-идеологических миссиях шейха Бурейды ибн Хусайба, Хакама ибн Амра Гифори и Мухаллаба ибн Абисуфра, и конечно же, о военно-политических деяниях Кутайбы ибн Муслима. 86 год хиджры тесно связан с активизацией завоевания Мавераннахра и Хорасана. С началом правления халифа Валида ибн Марвана арабский полководец Кутайба ибн Муслим прибывает в город Мерв в качестве правителя Хорасана [3, т.4, 1282]. Местонахождением и резиденцией его становится город Мерв. Базируясь в этом городе, он вместе со своими братьями Салихом и Абдуллахом в течение нескольких лет осуществил полное завоевание городов Мавераннахра и Хорасана и подчинил их центральной власти Халифата. В деле расширения Дару-л-ислам (букв. Страны распространения ислама) особенно отличилось племя Бахила. Принятие ислама народами Мавераннахра и Хорасана, синтез, культурный взаимообмен иранских и тюркоязычных народов этого региона с мусульманской культурой в большинстве случаев происходил на добровольной основе. Возрождение иранской культуры под эгидой исламского монотеизма способствовало взаимообмену и взаимообогащению тюркских, индийских и китайских элементов государственности, политики, культуры и межличностных отношений. В новой исламской интерпретации эта информация с помощью и посредством сформировавшегося к этому времени языка фарси-дари обогатила арабскую культуру, а затем стала достоянием всего Старого Света. Иранский ученый Абулкасем Радфар, изучив творчество более 30 поэтов этого древнего города, констатирует, что «город Мерв из древних времён был колыбелью воспитания учёных и поэтов, известных мастеров слова, местом организации различных научных и литературных кружков, где проходили дискуссии. Научное положение города Мерва привело к переезду учёных из других регионов в эту область» [6, 254]. Привлекательность и важность Мерва всегда находились в центре внимания поэтических описаний поэтов разных времен. В поэме «Вис и Рамин» Фахриддин Гургани мы находим следующие строки о красоте этого города:

Прекрасен Мерв, земных владык приют!
Прекрасен Мерв, где цветники цветут!
Прекрасен Мерв зимой и в летний зной,
Он осенью прекрасен, как весной! [8, 410].

В рассматриваемом памятнике дан полный и подробный исторический очерк деятельности уроженцев города Мерва – Абумуслима, предводителя антиомейядского движения «людей под черными знаменами и в черных одеждах», и Муканны – вождя антифеодального и антиарабского восстания «людей в белых одеждах».

События 129-137 годов хиджры связаны с именем и деяниями Абумуслима Хорасани. Он был свободным рабом, а по ремеслу – седельником. Политическая обстановка в династии Омейядов в это время обострилась. В 128 году хиджры Абумуслим вместе с группой паломников Хорасана впервые совершает паломничества в Мекку. И здесь «этот бдительный, умный и просвещенный свободный раб попадает в поле зрения представителей Аббасидской династии. Мухаммад ибн Али, обращаясь к паломникам Аббасидов, произнес: «Идет сотый год правления Омейядов, и я вижу в этом свободном рабе решение ваших проблем» [3, т.4, 1488]. После возвращения Абумуслима из хаджа в Мерв его политическая значимость резко возросла, и он стал открыто призывать народы Мавераннахра и Хорасана к свержению Омейядов. С каждым годом количество городов, поддерживавших призыв Абумуслима, становилось все больше; его сторонники одевались в черное и собирались под черными знамёнами. Такие правители, как Хубайра и Наср ибн Сайёр, сыновья Мухаммада ибн Али – Ибрахим ал-Имам, Мансур и Яхъя тесно сотрудничали с Абумуслимом. В данном памятнике излагается подробное описание деятельности Абумуслима в каждой провинции халифата и приход Аббасидов к власти. После завершения миссии Абумуслима аббасидские халифы начали опасаться его и держали его в Багдаде. А сам Абумуслим хотел вернуться в Хорасан как победоносный правитель, однако халиф Абуджафар Даваники всячески препятствовал ему. В136 году хиджры халифу понадобилась помощь Абумуслима в свержении правителя Шама (Сирия) и он отправил его в Дамаск. Абумуслим успешно провел сражение против правителя Шама и отправил сообщение халифу об этом. Абуджафар Давоники назначил

Абумуслима правителем Шама, но тот отказался и отправил Абуджафару письмо, написав, что предпочел бы править Хорасаном. Халиф прочувствовал, что Абумуслим превратился в символ двоевластия в халифате, вызвал его к себе в Багдад и в 137 году хиджры зверски убил.

Следует отметить, что появление и возвышение Абумуслима ал-Хорасани в политической жизни Халифата лишний раз показало значимость Мавераннахра и Хорасана в решении насущных проблем и в то же время открыло глаза на возможность поиска путей самостоятельного развития. Пройденный путь и политический опыт Абумуслима был широко применен при образовании региональных династий.

Описание деятельности Муканны Хорасани, лидера антифеодального и антиарабского восстания «людей в белых одеждах», мы находим в хронике событий 161 года хиджры. По сравнению с детализированным сообщением относительно Абумуслима Табари описывает восстание Муканны очень лапидарно. В хронике событий 161 года мы находим сообщение следующего содержания: «Одно из событий, имевших место в том году – появление Хакима ал-Муканна в Хорасане, в одной из деревень Мерва. Как полагают, это появление было связано с метемпсихозом (переселением душ). Он сбил с истинного пути множество народу в городах Мавераннахра. Халиф Махди отправил несколько своих полководцев для его разгрома, таких как Муизз ибн Муслим, Укба ибн Муслим и Джабраил ибн Яхъя. А потом Мехди назначил полководца Саида ал-Хараши ответственным за разгром Муканны. Муканна начал запасаться продовольствием в крепости Санам вблизи города Кеш» [3, т. 5, 1667].

По сведениям других источников, Муканна объявил себя творцом и объявил своим сторонникам, что он каждый раз принимает облик разных пророков – Адама, Ноя, Авраама, Иисуса, Мухаммада. Он хотел поднять народ против господства арабских правителей. Поэтому его сторонниками был простой народ – ремесленники и земледельцы. Восстание Муканны вызвало большой резонанс во многих областях Халифата. Согласно сообщениям Табари, 163 год хиджры был годом смерти Муканны. Саид ал-Хараши окружил крепость, и день за днем продовольственный запас и, соответственно, возможности обороны уменьшались. Поняв, что положение его безвыходно, Муканна отравил своих жен, приближенных и отравился сам. Войска Саида ал-Хараши ворвались в крепость и, обнаружив его труп, отрубили голову Муканны и отправили ее халифу Махди, находившемуся в то время в городе Алеппо.

Вышеизложенный материал, почерпнутый из «Истории пророков и царей», можно подытожить таким образом: город Мерв при правлении Сасанидов был одним из главных городов центральной Азии и имел статус, приравненный к столице империи; удобное географическое положение города превратило его в важнейший плацдарм арабских завоевателей, использовавших его для дальнейшего расширения зоны распространения ислама; город Мерв не раз создавал политическую угрозу арабским халифам и играл немаловажную роль в формировании национальных династий всех народов региона; Мерв как один из центров древней цивилизации на Востоке и после исламских завоеваний привлекал внимание историков, поэтов, писателей, путешественников.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Бартольд В. В. К истории орошения Туркестана / В.В. Бартольд //Работы по исторической географии. – М.: «Восточная литература», 2002. – С. 136-157.
2. Бартольд В. В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия / Сочинения. – М.: ИВЛ, 1963. – Т. 1. – 567 с.
3. История Табари // Предисловие и комментарии к тексту Навафа Джаррах. – Бейрут, «Дар Садер», 2003. – В 6 т. (на араб. яз.). – 2505 с.
4. История Табари: персидский перевод, приписываемый Бал'ами (Та'рихнамэ-и Табари: гарданида-и мансуб ба Бал'ами) // Под редакцией и с предисловием Мохаммада Роушана. Тегеран, «Суруш», 1999. – В 5т. (на перс. яз.).
5. Мерв-наме (Книга о Мерве) / Перевод с персидского Г. Курбанова. – Ашхабад, Культурный центр Ирана, 2003. – 336 с.
6. Радфар Абулкасем. Поэты Мерва / Мерв-наме (Книга о Мерве). Перевод с персидского Г. Курбанова. – Ашхабад, Культурный центр Ирана, 2003. – С. 248-279.
7. Табари Абуджафар Мухаммед ибн Джарир. История Табари: история наций и царей в 5-ти томах. – Бейрут, 1988. – Т. 1. – 579 с. (на араб. яз.).
8. Фахриддин Гургани. Вис и Рамин / Перевод с персидского С. Липкина. – М.,: Худ. лит-ра, 1963. – 495 с.
9. Фрай Р. Восточный Иран и Центральная Азия / Мерв-наме (Книга о Мерве). Перевод с персидского Г. Курбанова. – Ашхабад, Культурный центр Ирана, 2003. – С. 287-336.

ТАБАРИ О МЕРВЕ И МЕРВСКОМ ОАЗИСЕ

Данная статья посвящена анализу информаций о старом Мерве, Мервском оазисе и межкультурных связях народов Центральной Азии, содержащейся в хронике Табари. Даже основываясь на фрагментах, которыми мы располагаем в контексте этого памятника, можно судить о важности самого города Мерва в региональной имперской слаженности и гармонии. В исламской части памятника Мерв находится в центре политической и экономической жизни Хорасана. Автор приводит полный хронологический материал о завоевании Мерва и других городов арабами, о религиозно-идеологических миссиях шейха Бурейды ибн Хусайба, Хакама ибн Амра Гифари и Мухаллаба ибн Абисуфра, и конечно же, о военно-политических деяниях Кутайбы ибн Муслима. Также дан полный и подробный исторический очерк деятельности уроженцев города Мерва – Абумуслима, предводителя антиомейядского движения «людей под черными знаменами и в черных одеждах», и Муканны – вождя антифеодального и антиарабского восстания «людей в белых одеждах».

Ключевые слова: «История Табари», Мерв и Мервская область, судьба Сасанидской империи, арабские завоевания, восстания Абу Муслима и Муканны, социально-культурное значение города Мерв.

TABARI ABOUT MERV AND MERV OASIS

This article is devoted to analysis of information about the old Merv, Merv oasis and intercultural relations between Central Asia peoples, contained in the Tabari's chronicle. Even based on the fragments which we possess in the context of this monument, we can judge the importance of the Merv city in imperial regional coherence and harmony. In the Islamic part of the monument Merv is located in the center of Khorasan political and economic life. The author gives a complete chronological material about the Arab conquest of Merv and other cities, about sheikh Ibn Bureid Husayb, Hakam ibn Amr Ghifari and Muhallab Abisufra religious-ideological missions, and of course, about Qutaiba ibn Muslim military-political acts. There is also a complete and detailed historical review about activities of the two Merv city natives – Abu Muslim, the leader of the anti-Umayyad movement "people under black banners and dressed in black" and Mukanna' – the leader of anti-Arab and anti-feudal uprising "people in white robes".

Key words: "The History of Tabari", Merv and Merv region, the fate of the Sasanian Empire, the Arab conquests, Abu Muslim and Mukanna uprising, social and cultural importance of Merv city.

Сведения об авторе: ***Файзулло Бобоев*** – кандидат филологических наук, старший научный сотрудник Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им. А. Рудаки АН РТ.
Телефон**: (+992) 907842090. Электронная почта: E-mail.arab62@mail.**

МУХТАССОТИ САБКИИ ҚАСОИДИ АСРИ XV

Муҳаммаддовуди Мунир
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Қасидасарої дар адабиёти форсии тоҷикӣ ҳамзоди нахустин шеър ба забони форсии дарӣ буда, дар ҳамон садаҳои нахустин оғоз гардида буд. Ин қолаб дар даврањои гуногуни адабӣ ва дар дарборҳои шоҳону амирон аз эътибору аҳамияти мутафовите бархурдор буда, аз ин миён бештарин маҳбубияту ривоҷу такомули худро дар давраи Ғазнавиён ба даст оварда буд. Қасидасарої ҳамзамон бо дигар анвои шеъри форсӣ дар даврањои мухталифи адабӣ ҳампо бо таҳаввулоти сиёсию иҷтимоию фарҳангӣ маърӯз ба дигаргуниҳое гардид.

Ҳамин тавр, аз лиҳози мизони корбурду маҳбубият то даврањои пасин аз айни аҳамият бархурдор набудааст. Мазид бар ин, ин қолаби муҳимму асосӣ дар шеъри даврањои хуросонию ироқӣ маърӯз ба дигаргуниҳои шаклию муҳтавої низ гардид. Аз ин миён дар нимаи дувуми қарни панҷуми ҳиҷрӣ сабки қасидапардозӣ бо дигаргуниҳои бештаре ҳамроҳ шуд. Аз ҷумла, инҳироф аз содагию равонӣ, нуфузи фикрию маънавии адабиёти араб, духули улуму маориф дар адабиёт, таваҷҷуҳ ба иборатпардозию санъатҳои лафзӣ, шуюъи ашъори ҳаҷвия шиквоия, фахрия, ғалабаи таассуботи динӣ, вуруди мавзӯоти фалсафию каломӣ ва ғайра муҷиби такаллуфи қасидасарої гардид.

Аз тарафи дигар, шуюъи тасаввуф бо Саноию Аттор сӯзу гудозу ҳолоту маънавиятеро, ки лозимаи шеърсарої буд, дар қолабҳои гуногуни шеърӣ, аз ҷумла қасида ба вуҷуд овард. Лафзбозию такаллуфоти адабӣ бо Ҷамолуддини Исфаҳонӣ, Муҷири Байлақонӣ, Сайфи Нишопурӣ, Рашиди Ватвот, Хоқонӣ, Амир Муиззӣ,

шеъри ахлоқию ирфонӣ бо Кисоии Марвазӣ, Носири Хусрав, Саноӣ, Аттор..., шуюъи саноеи бадеӣ бо Қатрони Табрезӣ, Азрақии Ҳиравӣ, Рашиди Ватвот, Абдулвосеи Ҷабалӣ, Амъақи Бухороӣ, Асирии Ахсикатӣ ва Имодӣ бештару бештар гардид.

Дар давраи Муғул шеъри ирфонӣ ба авҷи камоли худ расиду қолаби ғазал дар комилтарин сурати худ мутаҷаллӣ шуд. Аз ҳамин ҷиҳат ин даврaро асри ғазалу маснавӣ хондаанд ва дар иваз "қасида, ки фахомату салобати алфозу таркибот аз мушаххасоти он аст, равнақу аҳамияти худро аз даст дод" [14, 162]. Андаке пас аз ин аз мусомиҳае, ки нисбат ба қасида дар давраи Элхониҳо шуда буд, теъдоди қасоиду танаввуи мазомини онҳо дар девони Ибни Ямин, ки нишонгари навъе беҳбуд буд, ба мушоҳида мерасад. Ин беҳбудии ҷойгоҳи қасида дар шеъри форсии тоҷикӣ дар давраи Темуриён суръати бештаре ёфт, ҳарчанд ки қасида дар ин давра он равнақи пешини худ дар давраҳои Ғазнавию Салҷуқиро боз наёфт, бо ин вуҷуд бархе аз бузургтарин шуарои асри Темурӣ ин қолаби шеъриро ба кор бурданд ва ҳатто ба таври густурдае онро густариш доданд, ки аз он ҷумла метавон ба Котибии Нишопурӣ, Бобосавдоӣ, Муҳаммади Бадахшӣ, Исмати Бухороӣ ва бархе дигар ишора кард [27, 345].

Бо ин ҳам чандин шоири номдор, ба монанди Навоӣ, Осафӣ ва Ҳилолӣ қасоиди бисёр андаке сурудаанд ва ҳатто бархе, назири Мавлоно Тӯсӣ, ба худ меболиданд, ки қодир нестанд ба заъми худашон чоплусӣ кунанду қасоиди чоплусона бисароянд. Аз Мавлоно Тӯсӣ аст, ки мегӯяд:

Ман чу табъи латифи Хоҷа Камол
Ғазали бад наметавонам гуфт.
Гар нагӯям қасида, боке нест,
Ман хушомад наметавонам гуфт (8, 457).

Яке аз авомиле, ки раванди қасидасароӣ ва эътибори онро дар ин давра суръат бахшид, таваҷҷуҳи шоҳону шоҳзодагони Темурӣ ба қасидасароӣ буд. Инон, ки ҳомию дӯстдор ва алоқаманди шуарову фузало буданд, аз шуарои дарбори худ интизор доштанд, то ба муносибатҳои гуногун, монанди ҷашну суру маросимҳо қасоиди мадҳӣ бисароянд. Давлатшоҳи Самарқандӣ аз Озарӣ нақл мекунад, ки ӯ қасоиди мадҳии фаровоне дар тамҷиди Шоҳрух ва ҳукому умарои дигар сурудааст. Ҳатто, баъд аз ин ки чандин қасидаи фохиру зебо суруд, Шоҳрух ба ӯ (Озарӣ - М.М.) қавл дод, то ӯро ба мақоми малик-уш-шуароӣ муқаррар кунад [8, 399].

Мавзӯи истиқбол аз шуарои салаф низ аз авомилест, ки дар ривоҷи бештари қасидасароии ин давра нақше дархур доштааст. Бархе аз шоҳону шоҳзодагони Темурӣ аз шуарои дарбори худ мехостанд, то монанди фалон қасидаи шоири мутақаддим худ қасида ва ё қасоиде бисароянд. Ин амр дар паҳлӯи ин, ки муҷиби ривоҷи рӯзафзуни қасида дар ин аср гардид, иллати асосии гароиш ба шеваву сабки қасоиди пешинро низ муҷиб гардид.

Бархе аз қасоиди ин давра бо таваҷҷуҳ ба иноятu истиқбол аз қасоиди пешин ба сурати қасоиди маснӯъ ва мутакаллифи давраҳои гузашта даромаданд ва бархе низ аз ҳамон шеваҳои устодони қасида дар давраи хуросонӣ истиқбол намуданду ба ин восита муҷиби ривоҷи ин шева дар қасидасароӣ гардиданд.

Дар ин миён бо таваҷҷуҳ ба таҳаввулоту дигаргуниҳои воридшуда дар шеъри ин давра қасида низ маъруз ба таҳаввулоти инчунинӣ шуд, ки наметавон онҳоро пайравии сирф аз қасоиди содаву равон ва ё мутакаллифи пешин донист. Дар ҳар ду шева, ки мавриди истиқболи шуарои асри мавриди назар буда, тағйироте низ ба чашм меояд. Ин ба дурустӣ мерасонад, ки қасоиди ин давра бархе вижагиҳо ва мумайизаҳое дорад, ки мумкин дар даврaҳои пешину пасин ба он паймона натавон

ба мушоҳида гирифт. Дар идома барои рӯшан шудани ин матлаб бархе аз муҳимтарин мухтассоти сабкии қасоиди ин давраро ба баррасӣ мегирем.

Танаввӯи мавзӯъ. Масъалаи танаввӯи мавзӯъ ва мазмун яке аз муҳимтарин вижагиҳои сабкии шеъри асри XV ба ҳисоб меравад, ки бештари соҳибназарон ин амрро дар ғазал, ки қолаби мусаллати шеърӣ дар ин давра мебошад, матраҳ менамоянд. Аммо ин мумайизаи барҷастаро бо баррасии дақиқ метавон дар қасоиди ин аср низ ба рӯшанӣ мушоҳида намуд. Бо мулоҳизае, ки дар сарчашмаҳои мавҷуд ва бархе манобеи таҳқиқии адабиёти ин давр сурат гирифт, мавзӯъҳо ва мазомини зерин дар қасоиди асри XV ба мушоҳида мерасад: ҳамду наъту манқабат, мадҳу ситоиши бузургони аҳли дин, тавсифи манзараҳои табиат, муфохира, муаммо, модаи таърих, шиква, ишороти илмиву ирфонӣ, марсия, ҳаҷву ҳазл.

Мадҳ дар қасоиди шоирон, ба монанди Аҳлии Шерозӣ, Бобофиғонӣ, Исмати Бухороӣ, Котибии Туршезӣ, Мавлоно Ҷомӣ, Лутфуллоҳ, Озарӣ, Доӣ, Шоҳ Неъматуллоҳ, Қабулӣ, Амир Ҳумоюн, Ҳасаншоҳ, Биноӣ, Умедӣ, Бисотӣ, Ҳилолӣ ва Орифӣ дида мешавад [ниг.:2, 5-12-253; 10, 239, 11, 358; 27, 112-117; 27, 211-357; 27, 347-659; 18, 203-204; 8, 496; 1, 771].

Ситоиши бузургони дин дар қасоиди шоирони зерин қобили мушоҳида аст: Ибни Ҳисом, Котибӣ, Аҳлӣ, Ҳилолӣ, Юсуф Амирӣ, Орифӣ, Муҳаммади Бадахшӣ, Исмати Бухороӣ, Лутфуллоҳ, Соҳибии Балхии Шарифӣ, Озарии Тӯсӣ, Хоҷа Аҳмади Муставфӣ, Хаёлӣ, Ғиёсии Форсӣ, Ҳасани Салимӣ, Мавлоно Толиӣ, Бобосавдоӣ, Барандақи Хуҷандӣ, Низоми Астарободӣ, Авҳадии Сабзаворӣ ва дигарон [ниг.: 27, 659-666; 8, 492-494; 18, 205-207; 2, 423-425; 13, 8-16; 11, 186-187; 10, 265-276-290-320-329].

Мавлоно Ҷомӣ, Ҳилолӣ, Аҳлӣ, Навоӣ, Лутфуллоҳи Нишопурӣ, Барандақ, Ибни Ҳисом, Озарӣ, Доӣ ва Анисӣ низ аз шуарое ҳастанд, ки дар қасоидашон ба мавзӯи панду андарзу ахлоқ пардохтаанд [ниг.: 25, 115; 26, 223; 18, 204; 2, 412-414, 431-433, 445-457].

Шуарое, ки дар қисмати насиби қасоидашон ва ё дар матни он ба тасвири манозир, осмону ситорагон, айёми рӯзу фусули сол ва ғайра пардохтаанд, инҳоянд: Бобосавдоӣ, Фиғонӣ, Аҳлӣ, Шаҳобӣ, Абӯисҳоқ, Мавлоно Ҷомӣ, Котибӣ, Ибни Ҳисом, Озарӣ ва Қабулӣ [ниг.:27, 347-348, 633; 18, 205-208; 17, 447-450, 355-362; 13, 8-24, 142; 15, 85, 260, 369; 10, 249; 21, 142].

Шуарои зерин дар қасоиди худ ба муфохира таваҷҷуҳ доштаанд: Мавлоно Ҷомӣ, Лутфуллоҳи Нишопурӣ, Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ, Ибни Ҳисом [ниг.:6, 62; 24, 61-62].

Муаммо ва моддаи таърих аз мавзӯъҳои дигарест, ки дар қасоиди бархе аз шуарои ин давра роҳ ёфтааст. Аз ҷумла, Ҷомӣ, Навоӣ ва дигарон [ниг.:14, 172; 24, 62; 22, 238] ба ин мавзӯъ таваҷҷуҳ доштаанд.

Шикваю гила аз рӯзгор аз дигар мавзӯотест, ки бархе шоирони асри мавриди назар дар қасоидашон ба он иноят доштаанд, ба монанди: Лутфуллоҳи Нишопурӣ, Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ, Ибни Ҳисом, Мавлоно Ҷомӣ, Мавлоно Зулолӣ, Аҳлии Шерозӣ ва дигарон [14, 172; 27, 348, 663; 20, 199; 2, 516].

Дар миёни шуарои асри XV Исмати Бухороӣ, Ҷамолии Кашкӯлӣ, Мавлоно Ҷомӣ, Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ, Шоҳ Доӣ ва дигарон дар қасоидашон ба мавзӯъҳо ва мазмунҳои илмӣ, таълимӣ, тасаввуфӣ-ирфонӣ иноят доштаанд [8, 400-403; 27, 348, 654; 15, 34-35, 207-208; 6, 86].

Аҳлии Шерозӣ, Амир Ҳумоюни Исфаронӣ ва дигарон аз шуароеанд, ки дар қасоиди худ марсиясароӣ кардаанд [2, 516; 27, 346].

Ҳаҷву ҳазл аз мавзӯотест, ки бархе аз шуарои мактаби адабии Ҳирот, ба монанди Мавлоно Ҳасаншоҳ ва Бобосавдоӣ дар қасоидашон ба он пардохтаанд [17, 355-362].

Илова бар инҳо, мавзӯъҳои дигари аз нигоҳи басомад нисбатан чашмрас, амсоли ҳасби ҳол ва нақди шеър низ дар шеъри шоирони асри мавриди назар ҳаст, ки дар қасоиди шуарои асри мавриди мутолиа ҳам ба мушоҳида мерасад.

Истиқбол аз қасоиди пешиниён. Истиқболи қасоиди машҳури гузаштагон яке аз вижагиҳоест, ки аз авоили давраи Темурӣ мавриди таваҷҷуҳи шоирони ин аҳд қарор гирифтааст. Дар воқеъ, метавон гуфт, то ҳадди зиёде шоҳону шоҳзодагон, вазирон ва соири ҳомиёни шуаро мушаввиқи истиқболи шуаро аз қасидаҳои даврaҳои пешин будаанд. Сабаби ин амр дар он будааст, ки ба ин восита зимомдорон тавоноии шоирони дарбори хешро маҳак мезадаанд. Ба таври мисол, вақте Котибӣ ба дарбори Бойсанғур Мирзо рафт, мутаваҷҷеҳ шуд, ки Бойсанқур ба тамоми шуарои дарбораш дастур дода буд, то қасидае мушобеҳи қасидаи Сӯзанӣ бисароянд ва қарор буд, то он шуаро ашъори худро фардои рӯзи баъд бихонанд [17, 306-309].

Давлатшоҳи Самарқандӣ ба ин бовар аст, ки Бойсанқур Мирзо ба Котибӣ дастур дод, то қасидаи машҳури Камоли Исмоил бо радифи “наргис”-ро ба истиқбол гирад [8, 382]. Ба ҳамин минвол қаблан низ аз Бобосавдоӣ хоста буд, то ба истиқбол аз қасидаи тавсифии Фариди Аҳвал ба мисраи зерин қасидае бисарояд:

Намози шом, к-аз амвоҷи ин дарёи дӯлобӣ
Фурӯшад заврақи заррин, баромад ташти симобӣ.

Ҳатто Озарӣ низ пеш аз он ки ба мақоме дар дарбори Шоҳрух бирасад, муваззаф шуда буд, то теъдоде қасида мушобеҳи қасидаи Салмони Соваҷӣ тасниф кунад [8, 171, 399].

Истиқбол аз қасоиди маснӯъ. Аз нимаи дувуми қарни ёздаҳ сабки қасидапардозӣ дар адабиёти форсии тоҷикӣ дигаргун шуд. Ин дигаргунӣ таҳти таъсири авомили мутааддиде шакл гирифт, ки дар боло ба онҳо ишора рафт. Яке аз ин дигаргуниҳо ривоҷи қасоиди маснӯъ ва мутакаллиф буд, ки ин раванд то асри мавриди мутолиаи мо идома ёфт. Зайнулобиддини Муътаман ба ин бовар аст, ки шоирони асри XV дар сурудани қасида аз шеваҳои мухталифи гузаштагон пайравӣ мекарданд, аммо “сабки маснӯъ ва мутакаллифи замон ва алоқаи шоирон ба илтизоми саноеи шеърию овардани мазомини ғарибу вуфури таъриху муаммиёт” [14, 172] дар он таъсири бештаре доштааст.

Бо мутолиаи қасоиди шуарои асри XV ба ин воқеият даст меёбем, ки на танҳо ҳомиёни шуаро ононро водор ба сурудани истиқболия намудаанд, балки худи шоирони ин давра низ барои сурудани истиқболия барои нишон додани маҳоратҳои шеърии худ эҳтимом доштаанд. Ҳар шоире, ки мехост, то истеъдоди худро дар ба кор бурдани тарфандҳои шеърӣ ба рухи дигарон бикашад ва ё вусъати назару андешаи шеърии худро ба намоиш бигзорад, аз қолаби қасида истифода мекард [27, 346]. Ин амр нишон медиҳад, ки чаро ин шуаро маъмулан алоқа доштанд, то ашъоре бо қофияҳову радифҳои душвор бисозанд. Монанди қасоиди Котибӣ, ки бо вожагоне монанди “гул”, “ангуштарин”, “бунафша”, “шутуру ҳуҷра” ва “рехта” поён меёбад [17, 55-51; 96, 167-185; 8, 382].

Шуарои асри XV бо сурудани чунин қасоиди душворе шуарои рақиб ё баъд аз худро, ки мекӯшиданд дар айни ҳол, ки радиф, қофия ва вазни арӯзии қасоиди мавриди таваҷҷуҳро ҳифз кунанд, аз назари ибтикори мазомини тоза ва овардани истиороти ғарибу интизоӣ бар онҳо пешӣ гиранд ва ононро дар пайравии муваффақона аз қасоиди худ ба чолиш бикашанд. Аз нигоҳи басомади мавзӯъ ва мазмуни истиқбол бештарин барҷастагиву намудро дар мадеҳасароӣ дошт, баъд аз он ба мизони камтаре манқабат, мавъиза, наът ва дигар оҳангҳо, ки каму беш

ғайримаснӯъ буданд, дида мешаванд. Мавлоно Латифӣ тамоми қасоиди душвореро, ки асотиди шеъри форсӣ тасниф карда буданд, посух гуфтааст.

Ибни Ҳисом қасоиди маснӯъ ва мувашшаҳи зиёд дорад, ки ба истиқбол аз шуарои мутасанеъ сурудааст. Ҳилолии Чағатоӣ дар қасидае вожаҳои “шутуру ҳуҷра”-ро, ки дар байни бисёре аз шуарои мутасанеъ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтааст, илтизом намудааст. Аҳлии Шерозӣ ва Айшӣ се қасидаи маснуъ доранд, ки ҳар се ба пайравӣ аз гузаштагон суруда шуда ва мутасанеъ аст. Ҳатто Мавлоно Ҷомӣ низ вожаҳои “шутуру ҳуҷра”-ро дар яке аз қасоидаш ба илтизом гирифтааст. Шуарое, ки қасоидашон мавриди истиқбол ва ҳатто гоҳе тақлиди қасидагӯёни асри XV қарор мегирифт, инҳоянд: Салмони Совақӣ, Камол Исмоил, Хоқонӣ, Анварӣ, Саъдӣ, Амир Хусрав, Хоҷу. Мазид бар инҳо, Заҳирии Форёбӣ, Фалакии Шервонӣ ва ҳатто Манучеҳрӣ низ гаҳ гоҳе улгубардорӣ мешуданд. Қасидаи маснӯи Салмони Совақӣ ҳамчунон улгуи шуарои ин давра буд ва бисёре аз онҳо, аз ҷумла Дарвеш Мансури Сабзаворӣ, Фасеҳии Рунӣ, Соҳибии Балхӣ, Шарифӣ ва албатта, Котибӣ ба тақлид аз он қасоиде суруданд [27, 318-350].

Кайфияти болои қасоиди истиқболия. Қасоиде, ки ба истиқболу пайравӣ аз мутақаддимон суруда мешуданд, гоҳе авқот аз кайфияти болое бархурдор буда, аз назари вуҷуди тасовири шеърӣ дурахшону ҳунармандона бар ашъори улгу бартарӣ доштаанд. Шояд, ба ҳамин далел бошад, ки як қарн баъд Восифию шуарои дигаре дар Тошканд ба фармони ҳомиёни узбакашон ба тақлиди қасидаи “Шутуру ҳуҷра”-и Котибӣ пардохтаанд [17, 352].

Бо он ки Хоқонӣ яке аз бузургтарину тавонотарин шуарову қасидасароёни асри худ аст, ононе, ки қасоиди ӯро истиқбол кардаанд, тавонистанд, ба тамоми иборoти умдаву асосии шеъри ӯ таваҷҷуҳ карда, ҳатто муҳтавои дарунии қасоиди ӯро низ дар қасидаҳояшон риоят кунанд. Афзун бар ин, тасовири шеърии ӯро бо навъи нигоҳи дигар тозаву дигаргун созанд. Намунаҳое аз ин даст дар қасоиди истиқболияи асри XV кам нестанд ва ин амр баёнгари ин матлаб аст, ки ашъори истиқболияи ин давра ба тамомӣ ба эҷоди тасовире беҳосилу истиороту ибдооте мутадовилу пешбинипазир ва ба таври комил тақлидӣ мунтаҷ намешавад [27, 354].

Мазмуни тоза дар қасоиди асри XV. Яке аз вижагиҳои мутаборизи шеъри давраи Темуриёни Ҳирот эроди мазомини тозаву навоин аст, ки аз барҷастагиҳою зебоиҳои шеъри ин давра ба ҳисоб меравад. Ҳарчанд ин мавзӯъ бештар дар ғазали ин аср матраҳ шудаву мутабориз гардидааст, қасоиди ин давра, бахусус нимаи дувуми асри XV низ аз ин амр баҳраи комил бурдааст. Бинобар ин, ҳастанд шиороне, ки дар қасоидашон ба ин шеваи навин даст ёзидаанд. Доктор Забеҳуллои Сафо бар ин бовар аст, ки “шуарои қарни нуҳуми ҳичрӣ (асри XV милодӣ - М.Ф.) дар қасида тобеи сабки шуарои қасидагӯйи мактаби ироқианд. Ибтикори мазомини тозаву қудрати баён ва лутфи маонӣ дар порае аз ашъораш ҳувайдост” [12, 74].

Оқои Ричардз низ дидгоҳи шабеҳи Сафо дорад. Ба ақидаи ӯ бархе аз қасоиди давраи Темуриён аз мазомини дақиқу мутафаккиронае бархурдоранд. Тавсифи дами илоҳиву таҷаллии Худованду раҳмати ӯ дар қасидаи бисту дубайтии Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ мафҳуми муҳимму дақиқи орифонаро илқо мекунад. Иҳоми калимаи “дам” ба маънии мухталиф: нафас, ҷуди худовандӣ, лаҳза ё даҳон аз зебоиҳои ин қасида аст [27, 354].

Мавлоно Ҷомӣ, ки дар бештаринаи қасоидаш ба равиши сабки ироқӣ иноят дорад, дар эроди мазомини тозаву маонии латиф қудрату тавоноии болое дорад. Аҳлии Шерозӣ низ аз ҷумлаи ҳамин шуароест, ки баёни мазмуни тоза аз вижагиҳои боризи қасоидаш ба ҳисоб меравад. Ба ин намунаҳо аз қасоиди Аҳлӣ таваҷҷуҳ фармоед:

Барои рӯшании хонаи дил аз дида
Ниҳад ба роҳи назар чашм рӯшноиро.
Хате кашида баногӯши гулрухон аз мушк,
Ки гӯшмол диҳад нофаи хитоиро.
Диҳад ба гӯш чу гул шеваи суханчинӣ,
Ба мурғи нотиқа бахшад сухансароиро.
Зи боғи орази хубон ба сайди дил ҳар сӯ
Ниҳад зи сунбули мӯ доми дилрабоиро.
Ба дилкушоӣ булбул бароварад аз хок
Гуле, ки об диҳад боғи дилкушоиро...
Фатилаи маҳи навро чароғи бадр кунад,
Ба шамъ меҳр диҳад нури маҳфазоиро.
Дило, зи чуну чаро дам мазан дар ин машҳад,
Ки роҳ нест дар ӯ чуниву чароиро.

Ва ё:

Хуршеди ҷаҳон сӯхт магар, к-оташи дӯзах,
Аз чашмаи хуршед бурун карда забонро.
...Он ақли муҷассам, ки кунад ғайбнамоӣ,
Оинаи рухсор яқин карда гумонро.
Ҷон нест гиромӣ ба ту гар ман нафишонам,
Тарсам, ки таҳаммул накунӣ бори гаронро (3, 35).

Абёти зерин, ки ба тартиб аз Навоӣ ва Исмати Бухороӣ оварда мешаванд, низ намунаҳои боризи дорои тасвири мондонӣ мебошанд:

Оташин лаъле, ки тоҷи хусравонро зевар аст,
Ахгари баҳри хаёли хом пухтан дар сар аст.

***

Он дам, ки ҳумои карамат соя фурӯ ҳишт,
Бар кунгураи қуббаи гардуни муалло,
Хуршед дар он парда магар соянишин буд,
К-имрӯз диҳад нури ҳидоят ба ҳама ҷо?!

Ва:

Барояш сӯхтам дилро аз ин ҳасрат, ки то рӯзе
Кабоби хомсӯзи худ расонам бар намакдонаш (5, 25, 147).

Тарфандҳои бадеӣ ва тасвири баёнӣ. Афзунии корбурди тарфандҳои бадеию тасвирсозӣ аз мумайизоти дигари шеъри асри XV аст. Аз нигоҳи ороишоти бадеию тахаюлоти шоирона қасоиди ин давра то ҳадди зиёде мушобеҳи қолаби ғазал мебошад. Дар иртибот ба ин қазия Чарлз Франк ба ин бовар аст, ки қасоиде, ки дар девонҳою тазкираҳои мухталиф аз шоирони ин давра вуҷуд дорад, баёнгари ин матлаб аст, ки дар мавориде мизони санъатҳои бадеӣ ва тасвирҳои шоирона дар қасоиди ин давра нисбат ба ғазал пурбортару густурдатар аст [27, 346]. Дар идома ба хотири намоёнидани мухтассоти корбурди тарфандҳои бадеию тасвирҳои баёнӣ ба баррасии ҳар як ба сурати ҷудогона мепардозем.

Тарфандҳои бадеӣ. Анвоъ ва ақсоми тарфандҳои бадеӣ, аз ҷумла таҷнис, иҳом, тазод... ҷузви ороятҳои зебо ва пуркорбурде ҳастанд, ки дар қасоиди шоирони давраи Темурӣ ба мушоҳида мерасанд. Бо таваҷҷуҳ ба он ки бахши азиме аз қасоиди асри XV-ро истиқбол аз қасидаҳои мутақаддимон ташкил медиҳад ва бо назардошти ин ки дар бисёре маворид дар ашъори истиқболия ба ҳифзи мавзӯъ ва муҳтавои онон низ кӯшида мешуда, он чи ин қасидаҳоро аз улгуҳои қаблӣ мутамойиз мегардонад, таваҷҷуҳу иноятиш беш аз қабл ба овардани тасвирҳою тарфандҳои бадеиву

ҳунармандона аст. Ороишҳое, ки дар даврањои қабл вуҷуд дошта, ба ин дараҷа серкорбурд набудаанд.

Бештарин саноеи бадеии қасоиди ин даврараро саҷъ, муздаваҷ, тарсеъ, таҷнис, иштиқоқ, ибҳом, таносуб, муроотиназир, тазод, тазмин, ибдоъ, талмеҳ, ирсоли масал, муламмаъ, иғроқ ва анвои гуногуни илтизом ташкил медиҳад. Санъатҳои ҷамъ, тафриқ, тақсим, суолу ҷавоб, рад-ул-аҷз ъала-с-садр, мақлуби муставфӣ, лафу нашр, тансиқи сифот ва зуқофиятайн низ дар дараҷаи дувуми корбурд қарор доранд.

Ороишҳои бадеӣ танҳо бо ҳаминҳо хулоса намешавад. Он чи аз ҳама бештар истиқболкунандагони баъдиро ба чолиш мекашад, корбурди илтизомҳое дар қолаби қасида аст, ки бештар аз ҳама санъатҳои тавшеҳу истихроҷро ташкил медиҳад, ҳарчанд ки овардани муаммо, луғазу модаи таърихро низ барҳеҳо, аз ҷумла Чарлз бахше аз илтизомоти шеърӣ дар қасоиди ин давра медонанд [27, 299].

Мизони корбурди тарфандҳои бадеӣ ва омезиши онҳо бо ҳам гоҳ барҳе аз қасоиди ин асрро ба такаллуфу тасаннӯъ кашидааст. Аз ин ҷост, ки қасоиди мутакаллифонаву тасаннӯӣ дар ин давра кам нестанд. Аз ин даст қасоиди мутакаллифона метавон ба қасидаи шиквоияе аз Лутфуллоҳи Нишопурӣ, ки тамоми абёти онро дар мадҳи Мироншоҳ гуфта, ишора кард. Абёти ин суруда бо таҷниси том ба поён мераваду саҷъ низ дар бархе аз абёти он ба мушоҳида мерасад. Матлаи қасидаи мазкури Лутфуллоҳ чунин аст:

Вақти саҳар зананд чу мурғон ба чанг ҷанг,
Бинмо ба рӯзи кин ба ҷавонони ҷанг чанг (8, 320).

Мизони ба коргирии саноеи бадеӣ дар қасидаҳо гоҳ чунон аз ҳадди маъмул болотар меравад, ки ба анвои гуногуне аз илтизом мунҷар мешавад. Мавлоно Соидӣ қасидае бо қофияи дугона (зуқофиятайн) сурудааст, ки матлаи он ба шарҳи зер аст:

Зи баҳри қатъи ҳастӣ ҳила аз сад ҷой ангезам,
Ки то як лаҳза бо он дилбари худрой омезам (15, 355-358).

Тасовири баёнӣ. Қасоиди давраи Темуриёни Ҳирот дарбардорандаи тасовире ороставу муҳиҷанд. Зайниддин Маҳмуди Восифӣ Котибиро аз халлоқтарин истиқболкунандагон дар қасида медонад. Ба бовари Восифӣ, Котибӣ ибдооте дар маонии хос бисёр дилпазиру тасовири интизоӣ ва муҳиҷи зиёде дар шеъраш доштааст, ки ба дурустӣ, ин сабке бисёр хубу бениҳоят хушоянд мебошад [17, 97]. Шояд, беҳтар бошад гуфта шавад, ки Котибии Нишопурӣ ва то ҳадде шоирони дигари муосираш ба рағми дарназардошти қайду банди урфи шеърии замон авомири ҳомиёни ҳокиму салиқаи ома тавониста буданд дар офариниши тасвирҳои тозаи шеърӣ дар қасоидашон дар ҳадди зиёде ба истиқлол даст ёбанд.

Ағлаб таркиби киноёт, ишороти илмӣ, бавижа онҳое, ки бо нуҷум муртабит аст, ҳамроҳ бо таҷнис, иҳом, тарсеъ ва тарфандҳои дигаре аз ин даст дар ин қасоид дида мешавад. Гоҳ ин омезиши ороятҳои бадеӣ бо тасовири баёнӣ дарку фаҳми ин ашъорро душвор менамояд. Дар ин замина метавон ба яке аз қасоиди мадҳии Исмати Бухороӣ, ки дар тамҷид аз девони шеърии Султон Халил сурудааст, ишора кард. Ин қасида пур аз ташбеҳоту истиораҳоест дар мавриди ситорагон, сайёроту сувари фалакии дигар ва аз ин навъ ташбеҳоту маҷоз низ ташбеҳҳое дар мавриди ҷавоҳироту рангҳои гуногун ҷой дорад [8, 358-361].

Мизони корбурди шаклҳои хоси хаёлу саноеи бадеӣ дар шеъри ин давра, аз ҷумла қасоиди асри XV ба дараҷае буда, ки бузургтарин шоири ин давра Мавлоно Ҷомӣ зимни тавсифи шеъри худ ба содагӣ шогирдону муосиронашро ба риояти эътидол дар корбурди онҳо тавсия менамояд. Ба ин абёт таваҷҷуҳ фармоед:

Чу дебоест, аз нақши такаллуф сода назми ман,
Чи ғам, к-аз содагӣ хонад фалон бенақшу баҳмонаш.

Хуш ояд дар сухан санъат зи шоир, лек на чандон,
Ки орад дар камоли маънии мақсуд нуқсонаш.
Хаёли хос бошад холи рӯйи шоҳиди маънӣ,
Чу хол андак фитад бар рух, диҳад ҳусни фаровонаш.
В-агар гирад зи бисёрӣ ҳама рухсори шоҳидро,
Миёни содарухсорон сияҳрӯйӣ расад з-онаш (7, 67).

Вижагиҳои забонӣ. Яке аз вижагиҳою мушаххасаҳои фавқулода муҳимми ҳар асари адабӣ ва ҳамин тавр маҷмӯае аз осори адабии як давра чигунагии судбарӣ аз имконоти забон аст. Дар баррасиҳои адабиётшиносӣ арзиши забон дар асар ва ё осори адабӣ гоҳ ба он ҳад будааст, ки муҷиби падид омадани мактабҳои гуногуни адабӣ шуда. Илова бар ин, дар пажӯҳишҳои сабкшиносонаи осори адабӣ нақши забон бисёр муҳимму арзанда шинохта мешавад, ки ин амр низ муҷиби падид омадани мактабҳои гуногуни сабкшиносии адабӣ гардидааст.

Таваҷҷуҳу иноят ба забон аз дер боз ва ҳатто қабл аз баррасиҳои сабкшиносонаи адабӣ, ки ҳосили тафаҳҳусҳову пажӯҳишҳои давраи муосир дар адабиёти Аврупо будааст, дар миёни адабиётшиносони мо низ диққати лозимро ба худ маътуф сохта буд. Ба нақл аз Аҳмади Самиӣ, Ҷоҳиз бар он аст, ки “маънӣ муҳим нест ва назди ҳар қавме ҳаст,он чи муҳим аст, гузиниши лафзу вуҷуди сабк аст” [9, 55].

Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ дар “Фиҳӣ мо фиҳӣ” фармудааст, ки “аз “Қуръон” бӯйи Худо меояду аз ҳадис бӯйи Мустафо меояд ва аз каломи мо бӯйи мо меояд” [9, 55]. Бинобар ин, дар миёни мушаххасаҳои боризи шеъри асри XV яке ҳам забони шеъри ин давра ва аз ҷумла забони қасоиди ин аср аст, ки бояд ба ин ҷиҳати масъала таваҷҷуҳи лозим маътуф бишавад.

Бо баррасиҳои анҷомшуда дар қасоиди давраи мавриди мутолиаи мо то ҳадди зиёде тамоми мавориди таркиби алфозу ибораҳо, наҳви ҷумалот, истифода аз лаҳҷагони вожаҳои мухталиф ва ҳамин тавр, забонзадҳои умумӣ ва ғайра мушобеҳи қолаби ғазал дар ин аҳд мебошад. Барои баррасии дақиқтари забони қасоиди ин аср ба се мавриди барҷастаи забонӣ бояд таваҷҷуҳу иноят шавад, ки дар зер ба онҳо пардохта мешавад.

Вожагони шеър. Бидуни шак, воҳиди аввалияи забони шеър вожагони мавриди истифода дар онҳоро ташкил медиҳад, зеро ин вожагони шеър аст, ки абзори асосии шаклгирии забони шеърро ташкил медиҳад. Бо таваҷҷуҳ ба чунин навъи нигоҳест, ки Насруллоҳи Имомӣ мегӯяд: “Забони шеър ҳастии худро мадюни вожагони шеър ва низоми хосе мебошад, ки дар дунёи шеър ҳоким бар вожагон аст. Бахше аз ин низоми ҳамоҳанг бо низоми куллии забон муштарак асту бахше дигар танҳо дар қаламрави шеър матраҳ мешавад” [4, 658].

Барарсиҳои анҷомшуда дар вожагони шеърии қасоиди асри XV мерасонад, ки мизони корбурди вожаҳои арабӣ дар ин қасоид ба таносуби қасоиди қабл аз давраи такаллуфу тасаннӯи адабӣ ба маротиб камтар аст, ки далели он дар ду масъала аст:

Нахуст, ин ки дар ин давра мо шоҳиди қасоиди мутанавее аз ҷиҳати сохтори забонӣ ҳастем, яъне ҳамон сон, ки қасидаҳои мутасаннеу мутакаллиф дорем, ки мусталзами овардани қофияҳо ва радифҳои арабӣ бештар аст, истиқбол аз қасоиди давраи ироқӣ ва ҳамин тавр давраи хуросониро низ шоҳид ҳастем, ки дар он мизони корбурди вожаҳои арабӣ бисёр кам аст. Бо ин ҳисоб дар миёни гунаҳои қасоид аз ҷиҳати таваҷҷуҳу истиқбол аз қасоиди пешиниён қасоиди маснӯъ шумори камтареро ба худ ихтисос медиҳанд ва ба табаи он мизони корбурди вожаҳои арабӣ низ ба ҳамон паймона камтар аст.

Дувум, ин ки дар ин давра навъе таваҷҷуҳу иноят ба вожаҳои марбут ба забони оммаи мардум низ ба чашм мехурад. Ин таваҷҷуҳу иноят ба забони омма дар шеър

табиист, ки дар қолаби қасида низ ҷойи пойе аз худ ба ҷо гузоштааст. Бинобар ин, истифода аз вожаҳову истилоҳоти мавриди корбурди омма дар шеър ва аз ҷумла, дар қасоиди асри XV аз дигар илали корбурди камтари вожаҳои арабӣ дар қасоиди ин давра ва ҳамин тавр, мухтассоти забонии ин қасоид ба шумор меравад.

Яке дигар аз мушахасаҳои вожаҳо ва истилоҳоти мавриди истифода дар қасоиди давраи мавриди мутолиаи мо бакоргирии истилоҳоти марбут ба илми нуҷум, фалсафа, тасаввуф ва ирфон аст, ки, албатта, корбурди маҷозии вожаҳо ва истилоҳотро низ дар пай доштааст. Исмати Бухороӣ, Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ, Мавлоно Ҷомӣ, Навоӣ ва дигарон аз ин истилоҳот дар шеъри худ суд бурдаанд.

Судбарӣ аз лаҳҷаҳои маҳаллӣ. Истифода аз забони мардумӣ аз мушаххасоти боризи шеъри мактаби адабии Ҳирот ба шумор меравад ва табиист, ки дар қасоиди ин давра низ ин гуна истифода ба рӯшанӣ мушоҳида мегардад. Насруллоҳи Имомӣ ба ин ақида аст, ки "яке аз манобеи куллии гузиниши шоир забони муҳовара ва омиёна аст. Манбае бо захираи саршор, ки ҳамвора дегмотизми вожагони шеърӣ истифода аз онро мамнӯъ сохтааст, вале баҳрагирӣ аз он дар табиати кори шоир аст ва васвасаи истифода аз меваи ин дарахти мамнуъ дар бисёре аз адвори шеърӣ зеҳни шоиронро раҳо накардааст" [4, 667].

Забони қасида ҳамвора ба сабаби васвоси бештаре, ки шоирон доштаанд, бо забони муҳовара сари созиш надоштааст. Албатта, ин кайфият баъдҳо дар қасоиди давраи Темуриён ва аз он бештар дар сабки ҳиндӣ бо ҳамаи беравнақии қасида дар он сабк дигаргун шуд. Зеро вожагони қасида каме гармтару латифтар гардид, бахусус он, ки шоирони ин давра ба вожагон, таркибҳо ва ибораҳои мардумӣ таваҷҷуҳу иноятӣ хос доштаанд. Ин шева дар адабиёти асри XV ба дараҷае рӯ ба фузунӣ гузошт, ки гоҳ интиқоди бархе аз соҳибназарон, аз ҷумла Эҳсони Ёршотир ва Зайнулобиддини Муътаманро низ дар пай доштааст.

Дар миёни шоирони қасидасарои асри XV он, ки бештар аз дигарон ба забони лаҳҷаҳои маҳаллии ҳавзаи адабии Хуросону он сӯйи дарёи Ому пардохтааст, Камолиддини Биноӣ аст. Абдулғанӣ Мирзоев ба ин бовар аст, ки Биноӣ ба забони лаҳҷавӣ, аз ҷумла лаҳҷаи Самарқанд, Марв ва Ҳирот қасида сурудааст [26, 28]. Муқаддимаи машҳуртарин қасидаи Камолуддини Биноӣ - "Маҷмаъ-ул-ғароиб", ки дар асл аз 876 ё 501 байт иборат буда, то ба мо 114 байти он боқӣ мондааст, ба лаҳҷаи ҳиротӣ суруда шудааст.

Содагии калом. Кам будани вожагони арабӣ , таваҷҷуҳу иноят ба вожагон, таъбирҳо ва истилоҳоти мавриди корбурди омма ва ҳамин тавр, истиқбол аз қасидаҳои мактаби адабии хуросонӣ даст ба дасти ҳам медиҳад, то забони бештаре аз қасоиди ин даврарo содаву равон гардонад. Қасоиди Исмати Бухороӣ, Мавлоно Ҷомӣ, бештарини қасоиди Аҳлии Шерозӣ, Котибии Туршезӣ, Ҳилолӣ ва дигарон содаву равон аст. Зеро бисёре аз авқот алфозу наҳви ҷумалот метавонад бо содагиву оромишбахшии худ ёдовари ашъори қадимии шеъри форсӣ бошад. Барои мисол, матлае аз қасоиди Ҳилолиро меоварем:

Гар ҷон канам ба ҳасрат з-он лаб намеканад дил,
Дил кандан аз лаби ӯ ҷон канданест мушкил (19, 65).

Ҳатто дар қасоиди Котибӣ низ метавонем байте инчунин бубинем:

Дирам зи дасти ту мар арзро табақ- табақ аст,
Гуҳар зи ҷуди ту мар чархро сипар - сипар аст (8, 354).

Ҷилваи муқаррар ва гоҳ шигифтангези содагӣ ва қавоиди наҳвии сабки хуросонӣ дар бархе ашъори ин давра то ҳадди зиёде маҳсули тақлид аз шуароест, ки пайрави сабки хуросониву сабки авоили давраи ироқӣ будаанд. Ин амр то он ҷо мавриди таваҷҷуҳ буда, ки аз мизони оростагии шеъри давраи Темурӣ ва ба табаи он

қасоиди ин даврaро, ки ношӣ аз корбурди фаровони истиороту дигар тарфандҳои бадеӣ мебошад, коста аст.

Дурӣ аз такаллуфу тасаннӯъ дар теъдоди қобили мулоҳизаи баёзи қасоиди давраи Темуриён яке аз авомили умдаи содагии калом, равонию хушоҳангии ин қасидаҳо мебошад. Аз ҷумла, қасоиди Ҳилолӣ илова бар дурӣ аз душворию печидагӣ ба тасаннуоти зоҳирӣ низ ҳамроҳ нест. Дар иваз, хушоҳангиву вузуҳ ва рӯшании онҳо ёдовари қасоиди авохири сабки хуросонӣ мебошад. Бахусус, истифодаи Ҳилолӣ аз санъати бадеии ҳамҳуруфӣ (воҷоройӣ) боиси мавзунӣ ва оҳангин шудани қасидаи ӯ шудааст. Ба таври мисол, дар мисраи зер ӯчанд калимаро ба кор мебандад, ки дар онҳо садоноки “о” басомади боло дорад:

Ҳама рӯз офтоб аз осмон бар остон омад (18, 203).

Чунин ҷилваву таъсири мушобеҳеро метавон дар се қасидаи дигари ӯ низ дид, ки яке аз ин қасоид бо ин мисраъ оғоз мешавад:

Ҳазрати Хизри фалак хилъати хазро гирифт (18, 205-207).

Дар ин мисраъ ва мисраъҳои баъдӣ ҳамсадоҳои “х”, “зод”, “в”, “р” ба таври мураттабе такрор шудаанд.

Қасоиди мадҳии Аҳлии Шерозӣ ва Бобофиғонӣ низ ба истиснои яке аз ашъори Фиғонӣ, ки ба воситаи вуҷуди радифи душвори “мушк” дар он [13, 34-37] андаке тасаннуӣ мебошад, ба хотири забони сареҳу ғайритасаннуӣ будани онҳо қобили таваҷҷуҳ мебошанд. Қасидаи мазкури Фиғонӣ бо насибе дар тавсифи баҳор оғоз мешавад. Сипас, шоир ба тағаззул мепардозад ва баъд аз он ба мадҳи фармонраво шурӯъ мекунад. Ӯ дар навъе ҳамоҳангӣ бо радифи қасида – “мушк” тасвирсозии ин қасидаро низ бар тавсифоти боғ, атру роиҳаҳои гуногун, гулҳову гесувони соқӣ мутамарказ сохтааст.

Чунин қасоиди Аҳлӣ, Фиғонӣ, Ҳилолӣ ва қасоиде дигар аз ин даст ба мо ёдовар мешаванд, ки бисёре аз қасоиди сабки замони Темурӣ дур аз зеҳну тасаннӯӣ нестанд. Дар айни ҳол бояд бипазирем, ки қасоиди мадҳӣ ҷузъи маснуитарину зиннатитарин жанрҳои қасида дар ин аср будаанд. Бахусус, он қасоиде, ки таҳти таъсири истиқбол аз қасидасароёне, ба монанди Салмони Совоҷӣ ва Хоқонии Шервонӣ суруда шудаанд.

Ҳамин тавр, бо баррасиҳои анҷомшуда перомуни қасоиди шоирони асри XV ба як силсила мушаххасаҳо ва вижагиҳое даст меёбем, ки ба наҳве бархе аз довариҳои дур аз инсофро дар мавриди шеъри ин давра, бахусус қасоиди мавҷуд дар девонҳои шуарои асри Темуриён рад менамояд. Қасоиди ин давра ҳам аз лиҳози камият ва ҳам аз ҷиҳати кайфият қобили иноят ҳастанд. Муҳимтарин мушаххасоти сабкии қасоиди давраи мавриди назар чунинанд:

1. Дар қасоиди ин давра ба мавзӯоту мазомини мутаддиду мутанавее бармехурем, чунонки дар баробари қасоиди мадҳӣ қасидаҳое дар мадҳи Худову наъти Паёмбар (с), ситоиши бузургони дин, панду андарзу ҳикмат басомади чашмрас доранд. Мавзӯъҳои ахлоқӣ низ аз мавзӯъҳои муҳимест, ки дар қасоиди ин давра басомади болое доранд. Илова бар инҳо, тасвири манозир, осмону ситорагону айёми солу рӯз..., муфохира, муаммо, модаи таърих, шиква, гилоя, масоили илмӣ, бахусус улуми нуҷум, тасаввуфу мабонии ирфони назарӣ, марсия, ҳаҷву ҳазл ва ғайра аз мавзӯъҳоеанд, ки дар қасоиди ин аср мушоҳида мешавад.

2. Таваҷҷуҳу иноят ба қасоиди даврaҳои қабл, ки бархоста аз санҷиши тавоноии шоирони ин давра тавассути ҳомиёни онон шуда буд ва гоҳ худи шоирон низ ба наҳве даст ба мусобиқа мезаданду талош менамуданд, то қасоиди даврaҳои қаблро истиқбол намоянд ва дар бисёре маворид талош менамуданд, ки қасоидашон аз чакомаҳои даврaҳои қабл зеботару қавитар бошад. Аз ҳамин ҷиҳат дар овардани тарфандҳои бадеию баёнӣ талоши бештаре менамуданд ва ҳамин тавр мақсади

талошашон ин буд, ки муосирону ояндагон тавоноии муқобала дар мусобиқа бо қасоидашонро надошта бошанд.

Аз ин лиҳоз аст, ки бархе аз қасоид бисёр мутасанеу мутакаллиф баромад. Албатта, теъдоди қасоиди маснуъ дар ин давра зиёд нестанд ва ҳастанд қасоиди зиёде, бо он ки ба ороишу зебосозии онҳо таваҷҷуҳ сурат гирифта, аммо мунҷар ба таъкиду печидагӣ нашуда ва ба такаллуф нагароидаанд. Аз ҳамин ҷиҳат аст, ки аз қасоиди мавриди истиқболи худ гоҳе беҳтар суруда шудаанд.

3. Ҳамон сон, ки таваҷҷуҳ ба сароиши мазомини тоза ва иноят ба масоили одии рӯзмарра дар ғазал аз мушаххасоти боризи шеъри ин давра аст, шуарои қасидасарои ин аср низ аз ин шева дар қасоидашон судҳо бурдаанд ва мазомини тоза аз мушаххасоти боризи сабки қасидаҳои ин давра ба ҳисоб меравад.

4. Ороишҳои бадеии фаровоне дар қасоиди ин давра ба кор рафтаанд, ки бархе, аз ҷумла тавзеҳу истихроҷ, ба навъе илтизом мунҷар шудааст, аммо санъатҳои бадеии фаровоне мавриди истиқбол қарор гирифтаанд, ки дар шевоию зебоии қасоиди ин шуаро нақши зебову дилпазир доштанд. Саноеи бадеии ҳамовоӣ, такрор, тазод, таносуб, иҳом, талмеҳ ва ғайра аз ин гунаанд. Аз миёни тарфандҳои баёнӣ ташбеҳу истиора дар қасоиди ин давра корбурди бештаре доранд, ки дар миёни анвои ташбеҳ, махсусан, ташбеҳи тамсилӣ дар садри мизони корбурд қарор дорад. Ҳарчанд баъзе аз ин ташбеҳҳо маъқул, мавҳум ва гоҳ интизоӣ мешаванд, ки мухотабро дар фаҳму дарки худ ба душворӣ андар месозанд. Аммо бисёре аз ташбеҳҳо аз зебоию содагии қобили таваҷҷуҳ бархурдор буда, қасоидро шевоию ҷозибаи лозим мебахшанд.

5. Аз ҷиҳати забонӣ мизони корбурди вожаҳои арабӣ дар қасоиди ин давра кам ҳастанд ва дар бархе аз қасоид бисёр андаканд. Вожаю ибораҳои мавриди истифодаи оммаи мардум ба зебоӣ дар қасоиди ин давра роҳ ёфтаанд.

Ҳамин тавр, бархе аз истилоҳоти марбут ба илми нуҷум дар пайванд бо мабонии тасаввуфу фалсафаи ирфон низ аз барҷастагиҳои вожагонии қасоиди ин давра ба ҳисоб меоянд. Таваҷҷуҳу иноят ба забонзадҳои мардумӣ, ибораҳои рехтаву лаҳҷаҳои маҳаллӣ аз вижагиҳои дигарест, ки метавон дар қасоиди шоирони ин аср ба рӯшанӣ мушоҳида кард.

6. Дурӣ аз корбурди фаровони вожаҳову таъбироти печидаи арабӣ, таваҷҷуҳу иноят ба қасоиди давраи хуросонӣ, тамоил дар бакоргирии вожаҳову ибораҳо ва масъалҳои мардумӣ аксарияти қасоиди ин давраро содаву равон сохтааст. Агарчи қасоиди маснуӣ низ дар ин давра суруда шудаанд, ки гоҳ бисёр душвор менамоянд, аммо ин қасоид ба таносуби мизони қасоиде, ки дар ин давра вуҷуд дорад, зиёд нестанд. Аз ин ҷиҳат, наметавон ҳукми куллии содагии каломро аз қасоиди ин давра баргирифт, бахусус ки бо баррасиҳои анҷомшуда дар мизони қасоиди сурудашуда дар ин давра қасоиди маснӯъ ва мутакаллиф аз дар сади бисёр андаке бархурдоранд. Бештаринаи қасоид, бавижа қасидаҳои Исмати Бухороӣ, Мавлоно Ҷомӣ, Ҳилолӣ, Ибни Ҳисом, Лутфуллоҳи Нишопурӣ ва бештари қасоиди Аҳлии Шерозӣ, Котибии Туршезӣ ва бисёре дигар каломи содаю равону наздик ба фаҳми мардум доранд.

Ин мухтассоту вижагиҳои барҷаста нишон медиҳад, ки агарчи қолаби мусаллат дар ин аср ғазал асту баъд маснавиҳои ошиқонаву орифона дар дараҷаи дувуми мизони корбурд қарор доранд, қасоиди ин давра низ дархури таваҷҷуҳу инояти лозим ҳастанд ва набояд аз диди муҳаққиқону пажӯҳишгарон ба дур бимонанд, ё худ бо довариҳои дур аз инсоф аз назар бияфтанд. Қасоиде, ки бештарашон бо забони расо, ороишҳои содаву зебо ва мафоҳими ахлоқиву инсонӣ озин ёфтаанд.

А Д А Б И Ё Т

1.افصحزاد، اعلاخان. نقد و بررسی آثار و شرح احوال جامی.- تهران: مرکز مطالعات ایرانی، 1378.- 771 ص.

2. اهلی شیرازی، محمد. دیوان اشعار اهلی شیرازی. به اهتمام و تصحیح حامد ربانی.- تهران: انتشارات کتابخانه‌ی سنایی، چاپ دوم، 1369.-871 ص.
3. اهلی شیرازی، محمد. دیوان اهلی شیرازی- قصاید (نرم افزار: دُرج 4- کتابخانه‌ی فارسی- دیوان اهلی شیرازی- قصاید).- تهران: مهر ارقام رایانه، 1390.
4. امامی، نصرالله. زبان شعر و واژه‌گان شعری، مجله‌ی علمی- پژوهشي دانشکده‌ی ادبیات و علوم انساني دانشگاه فردوسي.- مشهد: انتشارات دانشگاه فردوسی، پاییز و زمستان 1369، ش: سوم و چهارم سال بیست و سوم.- 859 ص. از ص: 123-.136
5. بخارایی، عصمت. دیوان عصمت بخارایی. به کوشش احمد کرمی.- تهران: تالار کتاب، 1366.- 589 ص.
6. جامی، عبدالرحمن. دیوان کامل جامی. با مقدمه ی هاشم رضی.- تهران: انتشارات پیروز، 1341.- 955 ص.
7. جامی، مولانا عبدالرحمن. بهارستان. به تصحیح دکتر اسماعیل حاکمی.- تهران: انتشارات اطلاعات، 1374.
8. سمرقندی، دولتشاه. تذکرت الشعراء. به اهتمام ادوارد براون.- تهران: انتشارات اساطیر، 1382.- 621 ص.
9. سمیعی گیلانی، احمد. مبانی سبک شناسی شعر(مجله‌ی ادب پژوهی).- گیلان: دانشگاه گیلان، ش 2، تابستان 1386.- صص: 49-.76
10. صفا، ذبیح الله. تاریخ ادبیات در ایران، ج4، چاپ چهارم. - تهران: انتشارات فردوس، 1369.- 607 ص.
11. صفا، ذبیح الله. تاریخ ادبیات در ایران،.ج:4، چاپ هشتم. - تهران: انتشارات فردوس، 1371.- 607ص.
12. صفا، ذبیح الله. مختصری در تاریخ تحول نظم و نثر فارسی، چاپ چهارم.- قم: مرکز انتشارات دفتر تبلیغات اسلامی حوزه‌ی علمیه‌ی قم، 1363.- 136 ص.
13. فغانی شیرازی، دیوان اشعار بابافغانی شیرازی، مصحح احمد سهیلی خوانساری.- تهران: شرکت نسبی اقبال و شرکا، 1353.- 447 ص.
14. مؤتمن، زین العابدین. تحول شعر فارسی، چاپ سوم.- تهران: کتابخانه‌ی طهوری ، 1355.- 414 ص.
15. نوایی، علیشیر. مجالس النفایس. به سعی و اهتمام علی اصغر حکمت.- تهران، 1323.
16. نوایی، علی شیر. دیوان امیر نظام الدین علی شیر نوایی. به سعی و اهتمام دکتر رکن‌الدین همایون فرخ.--تهران: انتشارت اساطیر، 1375.-347 ص.
17. واصفی، زین الدین محمود. بدایع الوقایع. به تصحیح الکساندر بلدروف، چاپ دوم، ج: اول.- تهران: انتشارات بنیاد فرهنگ ایران، 1349.- 533 ص.
18. هلالي جغتايي، بدرالدين. ديوان هلالی جغتايی، به تصحيح و مقدمه‌ی سعيد نفيسي.- تهران: انتشارات سنايي، 1375.- 334ص.
19.هلالي جغتايي، بدرالدين. ديوان هلالی جغتايی (دُرج 4- كتابخانه‌ی فارسی- ديوان هلالی جغتايی - قصايد).- تهران: مهر ارقام رايانه. 1390.
20. یار شاطر، احسان. شعر فارسی در عهد شاهرخ.- تهران: انتشارات دانشگاه تهران، 1334.- 250 ص.
21. Афсаҳзод, Аълохон. Рӯзгор ва осори Ҷомӣ / Афсаҳзод, Аълохон -Душанбе: Дониш, 1980.
22. Афсаҳзод, Аълохон. Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи дувуми асри XV / Афсаҳзод, Аълохон - Душанбе: Дониш, 1988.
23. Абдуллоев, Аҳмад. Қасидаҳои Ҷомӣ ва баъзе хусусиятҳои онҳо. Дар китоби Абдурраҳмони Ҷомӣ. Маҷмӯаи материалҳои ҷашни 550- солагӣ/Ба кӯшиши М. Осимӣ, Р. Ҳошим, Р. Ҳодизода ва дигарон.- Душанбе:Дониш, 1973.- Саҳ. 106-120.
24. Сатторов Абдунабӣ. Афкори адабӣ ва эстетикии Абдурраҳмони Ҷомӣ / Сатторов Абдунабӣ.- Душанбе: Ирфон, 1975.- 111 саҳ.
25. Бертельс Е.Э. Избранное труды. Навои и Джами/ Е.Э.Бертельс.– Москва: Наука, 1965.-600 саҳ.
26.Мирзоев А.М. Камал ад-Дин Бинаи/ А.М. Мирзоев.- Москва: Наука, 1976.- 479 с.
27. Charles Frank. Persian Poetry in the Timurid Period.-University of Californian, Berkley. Printed by xerographic process on Acid-Free paper. 1989.- PP. 750.

СТИЛИСТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ КАСЫД XV ВЕКА

Касыда является самым древнейшим и популярнейшим жанром, который характерен для определенного исторического периода. Целью данной статьи является исследование и анализ поэтического жанра касыды в конкретный исторический период, а также рассмотрение стилистических особенностей касыд XV века.

Ключевые слова: касыда, приветствие, искусственные касыды, содержание, художественный язык, изображение, язык.

STYLISTIC PECULIARITIES QASIDAS XV CENTURY

Kasida is the oldest and the most popular genre that is characteristic of a certain historical period. The aim of this article is to study and analysis of the poetic genre касыды in the concrete historical period, as well as consideration of the stylistic features of qasidas XV century.

Key words: kasida, greeting, artificial kasids, the content, the language of art, image, language.

Сведения об авторе: ***Мухаммаддовуд Мунир*** – соискатель Таджикского национального университета

ҶОЙГОҲИ ИТТИЛОФИ УМР ВА ЛАҲЗАҲОИ ЗИНДАГӢ ДАР ҚАСИДАҲОИ НОСИРИ ХУСРАВ

Темури Шуҷоӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Худованди бузург ва бекарон ҷаҳонро офарид ва онро густариш дод. Он гоҳ азизтарин махлуқи худро бар панои ҳастӣ ҷой дод, то аз он баҳрабардорӣ намояд ва дар ҷиҳати такомули хеш сайр кунад. Андаке ақлу хирад ошкор месозад, ки худои бузург аз офариниши одамӣ ҳадаф ва мақсадҳоеро доштааст. Зеро агар ҷуз ин бошад, ҳама чиз ботил хоҳад буд ва ба маънои дақиқтар зиндагии фоидаманд нахоҳад буд.

Вай инсонро дар андозаҳои муайян ва барои замони мушаххас эҷод намуд. Ба гуфтаи «Қуръон» ибодат ва парастиши худои бузург ҳадаф аз хилқати инсон аст. Аз тарафи дигар, парвардигор одамро офарид то озмоишаш кунад, он гоҳ андозаи ӯ дар муқобили сахтиҳои зиндагӣ маълум гардад.

Ба инсон қудрати интихоб дод, то огоҳона роҳ ва чоҳи худро интихоб кунад. Бо ин тавзеҳот маълум аст, ки ҳама чиз ба асоси ҳисобу китоб аст. Барои аср ва замон савганд ёд кардааст. Аз ин рӯ, лаҳзаҳои умри одамӣ ва андозаи он аз дидгоҳи худованд муҳим ва қобили таваҷҷуҳ аст. Даврaҳои умр метавонад кӯтоҳ вале арзишманд бошад ва баръакс, ҳам тӯлонӣ ва ранҷовар бошад. Ин нуқта ба иродаи инсон иртиботи мустақим дорад. Ҳамоно дарки нодуруст аз мавзӯъ ва нашнохтани қадр ва мақоми он лаҳзаҳо хисороти фаровон-ро дар пай дорад.

Бузургон ва адибон ҳамвора дар аҳамияти ин нуқта сухан рондаанд. Носири Хусрав шоирест,ки бар пояи ашъори ӯ ахлоқ ва ҳикмат устувор аст, дар идома барои равшан шудани бештари мавзӯъ шоҳидҳо ва мисолҳои шеърӣ аз қасидаҳои ӯ ва ашъори шуарои дигар меоварем.

1. Иттилофи умр боиси шикаст ва дармондагӣ аст

Умри одамӣ ва вақтҳои гаронбаҳои зиндагӣ бисёр дорои аҳамият аст. Мутаассифона, ин лаҳзаҳо бо арзиш барои иддае сареъ мегузарад ва беҳтар бигӯем, он чунон ки бо қадр ва мақоми он ҳам он тавр ки бояду шояд, хуб шинохта намешуд. Гузаронидани айёми лаззатбахши зиндагонии он ҳам ба беҳудагӣ ва бидуни натиҷа чизе ҷуз зиён барои одамӣ армуғоне надорад. Зиндагонӣ, ки беҳадаф гузарад, асосан мавриди таваҷҷуҳ ва диққати Носир нест. Ба ҳамин хотир вай одамонро баҳрамандӣ аз вақтҳои зиндагӣ ва истифодаи дуруст аз лаҳзаи ба лаҳза зиндагро тавсия менамояд. Давандаҳое, ки ҳеҷ ҳадафе аз давидан надоранд ва замон барои ӯ маъно надорад, саранҷом хаста мешавад ба ва тавфиқ боз мемонад:

Ба бозӣ мадеҳ боқии умр ба бод,
Ки монда шавӣ ҳар кӣ хира давад (114,82).

2. Талаф кардани умр пушаймонӣ ба бор меоварад

Кори имрӯзро ба фардо афкандан ва куштани замон, ҳадари рафт фурсатҳои нобе аст, дигар баргаште надорад. Изҳори надомат аз гузашта онгоҳ муфид аст, ки барои замонҳои оянда барномарезӣ шавад. Ба ҳар андоза ки одамӣ сареътар ба иштибоҳ хештан пай бубарад, бешубҳа бо таҳлил ва таҷзияи мавқеиятҳои аздастрафта гашта, ёфтани роҳи ҳал барои истифодаи беҳтар ва мавқуфтар зудтар анҷом мепазирад. Дарс нагирифтан аз вақтҳои рафта замонро дар ғафлат гузаронидан аст ва оқибате ҷуз зиён музоаф ба чанд баробар надорад. Бояд донист, ки имрӯз аз дирӯз ва фардо муҳимтар аст ва бояд қадру арзиши имрӯз донист:

Пушаймонӣ аз дил надорад суд,
Чу чашмат ба имрӯз менангарад (113,82).
Дарахти пушаймонӣ аз динарӯз ,
Ба имрӯз бояд, ки дон бардиҳад (113,82).
Гар имрӯз чун дий тағофул кунӣ,
Ба фардои имрӯзи ту дий шавад.
Ба фардо макун тамаъ ва дӣ шуд бигир,
Мар имрӯзро гӯ ҳаме бигзарад (113,82).

3. Ҷавонӣ гузашт пириро дарёб

Онон, ки айёму рӯзҳои олии давраи ҷавониро ба иллатҳои мухталиф аз даст додаанд, бояд бидонанд, ки дар даврони пирӣ ҷуброни аздастрафтаҳо ва талофи замонаҳои беназири гузашта душвор аст. Одамӣ дубора ба ҷавонӣ баргашт намекунад ва замон ҳам ба ақиб бар намегардад, то вақтҳои рафта тадорук гардад. Даврони солхӯрдагӣ ҳам ба суръати барқу бод мегузарад. Фонӣ сохтани рӯзгори вопасин зиндагӣ ва истифода набурдан аз он сӯхтани соатҳои арзишманди зиндагӣ аст, ки бояд аз он мувозибат кард.

Шоири шӯридаи Нишопурӣ ҳаким Умари Хайём аз гузашти умр ва ғафлатҳои худ аз даврони ҷавонияш нолон аст, ва аз он даврaҳо ба пушаймонӣ ёд мекунад ва ба ҷиҳати он ки корвони умрро дар ҳоле гузари шитобон мебинад, тавсия мекунад, ки дарки рӯзҳои боқимонда ва хурсанд зистан бисёр қобили аҳамият ва эътибор аст, ва унвон медорад, ки мутаваҷҷеҳи гузари замон нагардида аст.

Афсӯс, ки номаи ҷавонӣ тай шуд,
В-он тозабаҳори зиндагонӣ дай шуд (3, 40).

Он мурғи тараб, ки номи ӯ буд шабоб,
Афсӯс надонам, ки кай омаду кай шуд (3, 40).
Ин қофилаи умр аҷаб мегузарад,
Дарёб даме, ки бо тараб мегузарад (3, 40).

4. Талаф ёфтани умр хостаи шайтон аст

Иттилофи умр аз иоқот ва сафарҳои шайтонӣ аст. Шайтон ҳамдам ва пуштибони дурӯғини инсонҳост ва ӯст, ки нокомӣ ва шикасташонро қатъӣ ва ҳатмӣ мегардонад, онон ки ақл ва хирадро роҳбарашон нест ва дар тасмимсозиҳои зиндагӣ диққат ва андешаи кофӣ надоранд, лаззатҳои зудгузари дунявиро бисёр муҳим талаққӣ мекунанд ва дасти худро аз ҳама чиз кӯтоҳ медоранд. Умри рафта ва дасти холӣ, саранҷоми шум ва номуборакӣ дар интизори онҳост:

Ҳама умр мар туро набуд,
Чуз ки деви лаъин надим ва далел (242,82).
Акнун ки наёмад ба гуфти мол шиддати умр,
Эй бехуд, ин даст бидон даст ҳаме мол (245,82).

5. Пардохтан ба шаҳватҳо муҷиби талафёбии умр аст

Бисёре аз инсонҳо ин замони ширини умрро ба пур кардани шикам ва пардохтан ба шаҳват ва лаззатҳо мегузаронанд. Ҳадар додани лаҳзаҳои нобе, ки ҳеҷ ҳосиле барои одамӣ надорад ва пушаймонӣ ва надомат ормони ҳақиқии он аст. Одаме, ки дар расидани ба ҳадаф оромона қадам бармедорад ва гоҳе, намедонад барои чӣ пой ба ҳастӣ гузоштааст, дар шинохти роҳҳо дучори мушкилӣ мегардад ва бо тамоил ба ҷаззобиятҳои фаровони зиндагӣ ин мушкилиҳои бешуморро ба чашм намебинад ва бо пардохт ба ҳавошии фурсатҳо бидуни ҷуброн ҳадар медиҳад:

Бингар ки чӣ кардаҳое ба ҳосил,
З-ин хӯрдани шурӯ талху ширин (311, 82)

6. Ғафлат боиси талаф шудани илм аст

Вай ба ононе, ки сол ва моҳи зиёде аз зиндагияшон гузаштааст ва мутаассифона, баҳра ва суди лозимро низ аз гузари умри худ набурдаанд, таъкид медорад сафар наздик аст ва ногаҳон садои ҷарас баланд мешавад. Аз ин рӯ, ҷуброн ва талофи замони рафта бисёр лозим ва мунтақӣ медонад. Фурӯшандаҳое, ки василаҳои хештанро фурӯхта ва чизе ҳам дар дохилаш намебинад ва шикаста ва нобуд аст. Бинобар ин, вақти реҳлати маркаби муносиб ва роҳвор бояд, тадорук дид ва омода шуд. Ғофилон ва бехабарони дунё ҳамононе, ки ганҷинаи умрро ба баҳои ночиз фурӯхтанд ва ҷойгузинҳои муносибе ҳам таҳия накарда, инон боз зиндагонии аслӣ бозии дунёянд:

Эй мутағофил, ба кори хеш нигаҳ кун,
Чанд гузори чунин ҷаҳон ба тағофул (258,82).

7. Касби илмҳо ва фазилатҳо ва талаф шудани умр пешгирӣ мекунанд

Умр чун барфи зимистон аст, ки бо тобиши офтоб кам-кам об мешавад ва аз байн меравад. Вақт азиз ва гаронбаҳост ва хоҳӣ нахоҳӣ меравад ва сарф мешавад. Агар дар муомилаи умр диққати кофӣ нагардад ва ҷойгузинҳои муносибе барояш дар назар гирифта нашавад ба ҳақиқат, ки зиён ва зарари воқеӣ дар он аст, ба тавре ки ҷуз ангушти надомат ба дандон газидан ҳосиле надорад. Бинобар ин, арзон набоядаш фурӯх. Касби илм, маърифат ва фазоили инсонӣ захираҳои абадие ҳастанд, ки ба таври ҷиддӣ метавонад монеи хубе барои ҳадари рафти вақтҳои умр ба шумор оянд.

Вақт ва рӯзгори одамӣ тиллост, бинобар ин ҷуз ба тилло набоядаш фурӯхт. Носир муътақид аст, ки илм ва маърифат низ монанди тилло арзишманд аст. Тиллое, ки одамиро қодир месозад, камбудиҳо ва нуқсонҳои хештанро бо он бартараф созад. Агар инсон битавонад умри худро бо тиллои дониш муомила кунад, ба яқин ки пирӯзманд ва хушбахт хоҳад буд. Албатта, касбу маърифат аз тилло ҳам боарзиштар аст, зеро ҳамаи масирҳо ба кӯмаки дониш кушода мегардад, дар сурате ки бо тилло наметавон ба ҳама чиз расид. Вақтҳои боарзиши инсон ба ҳеҷ ваҷҳ бо модиёти қобил муқоиса ва муовиза нест. Кандани куҳи илм ва ёфтани тиллои ноби бедории ақлонитарин интихоб ва гузиниши одамӣ дар илми ҳастӣ аст:

Зар аст илм умр, бад-ин зар буда,
Гар дар масири барф ба зар дода ба (395,82).

Ҳофизи Шерозӣ дар ашъори хеш ба талаф додани умр нафрат мегӯяд. Ба ҳамин далел, шоду масрур зистан ва дарки замони ҳолро беҳтарин ҷойгузин дар муқобили гузари шитобони умр дониста мефармояд:

Вақро ғанимат дон, он қадр, ки битавонӣ,
Ҳосили ҳаёт ин аст, ҷони ман агар донӣ (4, 645).
Панди ошиқон биншав в-аз дари тараб боз ой,
К-ин ҳама намеарзад шуғли олими фонӣ (4, 645)

Худованд инсонро дар андозаҳои муайян барои замонҳои мушаххас офарид. Парастиш ва ибодати парвардигор ҳадафи аслӣ аз офариниши одамӣ аст. Аз тарафи дигар ӯ инсонҳоро озмоиш кард, то андозаҳои воқеияшон маълум гардад. Ба инсон ихтиёр дод, то роҳи худро озодона пайдо кунанд. Умри одамӣ ва истифодаи дуруст аз лаҳзаҳои он барои Худо дорои аҳамият будааст.

Ин даврaҳо метавонад кӯтоҳ ва арзишманд ва ё тӯлонӣ ва ранҷовар гардад. Аммо дарки нодуруст аз ин масъала метавонад зарарҳои зиёдеро дар ду ҷаҳон дошта бошад.

Носири Хусрав муаллими ахлоқу ҳикмат аст ва дар қасидаҳояш ба арзиши ин матлаби муҳим ишора доштааст. Вай мегӯяд ки харобии умр сабаби шикасти инсон аст. Рафтани рӯзҳои зиндагӣ ба харобӣ зарар аст. Зиндагӣ агар ба бозӣ гузарад, мавриди иқболи Носир нест. Давандаи беҳадаф хаста мешавад ва ба мақсад намерасад.

Харобии сохтмони умр пушаймонӣ дар пай дорад. Кори имрӯзаро ба фардо гузоштан ва куштани замон боиси аз каф рафтани лаҳзаҳои нағзи зиндагист. Носир бар ин бовар аст, агар ҷавонӣ гузашт имкони ҷуброн аст ва бояд қадри пириро донист. Талафи умр аз назари Носир хоста ва майли шайтон аст. Шайтон ҳамдами дурӯғин ва роҳбарияш номуборак аст. Рафтан ба сӯйи шаҳватҳо боиси талаф шудани вақтҳои зиндагӣ аст. Ғафлат ва бехабарӣ мумкин аст истифодаҳои бемавқеъро аз инсон бигирад. Фурӯшандае, ки дӯконаш холӣ мешавад, шикастхӯрда аст.

Одамҳое, ки арзиши умрро намедонанд, ҳамеша шарманда ва хиҷиланд. Вақт тиллост ва бояд онро бо тилло иваз кард. Агар дар муомилаи умр диққат нашавад, харобӣ дар паяш меояд. Ёди Худои бузург, шод кардани худ ва дигарон, касби илм ва маърифат ва хубиҳои одамият захираҳое ҳастанд, ки аз харобии умр пешгирӣ мекунад, ва дар охир бояд гуфт, он кас саодатманд ва растагор мешавад, ки ин гуна рафтор кунад.

А Д А Б И Ё Т

1. «Қурон»-и карим
2. Қубодиёнӣ Носир ибни Хусрав. Девони ашъор/ тасҳеҳи Насруллоҳи тақавӣ.– Теҳрон: Интишороти асотир, 1385. – 694 с.
3. Хайём Умар инби Иброҳим. Рубоиёт/ тасҳеҳи Муҳаммад Алии Фурӯғӣ ва Қосими Ғанӣ.– Теҳрон интишороти Ганҷина, 1387.– 184 с.
4. Хатиб Раҳбар Халил. Девони ғазалиёти хоҷа Хофизи Шерозӣ/ Хатиб Раҳбар Халил.– Теҳрон: Интишороти Сафи Алишо 1378.– 733 с.

МЕСТО БЕЕСМЫСЛЕННОЙ УТРАТЫ ЖИЗНИ И ЖИЗНЕННЫХ ПЕРИОДОВ В КАСЫДАХ НОСИРА ХУСРАВА

В данной статье автор рассматривает место жизни и жизненных периодов в касыдах Носира Хусрава. Также для потверждения важности данной темы приводятся примеры из священного Корана и рассматриваются отрывки из касыд Носира Хусрава, где указывается на ценность и значение жизненных периодов.

Ключевые слова: Священный Коран, периоды жизни, касыды Носира Хусрава.

PLACE THE SENSELESS LOSS OF LIFE AND LIFE PERIODS IN KASIDS NOSIR KHUSRAV

In this paper the author examines the place of life and life periods in касыдах Nosir Khusravs. Also to confirm the importance of this issue are examples from the Holy Koran and discusses excerpts from qasidas Носира Nosir Khusravs, which highlighted the value and significance of life periods.

Key words: Holy Quran, life spans, kasids Nosir Khusrav.

Сведения об авторе: ***Темур Шуджои*** – соискатель ТГПУ им. Садриддина Айни

ҚАСИДАИ “ДАРЁИ АБРОР”-И АМИР ХУСРАВИ ДЕҲЛАВӢ ВА САРЧАШМАҲОИ АДАБИИ ОН

Латифов Фатҳилло
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Баррасии масъалаи пайравиву истифодаи шуарову нависандагони бузург аз навиштаҳои пешиниёни худ ва таъйини мизони бардошту иқтибосоту асарпазирии онон аз нигоштаҳои гузаштагон метавонад моро дар маърифати ҳар чӣ бештари аҳволу осор ва диди адабии адибон мадад расонад. Ҳарчанд дарёфти ҳамаи сарчашмаҳо ва манобеу мароҷеи мавриди истифодаи як шоир ё нависанда амри маҳол аст, ҷустуҷӯ ва тафаҳҳус дар ин бора то ҳадди иқтидор метавонад бахше аз маъхазу манобеи мутолиа ва зербинои тафаккуроти адибонро ошкор созад.

Ҳар асари ҳунарие, ки эҷод мешавад, маншае барои ҳунармандону шоирон ва нависандагони баъдӣ мегардад. Метавон гуфт, осори ҳунариву адабӣ дар тӯли таърих пайваста дар ҳоли камолу пӯёӣ аст. Шоирон гоҳе мазмунеро аз шоирони пешини худ баргирифта ва бо тағйироте, ки дар он падид меоваранд, ба бозофариниву зебосозии он мепардозанд. Ба ибораи дигар, як мазмуни воҳид бо ибораҳои гуногун, ки хоси ҳар шоир аст, баён мешавад. Чунончи, Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ мефармояд:

Як қисса беш нест ғами ишқ в-ин аҷаб,
К-аз ҳар забон, ки мешунавам, номукаррар аст [6,47].

Яке аз шоироне, ки дар ин ҳавза бо ёрӣ ҷустан аз андешаи халлоқу шеваи баёни камназири худ ба бозофаринии мазмунҳои шеъри гузаштагон пардохтааст, Амир Хусрави Деҳлавӣ мебошад. Ин шоири нуктасанҷ теъдоди қобили тавоҷҷуҳе аз нукоти шеърии худро аз шоирони моқабли худ баргирифта, он мазоминро бо қудрати андешаи нуктасанҷу қалами сеҳрофарини хеш табдил ба сухане баёдмонданӣ ва ҷовидон намудааст, ки аз беҳтарин бозофариниҳои ӯ дар заминаи мазкур “Хамса” ба ҳисоб меравад. Касе ба монанди Амир Хусрав ба “Панҷ ганҷ”-и Низомӣ ҷавоби уҳдабароёнае нагуфтааст.

Гузашта аз ин, ҳар байту ғазалеро, ки дар пайравии шоирони моқабли худ сурудааст, дар аксар маворид, агар аз шоири мавриди назари худ беҳтар нагуфта бошад, кам низ нагуфтааст.

Дуруст аст, ки аксар он чӣ мояи бартарии Хусрав шудааст, ғазалиёти ӯст. Вале бо ин ҳама наметавон қасоиди ӯро нодида гирифт, ки, мутаассифона, ин ҷиҳати офаридаҳои Амир Хусрав то андозае аз назарҳо дур ва ношинохта мондааст.

“Дарёи аброр” яке аз беҳтарин қасидаҳои Амир Хусрави Деҳлавӣ аст ва худи шоир дар хусуси ин қасида чунин мегӯяд: “Агар аз ҳаводиси афлок ва аз офатҳои рӯзгор тамоми назми ман аз сафҳаи замона маҳв шаваду ҳамин қасидаам монад, бароям бас аст. Чаро ки ҳар касе онро хонад, хоҳад донист, ки дар мулки назм тасарруф ва иқтидори ман дар чӣ мартабае будааст”. [2,192]

Воқеан, дар таърихи адаби форсӣ диққату зеҳни шоирони қасидасароро қасидае мисли “Дарёи аброр” ба худ ҷалб накардааст ва ба қасидае то ба ин ҳад пайравӣ нашуда, ки аз машҳуртарини онҳо қасидаи Абдурраҳмони Ҷомӣ “Луҷҷат-ул-асрор” ва Навоӣ “Туҳфат-ул-афкор” аст [3,8]. Гузашта аз ин, аз рӯйи гуфти Навоӣ дар “Маҷолис-ун-нафоис” Мавлоно Абдулваҳҳоби Исфароинӣ ва Мавлоно Зоҳидӣ низ татаббӯи қасидаи “Дарёи аброр”-и Амир Хусрав кардаанд, ки матлаи қасидаи Мавлоно Зоҳидӣ ин аст:

Ин куҳанаврақи гардун, к-аш зи анҷум зевар аст,
Куҳнатаърихи басе шоҳони анҷумлашкар аст [3,8].

Мирхонд валади Сайид Ховандшоҳ (муаллифи “Равзат-ус-сафо”) низ дар татаббӯи “Дарёи аброр” қасидае дорад, ки ин байт аз ӯст:

Ҳар кӣ даст аз оби ҳайвон шуст, Хизри вақт ӯст
В-он, ки аз зулмоти нафс омад бурун, Искандар ӯст. [2,193]

Худи Амир Хусрав дар эҷоди ин асари гаронбаҳои худ аз осори гузаштагон бебаҳра набудааст ва чун ин қасида қасидаи ирфонист, бегумон, ӯ дар бардошти худ аз осори ирфонӣ бештар истифода намудааст.

Дар асл, наҳваи бардошту пайравии Амир Хусрав ба куллӣ аз шуарои дигар фарқ дорад. Бардошти ӯ аксар бардошти маънавист. Гарчанде ӯ худро дар ғазал пайрави Саъдӣ, дар маснавӣ Низомӣ, дар мавоизу ҳикам Саноию Хоқонӣ ва дар қасоид пайрави Разиюддини Нишопурӣ ва Камолуддин Исмоили Халлоқулмаонӣ медонад [4,785-786], аз дигар шоирон низ ба монанди Аттору Мансури Ҳаллоҷ бебаҳра набудааст. Амир Хусрав пайрави маънавии қудамо будани худро дар достони “Ширин ва Хусрав” низ баён карда, хешро фарзанду суханашро зодаи иршоди маънавии Низомии Ганҷавӣ мешуморад:

Бад-ин абҷад, ки тифлонро кунад шод,
Мисоле бастам аз таълими устод.
Гараш Ширин нахонӣ, Борбад ҳаст
В-агар ҷон нест, боре, колбад ҳаст.
Кушод ӯ “Панҷ ганҷ” аз Ганҷаи хеш
Бад-он панҷ озмоям панҷаи хеш.
Ки то гӯяд маро ақли гиромӣ
Зиҳӣ, шоиста фарзанди Низомӣ [4,787].

Инчунин таъсирпазирии Хусрав аз шуарои дигар ба шеваҳои гуногун будааст ва бештар таъсирпазирии маънавӣ бо рангу нигори тоза. Исботи ин фикрро мо метавонем аз як ғазали Мансури Ҳаллоҷ, ки бо байти:

Домани ҳиммат барафшон, эй дил, аз кибру риё,
Баъд аз он бар дӯши ҷон афкан ридои кибриё.
оғоз меёбад, пайдо кунем.

Байти:

Рахши ҳимматро бурун рон аз мазиқи ин ҷаҳон,
То расад аз олами ваҳдат нидои “Марҳабо!”

идомаи ғазали мазкур буда, дар қасидаи “Дарёи аброр” онро дар чунин шакл дучор меоем:

Рахши ҳимматро фиган баргустувон аз далқи фақр,
Нафсро меҳробие кун, к-ин ҷиҳоди акбар аст [1,813].

Ба андешаи мо, ин қасида бояд дар пайравии як қасидаи Ҳаким Саноии Ғазнавӣ суруда шуда бошад, ки матлаи он чунин аст:

Шоҳро хоҳӣ, ки бинӣ, хок шав даргоҳро,
З-обрӯ обе бизан даргоҳи шоҳаншоҳро [5,9].

Якум, ин ки дар матлаи ин қасида, ки зикр шуд, Саноӣ безории худро аз сурудани мадҳия ва хидмат дар дарбор ба тарзи киноӣ баён мекунад ва расидан ба дидори шоҳро душвор ва бе хориву пастиву тамаллуқ имконнопазир мешуморад, аммо Хусрав ошкор баён мекунад ва будан дар канори шоҳро бефоидаву зиёновар ва дурӣ аз даргоҳро давлати бузург ва боиси сарфарозиву давлатмандӣ медонад:

Кӯси шаҳ холиву бонги ғулғулаш дарди сар аст,

Ҳар кӣ қонеъ шуд ба хушку тар, шаҳи баҳру бар аст [1,811].

Дувум, ин ки ҳар ду қасида ҳам дар баҳри рамали мусаммани маҳзуф ё мақсур суруда шудаанд:

фоъилотун, фоъилотун, фоъилотун фоъилон

- v - - / - v - - / - v - - / - v ~

Севум, ин ки дар ҳар ду қасида ҳам ҳар байт тақрибан мустақил аст ва робитаи маъноӣ байни байтҳо кам дида мешавад. Гарчанде дар ибтидо ин хусусият ба чашм намехӯрад, дар идомаи қасида метавон инро мушоҳида намуд. Баҳри исботи ин андеша лозим аст, қисме аз матни комили ҳар ду қасидаро зикр кунем:

Қасидаи Ҳаким Саноӣ:

Шоҳро хоҳӣ, ки бинӣ, хок шав даргоҳро,
З-обрӯ обе бизан даргоҳи шоҳаншоҳро.
Наъл кун, чун чатри ӯ дидӣ кулоҳи чархро,
Чок зан, чун рӯйи ӯ дидӣ қабои моҳро.
Чун кӯлаҳ бар сар нишин дуздони афсарҷӯйро,
Чун хирад дар ҷон нишон зиндони лашкаргоҳро.
Аз барои иззи дидори Сиёвахшивашаш
Ҳамчу Бежан банд кун дар чоҳи хорӣ ҷоҳро.
Офиятро сар бизан баҳри камоли моҳро,
Оқибатро дам бизан баҳри камоли роҳро.
Ҳам ба чашми шоҳ рӯйи шоҳ хоҳӣ диду бас,
Дида андар кори шаҳ кун кӯрии бадхоҳро.
Оҳи ғаммоз аст андар роҳи ишқу ошиқӣ,
Банд барнеҳ бар ниҳонхонай хамӯшӣ оҳро.
Аз сари озодмардӣ теғе аз ғайрат бизан,
Ҳам шафоатҷӯйро куш, ҳам шафоатхоҳро.
Дарди ишқ аз марди ошиқ пурс, аз оқил мапурс,
К-огаҳӣ набвад зи обу ҷоҳи Юсуф чоҳро.
Ақл бофандаст, маншон ақлро бар тахти ишқ,
Осмон ушшоқро беҳ, ресмон ҷулоҳро.
Гар сипар бифканд ақл аз ишқ, гӯ: “Бифкан, равост”,
Рӯйи хотун сурх бояд, хок бар сар доҳро.
Пеш гир андар талаб роҳи дарозоҳангу танг,
Гӯ дил андар шак шикан сабри забонкӯтоҳро.
Дурди мӯсовор хоҳӣ, ҷоми фиръавнӣ талаб,
Бодаҳои офиятсӯзу маломатхоҳро.
Ҳар ғаму шодӣ, ки аз ишқат ҳам ишқ аст, аз он-к
Бор инда-л-лоҳ бошад, тухм абд-ул-лоҳро.
Гоҳ гардонад вафои ишқ то бар ҷон-т низ,
Ҳукм набвад ақли шуғлафзои корогоҳро.
Боди кибр аз сар бинеҳ, дар дил барафрӯз оташе,
Пас бар он оташ бисӯзон обгун даргоҳро.
Чун шудӣ гоҳе, Саноӣ, гурд, гоҳе гарду бас,
Чунки гоҳе беҳ шиносад қадру қиммат гоҳро [5,9-10].

Қасидаи Амир Хусрави Деҳлавӣ:

Кӯси шаҳ холиву бонги ғулғулаш дарди сар аст,
Ҳар кӣ қонеъ шуд ба хушку тар, шаҳи баҳру бар аст.
То зи ҳар боде наҷунбӣ, по ба доман каш чу кӯҳ,

К-одамӣ муште ғубору умр боди сар-сар аст.
Шукр гӯй, ар фақр нафсатро кушад, зеро Халил,
Чун табар бардошт, миннат бар бутони Озар аст.
Нест мудбир аҳли тарк, ар худ надорад кафш, аз он-к
Ҳар шикоф аз пошнояш дину давлатро дар аст.
Поя давлатрост мардум, гарчи ҳаст ашраф, бубин
Ҷойи афсар бар сар, арчи сар қавитар з-афсар аст.
Давлат он набвад, ки султонро парастӣ чун сагон,
Хидмати дарвеш кун, к-ин мояи карру фар аст.
Мард пинҳон дар гилему подшоҳи олам аст,
Теғ хуфта дар ниёму посбони олам аст...
Нафсу шайтон бо туву ту хуфта, тарсам, бомдод
Мурда ёбандат, ки мору каждумат дар бистар аст.
Ту най ғозӣ вагарна ҳам ба қавли Мустафо,
Қатраи оби вузӯ бар дев теғи сафдар аст...
Ошиқӣ ранҷ асту мардонро ба сина роҳат аст,
Силсила банд асту шеронро ба гардан зевар аст.
Аз ҷароҳат зинда гардад дил, ки фосид шуд чу хун,
Вирди “аш-шофӣ ҳува-л-лаҳ” бар забони нештар аст.
Хомтоибро ба майхона ҷаве сад ҳасрат аст,
Тифли соимро ба тобистон даме даҳ ғар-ғар аст.
Мастро устоди маънӣ баргирифтан мушкил аст,
Бодро домони кӯҳ бардоштан мустанкар аст.
Пухта шав, то бошадат нома сапед он сӯй, аз он-к
Хом бошад чун варақ, з-он сӯ сиёҳӣ мазҳар аст.
Кор ин ҷо кун, ки ташвишест дар маҳшар басе,
Об аз ин ҷо бар, ки дар дарё басе шӯру шар аст.
Кор кун, к-аз коркарди мард мезояд ҳунар,
Варна не хат дар қалам, не нағма андар мизмар аст.
Ҳар нишоне аз ҳунар мулкест, к-аз зоти арӯс
Рӯй Руму зулф Шому ҳарду пистон Барбар аст.
Эй, ки маънӣ дорӣ, ар зар нест, гӯ: “Ҳаргиз мабош”,
Охират кибрити аҳмар беҳ зи тини асфар аст.
Хубии дунё мабин, эй хуфтаи ғофил, аз он-к
Ҳаст иблис, он ки андар хоб хӯре дар бар аст.
Чарбии луқма бисӯзад охират, к-андар чароғ,
Он, ки бинӣ равғани аввал, ниҳоят озар аст.
Эҳтироқи муфлисӣ мисбоҳи роҳи зулмат аст,
Зулфиқори ҳайдарӣ мифтоҳи боби Хайбар аст,
Рӯз ноҳор асту шаб бедор боз аз баҳри кор,
З-он сабаб ҷояш забардасти Қуболу Нӯзар аст.
Ҳар кӣ чун абҳар даруни дида созад ҷойи зар,
Чашмаш аз биниш муаттал ҳамчу айни абҳар аст.
Хокхӯр, гӯ, ҳар кӣ моле дораду хӯрдеш нест,
Ҳамчу он море, ки ганҷаш дар таҳу хокаш х(в)ар аст.
Ҳар киро по бастаи зар шуд, ба занҷир аст асир,
Беш аз ин набвад, ки ӯ баста ба занҷири зар аст!
Ҳар чӣ сифла пиртар, ҳирсаш фузунтар то ба гӯр,
З-он ки чун саг пир гардад, иллати маргаш гар аст.
Дӯст медорӣ чунон нақши дирамро, к-эй хасис,

Назди ту, гӯё саводи чашмҳои анвар аст.
Нокасу кас, ҳар кӣ ҳирси мол дорад, дӯзахист,
Уду саргин, ҳар чӣ дар оташ фитад, хокистар аст... [1,811-817].

Дар байти дигари қасидаи мазкури Саноӣ омадааст:
Офиятро сар бизан баҳри камоли ишқро,
Оқибатро дам бизан баҳри ҷамоли роҳро [5,10].
Дар ҷавоби ин байт Амир Хусрав мефармояд:
Ошиқӣ ранҷ асту мардонро ба сина роҳат аст,
Силсила банд асту шеронро ба гардан зевар аст [1,813].
Ҳаким Саноӣ дар як қасидаи дигари худ, ки бо матлаи
Шарти мардон нест дар дил ишқи ҷонон доштан,
Пас дил андар банди васлу банди ҳиҷрон доштан.

шурӯъ мешавад, мефармояд:

Зишт бошад хештан бастан ба одам в-он гаҳе
Нафси одамро ғуломи нафси шайтон доштан.

Амир Хусрав дар ҷавоб ба ин байт бо ибороти латифу дилпазиру таъсирбахш мегӯяд:

Нафсу шайтон бо туву ту хуфта, тарсам, бомдод
Мурда ёбандат, ки мору каждумат дар бистар аст [1,813].

Хуллас, дар натиҷаи баррасии қиёсии қасидаи “Дарёи аброр” метавон ин нуктаро дарёфт, ки бахши зиёде аз маониву сарчашмаҳои ин қасида ҳосили ҷустуҷӯ ва мутолиоти Амир Хусрав дар осори гузаштагон аст, вале бештар назари шоир ба ду қасидаи мазкури Ҳаким Саноӣ будааст. Тафовути хосеро, ки дар бозофариниҳои Амир Хусрави Деҳлавӣ дар қасидаи “Дарёи аброр” ба мушоҳида мерасад, метавон ба ду даста тақсим кард:

1.Тафовути забонӣ ё худ шеваи баён;
2.Дарунмоя.

Тафовути умдаи забони Хусрав аз осори пешиниён дар он аст, ки ӯ хонандаро саргарми кушодани печишу рамзҳои каломи душвор намекунад, балки бо баёне содаву равон ба асли матлаб мепардозад ва хонандаро ғарқи баҳри маънӣ мекунад. Грачанде робитаи маъноии абёт аксар вақт канда шуда, ҳар байт тақрибан маънии мустақил ба худ касб мекунад, вале тамсилҳои возеҳу равшан ва баёни содаи шоир мухотабро ба умқи маънии он бо таваҷҷуҳ ба сохтори куллии қасида ба таври яклухт ошно месозад.

Яке аз дарунмояҳои қасидаи Амир Хусрав меҳвари ахлоқӣ ва баёни тамсилии он аст, ки дар он таваҷҷуҳи мухотабро ба нукоти ахлоқиву иҷтимоӣ, ки аз тамсилҳо натиҷа мегирад, ҷалб менамояд ва ин нукот қасидаи ӯро аз дигар қасоид фарқ кунонда меистад.

А Д А Б И Ё Т

1. Амир Хусрави Деҳлавӣ. Осори мунтахаб (иборат аз 4 ҷилд. Ҷ. 4) / Амир Хусрави Деҳлавӣ. – Душанбе: Ирфон, 1975.
2. Бақоев Муҳаммадвафо. Ҳаёт ва эҷодиёти Хусрави Деҳлавӣ/ Бақоев Муҳаммадвафо. -Душанбе: Дониш, 1975.
3. Ҷалилов Баҳром. Навоий ва Бобур. (Ба забони ӯзбекӣ). (Шакли электронӣ).
4. Забеҳуллоҳ Сафо. Торихи адабиёт дар Эрон. Ҷилди савум, бахши дувум/ Забеҳуллоҳ Сафо. – Теҳрон, 1388. –С. 785-786.
5. Ҳаким Саноии Ғазнавӣ. Девон/ Ба кӯшиши Маоҳир Мусаффо. Амири Кабир, даймоҳи 1336.
6. Ҳофизи Шерозӣ. Девони Ҳофиз. Бар асоси нусхаи Муҳаммад Қазвинӣ ва Қосим Ғанӣ/ Ба эҳтимоми Маҷид Фидоиманиш. –Теҳрон, 1381

КАСЫДА “ДАРЁИ АБРОР” (“СВЯТАЯ РЕКА”) АМИРА ХУСРАВА ДЕХЛАВИ И ЕЕ ЛИТЕРАТУРНЫЕ ИСТОЧНИКИ

Касыда “Дарёи аброр” (“Святая река”) Амира Хусрави Дехлави является ярким примером подражания и восхваления. В подражание данной касыде поэты сочиняли множество поэтических произведений и одной из знаменитых касыд, написанных в подражание “Дарёи аброр” является ответная касыда Абдуррахмана Джами Алишеру Наваи. Но до сегодняшнего дня данная касыда не подвергалась тщательному источниковедческому анализу Поэтому в данной статье автор подверг изучению и рассмотрению касыду “Дарёи аброр” (“Святая река”) Амира Хусрави Дехлави и его первоисточники.

Ключевые слова: касыда, Амир Хусрав Дехлави, Санои, источники, источниковедение, подражание, исследование.

KASIDA “THE HOLY RIVER” AMIR KHUSRAV DEKHLAVI AND LITERARY SOURCES

Kasida “The Holy river” Amir Khusrav Dekhlavi is a striking example of imitation and praise. In imitation of the касыде poets wrote a lot of poetry and one of the famous qasidas, written in imitation of the “The Holy river” is a response kasida Abdurrahman Jami Alisher Navoi. But to date this kasida not subjected to thorough scrutiny of sources of analysis. In this article the author has subjected to the examination and review касыду “Дареи Abror” (“the Holy river”) Amir Khusrav Dekhlavi and its sources.

Keywords: kasida, Amir Khusrav Dekhlavi, Sanoi, sources, source, imitation, research.

Сведения об авторе: ***Латифов Фатхилло*** - аспирант кафедры истории таджикской литературы ТНУ Телефон **(+992) 98 1020282**; электронная почта: **latif-86@mail.ru**

ХУСУСИЯТҲОИ МАВЗУИИ ҒАЗАЛИЁТИ АРАБИИ ҶАЛОЛУДДИНИ РУМӢ

Дилором Каримова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ дар шумори суханварони соҳибназари адабиёти форсу тоҷик қарор дорад, ки нуфӯзи дарёфтани афкори фалсафию ирфонӣ, андешаҳои инсонгароёна ва ҳикмати пурбори маънавӣ дар осораш ҷойгоҳи муайяни худро дорад. Ин орифи закиву ҳушманд дар радифи шуарои шаҳири даврони асримиёнагӣ қарор дошта, дар баён кардани маонии душвору ирфонӣ ва баландпоя бо забони содаву равон дорои қудрати беназир аст.

Қисми зиёди мероси адабии Мавлоно Ҷалолуддини Румиро ғазал, қитъа, тарҷеоту муламмаот ва рубоиву теъдоди байтҳое ташкил медиҳанд, ки бештар дар “Девони Шамси Табрезӣ” маъруф ба “Девони Кабир” ё “Куллиёти Шамс” фароҳам омадаанд.

Яке аз мавзӯъҳои назаррас дар ғазалиёти Мавлоно Ҷалолуддин мавзӯи ишқ аст, ки мавқеи ниҳоят муҳим дошта, аз назари ирфонӣ ва эҳсоси худи инсонҳо, ишқи кул, ки манзур аз ин ишқи илоҳист, таҷассум ёфтааст. Ҳамчунин садоқати ошиқу маъшуқ, ки аз мавзӯи ҷовидонаи ғазал аст, дар перояи лафзи хушоянду муҷалло ҳам дар ашъори арабӣ ва ҳам дар ашъори форсии Мавлоно тарҳрезӣ шудааст:

Яқул-ул-ишқу, ё соҳӣ тасокар вағтаним роҳӣ,
Фаашбаънока ё товӣ ва довайнока ё ахшам.
Шакарно ниъмат-ал-мавло, ва мавлоно биҳи авло,
Фаҳаз-ал-айшу ло яфно, ва ҳаза-л-каъсу ло юҳшам (2,553).

Ин ғазал дар баҳри ҳазаҷи мусаммани солим ва вазни мафоӣлун 8 бор дар як байтV_ _ _/V_ _ _/ V_ _ _/ V_ _ _ суруда шудааст.

Дар рубоиёти форсӣ:

Ишқе ба камолу дилрабоӣ ба ҷамол,
Дил бар сухану забон зи гуфтан шуда лол.
З- ин нодиратар куҷо бувад ҳаргиз ҳол,
Ман ташнаву пеши ман равон оби зулол (2,1409).

Ишқе дорам поктар аз оби зулол,
Ин бохтани ишқ маро ҳаст ҳалол.
Ишқи дигарон бигардад аз ҳол ба ҳол,
Ишқи ману маъшуқи маро нест завол (2, 1409).

Ҷазобат ва дилрабоии ғазалиёти Мавлоно пеши назари хонандаю шунаванда манзараи латиферо ҷилвагар месозад, ки асоси ҳаётию воқеӣ доранд ва ин

ҷаззобиятро дар ашъори арабии ӯ низ, ки қисмате аз эҷодиёташро ташкил медиҳанд, дидан мумкин аст.

Сабақ-ал-ҷадди илайно, назал-ал-ҳубби алайно,
Сакан-ал-ишқу ладайно фасакано ва савайно.
Заман-ус-аҳви надомаҳ, заман-ус-укри каромаҳ,
Хатар-ул-ишқи саломаҳ, фафутино ва фанайно (2,151).

Ғазали мазкур дар баҳри рамали мусаммани солим ва бар вазни фаилотун V_ _ _ (8 бор дар як байт) омадааст.

Аксари ғазалҳои Мавлоно омезиши ишқи орифона бо ишқи омиёна аст. Аз ин рӯ, дар ашъори Мавлоно ғазалҳоеро зиёд метавон мушоҳида кард, ки муҳаббату садоқати шахсии ӯро нисбат ба ёру дӯстон ва муршиду муридонаш, хоса Шамси Табрезӣ баён кардааст ва ин самимиятро дар ашъори арабӣ ва ҳам форсии худ иброз доштааст:

Аё рӯҳӣ, тарафраф фи фузо-ил-ишқи васташриқ,
Ва тарфи ҷаннат-ил-асрори мин анвори Шамсиддин.
Қалойидҳои дар дорад баногӯши замири ман,
Аз он алфози ваҳйосои шакарбори Шамсиддин (2, 701).

Дар ҷойи дигар чунин гуфтааст:

Эй ишқ, к-аз қадим ту бо мо ягонаӣ,
Як-як бигӯ ту роз чу аз айни хонаӣ.
Эй шоҳи шоҳу мафхари Табрез, Шамсиддин,
Нури заминиёну ҷамоли замонаӣ! (2,1402).

Ғазалиёти Мавлоно ба мисли дигар анвои ашъораш дар лафзу маънӣ мутаносиби ҳам мебошанд ва аз ҷиҳати шаклу тарзи қофиябандӣ хеле марғубанд. Ба мисли ин ғазали арабӣ, ки дар вазни рубоӣ навишта шудааст ва дар баҳри ҳазаҷи мусаммани солим ва дар шакли арӯзии мафъулун (4 бор) _ _ _/_ _ _/_ _ _/_ _ _ омадааст.

Мавлоно,мавлоно, ағноно, ағноно,
Амсайно атшоно, асбаҳно райёно.
Ло таъсо, ло тансо, ло тахшо туғёно,
Автоно, автоно мин аҷлика автоно.
Валбоқӣ валбоқӣ, байинаҳ ё соқӣ,
Ё муҳсин, ё муҳсин, иҳсоно иҳсоно (2,152).

Ғазалиёти Мавлоно дар асл бо матонату истеҳкоми калом ва назокату шеърияти олӣ ва фаровонии маъниҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки ӯ вассоф ва мадеҳасарои беназири ишқу ҳусну зебоӣ аст. Ба андешаи устод Бадеъуззамон Фурӯзонфар ***“муҳаррики Мавлоно дар баёни асрори ишқ ё маъшуқ бувад, ки ин ҳар ду бо Ҳақ ягонаанд. Ин шеъру навои рӯҳангез, ки аз гулӯи вай бармеояд, аз ӯ нест, балки ишқ аст, ки бо забони ӯ сухан мегӯяду бар пардаҳои гулӯяш оҳанги шараробор мерезад”***[*3, 23]*.

Қад ашрақати-д-дунё мин нури ҳумайёно,
Албадру ғадо соқӣ вал каъсу сурайёно.
Ман кона лаҳу ишқун фалмаҷлису масвоҳу,
Фал яъти ала шавқин фӣ хидмати Мавлоно.
Ман кона лаҳу ҳаммун юфниҳи ва юрдиҳи,
Фаляшрабу валяскар мин қаҳвати Мавлоно (2,148).

Ин абёти арабӣ дар вазни мафъӯлу/ мафоӣлун/ мафъӯлу/ мафоӣлун _ _V/V_ _ _/_ _V/V_ _ _ ва дар баҳри ҳазаҷи мусаммани ахраб суруда шудааст.

Ғазалиёти Мавлоноро гарчанде шартан ба мазмуну маъно тақсим кунем, аммо дар “Девони Шамси Табрезӣ” бино ба гуфти Атоуллоҳ Тадайюн омадааст: **”Пайваста дар як ғазале як андеша дунбол намешавад ва татобӯи як матлаб(таҳқиқи як мавзӯъ) даркор нест, гоҳе як ғазал монанди анбори пурмояе аз колоҳои гуногун анбошта шудааст ва ғолибан шавоҳиди матлабе тамоман дар як ғазал нест, балки аз чанд ғазалу гоҳе аз ҳар ғазал чанд байт бояд нақл кард, то аз маҷмӯи онҳо шаммае аз матлабе дар чанд ғазал бо таъбироти мухталиф биёяд”** [3, 27].

Чунин мисолҳоро дар “Девони Кабир” фаровон метавон мушоҳида кард. Эҷоду бунёди ғазалиёти “Девони Шамс” дар 55 баҳри қолаби арӯзи форсии тоҷикӣ мавриди эҷод қарор гирифтааст, ки аз ҷониби Мавлоно санъатҳои лафзиву маънавии куҳани бадеъ истифода шуда, бино ба мушоҳидаи Бадеъуззамон Фурузонфар “**дар**

ҳудуди 75000 таркиботи васфиву изофӣ ба кор андохта шудааст, ки 10000 -и он ихтироъкардаи андешаву замири Мавлоност” [3, 27].

Аз гуфтаи Атоуллоҳи Тадайюн, “дарозии ғазалҳои “Девони Шамс”, ки гоҳе то чиҳил ва ҳатто ба шаст байт мерасад (дар сурате ки барои ғазал ҳадди мутавассите, дар ҳудуди понздаҳ байт аст) гӯё вазну қофия сарошобест, ки Мавлоно наметавонад худро дар он нигоҳ дорад [3, 25].

Ғазалиёти “Девони Кабир”аз ҷиҳати қофияву радифбандӣ ва истифодаи дигар унсурҳои сухан хеле ҷолиб аст, ки чунин навовариҳоро дар ашъори шоирони пешину баъдӣ мушоҳида наметавон кард. Ӯ дар як ғазал қофияро чанд маротиба тағйир дода, ҳамон радифро боқӣ гузоштааст ва радифҳояш такрор ба такрор истифода шудаанд ва барои қавӣ гардонидани он баъзе калимаҳоро радифвор пайи ҳам овардааст.

Ин хусусиятро ҳам дар ашъори арабӣ ва ҳам форсӣ хеле зиёд дидан мумкин аст. Аз ин рӯ, метавон инро як навъ умумият миёни ғазалҳои арабӣ ва форсӣ номид.

Абёте, ки алъон чун намуна меоварем, дар вазни рачази мураббаи мураффал суруда шуда, шакли арӯзии он _ _V_ _/_ _V_ _ /_ _V_ _/_ _V_ _/ мустафъилотун/мустафъилотун/мустафъилотун/мустафъилотун мебошад.

Ё колимино, ё ҳокимино,
Ё моликино, **ло тазлимуно**.
Ё залфазоил, зуҳраш шамоил,
Сайфа-д-далоил, **ло тазлимуно.**
Ё ниъма соқӣ, ҳулва-т-талоқӣ,
Муррал фироқи, ло тазлимуно.
Афдика руҳӣ, инда-с-сабуҳи,
Ё зал футуҳи, **ло тазлимуно**.
Ал ишқу ҳолун, мулкун ва молун,
Навмӣ муҳолун, **ло тазлимуно** (2,154).

Мисоли дигар дар ашъори форсӣ:

Ҳамчу гули сурх бирав **даст даст,**
Ҳамчу майе халқ зи ту **маст маст.**
Бозӯи ту қавси Худо **ёфт, ёфт**,
Тири ту аз чарх бурун **ҷаст, ҷаст**.
Ғайрати ту гуфт: “Бирав, роҳ нест.!
Раҳмати ту гуфт: Биё **ҳаст,ҳаст**”(3,208).

Дар ҷойи дигар:

Боз расидем зи майхона **маст**,
Боз раҳидем зи болову **паст**.
Ҷумлаи мастон хушу рақсон шуданд,
Даст занед, ай санамон даст, даст.
Ҳаст шавад нест,шавад нест ҳаст,
Тан тани тан тан шунав, ай **танпараст** (3, 172).

***

ва ё:

Дили ман, дили ман, дили ман бари ту,
Рухи ту,рухи ту, рухи бофари ту (3, 28).

***

Ё ин ки:

Ҷони манӣ, ҷони манӣ, ҷони ман,
Они манӣ, они манӣ, они ман! (4,87).

Ғазалиёти Мавлоно бештар аз тасвири шӯру шавқи ишқ қисса мекунад ва дар баробари лутфи сухан ва умқи маонӣ дорои оҳангнокии баланд аст. Он сабку услубе, ки Мавлонои Рум пеша кардааст, на пеш аз ӯ ва на баъд аз ӯ дар назми арабу аҷам ба назар нарасидааст.Вай дар ғазалиёташ аз таъбиру гуфтори мардум мақолу зарбулмасалҳои зиёд истифода кардааст, ки онҳо низ оҳанги махсуси худро доранд.

Масалан, дар абёти форсӣ:

Ё дилбари ман бояду **ё дил бари ман**,
Не **дил бари ман** ояду не **дилбари ман**.
Эй **дилбари ман**, мабош бе **дил бари ман**,
Як дилбари ман беҳ, ки сад **дил бари ман** (4,68).

Дар абёти арабӣ:

Руҳаҳу руҳӣ ва руҳӣ руҳаҳу,
Ман рао **руҳ**айни ъошо фӣ бадан (2,796).

Ин абёти арабӣ бо абёти форсии

Ҷони ман ҷони ту, ҷонат ҷони ман,
Ҳеҷ дидастӣ ду **ҷон** дар як бадан (3,770).

Ё ин ки ибораи "**Ҷони ману ҷони ту буд яке з-иттиҳод**" матлаби ягонаи Мавлоноро ифода карда, мақсади ӯро бо ду забон дар либоси шеър баён кардааст. Ҷойи дигар чунин гуфта:

Дар ишқи **оташинаш оташ** нахӯрда **оташ**,
Бе чеҳраи **хуши** ӯ дар **хуш** ҳазор **нохуш** (4,88).

Ашъори Мавлоно барои маҷлиси суруду самои орифон, ҷаҳру зикри мусиқии дарвешон, зарбу оҳанги мусиқӣ, нақру пойкӯбии рақсҳо ва овозхонии ҳамдастонаи маҷлисиён суруда шудаанд:

Рақси шумо ҳар ду калиди бақост,
Раҳмати бисёр бар ин рақс бод!

Манзур аз мафҳуми рақс дар эҷодиёти Мавлоно "рақси самоъ" мебошад (пойкӯбӣ ва чархидани сӯфиёни дарвешмашраб дар фазои озод), ки он хоси сӯфиён буда, Мавлоно Ҷалолуддин дар ин мавзӯъ низ бисёр ишораҳо дорад ва аз он чунин бармеояд, ки барои сафои рӯҳ ва ҷазабаи ишқ мусиқӣ низ таъсири ниҳоят муҳим доштааст.

Самоъ аз баҳри ҷони беқарор аст,
Самоъ ороми ҷони зиндагон аст.
Самоъ он ҷо бикун,к -он ҷо арӯсист,
Самои ин ҷаҳону он ҷаҳон аст.
Хусусан, ҳалқае, к-андар самоанд,
Ҳамегарданду Каъба дар миён аст (3,140).

Рамзу киноя ва тамсилҳои Мавлоно чӣ дар ашъори форсӣ ва чӣ дар ашъори арабии ӯ тааммулу андеша, дониш ва малакаву маҳорати баланд мехоҳад. Ҳанӯз дар замони зиндагонии ин пири дилошуфта мухлисону иродатмандони каломаш барои кашфи маонӣ ва мафҳумҳои сарбаставу рамзу розҳои нуҳуфта ба шарҳи маъниҳои онҳо эҳтиёҷ доштанд. Ашъори арабии Мавлавӣ низ пур аз розу ниёз аст, таҷаллии нури ишқ дар он ниҳон аст:

Сайидӣ иннӣ каллайлин анта фӣ зайи-н-наҳор,
Аштакӣ мин тули лайлӣ, алфирор айнал фирор.
Лайлатӣ маддат ядоҳо, амсакат зила-с-сабоҳ,
Лайлатӣ дорул қарори, дунаҳо дорал қарор (2, 467).

Ин абёт дар баҳри рамали мусаммани мақсур ва дар шакли арӯзии фоилотун/фоилотун/фоилотун/фоилот (8 бор) –V- -/-V--/-V--/-V~суруда шудааст.

Мисоли дигар:

Ё мунир-ал-бадри, ***қад авзаҳта билбилболи бол,***
Билҳаво залзалатнӣ вал ақлу фи-з-зилзоли зол.
Кам унодӣ унзуруно, нақтабис мин нурикум,
Қад рақаъно ҷонибан, мин тури анворил ҷалол (2, 529).

Ё ин ки:

Ё бадиъал ҳусни, ***қад авзаҳта билбилболи бол,***
Билҳаво залзалатнӣ вал ақлу фи-з-зилзоли зол.
Қад рақаъно,қад рақаъно ҷонибан мин турикум,
Унзуруно, унзуруно настақил моа-з-зулол (2, 529-530).

Ҳар ду абёти шеърӣ мисли ғазали қаблӣ дар баҳри рамали мусаммани мақсур ва шакли арӯзии фоилотун/фоилотун/фоилотун/ фоилот _V_ _/_V_ _/_V_ _/_V~ суруда шудааст.

Хусусият ва умумияти дигари ашъори арабӣ ва форсии Мавлоно ин аст, ки байти як ғазалро метавон дар байти ғазали дигар айнан мушоҳида кард, вале калимаҳои мукаррар (калимаҳои такроршуда) бо ҳамрангии қофия ва такрори дигар калимот ҳусни ғазали дигарро афзудаанд. Масалан, дар абёти боло мисраи аввал бо калимоти"***ё мунир-ал -бадр, қад авзаҳат билбилболи бол***" оғоз ёфта, абёти дигар бо ибораи"***ё бадиъал ҳусни қад авзаҳат билбилболи бол***" шурӯъ шудааст. Дар ҳар ду абёти шеърӣ маҳз ибораи "***қад авзаҳат билбилболи бол***" истифода шудааст. Аммо

агар ба мисраи дуюми ҳар ду ғазал диққат диҳем, пас, мебинем, ки ибораи "***бил ҳаво залзалатнӣ вал ақлу физ зилзоли зол***" бе тағйир такрор шуда омадааст. Айнан ҳамин хусусият дар абёти форсии Мавлоно низ ба назар мерасад.

Ай ҳавасҳои дилам, ***биё ,биё, биё, биё,***
Ай муроду ҳосилам, ***биё, биё, биё, биё*!**
Мушкилу шӯридаам чун зулфи ту,чун зулфи ту.
Ай кушоди мушкилам, ***биё, биё, биё, биё.***
То насӯзад ақли ман дар ишқи ту,дар ишқи ту,
Ғофилам,не оқилам, **биё, биё, биё, биё** !(3, 63)

Дар мисоли дигар;

Ай ҳавасҳои дилам, ***боре биё, рӯйе намо*,**
Ай муроду ҳосилам, ***боре биё рӯйе намо.***
Мушкилу шӯридаам чун зулфи ту,чун зулфи ту,
Ай кушоди мушкилам, ***боре биё ,рӯйе намо*.**
То насӯзад ақли ман дар ишқи ту,дар ишқи ту,
Ғофилам,не оқилам, ***боре биё рӯйе намо*** (3,64).

Дар абёте, ки зикри он рафт, ибороти *"**биё, биё**,"* ва ***"боре биё рӯйе намо"*** мутафовит буда, боқӣ ҳамаи таъбироту калимаҳо бе тағйир такрор шуда омадаанд. Дар ҳар ду ғазал мисраҳои шеърӣ як хел оғоз шуда, қофияи байти аввал "*биё, биё, биё, биё"* буда, қофияи ғазали дуюм "***боре биё рӯйе намо***"-ст.

Ин хусусиятро дар рубоиёти Мавлоно низ хеле зиёд мушоҳида кардан мумкин аст. Барои мисол ду рубоиро ҳамчун намуна меоварем:

Эй қавм, ки бартар зи маҳу маҳтобед,
Аз ҳастии обу гил чаро метобед?
Эй аҳли харобот, ки дар ғарқобед,
Хезед, ки рӯзу шаб чаро **дар хобед** (4).

Ё ин ки ҷойи дигар:

Эй аҳли муноҷот, ки дар меҳробед,
Манзил дур аст, як замон биштобед
В-эй аҳли харобот, ки дар ғарқобед,
Сад қофила бигзашту шумо **дар хобед!** (4).

Маҳорати баланди ғазалсароии Мавлоно воқеан беназир аст. Ӯ ҳатто як калимаро дар лафзи арабиву форсӣ бо санъати баланди шоирона омезиш дода, ниҳоят хушоянду дилписанд гуфтааст.

В-ар **фақиҳӣ**, пок бош аз **иннаҳум ло яфқаҳун**,
Чашми шухи **савфа юбсир**(у) бош, пеш аз **юбсирун** (2).

Таълифоти ин шахсияти ҷаҳонӣ ва мутафаккири барҷаста моломоли андешаҳои зоҳидона, орифона ва ҳакимона мебошад, ки аз ҷиҳати мавзӯъ, мазмун ва мундариҷаву хусусиятҳои бадеӣ басо гуногун буда, масоили муҳим ва ҳассоси он рӯзу имрӯзу фардоро фаро гирифтааст ва бо ҳама нишебу фароз, печу хамиҳо ва тазодҳояш дар оинаи фикру андешаҳои вай дар камоли равшанӣ инъикос ёфтааст.

Хусусияти дигаре, ки ашъори Мавлонои Румро зинат додааст, ин ҷанбаи тарбиявӣ-ахлоқӣ мебошад, ки он ҳамчун пандномаи судманд, ба сурати байту мисра ва ғазалу рубоӣ ба хидмати ҷомеаи ҷаҳонӣ пешкаш шудааст.Мавлоно Ҷалолуддин дар ин соҳа ба сифати муаллими ахлоқ, омӯзгори хулқу атвори шоистаи инсонӣ сар бароварда, дар роҳи рушду нумӯи маънавии инсон, тарбияи ахлоқии ҷомеа саҳми бузург ва пуарзиш гузоштааст.

Хоҳӣ, ки ҳамеша шоду хуррам бошӣ,
Ҳар ҷо, ки равӣ азизу марҳам бошӣ,
Покиза шаву рост бизӣ, илм омӯз,
То тоҷи наберагони Одам бошӣ.

Хулоса, эҷодиёти ин суханвари номӣ мавриди таваҷҷуҳи аҳли илму адаб қарор гирифта, сазовори баҳои баланди устодони мумтози назм, инчунин соҳибони тазкираҳо гардидааст. Муаллифони сарчашмаҳои адабию таърихӣ, соҳибони рисолаҳо ва ёддоштҳо дар саҳифаҳои таълифоти хеш илова ба зикри лаҳзаҳои ҷудогонаи ҳаёт, фаъолияти адабӣ, сабку салиқаи хоси эҷодии вай, ҳусни калом ва мазомини рангини он, мақом ва мартабаи суханварии ӯро бо камоли эҳтиром ва қадршиносӣ таъкид кардаанд.

Афкори фалсафию ирфонӣ ва бадеии Мавлоно дар тӯли қарнҳо то ба имрӯз дар осори мутафаккирони Шарқу Ғарб таъсири басо амиқ гузоштааст. Аз ин сабаб, пажӯҳишу омӯзиши мероси адабияш ҳанӯз идома дорад. Ӯ бо ин санъати суханварии шоирона ва бо афкори хуби орифонаи худ ягонаи даврон буд ва то асрҳои аср чунин боқӣ хоҳад монд.

А Д А Б И Ё Т

1. Ҳодизода Расул. Ҷалолуддини Румӣ (Сайри мухтасаре дар рӯзгор ва осори ӯ)/ Расул Ҳодизода. Хуҷанд: Нури маърифат, 2003.- 102 с.
2. ”Куллиёти девони Шамси Табрезӣ”(иқтибос аз қадимтарин нусха ва матн)/ Китобхонаи миллии Эрон,1374ҳ.1560 саҳ.
3. Раҳмонфар А.”800 ғазали дилошӯб”и Ҷалолуддини Балхӣ/ А.Раҳмонфар.- Душанбе: Адиб, 2007.- 835 с.
4. Зарифов З. ”Рубоиёт”Ҷалолуддини Румӣ/ З. Зарифов. Душанбе: Ирфон,1984.
5. ”Маснавии Маънавӣ” Ҷалолиддин Румӣ. (матни Николсон).- Теҳрон: Нашри “Замон” 2001.
6. Таботабойӣ Сайид Мустафо. Арӯз ва қофия/ Сайид Мустафо Таботабойӣ. –Теҳрон:Лавҳи заррин,1386.- 288 с.

ТЕМАТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ АРАБСКИХ ГАЗЕЛЕЙ ДЖАЛАЛАДДИНА РУМИ

В данной статье мавтором подвергнуты изучению и рассмотрению тематические особенности арабских газелей джалаладдина Руми. Джалаладдин Руми является выдающимся персидским поэтом-суфием. Литературная деятельность Руми не многообразна, но очень значительна. В своих касыдах, газелях и четверостишиях он проводит идею ценности человека независимо от его земного величия. Его философские, мистические и художественные идеи оставили свой неизгладымый след в трудах просветителей Востока и Запада и до сегодняшнего дня подвергаются изучению и исследованию.

Ключевые слова: Джалаладдин Руми, суфийское учение Руми, стихи любовного содержания, газели, арабские газели Руми, жанровые формы, воспитательные идеи Руми.

THEMED FEATURES ARABIAN GAZELLES JALALADDIN RUMI

This article мавтором subjected to examination and review themed features Arabian gazelles Jalaladdin Rumi. Jalaladdin Rumi is an outstanding Persian poet and Sufi. The literary activity of Rumi is not diverse, but very significant. In their kasids, gazelle and quatrains he holds the idea of the value of a person regardless of his earthly greatness. His philosophical, mystical and artistic ideas left their indelible marks in the writings of educators of the East and the West, and until today are study and research..

Key words: Jalaladdin Rumi, Sufi teachings of Rumi, poems of love content, Gazelle, arabian gazelle Rumi genre forms, educational ideas Rumi.

Сведения об авторе: ***Дилором Каримова*** - аспирантка кафедры арабской филологии Таджикского национального университета. Телефон**: (+992) 987262598**

БАРРАСИИ ЧЕҲРАИ ДИНӢ ВА МАЗҲАБИИ НОСИРИ ХУСРАВ ДАР ДЕВОН

Руқияи Суҳробӣ
Донишкадаи забон ва адабиёти форси шаҳри Теҳрон, Эрон

Носири Хусрав яке аз шоирони бузурги эронист, ки дар тӯли ҳазорон сол пеш, яъне асри хирадгароии таърихи Эрон мезистааст. Ин шоири бузург яке аз бузургони Эрон ба шумор меравад. Аз ин рӯ, осоре ки аз вай боқӣ мондааст, метавонад бӯъде аз абъоди зиндагии ӯро мушаххас кунад. Мақсад аз чеҳраи динӣ ва мазҳабии Носири Хусрав ба таври махсус ақидаҳои шахсии ӯ нест. Ба таври куллӣ вай ба ниҳояти иҷмолии шарҳи ақидаҳо ва усули он наҳзати динист, ки аз қарни II ҳиҷрӣ шурӯъ ба такомул карда ва дар қарни IV-V, IV ба дараҷаи аълои вусъат ва интишори худ расидааст. Осори сиёсӣ ва таърихии азим монанди ҳукумати қаромата ва давлати фотимиини Мағриб, Миср, Шом ва ҳукумати Ал-мут аз он дар дунё зоҳир шуд. Махсусан, дар мавриди Носири Хусрав ва шарҳи ҳоли ӯ ва ашъору таълифоташ фаҳми комили матолиб бидуни иттилои саҳеҳ ё дуруст аз ақидаҳои исмоилия мумкин нест [1].

Девони Носири Хусрав аз муҳимтарин ва пурмоятарин асари ӯст. Ӯ чеҳраи динӣ ва фалсафии худро дар ин асар нишон додааст. Дар ин мақола таваҷҷуҳи бештар ба симои динии ӯст, ҳарчанд ки ӯ динро аз фалсафа ҷудо намедонист ва китоби «Ҷомеъ-ал-ҳикматин»-ро барои он таълиф карда, ки матолиби оёти Худо ва ахбори расулро бо далелҳои ақлӣ талфиқ диҳад.

Пеш аз он ки дар ақидаҳои динии Носири Хусрав гуфтугӯ кунем, беҳтар аст, ки ба арзишёбии ӯ аз афкор ва ақидаҳои ғайриисломӣ назаре биафканем. Чунонки медонем, муҳимтарин мазҳаб дар замони он мазҳаби тарсоӣ ва яҳуд будааст, ки Носири Хусрав ҳолати осонгирӣ дар баробари он гирифта ва накӯиш ба он ду мазҳабро раво намешуморад. Чунонки гӯяд:

Ба накӯҳиш ҷуҳуду тарсоро
Ту чӣ дорӣ бар ин ду тан тафсил
Чун надонӣ, ки фазли «Қуръон» чист
Пас чи Фурқон туро ва чи «Инҷил»

Ин тасомии Носири Хусрав нисбат ба ин ду мазҳаб ба иллати он аст, ки масеҳиён ва яҳудиён дар дастгоҳи хулафои фотимӣ нуфузи фаровон доштанд ва бештари машоғили муҳим дар дасти онон будааст, ва ҳамин нуфузи яҳудиён дар Миср муҷиб шуд, ки номаеро ки яҳудиён иддао мекарданд, ки ба имлои ҳазрати Расул (с) ва ба хатти ҳазрати Алӣ (р) дар мавриди муофият аз молиёт дар даст доранд, мавриди тасдиқ ва қабули Носири Хусрав қарор гирад ва дар ду ҷо аз он ба унвони санади дуруст ёд кунад.

Носири Хусрав зардуштиёнро ба доштани гуфтори бекирдор муттаҳам месозад:

Дил пур зи фузул занад бар лаб
Зардушт чунин биншаст дар занд

Ҳамчунин ба сугути монӣ эътироз мекунад, ба ин ки нур ё зулмат як ниҳод нест ва хайру шар бо ҳам баробар натвонанд буд.

Он чӣ зери рӯзу шаб бошад, набошад як ниҳод.
Раҳ аз ин ҷо гум шудаст, оқилон, бар монавӣ.

Аз адабиёти ӯ гоҳ-гоҳ таваҷҷуҳ ба тариқа ва равиши суфиён истинбот мешавад.

Андар ҳарам ой, эй писар ирок намозӣ,
К-онро ба ҳарам дар кунад аз музди ҳаросат
Бишнос ҳарамро ки ҳамин ҷо ба дари туст
Бо бодияву регу муқилона чӣ кор аст.

Ин ба ёд меоварад он чиро, ки нисбат додаанд, ки гуфт агар касе натавонист ба ҳаҷ равад, хонаи худро поку покиза гардонад ва гирди он тавоф кунад. Ӯ достоне, ки ҳаҷви мирӣ оварда, ки яке ба назди Ҷунайд омад ва вайро гуфт: «Аз куҷо меоӣ»? Гуфт: «Ба ҳаҷ Будам». Гуфт: «Ҳаҷ кардӣ»? Бале. Гуфт: «Аз ибтидо, ки аз хона бирафтӣ ва аз ватан риҳлат кардӣ, аз ҳамаи гуноҳҳо реҳлат кардӣ»? Гуфто: «Не». Гуфт: «Пас, реҳлат накардӣ.» Носири Хусрав айнан дар қасидае овард, ки ин тавр оғоз мешавад:

Ҳоҷиён омаданд бо таъзим
Шокир аз раҳмати Худои раҳим.

Ин яке аз мавориде аст, ки суфия ва исмоилия бо ҳам ҳамдостонанд, яъне аркони ибодатро дорои зоҳир ва ботин бар рӯҳу ҷасад медонанд ва ҳамеша таъкид бар ботин ва рӯҳи шариат мекунанд. Дар ҷойи дигар низ Носири Хусрав мегӯяд:

Агар ҷонат мураккаб надорад зи дониш
Макун хира ранҷа ба роҳи ҳиҷозаш.

Бо вуҷуди ин, ӯ аз тазоҳур ба суфигарӣ интиқод мекунад ва суфиро ба сафои ботин медонад, на ба зоҳири суфиёна.

Хулоса, ақидаҳои ботинияи ин тоифа, он ки Худои таъолоро болотар аз ҳадди сифатҳо медонанд ва мабдаи аълоро баъд аз Худо ақли кул ва пас аз он дар дараҷаи сонӣ нафси худ медонанд, гӯянд, ба таъйиди ақли кул ва таркиби насфи кул ин олам падид омада ва пас аз ин ду ҷавҳари алавӣ, ки гоҳе фақат ба таъбири аввалу дуюм аз онҳо ном мебаранд, ба се фариштаи қоиланд ва ҳар панҷторо рӯйи ҳам панҷ ҳадди алавӣ мехонанд ва гӯянд, ки мазҳари ақли кул дар ин олам анбиёи улулазм ҳастанд. Ба илова, қоил, ки ҷамъан ҳафт нафаранд ва ононро Нотиқ исм медиҳанд, ки дараҷаи сеюм аст ва мазҳари нафси кул ва ҷонишини ҳар як аз ин нотиқин аст ва пас аз ин ҷонишин асос номанд ва дараҷаи чорум дорад, ки баъд аз асос дар рутбаи имомон меоянд, ки бо асос ҳафт нафар ҳастанд. Ҳар нотиқ дар ҳар давра ҳафт имом баъд аз худ дорад. Яке баъд аз дигаре ва баъд аз дараҷаи имом дараҷаҳои муҳаббат ва маъзун меояд. Дар ислом Ҳазрати расул (с) нотиқ ва ҳазрати Алӣ (р) асос ва имом Ҳасану Ҳусейн, Зайналобиддин ва Муҳаммади Боқир ва Ҷаъфари Содиқ ва паси ӯ Исмоилро имомони ҳафтгонаи он давр дониста, Муҳаммад ибни Исмоилро қоим, хулафои фотиминро ҷузъи имомони даври қоим донанд ва ҳар имомро дувоздаҳ

ҳуҷҷат буда ва ҳар кадом аз ҳуҷҷатҳо дар минтақаи махсусе аз рӯйи замин ҳукм ва маъмурияти даъват ва сарпарастии шиа ва ба қавли Носири Хусрав «шабонии рама»-ро доштанд, ки ин минтақаро ҷазираи ӯ медонанд ва дар зери ҳукми ҳар як аз ҳуҷҷати се нафар доиён (иддаокунандагон) буданд ва ҳар як аз доиён зери назари ҳукми худ доштанд, ки ба даъвати умуми ашхос дарвоқеъ, аҳли истеъдод аз муслимин машғул буданд.

Хулоса**,** дар поён бояд гуфт, барои Носири Хусрав, ки даст аз таҷамули дунявӣ, молу манол, ҷой ва эҳтиром шуста ва аз амиру вазиру султон ва ҳоким гурезон гашта буд, дар ҷаҳони моддии аслии хеш ҷуз торикӣ чизе мушоҳида намекард ва ҷаҳони маънавӣ, яъне ҷаҳони илму дониш ва замони худро бисёр беҳуда меёфт. Фақат дин буд, ки метавонист роҳе ба равшаноӣ барои ӯ боз кунад ва бо ёрии ҳамон ақида ва имони динӣ буд, ки тавонист осори арзанда ва ҷовид аз худ боқӣ бигузорад.

А Д А Б И Ё Т

1. Муҳаммадиқболи Лоҳурӣ. Сайри фалсафа дар Эрон/ Тарҷумаи Ориёнпур. Интишороти бомдод, 1354.
2. Носири Хусрав. Девон/ Носири Хусрав. – Теҳрон: Интишороти донишгоҳи Теҳрон, 1378.
3. Носири Хусрав. Сафарнома/ Носири Хусрав. – Теҳрон: Интишороти Завор, 1380.
4. Носири Хусрав. Девон/ Тасреҳи Аҳмадинажод. – Теҳрон: Интишорти қатрон, 1378.

ИЗУЧЕНИЕ РЕЛИГИОЗНЫХ ВЗГЛЯДОВ НОСИРА ХУСРАВА

Религиозно-философское учение Носира Хусрава имеет теоретическое и практическое значение. Особенность системы религиозно-философских взглядов Носира Хусрава состоит в том, что некоторые его идеи имеют общечеловеческий характер и могут оказать благотворное воздействие на нравственное состояние общества и показывает величие мусульманской религии Востока.

Ключевые слова: религиозное учение Носира Хусрава, религиозно-философские проблемы, исламская культура, нравственное состояние общества.

THE STUDY OF RELIGIOUS VIEWS NOSIRI KHUSRAV

Religious-philosophical teaching Nosiri Khusrav district has theoretical and practical importance. Characteristic of the system of religious-philosophical views Nosiri Khusrav district is that some of his ideas are of a General nature and can be beneficial to the moral health of the society and shows the greatness of the Muslim religion of the East.

Key words: religious doctrine Nosiri Khusravt, religious-philosophical problems, Islamic culture, moral health of the society.

Сведения об авторе: ***Рукия Сухроби*** – преподаватель Института персидского языка и литературы города Тегеран, Иран

ХУДШИНОСӢ, ҶАВҲАРИ ЗЕБОШИНОСӢ ДАР ТАЪЛИМУ ТАРБИЯТ

Муҳаммадҷаъфари Шариатмадорӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон

Баҳри он пайғамбар инро шарҳ сохт,
Ҳар кӣ худ бишнохт, Яздонро шинохт.

Дар ин байт Мавлавӣ ишора дорад ба ҳадиси маъруфи паёмбари ислом (с): «Ман арафа нафсаҳу фақад арафа раббаҳу».

- Ҳар кӣ худро шинохт, Парвардигори худро шинохтааст.

Илми худшиносӣ дар назди Мавлоно илми шариф аст: «Касе ба некбахтӣ меравад, ки гирехи аслиро бикшояд ва он худшиносӣ аст, ки мафхумтарин маърифат ба шумор меравад, чунонки бархе шинохти нафсро ҳақиқати одамӣ медонанд, на дар доштани улум ва фununи мухталиф. Олим он нест, аз донишҳои мухталиф ба ғайр аз маърифати нафс баҳраманд бошад, балки касе аст, ки аз маърифати хеш ғофил набошад. Ситамгар касе аст, ки нафси хешро нашинохта бошад ва аз ҷавҳари вуҷуди хеш бехабар бошад».

Дар назари Мавлоно асоси ҳамаи улум илми худшиносӣ аст ва агар ин гирех ба дурустӣ кушода шавад, ҳазорон гирехи дигар кушода мешавад ва садҳо ҳазор фазои малакуте ба рӯй боз мешавад. Мавлоно таассуф мехӯрад, ки инсонҳо ба думболи улуми мухталиф мераванд ва вақтҳо ва умрҳоро дар он масирҳо тай мекунанд ва билохира ба улум ва донишҳое даст меёбанд, аммо ҷону арзиш ва манзалати худ ва

ҷойгоҳи вижаи инсониятро намешиносанд. Ин ситами бузурге аст, ки бар худ раво доштаанд.

Мавлавӣ муътақид аст, ки инсон бояд ба улуме рӯй оварад, ки аз он тариқ бо ҷон ва нафси хеш ошно гардад, то гавҳари вуҷуди хешро биёбад. Гоҳе мебинем, афроде ҳастанд, ки дар улуми мухталиф маҳфузот ва маълумот доранд, вале ҳанӯз худро нашинохтаанд. Маърифати дил сабаби саломи равон аст, на тасаллут бар анвои улум ва фунун, ки худ баъзан, муҷиби гирифторӣ ва изтиробу ихтирор мегардад. Донистани ҳар падида фазилат ва бартарии инсониро дар пай нахоҳад дошт, балки шинохти гавҳари вуҷуд метавонад осори арзанда ва фазилатҳои омӯзанда амиқро дар фарду ҷомеа эҷод намояд.

Сад ҳазорон фасл донад аз улум,
Ҷони худро менадонад он зулум.
Донад ӯ хосияти ҳар ҷавҳаре,
Дар баёни ҷавҳари худ чун харе,
Ки ҳамедонам яҷузу ло яҷуз,
Худ надонӣ ту яҷузу ё аҷуз(Маснавии Маънавӣ, абёти 2648 - 2650).

Вақте инсон аз гавҳари вуҷуди хеш огоҳӣ ва ошноӣ пайдо кард, яъне хештанро дарк кард, он кимиёи ақл ва маърифати вайро аз авсофи мазмум ба авсофи маҳмуд мерасонад. Он ҷост, ки зебо мегардад, чаро ки ба маъбуди зебо мерасад ва даст аз авсофи замимааш мекашад.

Роҳ кан дар андарунҳо хешро,
Дур кан идроки ғайрандешро.
Кимиё дорӣ, давои пӯст кун,
Душманонро з-ин саноат дӯст кун.
Чун шудӣ зебо, бад-он зебо расӣ,
Ки раҳонад рӯҳро аз бекасӣ (Маснавии Маънавӣ, абёти 3098 -3100).

Мавлавӣ дар «Маснавӣ…» аз бӯъди ҷисмонӣ ва бӯъди рӯҳонии инсон ба тарбият ба унвони бӯъди ҳайвонӣ ва бӯъди малакӣ ёд мекунад ва мегӯяд:

Дар ҳадис омад, ки Яздони Маҷид
Халқи оламро се гуна офарид.
Як гуруҳро ҷумла ақлу илми вуҷуд,
Он фаришта аст, ӯ надонад ҷуз суҷуд.
Нест андар унсураш ҳирсу ҳаво,
Нури мутлақ, зинда аз ишқи Худо.
Як гурӯҳи дигар аз дониш тиҳӣ,
Ҳамчу ҳайвон аз алиф дар фараҳӣ.
Ӯ набинад ҷуз, ки истаблу алаф,
Аз шақоват ғофил асту аз шараф.
Ин савум ҳаст одамизоду башар,
Ними ӯ з-он фаришташаву нимеш хар.
Ними хар, худ моили силфӣ бувад,
Ними дигар, моили ақлӣ бувад.
Он ду қавм осуда аз ҷангу ҳароб,
В-ин башар бо ду мухолиф дар азоб (Маснавии Маънавӣ, 1497 - 1504).

Мавлавӣ дар шинохти мартабаи инсон муътақид аст, ки агар одамӣ қадри худро нашиносад, худро арзон мефурӯшад. Вай дар «Фиҳи мо фиҳӣ» саҳфаи понздаҳ ба арзиши гаронбаҳои инсон ишора дорад: «Мафрӯш хешро арзон, ки ту бас гаронбаҳоӣ».

Хештан нашнохт мискин одамӣ,
Аз фузунӣ омаду шуд дар камӣ.
Хештанро одамӣ арзон фурӯхт,
Буд атлас, хеш бар дилқӣ бидӯхт
(Маснавии Маънавӣ, абёти 10000 -10001)

Аз назари Мавлоно имтиҳон василаи шинохт аст. Одам бар асари имтиҳон бештар ба мақоми худшиносӣ мерасад. Имтиҳоноти иллоҳӣ муҷиб ба фаъолияти расидани истеъдодҳои билқувваи мо мегардад. Дар партави имтиҳони иллоҳӣ инсон ба абъоди вуҷуди хеш огоҳтар мегардад. Муъмин ба дараҷаи эмонаш пай мебарад ва ғайри мӯъмин ба дарки излолаш».

Гоҳ одамӣ раво ё нораворо аз назари зеҳнӣ ва ақлӣ медонад, вале шоистагӣ ва ношоистагии хешро намедонад. Қиммати ҳар чизро медонад, вале арзиши хешол намешиносад.

Ин равову нораво донӣ валек,
Ту раво ё норавоӣ бин ту нек.
Қиммати ҳар кола медонӣ, ки чист?
Қиммати худро надонӣ аҳмақист.

(Маснавии Маънавӣ, абёти 2651 -2652)

Асосан худшиносӣ калиди рамзи тарбият аст ва ҷавҳари зебоӣ дар тарбият ва ҷавҳари зебоӣ дар тарбият худшиносӣ аст, ки шахс аз назари дарунӣ ва рӯҳонӣ чӣ гуна одаме аст. Илме, ки гавҳари вуҷуди моро нишон диҳад, яъне ҳақиқатро ба мо бишносонад, на ин ки худ монеъ ва ҳиҷоби мо гардад. Улум замоне муфиданд, ки ба худшиносии мо кӯмак кунанд вагарна худ ва болу ҳиҷоб акбаранд.

Аслу гавҳари инсон боқӣ ва поянда аст, огоҳӣ аз аслу гавҳари хеш сабаби дарки ҳақиқат мешавад ва пардаи пиндори инсонро ба канор мезанад ва замири ниҳониашро ошкор месозад.

Ҷони ҷумла илмҳо ин аст, ин,
Ки балои ман киям дар явми дин.
Он усули дин бидонистӣ ту, лек
Бингар андар асли худ гиреҳест нек.

(Маснавии Маънавӣ, абёти 2654 - 2655)

Дар тариқи худшиносии хеш чанд омил нақш доранд, аз ҷумла ақл, ишқ ва ҳавоси ботинро муҳимтар аз дигар авомил медонад. Ақл, ишқ ва ҳавоси ботини ҳар як дар ҳадди тавони худ аз авомили муҳимми шинохти худ маҳсуб мешаванд. Агар арзиши шинохти ин се авомилро бипазирем, фуқадони онҳо муҷиби дурӣ аз ҳақиқатнигарӣ ва шинохти саҳеҳ хоҳад буд. Албатта, пайдост, ки аз байни ин се ҳавос ҳавоси ботин аз ду омили дигар муҳимтар аст ва ба ҳамин иллат Мавлоно таъкиди бештаре бар он дорад. Нақли абёти зер дар ин баҳс дар он сабаб аст, ки Мавлоно чанд монеаи маърифатро якҷо канори ҳам меоварад:

Гар набинад кӯдаке аҳволи ақл,
Оқилӣ ҳаргиз кунад аз ақл нақл?
В-ар набинад оқиле аҳволи ишқ,
Кам нагардад моҳи некӯфоли ишқ.
Ҳусни Юсуф дидаи ахвон надид,
Аз дили Яъқуб кай шуд нопадид?
М-ар Исоро чашми Мӯсо чӯб дид,
Чашми ғайби афъиву ошӯб дид.
Чашми сар бо чашми дил дар ҷанг буд,
Ғолиб омад чашми сар, ҳуҷҷат намуд.
Чашми Мӯсо дасти худро даст дид,
Пеши чашми ғайб нуре буд падид

(Маснавии Маънавӣ, абёти 3931 то 3936)»

Инсон бояд умри худро дар улум сарф кунад, ки ҷону рӯҳи ӯ афзуда гардад ва вориди фазои малакутӣ шавад. Агар ҳамаи улумро бидонӣ ва ба ҳар тариқе ошноӣ пайдо кунӣ, аммо самарае барои ҷони ту ва шинохти худат надошта бошад, монанди ин аст, ки гиреҳҳои мутааддидро бар кисаи холӣ боз мекунӣ ва оқибат ба чизе дастрасӣ пайдо намекунӣ».

Шинохтани ҳадди худ, яке аз роҳҳои худшиносӣ аст.

Ҳилми ӯ худро агарчи гул сохт?
Хештанро андаке бояд шинохт (Маснавии Маънавӣ, байти 2088)

Одамӣ маҳдуд ба ин ҷисм нест, ки огоҳиҳояш фақад аз ҳамин бадан бошад, балки аз варои ин ҷисми хокӣ ва модӣ аст, ки ба зоти худ пай мебарад.

Мо бидонистем, мо ин тан наем,
Аз варои тан ба Яздон мезанем.
Эй хунак, онро, ки зоти худ шинохт,
Андар амни сармадӣ қасре бисохт.

(Маснавии Маънавӣ, байти 3340 - 3341)

Он ҳақиқате, ки наздиктарин чиз ба одамӣ аст, нашнохтем. Лозим аст, ки ҳиммат бар харҷ диҳем, то одами масҷудро, ки инсони ҳақиқӣ аст, хештани хешро бишносем:

Асби ҳиммат, сӯйи ахтар тохтӣ,
Одами масҷудро нашнохтӣ (Маснавии Маънавӣ, байти 540).

Худшиносӣ вақте ҳосил мешавад, ки одамӣ аз хештан бигзарад. Чӣ замоне ба мани ҳақиқӣ ва хештани воқеии худ мерасад? Замоне ки аз хештани дурӯғини худ даст бикашад, яъне аз вобастагиҳо раҳо ёбад. Замоне ба мартабаи бехешӣ бирасад, ҳамаи ин қайду бандҳо, ва дағдағаҳо ва изтиробҳову нооромиҳоро канор мегузорад ва раҳоӣ меёбад, чаро ки ба ҳақиқати хеш расидааст.

Ҷаҳд кун, дар бехудӣ худро биёб,
Зудтар, валлоҳ аълам бил савоб (Маснавии Маънавӣ, байти 3218).

Вақте шахс аз ҳуввияти худ даст мекашад ва ба ҳуввияти ҳақиқӣ мерасад, ки дар мартабае қарор мегирад ва ба бақои ҳақиқӣ меанҷомад, вуҷуди маҷозии худро раҳо мекунад ва ба ҳуввияти аслии хеш паноҳ мебарад. Ин ҷост, ки ба такомул мерасад.

Ман касе дар нокасӣ дарёфтам,
Пас касе дар нокасӣ дарёфтам (Маснавии Маънавӣ, байти 1735).

Яке дигар аз роҳҳои расидан ба ҳақоиқи дарунӣ дурӣ аз разоил ва авсофи нописанд аст. Барои он ки ба авсофи иллоҳӣ ороста гардӣ, бояд худро пок кунӣ, сайқал ва сафо диҳӣ, то вуҷудат қонуни ҳақоиқу асрори иллоҳӣ гардад. Дар ин сурат ба зоти поки худ хоҳӣ расид ва дарунат аз улум мавҷ хоҳад зад, бидуни ин ки устод ва китоб дошта бошӣ.

Ҳамчу оҳан з - оҳанӣ, беранг шав,
Дар риёзат, оинаи безанг шав.
Хешро соқӣ кун аз авсофи худ,
То бубинӣ зоти поки софи худ.
Бини андар дил улуми анбиё,
Бе китобу бе муайиду усто (Маснавии Маънавӣ, адабиёти 3459-3461).

Бурӯз ва зуҳури истеъдодҳо дар гиру тасқияи ботин аст. Покизагии дил аз замоим ва авсофи нописанд сабаби ҷӯшиши маориф ва нури илоҳӣ мегардад. Тасқияи ботин рамзе аст, ки бо муаммо муҷоҳидат кушода мешавад.

Аз назари ирфон дил арзиши маърифати зиёде дорад, аммо бурӯзи истеъдодҳои он даргиру зудуда шудани оинаи дил аз зангҳо, кудуратҳост. Мавлоно мегӯяд, ҳар касе, ки ба мартабаи кашф расад ва ҳиҷоби таъйинро аз пеши чашми дил баргирад, ӯ ҳақро дар маротибу вуҷуд мушоҳида мекунад ва офтоби ҳақиқатро дар ҳар вуҷуди мутаине қоим ва тобнок мебинад ва дар банди сурат мемонад. Монанди касе, ки масалан, аз уфқу маркази замин фаротари рӯд ва миёни ӯ ва офтоб ҳоилӣ набошад, то ӯро аз диди офтоб маҳҷӯр ва мамнӯъ дорад.

Ҳар киро бошад зи сина фатҳи бод,
Ӯ заҳри шаҳре бибинад офтоб.
Ҳақ падид аст аз миёни дигарон,
Ҳамчу моҳ андар миёни ахтарон
(Маснавии Маънавӣ, абёти 1399 - 1400)

Оинаи дил Ҷоми Ҷам аст, ки метавон тамоми асрор ва ҳақоиқро дар он мушоҳида кард, аммо ба шарти сафо ва рӯшании он аст, ки аз сафои дарун баҳравар аст, шакро аз яқин медонад ва ҷонаш маҳаки нақдҳост ва бинои қулуб аст.

Барои раҳоӣ аз шаку тардид хотире, ки сабаби ташвиқи дарун ва боз мондан аз кор аст, хешро бо муқаддамоте, ки муҷиби шаку дудилӣ ва монеи вусули пайғомҳои Кирдугор аст, ошно набояд кард ва нахуст, дар амал бояд кӯшид ва ботинро покиза нигоҳ дошт, то он муаммоҳои ногушуданӣ худ ба худ кашф шавад ва ҷон мусаиди дарёфти асрор гардад ва гӯши ҷони ваҳиро идрок кунад.

Покии оинаи дил аз авсофи замима ё аз тамоми сифоти башарӣ омиле аст, ки роҳи улуми анбиёро ба дил мекушояд ва он илме аст, ки даруни ҷон меҷӯшад ва ба монанди улуми расмӣ ба китоб ва устод ниёзманд нест.

Оинаи дил агар соф ва пок шавад, нақшҳои берунӣ аз обу хок дар он менишинад.

Онон, ки машғули завоҳири вуҷуданд ва ғарқ дар бинои фарсудаи беҷисми хешанд, ҳаргиз ба ганҷи ҳақиқат намерасанд, чаро ки онҳо мафтуни нақшу нигори хонаи ҷисманд. Дар фаҳму идроки хештан ва дарки ҳақоиқи ботинӣ аз ганҷи

пинҳони ҳақиқат дар ботин бехабаранд, онон, ки бинои фарсудаи ҷисмро вайрон кунанд, ба ганҷи ҳақиқат, ки ҳамон шинохтани хеш аст, мерасанд ва бо вайрон намудани бинои ҷисм расидан ба ганҷи ҳақиқат ва маърифати вуҷуди одамӣ муяссар мегардад.

Дидам андар хонаи ман нақшу нигор,
Будам андар ишқи хона беқарор.
Будам аз ганҷи ниҳонӣ бехабар,
В-арна даст набуди ман, буди табар.
Оҳ, гар доди табарро додаме,
Ин замон ғамро таббаро додаме.
Ҷисмро бар нақш меандохтам,
Ҳамчу тифлон ишққҳо мебохтам.
Бас наку гуфт он ҳакими комёр
Ки ту тифли хонаи нақшу нигор.
Дар «Иллоҳинома» пас андарз кард,
Ки барор аз дудмони хеш нард.

(Маснавии Маънавӣ, абёти 2562 - 2567)

Одами дар ҷидол бо ину они ҳуввияти ҳақиқӣ худро аз каф медиҳад. Худро гум карда, меёбад ки, аз асли хеш дур афтодааст. Ӯ ҳамвора мекӯшад, то худро ба нақше дароварад, то ба дигарон бигӯяд, ҳуввиятам ин аст. Дар ҳоле ки ӯ он ҳақиқате нест, ки худро намоён сохта аст. Вале вақте, ки танҳо бошад ва дур аз дидагони дигарон дар ғам ва андӯҳи дерини хеш фурӯ меравад, он ҳуввияти козиби ҳақиқати ӯ нест. Замоне ҳақиқат дар вуҷудаш таҷаллӣ мекунад, ки мазҳари инсон комил гардад. Он зебоӣ ҳаргиз аз байн намеравад, ҷавҳари вуҷудӣ ва зотиаш хоҳад шуд.

Эй ту дар пайкор худро бохта,
Дигаронро ту зи худ нашнохта.
Ту ба ҳар сурат, ки оӣ биистӣ,
Ки манам ин, валлоҳ он ту нестӣ.
Як замон танҳо бимонӣ ту зи халқ,
Дар ғаму андеша монӣ то ба халқ.
Ин ту кӣ бошӣ, ки ту он овҳадӣ,
Ки хӯшу зебову сармасти худӣ.
Мурғи хешӣ сайди хешӣ, доми хеш,
Садри хеши, фарши хешӣ, боми хеш.
Ҷавҳар он бошад, ки қоим бо худ аст,
Он араз бошад, ки фаръи ӯ шудаст.
Гар ту одамзодаӣ, чун ӯ нашин,
Ҷумла зуриётро дар худ бубин.
Чист андар хум, ки андар наҳр нест?
Чист андар хона, к-андар шаҳр нест.
Ин ҷаҳон хум асту дил чун ҷӯйи об,
Ин ҷаҳон ҳуҷрасту дил, шаҳри уҷоб.

(Маснавии Маънавӣ, дафтари чаҳорум, абёти 803 то 811)

Мавлавӣ тазаккур медиҳад ва инсони фаромӯшшударо ба худ боз мегардонад ва ҳақиқат ва ҳуввияти ҳақиқии ӯро ба ӯ боз мегардонад.

Мавлавӣ мегӯяд: Эй инсон, ту ягона фард ва ҳуввияти ҳақиқӣ баъд аз Худованд ҳастӣ ва ниёзе ба тамҷиди дигарон надорӣ ва худ бо ҳолоти хос сармаст, хушҳол ва зебо ҳастӣ.

Нуфузи шайтон дар вуҷуди одамӣ сабаб мегардад, ки ҳуввияти фард тағйир кунад ва ба тадриҷ росих шавад. Аз ҳақиқат бегона шавад. Бегонагие, ки натиҷаи итоат аз шайтон ва истимрори нуфузаш дар вуҷуди фард ва ё аз роҳи шахс дигар аст ва ё аз тариқи хаёлоте аст, ки худ шеваҳои гуногуне дорад:

Як саг асту дар ҳазорон меравад,
Ҳар кӣ дар вай рафт, ӯ ӯ мешавад.
Ҳар кӣ сардат кард, медон кӯ дар ӯст,
Дер пинҳон гашта андар зери пӯст.
Чун наёбад сурат, ояд дар хаёл,
То кашонад он хаёлат дар вубол.
Гаҳ хаёли фарҷаву гоҳе дукон,

Гаҳ хаёли илму гоҳе хону мон.

(Маснавии Маънавӣ, абёти 638 - 641)

Касе, ки худро нашиносад, ба нафси амораааш хубӣ мекунад ва бо дигарон душманӣ меварзад. Инсон замоне метавонад ба заъф ва қуввати худ пай барад, ки ба даруни худ даст ёбад. Ковиши дарун ва худшиносӣ метавонад заъфро бартараф намояд ва нуқоти қувватро тақвият намояд. Чунин одаме ба тадриҷ ба такомул мерасад. Бадгумонӣ ба ину он, истифода аз механизми фарафканӣ дар умуроти нобаҷо ва муттаҳам кардани дигарон дар масоили мухталифи ношӣ аз нақоизи фард аст. Касе бо дигарон ситеза мекунад, бо нафси амораааш хубӣ мекунад ва худро нашинохтааст. Худшиносӣ ва худсозӣ дар фард боиси оромиши дил ва сокинии қалб мегардад. Фарде, ки беҳуда дигаронро душмани худ мепиндорад ва дар зеҳни худ хаёлбофӣ мекунад, маншаи ин бадбинӣ нафси амора аст. Душмани ҳақиқии ӯ нафси амора аст, на дигар мардумон. Дар ҳоле, ки вай бо хаёлпардозӣ ва механизми ҷобаҷойи дигаронро ба ҷойи нафси амораи душмани худ медонад:

Пас туро ҳам ғам, ки пеш ояд зи дард,
Бар касе туҳмат манеҳ, бар хеш гард.
З-ин мабар бар дигаре эй дӯст ком,
Он макун, ки месиголид он ғулом…

(Маснавии Маънавӣ, абёти 1913 - 1919)

А Д А Б И Ё Т

1. Абдулризо Ҷамолзода Гановоӣ. Инсоншиносӣ дар манзури Мавлавӣ/ Абдулризо Ҷамолзода Гановоӣ.- Теҳрон: Розбон, 1388.
2. Маҳтоз Қоней. Ахлоқ дар нигоҳи Мавлоно: чистӣ ва ҳастӣ/ Маҳтоз Қоней.- Теҳрон: Нигоҳ, 1388.
3. Муҳаммадкозим Юсуфпур. Тӯтиёи чашми ҷон, хонаи китоб/ Муҳаммадкозим Юсуфпур.-Теҳрон, 1389.
4. Қодир Фозилӣ. Ишқ ва инсон дар Маснавии Мавлавӣ/ Қодир Фозилӣ.-Теҳрон: Иттилоот, 1389.

САМОПОЗНАНИЕ - СУЩНОСТЬ ЭСТЕТИЧЕСКОГО ВОСПИТАНИЯ

Самосознание – это определение человеком себя как личности, способной принимать самостоятельные решения, нести за них ответственность, вступать в определенные отношения с другими людьми и природой. Самопознание начинается с самоузнавания, различения себя и внешнего мира. Эстетика - это наука о прекрасном во всех его проявлениях Эстетическая деятельность обращена ко всей личности человека. В данной статье автор рассматривает самопознание человека как основу его эстетического воспитания.

Ключевые слова: самосознание, эстетика, эстетическое воспитание, различения себя и внешнего мира, осознание окружающего мира, духовная жизнь человека.

SELF - KNOWLEDGE IS THE ESSENCE OF AESTHETIC EDUCATION

Self - awareness is the definition of oneself as a personality, able to make their own decisions, take responsibility for them, enter into certain relations with other people and nature. Self-knowledge begins with самоузнавания, distinguishing themselves and the outside world. Aesthetics is the science of beauty in all its manifestations Aesthetic activity for the whole person. In this article the author considers the human self-knowledge as the basis of its aesthetic education.

Key words: self-awareness, aesthetics, aesthetics, discernment itself and the outside world, the awareness of the world, the spiritual life of man.

Сведения об авторе*: Мухаммадджаъфар Шариатмадори* : аспирант ТГПУ им.Садриддина Айни

ВОСТОЧНЫЕ ОБРАЗЫ В ПРОИЗВЕДЕНИЯХ ФРАНЦУЗСКИХ ПРОСВЕТИТЕЛЕЙ

Н.С. Гадоева
Таджикский национальный университет

В XVIII веке развитие философской мысли во Франции осуществлялось под эгидой просвещения. Просвещение как широкое культурно-идеологическое движение общественной мысли впервые оформилось именно во Франции, где его основные черты выразились с классической точностью, последовательностью и радикальностью.

Основоположниками французского Просвещения явились Вольтер и Ш. Монтескье. К первому поколению просветителей относится также Мелье. Их произведения способствовали формированию многочисленного второго поколения просветителей,

творчество которых начало развертываться с середины сороковых годов XVIII в. Виднейшие представители этого поколения - Ш. Ламетри, Д. Дидро, Кондильяк, Ж. Ж. Руссо, Тюрго, И. Гельвеций, П. Гольбах. Просветительские идеи распространяемые собственно философскими произведениями, но также через художественную литературу и театр (Вольтер, Монтескье, Дидро, Руссо были крупнейшими писателями) пронизали духовную культуру Франции и стали широким общественным достоянием.

Одним из первых по времени деятелей Французского Просвещения был Шарль Монтескье. Уже его “Персидские письма” (1721) с восторгом читались и перечитывались современниками. Действие романа охватывает 1711—1720 гг. Эпистолярная форма произведения и добавочный пикантный материал из жизни персидских гаремов, своеобразное построение с экзотическими подробностями, полные яркого остроумия и язвительной иронии описания, меткие характеристики дали возможность автору заинтересовать самую разнообразную публику до придворных кругов включительно. Узбек и Рика, главные герои, персияне, чья любознательность заставила их покинуть родину и отправиться в путешествие, ведут регулярную переписку как со своими друзьями, так и между собой. Из "Персидских писем" Ш.Л.Монтескье читатель узнает о дворцовых интригах, царящих в восточных империях и в Париже. Персы, странствующие по "варварским землям" Европы, описывают быт европейской жизни: все имеют любовников и любовниц, играют однажды взятые на себя роли, заглядывают в клубы, суетятся, интригуют. "...Если мы окажемся в качестве любовников..." - заверяют перса Рику его собеседники-французы. Интересно отметить, как Монтескье отзывался о нравах этих персов: «Меня очень удивляло то обстоятельство, что эти персияне иной раз бывали осведомлены не меньше меня в нравах и обычаях нашего народа, вплоть до самых тонких обстоятельств, они подмечали такие вещи, которые - я уверен - ускользнули от многих немцев, путешествовавших по Франции. Я приписываю это их долгому пребыванию у нас, не считая уж того, что азиату легче в один год усвоить нравы французов, чем французу в четыре года усвоить нравы азиатов, ибо одни настолько же откровенны, насколько другие замкнуты» [1].

Восток во французской литературе научными фактами представил и доказал влияние произведений Низами на творчество французских литераторов Вольтера и Гюго.

Рассматривая творчество Вольтера, основываясь на этих исследованиях, можно заметить, что Запад действительно многому научился у Востока известный представитель французской литературы Вольтер не был на Востоке но посредством произведений, переведенных на французский язык глубоко изучил устную и письменную литературу народов, их историческое происхождение, религиозные верования, национальные традиции и быт и воспользовался этим в своем творчестве. Эту мысль подтверждают некоторые следы в произведении Вольтера «Задиг или Судьба». Это произведение Вольтера состоит из вступления и двадцати одной новеллы. По своему построению это произведение напоминает «Сокровищницу тайн» Низами. Оба эти произведения состоят из отдельных сказаний, самостоятельных новелл. Вступление своего произведения писатель начинает письмом Саади Султан Сиере (Захре): «Султаны читают сказки «Тысяча и одна ночь».

Одним из произведений, написанных Вольтером на восточную тему является трагедия «Мухаммед или Фанатизм». Но образ Мухаммеда в произведении совершенно далек от последнего пророка мусульманского мира, основоположника исламской религии Мухамеда аль-Мустафы. А какова же цель французского писателя в создании этого образа?

Думать, что у него не было представления об исламской религии, ошибочно. Потому что, французский писатель в своих эссе приводит цитаты из «Аль- Корана» даже назвал «Коран». Видимо, писатель использует Мухаммеда как «рупор». Вольтер будучи против фанатической религиозности, высказался церкви Ваталин путем этого произведения. Ученый - христианин, описывая происходившие у него в стране события не на фоне Запада, а на фоне Востока хотел проучить Запад. Несмотря на резкие возражения господствующих сил писатель два раза поставил на сцене в Париже это произведение. По моему мнению это произведение гениального Вольтера сыграло важную роль в пропаганде исламской религии.

Просветитель, свободомыслящий писатель Вольтер смело заявляет возникновение восточной культуры раньше западной культуры, ее развитие и силу влияния. «Пусть мы узнали движение небесных тел во Франции лишь благодаря арабам. Только слово «Альманах» свидетельствует этому. Халифа Аль-Мамун для определения величины Земли геометрически вычислил один градус меридиана, а это во Франции узнали через 9 веков, в XVIII веке. «Аль-Гебр» (Алгебра) тоже их открытие. В те времена в высказываниях писателя о восточной культуре, о существовании в Багдаде медресе, али «Назмийе» о дарюлфунуне (Университет) в городах Каире, Басре, Куфе выражает удивление. Также Вольтер, в отличие от других западных шовинистов, отметил опережение Восточной науки Европейскую на несколько веков.

Также следует отметить В. Гюго[3], который не относится к французским просветителям, но у которого часто встречаются восточные образы. У Гюго есть стихи, написанные восточным мотивом, это типические восточные темы. С этой точки зрения характерно его стихотворение «Китайцы». Будучи продуктом восточной мифологии слово «Китай», позднее было распространено среди других народов, принявших ислам. Обычно китайцев не видно, но всегда в центре внимания их деяния.

В стихотворении Гюго «Чадра» с названия видны следы Востока. В этом произведении очень ясно проявляются восточные традиции и быт. Насколько трудно убить сестру братьям, настолько они предпочитают жить с поднятой головой. Потому что их сестра не европейка, чтобы принести на свет ребенка без отца. В отличие от Запада на Востоке европейке нет места в обществе, их не принимают.

В стихотворениях В.Гюго «Султан Ахмед», «Поднятое настроение», «Дервиш» встречаются следы Востока. Обращение поэта к Востоку не ограничивается этим. Своим стихотворением под названием «Я никогда не видел Фирдоуси» он очень убедительно представил Восток. Автор в своем стихотворении мысленно встречается в царском саду с повелителем Ирана Фирдоуси, прожившим восемь веков до него. Этот факт показывает отношение поэта к Востоку [4].Французский ориенталист и переводчик Абель Боннар в своей книге «Иран страна ароматов и поэзии» написал так:

«Человек, который посетил всю Азию, мог бы сказать; что его опьянила Индия, покорил Китай, очаровала Япония, но он просто был околдован Персией. Так как эта страна гениальна во всех отраслях искусств, но персидская поэзия выше всего».

Исследование во французской литературе восточных образов очень обширная и полезная тема. И это наше исследование подтверждает, что основным источником энергии, затмившеи многим глаза «Европейского света», был Восток [4].

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Монтескье Ш. Персидские письма/ Ш.Монтескье. - http://lib.rin.ru/doc/i/111148p.html.
2. Мухтор Шокир. История развития французской научной иранистики/ Шокир Мухтор. – НПИЦентр – Душанбе, 1996. – 100с.
3. Гюго В. Собрание сочинений в 15 т./В. Гюго. – М.: Государственное издательство художественной литературы, 1953. Том 1, с. 323-560.
4. Мамедова К. Г. Отражение в азербайджанском литературоведении влияния восточных литературных традиций на французскую литературу [Текст] / К. Г. Мамедова // Филологические науки в России и за рубежом: материалы междунар. заоч. науч. конф. (г. Санкт-Петербург, февраль 2012 г.). — СПб.: Реноме, 2012. — С. 27-30.

ВОСТОЧНЫЕ ОБРАЗЫ В ПРОИЗВЕДЕНИЯХ ФРАНЦУЗСКИХ ПРОСВЕТИТЕЛЕЙ

В данной статье говорится о влиянии Востока на культуру и традиции Запада в эпоху Французского Просвещения. Приводятся примеры об открытиях в области науки и поэзии. Рассматриваются отношения Востока и Запада XVIII-го в., что очень актуально для нынешнего поколения, если учитывать продолжающийся конфликт Запада и Востока XXI-го в.

Ключевые слова: французские просветители, просвещение, восточные образы, Восток, «Персидские письма», Восточная культура, произведения.

THE ORIENTAL IMAGES IN THE COMPOSITIONS OF THE FRENCH ENLIGHTENERS

The article considers about the influence of the East to the traditions and culture of the West in the East of the French Enlightenment. Can see the examples of the discoveries in science and poetry. Discusses the relationship between East and West XVIII-th century, Which is very important for the current generation, given the ongoing conflict of West and East XXI-st century.

Key words: French Enlighteners, enlightenment, oriental images, East, «The Persian letters», the oriental culture, composition.

Сведения об авторе: ***Гадоева Н.С.*** - аспирантка дневного отделения кафедры истории таджикской литературы Таджикского национального университета. Телефон **(+992) 918 31 28 71**

МАЗМУН ВА МУНДАРИҶАИ ҒАЗАЛИЁТИ ЛОИҚ ШЕРАЛӢ

Ф. Давлатов
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Ғазал дар таърихи адабиёти тоҷику форс машҳуртарин намунаи шакли шеърӣ ба шумор рафта, дар саҳнаи адабиёт то имрӯз маҳбубияти худро аз даст надодааст. Чунонки маълум аст, сайри такомул ва таҳаввули ғазал дар ҳама даврон якрангу якоҳанг ба назар намерасад. Вобаста ба тағйири шарту шароитҳои сиёсию иқтисодии замон дигаргуние дар авзои фарҳангӣ, аз ҷумла дар адабиёт ва бахусус, дар ҳавзаи шеър мушоҳида мешавад. Шамси Қайси Розӣ маънии луғавии ғазалро " ҳадиси занон ва сифати ишқбозӣ бо эшон" [1,258] медонад. Дар маҳдудаи маънои истилоҳӣ ғазалро ҳамчун "яке аз анвои мушаххаси шеър... шомили чанд байти (маъмулан ҳафтбайт)-и мутаҳид-ул-вазн" [2,200] мешиносанд. Теъдоди абёте, ки сохтори ғазалро ташкил медиҳад, ба таври мушаххас таъин нашудааст. Аксари донишмандони адабиёт ҳудуди абёти ғазалро "одатан, аз 7 то 12 байт" [3,46] муқаррар кардаанд. Аммо адиб ва муҳаққиқи эронӣ Алиризои Қазва бо ишора ба намунаи осори шоирони сабки ҳиндӣ, хусусан, Толиби Омулӣ ба ин нукта ишора мекунад, ки миқдори ғазалҳои 4-5 байтӣ дар эҷодиёти шоирони сабки ҳиндӣ кам нест [4,9]. Байтҳои аввал (матлаъ) ва охири (мақтаъ) ғазал ҳамқофия (ба шакли-а а) буда, абёти дигар дар шакли маъмулӣ – б а, в а, г а ... қофиябандӣ мешавад.

Ҳанӯз аз замони устод Рӯдакӣ дар қолаби ғазал мазмуну маъниҳои ишқу зебоии табиӣ баён мегардид. Ҳаким Саноии Ғазнавӣ ба ақидаи муҳаққиқони адабиёт аввалин бор аз ин қолаби шеърӣ барои баёни матлаби ирфонӣ истифода мебарад. Шайх Саъдӣ дар баробари матолиби мавҷуд маъниҳои ахлоқиро вориди ин ҳавза менамояд. Бо мурури замон ва зуҳури шоирони тавоное, чун Мавлавии Балхӣ, Хоҷа Ҳофиз, Мавлоно Ҷомӣ, Соиб ва Бедил мазмун ва мундариҷаи ғазал аз лиҳози ғановати маънавӣ (вусъати мавзӯъҳо ва гуногунии дидгоҳҳо) ба ғояти камолу ҷамол мерасад.

Садаи бистум дар арсаи сиёсати ҷаҳонӣ шоҳиди рӯйдоди муҳимме (манзур ғалабаи инқилоби кабири Рус, инқилоби Октябр мебошад) гардид. Ин рӯйдод дар ҳама ҷанбаҳои ҳаёти иҷтимоии як қисмати ҷаҳон табаддулоти куллие ба вуҷуд овард. Арзишҳои инсонӣ (дастовардҳои маънавии инсоният) дар ин қисмати ҷуғрофиёии ҷаҳон ба ду бахш - куҳна ва нав тақсим гардид. Қаламрави адабиёт низ аз ин табақабандӣ бенасиб намонд. Идеологияи ҳоким бар сиёсати вақт аз воситаҳои тарғибу ташвиқ, бахусус, аз аҳли адаб талаб мекард, ки дар тарғиби маънӣ ва мазмунҳои давронсози идеалогияи нав аз шаклу қолабҳои замонавӣ (дар назму наср) истифода баранд. Бинобар ин, дар як давраи муайяни таърихӣ (то солҳои 1960-70) бозори равнақи қолабҳои кӯҳани шеъри суннатӣ, аз қабили, ғазал, қасида, рубоӣ ва ғайра то андозае коста гардида буд. Хушбахтона, баъди қабули қарори тақдирсози "Анҷумани ХХ ҲК ИҶШК (1956), ки даврони нави инкишофи адабиёти Шӯравӣ маҳсуб мешавад" [5,137], барои аҳли адаб фазои гарму нарму муносибе падид омад. Дар чунин шароит аҳли қалам метавонистанд бо такя ба имконоту тавонмандиҳои худ аз шаклу қолабҳои дилхоҳи адабӣ барои баёни мавзӯъҳои муҳимму судманд (мутаносиб бо завқу саликаи худ) баҳрабардорӣ намоянд.

Ҳамзамон бо чунин шароити муносиб (соли 1960 –ум) шоири ҷавон, Лоиқ Шералӣ бо як ҷаҳон орзуҳои баландпарвоз ба арсаи адабиёти нави тоҷик қадам мегузорад. Шоири ҷавон ба осори безаволи гузаштагон дилбастагии фаровоне дошт. Ошиқу шефтаи анвои гуногуни шеъри суннатӣ, аз ҷумла, ғазалу рубоиву дубайтӣ буд. Бинобар ин, ғазал дар эҷодиёти ӯ мавқеи хосе дорад. Ин мавзӯъ низ ба монанди мавзӯъҳои дигаре, ки дар ҳавзаи фаъолияти эҷодии шоир қарор доранд, мавриди баҳсу баррасии ҳамаҷониба қарор нагирифтааст. Зеро доманаи баҳси мавзӯъ густурдатар аз зарфияти бахши як рисола мебошад. Лозим ба ёдоварист, ки муҳаққиқи донишманд Мисбоҳиддини Нарзиқул [6,49-53] бахше аз рисолаи худро ба

баррасии мавзӯи ғазал дар эҷодиёти Лоиқ Шералӣ бахшида, дар хусуси теъдоди ғазалҳои шоир ва сохтори берунии (вазну қофия) он баҳсу баррасиҳои судманде анҷом додааст. Мо низ тасмим гирифтем, ки дар ин башх перомуни сохтори дарунии(мазмун ва мундариҷаи) ғазалиёти устод Лоиқ баҳсу баррасии мухтасаре анҷом бидиҳем.

Лоиқ Шералӣ дар гуфторе ба ин маънӣ ишора мекунад, ки ғазал ҳанӯз аз овони ҷавонӣ дили ӯро рабудааст: "... ман аз овони сабзҷавониям бо ғазал коми худро бардоштаам, ҳатто агар маҷмӯаи нахустини ман "Сари сабз"-ро таваҷҷуҳ кунед, дар он ду-се ғазали шогирдона ҳаст" [7]. Тибқи гузориши дақиқи муҳаққиқ Мисбоҳиддини Нарзиқул теъдоди ғазалиёти шоир ба 406 адад мерасад [8,50]. Бинобар ин, ғазал чи аз ҷиҳати миқдор ва чи аз лиҳози сифати муҳтаво бахши муҳиму арзишманди эҷодиёти устод Лоиқро ташкил медиҳанд. Бесабаб нест, ки шоир дар олами эҷод ғазалсароиро барои худ як навъ маъмурияти ғайбӣ ё рисолати азалӣ ва сарнавиштсози хеш медонад:

Аз ман куҷо мақолаву нутқу масал расад,
Ман ошиқам, зи табъи ман танҳо ғазал расад.
Ман аз азал, ки шоири ошиқ расидаам,
Аз хомаам таровиши нақши азал расад (9,431).

Табист, ки дар қолаби ин шакли шеърӣ, ки бо завқу салиқаи шоири ошиқ мувофиқ афтодааст, беҳтарин оҳангу навоҳои дили шоир ва розҳои замони ӯ дар ҳамоҳангӣ ва таодул ба садо даромадаанд. Шоир дар мисрае ин маъниро ба назм даровардааст: "Назми замону назми замин дар дили ман аст" [10,193].

Ғазалиёти шоир мисли рӯдхона саршор аз ҳаракату ҳаёту ишқу умед мебошанд. Ғазал (шеър, дар мафҳуми умумӣ) барои ҳар эҷодкори воқеӣ танҳо воситаи баёни эҳсосу отифа, тахайюл ва дигар маромҳои иҷтимоӣ нест, балки порае аз вуҷуди органикии ӯ низ ҳаст. Зеро агар шеър паёмҳо ва ҳолоти рӯҳонии шоирро ба сурати зинда ва органикӣ баён нанамояд, наметавонад дар зеҳни ҳаводорони ин навъи ҳунар шавқу шӯр ва ангезаи дилрасе эҷод кунад. Нависандаи машҳури яҳудитабори чех Франс Кафка қаламро узве аз бадани адибони тавоно медонад.Ӯ ин маъниро ҳангоми тавсифи маҳорати эҷодии адиби бузурги рус- Максим Горкий иброз доштааст: " ... А.Максим Горкий бо қалами худ ҳама чизро мебинад ва эҳсос мекунад. Қалам на абзор (васила, инструмент), балки узви нависанда аст" [11,558].

Воқеан, ҳунарманди асил ҳастии худро дар соҳати ҳунар таҷассум мекунад. Ҳунар давоми умри бобаракати ҳунарманд аст, ки дар қаламрави рӯзгори башар ҳузури ҳамешагии худро идома медиҳад. Мусаввараи як наққоши чирадаст танҳо маҷмӯи рангҳо ва суратҳои гуногун нест, наққош дар ҳар қатраи ранг, ки ба шакли тасвире дармеояд, порае аз таҷриба, эҳсос, тафаккур ва тахайюли худро, ки ҷузъе аз маърифати кулли ҷомеаи замони ӯ низ маҳсуб мешавад, ҷилвагар менамояд. Мусаввараҳо на танҳо сурат ва сирати рӯйдодҳои замони ҳунармандро ба намоиш мегузоранд, балки хусусиятҳои инфиродии шахси ҳунармандро (аз қабили, завқу салиқа, маҳорату малака ва нубуғи эҷодӣ ва гайра) низ нишон медиҳанд. Шоири тавоно Нодири Нодирпур дар шеъри машҳури "Ангур" ин маъниро дар тасвири зебое баён менамояд:

Шумо ҳам, эй ҳаводорони шеъри ман,
Агар дар донаҳои нозуки лафзам
Ва ё дар хӯшаҳои равшани шеърам
Шаробу шаҳд меҷӯед,
Ғайр аз ашку хунам нест (12,72).

Шеъри асил барги сабзро мемонад, ки дар он ҷанбаҳои ҷамол ва камоли ҳунар бо ҳамоҳангию тавозуни латифу пойдор ба ҳам даромехтаанд. Барги сабз офаридаест (ба таъбири дигар, шеърест), ки нерӯи эҷоз ва мақоми огоҳии офаридгори худро ошкор мекунад. Чунончи, Шайх Саъдӣ дар як ғазали зебо ин мазмунро зикр кардааст: " Барги дарахтони сабз пеши худованди ҳуш/ Ҳар варақаш дафтарест маърифати Кирдигор" [13,547]. Мояи шукӯҳу шараф ин аст, ки ин офарида латиф ба ҷуз он розу ниёзи дарунӣ ва хазонаи асрори илмие, ки дар тору пӯди ҳуҷайраҳои хеш пинҳон доштааст, дар ҷараёни таҷрибаи табиии фотосинтез суннат ё равиши офаринандагии офаридгори хешро такрор менамояд. Фазои ҳастӣ бе мояи эҷоди

барги дарахт (оксиген) мавҷудияти худро аз даст медиҳад. Агар шеъри асил мисли барги сабз ба мақоми шоирӣ нарасад, муҳити инсонӣ аз оксигени одамият (мурод камолу ҷамоли маънавӣ аст) бенасиб хоҳад монд. Аммо баргҳои хушк ҳамон шеърҳои бефурӯғанд, ки ба таъбири Лоиқ тавони дилфурӯзӣ надоранд: “Чу хонам шеърҳои бефурӯғе/ Ки натвонанд боре дил барафрӯхт” [14,98]. Беҳтар аст, ки ин баргҳои хушк бозичаи дасти боди фано бошанд. Шоири шинохтаи тоҷик Гулназар Келдӣ дар порчаи шеърие таҳти мафҳуми “шеърро шоир кунед” ба ҳамин ҷараёни вазифаи вуҷудии шеъру шоир ишора мекунад:

Ишқро ошиқ кунед,
То сӯзи ошиқро бидонад.
Шеърро шоир кунед,
То дарди Лоиқро бидонад (15,6).

Шоир мояи ҳастии хеш ё ба таъбири шоирона “ҷаҳони ҷон”-ашро, ки чизе ҷуз маҷмӯи донишҳои ақлӣ ва завқии ӯ, ки дар шеъраш таҷаллӣ ёфтааст, намебошад, ба ҷомеаи хеш нисор мекунад. Воқеан, шеъри асил, ки мазҳари мақоми маънавии шоир мебошад, хирмани ганҷи маънавии шоирро дар тамоми арсаҳо ба намоиш мегузорад ва ҳақиқати ҳастии шоир (камолу ҷамоли эҷодиёти ӯро) дар ҳузургоҳи зеҳни башар ошкор менамояд. Ҳастии шоир ё ҳастии ҳар инсон дар каломи ӯ ошкор мегардад. Сухан ба таъбири дигар андешаест, ки моҳият ва муҳтавои инсонро мушаххас мекунад ва мақоми онро дар сисилаи маротиби вуҷуд муайян менамояд. Устод Лоиқ ғазал ё “замини рӯҳ”- и худро роҳу равиши раҳравон (чӯяндагони роҳи ростӣ ва адолат) медонад:

Ман ҷаҳони ҷонамро раҳни ин ҷаҳон кардам,
Ман замини рӯҳамро роҳи раҳравон кардам.
Омадам дар ин дунё, рафтаму надонистам
Ки ҳама вуҷудамро сарфи ину он кардам.
То дили замон ҷустам, бо замона пайвастам,
Шеъри дарзамонамро ходими замон кардам.
Дар қаламрави қисмат – ҷилвагоҳи неку бад
Саҷда бар замин бурдам, шукри осмон кардам (16,461).

Воқеан, шоирон дар ҳар замоне метавонистанд дар рӯҳияи даврони хеш таъсир бигзоранд. Онҳо бо нерӯи каломи оташин дар “бешаи андешаҳо”- и ҳамзамони худ шӯру шарар мерезанд ва фазои замонаро мисли худ ошиқу сармаст мекунанд. Мавлонои Балх ин маъниро чунин баён менамояд: “Рӯзу шабро ҳамчу худ маҷнун кунам, /Рӯзу шабро кай гузорам рӯзу шаб” [17,144]. Лоиқ Шералӣ низ дар ғазале ба ин матлаб ишора мекунад:

Шоири ҳар давр даври хешро шоир кунад,
Шеър дар ҳар давр исёни мубориз будааст (18,114).

Ғазал дар адабиёти классикии тоҷику форс, бидуни шак, машҳуртарин шакли шеърӣ ба шумор меравад. Шоирони забардасти мо ширинтарин эҳсос, тӯфонитарин андеша ва рангинтарин отифаҳои хешро дар қолаби ин шакли шеърӣ ба сурати зеботарин осори ҳунарӣ дароварда, гаронбортарин хазинаи ганҷи маънавии дунёро фароҳам сохтаанд. Маъмулан, шоирон дар асрҳои гузашта аз ғазал барои баёни эҳсоси зарифтарин латифаи ғайбӣ – ишқ ва робитаҳои ошиқона истифода мекарданд. Дар нигоҳи гузаштагон ишқ мафҳуми фарогиру густардае дошта, ҳама офоқи ҳастиро фаро мегирифт. Низомии Ганҷавӣ моҳияти ҳастиро бидуни ишқ бемаънӣ ва беарзиш арзёбӣ мекунад:

Фалак бе ишқ меҳробе надорад,
Ҷаҳон бе хоки ишқ обе надорад (19,12).

Ҳакими юнонӣ Афлотун дар рисолаи “Зиёфат” мегӯяд, ки ишқ ҳама ҷаҳонро ба ҳам пайванд медиҳад [20,436]. Мавлонои Балх, ки шӯрангезтарин ашъори ошиқонаи башарро сурудааст, ҳамин андешаро дар мавриди ишқ баён менамояд:

Офарин бар ишқи кулли устод,
Сад ҳазорон заррараро дод иттиҳод (21,436).

Ҷаҳон бар мабнои қавонини ишқ бар сайри такомули хеш идома медиҳад:

Даври гардунро зи мавҷи ишқ дон,
Гар набудӣ ишқ, бифсурдӣ ҷаҳон (22,437).

Лоиқ Шералӣ дар равиши эҷоди худ ин анъанаи гузаштагонро идома дода, бо шевотарин баён аз ишқу шавқу шӯри ҷавонӣ сухан мегӯяд. Орифони ошиқ ишқро як навъ огоҳии олие талаққӣ мекунанд, ки метавонад инсонро барои расидан ба болотарин мақоми маърифат- шинохти шуҳудӣ ранамоӣ намояд. Ӯ низ мисли аҷдоди маънишиноси худ аз рози ишқу нерӯи ҳаётбахши он огаҳӣ дорад. Шоир мехоҳад бо басирати ботинӣ ва заковати зотӣ ҷазбаҳои кайҳонии ин падидаи иҷтимоиро, ки дар нигоҳи аввал танҳо як эҳсос аст, ба навъе шарҳ диҳад. Дар нигоҳи шоир ишқ мазҳаби кайҳонӣ буда, марзу бум надорад. Вусъати қаламрави қалби инсонҳоро наметавон бо ченакҳои физикӣ санҷид. Бинобар ин, ишқ инсонро ба беканораҳо пайванд медиҳад ва ҳама паҳнои ҳастиро дар ихтиёраш мегузорад:

Алами олами дерин ишқ аст,
Лаззати қисмати ширин ишқ аст.
Худ ба худ даҳр надорад ранге,
Даҳр бо ҷилваи рангин ишқ аст.
Кист пирӯз шуд андар ҳама ҳол
Бар ҳама мазҳабу оин? Ишқ аст!
Хӯшачинии замин дарвешист,
Чидани хӯшаи Парвин ишқ аст! (23,169)

Дар ғазалиёти устод Лоиқ чеҳраи заминии ишқ бо ҳама ҷилваҳои созанда ва сӯзандааш васф шудааст. Ишқ мисли ҳар падидаи дигари иҷтимоӣ тазодҳои худро дорад. Гоҳе заминаро барои камол эҷод мекунад, гоҳе иллати завол низ мегардад. Зеро ҳар ҳаракате, ки дар соҳати ҳаёти мавҷудоти физикӣ ба амал меояд, бо ин амри зотии ашё - камолу завол мувоҷеҳ аст. Шоирони мактаби романтизми аврупоӣ дугонагӣ ва тазодҳои падидаи ишқро ба ҳар навъе дар осори худ тасвир намудаанд. Лорд Байрон ишқро чунин тавзеҳ додааст: “ ... ишқ фарзанди фиреб ва модари ноумедиҳост. Ишқ оромиш дар нооромӣ ва беҳтарин доруи зидди марг ва дар асл, хоҳари он мебошад” [24,1]. Лоиқ Шералӣ падидаи ишқро бо ҳама сӯзу созаш беҳтарин равиш ё шеваи зиндагии инсон мешуморад. Танҳо ишқ аст, ки метавонад, дари розҳои даруни инсонро бикушояд ва ба ҳама саволҳои дили инсон- ҷаҳони ботинии он ҷавоб гӯяд. Ҷамолу ҷалоли воқеии ҳақиқатҳои олами зебои дилбарӣ дар фазои ишқу ошиқӣ бурӯз менамоянд. Инсон то ин дам дар ҳавзаи муносибат ва таҷрибаҳои иҷтимоӣ барои расидан ба саодати воқеӣ ҷуз ишқ роҳу равиши дигаре пайдо накардааст:

Эй ишқ – камоли дил, эй ишқ – заволи дил,
Хуш омадӣ бар сина бо хобу хаёли дил.
Бикшодӣ агар сад раҳ, сад роҳи дигар бастӣ,
Эй амри муҳоли умр, эй амри муҳоли дил.
Норат бидиҳад гармӣ, дудат бикушад моро,
Эй ҳам ту савоби дил, эй ҳам ту вуболи дил … (25,137)

Ишқ бо ҷазбаи заминии худ низ ангезае барои инсонсозӣ эҷод мекунад. Мигел де Унамуно , мутафаккир ва адиби шинохтаи испанӣ ишқи инсониро мушаххастарин эҳсоси табиӣ дар фазои маънавии (зеҳнӣ) ишқи осмонӣ тасаввур мекунад: “Бо шарофати ишқ варзидан мо он чиро, ки дар олами рӯҳонӣ ҷазбаи моддӣ дорад, эҳсос менамоем”.[26] Ҷаҳони худшиносии инсон бидуни офтоби муҳаббат нуру сафое нахоҳад дошт. Шоир тани беишқро колбуди беҷон ва шаҳри аз муҳаббат ориро “шаҳри мурдагон” меномад. Ишқ аст, ки “чашмаҳои шавқу шӯри” инсонро ба ҷӯш меоварад, то ба маҷрои дили дигаре роҳ бичӯяд. Дар қаламрави сарсабзи ишқ ҳамеша гули уммеду орзуҳои инсон шукӯфо мешавад ва ниҳоли саодатмандии он самар медиҳад. Ишқ рӯҳу равони инсонро дармон мебахшад:

Зиндагиям бе шукӯҳи ишқат орое надошт,
Ҳамчу шаҳри мурдагоне буд, овое надошт.
То набудӣ, гӯиё дар синаи ман дил набуд,
Ё агар буд, андӯҳу дарди гуворое надошт.
Чашмаҳои шавқу шӯрам андарун хушкида буд,
То ба дарёи дилат дастури маҷрое надошт.
То саропоят саропои маро оташ назад,
Рӯзгори шоирии ман сару пое надошт… [27,190].

Ишқи воқеӣ дар нигоҳи шоир саодати саршор аз хушиҳои зиндагист. Маърифатест, ки шеваи нав диданро ба инсон меомӯзад. Барои ба саҳни зиндагӣ кашидани отифаҳои инсонӣ (ангезаҳои ботинӣ- муҳаббат, ҳамдардӣ, эҳсону эсор ва ғайра) шароит фароҳам меоварад. Мавлонои Балх бар ин бовар аст, ки ҳар навъ ишқе муҷиби камол ва ҷамоли инсон мегардад: “Ҷисми хок аз ишқ бар афлок шуд, /Кӯҳ дар рақс омаду чолок шуд” [28,441]. Муносибатҳои инсонӣ дар партави ишқ созу навои дигар дорад. Муҳаббат қалбҳоро гарму забонҳоро нарм мекунад. Аҳвол ва авзои ҷомеа мавзуну муназзам мегардад. Арзишҳои инсонӣ дар муносибатҳои иҷтимоӣ сурати ҳақиқии хешро ошкор менамоянд. Ишқ нардбони такомули инсон буда, ӯро аз хок бар афлок мебарад:

Ноком будам, ту комронам кардӣ,
Гумном будам, ту достонам кардӣ.
Гӯйӣ, ки расида буд поям лаби гӯр,
Бо ишқи ҷавони худ ҷавонам кардӣ.
Бе ишқ хазони бебаҳоре будам,
Бо ишқ баҳори бехазонам кардӣ.
Ман санг будам, ту нанг омӯхтӣ маро,
Ман гунг будам, ту хушзабонам кардӣ (29,169).

Шоирон қолаби ғазал (мавзунтарин қолаби шеърӣ)-ро барои баёни эҳсоси ишқ интихоб кардаанд, то ки ҳусну малоҳатро бо ҳам бипайванданд ва ҷаҳони инсонҳоро бо ранги зебоиву оҳанги дилбарӣ лабрез намоянд. Хоҷа Ҳофиз бо зарофати хосае, ки дар табиати сухани ӯ ниҳон аст, шакли зебо(ҳусн) ва маънии малеҳро иллати маҳбубият ва тасхири қалбҳо медонад. Албатта, манзури Хоҷа дар байти зер ҳусн ва малоҳати маъшуқ аст, вале ин мазмун дар бораи сухан(шеър) низ беробт ба назар намерасад: “Ҳуснат ба иттифоқи малоҳат ҷаҳон гирифт / Оре, ба иттифоқ ҷаҳон метавон гирифт” [30,127]. Дар ҷаҳони ишқ расми зебоӣ ва шавқи дилбарӣ ҳокимият дорад. Нигоҳи ошиқ ҳама ашё ва рӯйдодҳоро мавзун ва ба ҳам мутамоил мебинад. Мавлонои Балх байни дидгоҳи ошиқ ва ғайри ошиқ фарқ мегузорад. Нигоҳи ноошиқ, ки танҳо бо зеҳни хушку худхоҳ, тафриқаандешу манфиатталаб муҷаҳҳаз асту эҳсосу отифаҳои қалбиро ҷиддӣ намегирад, ҷаҳонро аз рӯйи хостаҳои худ ба сиёҳу сафед, хубу бад, дӯсту душман ва ... тақсим мекунад, аммо дар нигоҳи ошиқ кулли ҳастӣ маҷмӯаи зебоӣ ва дилбарист. Барои дарки ин зебоӣ ва шавқу шӯри ҳастӣ як лаҳза Маҷнун будан кифоят мекунад:

Гуфт Лайлиро халифа, к-он туӣ,
К-аз ту Маҷнун шуд парешону ғавӣ.
Аз дигар хубон ту афзун нестӣ,
Гуфт: “Хомӯш, чун ту Маҷнун нестӣ” (31,26).

Хоҷа Ҳофиз шавқу шӯри ҷовидонаи ишқро “лаззати шурби мудом” [32,42] меномад, ки мо бехабарон (ноошиқон) аз дарки воқеияти ин таҷрибаи ҳаётӣ оҷиз мондаем. Барои Лоиқ лаҳзаҳои беишқ ҳолати берангу беорзуи даврони пирӣ ва карахтии инсонро мемонанд, ки дар шохаи сарду берамақу сармохӯрдаи ҳаёташ ба ҷуз нишони ғаму ҳасрат чизи дигар ба назар намерасад. Чун ишқ ба фарёди дили шоир нарасад, табиист, ки “ишқи дили ҷаҳонии” ӯ пир мешавад. Навои “ фарёди осмонии” шоир, ки ба ҷуз оҳанги ҷовидонаи ишқу дилбарӣ чизи дигаре нест, танҳо дар фазои бекарон ва сеҳрангези ишқи кайҳонӣ метавонад ба соҳати шукӯҳи ҷовидонагӣ бирасад. Зеро ишқ дар нигоҳи шоир ҷазбаи кайҳонӣ дошта, ҳама андешаҳои муҳоли инсонро маҷоли парвоз медиҳад:

Бе ҳусни ту ҷавонии ман пир мешавад,
Уммеди шодмонии ман пир мешавад.
Гар ҳамдилам намешавӣ як лаҳза дар ҷаҳон,
Ишқи дили ҷаҳонии ман пир мешавад.
Фарёдрас намешавӣ гар дар замин маро,
Фарёди осмонии ман пир мешавад … (33,140)

Азбаски ишқ барои устод Лоиқ таъбири дигаре аз зиндагист, ишқу зиндагии ӯ бо ҳам даромехтаанд, чунин ба назар мерасад, ки ҳанӯз дар оғози фаъолияти адабӣ ин ангезаи ошиқона фазои эҷодии ин шоири содадилро пур кардааст. Ишқ дар

нигоҳи шоир ба бозӣ оғоз мешавад ва ба ҷонбозӣ мебарад. Ӯ дар як шеъри дар солҳои ҷавонӣ эҷодкардааш ба ин маънӣ ишора кардааст:

Ишқ гарчи зи бозӣ оғозад,
Охири ӯ ҳамеша ҷонбозист.
Аз ҳама бурду бохтҳои ишқ
Ошиқ он аст, ки зи дил розист.
Ошиқему валек сад афсӯс
Дар фани ишқ ҷумла ҳайронем.
Маънии бешумор дорад ишқ,
Асли маънишро намедонем... (34,604)

Дар таҷрибаи зиндагии Хоҷа Ҳофиз ҳам ишқ осонӣ ва мушкилоти худро доштааст: "...ки ишқ осон намуд аввал, вале афтод мушкилҳо" [35,31]. Мавлонои Балх ишқро тавсифнопазир мешуморад: "Дарнағунҷад ишқ дар гуфтушунид / Ишқ дарёест, қаъраш нопадид".[36] Лоиқ, ки шоир ошиқ аст, дар қаламрави ишқ зиндагӣ мекунад. Барояш ишқ таҷрибаи зиндагист. Муҳим нест, ки дар қолаби ҷумлаҳо барои маънидод кардани мафҳуми ишқ қоидае дуруст намоем. Ҳамин бас аст, ки дар дарки рози сеҳрофарини ишқ ҳайрон бимонему бо шӯру иштиёқи ошиқона ба маҷмӯи зебоиҳои зиндагӣ ишқ биварзем ва лаззати буданро бо ҳама саршориаш таҷриба кунем:

Дӯстон, то умр бошад, ҳар баҳор ошиқ шавед,
Бо нигоре дар ҷаҳони пурнигор ошиқ шавед.
Пилтаҳои кокули ёре агар бар бод рафт,
Бо ҷамолакҳои мӯйи обшор ошиқ шавед.
Гар саре доред сабзу лоиқи дори баланд,
Бо баёзи гардани занҷирадор ошиқ шавед… [37,447].

"Ташнагӣ" истилоҳи адабие аст, ки Мавлавӣ барои баёни кӯшишу талоши поённопазири худ дар роҳи тай намудани мароҳили беинтиҳои камолоти маънавӣ ба кор гирифтааст. Ангезаи ташнагӣ шоирони ошиқро ташнагони ҷамоли безавол ва толибони камоли бемисолро ба сайри мудом во медорад. Ҳеҷ мақому мартабае осори ташнагиро дар вуҷуди онҳо кам намекунад. Лоиқ Шералӣ, ки бо шеваи ошиқона ба зиндагӣ менигарад, ташнагиро (шавқу шӯри ҷовидонаи ҳастиро) ба ҷон харидор аст. Бидуни ташнагӣ (ангеза ва шавқи ҷустуҷӯ) чархи рӯзгор аз гардиш боз мемонад. Паёми ташнагӣ оҳанги бедорие аст, ки дар ҷомеа шавқи ҳамешагии талошу талабро бармеангезад:

Як ҷом бода додиву сад ҷоми ташнагӣ,
Кардӣ зи нав дарозтар айёми ташнагӣ.
То ташнаи дили туву дилҷӯии туам,
Ёраб, мабод дар дилам анҷоми ташнагӣ!
Пайғоми об ташнаро ҷон медиҳад, вале
Ман ошиқи шунидани пайғоми ташнагӣ.
Гаҳ-гаҳ зи атри гесӯят ором деҳ маро,
Аммо мадеҳ ба ҷони ман ороми ташнагӣ.
Бигзор, то ман ошиқам, ин шеъри обдор
Гӯяд салом бар дилат аз номи ташнагӣ! (38,500)

Агар адабиётро "василае барои беҳбуд ва ислоҳи ҷомеа" [39,557] дар назар бигирем, пас, адиб вазифадор аст, ки бори масъулияти пурифтихори тарбия ва роҳнамоии ҷомеаро бар дӯш бигирад. Бинобар ин, машъалдорони майдони адабро лозим аст, ки дар худ шахсияте бо беҳтарин сифоти инсонӣ бисозанд ва дар ганҷури маърифати хеш гаронмоятарин ганҷи маънавии дунёро ҷамъ биёваранд, то ба сарфарозӣ аз уҳдаи анҷоми ин рисолати пурифтихор бароянд

Дар адабиёти мо ҳанӯз аз замони устод Рӯдакӣ масъалаи машъалдори ҷомеа будани адиб матраҳ гардида буд. Дар мактаби адабии устод Рӯдакӣ дарси ҳаёт ё таҷрибаи зиндагӣ дар баробари дигар равишҳои таълиму тарбият муҳимтарин воситаи омӯзиши башар шинохта шудааст. Инсоне, ки аз дарси зиндагӣ сабақе намегирад, панди ҳеҷ омӯзгори дигар барояш асаргузор нест. Табиӣ аст, ки ин инсони пандношунав вуҷуди осебпазир дорад ва наметавонад дар баробари ошӯбҳои ҳаводиси рӯзгор устувор бимонад: "Ҳар кӣ н-омӯхт аз гузашти рӯзгор/ Низ н-омӯзад

зи ҳеҷ омӯзгор” [40,97]. Мактаби адабӣ-ахлоқии устод Рӯдакӣ бо мурури замон тавассути шоирони бузурге, монанди Аттор, Мавлавӣ, Саъдӣ, Ҳофиз,Ҷомӣ ва дигарон густариш пайдо карда, дар ниҳоят ба авҷи камол ва ҷамоли худ расидааст. Ин суннати ҷовидонаи адабӣ дар адабиёти нави тоҷик низ вобаста ба иқтизо ва талаби ниёзҳои ҷомеа дар сохтори нави муносибаҳои инсонӣ ба ҷараёни худ идома додааст.

Лоиқ Шералӣ шоирест, ки огоҳона шахсияти худро барои анҷоми ин масъулияти бузург, яъне ҳодӣ ва раҳнамоӣ миллати худ будан, омода кардааст. Шоири асил ҳамеша ҳамдаму ҳамроҳу ҳамрози миллати худ аст. Шоир марзбони марзҳои фарҳаг, забон, ахлоқ ва нангу номуси мардуми замони худ мебошад ва ин сарҳадҳои осебпазирӣ волотарин арзишҳои инсониро аз ҳар гуна амалиёти инҳирофӣ посдорӣ мекунад. Лоиқ низ мисли устод Рӯдакӣ андарзҳои зиндагиро муҳимтарин омили омӯзиш ва камоли инсон медонад. Таҷрибаи зиндагӣ дар дидгоҳи Лоиқ сохтори печидатаре дорад. Рӯйдодҳои иҷтимоӣ ягона манбаи ибратпазирии инсон ба шумор намеоянд. Инчунин, ашёи бечон, аз қабили сангу дарахту кӯҳу дарё ва ғайра метавонанд дарси омӯзандаеро дар ихтиёри инсон қарор бидиҳанд. Барои шоири бедордил паҳнои зиндагӣ майдони омӯзиш ва таҷрибаандӯзӣ буда, дар ҳар печу хами рӯзгор бешу ками хешро пайдо мекунад.

То гул бичинам, аз раҳи пургил гузаштаам,
То раҳ биёбам, аз сари қотил гузаштаам.
Лабташна будаам, вале бо шеъри обдор,
Аз озмуни тӯдаи ҷоҳил гузаштаам … (41,184)

Воқеан, зиндагӣ барои ҳунарманди асил сарчашмаи омӯзиши мудом ва ҳавзаи фаъолиятҳои созанда ба шумор меравад. Ба таъбири дигар зиндагӣ фароянди бепоёни омӯхтан ва омӯзониданҳост. Инсон дар ин занҷираи доду ситодҳо ба камол мерасад, шахсияти худро месозад ва дар партави донишҳои андӯхта розҳои зиндагиро кашф мекунад. Шоир барои дарки ҳикмати зиндагӣ соҳиби имтиёзи зиёдтаре ҳаст, зеро ӯ ба ҷуз аз донишҳои ақлӣ, ки дар ҷаҳони модда корбурди бештаре доранд, ҳамчунин аз донишҳои завқӣ, ки метавонанд дар кашфи асрори ношинохтаи ҷаҳони ботинӣ мусоидат намоянд, барои дарёфти воқеиятҳо истифода мебарад. Донишҳои завқӣ (илҳому бинишҳои ишроқӣ) хирмани тахайюлоти шоирро бо хӯшаи огаҳиҳои куллӣ пурбор карда, ба он авҷи парвози дигар мебахшад. Бинобар ин дар Юнони қадим шоиронро тарҷумони забони худоён мешумориданд.

Суқрот шоирро “мавҷуди сабукбор (шоир-Д.Ф.) парандаеро, ки назари худоён бо ӯст ва тарҷумони худоёну инъикоси овози онон аст” [42,288] медонад. Афлотун низ мисли устодаш шеъру адабро маҳсули илҳом тасаввур менамуд [43 а,448].

Дар адабиёти классикии тоҷику форс низ каломи шоирони соҳибзавқу хушсалиқа паёмҳои ғайбӣ ҳисоб мешуданд. Аз ин рӯ, Хоҷа Ҳофиз дар байни мардум бо тахаллуси “лисон-ул-ғайб” шуҳрат ёфта буд. Нойи вуҷуди Мавлавии Балхӣ низ бо навои асрори ғайбӣ дамсоз гардида, оҳангҳои ҷовидонаи осмониро дар гӯши ҷаҳониён ба садо даровардааст.

Дар фазои ҳастӣ ҳеҷ падидаи саргардон ва дур аз назму завобите вуҷуд надорад. Зиндагӣ низ як раванди болон(диолектикӣ), муназзаму босуботи ҳастӣ ҳаст, ки дар ҷайби худ ҳазорон қиссаву достон, панду андарҳоро ниҳон доштааст. Нигоҳи рамзошнои шоир аст, ки розҳои зиндагиро мекушояд ва аз ниҳонхонаи он берун меоварад. Шоир аз дарси ҳаёт омӯхтааст, ки дарахти умри инсонӣ решапайвандҳои аёну ноаёни зиёде дорад. Агар дасти ҳаёт чизеро аз рӯйи замин бармедорад, дар ивази он чизе қимат ё арзишмандтар аз онро мегузорад. Кори дунё ангорае (пайкараи нотамоме) –ро мемонад, ки гӯё хирадмандон паси ҳам барои такмили он ба дунё меоянд. Аммо ин ҳолати нотамомӣ ангезае аст, ки дар ҷомеа барои анҷоми масъулияти инсон саргармии ҳамешагӣ эҷод мекунад. Агар хирадманде бо ҳасрату армон ин ҷаҳонро падруд мегӯяд, хирадманди дигаре дар пайи анҷоми кори ҷаҳон ба ҷаҳон меояд. Масири ҳаракати нерӯи хирад ва офарандагии инсоният рӯ ба сӯйи камол дорад. Ҷаҳони шеър, ки дунёи маънавии инсонҳоро дар худ муҷассам мекунад, ба шоирони тавоно офаранда (паямбарону худовандони шеър) ниёз дорад:

Ҳар замон аз зиндагонӣ бишнавам панди дигар,
Ки дарахти умр дорад решапайванди дигар.

Гар хирадманде пушаймон рафт аз рӯйи замин,
Боз дар рӯйи замин рӯяд хирадманди дигар.
Халқ бе фарзанди оламгир оламгир нест,
Боз ёбад модари тоҷик фарзанди дигар.
Баски коми тоҷиконро бо сухан бардоштанд,
Боз ояд шоиру шеъру пасованди дигар.
Дар замоне, ки замину осмон ҳам бехудост,
Дар сухан бояд паямбар ё худованди дигар [43б,448].

Паҳнои ҳастӣ барои шоир адабгоҳи тарбият ва омӯзиш аст. Дар ҳама ашёи ҷаҳон нуктае, ҳарфе, навое, рамзу розе барои ҳидояту раҳнамоӣ вуҷуд дорад. Шоир дар ғазали зебое мақоми камолу ҷамол ёфтанро танҳо маҳсули дарсу омӯзишҳои донишгоҳӣ намедонад, балки дар роҳи расидан ба ин мақом самараи мушоҳида ва таҷрибаи ашё ва рӯйдодҳои табиатро муҳимтар арзёбӣ мекунад. Агар бар дили дарё роҳ наёбӣ, дарси дарёдилиро нахоҳӣ омӯхт ва агар дарду сӯзи дунёро дар қалбат роҳ надиҳӣ, аз дунё бегона хоҳӣ монд. Ҳар саҳнаи тамошои ҷаҳон дари дарсеро ба рӯйи инсон мекушояд. Шоир ба ин бовар аст, ки ҳеҷ донои рози коинот мисли деҳқон бо дарду авзои табиат ошно нест, зеро ӯ дар домони табиат парвариш ёфта, аз ин устоди ростгӯ дарси огоҳ будан ва ҳамеша бо муҳит иртиботи самимӣ доштанро омӯхтааст. Баҳрабардории муносиб аз ҳама донишҳои кайҳонӣ ва хатту саводи башарӣ танҳо дар фазои гарму нарми ҷаҳони одамият, ки ҷуз эҳсоси ҳамдардӣ, ибратомӯзи ва таҳаммулпазирӣ ва дигар сифату хусусиятҳи ҳамидаи инсонӣ рангу навои дигаре надорад, имконпазир хоҳад буд:

Бо дили дарё нишинам, то дилам дарё шавад,
Бо ғами дунё бисӯзам, то дилам дунё шавад.
Дурии гардун биҷӯям, то шавам наздики дил,
Вусъати саҳро бихоҳам, сафҳаам саҳро шавад.
Ҳеҷ кас монанди деҳқон нест ҳамдарди замин,
Ин заминпаймо ҳам охир чун фалакпаймо шавад.
Халқро яксар савод омӯхтему чашми хат,
Бояд, акнун босаводаш оқилу доно шавад.
Аз дили кӯҳам, бихоҳам, к-аз дили пурганҷи ӯ
Ногаҳон чун кони тилло шоире пайдо шавад (44).

Ҳаёти иҷтимоӣ саршор аз рӯйдодҳои омӯзанда ва созанда аст. Инсони огоҳ дар ҷараёни таҷрибаҳои зиндагӣ аз ҳар падидаи хушоянд ё нохушоянд ба қадри ташнагӣ ва зарфияти хоҳишҳояш дарси худогоҳӣ касб мекунад. Иҷтимои инсонӣ аз муносибату рафторҳои мухталиф ва гуногунҷабҳаи одамон ранг мегирад ва маҷро меёбад. Рафторҳои мутафовити инсонҳо, ки аз хулқу хӯ ва хислатҳои мутаадиди онҳо сарчашма мегирад, дар саҳнаи рӯзгори башар гуногунфикрӣ ва мушкилоти сарпечидаи дигареро ба вуҷуд меоварад. Аммо ҳар падидае, ки дар фаъолиятҳои башар мушоҳида мешавад ё аз амали инсонҳо бармехезад, барои инсони оқил холӣ аз дарси ҳикмат нест. Махсусан, барои шоир, ки ҳассостарин мавҷуди иҷтимоӣ ҳаст, падидаҳои иҷтимоӣ, даврaҳои зиндагӣ (ҷавонӣ, пирӣ) ва рафторҳои инсонӣ беҳтарин сарчашмаи огоҳӣ ва василае барои ба камол расидан ба шумор мераванд:

Ҷаҳони ишқи ниҳоне ҷаҳоншиносам кард,
Фиғони оби равоне равоншиносам кард.
Нигоҳи масти ҷавонӣ бикард агар пирам,
Нигоҳи хастаи пирӣ ҷавоншиносам кард ... (45,86).

Кори адиб танҳо иборат аз он нест, ки аз рӯйдодҳои иҷтимоӣ ва манзараҳои табиӣ асари бадеие эҷод намояд ва зеҳни хонандаро ба он чӣ дар рӯзгораш ҳаст, машғул дорад. Яке аз ҷанбаҳои боарзиши кори ҳунарманд ин аст, ки дар баробари ба воқеият наздик нишон додани вазъи ҳастӣ, инчунин, навъи зебо ва шакли мукаммалтари ҳаёти инсон ё аз манзараи табиатро ба намоиш гузорад. Ҳанӯз дар Юнони қадим ин мавзӯи баҳс дар адибиёт вуҷуд доштааст. Софокл барои тарҷеҳи ҳунари худ аз осори Европид чунин далел меоварад: “ Ман инсонро, он чунон ки бояд бошад, тасвир кардам, Еврепид онро чунон ки ҳаст васф кардааст” [46,296]. Дар даврони наздиктар ба замони мо адабиётшиноси аврупоӣ, Ҷонсон низ бар ин маънӣ ишора кардааст: “Вазифаи нависанда ҳамвора ин будааст, ки дунёро аз он чӣ ҳаст,

беҳтар кунад” [47,39]. Дар асл, ислоҳи ҷомеа ва тағйиру табдили он кори сахту мушкил мебошад. Ҳар инсон дар ҷомеае зода мешавад ва хоҳу нохоҳ аз пиндору гуфтору рафтори гузаштагони худ, ки дар қолаби расму оин ва одатҳои мухталиф пайрезӣ шудаанд, пайравӣ мекунад. Инсонҳое, ки аз тавонмандии ақлӣ ва завқии зиёде бархӯрдор нестанд, бидуни ҳеҷ шакку тардид барномаи фаъолиятҳои шахсии худро бо меъёрҳои муқарраркардаи ҷомеа месозанд. Чунин инсонҳо бо шахсияти бегона ва барномаи таҳмилӣ зиндагӣ мекунанд ва фардияти худ ва нерӯи интихобу ихтиёрашонро аз даст медиҳанд. Аммо дар замоне инсонҳои соҳибзавқе низ буданд ва ҳастанд, ки бо дидаи таҳқиқ ба воқеиятҳо менигаранд. Мехоҳанд, воқеиятҳои зиндагиро беҳтару комилтар намоянд. Сақфшикофию тарҳи нав дарандозиҳои Хоҷа Ҳофиз ва “гардуни гардон” шиканиҳои Мавлавӣ [48,711] аз ҳузури гарми чунин шахсиятҳо ва кӯшишу талошҳои онҳо дар роҳи ислоҳу дигаргун намудани роҳу равишҳои зиндагии башар ҳикоят мекунад.

Дар нигоҳи Иқболи Лоҳурӣ, ки яке аз мунодиёни тағйиру ислоҳи ҳаёти башар ба шумор меравад, ҳар падидаи хуби иҷтимоӣ зебо аст, вале шакли беҳтари он падида барояш хубтар ба назар мерасад: “Ҳар нигоре, ки маро пеши назар меояд, / Хуш нигорест, вале хуштар аз он мебояд” [49,86]

Лоиқ Шералӣ аз зумраи он шоирони бедордиле аст, ки навои бедории асри худро месароянд. Дили шоир ба ҳама нағмаҳои ноҷуре (пиндору гуфтору рафторҳои дилхарош), ки дар ҳамоҳангиҳои дилнавози зиндагӣ халал эҷод мекунанд, месӯзад. Шоири огоҳ ба мисли оҳангсози навошинос ба ҳар навое, ки аз пардаи сози зиндагӣ берун меояд, ошноӣ дорад. Оҳангҳои номуназзам (рафторҳои ноҳинҷор) на танҳо хотири осебпазири аҳли адабро мушавваш мекунад, балки боиси парешонии авзоъ ва аҳволи ҷомеа низ мегардад. Аз ин рӯ, навои қалби шоир, ки аз исёни рӯҳу фарёди виҷдони бедори ӯ дарак медиҳад, дар гӯшу ҳуши ҷомеа садои бонги хатарро менавозад:

Ба ҳама нағмаи ноҷӯр дилам месӯзад,
Ба ҳама тинати бенур дилам месӯзад.
Зи ҳама раъшаи пирона танам меларзад,
Ба асогирии ҳар кӯр дилам месӯзад.
Беди маҷнун шуда сархам зи маломат бинам,
Ба ҳама валвалаю шӯр дилам месӯзад.
Офтоб аз ҳасади шамъ наафтад зи фалак,
Ба шикоятгари пурзӯр дилам месӯзад.
Ҳар гаҳе то ба фалак роҳ барад маҳвора
Ба дили ошиқи раҳдур дилам месӯзад.
Ба раҳи кӯршудаи беравуою такутоз,
Ба сари холию мағрур дилам месӯзад.
Ба қади модари пирам, ки заминбӯс шуда,
Мениҳад по ба лаби гӯр, дилам месӯзад (50)

Қалби шоир гузаргоҳи ҳаводиси рӯзгор аст. Донишҳои ақлӣ ва огаҳиҳои завқӣ истеъдоди осоршиносии шоирро камол бахшида, барояш шинохти нишону аломатҳои рӯйдодҳои табиӣ ва моваройттабииро имконпазир гардонидааст. Бинобар ин, адиби соҳибдил метавонад аз аҳволи замон “панди падар”-ро дарёбаду аз авзои замин “рози башар”-ро ошкор намояд ва “з-осмон бӯйи хатар”-ро бишнавад. Маорифи завқӣ ба рӯяш дари жарфои ҳавзаи нохудогоҳи розҳои башар (асрори моваройттабииро) боз мекунад. Ҳунармандони асил пеш аз ҳар гуна таҳлилгарони ҷомеашинос бурӯзи офатҳои тахрибгарро эҳсос мекунанд. Онҳо медонанд, ки ноҳинҷориҳои муносибатҳо дар равобити инсонӣ маҷрои ҳаракати ҳаётро ба бунбаст ва бӯҳронҳо мекашад. Ҳама дардҳои иҷтимоӣ аз муносибатҳои хушку бетафовути инсонҳо сар мекашанд.

Шоир аз забони “гули тар” қиссаи бегонагӣ ва бетафовутии инсон ва муҳити зистро баён мекунад. Эҳтимолан, дар ин баёни зебошиносона танҳо ба мавзӯи экология, ки бузургтарин дарди носури башар ба шумор меравад, ишора нашудааст, балки бо як латофат ва зарофати рамзолуда баҳси ҳамзистии мусолиҳатомез ва ҳамоҳанг бо ишқу садоқати кайҳонӣ низ матраҳ гардидааст. Фиғоне, ки аз қалби як “гули тар”(табиати зинда) бар мехезад, аз ҳақношиносӣ ва номеҳрубониҳои “одами

хушк” (инсонҳои сарду беотифа) шикоят мекунад, ки барои мавҷудоти дигар ҳеҷ ҳаққе сазо надида, бидуни раво дидани камтарин эҳтиром ба рӯйи қонуни сабзи табиат по мегузоранд. Бетафовутӣ ва бадтар аз он, беотифагӣ ҳисси ҳамдардию ҳамбастагиро аз рӯҳияи ҷомеа берун мекунад ва майдони фаъолияҳои иҷтимоии инсонро хушку бемоя менамояд.

Шоири бедордил аз эҷоди аҳли ҳунаре, ки бо рӯҳияи бетафовутӣ хӯ гирифтаанд, ба ҷои “бӯйи ҷигар” (эҳсоси гарми ҳамдардӣ), “бӯйи дигар” (андешаҳои сарду хушк) мешунавад. Ҳунармандоне, ки дар мурдоби бемаҷрои худхоҳиҳои худ ғарқа гаштаанд, ба ҷуз ғафлату гумроҳӣ наметавонад дарси дигаре ба ҷомеа бидиҳанд:

Аз замон панди падар мешунавам,
Аз замин рози башар мешунавам.
Ахтари наҳс фузун аз саъд аст,
З-осмон бӯи хатар мешунавам.
Оламе пур шуда аз одами хушк,
Ин фиғон аз гули тар мешунавам.
Одами бегунаҳе нест, ки нест,
Бӯйи дуда зи шарар мешунавам.
Ҷои бӯйи ҷигар аз шеъру сухан,
Эй бадо, бӯйи дигар мешунавам.
Камдилу нимадил афзун шудааст,
Аз чапу рост хабар мешунавам.
Ин чӣ дунёст, ки ҳар ҷо биравам,
Шикваи аҳли ҳунар мешунавам?! (51)

Рӯҳи бедори шоир алайҳи ҳар гуна муносибату рафторҳои номутаносиб, ки дар назми ахлоқӣ ва равобити одилонаи иҷтимоии дар тӯли ҳазорсолаҳо бунёдкардаи инсон халал эҷод мекунад, исён мекунад. Қалби шоир оинаи тамомнамои муносибатҳои иҷтимоист. Фарқи оинаи дил аз оинаи гил ин аст, ки оинаи гил фақат сурати рӯйдодро рӯнамоӣ мекунад, ба сирати он коре надорад. Оинаи дили шоир аз унсури дарду огаҳӣ шакл гирифтааст. Дар оташи дардҳои ҷомеа сӯхтан роҳе аст, ки инсонро ба сӯйи худсозиҳо мебарад. Шоир аз дарҳои иҷтимоӣ дарси худшиносӣ мегирад ва ба инсонҳои дигар ин содатарин роҳи дарси хештаншиносиро нишон медиҳад:

Бадбахт одаме, ки надорад нишони худ,
Бо ақл барнамекашад суду зиёни худ.
Бебаҳра ошиқе, ки ниҳон оҳ мекашад,
Рози ҷаҳон намекунад рози ниҳони худ.
Сарсахт дилбаре, ки худорой будааст,
Н-ороста зи ишқи дилоро равони худ… (52,192)

Воқеан, инсоне, ки дур аз маҷрои ҳаёти замони худ зиндагӣ мекунад ва баҳри беҳбудии авзои ҷомеаи худ андешае надорад, дар ғафлату гумроҳӣ умр ба сар мебарад. Ҷойи таассуф аст, ки одамӣ аз самараи ақли худ ба андозаи кофӣ истифода намекунад ва қадри вақтро намешиносад. Зиндагӣ барои ҳар инсон дар муддати муайяни замон бобати шукуфо сохтани истеъдодҳои зотии хеш фурсат медиҳад. Инсон имконият дорад, ки дар ин муддат донишу маҳоратҳои худро камол бахшида, аз тавоноиҳои моддӣ ва маънавии худ барои ҷомеа шахсияти ҳадафшиносу арзандае бисозад. Худшиносии инсон берун аз ҳавзаи фаъолиятҳои иҷтимоии ӯ шакл намегирад, зеро зиндагӣ арсаи таъсирпазирӣ ва таъсиргузориҳо ва саҳнаи омӯзишҳои пай дар пай мебошад. Ақлу андешаву ҳадафҳои бузурги инсонӣ зиндагӣ ва шахсияти инсонро бошукӯҳу шарофатманд мекунад:

Ҳар кас, ки дар замони худ фикри замон надошт,
Мехост роз гӯяду аммо забон надошт.
Тухме накошт ҳар касе андар замини вақт,
Гар тобиши ситорае дар осмон надошт.
Ҳар кас, ки шахси хешро андар ҷаҳон наёфт,
Гарде зи роҳи умри худ андар ҷаҳон надошт.
Ҳар кас, ки дар баҳори худ нашкуфт ғунчасон,
Аз тирамоҳи хештан бӯйи хазон надошт.
Пайдо нагашт бо ҳама зебои пеши ёр,

Ҳар бедиле, ки дар дилаш рози ниҳон надошт.
Бори гарони хотири ёре набуд беш
Ҳар ошиқе ба дӯши дил оҳи гарон надошт.
Дар тангнои қофия дармонду хира мурд
Ҳар шоире, ки ҳиммату табъи равон надошт (53,419).

Ҷонибдорони нақди иҷтимоӣ авотиф ва афкори шоиронаро маҳсули ҳаёт ва муҳити иҷтимоӣ медонанд. Донишманди шинохтаи адабиёт Зарринкӯб хулосаи қавли тарафдорони ин назарияро чунин баён кардааст: “Агар шеър забони авотиф ва тарҷумони қулуби шоирон аст, он чӣ авотиф ва аҳволи қалбии шоиронро падид меоварад,чуз муҳиту забону макон чизе нест.” [54,44]. Ҳунарманде, ки дар канори баҳр ба дунё меояд ва дар он муҳит ба воя мерасад, азамату беканорагии баҳр ё уқёнус дар рӯҳияи эҷодии ӯ асар мегузорад. Инчунин, дар осори шоире, ки дар домони кӯҳу канори рӯд парвариш ёфтааст, шукӯҳи кӯҳу навои дарё мушоҳида мешавад. Лоиқ Шералӣ ошиқи кӯҳсору шефтаи рӯдҳои бешумори диёри худ аст. Кӯҳу дарё на танҳо манбаи илҳоми шоир, балки анису мунису ҳамдаму ҳамрози ӯ низ ҳастанд. Шоир аз кӯҳу дарё рамзу роз меомӯзад ва бо шеваи рафтори рӯдҳо ишқ меварзад:

Як пора санги кӯҳаму як шоха оби рӯд,
Тамкини кӯҳ дораму шасту шитоби рӯд.
Бо шинухези мавҷҳо ман дил ниҳодаам,
Сад печутоб мехӯрам бо печутоби рӯд.
Ман сабки рӯдро аз он тақлид мекунам,
Бошад, ки дар баҳои дил гирам савоби рӯд,
Гӯйи таноби умри ман аз даст меравад,
Ёбам, ки нест дар кафам банди таноби рӯд.
Ҷонам зи шавқ метапад чун мавҷи беқарор,
Умрам ба об меравад андар ҳисоби рӯд.
Ҳар гаҳ, ки дер бингарам дар мавҷҳои тунд,
Ман низ гӯй меравам чун ҳамрикоби рӯд... (55,200)

Агарчи шоир “... шаҳрванди диёри воқеиятҳои рӯзгори хеш аст” [56,554], вале арсаи шеър барои шоир манзил нест. Зеро мурғи хаёли шоир метавонад фаротар аз фазои рӯйдодҳои замони худ парвоз кунад ва дар гузаштаву ояндаҳои дур сайр намояд. Қаламрави эҷод роҳ ва равиш асту рӯзгори шоир сайри мудом. Ба таъбири Иқболи Лоҳурӣ, “Бо мақоме дарнамесозему бас,/ Мо саропо завқи парвозему бас” [57,344]. Шоир дар шебу фарози фазои зиндагӣ парвоз мекунад ва зоири ҳамешагии вазъияти рӯзгори замони худ мебошад. Ба андешаи мунақиди рус Белинский “...ҷомеа ... мехоҳад, ки ӯ (шоир-Д.Ф.) намояндаи ҳаёти маънавии ва ормонии вай бошад” [58,554].

Шоири асил дар ҳама аҳвол ҷомеаи худу ҳаёти маънавию ормонҳои ҷовидонаи онро намояндагӣ мекунад. Авзои ҷомеа ҳамеша якрангу якнаво нест, вобаста ба талабу тақозои рӯйдодҳои ҷамъиятӣ тағйиру таҳаввул мекунад. Ин тағйиру дигаргуниҳо дар рӯҳияи эҷодии шоир, ки таҷаллигоҳи вазъи ҷомеа низ мебошад, мутобиқ инъикос меёбад. Бинобар ин, дар фазои эҷодии даврањои аввал ва мобайни ҳаёти адабии шоир вобаста ба авзои замон, ки дар он вақт нисбатан ҳолати орому мутаносибе дошт, ҳавои нарму оҳанги дилпазиртаре мушоҳида мешавад. Манзур аз ин гуфтаҳо муқоисаи кайфият ва сифати осор ва маҳорати эҷодии шоир дар даврони мухталифи фаъолияти адабии ӯ нест, балки нишон додани вазъи иҷтимоӣ ва рӯҳияи замон дар осори шоир мебошад.

Ҳаводиси нохушоянди даҳаи охири асри 20-ум, ки ба даврони ниҳоии ҳаёти шоир рост меояд, чун абри андӯҳ офоқи эҷодии Лоиқ Шералиро фаро гирифтааст. Сояи ғамбори ин ҳаводис дар мағзи андеша ва овотифи шоир асар гузоштааст. Нойи вуҷуди шоир бо баёни ҳузну шикоят аз парешонии авзои ин замон ҳикоят мекунад:

Чи ҷойи шукри шукуфа, баҳор хунин аст,
Насими шумнафас дар гулзор хунин аст.
Дарахт дасти дареғо ҳамезанад бар сар,
Ҷавона ғамзадаю шохсор хунин аст.
Зи тарсу ларз дили ошиқон фурӯмурда,

Умеди васл зи оғӯши ёр хунин аст.
Диле агар зи диле об хӯрд то имрӯз,
Кунун ба хун бинишинад, канор хунин аст.
Зи баски хуни шаҳидон чу об ҷорӣ шуд,
Ҷабини рӯду лаби ҷӯйбор хунин аст.
Замон ба зону нишаста зи хории миллат,
Замин зи пой фитода, мадор хунин аст.
Зи осмону замин бӯйи хун ҳамешунавам,
Чӣ беш гӯям аз ин, рӯзгор хунин аст.
Зи халқи хеш, ки фарҳанги бостон дорад!
Чӣ ифтихор кунам, ифтихор хунин аст... (59,411)

Муаммое, ки қалби шоирро ба дард меоварад, сарнавишти фоҷеаъбори миллати соҳибтамаддуне мебошад, ки беш аз ҳар халқияту миллияти дигари ин минтақа (манзур Осиёи Миёна) собиқаи бемисоли фарҳангӣ дошта, дар ташаккулу такомули илму фарҳанги халқиятҳои ҳамсоя саҳми босазое гузошта, вале, мутаассифона, беш аз ҳар миллати дигар ҷаври таърихро кашидааст. Шоири бедордил наметавонад хотири парешони худро бо ин ҳикмати аҷдодӣ - “чорасозон дар давои дарди худ бечораанд” оромиш бахшида, ин фикри муҳолро (иллати парешонӣ ва бесомониҳои миллати худ)-ро аз сар берун кунад. Ҷойи тааҷҷуб аст, ки чаро ҳикмату фазилати ниёкон рӯҳу равони ин миллатро парвариш надода, ақлу ҳуши онро пандпазиру осебшинос накардааст. Инсоният дар тӯли таърих иллати ҳама дардҳои иҷтимоӣ ва падидаҳои сиёсиро дар омилҳои берунӣ ҷустуҷӯ мекунад, аммо Лоиқ Шералӣ сабаби даргирӣ ва бесомониҳои даҳаи 90-уми асри 20-ро дар нуқсу номукаммалии дидгоҳи инсонҳо мебинад.

Дарку шинохти рӯйдоду муносибатҳои нави иҷтимоӣ дар як маҳдудаи замонӣ бидуни доштани заминаву таҷрибаҳои таърихӣ ва механизми фаъолу омӯзандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ имконпазир нест. Дарки мафҳуми “озодӣ” барои миллате аҳамият дорад, ки онро бо нерӯи ақлу фаҳми хеш дар асари талошу муборизаи хастагинопазири садсолаҳо ба даст оварда бошад. Худогоҳӣ бидуни шинохти айбу нуқсони худу ислоҳи он муйяссар намешавад. Бинобар ин, шоир ба ин нукта таъкид мекунад, ки инсон бояд ба даруни худ роҳ бибарад, иллату нуқсонҳои афкору аъмоли худро бишносад ва пайи ислоҳи он бипардозад, то ки дар ноҳамвории муносибаҳои худ дигаронро гунаҳгор наҳисобад:

Замон кони ғамон гуфтанду рафтанд,
Фиғон аз ин ҷаҳон гуфтанду рафтанд.
Ҳама ваҳшат, ки худшон офариданд,
Зи дасти осиён гуфтанду рафтанд.
Замонро вожгун карданд худшон,
Ҳама ҷурми замон гуфтанду рафтанд.
Ба бели хеш гӯри хеш канданд,
Зи қасди душманон гуфтанду рафтанд.
Бара хӯрданд бо гургони миллат,
Ҳама айби шубон гуфтанду рафтанд.
Бидуздиданд симу зар зи конҳо,
Ҳама камбуди кон гуфтанду рафтанд.
Бародарро зи кин куштанд, лекин
Хато рафт аз камон гуфтанду рафтанд... (60,436).

Бо ин ки ҳолати шеъри Лоиқ Шералӣ бо авзои замон ҳамсон буд ва навои ҳузну оҳанги дард аз тору пуди осораш метаровид, рӯҳи саркаши шоир бо шеваи бедодгари замона созиш намекард. Алайҳи бедодгариҳои замонае, ки тарона (поктарин эҳсосу отифа ва андешаи инсони) -ро мекушт (Кушед ин замонаро, ки мекушад таронаро,/ Даруни чашм мекушад нигохи шоирона) [61]-ро, хурӯш менамуд. Шоир мехост ба ҳамзамонони худ дарси ҳӯшёр будану бедор зистану огоҳона амал карданро талқин кунад. Миллате, ки ақли пӯёю зеҳни бедору амали хирадмандона надорад, ҳамеша бозичаи дасти дасисабозони замон хоҳад буд:

Не мову на ман ҳастӣ, ин мову маниҳо чист?!
Дандон зада бар дандон, дуниву даниҳо чист?!
Аз хеш нарафтӣ дур, то хеши диле ёбӣ,

Бе мазҳаби худсозӣ ин худшиканиҳо чист?!
Аз хешпарастият бехештанӣ имрӯз,
Бе хеши дилу ният, бехештаниҳо чист?!
Ҳар чӣ ба даҳан ояд, на зеби сухан ояд,
Дандони фаросат ку, Ин бедаҳаниҳо чист?!... (62,416)

Ғазалиёти Лоиқ Шералӣ шиносномаи зиндагӣ ва ҳолномаи замони ӯ ба шумор мераванд. Ба андешаи шоир ва мутафаккири шинохтаи испанӣ, Унамуно "сарнавишти инсон муҳимтарин масъалае аст, ки зеҳни вайро машғул медорад" [63,580].[63] Аммо зеҳни шоир танҳо нишемангоҳи масоили шахсии ӯ нест. Сарнавишти инсон дар робита бо муносибатҳои иҷтимоӣ шакл мегирад ва дар раванди фаъолиятҳои фидокоронаю амалҳои судманди ҷамъиятӣ арзиш пайдо мекунад. Қаҳрамони лирикие, ки дар ғазалиёт мухотаби шоир қарор мегирад, метавонад худи шоир ё инсонҳои ҷаҳонафрӯзи дигаре бошанд, ки бо нури ҷони хеш ҷаҳони моро равшан карда, аз худ осори нуроние боқӣ гузоштаанд. Дар мароми шоиронае, ки аз муҳтавои ғазали зер берун метаровад, ба инсонҳои ҳамнавъи хеш, ки бо мақсаду ормонҳои бузург зистаанд, ишора карда, барои хизмати арзишманду ҷовидонаи онҳо арзи адабу эҳтиром менамояд:

Ба як хаси ҷаҳони ту ҷаҳони мо намерасад,
Ба оҳи талхи ҷони ту фиғони мо намерасад.
Замона дар замонаҳо ту бастӣ дар таронаҳо,
Ба қадри ним ҳарфи ту замони мо намерасад.
Ба он камони орашӣ, пур аз калом таркаше
Ба он ҳадаф, ки ту задӣ, камони мо намерасад.
Ба вусъати шуури ту мурури мост кӯру кар,
Ба авҷи осмони ту гумони мо намерасад.
Ба пирию шикастагӣ ту рафти сӯйи ҷовидон,
Ба гарди корвони ту нишони мо намерасад [64,431].

Аз мутолиаи ғазалиёти Лоиқ Шералӣ чунин бармеояд, ки шоир ба ин шакли шеърӣ меҳру муҳаббати хосае дошта, муҳимтарин масоили ҳаёти иҷтимоӣ ва саршортарин эҳсосу ормонҳои худро ба воситаи ғазал баён кардааст. Шоир дар мусоҳибае назари худро нисбат ба ғазал чунин баён мекунад: "Ғазал чист? Ғазал шиносномаи таърихи фарҳанг, фалсафа, илму фунун ва ҷаҳони ҳасту нести мардуми форсу тоҷик аст. Ҳар кӣ алайҳи ин навъи шеъри қаламрави тамаддуни форсии тоҷикӣ нуктае бironад, сазовори сангсор аст. Ғазал дар зоти худ маншаи исёнгарӣ, инқилобгарӣ ва созандагию барафрозандагӣ доштааст, ҳарчанд инқилоби иҷтимоӣ маҳз аз ғазал сурат нагирифтааст, аммо инқилоби маънавӣ, равонӣ ва рӯҳонӣ аз ӯ сарчашма мегирад... Ғазал ҳазор сол, балки бештар барои такомули завқи як халқи соҳибфарҳанг ва мухлисону гаравидагони фарҳанги ӯ хидмат гузошт, рисолати таърихӣ, иҷтимоӣ ва инқилобии худро дар масири ҷаҳонӣ ифо кард ва боз ҳам то ин халқ дар рӯйи замин ҳаққи қисмат дорад, хидмат хоҳад кард " [65].

Таърихи таҳаввули беш аз ҳазорсолаи ғазал нишон медиҳад, ки ин шакли шеър бо дар назар доштани каме тағйироти ҷузъӣ [66,45-57] дар тайи садсолаҳо қолаби анъанавии худро нигоҳ доштааст. Лоиқ Шералӣ шакли сунатии ғазалро пазируфта, аз ин қолаби шеърӣ барои баёни талабу ниёзҳои замон ва нишон додани масоили рӯзу рӯзгори инсон ба навъи аҳсан истифода кардааст. Азбаски доманаи баҳси мундариҷаи ғазалиёти шоир фаротар аз маҳдудаи матлаби кори мо аст, бо ироаи натиҷагирии мухтасаре дар ин росто иктифо мекунем:

1. Ғазалиёти шоир ба таври густурда фазои рӯзгори замони шоирро ба намоиш мегузорад, мавқеи инсонро дар саҳнаи фаъолиятҳои иҷтимоӣ нишон медиҳад, ба шарҳу баёни тазодҳои зиндагӣ ва тафсири печидагиҳои ҳаёт мепардозад.

2. Дар ғазалиёти шоир бунёдитарин мавзӯи ғазал - мавзӯи ишқ ҷойгоҳи муҳимме дорад. Бесабаб нест, ки шоир худро шоири ошиқ номида, ишқро аслитарин ангезаи ҳастӣ медонад.

3. Зебоии табиати Ватан таъсири барҷастае дар дидгоҳи эстетикии шоир гузоштааст. Кӯҳҳо ва дарёҳо на танҳо сурати ин диёрро ҷолибу зебо ҷилва медиҳанд, балки нақши муҳимме дар баҳрабардориҳои иқтисодии давлат дошта, бахши муҳимми стратегияи сиёсӣ ва иқтисодии онро ташкил медиҳад.

4. Сарнавишти миллат, гузашта, имрӯз ва ояндаи он бузургтарин мароми иҷтимоии шоир буда, навои ин оҳанг дар бахши аъзами ғазалиёти ӯ шунида мешавад. Илова бар ин, шоир, амалан, барои ҳимояти арзишҳои миллӣ ва ҳидояти ҳамзамонони худ кӯшишу талоши зиёде ба харҷ додааст.

Дар фазои адабии нимаи аввали асри бистум дар адабиёти тоҷик ва ба хусус, дар адабиёти форсӣ ҳолати бетафовутие нисбат ба ин шакли шеърӣ ва анвои дигари шеъри суннатӣ эҷод гардида буд. Алалхусус, эътирози шоирони тавоное, мисли Аҳмади Шомлу, Нодири Нодирпур ва Фурӯғи Фаррухзод дар баробари ҳама анвои шеъри куҳан бозори ғазалро сард намуда буд. Маҳорати эҷодӣ ва кӯшишу талаби Лоиқ Шералӣ дар ин росто заминаро барои инкишофу ривоҷи мавзӯъ ва муҳтавиёти ғазал фароҳам сохта, ҷойгоҳи онро дар адабиёт мустаҳкам намуд. Ҳамчунин дар адабиёт дурнамои сайри рӯ ба камоли ин шакли шеърро барои даврaҳои минбаъдаи адабӣ муайян намуд.

А Д А Б И Ё Т

1. Розӣ Ш. Қ. ал-Мӯъҷам фи маойир-ул-ашъор-ул-Аъҷам/ Ш. Қ. Розӣ–Теҳрон: Фирдавс. 1374.
2. Тамимдорӣ А. Таърихи адаби порсӣ/ А.Тамимдорӣ.– Теҳрон: Алҳудо. 1379. –404 с.– С. 200.
3. Мусулмонқулов Р. Анъана ва навоварӣ/ Р.Мусулмонқулов. –Душанбе: Нашрияи донишгоҳ. 1985.
4. Қазва А. Ғазали муосири Эрон/ А.Қазва. –Теҳрон: Ҳавзаи ҳунарӣ. 1997.– 404 с.
5. Акбарзода Ю. Рилсолати шоир ва шеър/ Ю.Акбарзода. –Душанбе: Адиб. –2009, 376 с.
6. Нарзиқул М. Фурӯғи ҳастӣ/ М.Нарзиқул.- Душанде: Адиб, 2002. –120с.
7. Шералӣ Л . Мусоҳиба бо Маъруф Ҳ. Омӯзгори мактаби рақами 2, деҳаи Урметани райони Айнӣ/ Л .Шералӣ // Адабиёт ва санъат.– 1987.– 22.01.
8. Нарзиқул М. Фурӯғи ҳастӣ/ М.Нарзиқул.- Душанде: Адиб, 2002. –120 с.
9. Шералӣ Л. Куллиёти ашъор.(бо ҳуруфи форсӣ)/ Л. Шералӣ – Теҳрон: Пажӯҳишгоҳи фарҳанг,1383.
10. Шералӣ Л. Хонаи дил/ Л.Шералӣ. – Душанбе: Ирфон, 1986. –464 с.
11. Кафка Ф. Замок (Роман,новеллаву ҳикояҳо)/ Ф.Кафка. –Масква: Политиздат,1991. 576 с.
12. Нодирпур Н. Мурғи офтоб/ Н.Нодирпур.- Душанбе: Адиб. 1995. –224 с.
13. Саъдии Шерозӣ. Куллиёти Саъдӣ/ Саъдии Шерозӣ. –Теҳрон: Муъиниён,1375. – 998 с.
14. Шералӣ Л. Куллиёти ашъор.(бо ҳуруфи форсӣ)/ Л.Шералӣ. – Теҳрон: Пажӯҳишгоҳи фарҳанг,1383.
15. Гулназар. Лоиқе чун Лоиқе.– Душанбе: Сурушан, 2000. –81 с
16. Шералӣ Л. Куллиёти ашъор.(бо ҳуруфи форсӣ)/ Л. Шералӣ. – Теҳрон: Пажӯҳишгоҳи фарҳанг,1383.
17. Балхӣ Ҷ. Девони ҷомеи Шамси Табрезӣ/ Ҷ.Балхӣ. – Теҳрон: Фирдавс, 1374. –880 с.
18. Шералӣ Л. Хонаи дил/ Л.Шералӣ. – Душанбе: Ирфон, 1986. –464 с.
19. Ганҷавӣ. Н. Куллиёт/ Н.Ганҷавӣ. –Душанбе: Ирфон, 1983. –Ҷилди якум.– 464 с.
20. Замонӣ К. Миногари ишқ.(шарҳи мавзӯии “Маснавӣ”)/ К.Замонӣ. –Теҳрон: Нушранӣ, 1386.–1005 с.
21. Замонӣ К. Миногари ишқ.(шарҳи мавзӯии “Маснавӣ”)/ К.Замонӣ. –Теҳрон: Нушранӣ. 1386.–1005 с.
22. Замонӣ К. Миногари ишқ.(шарҳи мавзӯии “Маснавӣ”)/ К.Замонӣ. –Теҳрон: Нушранӣ, 1386.–1005 с.
23. Шералӣ Л. Хонаи дил/ Л.Шералӣ. – Душанбе: Ирфон, 1986. –464 с.
24. Унамуно М. Ишқ, дард, ҳамдардӣ ва шахсият/ М.Унамуно. [Китобхонаи электроникӣ.– С.1.]
25. Шералӣ Л. Хонаи дил/ Л.Шералӣ. – Душанбе: Ирфон, 1986. –464 с.
26. Унамуно М. Ишқ, дард, ҳамдардӣ ва шахсият/ М.Унамуно. [Китобхонаи электроникӣ.-С.1.]
27. Шералӣ Л. Хонаи дил/ Л.Шералӣ. – Душанбе: Ирфон, 1986. –464 с.
28. Замонӣ К. Миногари ишқ.(шарҳи мавзӯии “Маснавӣ”)/ К.Замонӣ. –Теҳрон: Нушранӣ,1386. –1005 с.
29. Шералӣ Л. Хонаи дил/ Л.Шералӣ.– Душанбе: Ирфон, 1986. – 464 с.
30. Шерозӣ Ҳ. Куллиёт /Ҳ.Шерозӣ. – Душанбе: Ирфон,1983.– 672 с.
31. Балхӣ Ҷ. Маснавӣ/ Ҷ.Балхӣ.–Теҳрон: Нашри замон, 2001. –628 с.
32. Шерозӣ Ҳ. Куллиёт/ Ҳ. Шерозӣ. – Душанбе: Ирфон, 1983. –672 с.
33. Шералӣ Л. Ману дарё/ Ҳ.Шерозӣ. – Душаебе: Адиб, 1991. –304с.
34. Шералӣ Л. Куллиёти ашъор.(бо ҳуруфи форсӣ)/ Л.Шералӣ.–Теҳрон: Пажӯҳишгоҳи фарҳанг,1383.
35. Шерозӣ Ҳ. Куллиёт/ Ҳ.Шерозӣ. – Душанбе: Ирфон,1983.– 672 с.
36. Замонӣ К. Миногари ишқ.(шарҳи мавзӯии “Маснавӣ”)/ К.Замонӣ. –Теҳрон: Нушранӣ,1386. –1005 с.
37. Шералӣ Л. Куллиёти ашъор.(бо ҳуруфи форсӣ)/ Л.Шералӣ. –Теҳрон: Пажӯҳишгоҳи фарҳанг,1383.
38. Шералӣ Л. Куллиёти ашъор.(бо ҳуруфи форсӣ)/ Л.Шералӣ. – Теҳрон: Пажӯҳишгоҳи фарҳанг,1383.
39. Зарринкӯб А. Нақди адабӣ/ А.Зарринкӯб. –Теҳрон: Амири кабир, 1373. –921 с.
40. Рӯдакӣ. Девон/ Рӯдакӣ. –Олмотӣ, 2007. –256 с.
41. Шералӣ Л. Хонаи дил/ Л. Шералӣ. - Душанбе: Ирфон, 1986. – 464 с.
42. Зарринкӯб А. Нақди адабӣ/ А.Зарринкӯб. –Теҳрон: Амири Кабир, 1373. – 921 с.
43[а]. Зарринкӯб А. Нақди адабӣ/ А.Зарринкӯб. –Теҳрон: Амири Кабир, 1373. – 921 с.
43[б]. Шералӣ Л. Куллиёти ашъор.(бо ҳуруфи форсӣ)/ Л. Шералӣ. – Теҳрон: Пажӯҳишгоҳи фарҳанг,1383.
44. Шералӣ Л. Куллиёти ашъор.(бо ҳуруфи форсӣ) / Л.Шералӣ. – Теҳрон: Пажӯҳишгоҳи фарҳанг,1383.
45. Шералӣ Л. Ангораҳо/ Л.Шералӣ. –Душанбе: Адиб,2001.– 112с.
46. Зарринкӯб А. Нақди адабӣ/ А.Зарринкӯб. –Теҳрон: Амири Кабир,1373. – 921 с.
47. Зарринкӯб А. Нақди адабӣ/ А.Зарринкӯб. –Теҳрон: Амири Кабир,1373. –921 с.

48. Шерозӣ Ҳ. Куллиёт/ Ҳ.Шерозӣ. -Душанбе: Ирфон, 1983. –672 с.; Балхӣ Ҷ. Девони Шамс/ Ҷ.Балхӣ. – Теҳрон: Фирдавс,1374. –880 с.
49. Лоҳурӣ И. Саду як ғазал/ И.Лоҳурӣ. –Душанбе: Ирфон, 2008. –104 с.
50. Шералӣ Л. Ангораҳо/ Л.Шералӣ. –Душанбе: Адиб,2001.- 112 с.
51. Шералӣ Л. Хонаи дил/ Л.Шералӣ. – Душанбе: Ирфон. 1986. 464 с.
52. Шералӣ Л. Хонаи дил/ Л.Шералӣ. –Душанбе: Ирфон, 1986. –464 с.
53. Шералӣ Л. Куллиёт/ Л.Шералӣ.- Душанбе, 1986.– С.419.
54. Зарринкӯб А. Нақди адабӣ/ А.Зарринкӯб. –Теҳрон: Амири Кабир,1373.– 921 с.
55. Шералӣ Л. Хонаи дил/ Л. Шералӣ. – Душанбе: Ирфон, 1986. –464 саҳ., с., 200.
56. Зарринкӯб А. Нақди адабӣ/ А.Зарринкӯб. –Теҳрон: Амири Кабир, 1373. 921 с.
57. Лоҳурӣ И. Куллиёт/ И.Лоҳурӣ. –Теҳрон: Саноӣ, 1376. 508 с.
58. Зарринкӯб А. Нақди адабӣ/ А.Зарринкӯб. –Теҳрон: Амири Кабир, 1373. –921 с.
59. Шералӣ Л. Куллиёти ашъор.(бо ҳуруфи форсӣ)/ Л. Шералӣ. – Теҳрон: Пажӯҳишгоҳи фарҳанг, 1383.
60. Шералӣ Л. Куллиёти ашъор.(бо ҳуруфи форсӣ)/ Л. Шералӣ. – Теҳрон: Пажӯҳишгоҳи фарҳанг,1383.
61. Шералӣ Л. Куллиёти ашъор.(бо ҳуруфи форсӣ)/ Л.Шералӣ. – Теҳрон: Пажӯҳишгоҳи фарҳанг,1383.
62. Шералӣ Л. Куллиёти ашъор.(бо ҳуруфи форсӣ)/ Л. Шералӣ. – Теҳрон: Пажӯҳишгоҳи фарҳанг,1383.
63. Зарринкӯб А. Нақди адабӣ/ А.Зарринкӯб. –Теҳрон: Амири Кабир, 1373. – 921 с. 64.Шералӣ Л. Куллиёти ашъор.(бо ҳуруфи форсӣ)/ Л.Шералӣ. – Теҳрон: Пажӯҳишгоҳи фарҳанг, 1383. –652 с.
65. Шералӣ Л. Мусоҳибаи Лоиқ бо Маъруф Ҳ Омӯзгори мактаби рақами 2, деҳаи Урметани райони Айнӣ/ Л.Шералӣ// Адабиёт ва санъат. – 1987. – 22. 01.
66. Мусулмонқулов Р. Анъана ва навоварӣ/ Р.Мусулмонқулов –Душанбе: Нашрияи донишгоҳ, 1985.

СМЫСЛ И СОДЕРЖАНИЕГАЗЕЛЕЙ ЛОИКА ШЕРАЛИ

Лоик Шерали занимает особое место в таджикской литературе своим индивидуальным творческим мастерством, изысканным стилем и изяществом поэтического слова и его опыт по обновлению форм и содержания традиционных жанров поэзии заслуживает тщательного изучения и исследования. Автор в данной статье указывает на то, что жанр газели имел особое место в поэтическом творчестве великого таджикского поэта Лоика Шерали.

Ключевые слова: газели, литературные традиции, лирические герои, тема газели, влюбленный поэт, любовь.

СМЫСЛ И СОДЕРЖАНИЕГАЗЕЛЕЙ ЛОИКА ШЕРАЛИ

Лоик Шерали занимает особое место в таджикской литературе своим индивидуальным творческим мастерством, изысканным стилем и изяществом поэтического слова и его опыт по обновлению форм и содержания традиционных жанров поэзии заслуживает тщательного изучения и исследования. Автор в данной статье указывает на то, что жанр газели имел особое место в поэтическом творчестве великого таджикского поэта Лоика Шерали.

Ключевые слова: газели, литературные традиции, лирические герои, тема газели, влюбленный поэт, любовь.

Сведения об авторе: ***Ф. Давлатов*** **–** соискатель ТГПУ им.Садриддина Айни. Телефон: **(+992) 93 594 85 70**

МАРҲАЛАИ НАВИНИ ИНКИШОФИ НАСРИ САНАДГАРО ДАР АДАБИЁТИ ТОҶИК

Малика Муродова
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б.Ғафуров

Осори насри мустанад дар адабиёти тоҷик аз даврaҳои қадим ҳамчун намунаи волои асарҳо оид ба зиндагинома ва муҳити иҷтимоии мардум шинохта шудааст. Ин гуна асарҳо бо хусусиятҳои санадгароиашон дар бораи воқеоти таърихӣ, ҳодисаҳои пуршӯри сиёсиву иҷтимоӣ, тақдири талхи фарзандони номвар, ки дар гирдбоди сергирудори замона ва муҳити фишоровари иҷтимоӣ умр ба сар бурда, бо корномаи бузургашон дар сафҳаи айём нақш ёфтаанд, фарқ мекунанд. Вежагиҳои осори мустанадро дар бештари анвои наср – таърихномаҳои давраи гузашта ва имрӯз, ҷангномаҳо, сафарномаҳо, тазкираву ёддошт ва ғайра ба мушоҳида гирифтан мумкин аст. Минбаъд ин гуна асарҳо дар баробари анвои гуногуни наср инкишоф ёфта, барои рангин кардани доираи завқу фаҳмиши хонандагон заминаи мусоид фароҳам оварданд.

Дар марҳилаи аввали адабиёти навини тоҷик, ки оғози ғоявии онро устод Садриддин Айнӣ дар тазкираи «Намунаи адабиёти тоҷик» (1926) ба соли 1905 мансуб медонад, асарҳое таълиф шудаанд, ки миқдори зиёди иттилоот, ахбору аснод ва таҳлилу нақди бадеиву публитсистии дафтари зиндагонии шахсиятҳои сиёсиву фарҳангӣ ва адабиро дар бар гирифта, дар онҳо моҳияти рӯйдодҳои таърихӣ ва

иҷтимоӣ бо диди хос, дидаи ҳақбин, таҳлили амиқ, хулосаҳои ҷолиб инъикос ёфтаанд. Бо вуҷуди ин, ба фикри мо тамоюли офаридани моҳияти таърих ва замон аз давраи пурҷӯшу хурӯши маорифпарварӣ ва ҷараёни ҷадидӣ, бахусус аз замони таълифи «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмад Дониш ва осори маорифпарварону ҷадидони дигар рангу тобиши махсусе гирифтааст. Асарҳои адабии давраи маорифпарварӣ ва ҷадидӣ, аз ҷумла «Мунозира», «Баёноти сайёҳи ҳиндӣ», «Раҳбари наҷот»-и Абдурауфи Фитрат, «Туҳфаи аҳли Бухоро»-и Мирзо Сироҷи Ҳаким, «Рӯзнома»-и Шарифҷон махдуми Садри Зиё, «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро»-и Садриддин Айнӣ ва як силсила асарҳои дигар намунаҳои муҳимми насри санадгаро дар ин давра ба шумор мераванд. Дар ин гуна асарҳо воқеаву рӯйдодҳо, махсусияти зиндагонии арбобони машҳури замона, нуктаҳои ҷудогонаи рӯзгори аҳли фазл бо далелҳои қотеъ, дар асоси дидаву шунида ва мушоҳидаҳои бевоситаи нависанда бо сабки воқеъбаёнӣ ва рӯҳи публитсистӣ тасвир карда мешаванд. Ба ин маънӣ, адибони маъруфе амсоли Аҳмад махдуми Дониш, Шарифҷон махдуми Садри Зиё, Абдурауфи Фитрат, Мирзо Сироҷ, Садриддин Айнӣ ва дигарон дар ранги хос ба бар кардани тамоюли санадгароӣ дар адабиёти тоҷик дар қолаби комилан тозаи бозҷустҳои адабӣ нақши муҳим гузоштанд.

Дар адабиёти шӯравии тоҷик низ ин гуна хислати асарофаринӣ дар перомуни осори мансури адабӣ, таърихӣ ва иҷтимоӣ идомаи хос пайдо намуд, ки шинохти махсусиятҳои он, моҳият ва мундариҷаи ғоявию эстетикӣ, заминаҳои бозҷустҳои адибон дар муаррифии рӯйдодҳо перомуни ин навъ осор таҳқиқоти амиқеро тақозо мекунад.

Мо дар ин мақола дар бораи асарҳое сухан ба миён меоварем, ки ба ошкор кардани саҳифаҳои пуртаҳлуқаи даврони шахспарастӣ ва сарнавишти зиёиёни солҳои 30-юми асри ХХ бахшида шуда, таваҷҷӯҳ ба он аз нимаи дувуми солҳои 80-уми асри ХХ – марҳалаи нави ҷустуҷуҳои адабӣ оғоз ёфт ва дар замони истиқлолияти миллӣ намунаҳои ҷолиби таваҷҷуҳе дар ин замина ба вуҷуд омадаанд. Гузориши илмии мавзӯи мазкур дар осори адабиётшиносии Муҳаммадҷони Шакурӣ, Соҳиб Табаров, Расул Ҳодизода, Камол Айнӣ, Атахон Сайфуллоев, Хуршеда Отахонова, Валӣ Самад, Маъруф Раҷабӣ, Абдухолиқ Набиев, Худойназар Асозода, Абдулҳай Маҳмадаминов, Масрури Абдулло, Фирӯза Шаҳидӣ, Абдураҳмон Абдуманнонов, Шоҳзамон Раҳмонов ва дигарон ба таври фишурда ё густурда сурат гирифтааст.

Дар бораи сарнавишти адибони ҷабрдидаи солҳои 30-юми асри ХХ – Абдурауфи Фитрат, Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ, Абдулвоҳиди Мунзим, Нарзуллоҳи Бектош, Раҳим Ҳошим, Алии Хуш, Саъдулло Рабиӣ, Рашид ва Ғанӣ Абдулло ва дигарон дар матбуот даҳҳо мақолаву очеркҳо ба табъ расонида, минбаъд ин кӯшишҳо то ба дараҷаи таҳқиқи ҷудогона ва монографӣ вусъат ёфтанд [5,119-126].

Адабиётшинос Субҳони Аъзамзод дуруст навиштааст, ки «таваҷҷуҳ ба ошкор кардани саҳифаҳои норавшан, бо айнаки сафед хондани рӯйдодҳои ба истилоҳ “сиёҳ“-и садаи бист, хоса солҳои 30, ки аз даврони махуф ва хираи таърихи даврони шӯравӣ маҳсуб мешавад, аз муҳимтарин дастовардҳои ҳавзаҳои фикрии тоҷикӣ дар нимаи дувуми солҳои 80-уми садаи бист буд.

Натиҷаи ҳамин гуна тамоюлҳо буд, ки бархе аз муҳаққиқон саҳифаҳои доғи ин давраро бозгӯй карданӣ ва дар ин росто ба нашри силсиламақолоте роҷеъ ба сарнавишту тақдири шахсиятҳои таърихӣ ва адабиву ҳунарии ин замон пардохтанӣ шуданд” [2,156].

Дар ин давра адибони тоҷик бо мақсади амиқи иҷтимоиву адабӣ ва ба таври махсус ба муайян кардани ҳақиқати фошнашудаи солҳои 30-юми асри ХХ камари ҳиммат баста, дар заминаи ин мавзӯъ асарҳои ҷудогонаи бадеӣ-публитсистӣ рӯйи кор оварданд, ки дар бораи фарҷоми фоҷеаангези рӯзгори талхи фарзандони зиёии миллат, шахсиятҳои адабӣ ва фарҳангии дар солҳои шахспарастӣ маҳкумшуда ва аз номаи аъмоли онҳо нишонаҳои душманӣ ҷустуҷӯшуда нақл мекунад.

Дар марҳилаи нави насри санадгарои тоҷик, ки аз оғози бозсозӣ ва ошкорбаёнӣ оғоз карда, то ба имрӯз – давраи истиқлолияти миллӣ идома дорад, чанде аз асарҳои хурду бузурги бадеӣ ва публитсистӣ, қиссаҳои сабақангез ва портретҳои хуби адабӣ ба вуҷуд омаданд, ки бевосита ба таҳқиқи бадеии моҳияти гирудорҳои соли 1937 ва тақдири фарзандони халқ дар солҳои шахспарастӣ бахшида шудаанд. Аз ҷумла, очеркҳои илмӣ-публитсистии Соҳиб Табаров «Саргузашти талхи Саъдулло Рабиӣ» (Садои Шарқ, 1990, №1, с.103-192), Абдураҳмон Абдуманнонов ва Фирӯза Шаҳидӣ

«Танҳоӣ» дар бораи қисмати талхи Рашид ва Ғанӣ Абдулло (Садои Шарқ, 1990, №4, с. 92-112), Хуршеда Отахонова «Дил мехоҳад, ки гӯяму гирям...» дар бораи тақдири падараш Отахон Мусохӯҷаев (Садои Шарқ, 1991, №1, с. 91-109), ки ба шакли китоби ҷудогона низ ба табъ расидааст, Алӣ Бобоҷон «Адиби ноком» дар бораи адиби ҷавони тоҷик Рауф Тоҳирӣ (Адабиёт ва санъат, 13 августи соли 1992), «Конибодом дар солҳои доғ» дар бораи сиёҳсозиҳои фарзандони рашиди Конибодом (Садои Шарқ, 1992, №11-12, с. 96-108), силсилаи осори бадеиву публитсистии нависанда Додоҷони Раҷабӣ, ки дар саҳифаҳои матбуоти нимаи дувуми солҳои 80 ва аввали 90-уми асри гузашта ба табъ расида ва дар маҷмӯаи «Осмони хамида» (Хуҷанд, 1998) ва ҷилди дувуми асарҳои ӯ «Дар миёни чор дарё» (Хуҷанд, 2007), Зариф Ғулом «Писари шоир» (Садои Шарқ, 2007) ва ғайраҳо дар ин радиф ҷойгоҳи махсусе доранд.

Мавзӯи шахспарастӣ, моҳияти гирудорҳои соли 1937, маҳкумияти зиёиён дар перомуни асарҳои ёддоштии адибон низ ҷойгоҳи махсусе пайдо кард. Адабиётшиноси фақиди тоҷик Холиқ Мирзозода дар ҷилди дувуми ёддоштҳояш таҳти унвони «Тағйироти куллӣ (Хотираҳо – ҷавонӣ ва пояи аввали камолот, 1929-1939)», ки алҳол дар шакли комил ба табъ нарасидааст, адабиётшиноси номӣ Расул Ҳодизода дар китоби хотироти «Худоё, худро бишносам!» (Душанбе, 2006), Нависандаи халқии Тоҷикистон Ҷалол Икромӣ дар ёддоштномаи «Он чӣ аз сар гузашт», ки соли 1992 таълиф шуда, соли 2006 дар шумораҳои 1-4 маҷаллаи миллии «Садои Шарқ» ва сониян, дар шакли китоби ҷудогона ба эҳтимоми фарзанди адиб Ҷонон Икромӣ ба табъ расид (Душанбе, 2009), ба ҳақиқати солҳои 30-юм ва фишору тазйиқҳои фарзандони замон ба ҳадди тавоноии хеш посух гуфтанӣ шудаанд.

Таҳлилу нақди муфассали ин асарҳо ба таври ҷудогона фурсат ва имконият металабад. Бо вуҷуди ин, кӯшиш менамоем, ки аз боби арзиши муҳимми ин осор дар оғози кор – нимаи дувуми солҳои 80-ум, ки бо кӯшишҳои нависандаи маҳбуби тоҷик Додоҷони Раҷабӣ ба даст омадааст, сухан ронем.

Асарҳои Додоҷони Раҷабӣ дар омӯзиш ва таълифи осори бадеиву публитсистӣ перомуни маъракаи шахспарастии солҳои 30, 40 ва 50-уми асри ХХ самараи бештар ва дилхоҳе ба даст оварда, заминаҳои таваҷҷӯҳ ба ин мавзӯъро фароҳам кардааст. Ӯ аз байни адибон аз аввалинҳоест, ки дар солҳои бозсозӣ ва ошкорбаёнии нимаи дувуми солҳои 80-уми асри ХХ ба омӯхтани таърихи кашфнашудаи халқи тоҷик дар солҳои 30-юм машғул гардид. Ӯ бо омӯхтани даҳҳо маводи арзишманди бойгониҳо, асарҳои таърихӣ, мақолаҳои матбуоти солҳои 30-юм ва аз ҷумла, нақли шоҳидону пайвандони шахсиятҳои ҷабрдида бо муҳаббат ба ин мавзӯъ даст зад ва очеркҳояш пешкаши аҳли ҷомеа гардиданд. Ӯ имкон ёфт, ки аз байни садҳо саҳифа маводи бойгониҳо таърихи нокушодаи миллатро варақгардон карда, хонандаро бо рӯйдодҳои начандон дури халқи тоҷик, гирифторӣ ва кашмакашии беработи ғоявию идеологӣ, беадолатӣ, ноҳақӣ, маҳкумият, оқибат аз байн бурдану аз даст доданҳои рӯҳиву равонии фарзандони оқилу қобил ошно гардонад.

Хусусан, ба шаҳодати профессор У. Ғаффоров баъди як рӯзи он ки қиссаи бадеиву публитсистии Д.Раҷабӣ «Доғи рӯйи пок» оид ба сарнавишти 14-солаи буғранҷ, рӯзгори талху нобасомони адиб ва олими тавонои тоҷик, парвардаи мактаби илмиву адабии устод Айнӣ – Раҳим Ҳошим дар ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» (5 январи соли 1989) ба нашр расид, қарори махсуси Ҳизби коммунист «Дар бораи чораҳои иловагӣ барои барқарор кардани ҳаққоният оид ба шахсоне, ки дар давраи солҳои 30-40 50-ум ҷазо дидаанд» [3,431], интишор ёфт ва ин санади муҳим барои ҷустуҷӯҳои нависанда имкони васеъ ва мусоидеро фароҳам овард.

Нависанда бо дарки азими масъулияти шаҳрвандӣ, бо ҳисси одамият ва қарздорӣ дар назди арвоҳи қурбониён дар посух ба гунаҳкорони айбҳои сиёсиву иҷтимоии он давра ба хонандаи моҳиятҷӯйи тоҷик муроҷиат карда, дар ин бора воқеъбинона сари алам боло мебардорад ва бо эҳсоси бузурги дард чунин менависад: «Мо дар назди арвоҳи қурбониёни солҳои сӣ, чил ва панҷоҳум қарздор ҳастем. Ёди онҳоро пос дошта, номи онҳоро бояд, аз нав зинда кунем, хотираҳояшонро абадӣ гардонем. Инро аз мо рӯҳияи башардӯстӣ талаб мекунад» [5].

Пас аз ин Д. Раҷабӣ доираи ҷустуҷӯҳояшро дар ин арса такмил дода, дар заминаи даҳҳо маводи тозаву корнохӯрдаи бойгониву матбуотӣ омӯзиши мавзӯъ ва таълифи силсилаи очеркҳои хонданиеро идома дод: дар маркази диққати қиссаи «Шоми фироқ» рӯзгори пуршӯри адиби корвари тоҷик Ҷалол Икромӣ (Адабиёт ва санъат, 23 феврали соли 1989), дар перомуни «Ҷон хоҳари дилсӯхта» ҳаёти тираи

бародарон Рашид ва Ғанӣ Абдулло, дар ниҳоди «Осмони хамида» зиндагии пурмоҷарои Нарзуллоҳи Бектош (Адабиёт ва санъат, 1 феврали соли 1990), дар қиссаи «Як нахли Боғи Майдон» маҳрумиятҳои Тӯрақул Зеҳнӣ дар маҳбас (Садои мардум», 10 апрели соли 1991) ва ғайра мавриди тадқиқи бадеиву публитсистии Д. Раҷабӣ қарор гирифтанд. Дар ин асарҳо нависанда бо дилсӯзиву муҳаббат дар бораи сарнавишти ин нафарон ҳикоятҳои ҷонгудоз мекунад, сабабҳои носипосӣ, кадрношиносӣ ва сархӯрии ҳамдигарии зиёиёнро, ки мағзи сари миллат буда, ба қавли А. Абдуманнонов саргарми «гунаҳкорҷӯйӣ»-и воқеаҳои шахспарастӣ шудаанд, пеш меоварад [1,445].

Яке аз аввалин навиштаҳои Д. Раҷабӣ дар насри мустанад рӯзгори тира ва аз назари хонандаи имрӯз тамоман пинҳони адиби боистеъдоди тоҷик Ҳаким Каримро ошкор мекунад. Нақли нависанда асосан ба ёддошти завҷаи Ҳаким Карим – Бонухон Мақсудова такя мекунад. Д. Раҷабӣ кӯшиш ба харҷ додааст, ки бо таҳрири нақли воқеии ин зани шоҳиди бевоситаи рӯйдодҳои он давра ва ҳамзамон бо бакоргирии табъи равони нависандагӣ, қудрату салиқаи хоси асарофарӣ ва омезиши сабки матини адабиву публитсистӣ навиштаеро таҳти унвони “Баҳор, маро бубахш!” ба вуҷуд оварад. Таълифи мазкур аввалин маротиба дар ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» (27 марти соли 1986) ба табъ расид ва боиси ба вуҷуд омадани равияи тозае дар насри мустанад гардид. Нависанда бори дигар ин навиштаро таҳти унвони “Ҳаким Каримро кӣ кушт?” таҳриру такмил дод ва бо ҳамин, дар арсаи насри тоҷик асарҳое дорои чунин тамоюли таҳқиқи адабӣ ба вуҷуд омаданд.

Риштаи асосие, ки навиштаҳои адибро ба ҳам мепайвандад, аламу доду фиғону ғиреви нависандаи публитсист ба хотири аз байн рафтани рӯҳу ҷисми саршор аз муҳаббату садоқат ба ормонҳои волои эҷодии аҳли зиё ё азобу тазйиқу шиканҷаи чандсолаи онон аст, ки дигарбора имкони ҷуброни он фишорҳо дар баробари ҳузури шахсияти мунири эшон, дар баробари эҷоди осори пурмояву пурбортарин, ки дар тарбияи маънавии наслҳои гуногуни ҷомеа арзишманданд, вуҷуд надорад. Масалан, дар бораи Ҳаким Карим иттилои муҳим ин аст, ки «ин нависандаи мубориз чордаҳ моҳ ва ҳамсари ӯ Бонухон як солу понздаҳ рӯз дар ҳабс буданд. Нахустписари онҳо Абдуҳалими шашмоҳаро чанголи сипоҳиён аз пистони модар маҳрум сохт ва ин кӯдаки маъсум дар сағирхона бемор шуда, оқибат мурд. Бӯйи хуни ин кӯдаки ширхора аз дасти кӣ меояд? Кӣ чароғи умри ин адиби маҳбуби халқро хомӯш кард?» [7,220].

Д. Раҷабӣ аз он таассуф мехӯрад, ки «саҳифае чанд аз рӯзгори печидаи марди матинирода ва бурдбор» Раҳим Ҳошим «ба айёми авҷи фишор, «сияҳномӣ»-ҳои равшанзамирон дар курсии «душманони халқ», зӯри ба зӯр нишондани дӯстони асили халқ, алқисса ба давру даврони шахспарастиҳои сталинӣ» рост омада, аммо мунодиёну ҷорчиёни ҳаёти нави шӯравӣ то замони бозсозӣ аз зикри ин фарҷоми нобасомони рӯзгор хомӯш мегузаштанд. Ин ҳол боиси таърихбехабарӣ ва таърихношиносии аҳли замона мегардид ва барои худшиносии милливу иҷтимоии садаи бист халал меовард.

Нависанда дар эпиграфи «Шоми фироқ» ном қисса ба таври хеле муассир таъкид мекунад, ки «барои 14 моҳ азобу шиканҷа дидани Ҷалол Икромӣ ва аҳли оилаи ӯ кӣ гунаҳгор аст?» [8,8].

Чун дар охир, баъди он ки ба нақли муфассали тазйиқу фишорҳои солҳои 30-юми асри ХХ дар мисоли рӯзгори махуфи Ҷалол Икромӣ хотима медиҳад, боз ҳам ин хулосаи мантиқиро ба ранги андак дигаргун, вале тунду тезе ба хонанда мерасонад: «Барои ин қадар азобу шиканҷа диданҳои Ҷалол Икромӣ ва аҳли оилаи ӯ кӣ гунаҳгор аст? Замона! – мегӯед шумо. Бале, замона. Оё фақат замона? Ё ин ки…» [8,9].

Бешакку шубҳа баъди чунин суолгузории ба назар «таҷоҳули орифона» нависанда ба бардошти ҷиддитаре мерасад ва хонандаро ба андешаи амиқ дар роҳи дарёфти посухи аслӣ наздик мебарад: «Андаке андеша ронед, ин торикӣ ҳатман равшан мешавад» [8,9].

Дар қиссаи «Ҷон хоҳари сӯхта» нависанда симои уқубатзадаи Рашид ва Ғанӣ Абдуллоро аз паси панҷараҳои оҳанин ва хуношоми зулму разолати дастаҳои хунхори Ежовӣ нишон медиҳад, ки аввалӣ – шоир ва журналист аз ин вазъ ноилоҷ гуруснагӣ эълон кард ва оқибат ҳалок гардид. Дувумӣ – драманависи номӣ умри гаронмояро даҳ сол дар ҳабс кӯтоҳ кард. Аммо бояд фикр кард, ки ин даҳ сол танҳо даҳ соли тақвимӣ нест. Ин даҳ сол то дер гоҳ, чанд даҳсола таъсири бад гузошт, шояд

драматурги номиро то охири умр ба андешаи ногувор мебурд, ғусса мехӯрд, кам мешуд, аз паёмади талхи он солҳои каҷдорумарез айшаш талх мегашт. Шояд ҳамеша ва ба таври пинҳонӣ дар дуои худ талаб мекард, ки дигар касе аз инсонҳо ба ин мусибати кулфатбор рӯбарӯ нагардад.

Д. Раҷабӣ дар ҳамин маврид низ таърих ва замонро ба дод меоварад, байни доду бедодӣ тафовут мегузорад, аз доварони таърих, таърихсозону замонасозон пурсиданӣ мешавад: «Оё ҳамқаламон наметавонистанд, ки ба онҳо дасти мадад дароз кунанд? Метавонистанд, аммо… худро «сафед» карданӣ шуда, яке дигареро ба ҷар тела медод ва дар ин байн хоҳари онҳоро бо «ваъда» фиреб ҳам мекарданд…» [7,241].

Ҳамин тавр, яке аз сабабҳои асосӣ ва сабабгорони воқеии ба мусибати азим гирифтор шудани аҳли зиё аз дасти ҳамдигар буд. Д. Раҷабӣ ва адибону олимони дигаре, ки дар ин мавзӯъ қалам ронданд, ба хулосае омаданд, ки бештари зиёиён барои нестии ҷони якдигар «ҳисса» гузоштанд. Профессор А. Сайфуллоев дар мақолаи «Вақти шустани доғҳо» аз мақолаҳои иғвогаронаи С.Ғанӣ, Р.Тоҳирӣ ва хусусан, С. Улуғзода иқтибосҳои ҳаҷман калон оварда, мавқеъгирии аҳли қалам ва хусумати шахсии онҳоро дар маъракаи шахспарастии даҳаи севуми асри ХХ исбот карданӣ шудааст [11,116-152]. Воқеан, мумкин буд, ки ин ҳама мусибат аз дурӯиву носипосии замонасозон сар занад ва зиндагиро доғдор намояд. Адабиётшинос А. Абдуманнонов дар эзоҳе чанд ба нигоштаҳои Д. Раҷабӣ ба ин маънӣ чунин таъкид менамояд: «Ин кори ниҳоят заҳматталабест, ки аз муҳаққиқ пайдо кардан, муқоиса намудан, дар тарозуи таъриху адлу инсоф бар кашидани тамоми маводи дастрасро тақозо мекунад. Хусусан, вақте ки сухан аз солҳои 30, қурбониёну ҷабрдидагони он айёми зӯроварӣ меравад ва мо барои ошкор кардани гунаҳкороне мекӯшем, ки боиси ҷабр дидани касон гардидаанд, бояд ниҳояти адолати иҷтимоиву инсониро риоя кунем. Вагарна, чунин ҳам шуданаш мумкин аст, ки барои сафед кардани касе ба рӯй ё хотираи як ё якчанд нафари дигар сиёҳӣ занем» [1,444].

Бинобар ин, ба натиҷа мерасад муҳаққиқ, «бисёр хуб мебуд, агар мо дар мақолаҳои худ оид ба воқеаҳои солҳои 30 ва тақдири шахсиятҳо на ба ҳангомаписандӣ, гунаҳкорҷӯйӣ ва таъназанӣ (ҳарчанд аз ин низ ҷои гурез нест), балки ба ошкор кардани дастгоҳи зӯроварӣ, моҳияти фоҷеаи бузурги таърихӣ бештар диққат диҳем» [1,447].

С. Аъзамзод менависад, ки «набояд тамоми бадбахтии таълифи мақолаҳои зиддиҳамдигарии зараррасони ин солҳоро танҳо ба сари нависандагону зиёиён вогузор кард. Мақолоти ба назар иғвогаронаи зиёде дар саҳифаҳои матбуоти он солҳо бо имзоҳои мустаор дар мавриди бисёре аз нависандагон на ҳамеша бояд барои паст ва фурӯ нишонидани мавқеи муаллифони онҳо ба кор гирифта шаванд, ки гӯё хостаанд, ба пешорӯйи симоҳои пешрави адабӣ пардаи сиёҳе бикашанд» [2,160].

Нависанда Д. Раҷабӣ рӯзгори тира ва аз бахт тиҳии Рашид ва Ғанӣ Абдуллоро дар он солҳои махуф аз забони хоҳари ҷигарсӯхтаи онон, пиразани ҳаштоду дусола Музаффара Қосимова боэътимод ба риштаи тасвир мекашад, ки «сӯхтаю пухта ва оби чашм рехта ҳикоят мекард ва гоҳ-гоҳ нафас дар гулӯяш печида мемонд». Пиразан пас аз азобу уқубати чандинсола бо як ҷасорати хос мегӯяд: «Агар саломатӣ имкон медод, агар бемори барҷомонда намебудам, ба ягон маҷлиси пуродам иштирок карда, акси ҳамон шиорҳоро мепартофтам. Мани азияткашида ба ин ҳақ дорам!» [7,262].

Воқеан, ҷустани гунаҳкори асосӣ дар асарҳои дигари шоҳидони он солҳо, ки ба бозгӯйи ҳақиқати айём равона гардидааст, ба назар мерасад. Дар ин бора Ҷалол Икромӣ дар асари ёддоштии «Он чӣ аз сар гузашт» хеле бо алам ҳарф мезанад ва тамоми сабабу омилҳои бадбахтии соли 1937, иллати ба сари мардуми шӯравӣ, зиёиён ва аҳли қалам фурӯ рехтани тазйиқу фишорҳоро ба сари Сталин мегузорад ва Сталинро мардудтарин чеҳраи таърих мехонад [4,121-229].

Бояд илова кард, ки қиссаи бародарон Рашид ва Ғанӣ Абдулло дар очерки муфассали муҳаққиқон А. Абдуманнонов ва Ф. Шаҳидӣ таҳти унвони «Танҳоӣ» (Садои Шарқ, 1990, №4) низ бо далелу асноди зиёде ба риштаи тасвир кашида шудааст, ки бо назардошти имкон метавон онро бо қиссаи Д. Раҷабӣ мавриди қиёс қарор дода, ба натиҷаҳои муҳим расид. Ф. Шаҳидӣ ҳамчунин хотироти равоншод Ғанӣ Абдуллоро таҳти унвони «Марди туркман» дар рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» ба табъ расонидааст.

Ҷанги ватанӣ нав ба итмом расида, буҳрони модиву маънавӣ ҷомеаро фаро гирифта буд. Баъди ҷанг мардум, хусусан зиёиёни равшанзамир ба мушкилоти дигари рӯҳиву равонӣ гирифтор шуданд. Дар ҷомеаи шӯравӣ боз одате пайдо шуд, ки таваҷҷуҳ ба таъриху фарҳанги пешин, алоқа бо гузаштаи шарафманди таърихиро айбу иллат ва ҷурм ба шумор меоварданд.

Т.Зеҳнӣ низ ҳамчун фидоии фарҳанги миллӣ, шахси таърихбохабар, маърифатпарвари асил, тарғибгари беминнати дурдонаҳои бебаҳои адабиёти гузашта, донандаи илму тамаддуни куҳанбунёди форсӣ-тоҷикӣ мавриди тазйиқу фишор қарор гирифт. Ин ҳол то марги И. Сталин дар соли 1953 ва сарвари давлати шӯравӣ интихоб шудани Н. Хрущёв идома ёфт. Дар ҷомеа андак фазои рӯшодгӯйӣ ва нармӣ ба вуҷуд омад. Т. Зеҳнӣ ва онҳое, ки бо ӯ ҳамтақдир буданд, андаке ба фазои озод баромаданд, нафаси озод кашиданд, дар ҷодаи хидмат ба илму фарҳанг ва тамаддуни миллӣ азму суботи беандоза зоҳир карданд. Баъди анҷумани бистуми ҳизби коммунисти шӯравӣ номи ҳазорон «душманони халқ» сафед гардид ва дар роҳи шинохти ҳақиқати солҳои 30-юм қадами қавитар гузошта шуд, аммо, бо вуҷуди ин, фазои воқеӣ барои шинохти ҳақиқат ва ҷойгоҳи шахсиятҳои ин даврa дар нимаи дувуми солҳои 80-уми садаи бист фароҳам омад.

Бесабаб нест, ки адабиётшинос С. Табаров аз кӯшишу ташаббуси нависанда Д.Раҷабӣ дар роҳи ба вуҷуд овардани «очеркҳои фоҷеавӣ» дар бораи фарзандони бомаърифати халқи тоҷик, ки қурбони бедодиву беадолатиҳо шуданд, зиёда хушнудӣ зоҳир карда, муаллифро аҳсант мехонад ва пешниҳод менамояд, ки ҳаргиз домани ин мавзӯъ раҳо накунад, пайваста аз пайи ҷустуҷӯ бошад [12].

Силсиламақолаҳои нависанда барои ошкор ва равшан кардани саҳифаҳои ноаёни зиндагии халқ ва таърихи адабиёт аз лиҳози адабӣ муфид буданд.

Навиштаҳои Д. Раҷабӣ дар бораи фарзандони зиёии тоҷик бо номи «Осмони хамида» дар як маҷмӯа фароҳам оварда шудааст (9), ки хонанда метавонад тавассути он бо дунёи рангини нависанда дар офаридани насри мустанад ошно бишавад. Ҳамзамон, хонанда бо ин навиштаҳо аз ҷилди дувуми асарҳои нависанда таҳти унвони «Дар миёни чор дарё» (Хуҷанд, 2007) ошноӣ пайдо менамояд [10,185-365].

Осори адабии Д. Раҷабӣ дар заминаи ин мавзӯъ диққату таваҷҷуҳи муҳаққиқонро низ борҳо ба худ кашидааст. Профессорон У. Ғаффоров, Т. Бердиева, бахусус адабиётшиносону мунаққидон А. Абдуманнонов, А. Набавӣ, М. Мирзоюнус, С. Аъзамзод ба ин асар баҳои муҳим ва арзанда дода, роҷеъ ба саҳми шоистаи муаллиф изҳори андеша карданд: «Ҷустуҷӯ ва таълифоти Додоҷони Раҷабӣ дар ин самт сазовори диққат ва таваҷҷуҳи хоса аст, ки ҳамеша дар бозхонии таърихи дигарбораи ин даврон нақши хеле муҳим хоҳад дошт. Бо навиштаҳои ӯ ин бахши таърихии миллат дар сафаҳоти матбуот ҳайсият ёфт ва бо ин ҳол шохаи дигаре дар мутолиоти таърихиву иҷтимоии ин даврон падид омад, ки як навъ тарҳи ҷолибе дар шинохти комили масоили муҳимми иҷтимоиву адабии даврон дар шароити имрӯзаи таърихӣ аст…» [2,161].

Ҳамин тавр, осори публитсистии Додоҷони Раҷабӣ дар мавриди саҳифаҳои доғи таърихи тоҷикон дар замони шӯравӣ намунаҳои муҳимми насри мустанади тоҷикии охири қарни ХХ ба шумор меравад ва дар онҳо саҳифаи нангини ҳаёти халқ дар заминаи маводи фаровон ба исбот расидааст. Забону сабки ифода ва баён дар ин осор хеле рангин буда, хонанда бе душворӣ ва ба таври равон аз рӯҳияи граждании нависанда ва масъулияти ӯ дар роҳи дарки таърих огоҳ мешавад.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдуманнонов А. Бигӯ равшану пок ҳамчун луҷайн (Эзоҳе чанд ба мақолаи Д. Раҷабӣ); дар кит.: Дар миёни чор дарё. Асарҳо. Китоби 2./ Абдуманнонов А. –Хуҷанд: Ношир, 2007.
2. Аъзамзод С. Адабиёт ва маърифати нақд; маҷмӯаи мақолаҳо/ С.Аъзамзод.– Хуҷанд: Анис, 2012.
3. Ғаффоров У. Адиби ҳақиқатҷӯ; дар кит.: Дар миёни чор дарё. Асарҳо (Китоби 2.) / У.Ғаффоров. – Хуҷанд: Ношир, 2007.
4. Икромӣ Ҷ. Он чӣ аз сар гузашт/ Ҷ.Икромӣ.–Душанбе: Шарқи озод, 2009.
5. Мирзоюнус М. Оид ба консепсияи нави таҳқиқи таърихи адабиёт ва нақди адабии тоҷикии садаи бист/ М.Мирзоюнус, С.Аъзамзод // Садои Шарқ.–2012.–№2.
6. Раҷабӣ Д. //Адабиёт ва санъат,1990,13 сентябр.
7. Раҷабӣ Д. Дар миёни чор дарё. (Асарҳо. Китоби 2) Д.Раҷабӣ.–Хуҷанд: Ношир, 2007.
8. Раҷабӣ Д. Шоми фирок/ Д.Раҷабӣ. – Адабиёт ва санъат. –1989.-23 феврал.
9. Раҷабӣ Д. Осмони хамида/ Д.Раҷабӣ.–Хуҷанд: Р. Ҷалил, 1998.

10. Раҷабӣ Д. Осмони хамида – қиссаҳои талхи ҳуҷҷатӣ аз ҳаёти адибоне, ки соли сию ҳафтум бе ягон гуноҳ доғдор гаштанд; дар кит.: Дар миёни чор дарё (Асарҳо. Китоби 2) / Д.Раҷабӣ.– Хуҷанд: Ношир, 2007.
11. Сайфуллоев А. Вақти шустани доғҳо; Фурӯғи маънавият/ А.Сайфуллоев–Хуҷанд, 2003.
12. Табаров С. Мактуби кушода/ С.Табаров // Адабиёт ва санъат. –1989,12 октябр.

НОВЫЙ ПЕРИОД РАЗВИТИЯ ДОКУМЕНТАЛЬНОЙ ПРОЗЫ В ТАДЖИКСКОЙ ЛИТЕРАТУРЕ

Статья посвящена проблеме возникновения документальной прозы в современной таджикской литературе. Предпринята попытка определить особенности документальной прозы в современной таджикской прозе, осуществить её периодизацию. Автор на основе анализа богатого фактического материала, в том числе мемуарных произведений современных писателей, раскрывает особенности отражения жизни интеллигенции 30-х годов XX века в документальной прозе. Отмечается, что перестройка и гласность второй половины 80-х годов прошлого столетия стали началом нового периода развития таджикской документальной прозы.

Ключевые слова: современная таджикская проза, документальная проза, периодизация документальной прозы, отражение культа личности в литературе.

THE NEW PERIOD OF DOCUMENTARY PROSE DEVELOPMENT IN TAJIK LITERATURE

The article dwells on the problem of documentary prose and its rise in modern Tajik literature. The author makes an endeavour to determine the peculiarities of documentary prose in modern Tajik literature, to carry out its periodization. Proceeding from the rich factual material, memoir works of modern Tajik writers inclusive, the author of the article discloses the peculiarities of life reflection related to the intellectuals of the 30-ies of the century past in documentary prose. In is emphasized that perestroika and publicity of the XX-ieth century betokened the inception of the new period of Tajik documentary prose development.

Key words: modern Tajik prose, documentary prose, periodization of documentary prose, reflection of a cult of personality in literature.

Сведения об авторе: ***Малика Муродова*** – соискатель ХГУ им.Б.Гафурова

ДРЕВНИЕ КУЛЬТУРНЫЕ И РЕЛИГИОЗНЫЕ ТРАДИЦИИ ПЕРСОЯЗЫЧНЫХ НАРОДОВ В «ИСТОРИИ ТАБАРИ»

Ф. Б. Бобоев
Институт языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им А.Рудаки АН РТ

В каждом из регионов Средиземноморья развитие религиозных представлений шло, хотя и на единой общей основе, но своим путем. При этом важную роль играла общность исторических судеб, географическая близость народов и проявление общих закономерностей. Религиозные учения и литературные традиции в период средних веков претерпели глубокую трансформацию. Существенным и активным компонентом культурной жизни стали религии и литературы молодых, «варварских» народностей, выходящих на мировую арену в эпоху Средневековья. Парадоксальная ситуация происходила в ближневосточном регионе. Религия и литература иранских народов, которая обладала тысячелетними традициями, не стала тут ведущей. В результате исламских завоеваний молодая арабская литература оказывала решающее воздействие на литературу покоренных народов. В культурном отношении в момент завоевания арабы стояли ниже иранцев, но, органически переработав, очень быстро восприняли их традиции. «Иранцы заимствовали у арабов не только религию, письменность и новую историческую науку, но и многие литературные формы и даже метрику» [3, 271].

Возникновение ислама дало важнейшие стимулы литературному развитию народов Ближнего Востока на арабском языке. С приходом ислама, который, впрочем, сам не смог бы возникнуть без этих стимулов, ближневосточный мир начинает строить свою культуру на иной основе. Но на протяжении всего Средневековья чтимое наследие предыдущих религий остается мерой всех вещей, универсальным образцом собственного творчества.

Совокупность данных античных авторов, особенно Геродота и Ктесия и первоисточников иранской письменности свидетельствуют о том, что представление о поляризации всего мира и реальное столкновение противоположных сил в природе и в обществе, пронизывают многие памятники научно-религиозного характера о верованиях древних иранцев. В архаических представлениях иранских народностей господствовало восприятие слитности людей и природы, культ природы, сознание нерасчлененности человека и животного мира, а отсюда –поклонение тотемическим предкам и почитание домашних животных (собаки, коровы, коня, петуха). «Позднее древнейшие представления

об извечной борьбе стихий света и тьмы развились в красочные космогонические мифы. На них лежит печать очеловечивания природы: мир оказывается порожденным и созданным матерью-Землей и отцом-Небом» [3, 266]. В период господства Ахеменидов иранская культура впитала в себя так много из наследия Ассирии и Вавилона, что ее можно признать их прямой преемницей. Наконец, весьма интенсивными были и связи Древнего Ирана с древнеиудейской культурой.

Народам арабских племен, как правило, был чужд дух строгого исторического исследования. Арабские хроники содержат скорее информацию о деяниях какого-нибудь племени, чем подлинную историю страны и народа. Между тем именно в исламскую эпоху, благодаря древнеиранским памятникам и под явным влиянием популярных и авторитетных греческих историй, возникают многочисленные исторические сочинения. К числу наиболее значительных трудов по истории относятся «Та'рих ар-русул ва-л-мулук» («История пророков и царей»).

Историческая хроника «Таърих ар-русул ва-л-мулук» Мухаммад ибн Джарира ат-Табари (иранца, писавшего по-арабски) в этом плане богата и многогранна сюжетами. Данный памятник по содержанию и художественному приему – это комплекс огромного числа мифологических преданий и исторических легенд, изложенных по хронологической универсальности и внутренней цельности согласно предписаниям стихов священного Корана, как наиболее адекватное выражение новой веры. Кроме того его, несомненно, можно рассматривать в качестве произведения, в котором сфокусировались духовные традиции не только иранских, но и семитских народов, а также античной Европы.

Тенденция к межлитературному обмену, взаимообогащению, а иногда и подлинному синтезу литератур во всемирной литературе является продуктом совместной деятельности всего человечества. Непосредственная преемственность между литературами народов присредиземноморской культурной и литературной зоны в известном смысле можно рассматривать как сменяющие друг друга этапы одной литературной традиции. Тесные связи между литературами народов этого региона как бы заново подчеркнуты по мере распространения ислама и мусульманской культуры, когда были синтезированы многие культурные достижения стран этой зоны. Иранская литература, отчасти примкнув к культурной традиции Ближнего Востока, стала как бы промежуточным звеном между средиземноморскими и арабскими культурными зонами. Также остается бесспорным, что исторические предания и мифологические легенды иранских народов рассматривались как неотъемлемая часть при написании фундаментальных трудов, осуществленных в обширнейшей территории под географическим понятием «ойкумены» (rub’-i maskun) [4, 97].

Данная статья- это попытка анализа информации, повествующей о ранних верованиях и обычаях древних иранцев. Следует отметить, что в данной хронике зафиксированы предания многих народов Халифата по каждой конкретной исторической теме.

Так, впервые в разделах о происхождении мира имам Табари приводит следующее сообщение: «Что касается *маджусинов,* то они утверждают, что протяженность мирового пространства со времен правления *Джаюмарт* (Гайа-Мартан) до переселения нашего пророка, да благословит его Аллах и да приветствует, – 3139 лет. Вместе с тем они не упоминают о существовании другого поколения до *Джаюмарт* и утверждают, что он *(Джаюмарт)* – Абу-л-башар (прародитель рода человеческого). А другая группа историков придерживают иного мнения: «*Джаюмарт – Абу-л-Фурс* (прародитель персов)» [9, 19]. Слово *«маджус»* (огнепоклонник) в Коране встречается всего один раз в суре Хадж (22,17): «Воистину, в день Воскресения рассудит Аллах уверовавших с иудеями, сабеями, христианами, огнепоклонниками и многобожниками. Поистине, ведомо Ему все сущее» [5, 527].

Культ магов очень древен, они считали огонь самым чистым и благородным элементом жизни и видели в нем проявление божественной сущности на земле. В европейской литературе этот термин встречается в виде «Magos, Magus, Maguch, Magu и Moghu» [6, 479] и является арабизированным вариантом слова «mugh». В «Авесте» и «Бехистунской надписи оно встречается в виде «maghu», а в пехлевийской литературе «mugh» – синоним слова последователь Маздиясны и Заратуштры. Их религия была реформирована Заратуштрой, а их писанием была Зенд-Авеста, Библия Парсиа. Населяли

они долины Месопотамии и горные плата Персии и Медиации. В персидской версии хроники Табари слово «маджус» (majus) также переводится как «мугон» (mughon).

По мнению М. Бойса мидяне, осевшие на северо-западе Иранского нагорья, делились на шесть племен, одно из которых составляли *маги,* единственное число *магус* – древнеиранского *магу.* По-видимому, это племя было жреческим, из него происходили священнослужители не только у мидян, но и у персов [1, 61]. По всей видимости, Табари зная об этих реалиях, предваряет религиозно-мифологическую и научно-историческую информацию иранских народов такими словами: «А маджусины утверждают, что..,», «приверженцы религии маджусов говорят...» [9] и т.д.

В другом сказании о гибели людей и конце мира автор отмечает: «В это верят все приверженцы единобожия – последователи ислама, Торы, Библии и маджусины. Поистине, его отрицают язычники: они верят в гибель, но отрицают загробную жизнь» [9, 24]. Этим цитированием Табари подтверждает, что религия маджусинов является одной из древнейших монотеистических религий мира, оказавших огромное влияние на духовное развитие человечества.

Касаясь проблемы сотворения мира и человека – Адама, «заместителя» Аллаха на земле, его изгнания из рая и потомства рода человеческого, Табари вновь и вновь возвращается к полумифологическому герою зороастризма *Джаюмарта:* «Поистине, многие ученые-персы утверждают, что *Джаюмарт* это Адам, а другие – сыновья Адама от его брака с Хаввой» [9, 92].

«Что касается маджусинов, то они ничего не знают о потопе и говорят: «Царство непрерывно идет к нам со времен *Джаюмарта* и добавляют: *«Джаюмарт* – это Адам, потомство которого переходит от одного поколения к другому до правления Фируза ибн Шахрияра; некоторые из них признают факт совершения потопа и утверждают, что был он где-то вблизи Вавилона, а потоп не дошел до тех мест, где родился *Джаюмарт*» [9, 119].

Здесь прослеживается мысль о том, что вопрос бережного отношения к традициям и непрерывности потомства предков была одним из основных аргументов в идеологии приверженцев религии маджусов, и что они не намерены отказываться от своих прежних богов и культурных героев.

Согласно преданиям персов после *Джаюмарт* от брака Маши и Мишон родились Сиямак и Сиемай, от брака Сиямака и Сиемай родились их сыновья – Афравок, Дис, Барocп, Аджваб и Аврош и дочери – Афрай, Дазай, Бари и Аврошай. Земля состоит из семи регионов. Вавилон с его окрестностями населена потомками Афровак ибн Сиямака, а в остальных шести регионах проживают другие сыновья Сиямака. Затем от брака Афровака и Афрайи родился Хушанг, от которого берет начало царство Пишдадов. Царство Хушанга (по другой версии Ушханга) распространилось на все семь регионов земли. «И он был первым, кто установил порядок, правила и справедливость. Поэтому ему присвоили звание «Пишдад»: «pesh» – первый и «dad» – справедливость» [9, 125].

В дальнейшем вся информация об иранских царях и их верованиях приводится от имени *«ал-Фурс»* (персы) или *«уламау-л-Фурс»* (ученые-персы). Преемнику Хушанга Тахмурасу принадлежит заслуга в приобретении одежды и одомашнивании животных. Он также был первым, кто писал на фарси и призвал народ к религии «сабеи». В день вступления на престол он сказал: «Мы с божьей помощью покончим с дурными поступками злых духов, совершаемыми по отношению творению Всевышнего» [9, 107].

Непосредственно после описания деяний Тахмураса автор приводит следующее высказывание: «Что касается ученых-персов, то они говорят: «После Тахмураса правил *Джам Шед; Шед* у них означает «луч», его так называли за лучезарную красоту» [9, 109]. Сведения Табари в этом плане соответствуют качествам авестийского первоцаря *Йима* [2, 64]. Власть человеческого рода вырастает над девами. «Затем по приказу Джама построили стеклянное колесо, и он вместе с Сатаной в один день полетел из Дунбованд до Вавилона. Это чудо происходило в день *«hurmuz az farvardinmah».* День, в котором происходило это чудо, люди называли *Навруз»* [9, 111]. Но Джам возгордился и служение людей добру захотел заменить собственным. Расплата наступила немедленно: Бевapасп, убив его путем расчленения на две части установил свою власть.

Согласно повествованиям Табари время правления Бевapаспа совпало «с историей Нуха и всемирного потопа» [7, 46]. В «Истории пророков и царей» глава «Бевapасп и он

Аздахак» охватывает все сведения маджусинов и персов о Бевараспе, Заххаке, Фаридуне и Кава-кузнеце. Подлинный отпор царю-дракону Заххаку наносит благочестивый Фаридун, и от него же берет начало династия царей Кавайидов. Характерная черта этой информации заключается в поиске загадки творения, перволюдей и первоцарей, идеи справедливого царя, человеколюбия, похвалы разума и порицания приверженцев зла и лжи. Следует отметить, что здесь также прослеживается некоторое совпадение отдельных положений данного раздела с сюжетами «Шахнаме» Фирдоуси.

Впервые в сообщениях о Лухраспе и Биштаспе автор употребляет географическое понятие *Ираншахр.* Там же и находим сведения об основателе зороастризма. *«Зародушт* появился во время правления Биштаспа. Маджусины утверждают, что он их пророк. По мнению некоторых ученых священного Писания *Зародушт* был жителем Палестины и служил у пророка Ирмия (Ездра)... Потом он покинул его и отправился в Азербайджан и призвал их жителей в новую веру маджусинов; после этого покинул Азербайджан по направлению Биштаспа, а он был в Балхе. *Зародушт* раскрыл ему суть своего учения и смог добиться его благосклонности. Для обращения в новую веру Биштасп воевал против собственного народа и одержал победу» [9, 317]. Так учение *Зародушта* было принято в стране Биштаспа.

Далее в этой хронике встречается ранний вариант центральной идеи зороастризма, а именно: «Мы направляем свои мышления, деяния и знания для постижения Добра» [9, 328]. Он же в Персии и Индии построил помещения для огня (*ma'abidu nar (atashkada*), и назначил жрецов *(herbad*). В тридцатом году его правления после назначения своих наместников в семи регионах появился *Зародушт ибн Асфиман.* Первоначально Биштасп не поверил высказываниям *Зародушта,* но потом, убедившись в его правоте и откровении, переписал его Книгу в коже 12 тысяч коров и приказал хранить ее в поселении *Дузнабишт* недалеко от Истахра» [9, 329]. Здесь также размещено интересное сообщение: «Однажды в город Балх пришел некий израильский пророк по имени Сумай, и у него состоялась встреча с основателем религии магов *Зародуштом.* Он говорил на языке иврит, а *Зародушт,* понимая его, переписывал его суть на фарси» [9, 330].

Таким образом, заслуга имама Табари заключается в том, что он смог сохранить в контексте своей знаменитой хроники ценную информацию о культуре, истории, религии и обычаях древних народов *Ираншахра.* Бесспорно, эти сведения в дальнейшем послужили стимулирующим фактором в возрождении культурных ценностей иранских народов, особенно в эпоху правления династии Саманидов.

Религия Заратуштры и близкие ему иранские учения, в которых развивались идеи всемирного Добра и Зла и роль человека в развитии мирового процесса, занимают важное место в истории религиозно-философских систем Древнего мира. Эти идеи оказали «бесспорное влияние на иудаизм и его секты, христианство и манихейство» [10, 127]. После завоевания Сасанидской державы арабами в Иране и примыкающих странах зороастризм постепенно уступил место исламу на обширных пространствах Старого Света, пришедшему на смену политеистическим и языческим религиям и учениям древней эпохи. Широкое распространение ислама «происходило лишь в результате завершения процессов изживания древних религий и многочисленных местных культов» [8, 55]. В самом осуществлении этих процессов на Среднем и Ближнем Востоке особая заслуга принадлежит зороастризму и связанным с ним различным верованиям. Вместе с тем зороастризм и манихейство наряду с христианством и иудаизмом оказали концептуальное воздействие на сложение ислама и мусульманской культуры.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Бойс М. Зороастрийцы. Верования и обычаи/ М.Бойс. – М.,1987.
2. Васильев Л.С. История религии Востока/ Л.С. Васильев– М., 1988.
3. История всемирной литературы / Под ред. И.С. Брагинского и др. – М., 1986. – Т. 1.
4. История религий / Перевод с немецкого под ред. В.Н. Линда. – М., 1899.
5. Коран / Перевод с арабского и комментарий М.-Н.О. Османова. – М.-С.Пб, «Диля». – 2008.
6. Толковый словарь Диххудо, том 43 (Lugatnama-e Dihkhuda, shumara-e 43). – Тегеран, 1352 (на перс. яз.).
7. Пиотровский М.Б. Коранические сказания/ М.Б.Пиотровский. – М., 1991.
8. Сиддики Г. Иранские религиозные праздники (Siddiqi G. Jashnha-e dini-e irani)/ Г.Сиддики– Тегеран, 1372 (на перс. яз.).
9. Табари Абуджафар Мухаммед ибн Джарир. История Табари: история пророков и царей в 5-ти томах/ Табари Абуджафар Мухаммед ибн Джарир. – Бейрут, 1988. – Т. 1. ((на араб. яз.).

10. История ислама. Исследование Кембриджского университета / Перевод Ахмада Орома. – Тегеран, 1378 (на перс. яз.).

ДРЕВНИЕ КУЛЬТУРНЫЕ И РЕЛИГИОЗНЫЕ ТРАДИЦИИ ПЕРСО-ЯЗЫЧНЫХ НАРОДОВ В «ИСТОРИИ ТАБАРИ"

В данной статье представлены основные этапы эволюции культуры и вероисповедания персо-язычных народов на основе сведений энциклопедического труда Мухаммада ибн Джарира ат-Табари «Истории пророков и царей». Существуют некоторые отличия информаций в содержании арабских и персо-язычных источников о возникновении первой монотеистической религии – зороастризме. Автор утверждает или отрицает сходство и несоответствие фактов, сопоставляя их с другими зороастрийскими источниками, а также показывает степень влияния культуры и религии персо-язычных народов на формирование ислама.

Ключевые слова: «История Табари», первые иранские династии, легенда о зороастризме, Джаюмарт и Джам, перепись Книги.

ANCIENT CULTURAL AND RELIGIOUS TRADITIONS OF PERSIAN-SPEAKING PEOPLES IN THE "HISTORY OF TABARI"

This article presents the main stages of the culture and religion evolution of Persian-speaking peoples on the basis of information in Muhammad ibn Jarir al-Tabari encyclopedic chronicle "The History of Prophets and Kings". There are some differences in the content of Arabic and Persian-language sources on the occurrence of the first monotheistic religions – Zoroastrianism. Author approves or denies the facts resemblance and misstatements, comparing them with other Zoroastrian sources, and also shows the influence degree of Persian-speaking culture and religion on the Islam formation.

Key words: "The History of Tabari", first Iranian dynasties, the legend of Zoroastrianism, Jayumart and Jam, census of Book.

Сведения об авторе: ***Файзулло Бобоев*** – кандидат филологических наук, старший научный сотрудник Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им. А. Рудаки АН РТ
. Телефон**: (+992) 907842090.** E-mail.arab62@mail.

НИГОҲЕ БА ДОСТОНИ «СИЁВУШ» ВА ҚИССАИ «ЮСУФИ НАБӢ»

Муҳаммадризо Мирӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Адабиёти муқоисавӣ аз истилоҳотест, ки дар адабиёт мадди назари муҳаққиқон ва пажӯҳишгарон қарор дорад ва тибқи он муҳаққиқ ду асарро аз назари тафовутҳо ва шабоҳатҳо ё ду шахсияти ҳамсонро мавриди муқоиса қарор медиҳад. Яке аз ин мазомин дар ин робита асотир ва қиссаҳои роиҷ дар миёни миллатҳост, ки ё қиссаҳои миллӣ ҳастанд, ё мазҳабӣ. Муҳаммадризо Пошоӣ дар донишномаи мавзӯии қуръонӣ навиштааст, ки Юсуф он қадар зебост, ки ба мавҷуде фаротар аз инсон ташбеҳ шудааст [8, 290]. Дар бораи зебоии Сиёвуш ҳам чунин омадааст:

Ҷаҳон гашт аз он хуб пургуфтугӯй,
К-аз он гуна нашнид кас мӯю рӯй [7, ҷ.3, 207].

Достони «Сиёвуш ва Судоба» дар Юнон ба номи Ҳипулит (Hyppolite)–нописарӣ ва Федре (Phedre) -номодарӣ маъруф аст, ки шояд бештари мо онро ба номи Удипуси шаҳриёр бишиносем. Ҳипулит ба ҳавасҳои номодарии худ беэътино буд. Федре, ки аз фош шудани ин роз метарсид, либоси худро пора кард, дари утоқи худро шикаст ва иддао кард, ки Ҳипулит қасди таҷовуз ба вайро дошта ва Таза (подшоҳи Отин) аз Пузуйидан тақозо кард, ки Ҳипулитро нобуд кунад, аммо ӯ дар ҳодисае ҷон доду Федре низ пас аз ин ҷараён худро кушт [2, 69].

Доктор Исломӣ Надушан мегӯяд: «Сиёвуш азизтарин паҳлавони «Шоҳнома» аст, ки бо доштани хуни турк ба ҷониби некӣ мегарояд» [3, 173] .Устод дуктур Ғуломҳусайни Юсуфӣ бошад, бар ин назар аст, ки: «агар ҳамосаи миллии Эрон танҳо Сиёвушро дар худ парварда буд, боз ҳам гаронқадр буду дархури таҳсин. Ёди Сиёвушу Эраҷ таъзими тақвову фазилат асту зишт шумурдан дурӯғу хиёнат» [69].

Бисёре аз достонҳои «Шоҳнома» мушобеҳи чинӣ доранд, монанди достони «Рустаму Суҳроб», ки шабеҳ ба достони «Ҷангӣ Чинак ва писараш Нуҷо» мебошад. Миёни фарҳанги динӣ ва миллии мо низ қаробат ё ҳамрешагӣ вуҷуд дорад, ки ҳокӣ аз пайванди деринаи онҳост. Монанди достони «Юсуф ва Сиёвуш».

Достони «Юсуфу Зулайхо» дар манобеи мазҳабӣ ва қиссаи Сиёвушу Судобаи асотири миллии мо эрониён тавовутҳову шабоҳатҳое бо ҳам доранд, ки мо дар мақолаи ҳозир онро таҳлил хоҳем кард.

Достони Юсуф дар «Қуръон» ва «Таврот». Достони «Юсуф» дар «Қуръон» ва «Таврот» зикр шудааст. Бар асоси сафари пайдоиш дар «Таврот» Юсуф ёздаҳумин писари Яъқуб ва нахустин писари ӯ аз Роҳила буд. Ӯ шароратҳои бародаронашро ба падараш мегуфт, ки боиси нафрати бародаронаш шуд, бародаронаш барояш ҳасудӣ карданд ва ӯро дар чоҳ андохта, ба мисриён фурӯхтанд. Путифор вазири Фиръавн ӯро харид. Зани Путифор аз ӯ хост, то бо вай ҳамбистар шавад, аммо Юсуф аз ӯ фирор кард. Зани Путифор ӯро муттаҳам ба хиёнат кард. Путифор тасмим ба қатли Юсуф гирифт. Бо миёнҷигарии зани Путифор Юсуф аз марг раҳоӣ ёфту ба зиндон афтод ва пас аз раҳоӣ аз зиндон ба мақоми вазорат расид.

Қиссаи «Юсуф» дар «Қуръон» бо ривоёти «Таврот» тафовутҳое дорад: Дар Таврот далели маҳбубияти Юсуф назди падар ҷосусӣ барои падар зикр шудааст. Юсуф шароратҳои бародаронашро ба падар мерасонид.

Аммо дар «Қуръон» далели маҳбубияти вай ояндаи вай унвон шуда, ки паёмбар хоҳад шуд. Дар «Қуръон» достони «Зулайхо» ба ҷое хатм мешавад, ки чун афсуни занонро шунид, онҳоро даъват карду аз Юсуф хост, то худро ҷилва намояд. Бузургтарин ихтилоф миёни ин ду ривояти марбут ба достони ишқу дилдодагии зани азизи Миср ба Юсуф аст. Дар «Таврот» Азиз бо бовар кардани ҳамсараш, ки мехост туҳмат ба Юсуф афканад, Юсуфро бе бозхост ба зиндон афканд, аммо дар «Қуръон» чунин нест. Чун Азиз дар ҳақиқат, яъне буҳтон гуфтан дар ҳаққи бегуноҳе пай бурд, бовар кард, ки Юсуф бегуноҳ ва Зулайхо дурӯғгуст. «Қуръон» сароҳат дорад, ки ҳамсари Азиз дар хамон маҷлис ба бегуноҳии Юсуф савганд мехӯрад.

Дар банди чиҳилу ду сабаби пайдоиши баъзе чизҳо ба Юсуф нисбат дода шуда, ки бо мақоми нубувваташ мунофот дорад, ё дар Қуръон матолиби муҳимме зикр шудааст, ки дар Таврот нест. Ба таври мисол, «мавъиза»-и дилпазири ҳазрати Юсуф дар бораи тавҳид, ки ҳангоми таъбири хоб эрод карда буд, дорои чунон нукотест, ки камолот ва фаросати Юсуф дар он таҷаллӣ ёфтааст, дар сурате ки дар «Таврот» аслан мавҷуд нест» [8]. Дар мақолаи ҳозир ҳадафи мо муқоисаи ин ду достон дар «Қуръон»-у «Таврот» нест, балки муқоисаи достони Юсуф ба таври кул, чӣ дар «Таврот», чӣ дар «Қуръон» бо достони Сиёвуш дар шоҳкории «Шоҳнома» аст, то ваҷҳи тафовутҳо ва шабоҳатҳои ин ду достонро баррасӣ кунем. Ҳарчанд манбаи «Қуръон» достони Юсуфро комилтар зикр кардааст, ба таҳқиқи удабои номдоре, ҳамчун равоншод устод Бадеуззамон Фурӯзонфар Фирдавсӣ услуби кори хешро аз «Қуръон» гирифтааст.

Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ аз «Қуръон» илҳом гирифта ва моҷарои Сиёвушро ҳадди аққал бо нигоҳ ва бардошти ду қисса аз қисаи «Қуръон»-у талфиқи он бо моҷарои Ошуро ва Абӯабдуллоҳ Ҳусайн нигошта ва Сиёвушро халқ кардааст.

Шабоҳатҳо. Яке аз шабоҳатҳои ин достонҳо дар трогедӣ (фоҷеавӣ) будани онҳост. Ҳарду достон саршор аз ғаму андӯҳ ва ҳузни фаровон аст. Дар достони Юсуф ин трогедия будани достон дар оғоз аст. Он ҷо ки Юсуф бо дасисаи бародарон аз падар ҷудо мешавад, вале дар достони Сиёвуш ғаму андӯҳро дар поёни достон шоҳидем. Пешгӯйии оқибати қаҳрамонон дар оғоз аст, ки дар трогедияи ин масъала вуҷуд дорад.

Афросиёб дар хоб мебинад, ки аз пайванди Сиёвуш бо яке аз аъзои хонаводаи ӯ чӣ касе падид хоҳад омад ва чӣ бар сари Турон хоҳад омад. Дар худоҳофизии Ковусшоҳ бо Сиёвуш ҳарду медонанд, ки аз ин пас якдигарро намебинанд. Ҳамин тавр, дар достони Юсуф, ки ба мақому мартабаи воло расиданро дар хоб мебинад, Яъқуб вақте иҷозат медиҳад, ки бародаронаш ӯро ба саҳро бибаранд ва ҳамин тавр супориш мекунад, ки мабодо гург ӯро бихӯрад. Гӯйӣ, медонад, ки дигар ӯро нахоҳад дид. Қазову қадар ва сарнавишт дар ҳарду достон ба як шакл пеш меравад ва сарнавишт қаҳрамонони достонро хоҳ-нохоҳ ба сӯйи «буданиву шуданӣ», яъне он чӣ бояд бишавад, савқ медиҳад.

Дуюм шабоҳат Забони рамзӣ ва намодин аст. Ҳарду достон забони рамз ва намодин доранд ва шахсиятҳои онҳо ҳар кадом намоди хосе ҳастанд, ки дар вуҷуди онҳо он мафоҳим намоиш дода мешавад. Чунон ки дар «Қуръон» низ ба ин нукта таъкид шуда, қиссаҳое, ки дар «Қуръон» омада ё мисолҳое, ки оварда шуда, барои пандгирии соҳибони хирад аст, ки дар пушти ниқоби зоҳири ин тамсилҳову достонҳо масоили муҳимеро дарёбанд.

«Достонҳои «Шоҳнома» бавижа бахши асотирии он ба иллати аъмолу афъоли хориқулоддаи қаҳрамонону шахсиятҳои асотирӣ ва низ вақоеи аҷиб ва ғайривоқеии

он гоҳ-гоҳе тафсир шудааст. Сухане, ки Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» мегӯяд ва ба ғайривоқеӣ будани баъзе қисматҳо ишора мекунад, худ муайиди ин нукта аст, ки баъзе қисматҳоро аз тариқи тафсир метавон хирадписанд сохт» [3-184]. Нуктаи дигар ин ки ин шахсиятҳо, ки дар ду достон ҳузур доранд, хусусиёти муштаракеро низ доро мебошанд. Намуди ишқ низ яке аз шабоҳатҳои достонҳои мазкур аст. Дар ҳарду достон шоҳиди ишқи яктарафаи як зан ба дилдори мардаш ҳастем ва ишқи ҳарду аввалан, отифӣ-ҷинсӣ аст ва сониян, ҳарду зан даргири ишқи мамнӯъ мешаванд. Судоба ошиқи нописариаш ва Зулайхо гирифтори ишқи хидматкори ҳамсараш мешавад. Судобаву Зулайхо фақат муҳраҳое ҳастанд барои нишон додани тақаддуси қаҳрамонони достонҳо.

Зебоии қаҳрамонон низ метавонад шабоҳати миёни достонҳо ҳисоб шавад. Дар «Қуръон» дар зебоии Юсуф зикр зиёд аст. Ин метавонад далеле бошад мабнӣ бар ин, ки манбаи Фирдавсӣ барои халқи достоне шабеҳ ба «Юсуфу Зулайхо»-и «Қуръон» буда.

Дар мавриди ҳусну зебоии Юсуф дар тафсири Сурободӣ омада: «Чунон гӯянд, ки ҷамолу малоҳат даҳ аст, нуҳ аз он Юсуфи сиддиқро бувад ва яке ҳама мардумонро» [1-86].

Сиёвуш ҳам чун «тобандаи меҳр» ва «кӯдаке чун парӣ» аст ва «ба чеҳра ба сони бути озарӣ» аст ва зебоияш ба ҳадде аст, ки тавонои чашм бардоштанро аз ошиқонаш салб мекунад.

Дар васфи зебоии Сиёвуш низ дар «Шоҳнома» омада:

Ҷаҳон гашт аз он хуб пургуфтугӯй,
К-аз он гуна нашнид кас рӯю мӯй,
Ту гӯйӣ ба мардум намонад ҳаме,
Равонаш хира барфишонад ҳаме.

Вафо ба аҳду гузашт. Доктор Исломӣ Надӯшан мегӯяд: «Он гоҳ, ки шоҳи туркон пешниҳоди сулҳ мекунад, бедаранг мепазирад, зеро дар зоти худ зидди ҷанг аст, бо он ки дар сипоҳи Турон ҳеҷ кас аз ӯ далертар нест. Ҳифзи паймон барои ӯ аҳамияти ҳаётӣ дорад» [3-73].

Аз Сиёвуш мехоҳад, ки:
Пас он бастагонро бар ман фирист,
Ки саршон бихоҳам зи таншон гусаст [7, ҷ.3, 931].

Аммо Сиёвуш паймоншикан нест:

Чунин дод посух, ки фармони шоҳ
Бар онам, ки бартар зи хуршеду моҳ**,**
Валекин ба фармони Яздон далер
Набошад зи хошок то белу шер.
Касе кӯ зи фармони Яздон битофт,
Саросема шуд хештанро наёфт [ҷ, 3, 1015-1017].

Юсуф вафодор ба аҳд аст, чунончи вақте «дар партави меҳр ва қудрати Худо бар онон иқтидор ёфт, чи гуна бузургворона аз бедоди онон гузашт» [5,ҷ.6- 627]. Бародарони хешро ба роҳатӣ афв карду бо ҷавонмардӣ ба онон гандум дод ва ҳатто Зулайхоро, ки дар ҳаққи Юсуф бадиҳо карда буд, бахшид.

Сиёвуш ҳам вафодор ба аҳд асту ҳатто он ҷо, ки ночор мешавад дар муқобили Ковус ва иродаи он биистад, аҳди худро бо турониён зери по намениҳад ва дар ин роҳ ҷони худро гарав мениҳад ва чун Гургон бо пойи худ ба назди Афросиёб меравад.Ҷавонмардӣ ва афв сифати дигарест, ки ӯ дорост. Чунон ки Гарсеваз омили асосии тавтеаро афв мекунад, исломӣ Надушан мегӯяд: «Сиёвуш дар ин бора бо ду тан аз сардорони худ рой мезанад. Онон бар ин ақидаанд, ки дастури падарро бипазирад ва бо Афросиёб ба ҷанг бипардозад, вале ӯ наметавонад назари онҳоро қабул кунад. Фармони Яздонро болотар аз фармони шоҳ медонад ва шикастани паймонро гуноҳе мешиносад, ки назди Худо бахшида нахоҳад шуд» [3-203].

Сиёвуш ночор ба Турон ба сарзамини душман ва ҷойгоҳи Афросиёб паноҳ мебарад. Гарчи медонад, ин сафар оқибати хуш надорад, аммо инро мепазирад, вале тан ба паймоншиканӣ ва бозгаштан аз роҳи эзидӣ намедиҳад.

Марҳум Юсуфӣ менависад: «Мумкин аст, барои ман, яъне ин андеша даст диҳад, ки чаро Сиёвуш Эронро пушти сар ниҳоду ба марзу буми душман раҳсипор шуд. Вале агар дар назар бигирем ҳар роҳи дигаре, ки Сиёвуш бармегузид, ӯро ба паймоншиканиву ноҷавонмардӣ машҳур мекард, бад-ин натиҷа мерасем, ки кори

дигар наметавонист. Ҳамчунон ки Рустам дар бархурд бо Исфандиёр ба ҷанг кашид, ба илова Сиёвуш дар назар надошт дар Турон бимонад ва ночор шуд аз ин пас низ аз ёди ёрон фориғ нашавад [10-96].

Авҷи вафо ба паймон дар Сиёвуш замонест, ки дар сарзамини душман вақте Гарсевази рангбоз ноҷавонмардона Афросиёбро нисбат ба Сиёвуш бадбин мекунад ва Афросиёб фармон медиҳад, ки теғи тез баркашанду Сиёвушро бикушанд, ҳеҷ гоҳ Сиёвуш аз паймон бо Афросиёб сар наметобад.

Сиёвахш аз баҳри паймон, ки баст,
Сӯйи теғу найза наёзид даст,
Нафармуд касро зи ёрони хеш,
Ки орад яке пой дар ҷанг пеш [7,ҷ.3-1266].

Сиёвуш озода аз он комрон аст, ки ба гавҳари худ расида, хешкор аст, ҳамчунон ки бо Худо ва ҷаҳон низ шефтавор аст. Марде чунин наметавонад бар зидди хешкорӣ бархезад ва паймон бишканад, зеро меҳри «Яли ҷанговари қавибозувон» эзид равшанӣ ва паймон пеш аз дамидани хуршед бармеояду бо ҳазорон чашм ҳамеша бедору ҳазор гӯши нофирефтанӣ ба сӯйи ҳама кишварҳо равона мешавад, то ҳарчиро, ки дар замину осмон мегузарад, бубинаду паймоншиканону дуруғгӯёнро табоҳ кунад, зеро паймоншиканон мояи вайронӣ ва дурӯғгӯён мояи табоҳии саросари кишваранд. Ҳатто паймон бо дурӯғпарастонро наметавон ва набояд шикаст» [4-145].

Даъват ба комёбӣ. Дар «Шоҳнома» шеваҳои комҳоҳии Судоба аз Сиёвуш хеле ҷаззоб тарсим шудааст:

Касеро фиристод наздики ӯй,
Ки пинҳон Сиёвушро ин бигӯй,
Ки андар шабистони шоҳи ҷаҳон
Набошад шигифт, ар шавӣ ногаҳон.
Зи ман ҳар чӣ хоҳӣ ҳама коми ту,
Биронам, напечам сар аз доми ту [7,ҷ.3-1267].

Ё дар ин абёт, ки боз ҳам таҳдидро мебинем:

Ва гар сар бипечи зи фармони ман,
Набояд дилат сӯйи паймони ман.
Кунам бар ту бар подшоҳӣ табоҳ,
Шавад тира бар рӯйи ту чашми шоҳ.

Дар «Маҷмаъ-ул-баён» ду мушаххаса «Фарҷоми хуши имону тақво ва покдоманӣ ва фарҷоми расвоиву гуноҳу бедод» барои достони Юсуф зикр шуда [5-612], ки дар достони Сиёвуш низ ин ду муаллифаро метавонем дарк кунем. Юсуф аз қаъри чоҳ ба авҷи моҳ мерасад ва азизи Миср мегардад ва Зулайхо, ки таровату ҷавонӣ, ки ба изни илоҳӣ бозёфта, аз ӯ комраво мегардад. Аммо Сиёвуш намоди покӣ ва иффати ҷавони эронӣ аз тахти шоҳӣ ба хоки зиллат ва хорӣ меафтад ва Судоба аз теғи Таҳамтан ба ду ним мегардад ва дар хуни хеш меғалтад.

Ҳамин тавр, шохисҳо ва тафовутҳои қаҳрамонони ёдшуда дар достонҳо ба шарҳи зер аст: 1. Сиёвуш ҳамчун Юсуф набудааст, ки илми илоҳӣ дошта бошад ва муаббиру пешгӯ бошад ва дар рӯёи ширин ояндааш намоёнда шавад;

2. Сиёвуш дар аёми ҷавонӣ дар қуллаи зебоӣ қарор мегирад, аммо чун Юсуф шуҳра намегирад;

3. Сиёвуш муноҷоте бо Худо надорад, вале парвардаи Рустам ягонапараст аст, аммо Юсуф ҳар дам зикри Худо дар дилу бар лаб дорад ва бо ӯ дарди дил мегӯяд;

4. Сиёвуш дар оғози ҷавонӣ ба зодгоҳу пойтахт боз мегардад ва дар интизори сарнавишт менишинад ва Юсуф дар бадви вурудаш ба кохи Зулайхо боре аз шодиро барои Зулайхои меҳрифарзандначашида ба ҳамроҳ дорад;

5. Зулайхо хуйи ҷодугарӣ надошт ва сармояаш дар зиндагӣ ишқи саршори Юсуф буд ва ӯ азамату убуҳате дар чашми занони Миср дошт, аммо Судоба дорои хуйи ҷодугарӣ аст ва кинатуз;

6. Зулайхо гӯши расвоии Юсуфро ба садо дарнаёвард, балки фирори Юсуфу либоси ӯ ин хиёнатро ба Азизи Миср ошкор сохт;

7. Зулайхо ишқи ҳақиқӣ дошт, ӯ фарзанде надошт, то ишқи модар ба фарзандро чашида бошад. Ин ишқро инсон нахоста метавонад аз Зулайхо бипазирад, аммо дар мавриди Судоба рӯзе ногоҳ чашмаш бар писари шавҳар афтод:

Зи ногоҳ рӯйи Сиёвуш бидид,

Пурандеша гашту дилаш бирамид
Чунон шуд, ки гуфтӣ тори нах аст.
В-агар пеши оташ ниҳодӣ, ях аст [с-153].

8. Сиёвуш гувоҳ бар бегуноҳӣ надорад. Пас, бояд бо назари мубадон аз миёни оташ бигузарад, то покдомании худро ҳифз кунад «Агар бегуноҳам, раҳоӣ марост». Судоба ба ин навъ савганд ҳеҷ эътиқоде надорад, аммо Сиёвуш бо сари баланд убур мекунад ва Ковус ӯро дар оғӯш мегирад ва пӯзиш мехоҳад.

9. Рӯзгор Зулайхоро пиру нотавон месозад, аммо сазои ишқи гунаҳолудаашро бо маргу завол ба ӯ намечашонад ва ӯро шуҳраи бадном намесозад. Балки Зулайхо бо сӯхтан дар фироқи Юсуф ва ҳамроҳӣ бо як зиндагии меҳнатолуд кайфар мебинад ва ҳамин кайфар ӯро чун оташе месӯзонад ва пок мегардонад, то ишқи ҳақиқиро дарёбад.

10. Сиёвуш дар адабиёти ҳамосии мо ва дар фарҳанги эронзамин нишона ва рамзи мазлумият аст, ки хуни ӯ ба ноҳақ ва бегуноҳ бар замин рехта шудааст ва дар ниҳоят хуни пирӯзиву кини худро ҳам дар бар дорад ва мояи марги Афросиёби ситампеша хоҳад шуд.

11. Ковус он гоҳ, ки гузориши қатли Сиёвушро мешунавад, беҳуш аз тахт бар замин меафтад. Сипас, ҷома бар тан медарад ва хок бар сар мекунад:

Чун ин гуфта бишнид Ковусшоҳ,
Сари номдораш нагун шуд зи гоҳ.
Бару ҷома бидриду рухро биканд.
Ба хок андар омад зи тахти баланд [7,ҷ.3-2595].

Аммо бо афкандани пироҳани Юсуф бар рухсор Яъқуб бино мешавад.

12. Судоба басе аз Зулайхо фиребкортар аст, зеро пора шудани ҷомаи Юсуф аз пушти сар санадест барои ростгӯйии ӯ ва исботи гуноҳи Зулайхо.

13. Ковуси моҷароҷӯ барои ҳифзи обрӯйи Судоба ва ҳифзи шукуҳ дар бораи Сиёвуш гӯшзад мекунад:

Макун ёд аз ин ҳечу бо кас магӯ,
Набояд, ки гирад сухан рангу бӯ. [384]

Вале моҷарои ишқи Зулайхо миёни аҳли шаҳр ва занони Миср даҳон ба даҳон мегардад.

Зимни баррасии тадбиқии достонҳои мазкур метавон ба натоиҷи зер расид:

1. Ду достон бисёр бо ҳам шабеҳ ҳастанд ва ҳатто абёти «Шоҳнома» тарҷумаи манзумест аз оёти сураи «Юсуф».

2. Тамоми хусусиёте, ки дар «Қуръон» барои Юсуф омада, аз ҷумла хирадварзӣ ва ҳусну ҷамол ва покиву таҳорат дар, Шоҳнома низ барои Сиёвуш унвон шудааст.

3. Мавориди ташобеҳи ду достон иборатанд аз фоҷиавӣ будан, забони рамзӣ, зебоии қаҳрамонон, вафо ба аҳду гузашт, даъват ба комёбӣ, паноҳ бурдан ба Худо ва ғайра.

4. Мавориди ихтилоф дар достонро метавон чунин ном бурд: таҷаллии ойинҳо ва одоби куҳан дар достони Сиёвуш ва ихтилофи дарунмояи сиёсии достони Сиёвуш бо достони Юсуф, илми илоҳии Юсуф ва муноҷот бо Худо ва хуйи ҷодугарии Судоба, гузари Сиёвуш аз оташ, тазоҳури Судоба ба сақти ҷанин, толеи саъди Юсуф.

А Д А Б И Ё Т

1. Атиқи Нишопурӣ Абубакр. Тафсири Суварободӣ/ Атиқи Нишопурӣ Абубакр. –Теҳрон: Нав, 1380
2. Гримол Пир. Фарҳанги асотири Юнон ва Рум/ Гримол Пир. –Теҳрон: Амири Кабир, 1367.
3. Исломӣ Надушан Муҳаммадалӣ. Зиндагӣ ва марги паҳлавонон дар «Шоҳнома»/ Исломӣ Надушан Муҳаммадалӣ.– Теҳрон: Осор, 1376
4. Маскуб Шоҳрух. Сӯги Сиёвуш. Ширкати саҳҳомии интишороти хоразмӣ/ Маскуб Шоҳрух. – Теҳрон, 1351.
5. Табарӣ Шайх Абуалӣ Фазл ибни Ҳасан/ Тарҷумаи тафсири «Маҷмаъ-ул-баён». – Теҳрон: Фароҳонӣ, 1379
6. Тадйин Садуқӣ Сайидалӣ. Достони Сиёвуш баргирифта аз қисаси қуръонӣ//Рӯзномаи Рисолат.- № 6681.
7. Фирдавсӣ Абулқосим. Шоҳнома/ ба кӯшиши Саид Ҳамидиён. –Теҳрон, 1384
8. Фулодӣ Муҳаммад. Юсуф дар «Таврот»//Маҷаллаи пажӯҳишҳои фалсафӣ-каломӣ.–1379.-№ 4.
9. Хуҷаста Киё. Суханони сазовори занон дар «Шоҳнома»-и паҳлавонӣ/ Хуҷаста Киё. – Теҳрон, 1371.
10. Юсуфӣ Ғуломҳусайн. Баргҳое дар оғӯши бод/ Юсуфӣ Ғуломҳусайн. –Теҳро: Илмӣ, 1372.

СОПОСТАВИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ ОБРАЗОВ СИЯВУША И ЮСУФ

Как известно, в истории литературы народов Востока легенды о Сиявуше и Юсуфе имеют особое место. Данная статья посвящена рассмотрению различия и общности указанных образов.

Ключевые слова: Сиявуш, Юсуф, образ «Шахнаме», анализ, литература религиозные аспекты, сопоставительный.

ACOMPARISON OF THE STORY OF PROPHET JOSEF AND SIAVASH

The story of jodeph that has been weel known among people befor aslam. In this article authors believe that ferdousi has utilized ideas from the story of joseph wich has been mentioned in qoran ,while writing the poem of siavash.

Key words: ferdousi,the story of siavesh ,the story of joseph, the holy quran, torah,soudabe.

Сведения об авторе: ***Мухаммадризо Мири*** – соискатель Таджикского национального университета.

БАРРАСИИ «МАН» ДАР АШЪОРИ ҚАЙСАРИ АМИНПУР

Ориф Ғуломаббос, Муруввати Муҳаммадӣ
Донишгоҳи Алома Таботабоии Теҳрон, Эрон

Қайсари Аминпур аз ҷумлаи шоирони шохиси пас аз инқилоб аст, ки масири муваффақиятро зина ба зина тай кардааст. Ӯ шоирест, ки суннат ва навовариро бо ҳам омехта карда буд ва навъи навоварӣ дар сатҳи сабук ба вуҷуд оварда буд. Шеъри ӯ мардумӣ, баргирифта аз дардҳо ва ранҷҳо буд.

Ҳушёрӣ ва диққати назари Аминпур аз ӯ шоири мазмунёб ва нуктапардоз сохтааст. Шеъри Қайсар равон, сода ва пурмаъност. Аз куҳангӯӣ ва бепироягӣ дар шеъраш хабаре набуд. Ӯ ҳамон тавре, ки ҳарф мезад шеър мегуфт ва амал мекард. Амал ва шеъраш бо ҳам яке буд ва роҳашро пайдо карда буд. Шеъри ӯ мубтанӣ бар бозӣ бо калимот ва ҳарф аз дили ҳарф кашидан аст. Дар шеъри ӯ агар асолате бошад, асолат бо эҳсос ва отифа аст, чаро ки Қайсар шоири отифа аст.

Дар интихоби сохт, сурат ва сохтори шеъри худ бидуни он ки дучори тазалзул шуд ё ҳатто гӯшаи чашме ба мактабҳои нав зуҳур дошта бошад, душодӯши қариҳаи саршори худ гом бармедорад, яъне зеҳни ӯст, ки тӯл, арзу қолаб ва хулоса ҳандасаи берунии шеъри ӯ ва эҷози онро таъйин мекунад.

Мазмуни бикр, андешаи нав, забони имрӯзӣ ва тунӯи мавзӯот аз ҷумлаи вижагиҳои шеъри Қайсар аст, ки боиси пазириши шоир аз сӯйи мухотаб шудааст.

Яке аз мавзӯоти қобили таваҷҷуҳ дар осори Қайсар «ман»-и шеърии Қайсар аст, ки дар бархе осор «фардӣ» дар бархе «иҷтимоӣ» ва гоҳе «фардӣ, иҷтимоӣ ва башарӣ» аст. Дар ин мақола ба баррасиии «ман»-ҳои шеърии Қайсар дар панҷ асари ӯ ба номҳои «Дар кӯчаи офтоб», «Танаффуси субҳ», «Оинаҳои ногаҳон», «Гулҳо ҳама офтобгардонанд» ва «Дастури забони ишқ» хоҳем пардохт.

Маҷмӯаи шеъри «Дар кӯчаи офтоб» дар соли 1363 мунташир шудааст. Қолаби ашъори ин маҷмӯа, рубоӣ ва дубайтӣ аст. Меҳвари аслии «ман»-и Қайсар дар ин дафтар иҷтимоъ аст. Замоне, ки ин асар ба чоп расид, фазои кишварро ҷиҳод, шаҳодат, ҷанг ва исор пур карда буд ва мусалламан муҳтавои ин асар наметавонад ба масоили ҳаётии кишвар бетафовут бошад. Шоир дар кишваре зиндагӣ мекунад, ки ҳар рӯз лолае пар-пар мешавад ва шақоиқе ранг мебозад. Чи гуна метавон дар гӯшае нишаста ва шеъре суруд, вале аз тавсифи истодагӣ ва диловариҳо сухане ба миён наёварад.

Мусиқии шаҳри бонг «рӯдорӯд» аст
Хунёгари оташу рақси дуд аст
Бар хоки хирочҳо бихон қиссаи ҷанг
Аз чашмаи арӯсаке, ки хунолуд аст

Тасвирофаринии бадеии шоир дар шеъри фавқ ва чакидани хун аз чашми арӯсак таъсири отифии амиқе бар хонанда дорад.

Оҳангу суруду лабатон сухтан аст,
Андешаи рӯзу шабатон сухтан аст.
Ин чист миёни туву парвонаву шамъ,
К-аз рӯзи азал мазҳабатон сухтан аст.

Шоир аз ҷомеае месарояд, ки ҳама аз «сухтан» сухан меронанд ва ин суруде аст, ки мардум пайваста замзама мекунанд.

Ҷомеае, ки дар он фарҳанг, шаҳодат аз як арзиш ба ҳисоб меояд ва ифтихоре аст, ки ҷавонони Ватан дар дифоъ аз меҳан касб мекунанд. Таваҷҷуҳи вижаи шоир ба ҷанг, инқилоб ва гирех хӯрдани отифаи фардӣ бо отифаи ҷамъӣ ба рушди ҳар чи бештар «мани иҷтимоӣ» -и шоир меанҷомад. Ҳарчанд дар ин дафтар илова бар иҷтимоъ, шоир нигоҳе ҳам ба мазҳаб, дин ва ирфон ҳам доштааст. Чаро ки пуштунаи қавии шоир андешаи ирфонӣ аст. Аз 86 рубоии ин маҷмӯа, 26 рубоиро авотифи ирфонӣ ва розу ниёз ва муноҷоти орифона ташкил медиҳад [3]. Шоир дар як рубоӣ мунҳасир ба фард шаҳодати ҳазрати Алиро ба тасвир мекашад:

Имшаб сари меҳрубон нахле хам шуд,
Маҳтоб гирифт, шаҳр дар мотам шуд
Дар хонаи дур, бевае шиюн кард
Ҳамбозии кӯдаки ятиме ғам шуд (4).

Дар рубоӣ шоир эътиқод дорад, ки фақат аз роҳи қалбӣ ва дил метавон ба Худо расид.

Он сон, ки тӯйӣ, ҳеҷ кас огоҳ ба ту нест,
Раҳое зи фарози ақл кӯтаҳ ба ту нест,
Ҳар чанд туро ҳазор роҳ бошад, лек.
Ҷуз роҳи дил аз ҳеҷ раҳе раҳ ба ту нест.

«Дар кӯчаи офтоб» маҷмӯае аст, ки заминаи иҷтимоии тасвири хаёли шоирро авотифи фардии ӯ нисбат ба ҳаводиси инқилоби исломӣ ва ҷанг ташкил медиҳад [5].

Бо таваҷҷуҳ ба ин ки қолаби ашъори ин дафтар рубоӣ ва дубайтӣ аст худ маҳдудияте барои шоир ба вуҷуд овардааст, ки натавонад дар фазои бештар парвоз кунад.

Маҷмӯаи «Танаффуси субҳ» дар соли (1363) ба чоп расид ва эҳсосоти мавҷуд дар ин дафтар ҳамонанди дафтари «Дар кӯчаи офтоб» аст. Ҳарчанд бо таваҷҷуҳ ба фазои он рӯзи кишвар ва масоили ҷангу ҳамоса ва шаҳодат, таъсири отифии ин асар амиқтар аз маҷмӯаи қаблӣ аст.

Дар ин маҷмӯа шоир барои интиқоли авотиф ва эҳсосоти худ аз қолаби ғазал истифода мекунад. «Ман»-и шоир дар ин маҷмӯа иҷтимоӣ аст, ки худро нисбат ба масоили сиёсӣ ва иҷтимоӣ мутааҳҳид медонад ва ҳаводису ҷангро чунин ба тасвир мекашад:

Ман бо ду чашми мот худам дидам,
Ки кӯдаке зи тарси хатар тунд медавад.
Аммо саре надошт
Лахти дигар ба рӯйи замин ғалтид
Ва соате дигар
Марде хамидапушт ва шитобон
Сарро ба таркбанди дучарха
Сӯйи фирори кӯдаки худ мебурд (4).

Шоир нисбат ба арзишҳои инқилоб ва хонаводаи шуҳадо мутааҳҳид аст ва шаҳодатро пурпарвоз расидан ба даргоҳи дӯст медонад ва бо хонаводаи шуҳадо ҳамдардӣ мекунад:

Биё ба хонаи лолаҳо сар бизанем,
Зи доғи бо дили худ ҳарфи дигаре бизанем
Ба як бунафша самимона тасаллият гӯем
Сар ба маҷлиси сӯги кабутаре бизанем
Шабе ба ҳалқае даргоҳи дӯст дил бандем.
Агарчи ӯ накунад, дастикам даре бизанем (7).

Бо таваҷҷуҳ ба ин ки Қайсар фарзанди ҷануб аст ва ҷангро аз наздикӣ дарк кардааст, авотифи ношӣ аз диди хоси Қайсар нисбат ба ҷанг ва сиёсат дар шеърҳои ӯ ҷилваҳои гуногун дорад, ҳатто шоир гоҳе нигоҳи ҳамосӣ ҳам доштааст, ки бо хондани ҳар байт саҳнае аз ҷанг дар зеҳн тадовӣ мешавад:

Нигоҳи рақзи хуҷум хонданд
Бар гардаи гард бод ронданд
Шустанд ба хун шаби заминро
Шамшер ба осмон расонданд
То боғи ҷунун самар диҳад боз,
Дар мазраи базр ҷон фишонданд
З-он водии бе нишони он шаб

Як-як ҳамаро ба ном хонданд
Монданд ба аҳди хешу рафтанд
Рафтанд, вале ҳамеша монданд (8).

Аминпур шоири мутафаккир ва соҳибандешаи сиёсӣ ва иҷтимоӣ аст. Лузуман ҳар касе, ки соҳибандешаи сиёсӣ ва иҷтимоӣ аст, аз қавоиди бозиҳои гурӯҳҳо ва аҳзоби сиёсии табъият мекунад, аммо Қайсар тааллуқоти рӯҳии шоиронааш ӯро аз ин қалмравҳо ҷудо карда ва мисли абри ором раҳо шуда, дар ҳавои виҷдон ҳар ҷо ки ирода кунад, мебарад ва суханашро дар зарфе, ки лозим медонад, мерезад «шоири содиқона» барои ин насл дақиқан аз ҳамин ҷо оғоз мешавад. Аз ин ҷо ки беэътинотарин ҷойгоҳ назди шоирон ва беэътинотарин ҷойгоҳ назди омма аст. Пушти по заданҳои Қайсар ба бархе маслиҳатҳо ва муносибатҳо дар таваҷҷуҳи ҷамъи аҳли адаб ба ӯ муассир будааст, аммо беш аз инҳо ҳушмандӣ, закавот, тавони завқӣ, зиндагии сода ва дур аз ҷанҷолҳои расонаи таҳсилоти олӣ ва хирадмандии Қайсар аз ӯ як чеҳраи шохис дар миёни шоирони иҷтимоии се даҳаи охир сохтааст [9].

«Оинаҳои ногаҳон» таҳаввули кайфӣ ва камии Аминпурро бозтоб медиҳад. Дар ин марҳила Аминпур ба дарки равшантаре аз шеър ва адабиёт мерасад. Ашъори ин дафтар нишон аз тафаккур ва андешае медиҳад, ки дар сохтори нав арза мешавад. «Оинаҳои ногаҳон»-и Аминпурро ба унвони шоире таъсиргузор дар тайфи ҳунармардони пешрав ва инқилобӣ тасбият мекунад ва аз он сӯ низ мавҷудияти шоирӣ аз насли ҷадид ва расмият шинохта мешавад.

«Ман»-и шеърии шоир дар ин маҷмӯа бо ду асари қаблӣ мутафовит аст, ҳар чанд отифаи шеъри шоир дар бархе ашъор ҳамон сайри такомулёфтаи авотифи танаффуси субҳ аст.

Дар ин дафтар ҳудуди як саввуми шеърҳо ба ҳадиси нафси шоир ихтисос дорад. «Ман»-и фардии шоир густариш пайдо мекунад. Ҳар чанд дар ҳамин дафтар радипойе аз «ман»-и иҷтимоии шоир ҳам мушоҳида мешавад. «Ман»-и шоир дар ин дафтар ду маъноро пайдо кардааст:

1. Огоҳии шеър аз «ман» як гурӯҳ аз инсонҳоро дар назар дорад:

Теғи мардони хуршед дар мушт,
Кӯр сӯйи шаб тираро кушт
Як забон зиндагӣ як забон марг
Зулфиқори сухангӯй дар мушт
Қавме аз хуму хун насл дар насл
Аз табори ҷунун пушт дар пушт (10).

2. Огоҳии сирфани «ман»-и шахсеро дар назар дорад. Монанди шеърҳо: Ҷарроти девонагӣ», «Рафтори ман одӣ аст», «Қоф, сатри сапед» ва ғайра:

Ангор муддатест, ки эҳсос мекунам,
Хокистаре аз ду се соли гузаштаам
Эҳсос мекунам, ки каме дер аст
Дигар наметавонам
Ҳар вақт хостам дар бистсолагӣ мутаваллид шавам
Ангори фурсат барои ҳодиса
Аз даст рафтааст
Эҳсос мекунам, ки пас аз марг
оқибат
як рӯз девона мешавам
ин рӯзҳо
Хеле барои гиря дилам танг аст (11).

Шоир дӯст дорад ба гузашта баргардад ва аз вазъият норизост, вале фурсат аз даст рафтааст ва ӯ ҳам тавони бароварда кардани орзӯеро надорад.

«Ман»-и шоир дар ин шеърҳо «ман»-и шахсӣ аст. Шоир аз худ мегӯяд ва дар худ мемонад ва гоҳе бо убур аз худ ба иҷтимоъ наздик мешавад. Бархе аз шеърҳои ин маҷмӯа мисли «Дардвораҳо» баёни мустақими дарду ранҷи мардуме аст, ки шоир онро мефаҳмад:

Дардҳои ман

Гарчи мисли дардҳои мардуми замона нест
Дарди мардуми замона аст
Мардуме, ки чини пустинашон
Мардуме, ки рангу рӯйи остинашон
Мардуме, ки номҳояшон
Ҷилди куҳнаи шиносномаҳояшон дар мекунад (12).

«Гилаҳо ҳама офтобгардонанд» ин маҷмӯаи шеър дар соли 1380 ба чоп расида ва бо он ки фосилаи замони ҳашт соле бо «Оинаҳои ногаҳон» дорад, аммо авотифи муштараке бо ин асар дорад. «Ман»-и шоир дар ин маҷмӯаи «ман»-и шахсӣ ва фардӣ аст. Теъдоди қобили тавоҷҷуҳе аз ашъор ҳам ҳадиси нафси шоир аст, ки дар худ хазидааст ва гоҳе ҳам ба иҷтимоъ наздик мешавад:

Аммо
Бо ин ҳама
Тақсири ман набуд
Ки бо ин ҳама
Бо ин ҳама умеди қаблӣ
Дар имтиҳони содаи ту рад шудам
Аслан на ту на ман
Тақсири ҳеҷ кас нест
Аз хубии ту буд
Ки ман бад шудам (13).

Дар ин дафтар метавон, эътироз, нигаронӣ, хашм, ранҷ, фар ва хурдаи шоирро ба роҳатӣ аз сафаҳоти ҳунарии шеъри ӯ дарёфт.

Мо ки ин ҳама барои ишқ
Оҳу нолаи дурӯғ мекунем
ростӣ чаро
Дар расои бешумори ошиқон
- ки бедареғ-
хуни хешро нисори ишқ мекунанд
аз нисори як дареғ ҳам
дареғ мекунем (14)

Гоҳе ҳам «ман»-и фардии шоир ба «ман»-и башарӣ ва инсонӣ табдил мешавад:

Худо русторо
Башар шаҳрро
Вале шоирон ормони шаҳрро офариданд
Ки дар хоби он ҳама хоби онро надиданд

Нуктаи қобили таомил ин аст, ки дар маҷмӯаи оинҳои ногаҳон ва «Гилаҳо ҳама офтобгардонанд», авотифи манфӣ ёфт мешавад, ки дар ду маҷмӯаи нахуст асаре аз онҳо нест. Марг, яъс, сархӯрдагӣ, аз ҷумлаи мавзӯоте аст, ки дар шеъри ӯ мавҷ мезанад, ҳол он ки «марг» дар дафтари қаблӣ мафҳуме бисёр фаротар дошт, марг, ки маънои тамоми айёри зиндагӣ буд ва шаҳодат ном дошт.

Китоби «Дастури забони ишқ»-и Қайсар дар соли 1386 ба чоп расид. Ин китоб шомили 5 шеъри нимоӣ, 19 шеъри озод, 30 ғазал, 3 дубайтӣ ва як шеъри 4 мисраӣ аст.

Ин китоб пас аз интишор дар камтар аз як моҳ ба чопи дувум расид, ки ин нишондиҳандаи пазириши Қайсар аз сӯйи мардум аст.

Қатор меравад
Ту меравӣ
Тамоми истгоҳ меравад
Ва ман чи қадар содаам
Ки солҳои сол
Дар интизори ту
Канори ин қатор рафта истодаам
Ва ҳамчунон
Ба нардаҳои истгоҳ рафта такя додаам (14).

Пухтагӣ ва камоли шеъри Қайсар дар дастури забони ишқ ба авҷ мерасад. Ӯ дар ин дафтар ба баёни авотиф ва эҳсосоти фардии худ мепардозад ӯ «ҳурмат дорад»-ро аз ёд бурда ва бо «Таронаи боронӣ» «Нимаи пурлевон»-ро мебинед ва «Фавту фанни ишқ»-ро месарояд.

«Ман»-и шеъри шоир дар ин дафтар «ман»-и шахсе ва фарде аст, ки метавон дар осори чун: «Номи гумшуда», «Шеъри ногуфта», «Сафар дар оина», «Нимае пур ливон», «Рӯйёи ошно», «Фавт ва фанни ишқ», «Маънои ҷамол», «Ҳар чи шеъри гул кунам», «Ҳурмати дард», «Таронаи боронӣ» ва ғ. мушоҳида кард.

Бо тешаи хаёл тарошидаам туро
Дар ҳар буте, ки сохтаам, дидаам туро
Аз осмон ба доманам афтод офтоб
Ё чун гул аз биҳишти Худо чидаам туро

- инчунин аз нигоҳи иҷтимоӣ ва инсонии шоир ҳам наметавон ғофил шуд:

Шаҳидае, ки бар хок мехуфт
Чунин дар дилаш гуфт:
«Агар фатҳ ин аст», ки душман шикаст
Чаро ҳамчунон душмане ҳаст?»

Хулоса, шеъри Қайсар шеъри андешамадор аст, ки бо садоқат ва самимияти забонӣ рӯ ба рӯ шудааст. Шеъри ӯ иртиботи амиқи зеҳнӣ ва замири шоирро бо фарҳанги пӯйёи динӣ нишон медиҳад. Тунӯи мавзӯоти шеъри Қайсар боиси афзоиши ҳаводорони шеъри ӯ шудааст. Яке аз мавзӯоти қобили таваҷҷуҳ дар шеъри Қайсар «ман»-и шеъри шоир аст, ки дар ин мақола ба он пардохта шуд. «Ман»-и шеъри шоир дар осори аввалияи ӯ монанди «Дар кӯчаи офтоб» ва «Танаффуси субҳ» иҷтимоӣ аст ва нигоҳи шоир бо таваҷҷуҳ ба шароити он замон ба иҷтимоъ ва кишвар аст. Дар осори баъдӣ ҳамчунин «Оинаҳои ногаҳон», «Гулҳо ҳама офтобгардонанд» ва «Дастури забони ишқ», «ман»-и фардӣ зуҳур мекунад ва шоир бештар дар худ фурӯ меравад, ҳар чанд гоҳе ҳам нишоне аз «ман»-и иҷтимоӣ ва башарӣ дар ин осор вуҷуд дорад.

А Д А Б И Ё Т

1. Аминпур Қайсар. Оинаҳои ногаҳон/ Аминпур Қайсар.- Теҳрон: Интишороти фавқ.- 1386.
2. Аминпур Қайсар. Танаффуси субҳ/ Аминпур Қайсар. – Теҳрон: Сурӯш, 1383.
3. Аминпур Қайсар. Дар кӯчаи офтоб/ Аминпур Қайсар. – Теҳрон: Ҳавзаи ҳунарӣ, 1363.
4. Аминпур Қайсар. Дастури забони ишқ/ Аминпур Қайсар.- Теҳрон: Марворид, 1387.
5. Аминпур Қайсар. Гилаҳо ҳама офтобранганд/ Аминпур Қайсар.- Теҳрон: Марворид, 1387.
6. Дастхати Гаштӣ, Шоиста. Асолати зебоишиносии шеъри Қайсар/ Шоиста Дастхати Гаштӣ.- Теҳрон, 1383.
7. Кокой Абдулҷабор. Қайсар дар қоф// Маҷаллаи шеър.- Соли даҳум.- № 3.

РАССМОТРЕНИЕ АСПЕКТОВ СЛОВА «Я» В ПОЭЗИИ КАЙСАРА АМИНПУРА

Литература периода Исламской революции занимает особое место в современной иранской литературе, так как в данный период выросло новое поколение писателей и поэтов, творчество которых коренным образом повернуло русло современной иранской литературы. Среди них особое место занимает Кайсар Аминпур, Его стихи отличаются оригинальностью мышления и новизной содержания, также поражает его новаторский подход к осмыслению и освещению вопросов философии жизни и яркое отражение общего состояния современной иранской поэзии. В данной статье автором рассматриваются индивидуальные и социальные аспекты слова «я» в поэзии Кайсара Аминпура

Ключевые слова: индивидуальное «я», социальное «я», эпос, милосердие, Ќайсар Аминпур.

ONSIDERATION OF ASPECTS OF THE WORD «I» IN POETRY KAISAR AMINPUR

Literature of the Islamic revolution has a special place in modern Iranian literature, since in this period a new generation of writers and poets, whose works radically turned mainstream of contemporary iranian literature. Among them a special place belongs Kaisar Aminpur, His poems have an original thinking and novelty content, also amazes with its innovative approach to understanding and addressing issues of the philosophy of life and a bright reflection of the General condition of contemporary Iranian poetry. In this article the author considers individual and social aspects of the word «I» in poetry Kaisar Aminpur.

Key words: individual «I»social «I», epic, mercy, Kaisar Aminpur.

Сведения об авторе: ***Ориф Ѓуломаббос*** – преподаватель персидского языка и литературы школ г. Арок
Мурувват Мухаммади- преподаватель персидского языка и литературы Университета Аллома Таботабои, Тегеран

ШОИР ВА ЗАМОН

М. И.Икромова
Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав

Агар мо ба таърихи пайдоиши осори бадеӣ ва давраҳои минбаъдаи инкишофи он зина ба зина нигоҳ кунем, мебинем, ки муҳимтарину ҷолибтарин ҳодисаву воқеаҳои ин ё он давру замон, тағйироту табаддулоти назарраси иҷтимоӣ, сиёсӣ ва маънавии халқ, дигаргуниҳои зиндагӣ, пеш аз ҳама ва беш аз ҳама дар шеъри адабиётамон таҷассум ёфтааст.

Ҳанӯз устод Абӯабдуллоҳи Рудакӣ ва адибони ҳамасраш, Ҳаким Фирдавсии Тӯсӣ, Носири Хусрав, Аттори Нишопурӣ, Саъдии Шерозӣ, Убайди Зоконӣ, Мавлоно Ҷомӣ ва даҳҳои дигар дар ашъори худ бо назокати хосси шоирона вазъи замони худро бозгӯ намуда будаанд.

«Бо суруди инқилобии устод Садриддин Айнӣ «Марши ҳуррият» оғоз шудани адабиёти шӯравии тоҷик ва маҳз даставвал дар эҷодиёти Пайрав Сулаймонӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар, Ҳабиб Юсуфӣ барин шоирон истифода гардидани моҳияти аслии ҳаёти нави мардуми мо ва симои ҳақиқии он … ба ин далолат мекунад» [1, 63]. Шеъри қарни ХХ-и тоҷик дар мисоли ашъори шоирон бо зиндагӣ чунон пайванди ногусастание пайдо кард, ки назирашро дар адабиёти пешинамон камтар мебинем.

Ба дастоварду музаффариятҳои Инқилоби Октябр аз солҳои 50-уми қарни сипаришуда сар карда, дар тамоми паҳлӯҳои иҷтимоию маънавии мардумамон, дар баробари халқҳою қавмиятҳои зиёди собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ табаддулои беназир ба вуҷуд омад, ки мо имрӯз онро набояд нодида гирем. Ҳамаи он бошад тавассути эҷодкорон дар адабиёт, зиёдтар дар шеър, таҷассуми худро меёфт ва сабти китоби таърих мегардид.

Шоирони тоҷик дар даврони Шӯравӣ ба замон ва инсон назари амиқи иҷтимоӣ ва ахлоқӣ доштанд, ки дар ин боб метавон авроқи зиёдеро рангин кард ва гузашта аз ин, ҳатто нобоворонро бовар кунонид.

Ба ин маъно Мирзолатиф Раҳимзода (1902 – 18.08.1967) низ бо ҳама бешу ками аз сараш гузашта, ки кори як идда хиёнаткорону рафтори ноҷавонмардонаи онҳо буд, баъди ба даст овардани хати бегуноҳии худ ва фарзанди асили замон буданашро исбот намудан ҳамқадами давр гом мебардошт ва дастоварду муваффақиятҳои халқашро дар ҷомаи шеър тараннум мекард. Вай новобаста ба муддате «бадном» шудану даҳ сол умри бадарғавиро аз сар гузаронидан бо «табиати фараҳбахш»-у «табъи дилкушо» асосан паҳлӯҳои хуби зиндагӣ ва ҳаёти хайри ҳамзамононашро тараннум менамуд.

Суханвар офаридани назм аз зулму тааддию бедодӣ не, балки аз маърифату адолат, аз харобию бандагӣ не, балки аз осудагию озодӣ ва ободӣ, аз ҷабру асорат не, балки аз ғалабаю музаффариятҳои халқаш, аз хазон не, балки аз баҳори шукуфон ва ғайраро дар асар ҳадафи хеш донистааст.

Ба гуфтаҳои боло пеш аз ҳама осори лирикии шоир далолат мекунанд. Дар ин маврид манзумаи «Қиссаи Неъматуллоҳ» низ истисно нест. Дар ин манзума гадобачаи давраи амирӣ дар замони Шӯравӣ ба пояи баланди маърифатнокӣ мерасад.

Ин ҷо ду байт аз шеъри «Тоҷикистон»-и шоирро иқтибос менамоем, ки ҳақиқати замонро равшан дар худ таҷассум намудааст:

Кишвари азизи ман пур зи боғу бӯстон аст,
Мулки нозанини ман соҳиби дабистон аст.
Кӯчаҳои паҳнояш, қасрҳои зебояш,
Бингар, эй азизи ман, беҳтар аз гулистон аст [2, 20].

Мирзолатиф Раҳимзода дар ҷойи дигар фикри болоиро тақвият дода, ба ифтихори 40-солагии Тоҷикистони Шӯравӣ болидаҳолона мегӯяд:

Саломи ман ба ту, эй Тоҷикистон,
Ба ту, эй соҳиби садҳо дабистон!
Ба ту, эй соҳиби бахту саодат,
Ба ту, эй махзани сидқу муҳаббат,
Ба ту, эй кишвари зебои пурмавҷ,

Расидӣ бо камоли бахт дар авҷ… [2 , 32]

Ба ростӣ шоир дар ин шеъри худ, ки аз 17 байт иборат мебошад, кӯшиш намудааст, ки ҳамаи дастовардҳои назарраси замонаш, аз саҳроҳои пурбори колхозӣ сар карда дар ҳамаи ҷабҳаҳои хоҷагии халқ, кӯшишу ғайрати пиру ҷавон барои ободонӣ, донишомӯзии фаъоли ҷавонону духтарон, чароғоншавии кишвар дар мисоли ГЭС-и Норак, ҳунарҳои мардумӣ ва ғайраро бо рӯҳи қавӣ сифат намояд. Фароварди шеър ин байт аст, ки он то ҷое гӯю магӯҳои қаҳрамони лирикиро ҷамъбаст намудааст:

Агар сад бор васфи ту бисозам,
Ба номат боз гашта фахр созам… [2, 33].

Замони Мирзолатиф Раҳимзода беҳтар аз имрӯз замони сулҳпарвар буд. Сипарӣ шудани Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945, баъдтар ҷангандозиҳои Ветнаму кишварҳои дигар, тақсим шудани кишварҳои Олмон, Ветнам, Корея ба ду қисми ба ҳам зид ва ғайра боис мешуданд, ки адибон бо теғи буррои қалам пеши роҳи ҳар гуна ҷангу ҷидолро гиранд, то мабод, ки ҷанги ҷаҳонии дигаре бархезад. Шоири замон дар шеъри «Ба ҷангандозони Ветнам» навиштааш, ки дар навиштаҳои таърих Иёлоти Муттаҳидаи Амрико аст, бо ҷиддият, башардӯстона таъкид карда мегӯяд ва на танҳо мегӯяд, балки аз номи халқи кишвараш амр медиҳад:

Эй ҷафокоро, бари з-инсофу дил пуроташӣ,
Зудтар дасти тамаъ бояд, зи Ветнам баркашӣ!
Ханҷари зулм аз чӣ баҳри кӯдакон барбастаӣ?!
Ин ҷафову зулмро зуд аст худ ҳам мекашӣ!
Ту намедонӣ, ки чоҳкан зери чоҳи худ фитад,
Ту агар оташ фурӯзӣ, худ яқин дар оташӣ!
Дасти худро кард Гитлер бар сӯйи олам дароз,
Бо раҳи макру фиребу бо раҳи гарданкашӣ.
Гӯ, чиҳо карду чиҳо диду чиҳо дид он лаъин,
Аз ҳамон заҳре, ки ӯ нӯшида, ту ҳам мечашӣ!
Боз такроран ба ту: - Аз мулки Ветнам, даст каш,
Гард аз ин кирдори пасту з-ин фиоли нохушӣ! [2, 29]

Мирзолатиф Раҳимзода дар шеъри «Сулҳ пойдор аст» таъкид менамояд, ки сулҳ «боғи ҳаёту гулшани бахт», «анвои маъдану ганҷ», «тинҷию неъмати фаровон», «офтоби дурахшон» ва ғайра аст. Вай пойдории сулҳро ба мардумони боақлу бохиради он вобаста медонад ва аз ин мефахрад:

Фахрем мо ба мардуми боақлу бохирад,
Барно намуд такягаҳи пойдорӣ сулҳ [2, 21].

Оғози фаъолияти меҳнатии Мирзолатиф Раҳимзода омӯзгорӣ буд. Муддате бо амри ҳукуматдорони вақт ба корҳои дигар машғул гардидаю ҷабри бегуноҳӣ кашида бошад ҳам, ҳеҷ вақт аз дилаш меҳри таълиму тарбияи наврасон берун нарафтааст. Сабаби баъди бадарғаи даҳсола ба оғӯши мактаб баргашта, дар он ҷо ба сифати хоҷагидор кор кардан ҳам ҳамон меҳри омӯзгории ӯст. Ҳиссиёти омӯзгории шоир ва меҳри ба фарзандон доштаи ӯ, ки ояндаи кишвару миллатанд, дар шеърҳои «Насиҳат ба фарзанд», «Дар тарбияи фарзанд», «Дар сифати китоб ва илм», «Талаби мо» бо талаботи давру замон рӯйи коғаз омадаанд, ки ҷанбаи хуби тарбиявию ахлоқӣ доранд. Шоир ба ҷавонону толибилмон рӯй оварда мегӯяд:

Хоҳӣ ба замон азиз гардӣ,
Соҳибдилу ботамиз гардӣ.
Бо гуфтаи ман даме амал кун,
Бигзин ту насиҳатам ба хотир,
Аз аввали ҳарф то ба охир.
Хоҳӣ, ки шавӣ ту марди ҳушёр,
Аз рӯйи китоб сар набардор.
Шахсе ба китоб ҳамнишин аст,
Кораш ҳамагӣ пурангубин аст.
Хоҳӣ, ки агар шавӣ фараҳманд,
Аз ҳарфи китоб гардӣ хурсанд.
Аз рӯйи китоб рух натобӣ,
Аз ҷумла ҷаҳон хабар биёбӣ![2, 56-57].

Ва:

Шодию фараҳ китоб бахшад,
Масрурии беҳисоб бахшад [2, 57].

Аз ашъори ба мо меросмондаи Мирзолатиф Раҳимзода хоҳ асарҳои хурди лирикӣ ва хоҳ асарҳои калонҳаҷми дар сохти маснавӣ эҷодгардида баромеояд, ки ҳар кадом бо талаботи давру замон эҷод гардида, аслан ҷанбаи муҳимми тарбиявӣ – алоқӣ доранд.

Ба ин паҳлӯи муфид ва муҳимми ашъори шоир таваҷҷуҳи алоҳида равона намуда, аввалин муҳаққиқи рӯзгору осори Мирзолатиф Раҳимзода Алии Муҳаммадӣ навишта буд: «Муҳтавои осори шоир гуногун буда, қобили ёдоварист, ки тамоми ашъораш мавзӯи замона ва ба ибораи дигар, масъалаҳои мубрамеро, ки ҳамарӯза бо онҳо рӯ ба рӯ ҳастему бо некаш муросо ва бо бадаш мадоро дорем, дар бар кардааст.

Мавзӯъҳои меҳанпарастиву ватандӯстӣ, сулҳу амният, пешрафту дастовардҳои кишвари азиз, ваҳдати мардум, пешрафти назарраси илму ҳунар, ишқи поку беолоиш аз ҳар гуна макру фиреб, муҳаббат ба ҳаёту зиндагӣ, боварӣ ба фардо, хидмат ба мардум, сабру қаноат, тарбияи насли наврасу насиҳат ба онон, эҳтироми ҳамдигарӣ, аҳамияти илму дониш ва донишомӯзӣ дар ҳамаи давру замонҳо, кашфи роҳи кайҳон, эҳтироз аз тафриқа, мубориза алайҳи хурофот, зиёни маю майхорагӣ ва ғайра дар китоб ҷойи муҳиммеро ишғол намудаанд. Гоҳо андешаҳои ҳикматомези Мирзолатиф Раҳимзода чунон шаддабандӣ шудаанд, ки кас аз мутолеаи онҳо лаззати зиёди тарбиявию эстетикӣ мебардорад» [2, 14-15].

Доир ба фаъолият ва ақидаҳои педагогии Мирзолатиф Раҳимзода зиндаёд А. Паҳлавонов мақолаи хеле ҷолиб дорад [9, 11-19]. Вале дар мақолаи мазкур арзишҳои педагогии ашъори адиб дуруст муайян гардида бошад ҳам, дар он таҳлили филологии мавзӯи марказӣ сарфи назар шудааст.

Як қисми асосии ашъори Мирзолатиф Раҳимзодаро дар вобастагӣ ба замон ва талаботи он тавре болотар ишора шуд, тарғибу тавсифи илму дониш, зарурати омӯзиш ва китобдӯстдорӣ ташкил медиҳад. Вай дар ин ҷода пайравии Рӯдакию Шаҳид, Фардавсию Асадӣ, Низомию Саъдӣ, Румию Аттор, Камолу Ҷомӣ, Сайидою Шоҳин ва дигаронро карда. Шоир афзалияти илму донишро дар ҳамаи давру замонҳо бар ҷаҳолату нодонӣ собит менамояд ва илму хирадро дар китоб мебинад (Илму хирадат китоб бахшид, Касбу ҳунарат китоб бахшид) ва ҳамзамононро ба омӯхтани пайвастаи китоб даъват намуда, шахсони бедонишро зери тозиёнаи танқид мегирад. Омӯхтани илму дониш ба андешаи эҷодкор дар овони наврасию ҷавонӣ айни муддаост:

Махсус ба олами ҷавонӣ
Набвад фараҳ ҷуз китобхонӣ [2, 58].

Тарғиби илму дониш ва омӯзиш, ба шеърҳои ёдшуда маҳдуд намегардад. Вай дар аксари рубоию дубайтиҳояш ва махсусан, достони «Баҳром ва Зуҳра» [2, 115-172] ба ин масъалаи мубрами ҳамаи давру замонҳо рӯ оварда, ҷавононро ба омӯхтану андӯхтани ин ганҷи бебаҳо гаштаю баргашта даъват кардааст. Ба ақидаи ӯ илму дониш инсонро аз ҳар дарду ғаму андӯҳ раҳо мекунад, дилу ҷонашро шод месозад. Ҳамин илму дониш аст, ки ба ҳар шахс болу пар бахшида, ӯро ба қуллаи мурод мерасонад:

Хоҳӣ, ки зи банди ғусса озод шавӣ,
Хоҳӣ, ки на ғам, ҳамеша дилшод шавӣ.
Дар илм бикӯш, бо хирад саъй бикун,
Шак нест ту ҳам ба мисли Беҳзод шавӣ! [2, 99]

Бузургон, аз ҷумла пешинёни суханвар низ «бузургӣ ва шаъну шарафи инсонро аз илм» -у дониш ва фазли рӯҳбахшу бобаракати он медонистанд [3, 85].

Аз масъалаҳои дигари тарбиявӣ – ахлоқӣ, ки ба он Мирзолатиф Раҳимзода бештар таваққуф намудааст, масоили некиву некӯкорӣ ва мазаммати зишткориву бадӣ мебошад. Шоир дар ин хусус дар шеъри «Насиҳат», ки дар шакли маснавӣ навишта шуда, аз 34 байт иборат аст, диди худро вобаста ба талаботи замон иброз доштааст.

Шоир барои мардумро ба сӯйи некиву некӯкорӣ раҳнамоӣ кардан хислатҳои разилаи инсонро фошофош бо забони назми равон баён менамояд. Мавсуф барои таъкиди фикри худ аз осори Саъдӣ, Низомии Ганҷавӣ ва осори шифоҳии мардум иқтибосҳо меорад, ба сухани худ қувват мебахшад. Эҷодкори ба зиндагӣ гармнигоҳ

ба ҷавонон дастур медиҳад, ки дар тӯли умр ба корҳои бад роҳ надиҳанд, зеро касе, ки бадӣ мекунад, подоши кори ӯ низ саранҷом бадист:

Ту ин нуктаро ҳам зи Саъдӣ шунав,
Ба зидди суханҳои Саъдӣ марав:
«Бани Одам аъзои якдигаранд,
Ки дар офариниш зи як гавҳаранд».
Низомию Фирдавсии номдор
Ҳамеша ба ин роҳ бурданд кор.
Касе, ки ба роҳи касе чаҳ канад,
Дар охир худашро дар он афканад.
Надонӣ, ки «чаҳкан бувад зери чоҳ»,
Бувад ҳоли бадкор доим табоҳ… [2, 38]

Ба қавли дурусти Мирзолатиф Раҳимзода шахсе, ки аз донишу хирад баҳравар аст, ба ҷуз некӣ ба кори дигаре даст нахоҳад зад:

Касоне бувanд аз хирад баҳравар,
Накарданд ҷуз некӣ коре дигар.
Ту ҳам аз ман ин пандро гӯш дор,
Шавӣ аз балоҳо басо растагор [2, 40].

Идомаи ҳамин андешаҳоро мо дар шеъри «Насиҳат ба фарзанд» (дар қолаби маснавӣ иборат аз 27 байт) дармеёбем. Мирзолатиф Раҳимзода дар ин шеър фарзандонро насиҳат менамояд, ки дар баробари доштани донишу илм волидайнро иззату эҳтиром намоянд (Ту хоҳӣ зи нахли ҷавонӣ самар, Адаб кун ҳамеша ба модар, падар), каждуми зери бӯрёи хонадон нашаванд ва ғайра.

Шоири рӯзгордида ва заҳру шаҳди зиндагиро чашида аз боби кибу ғурур баҳс намуда, ин ҳар ду хислати разиларо душмани ҷонии ҳар як инсон маънидод мекунад. Ба гуфти вай аз кибру ғурур касе ба мақсад намерасад ва аз бухл касе соҳиби эҳсон намешавад. Аз ин амалҳои ношоиста дур будан камоли фазилат аст, ки мегӯяд:

Аз кибру ғурур кас ба сомон нашавад
В-аз бухл касе соҳиби эҳсон нашавад.
З-ин ҳар ду гузар, ки душмани ҷони туанд,
Бар дарди касе бахил дармон нашавад [2, 61].

Дар шеърҳои «Ҳайф», «Ба шайхи маккор» ва «Каҷ» бошад, илми беамал, шахсони бадкирдор, кирдори ношоистаи аҳли бозору савдо, аҳли тамаъ, шайхони маккор, мардуми бекор, гандамастон, рафтори даллолону миёнравони бадкирдор, ки имрӯз ҳам зиёнашон ба мардум мерасад ва ғайра сахт ба зери танқид гирифта шудаанд. Чанд мисол:

Гандамастоне, ки аз як ҷуръа мегарданд маст,
Вақти беҳушӣ варо афтидани ҷӯбор ҳайф [2, 63].
…Зуд аз он ҷо гаштаму бар сӯйи бозор омадам,
Ҷумла кори аҳли савдо бар сари бозор каҷ [2, 64].
Бо макру фиребу ҳиллабозӣ,
Бар қаряву шаҳрҳо битозӣ…[2, 66]

Чаро Мирзолатиф Раҳимзода ба ин мавзӯъҳо дахл намудааст? Барои он, ки аз як тараф пеши роҳи ноадолатии ҷомеаро дар замона бигирад ва аз суйи дигар, ҳамнавъонро аз каҷравию палидиҳои дар зиндагӣ рухмедода боз дошта, ба роҳи рости зиндагӣ ҳидоят намояд.

Як силсила шеърҳои дигари Мирзолатиф Раҳимзода, аз қабили «Дар васфи Кӯлоб», «Тоҷикистон», «Ба ҷашни 40-солагии Тоҷикистон», «Дар сабру қаноат», «Ватан» ва амсоли инҳо дар тарбияи ватандӯстиву меҳандӯстии ҷавонон нақши бориз доранд. Шоир дар шеъри «Ҳикмат» андешаҳои даъваткунандаи худро то ҷое ин тавр ҷамъбаст намуда, ҳалимонаву ҳакимона ва содаву озода ин тавр ба қалам додааст:

Касе, ки одати вай кори неку эҳсон аст,
Вай аз гурӯҳи накӯву гурӯҳи инсон аст.
Касе ба халқи ҷаҳон ӯ бадӣ раво дорад,
На аз гурӯҳи башар, дон ки номусулмон аст [2, 25].

Дар иртибот ба гуфтаҳои болоӣ ва таъйиди андеша, ки дар ин фасл баён гардид, гуфтаи устод Муҳаммадҷон Шукуровро иқтибос менамоем, ки фармудааст: «Беҳтарин қисми назми ҳамаи даврҳо фалсафаи ҳаёти замони худро ифода кардан

аст» [4, 183]. Ин гуфта ба ашъори Мирзолатиф Раҳимзода низ дахл дорад, яъне шоир пеш аз ҳама мавзӯи шеъри худро мӯшикофона аз замон гирифта, ҷамъбастҳои мукаммали ҳаётӣ ва созанда меофараду дубора барои ҷомеа, баҳри беҳдошти ҳаёти эшон равона мегардонад.

А Д А Б И Ё Т

1. Сатторов А. Нуктаи пайванд (Баъзе масъалаҳои инкишофи шеър ва танқиди адабӣ) / А. Сатторов. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 240 с.
2. Раҳимзода, Мирзолатиф. Соати Саъд /М. Раҳимзода. Таҳия ва муқаддиммаи Алии Муҳаммадӣ. – Душанбе: Адиб, 1994. -176 с.
3. Аҳмадов Мирзо. Насри ахлоқӣ – тарбиявии Ҳусайн Воизи Кошифӣ /М. Аҳмадов. – Душанбе: Наҷот, 1994. -153 с.
4. Шукуров, Мухамадҷон.Пайванди замонҳо ва халққо /М. Шукуров. – Душанбе: Ирфон, 1982 - 224 с.

ПОЭТ И ЭПОХА

Мирзолатиф Рахимзаде (1902 – 18.08.1967) является поэтом своей эпохи. Он в своих стихах в основном воспевал достижение своей эпохи в разных жанрах, как меснави, рубаи(четверостишие), мухаммес, кит а.

Ключевые слова: Рахимзода, стихи, родина, Таджикистан, любовь, дидактика, социальная жизнь, литература.

THE POET AND THE ERA OF

Mirzolatif Rahimzoda (1902 - 18.08.1967) is a poet of his epoch. He in his poems mostly praised the achievement of its era in different genres, as masnavi, rubai(quatrain), mukhamas, kitha.

Key words: Rahimzoda, poems, Motherland, Tajikistan, love, didactics, social life and literature.

Сведения об авторе:*М.И.Икромова* – соискатель КТГУ им.Носира Хусрава. Телефон: **(+992) 919 28 53 51**

БАРРАСИИ ТАТБИҚИИ ГИРОИШҲОИ ФИКРИИ МАНФАЛУТӢ ВА ДЕҲХУДО

Ҳасани Додхоҳ, Маҳмуди Шакиб Ансорӣ, Парвини Гулизода, Баҳроми Назарпур
Донишгоҳи шаҳид Чамрони Аҳвоз

Деҳхудо ва Манфалутӣ дар арсаи рӯзноманависӣ бо улгу қарор додани адибони мағрибзамин даст ба интишори мақолаҳое заданд, ки маъмулан аз 10 саҳифа фаротар намерафт. Ба гунае ки наметавон онро густурда кард ва ба сурати китоб даровард, чунонки набояд хеле кӯтоҳ бошад. Алиакбари Деҳхудо аз пештозони ин арса бо ҳамкории Ҷаҳонгирхони Шерозӣ ва Мирзоқосимхони Сурисрофил иқдом ба роҳандозии рӯзномаи «Сури Исрофил» кард. Шумораи нахусти ин рӯзномаи ҳафтагин «рӯзи панҷшанбе 17 рабиулохири 1325 ҳ.қ. баробари 10 хурдоди 1286 ҳ.ш. ва 30 майи 1907 милодӣ дар 8 саҳифа дар Теҳрон мунташир гардид» [10, 9]. Бо интишори ин рӯзнома фурсате пеш омад, то Деҳхудо навиштаҳои худро ба дасти ҳамагон бирасонад. Зеро ин нахустин рӯзномае буд, ки дар кӯчаву бозор ба дасти рӯзномафурӯшҳо ва ғолибан ба василаи кӯдакон ба фурӯш мерасид [23,153].

Мустафо Лутфии Манфалутӣ дар соли 1876 милодӣ дар шаҳри Манфалути Миср чашм ба ҷаҳон кушод. Ӯ дар мактабхонаҳо ба ҳифзу ёдгирии «Қуръон» пардохт [12, 340-341]. Пас аз сипарӣ кардани марҳилаҳои муқаддимотии таҳсил ба «ал-Азҳар» рафт. Шеваи омӯзиши «ал-Азҳар» барои Манфалутӣ хушоянд набуд ва «ӯ бо вуҷуди мухолифати устодон ва бар хилофи қонунҳои роиҷи он Донишгоҳ ба мутолиаи китобҳои адабӣ рӯй овард» [1,376].

Алиакбари Деҳхудо дар соли 1297 ҳ.қ. (баробар бо 1257 ҳ.ш.) дар Теҳрон дида ба ҷаҳон кушод [5,179]. Падараш Ҷонбобохон, ки аз маллокони Қазвин буд, пеш аз таваллуди вай ба Теҳрон омад ва дар ин шаҳр иқомат гузид. Алиакбар, ҳангоме ки 10 сол бештар надошт аз неъмати падар маҳрум шуд. Вай бо ташвиқи модар улуми қадимаро фаро гирифт ва сипас, ба таҳсил дар мадрасаи сиёсӣ пардохт [11,280]. Вай дар ҳар шумора аз рӯзномаи «Сури Исрофил» мақолаи пурмуҳтаво ва танзомез бо унвони «Чаранду паранд» дар интиқод аз вазъи нобасомони дохилӣ ва ҷиҳати равшан кардани афкори тӯдаи мардум ба риштаи таҳрир дармеовард. Вай дар исфанди 1334 шамсӣ дида аз ҷаҳон фурӯ баст.

Сабки адабии Манфалутӣ ва Деҳхудо. Мустафо Лутфии Манфалутӣ дар адабиёти арабӣ аз ҷумлаи пештозони соданависӣ буд, ки таҳаввул ва дигаргунии жарфе дар адабиёти муосири арабӣ падид овард. Вай нависандаи мардумӣ буд ва саъй мекард, мухотибони худро аз миёни мардуми умумӣ пайдо кунад. Бинобар ин, бештар бо сабки салиқ ва равон барои дифоъ аз табақаи фурӯдаст қалам мезад.

Алиакбари Деҳхудо низ дар адабиёти муосири форсӣ яке аз нависандагони пешқадаме аст, ки ба шевоии қалам ва зебоии сабк шуҳрат дорад. Вай замоне шурӯъ ба навиштан кард, ки бисёре аз адибон таваҷҷуҳи чандоне ба ҷазби мухотаб аз миёни мардуми умумӣ надоштанд ва бештар барои гурӯҳи хос ва фозилон менавиштанд. Вайро метавон дар зумраи касоне донист, ки роҳро барои адибони соданависӣ пас аз худ, аз ҷумла Муҳаммадалии Ҷамолзода ҳамвор кард.

Содагӣ ва равонии мақолоти «Чаранду паранд» фосилаи забони гуфторӣ ва навишториро кам кард ва Деҳхудо бо ҳамон забоне ки суҳбат мекард, менавишт ва дар пайи вожагузинӣ ва иборатпардозӣ буд.

Дар идома саъй шудааст, ки хусусиятҳои муштараки услуби ин ду нависанда, аз ҷумла такрори вожагон ва корбурди саноеи адабии сода ва нуқтачин мавриди арзёбӣ қарор гирад.

Такрор. Такрори вожагон ва ҷумлаҳо яке аз хасоиси муштараке аст, ки Деҳхудо ва Манфалутӣ барои таъсир бар мухотаб ба кор гирифтаанд. Ин шеваи навишториро метавон ношӣ аз он донист, ки бахши азиме аз хонандагони мақолотро мардуми умумӣ ташкил медоданд ва нависандагон барои қонеъ кардани ин гурӯҳ ба ин сохтор таваҷҷуҳ доштаанд.

Манфалутӣ эҳтимоми хосе ба истифода аз такрори вожагон ва ибораҳо дорад. Вай дар бештари навиштаҳояш, аз ҷумла намунаҳои зайл барои ҷалби мухотаб ва асарбахшии мақолоташ такрорро мавриди таваҷҷуҳ қарор додааст.

Деҳхудо низ дар ҷой-ҷойи навиштаҳояш такрори вожагон ва ҷумлаҳоро мадди назар дорад. Дар мақолаи 25-ум аз №29 рӯзномаи «Сури Исрофил» мехонем: «Инҳо чист, инҳо ҳама ҳикматанд, инҳо пояи низоми дунё, инҳо лозим аст, ки ин тавр бошанд. Ҳукамои мо ҳам муътақиданд, ки агар ҷузъи ин бошад, ҳисси рақобат боқӣ намемонад. Инсон барои тараққӣ омода намешавад ва тамизи хубу бадро намедиҳад» [10,117].

Корбурди саноеъ ва ороиҳои адабӣ. Истифода аз ороиҳои адабии муосир ба авҷи худ расида буд, ба тавре ки корбурди беш аз ҳадди саноеи адабӣ дарки матнҳоро барои бисёре аз хонандагон номумкин менамуд. Бо шурӯи наҳзати адабӣ бисёре аз нависандагон, аз ҷумла Манфалутӣ ба соданависӣ гироиш пайдо карданд, аммо ин ба он маънӣ набуд, ки корбурди истиора, ташбеҳ, маҷозро фаромӯш кунанд, балки барои асарбахшӣ ва зебоии навиштаҳои худ аз ороиҳои адабии зудфаҳм кӯмак мегирифтанд.

Назар ба ин ки мухотабони аслии Манфалутӣ тӯдаи мардум будаанд, саноеи адабии бакоррафта дар мақолаҳояш ба дур аз ҳар гуна печидагӣ мебошад. Нависанда дар бархе мақолаҳо ба нудрат аз ороиҳо ва саноеи адабӣ кӯмак гирифта, ба гунае ки дар баъзе мавридҳо ба як истиора, ташбеҳ ва ё як санъати адабии дигар басанда кардааст.

Деҳхудо низ ба монанди Манфалутӣ ҳар гоҳ саноеи адабиро ба кор бурда, маъмулан аз ҷумлаҳо ва ибораҳои оммфаҳми хост ва писандида кӯмак гирифтаанд.

Киноя аз дигар саноеи бадеӣ аст, ки ба фаровонӣ дар бештари мақолаҳои «Чаранду паранд» дида мешавад.

Атноб. Атноб ва тафсил аз дигар хусусиятҳои муштараки бакоргирифта дар матнҳои «Чаранду паранд» ва «ал-Назарот» аст.

Тафсилу баёни ҷузъиёт аз хусусиятҳои боризи сабки адабии Деҳхудо низ мебошад. Вай дар мақолаи зайл саргардонии модари мусибатдидаро ба тафсил баён мекунад: «… он вақт модари ин ҷавон гоҳе тифлашро мебӯсад, гоҳе мелесад, гоҳе гесӯҳояшро ба хуни писараш хизоб мекунад, гоҳе дар оғӯшаш мекашад, гоҳе-«модар, модар…» мегӯяд, баъд як дафъа ҳолаш тағйир карда, мисли ҷинзадаҳо шаҳақӣ мекашад ва сарашро ба гулӯи писараш гузошта, мисли одамҳои хеле ташна хунҳои писарашро мехӯрад, баъд сарашро баланд карда, монанди ашхосе, ки ҳеҷ ин ҷаҳонро намешиносанд, бо чашмҳои тарснок хира-хира ба сурати тифлаш нигоҳ карда ва он вақт бо камоли сукут ва оромӣ мисли арӯси ром, ки дар бағали домоди маҳбуб

истироҳат мекунад, фарзандашро дар оғӯш кашида, дар миёни хоку хун ба хоби ҳамешагӣ меравад» [10,117].

Нақши Манфалутӣ ва Деҳҳудо дар поягузории достоннависӣ. Мустафо Лутфии Манфалутӣ аз ҷумлаи адибоне аст, ки дар поягузории фанни достоннависӣ аз чеҳраҳои барҷаста ба шумор меояд. Китоби «ал-Ибарот»-и вай дарбаргирандаи 8 достони кӯтоҳ мебошад, ки «ал-Шуҳадо», «ал-Зикрӣ», «ал-Ҷазо» ва «ал-Заҳия» тарҷумаи достонҳои Ғарбӣ ва «ал-Ятим», «ал-Ҳиҷоб», «ал-Ҳовия» ва «ал-Иқоб» офариниши адабии худи нависанда аст.

Бархе соҳибназарон муътақиданд ки вай «бо вуҷуди бархе костиҳо ва навоқис дар осораш пешқадами достони кӯтоҳи арабӣ мебошад».

Содиқи Ҷавоҳир Калом дар ин бора мегӯяд: «Гӯйӣ, дар саҳнаи театр чаҳорзону нишаста, ҳарф мезанад, гоҳе аз ҳарф задан боз намеистад, то моро ба ёди вуҷуди худ биандозад… диалогҳояш тӯлонӣ аст ва ба 10 саҳифа аз қитъаи бузург мерасад».

«Чаранду паранд» яке аз осори барҷастаи адабии муосир мебошад, ки ба шакли мақолаҳои достонвор навишта шудаанд. Маҷмӯаҳои ин асари арзишманд пайванде байни рӯзноманависӣ ва достоннависианд. «Деҳҳудо бо насри худ бузургтарин кӯмакро ба пайдоиши қисса дар форсӣ кард, гарчи худ ҳаргиз қиса нанавишт» [2,545]. Абдуллоҳиён ва Закариё Меҳвар низ бар ин бовараанд, ки Деҳҳудо заминаро барои қиссанависӣ пас аз худ омода кардааст [21,26). Бо ин ки бисёре аз навиштаҳои «Чаранду паранд» дар қолаби мақолоти рӯзномаӣ ҳастанд, аммо теъдоде аз ин навиштаҳо тарҳ ва қолаби достони кӯтоҳ доранд ва ин нависандаи барҷаста аз пешқадамони насри достонӣ ба шумор меояд.

Аз нигоҳи Ҳасани Обидинӣ, достони кӯтоҳи «Қандарун» баёнгари тасаллути Деҳҳудо бар достоннависӣ аст ва ӯро ба унвони яке аз пешравони ин фан муаррифӣ мекунад [22,101].

Деҳҳудо дар поёни достон бо ироаи бахше аз сурати тарҷумаи форсӣ аз арабӣ бо танзи газанда, сабки мубҳами насри форсиро мавриди интиқод қарор медиҳад: «Пас, ҳоло мегӯем, мар шуморо, ки агар ҳар оина мудовиматкунанда бошед, бар тавҳини аъмоли мо, яъне ишоаи куфр ва зандақа зуд аст, ки мебинед, пас мо ҳароина таҳдид мекунем шуморо, аввалан таҳдид кардане ва ҳароина мезанем шуморо дар сонизадани шадиде ва ҳароина такфир мекунем ва мекушем шуморо дар солису робеъ куштани килобу хунорез ва ҳароина овезон мекунем шуморо бар шохаҳои дарахти тут он чунонки дар мадрасаи мост». [10,61].

Деҳҳудо заминаи нигориши достони кӯтоҳро фароҳам кард ва Ҷамолзода гуфтугӯҳои «омиёнаро ба пайравӣ аз Деҳҳудо то мартабаи забони адабӣ боло бурд ва онро густариш дод» [7, 62]. Дар маҷмӯъ метавон гуфт, ки Деҳҳудо бо бакоргирии забони пухтаву равон ва такя бар зарбулмасалҳо ва истилоҳоти омиёна таъсири чашмгире дар шаклгирии пояҳои достони кӯтоҳ дошт. Ҷамолзода ва дигар нависандагон пас аз вай аз сарчашмаҳои он баҳра бурданд.

Хулоса, дар нимаи дуюми қарни XIX наср рафта-рафта аз ороиҳо ба тасаннуоти адабӣ фосила гирифт ва дар охири қарн бо зуҳури шахсиятҳое монанди Деҳҳудо ва Манфалутӣ муҳтаво ва шакли навиштаҳо ҳар ду барои нависанда муҳим ҷилва намуд. Деҳҳудо ва Манфалутӣ бо интихоби огоҳонаи забони салису равон аз як сӯ бар зидди сабки пуртакаллуф ва печидаи давраи пеш аз худ шуридаанд ва аз сӯйи дигар ба забони зудфаҳм ва ҳамагонии мардуми умумӣ рӯй оварданд. Насри оҳангини навиштаҳо ва мақолоти ин ду адиби пешқадам, ки бо баҳрамандӣ аз хусусиятҳои соданигорӣ, такрор, атноб ва тафсил пайванде миёни рӯзноманависӣ ва достоннависӣ буд, тавонист замина ва бастаро барои зуҳури достони кӯтоҳ фароҳам созад. Насри зебои Манфалутӣ ва Деҳҳудо аз забони сода ва бепироияи мардум моя мегирад ва бидуни такаллуф ва печидагӣ бо ташбеҳот ва саноеи адабии сода ороста мегардад. Чиниши муносиби вожагон ва корбурди моҳиронаи мавзӯъ ҷаззобияти осори ӯро дучандон кардаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Петров Б. Удабо ул-Араб. Дор-ул-назири убуд/ Б.Петров. –Теҳрон 1989. –Ч.3.
2. Бароҳими Ризо. Қисснависӣ/ Бароҳими Ризо. –Теҳрон: Нашри нав, 1362.
3. Ҷонзода Алӣ. Аллома Алиакбари Деҳҳудо/ Ҷонзода Алӣ. –Теҳрон: Ҷонзода, 1362.
4. Ҷовоҳир Калом Муҳаммад. Достони муосири араб/ Ҷовоҳир Калом Муҳаммад.–Теҳрон, 1372.
5. Ҳокими Исмоил. Адабиёти муосири Эрон/ Ҳокими Исмоил. –Теҳрон: Асотир, 1374.
6. الخوض احمد، **نظرات فی الادب العربی**، الطبعه الثالثه، المطبعه العلميه، بی جا، بی تا.

7. Дастғайб Абдулалӣ. Нақди осори Муҳаммадалии Ҷамолзода/ Дастғайб Абдулалӣ. –Теҳрон: Нашри Чопор.
8. Мақолоти Деҳхудо/ Бо кӯшиши Сайидмуҳаммади Сиёқӣ. –Теҳрон: Тирожа, 1364.
9. Чаранду паранд/ Бо муқаддимаи Амири Аллам. – Теҳрон: Некфарҷом, 1387.
10. Деҳхудо Алиакбар. Девон/ Бо кӯшиши Муҳаммади Дабирсиёқӣ. – Теҳрон: Поё,1360.
11. Рӯзбеҳ Муҳаммадризо. Адабиёти муосири Эрон. –Теҳрон: Рӯзгор, 1387.

الزيات احمد حسن، **تاريخ الادب العربى**، الطبعه السابعه، دارالمعرفه، ۲۰۰۱.. ۱۲.

۱۳- الساعدى حاتم، **محاضرات فى النثر العربى الحديث**، الطبعه الاولى، موسسه العارف للمطبوعات، بيروت،.۱۹۹۹

۱۴- عبداللهيان حميد، **كارنامه نثر معاصر**، چاپ اول، پايا، تهران، .۱۳۷۹

۱۵- الفاخورى حنا، **الجامع فى تاريخ الادب العربى**، الطبع الاولى،ج۲، دار ذوى القربى، ۱۴۲۲.

۱۶- كامشاد حسن، **پايه گذاران نثر جديد فارسى**، چاپ اول، نى، تهران، ۱۳۸۴.

۱۷- گيب هاميلتون، **ادبيات نوين عرب**، ترجمه يعقوب آژند، چاپ اول، اطلاعات، تهران، .۱۳۶۶

۲۱-مهرور زكريا، **بررسى داستان امروزى**، چاپ نخست، تيرگان، تهران، .۱۳۸۰

۲۲- ميرعابدينى حسين، **صدسال داستان نويسى در ايران**، چاپ دوم، سرچشمه، تهران، .۱۳۸۰

۲۳- يوسفى غلام حسين، **ديدار با اهل قلم**، مشهد، ۱۳۵۸ش، ج۲.

РАССМОТРЕНИЕ И ИЗУЧЕНИЕ ВЛИЯНИЯ ТВОРЧЕСТВА МАНФАЛУТИ МУСТАФА ЛУТФИ НА ПУБЛИЦИСТИКУ АЛИ АКБАРИ ДЕХХОДА

В данной статье автором подвергнуто рассмотрению и изучению влияние творчества известного египетского писателя-публициста Манфалути Мустафа Лутфи на публицистику иранского писателя, учёного и общественного деятеля Али Акбар Деххода. Манфалути являлся автором рассказов, очерков, эссе и в своих сочинениях проповедовал «долг милосердия» ко всем слабым и беззащитным и подвергал резкой критике социальную несправедливость в обществе. Деххода Мирза Али Акбар-хан Казвини (1879 -1956), иранский писатель, учёный и общественный деятель, произведения которого были направлены против произвола и насилия в обществе. Он также является составителем большого энциклопедического словаря "Логатнаме".

Ключевые слова: Манфалути Мустафа Лутфи, Али Акбар Деххода, арабская литература, иранская литература, публицистика, политическая деятельность, литературный стиль.

REVIEW AND STUDY THE INFLUENCE OF CREATIVITY MANFALUTI MUSTAFA LUTFI THE PUBLICISM ALI AKBARI DEKHKHUDO

In this article the author reviewed and the study of the influence of the creativity of the famous Egyptian writer-publicist Manfaluti Mustafa Lutfi on journalism Iranian writer, scientist and public figure, Ali Akbar Dekhkhudo. Manfaluti was the author of short stories, essays, essay and in his writings preached «debt relief» to all the weak and defenseless and he severely attacked social injustice in society. Dekhkhudo Mirza Ali Akbar Khan Qazvini (1879 -1956), an Iranian writer, scientist and public figure, whose works were directed against arbitrariness and violence in society. He is also the originator of the big encyclopaedic dictionary "Lugatname".

Key words: Manfaluti Mustafa Lutfi, Ali Akbar Dekhkhudo, arabic literature, iranian literature, journalism, political activity, and literary style.

Сведения об авторе: ***Хасан Додхох*** – доцент Университета Шахид Чамрон города Ахвоз, Иран
Махмуд Шакиб Ансори **–** преподаватель Университета Шахид Чамрон города Ахвоз, Иран
Парвин Гулизода **-** доцент Университета Шахид Чамрон города Ахвоз, Иран
Бахром Назарпур **–** соискатель Университета Шахид Чамрон города Ахвоз, Иран

ҲАЙДАРИИ ВУҶУДӢ-ҒАЗАЛПАРДОЗЕ МУМТОЗ ДАР АДАБИЁТИ МУОСИРИ АФҒОНИСТОН

Холида Фурӯғ
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Устод Ҳайдариии Вуҷудӣ вораста шоирест, ки ҳамвора дар мадори ишқ дар чархиш будааст. Қасри баландболои ин сурудгари баландандеша аз сангу хишти ишқ сохта шудааст. Ин ғазалсарои муосир ёри ғазал аст. Бо ғазал роҳ меравад, бо ғазал менишинад ва бо ғазал сухан мегӯяд ва бо ғазал аз хештани хеш раҳо мешавад. Ғазали порсӣ аз гузаштаҳои дур бо озодагӣ қомат афрохтааст ва дастуреро ва фармонеро напазируфтааст ва бо хештан пешрафт кардааст, ки сабзмондааст ва сабз бимонад.

Ғазал ҷаззобтарин навъи шеъри порсӣ аст, ки ҳеҷ гоҳе ба фаромушӣ супурда нашудааст ва ҳамвора ба он пардохта шудааст. Мавлонои бузурги Балх дар сарзамини ғазалҳои хеш қонуни инсонсолориро мусаллат сохтааст ва аз он ҷо чунин ишқеро, ки ҳаст ва будаш бо инсон идома меёбад матраҳ кардааст.

Ҳофиз бо ғазалҳояш, ки ҷонмояи онҳо ишқ аст, ин фарёд (ғазал)-ро аз гулӯи ҷовидонагӣ баровардааст ва Саъдӣ низ бо ғазал ба хилват нишастааст ва бо ғазал ғарқ дар ишқ ва зиндагӣ будааст ва бо ғазалҳояш зиндагиро дар оғӯш кашидааст. Имрӯз низ шоирони порсизабон ба ғазалсароӣ мепардозанд. Ва дар ҳавзаҳои мухталифи забони порсӣ ғазал суруда мешавад.

Устод Ҳайдарии Вуҷудӣ офаринишгарест, ки хуни ғазал дар рагҳои эҳсос, тахайюл ва пиндораш ҷараён дорад. Ӯ навҷавон будааст, ки шӯре аз ғазалсароӣ бар сар доштааст ва то имрӯз он шӯру ҳол ба роҳе ва равише дар шеъраш мубаддал шудааст. Вожаҳо дар шеъри Ҳайдарии Вуҷудӣ дигар ҳамон маънои қомусии хешро надоранд. Вожаҳо дар шеърҳояш дар чархишанд, гоҳе дунёӣ ҳастанд, гоҳе рӯъёӣ.

Вақте Ҳайдарии Вуҷудӣ аз ишқ дам мезанад ва аз ишқ қалам мезанад ва ин ҳама ошиқона ва орифона ба сайру сулук дар шаҳрҳо ва бодияҳои шеър мепардозад, табиаташ чунин мехоҳад ва ин ҳама дар сиришташ вуҷуд дорад. Муқалидона нест, дилмадорона аст.Вақте мавлоновор дар ишқ гум мешавад ва боз пайдо мешавад ва боз гум мешавад ва дар ҷустуҷӯи ишқ меравад, аз сари тақлид нест, рӯҳи беқарораш ӯро дар ҷустуҷӯгарии ишқ навид медиҳад. То ҷойе, ки ишқро пиру ва устоди худ медонад ва ниҳоят ҳама чизро дар барбодӣ менигарад. Бурҷу бораи шоҳиро дар гарави ҳеҷ мебинад ва умрро ба коҳе ташбеҳ мекунад, ки бар бод аст, аммо вақте ба ишқ мерасад, мегӯяд, ки ин танҳо ишқ аст, ки обод мемонаду бас:

То дилу забонамро ишқ пиру устод аст,
Ҷӯйбори шеъри ман лаҳзаҳои фарёд аст.
Набзи ман чи мегирӣ, ҳоли ман чи мепурсӣ,
Чашми ёр медонад бар дилам чи рӯ додаст.
Ҷоми шеъри ман машкан, эй баҳори рӯъёӣ,
Маъбари замон тангу гоҳи умр бар бод аст.
Бурҷу бораи шоҳӣ мешавад хароб охир,
То қиёмати кубро кохи ишқ обод аст (1,27- 26).

Шеъри Ҳайдарии Вуҷудӣ бо ишқ марказияте, ки дорад аз иҷтимоъ ва ҷомеа ранг мегирад. Ин таъсирпазирӣ аз иҷтимоъ шеъри Ҳайдарии Вуҷудиро бо шуълаҳое аз андӯҳ аҷин мекунад.

Он чи маълум аст ҷуз шабҳои бефарҷом нест,
Сад саҳар гар рӯз гардад, рӯзи мо чун шом нест (1,26).

Ё дар ин байт:

Дили ғарибам дар ин шабистон ба ғурбати моҳтоб сӯзад,
Ки чун чароғ мазори шабҳо ба шаҳрмандони хоб сӯзад (1,40).

Гоҳе таркибҳое, ки дар шеъри ин шоир дида мешаванд, зебоии вижае доранд.

Дар ин шеър таркиби **мусиқии нигоҳ** як таркиби истиораии зебост:

Мусиқии нигоҳат азбаски дилнавоз аст,
Ойинасон ба рӯят чашмам ҳамеша боз аст (1,90)

Мусиқии нигоҳ ва дилнавоз будану аз шукӯҳи ин мусиқӣ ойинасон бедор мондан ҳам зебост ва ҳам дилпазир, чунки ҳар он чи зебост дилпазир ҳам аст. **Арғунуни нигоҳ** таркиби истиории дигарест, ки дар ғазали дигаре аз ин шоир нағмапардозӣ мекунад:

Ҳушам ба **арғунуни нигоҳи** ту ошност,
Бо пардаҳои чашми сиёҳи ту ошност(1,92).

Нигоҳро арғунун хондан ва пардаҳои чашми сиёҳ, ки ба арғунун иртибот мегиранд, шеърро пуртараннум сохтаанд. Гоҳе шеъри Ҳайдарии Вуҷудӣ дар доираи ҳамон ишқпардозӣ, инсонмеҳвар мешавад. Дар миёни инсонҳо ту ва манӣ намебинад, таъассубро рад мекунад ва ба инсон меандешад аз ҳар куҷое, ки бошад:

Гар ба сурати ту туиву ман манам,
Лек дар маъно туву ман нест, нест.
Сӯи бесӯӣ, ки ҷон ҷавлон кунад,
Ҷилваи афсурдаи тан нест, нест.
Дар ҷаҳони ҷон ҷонон ошно,
Имтиёзи боғу гулхан нест, нест.
Хешро дарёб то равшан шавӣ,
Дил кам аз водии эман нест, нест.
Қатра дарёест, дарё - қатраҳо,
Бе вуҷуди дона хирман нест, нест.
Сурату ойина дон гӯшу забон,
Гуфтанат беш аз шунидан нест, нест.
Дар бисоти ишқу огоҳии мо,
Бохтан бе рӯи бурдан нест, нест(2, 106-107)

Ин ғазал саршор аз мусиқии маънавӣ аст: сурату маъно,туву ман, ҷону тан, боғу гулхан, қатраву дарё, донаву хирман, гӯшу забон, бохтану бурдан, сурату ойина, гуфтану шунидан. Инҳо шеърро ҷон бахшидаанд.

Дуруст аст, ки ҳар шеъре бо рамзу розҳои забонӣ ва баёни шоираш пайванд дорад ва бо чунин рамзу розҳое офарида мешавад. Аммо рамзу розҳо дар ҳар шоир фарқ мекунад. Агар бахше аз рамзҳои як шеър дар пайванд бо масъалаи истифода аз абзорҳои шеърӣ бошад, ки дарвозаи вуруд ба онҳо бар ҳама шоирон боз аст, бахши дигар бармегардад ба малакаи зеҳнии ҳар шоир. Дар ин сурат шеъру сурудани шеър реша то “он”-е мебарад, ки дар шоир сабз аст.

Зоҳири шеъри Ҳайдарии Вуҷудӣ бо содагӣ зебост ва ишқ чунин содагиро дӯст дорад ва хонандаи жарфнигар аз ҳамин содагӣ ба умқи шеъраш мерасад. Бепироягӣ ва самимият дар ғазалҳои ин шоири шӯридаҳол медурахшад. Сояи такаллуф ва тасаннӯъ шеърҳояшро таъқиб намекунад. Ҳамон гуна ки шахсияти бепироя ва бетакаллуф дорад, шеъраш низ чунин таъриферо аз худ сохтааст. Вақте шеърашро мехонем чунин самимият ва бетакаллуф будан ва бепироягиро дар ҳар байт ва дар ҳар мисраи он ҳис мекунем. Ҳайдарии Вуҷудӣ то ҳол аз панҷараҳои баланди чандин маҷмӯаи шеъраш дунёро нигаристааст. Ба баёни дигар метавон гуфт, ки то ҳол пиллаҳои бисёреро дар нардбони ишқ паймудааст.

Забон барои шоир кӯҳна намешавад ва калимаҳо, ки хиштҳои забонанд барои шоирон кӯҳнагӣ надоранд. Шоирон метавонанд аз калимаҳое, ки дар шеъраш гузаштаи мо корбурд доштаанд ва ба вожагони сабкии гузаштаи мо табдил шудаанд, истифода кунанд. Аммо он ҳамаро бо диди нав ба кор бубанданд. Дар ин ҷо диди шоир муҳим пиндошта мешавад. Агар ин дид, ҷадид аст ва дигардесӣ дар пай дорад, вожаҳо низ ҷилваи дигар меёбанд:

Шеъри нигоҳи ту ба куҷо мекашад маро,
Дар кӯчабоғи отифаҳо мекашад маро.
Ёди қадди расои ту дар лаҳзаҳои шавқ,
Сӯйи ту бо умеди расо мекашад маро.
Амвоҷи пурталотуми дарёи чашми ту,
Бар дӯши ишқ бе ману мо мекашад маро.
Дил донаду Худое, ки сӯйи ту ҳар нафас,
Эй каъбаи умед, чиҳо мекашад маро.
Аз чоҳи тан, ки зиллату хории одамист,
Нури умеду дасти Худо мекашад маро.
Дар ишқи Ишқ гар дили ман болу пар кашад,
Аз банди норавову раво мекашад маро. (2, 90).

Бингарем: дар ин ғазал ҳаловате ва таровате нуҳуфта аст. Агарчи забони ин шеър равон ва салис аст, аммо атреро, ки шоир дар ин шеър афшондааст аз вожаҳо ва мисраҳои ин шеър сар мекашад ва ба машшоми рӯҳи хонанда мерасад. Атре, ки дар гузашта низ шоирон чунин атреро бар тани шеърҳои хеш меафшонданд, аммо Ҳайдарии Вуҷудӣ он атрро бо атре аз ин сӯйи таърих гирех задааст, ки шеъраш ҳаловате ва таровате дигар ёфтааст. Чаро шоирони имрӯзи мо дар шеърҳои хеш аз парвона сухан нагӯянд ва аз шамс сухан нагӯянд? Аз ин ки шоирони гузаштаи мо дар шеърҳои хеш дасти шамъ ва парвонаро бӯсидаанд?

Шоири имрӯзи мо низ метавонад дар шаб шеъри худ шамъе бифурӯзад ва дар гулхонаи шеъри худ парвонаро бипазирад. Магар бо нигоҳи вижаи имрӯзин ва бо суханпардозиҳои имрӯзин метавонад дар фазои шеъраш чунин калимотеро ба парвоз биёварад. Чун шеър нигоҳест вижа ба калимот ва ба ашё ва ба табиат ва ба рӯзгору ҷомеа ва саранҷом ба зиндагӣ. Шеър фарёдест вижа, ки аз ҳанҷарҳои вижагон бар меояд ва дар гӯши рӯзгори худаш ва рӯзгори дигар мерасад.

Шоирони имрӯзи мо метавонанд аз калимоте, ки барои онҳо куҳнагипазир нестанд, бо тасвирпардозиҳои тоза ва имрӯзин баҳра бибаранд. Агарчи шеър дар як лаҳза аз зиндагии шоир тавлид мешавад ва ба зистан мепардозад. Аз ин ки шеър дар забон шакл мепазирад калимот низ дар сохтори шеър дар ҳамон ваҳлаи аввал нақши асосиро бозӣ мекунанд ва он чи дар ҳамон нахустин дам бар саҳна меояд мондагор ҳам мешавад. Магар гоҳе мумкин аст шоир ба кашфе расида бошад, аммо калимотро ва забонро дар зеҳни худ парвариш бидиҳад, то сохторе муносиб ба дасташ биёяд.

А Д А Б И Ё Т

1. Вуҷудӣ, Ҳайдарӣ. Ғурбати маҳтоб/ Ҳайдарӣ Вуҷудӣ. –Пешовар: Алазҳар, 1383.
2. Вуҷудӣ, Ҳайдарӣ. Соле дар мадори нур/ Ҳайдарӣ Вуҷудӣ. –Пешовар, 1382.
3. Дастғайб, Абдулалӣ. Боғи сабзи шеър/ Абдулалӣ Дастғайб. –Теҳрон, 1385.

ХАЙДАР ВУДЖУДИ- АФГАНСКИЙ МАСТЕР ПЕРСИДСКИЙ ГАЗЕЛЕЙ

Газель является одним из любимых жанров в персидской литература, который на протяжении веков привлекал к себе внимание многих поэтов. Хайдар Ваджуди относится к числу тех мастеров поэтического слова, творчество которых характеризуется повышенным интересом к газели. Приоритетной темой написанных ими стихотворений является любовь человека, неразрывно связанная с реалиями жизни и общества.

Ключевые слова: афганская поэзия, газель, любовь, тема.

HAIDAR VUDZHUDI-SKILLFUL SOGNITEL OF GAZELLES

The gazelle is one of favourite genres in Persian literature which throughout centuries drew to itself attention of many poets. Haidar Vadzhudi is among those masters of the poetic word which creativity is characterized by keen interest in a gazelle. Priority subject written or poems is the love of the person which is inseparably linked with realities of life and society.

Key words: Afghan poetry, gazelle, love, subject.

Сведения об авторе: ***Холида Фуруг-*** аспирантка Таджикского института языков им. Сотима Улугзоде

ИСТИФОДАИ ЛОМЕИИ ГУРГОНӢ АЗ ҶОЙНОМҲО ДАР ОРОЯҲОИ БАДЕӢ

Умеда Султонмамадова
Пажӯҳиши забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ

Абулҳасан Муҳаммад ибни Исмоил машҳур ба Ломеии Гургонӣ аз шоирони бузург ва дорои сабку шеваи хосси шоирии асри XI – и форсу тоҷик мебошад, ки дар деҳаи Бикрободи Гургон зода шудааст. Нахустин бор номи ин шоир дар маъхазҳои адабӣ дар «Чаҳор мақола»- и Низомии Арӯзии Самарқандӣ (соли таълифаш 1555м.) дар мақолаи дувуми он зимни баёни шуарои аҳди Салчуқиён бурда шудааст[6,46]. Маъхази дигаре, ки дар он аз ин шоир ёд шудааст, «Ал-мӯъҷам фӣ маъойирил ашъорил Аҷам» навиштаи Шамси Қайси Розӣ ду маротиба зимни санъати иғроқ ва тасмит [12,311;13,335; 360-361] бо овардани намунаҳо аз ашъори ин шоир гувоҳӣ аз он медиҳад, ки дар он рӯзгор Ломеӣ аз шоирони бонуфуз ва соҳибистеъдоди даврони Салчуқиён (1038- 1194) будааст. Аз тазкиранигорон нахустин касе, ки дар муаррифии ин шоир иқдом намудааст, Лутфалибеки Озари Бекдилист, ки дар фасли шуарои

Гургон ва Астаробод аз Ломеӣ ном бурда, шарҳи ҳоли ӯро муфассалан бо забти 115 байт аз ашъори ӯ пешниҳоди аҳли таҳқиқ менамояд [9]. Баъдтар Ризоқулихони Ҳидоят дар «Маҷмаъ-ул- фусаҳо» агарчи маълумоти тазкираи «Оташкада»- ро бо иштибоҳоти мавҷудааш такрор мекунад, бо овардани 414 байт[7,1753-1782] аз ашъори ӯ хидмате барои таърихи адаби форсӣ дар ҳифзи осори парокандаи шуарои қадими форсӣ кардааст, ки барои муҳаққиқони адабиёти то ҳуҷуми муғулҳо муғтанам аст. Маълумоти ҳар ду тазкираи ёдшуда барои равшан кардани чандин аз лаҳзаҳои рӯзгори ин шоир дорои аҳамият мебошанд, ки мусаҳҳеҳи чопи нахустини девони шоир зиндаёд Саид Нафисӣ дар муқаддимаи олимонаи хеш[4] ва пештар аз он дар мақолаи алоҳида дар маҷаллаи «Оянда» [10] маълумоти тазкираҳои мазкурро нақду баррасӣ намуда, иштибоҳҳо ва хатоҳои онҳоро рафъ ва барои ба қалам овардани шарҳи ҳоли илмии ин шоири соҳибзавқ ва дар тадвини ашъори парокандаи ӯ кӯшиши судманде анҷом додааст, ки воқеан сазовори ситоиш аст. Муҳимтар аз ҳама он аст, ки ҷузъиёти зиндагиномаи Ломеӣ дар яке аз қасидаҳои ӯ, ки ба Хоҷа Амидалмулк Абӯнасри Кандурӣ - вазири оли Салчуқ аз соли 447ҳ.қ. то 455 ҳ.қ \ 1055-1063 масеҳӣ, ба хусус дар солҳои ҳукумати султон Туғрулбек (1038- 1063) будааст, дар хусуси ном, номи падар, зодгоҳ, зодрӯз, синну солаш дар замони иншои ин қасида ба рӯшанӣ огоҳӣ менамояд, ки дар таърихи адаби форсӣ ҳодисаи нодир ба шумор меравад.

Мо аз овардани матни пураи ин қасида худдорӣ менамоем, вале дар ин ҷо ба хотири далели гуфтаҳои боло ба овардани чанд байти он ногузир мебошем:

… Манам он **Ломеии** шоир, к-аз ман ба мадеҳ
Ҳаст шод он ки ба симу зар аз ӯ шодам ман.
Ҷадди ман ҳаст **Симоилу Муҳаммад** падарам,
Булҳасан ибни Сулаймонро домодам ман.
Маро ҳаст **асад** толеъу аз модари хеш
Рӯзи одина ба **моҳи рамазон** зодам ман.
Соли умрам нарасидаст ба **ҳафтод** ҳанӯз,
Ба ду панҷ афзун аз **нимаи ҳафтодам** ман.
Ҳам ба Бағдод шиносанд маро ҳам ба Димишқ,
Гарчи на зи шаҳри Димишқ, на зи Бағдодам ман…
Мар маро Хоҷай бузург аз паи он бахшад мол,
Ки сухан донаму дар шоирӣ устодам ман (4,164-166).

Аз мутолиаи ин ашъор бармеояд, ки шоир дар ҳангоми иншои ин қасида: **70:2= 35+5+5 = 45-** сола будааст. Танҳо нуктае, ки ин ҷо норавшан аст, соли иншои қасида мебошад, ки мувофиқан байни солҳои 447 ҳ.қ.- 455 ҳ.қ.\ 1055-1063 масеҳӣ, солҳои вазорати Хоҷа Амидалмулк Абӯнасри Кандурӣ мебошад. Ва агар барои мисол охирин соли онро бигирем 1063- 45= 1018 ба даст меояд, ки муҳаққиқони рӯзгору осори шоир Саид Нафисӣ [4,66], Забеҳуллоҳи Сафо [11,II,387] ва Дабири Сиёқӣ [5,10-12] солҳои 411- 412 ҳ.қ\ 1021-1022, вале муҳаққиқи муосири эронӣ Алии Сафипур дар мақолаҳои хеш [1,179-184;2,569-571] бо муҳосиба бар асоси гоҳшумории нуҷумӣ бар рӯи суҳани шоир, ки рӯзи одинаи моҳи рамазон ва дар бурҷи асад онро яке аз ду соли 389, ё 390 ҳ.қ.\ 1999 масеҳӣ ба даст меояд, ки бар он маъно, ки ӯ навиштаҳои Ломеиро дар қасидаи ёдшуда ибораи «Ба ду панҷ»- ро «Бад-ӯ панҷ» мехонад ва соли таваллуди шоирро ба санае, ки дар боло овардем, баробар медонад. Вале муроди мо дар ин мақола аз тафсили шарҳи ҳоли шоир он аст, ки дар ашъори шоир мо бо маълумоти алоҳидае бармехурем, ки гӯшаҳои торику номаълуми афкор ва пиндори ӯ, зиндагинома ва муносибати ӯро бо ҳокимон ва шоирону адибони мавзеҳои гуногуни қаламрави забони форсӣ ошкор месозанд. Ҳоло зикри мавзеҳои Хуросони таърихиро дар ашъори боқимондаи Ломеии Гургонӣ аз рӯи девони чопи Саид Нафисӣ [4] аз назар мегузаронем. Бояд гуфт, ки зикри шоирону ҳокимону мавзеҳои мухталифи густураи забони форсӣ беш аз дигар шоирони ҳамасри Ломеӣ дар девони ӯ омадаанд. Нахустин ёде, ки аз шаҳр ё мавзеҳои Хуросон дар ашъори Ломеӣ, ба хусус ҷуғрофиёи Афғонистон ба назар мерасад, ки бо истифодаи санъати бадеии таҷнис овардани номи Ғур дар қасидае мебошад:

Чандон аз гурӯҳ бикушӣ то шавад ба хун,
Чун кӯҳҳои **Ғур** ҳама дашту ғорҳо (3,25).

Дар қасидае ба номи яке аз султонони бонуфузи Оли Салчуқ Алп Арслон Бурҳон (1063- 1072), ки аз халифаи Бағдод рутбаи амиралмӯъминин дарёфт намуда

буд, аз шаҳру мавзеҳои зиёде ном мебарад ва дар байти дувуми он бо назардошти мавқеи сиёсиву ҷуғрофии шаҳри Ғазнӣ онро нуктаи сарҳаддӣ дар кишварҳои исломӣ медонад ва мегӯяд:

Аз ҳадди **Ғазнин** лашкар то ҳадди **Антокия**
Аз ҳадди **Дарғон**аш мавкаб то ба ҳадди **Мордин** (4,32).

Дар ин байт Ғазнӣ- шаҳри маълуми он рӯзгор- пойтахти сулолаи Ғазнавиён ва рақиби сарсахти Салҷуқиён ва аз нигоҳи ҷуғрофӣ ҷанубитарин шаҳри сарҳадии кишварҳои исломии он замон мебошад.

Дарғон - шаҳре дар канори Ҷайҳун ба сарҳадди Хоразм, ки шимолитарин нуктаи тасаввури шоир ва шаҳрҳои Антокия ва Мордин аз шаҳрҳои Туркияи имрӯзӣ мебошанд, ки аз ғарбитарин нуктаи давлатҳои исломии он рӯзгор ба шумор мерафтанд. Дар байти дигар аз ҳамин қасида як ҷо меоварад, ки

Гирди **Қустантин** кунад з- оҳан ҳаме **Девори Буст**,
Он ки ӯ оҳан шавад бо давлати ин шоҳи **Тин** (4,133).

Дар девони чопи Саид Нафисӣ шореҳи ашъори шоир дар мавриди ибораи «**Девори Буст**»- онро «деворбаст» - навишта ва шарҳ медиҳад, ки мураккаб аз девор ва бастани бурҷу боруи шаҳр ва қалъа, ки мантиқӣ ба назар намерасад, балки он дар асл бозмондаи обидаи **Девори Буст** мебошад, ки имрӯз дар маркази вилояти **Ҳилманди** Афғонистон, дар шаҳри **Буст** ба дарозии арки хеш машҳур аст ва ин шаҳр дар он рӯзгор аз шаҳрҳои умдаву стратегӣ ба шумор мерафт, ки ҳамеша аз даст ба дасти Ғазнавиҳову Салҷуқиҳо мегузашт.

Мавзеи дигаре, ки дар ҳамин қасида омадааст ва он марбути Хуросони он замон ва Афғонистони имрӯзӣ аст, бо номи **Маншала** - ҷое будааст дар наздикии **Марву Андхуд**, ки ду бор омадааст:

Он ки чун кард аз сӯи **Маншала** дар **Хоразм**рӯй,
Давлати ӯро бар ясору нусрати ӯро бар ямин (4,134).

Ва

То ба **Маншала** аҷин кард он заминеро ба хун,
К- осмон ӯро ба тӯфон кард натвонад аҷин (4,134).

Дар қасидаи дигар, ки ба мадҳи амир Нӯшервон бахшида шудааст аз **Кобулу Зобул** ба хотири санъати таҷнис ёд мекунад:

Чу ӯ ку хусрави **Кобул**, чу ӯ ку молики **Зобул**,
Чу ӯ ку волии **Омул** чу ӯ ку омили **Уммон** (4,138).

Бештари ҷойномҳое, ки дар девони шоир вомехуранд, бар мабнои санъати бадеии таҷнис сохта шудаанд, ки зимнан ороияи бадеии талмеҳ ҳам бо худ доранд, мисли калимаҳои хулқ ва Халлух, ки дар навишти форсӣ қаробат доранд ва як навъи санъати таҷнис ба шумор меравад:

Надорад некуӣ садяк зи **хулқ**и ту ҳама **Халлух**,
Надорад ҷодуӣ садяк хулқи ту ҳама **Бобул** (4,142).

Ин санъат дар байти дигар аз қасидаи дигар ба такрор бо зикри номи ҷойҳо омадааст:

Ба динору дирам бар нақш карда сурати эшон,
Ба **Дороб** андарун **Доро**, ба**Гургон** андарун **Гургин**.
На роҳат ёбад аз ваҳмаш ҳаме Элак ба **Фарғона**,
На лаззат ёбад аз ҳавлаш қайсар ба **Қустантин** (4,144).

Дар ашъори бозмондаи Ломеии Гургонӣ бар замми мавзеъу маҳаллоти гуногун аз номи қавму забонҳо ҳам ёд шудааст, мафҳумҳои муртабити Хуросони таърихӣ ва Афғонистони кунунӣ дар байни онҳо ҳастанд, ки аслитарини онҳо дар қасидаи бахшида ба вазири маъруфи оли Салҷуқ Амидалмулк Имодаддин Абӯнасри Кандурӣ, ки бинобар навиштаи Ҳиндушоҳ ибни Санҷар ибни Абдуллоҳи Соҳибии Нахҷувонӣ дар «Таҷоруб- ус- салаф»: «Рӯзгори вазорати ӯ хуштарин рӯзгорҳои вузаро буд. Ҳашт солу ҳашт моҳу ҳашт рӯз вазорат кард» [8,80] ва аҳли Кундури Нишобури Хуросон буд, аз номи қавмҳои юнонӣ ва хуросонӣ ва ироқӣ ёд мекунад, ки барои он замон аз бонуфузтарин забону халқу қавмҳо ба ҳисоб мерафтанд:

Макони илми юнонӣ бад- акнун аз бари гардун,
На марде монд дар **Юнон**, на илме монд юнонӣ.
Бад- он гоҳ, к- аз **Хуросон** хост, пас сӯи **Ироқ** омад,
Шуданд аз илми **юнонӣ ироқиву хуросонӣ** (4,180).

Дар ҷои дигар дар байте аз аҳли **Ҳирот** дар шакли қадимаи **ҳарева** ёд мекунад, ки аз вуҷуди ашколи бостонии забонӣ дар он замон гувоҳӣ медиҳад:

Даромаданд **нишобуриву ҳарева** ду пир
Ду фосиқанд шуда ба муштаҳар ба машҳурӣ (4,205).

Ва муҳимтар аз ҳама номи забони роиҷ дар замони Ломеии Гургонӣ бо номи **забони дарӣ** дар ашъори ӯ омадааст, ки аслитарин ва бостонитарин унвони забони форсӣ мебошад:

Шоирон бар ту ҳамехонанд ҳар дам офарин,
Гаҳ ба алфози ҳиҷозӣ, гоҳ ба **алфози дарӣ** (4,189).

Дар асри XI ёд шудани номи забони форсӣ ба шакли **дарӣ** дар шеър ба ҳар ҳол ҳодисаи нодир ва ин гуна мисолҳо дар адабиёти форсӣ хеле кам аст.

Хулоса, ёд шудани мавзеъ ва маконҳои Хуросон ва ҷойҳои дигар дар шеъри қадими мо аввалан баёнгари иттилооти шоирон дар бораи шаҳру навоҳии таҳти нуфузи забони форсӣ ва баъдан аз дидору мусофиратҳои ӯ ба ин ҷойҳо мебошад, ки барои муҳаққиқони риштаи филология аз сохтору тарзи навишти онҳо маводи хубе буда метавонад.

А Д А Б И Ё Т

1. Алии Сафипур. Нақде бар назари устод Дабири Сиёқӣ дар бораи замони таваллуди Ломеии Гургонӣ/ Алии Сафипур. // Маҷаллаи «Паёми Баҳористон».- 1390.- №11.
2. Алии Сафипур. Як нуктаи таърихӣ дар гузориши зиндагии Ломеии Гургонӣ (сарояндаи садаи 4 ва 5) //«Паёми Баҳористон», нашрияи Китобхонаи маҷлиси Шӯрои исломӣ, давраи дувум, соли аввал, шумораи 6, зимистони 1388.
3. Бинобар таҳқиқи илмии бадеъшиносон калимаҳои Ғур ва ғор ба навъи санъати таҷниси мутарраф дохил мешаванд, ки «калимаҳои мутаҷонис фақат дар як ё ду ҳарфи охир гуногун бошанд» /Сатторзода Абдунабӣ. Такмилаи бадеи форсии тоҷикӣ. – Душанбе: Адиб, 2011. **–** С.25.
4. Девони Ҳаким Ломеии Гургонӣ/ Бо тасҳеҳу ҳавошии оқои Саид Нафисӣ устоди донишгоҳ. – Теҳрон, 1319.
5. Ломеии Гургонӣ. Девони Ломеии Гургонӣ/ Ба кӯшиши Муҳаммад Дабири Сиёқӣ. –Теҳрон: Созмони интишороти Ашрафӣ, чопи дувум, 2535 шоҳаншоҳӣ (1355 хуршедӣ).
6. Низомии Арӯзии Самарқандӣ. Чаҳор мақола ва таълиқот/ Ба тасҳеҳи аллома Муҳаммади Қазвинӣ, Муҳаммад Муъин. –Теҳрон, Садои муосир, 1388.
7. Ҳидоят Ризоқулихон. Маҷмаъ-ул-фусаҳо/ Ба кӯшиши Мазоҳири Мусаффо. Бахши савум аз ҷилди аввал. Теҳрон, интишороти Амири Кабир, 1382.
8. Ҳиндушоҳи Нахҷувонӣ. Таҷоруб-ус-салаф. Дар таърихи хулафо ва вузарои эшон/Тасҳеҳи Аббос Иқболи Оштиёнӣ. –Теҳрон, Китобхонаи Таҳурӣ, 1344.
9. Озар Лутфалибеки Бекдилӣ. Оташкада, дар се ҷилд/ Ба кӯшиши Ҳасан Содоти Носирӣ. –Теҳрон, солҳои 1336, 1338, 1340.
10. Саид Нафисӣ. Ломеии Гургонӣ. Маҷаллаи Оянда/ Саид Нафисӣ Саид Нафисӣ. –Теҳрон, 1346.
11. Сафо,Забеҳуллоҳ. Таърихи адабиёт дар Эрон.– Теҳрон: Интишороти Фирдавс, 1381. –Ҷ.2
12. Шамси Қайси Розӣ. ал- Муъҷам. –Душанбе, Адиб, 1991.
13. Шамсиддин Муҳаммад ибни Қайси Розӣ. Ал-муъҷам фӣ маъойири ашъорил Аҷам/ Ба тасҳеҳи Муҳаммад ибни Абдулваҳҳоби Қазвинӣ бо муқобала бо шаш нусхаи хаттии қадимӣ ва тасҳеҳи Мударриси Разавӣ. Теҳрон, 1338.

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ НАЗВАНИЯ МЕСТНОСТЕЙ В ПОЭТИЧЕСКИХ СОЧИНЕНИЯХ ЛОМЕИ ГУРГАНИ

Абулхасан Мухаммад ибн Исмаил известный под именем Ломеи Гургани является одним из известных представителей персидско-таджикской поэзии XI века. В данной статье автор подвергнуто рассмотрению и изучению использование названия местностей в поэзии Ломеи Гургани.

Ключевые слова: Ломеи Гургани ,персидская поэзия,названия местностей, художественные средства.

USE THE NAMES OF AREAS IN POETIC WRITINGS LOMEI GURGANI

Abulkhasan Muhammad Ibn Ismail known under the name Lomei Gurgani is one of the famous representatives of the persian-tajik poet XI century. In this article the author reviewed and study of the use of the place names in poetry Lomei Gurgani.

Key words: Lomei Gurgani ,Persian poetry,the names of areas, artistic means.

Сведения об авторе: ***Умеда Султонмамадова*** – соискатель Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им. А.Рудаки АН РТ

Ж У Р Н А Л И С Т И К А

РИОЯИ ЭТИКАИ КАСБӢ - ШАРТИ МУҲИМИ ФАЪОЛИЯТИ ЖУРНАЛИСТӢ

С. Н. Гулов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ташаккули ахлоқи касбӣ ҷараёни зинда ва мудовим буда, аз масоили муҳимтарин фаъолияти журналистӣ мебошад. Бахусус, дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ, боло рафтани нақши ВАО, пайдоиши имкониятҳои нав дар дастрасӣ ба иттилоъ, марзнописандии иттилоъ ва монанди ин, дар баробари меъёрҳои ҳуқуқиву касбӣ, меъёрҳои этикиву ахлоқӣ хеле муҳим арзёбӣ мешаванд. Дар фаъолияти ҳаррӯзаи журналистон мо ҳар лаҳза ба муаммоҳои ҳуқуқӣ ва бештар этикӣ рӯ ба рӯ мешавем. Дар ҷараёни фаъолияти худ журналистон вазифадоранд, ки меъёрҳои ҳуқуқӣ ва этикиро риоя кунанд.

Меъёрҳои ҳуқуқиро қонунгузориҳо муайян ва танзим мекунанд, аммо дар хусуси меъёрҳои этикиву ахлоқии фаъолияти журналистӣ андешаҳо гуногун ва ҳатто баъзан хилофи якдигаранд. Бо вуҷуди ин, аксарият меъёр ва принсипҳои ахлоқии фаъолияти журналистиро эътироф карда, онҳоро ҳатмӣ медонанд. Тавре Дебора Поттер қайд кардааст: «Вазифаи асосии журналистон дар ҷомеаи озод пешниҳоди иттилооти саҳеҳ ва ҳаққонӣ бо риояи меъёрҳои ахлоқии журналистӣ мебошад» [3, 122]. Ин андешаро муҳаққиқи этикаи журналистӣ *Д.С.Авраамов* ба таври дигар зикр мекунад*: «*Ахлоқи касбӣ рафтори журналистонро танҳо дар ҷараёни иҷрои вазифаҳои хизматӣ ба танзим медарорад» [1, *б*].

Дар тамоми олам созмонҳои байналмилалӣ, миллӣ ва касбиву соҳавии журналистӣ асноди этикиеро қабул кардаанд, ки ҳар як журналисти узви ин созмонҳо дар фаъолияти худ бояд онҳоро риоя кунад ва истифода барад. Ба қавли Д. С. Авраамов «кодексҳои касбӣ хамеша натиҷаи созишномаҳову ризоияти аъзои созмонҳои касбӣ мебошанд» [1,14]. Ин аснод номҳои гуногун доранд, мавзуъҳои гуногунро фаро гирифтаанд ва аз рӯйи хусусияти худ гоҳе хусусияти тавсиявӣ пайдо кардаанд, баъзан барои вайронкунандагони этикаи касбӣ ягон пайомадеро пешбинӣ накардаанд, баъзеашон дар доираи ҳамкасбон ҷавобгариро муайян намудаанд.

Ҳарчанд дар ҷумҳурии мо санади танзимкунандаи ҷанбаи этикии фаъолияти журналистон дер таҳияву қабул шуд, аммо муаммоҳои этикаи касбӣ касонеро, ки зарурияти ташаккули асосҳои ахлоқии фаъолияти ВАО-ро дарк мекарданд, бетараф намегузошт.

Ҳанӯз соли 1998 муаллифи ин сатрҳо зарурати қабули ин гуна санадро ба миён гузошта буд. Бо назардошти муҳимияти масъала, журналистони тоҷик баъди муҳокимаву баррасиҳои тӯлонӣ соли 2009 «Меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ дар Тоҷикистон»-ро қабул карданд. Ҳарчанд муносибат ба қабули ин ҳуҷҷат яксон набуд, аммо аксарият онро қабул доштанд. Профессор Усмонов чунин қайд мекунад: «Меъёрҳои одоби журналистӣ аз ҷониби аксарияти журналистони Тоҷикистон ба таври фардӣ ё коллективӣ пазируфта шудаанд ва мақсади татбиқи онҳо беҳтар кардани сирати нашрия аст ***[6, 8].*** Аммо риояи он ба муаммоҳои зиёде рӯбарӯст ва мониторинги ҳармоҳаи Шӯрои ВАО-и Тоҷикистон далели ин гуфтаҳост. (*www.odob.tj)*.

Дар бахши этикаи касбии журналистӣ садҳо санади байналхалқӣ, минтақавӣ, байнидавлатӣ, миллӣ, идоравӣ, соҳавӣ қабул шудаанд. ЮНЕСКО, Федератсияи байналмилалии журналистон, Ҷомеаи журналистони касбӣ ва ғайра аз пешсафони ин ҳаракатанд. Ҳарчанд СММ дар ин бора санади махсус қабул накардааст, аммо дар аксари асноди марбут ба ҳуқуқи инсон, озодии сухан ва дастрасӣ ба иттилоъ доир ба муаммоҳои ахлоқии фаъолияти журналистон ишораҳо дорад. Профессори Донишкадаи матбуоти Донишгоҳи Порис Клод Ҷин Бертран, ки асноди этикии хеле аз кишварҳоро таҳлилу ташхис ва қиёс кардааст, онҳоро иборат аз се унсури асосии зерин медонад:

«- арзишҳои бунёдӣ, бо шумули эҳтиром ба ҳаёти инсон ва ҳамбастагии инсонӣ;

- мамнӯиятҳои бунёдӣ, аз ҷумла дурӯғ нагӯй, зарари барзиёд нарасон, ва он чиро, ки ба ту тааллуқ надорад, аз худ накун;

- аслҳои журналистӣ бо шумули саҳеҳият, айният ва мустақилӣ» ***[3, 129].***

Муҳимтарин асноди байналмилалиро метавон чунин муаррифӣ кард:

1. **Кодекси касбии шарафи журналистон**ро Федератсияи байналхалқии журналистон соли 1939 дар Конгресси 7-уми Бордо қабул кардааст.

2. **Принсипҳои байналхалқии этикаи журналистӣ** дар Мулоқоти машваратии 4-уми созмонҳои минтақавӣ ва байналхалқии журналистӣ соли 1983 дар Прага қабул гардидааст.

3. **Хартияи озодии матбуот** қатъномаи Конфронси умумиҷаҳонӣ - Садои озодӣ доир ба муаммоҳои сензураро, ки 16 январи соли 1987 дар Лондон баргузор гардида буд, инъикос мекунад.

4. **Эъломияи принсипҳои рафтори журналист** аз тарафи Федератсияи байналхалқии журналистон 25-28 апрели соли 1954 дар Конгресси 2-юми умумиҷаҳонӣ дар Бордо қабул ва 2-6 июни соли 1986 дар Конгресси 17-уми умумиҷаҳонӣ дар Хелсинки ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шуд.

5. **Кодекси меъёрҳои ахлоқӣ** аз ҷониби Ҷомеаи журналистони касбӣ соли 1996 қабул гардидааст.

Дар меҳвари **Кодекси касбии шарафи журналистон** ***(5. 313-314)*** чунин талабот меистанд:

1) *Бовиҷдонӣ*. Журналист набояд дар гирифтани иттилоъ аз роҳҳои ғайришаръӣ истифода барад.

2) *Масъулият*. Журналист барои ҳамаи навиштаҳояш масъулият дошта бошад.

3) *Сареҳият*. Агар журналист пешакӣ донад, ки хабар нодуруст аст, аз чопи он даст кашад.

4) *Эҳтироми факт ва рӯйдод*. Журналист набояд ба таҳриф роҳ диҳад.

5) *Эҳтироми одамон*. Журналист пешдоварӣ накунад, набояд шахсро то ҳукми суд гунаҳкор эълон кунад, шахсро туҳмату таҳқир накунад.

6) *Бошарафӣ, бовиҷдонӣ.* Журналист ба асардуздӣ роҳ надиҳад, иқтибос оварда, ҳатман онро бояд нишон диҳад.

7) *Мустақилият. Масъулияти ахлоқӣ.* Журналист кореро накунад, ки ба эътиқоди худаш зид бошад.

8) *Шарафмандӣ.* Журналист набояд бо гирифтани маблағ манфиатҳои ҳукумат, ин ё он гурӯҳ ё шахсони алоҳидаро ҳимоя кунад. Агар бо ивази маблағ маводе чун реклама омода карда мешавад, аудитория бояд хабардор карда шавад.

9) *Эҳтёткорӣ.* Журналист дар инъикоси масъалаи аҳамияти давлатӣ ё шахсидоштае, ки ба ӯ бовар карда шудааст, бояд эҳтиёткор бошад.

10. *Ҳамраъйӣ.* Журналист ҳангоми фаъолияти касбӣ набояд ба ҳамкасбони худ зарар расонад ва бояд меъёрҳои ҳамраъйии касбиро риоя кунад.

Принсипҳои байналхалқии этикаи журналистӣ ***(5. 314-317)*** ба чунин паҳлӯҳои фаъолият таваҷҷӯҳи хоса дорад:

1.*Ҳуқуқи одамон дар гирифтани иттилоъ.* Одамон на танҳо ба гирифтани иттилоъ ҳуқуқ доранд, балки дар баён доштани ақида низ ҳақ доранд.

2. *Садоқати журналист ба воқеияти объективӣ.* Вазифаи аввалини журналист – додани кафолат ба мардум дар гирифтани иттилоъ тавассути инъикоси воқеияти реалӣ.

3. *Масъулияти иҷтимоии журналист*. Журналист бояд аз рӯйи арзишҳои ахлоқӣ фаъолият намояд ва ӯ на танҳо дар назди муассис, балки дар назди аудитория низ масъулият дорад.

4. *Бошарафӣ ва бовиҷдонии касбии журналист*. Ошкор накардани сарчашмаи иттилоъ(агар зарур бошад) ва асардуздӣ накардан. Барои манфиати шахсӣ аз манфиати умум сарфи назар кардан ба ҳеҷ ваҷҳ норавост.

5. *Ба умум дастрас будани фаъолияти ВАО ва дар фаъолияти он ширкат доштани омма.* Журналист бояд барои ислоҳи хатои худ талош намояд ва ҳуқуқи ҷавоб гуфтанро ба ҳама тарафҳои дахлдор диҳад.

6. *Эҳтироми ҳаёти шахсӣ ва шарафи одамӣ*. Журналист аз таҳқир, туҳмат, айбдоркуниҳои бардурӯғ парҳез намояд.

7. *Эҳтироми манфиатҳои умумӣ:* Журналист бахусус эҳтироми сохторҳои демократӣ ва арзишҳои ахлоқии ҷамъиятро риоя кунад.

8. *Эҳтироми арзишҳои умуминсонӣ ва гуногунфарҳангӣ*. Фаъолияти журналист бояд барои сулҳ, пешрафти иҷтимоӣ, таҳкими адолат, демократия, ҳуқуқи инсон, баробарҳуқуқии халқу миллатҳо, боварӣ дар муносибатҳои байналхалқӣ, мусоидат

кунад. Этикаи касбӣ журналистонро вазифадор мекунад, ки аз созишнома, изҳорот ва қатъномаҳои байналхалқӣ огоҳ бошанд.

9. *Муқобилият ба ҳама зуҳуроте, ки бар зидди инсоният нигаронида шудаанд.* Журналист бояд дар фаъолияташ муқобили амалҳое бошад, ки бар зарари инсоният равона шудаанд.

10. *Мусоидат ба низоми нави байналхалқӣ дар бахши иттилоот.* Журналист ҳагоми фаъолияти касбӣ ба низоми нави байналхалқӣ дар бахши иттилоот ошно бошад ва барои дар амал ҷоришавиашон мусоидат кунад.

Хартияи озодии матбуот ***(5. 317-318)*** асосан (мухтасар) чунин тавсияҳо медиҳад:

1. Ҳама гуна сензура, бавосита ё бевосита, мақбул нест.

2. ВАО-и мустақил дар ҳамаи кишвар озодона ташкил шавад ва фаъолият кунад.

3.Мақомоти ҳокимият набояд воситаҳои иттилоъро ба табъизи иқтисодӣ ё дигаре гирифтор кунад.

4. Давлат набояд дар дастрасӣ ба маводи чопӣ, чопхона, шабакаҳои паҳнкунӣ, каналҳо, дастгоҳҳои РТВ маҳдудият эҷод кунад.

5. Барои фаъолияти журналистӣ монеа набояд бошад, ё барои машғул шудан ба фаъолияти журналистӣ иҷозатнома талаб карда нашавад.

6. Журналистон низ чун дигар шаҳрвандон аз тарафи қонун кафолати дастнорасии ҳаёти шахсиашонро доранд.

Эъломияи принсипҳои рафтори журналист ***(4. 21-22)*** эълом медорад:

1. Эҳтироми ҳақиқат ва ҳуқуқи ҷомеа оид ба донистани ҳақиқат – вазифаи аввалини журналист мебошад.

2. Журналист ҳангоми фаъолияти касбӣ бояд принсипҳои озодӣ дар гирдоварӣ ва нашри иттилоъ, ҳуқуқи шарҳ ва танқидро риоя кунад.

3. Журналист ба сарчашмаҳои маъмурӣ такя кунад.

4. Дар гирифтан ва истифодаи иттилоъ, расм ва аснод танҳо аз усулҳои шаръӣ кор гирад.

5. Журналист барои пешгирӣ ва ислоҳи иттилое, ки нашру пахшаш зарари ҷиддӣ мерасонад, талош кунад.

6. Журналист асрори касбиро риоя карда, сарчашмаи иттилоъро ошкор накунад.

7. Журналист ҳама шакли табъизро бояд маҳкум кунад.

8. Журналист бояд донад, ки асардуздӣ, таҳрифи барқасдонаи факт, туҳмат, таҳқир, айбдоркунии беасос, гирифтани пора дар ҳама шакл барои чоп кардан ё чоп накардани ин ё он мавод вайронкунии ҷиддии меъёрҳои касбӣ мебошанд.

9. Журналист бояд иҷрои принсипҳоро қарзи худ донад. Дар доираи қонунгузории кишвари худ фаъолият намуда, журналист дар ҳалли ин ё он масъала танҳо ба қонун (на ба ҳукумат ё шахси масъул) такя кунад.

Дар **Кодекси меъёрҳои ахлоқӣ** ***(4. 23-24)*** омадааст:

1. Ҳақиқатро ҷӯед ва онро ба мардум расонед.

2. Зарар камтар расонед. Ҷустуҷӯйи хабар барои анҷом додани ҳар амале асос шуда наметавонад.

3. Мустақилона амал кунед. Журналист барои манфиатҳои шахсӣ не, балки барои ҳуқуқи иттилоъгирии ҷомеа масъул аст.

4. Масъулият эҳсос кунед.

Оё ин маъёрҳо дар ВАО риоя мешаванд? Ин суолест, ки касро ба андеша мебарад. Зеро дар ҳама ВАО-и кишварҳои олам меъёрҳои этикаи касбии журналист, ба тавре ки мебояд, риоя ва амалӣ намешаванд.

Барои мисол дар аксари кишварҳои Ғарб ВАО ба табъиз роҳ медиҳанд. Дар инъикоси амалҳои ҷиноятқорона ҳатман аз мансубияти динӣ (аниқтараш мусалмон будан)-и шахси муҷрим таъкид месозанд, ҳол он ки мувофиқи таҳқиқот ҳамагӣ камтар аз 4% ин гуна амалҳо ба мусалмонон рост меоянд. Ё худ дар муносибати ВАО-и Федератсияи Русия ҳамарӯза табъизи динӣ, этникӣ ва шахсии муҳоҷирони мусалмонро дучор шудан мумкин аст.

Мо дар ВАО-и Тоҷикистон риоя нашудани меъёр ва пиринсипҳои этикаи касбии журналистиро низ дучор мешавем. Албатта, бо як нигоҳ наметавон қазоват кард, ки меъёрҳои этикӣ дар ҳама ВАО-и Тоҷикистон пурра мешаванд ё риоя

намешаванд. Риояи меъёрҳои этикаи касбӣ бо шарофатмандӣ ва касбияти роҳбарону масъулини ВАО робитаи ногусастанӣ дорад.

Масалан дар аксари мубоҳисаҳои матбуотӣ одоби баҳс ва одоби сухан риоя намегардад. туҳмат, таҳқир, паст задани шарафи инсонии шахси мухотабро дучор мешавем. Баъзе нафарон масъулияти ахлоқиро аз масъалаи ҳуқуқӣ фарқ накарда, журналистонро ба суд мекашанд. Барои мисол, соли 2011 собиқ номзад ба вакилии Маҷлиси намояндагони МО ҶТ С. Н. муҳаррири «Чархи гардун» Маҳмадалӣ Мақсадуллоро барои нашри хабаре бо номи «Депутатро «говсуд» мекунанд?» ба суд дод, ки ин ҷо масъала ҷанбаи ахлоқӣ дошт, на ҳуқуқӣ. Ё худ нафароне пайдо шуданд, ки байни ақида ва факт фарқ нагузошта, журналисти «Азия-плюс» Ольга Тутубалинаро соли 2013 барои иқтибоси овардааааш аз Ленин ба суд доданд. Ҳол он ки дар Меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ дар Тоҷикистон таъкид гардидааст: «Баёни андешаи ашхос мавриди санҷиш ва бозпурсӣ қарор намегирад» ***(2. банди 4).*** Дар ҳамин замина профессор И. К. Усмонов мегӯяд: «Вазифаи журналистика ақидаро ҳимоя кардан аст. Ҳеҷ кас ва ҳеҷ созмон ҳақ надорад, ки шахсеро барои ақидааш гунаҳгор созад» ***[6, 24].***

Аз ВАО-и мо даҳҳо мисолҳоро овардан мумкин аст, ки пеш аз ҳукми суд шахс гунаҳкор эълон мешавад. Яъне эҳтимолияти бегуноҳӣ сарфи назар мешавад. Масалан, бо номи «ВКД гурӯҳи ноболиғонро бо гумони ғоратгарӣ боздошт кардааст.» хабареро мехонем, ки ҳуқуқи кӯдакон риоя нагардидааст, ному насаби ноболиғон оварда шудааст. (*www.tojnews.tj, 2013. - 21 ноябр)* ВАО-и мо баъзан, ба хотири таъҷилият аз рӯйи гумону тахминҳо пешдоварӣ мекунанд. Рӯзи 20 ноябри соли 2013 якбора 2 хабаргузорӣ – «Озодагон» ва «Азия-плюс» 2 нафар вакили Маҷлиси намояндагони МО ҶТ Махфират Хидирова ва Марҳабо Ҷаббороваро ба вазифаи муовини сарвазир «таъйин» карданд. (http://www.news.tj/ru/node/177455; *www.ozodagon.com, 2013. - 20 ноябр)*. Тавре баъдан маълум шуд, якеашон ба ин вазифаву дигаре ба вазифаи дигар таъйин гардиданд.

Қариб ҳамарӯза мо шоҳиди беэҳтиромии журналистон, барандагон ва наттоқони ВЭА ба аудитория мешавем. Имрӯз нодуруст талаффуз кардани калимаву истилоҳот, хато хондани матнҳо, хандаву амалҳои ноҷо, ишора накардани сарчашма, асардуздӣ (*барномаву гуфторҳое пешниҳод мешаванд, ки калима ба калима, бидуни иловае аз нашрияву маҷаллаҳои имрӯзаву пешин, осори илмиву бадеӣ хонда шудаву аз тариқи эфир чун маводи худи журналист муаррифӣ мешаванд*) барои масъулини барномаву гуфторҳои аксари расонаҳои электронии мо «мӯд» гардидааст: *Вилояти Горковск* ба ҷойи вилояти Горкий, *маҳсулияти падару модар* ба ҷойи масъулияти падару модар. Бахусус, расонаҳои ғайриҳукуматӣ дар ин самт ба вайронкунии меъёрҳои этикӣ бештар роҳ медиҳанд. Ҳатто дар хондани матни асноди расмӣ, фармонҳои Президент, қарорҳои Ҳукумат ва монанди ин наттоқон ба хатоҳои услубиву мантиқӣ роҳ медиҳанд. Мутаассифона, баъди хато хондани калима ё истилоҳ, наттоқе аз аудиторияи хеш узрхоҳӣ намекунад, ки ин ҳам то чӣ андоза ба меъёрҳои этикаи касбӣ ошно будани журналистонро аз ВЭА нишон медиҳад.

Риояи меъёр ва принсипҳои этикаи касбии журналист аз шартҳои муҳим дар фаъолияти журналистӣ ба ҳисоб мераванд. Барои риоя ва иҷро кардани талабот ва принсипҳои этикаи касбӣ журналист бояд назди виҷдони худ масъулият эҳсос намояд.

А Д А Б И Ё Т

1. Авраамов Д.С. Профессиональная этика журналиста/ Д.С.Авраамов. – Издательство Московского университета, 1999. – 221 с.
2. Меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ дар Тоҷикистон. – Душанбе, 2009.
3. Поттер Дебора. Рӯзноманигории мустақил/ Поттер Дебора. – Душанбе, 2011, - 147 с.
4. Профессиональная этика журналиста/ Составитель Казаков Ю. В.- М.: Медея, 2003, - 476 с.
5. Справочник правовая основа журналистики. – Душанбе: Ирфон, 2007, - 471 с.
6. Усмонов И. К. Шарҳи «Меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ дар Тоҷикистон»/ И. К.Усмонов – Душанбе, 2011, - 63 с.

Сайтҳои интернетӣ

[Захираи электроникӣ] www.news.tj/ru
[Захираи электроникӣ] www.ozodagon.com
[Захираи электроникӣ] www.odob.tj
[Захираи электроникӣ] www.tojnews.tj

СОБЛЮДЕНИЕ ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ ЭТИКИ – ВАЖНОЕ ТРЕБОВАНИЕ ЖУРНАЛИСТКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

Статья посвящена одной из важной области профессиональной деятельности журналиста. Автор, опираясь на международные документы, касающиеся данной проблемы, излагает важные моменты журналистской этики в деятельности журналиста. В том числе анализируются основные нормы и требования таких документов, как Профессиональный кодекс чести журналистов, Международные принципы журналистской этики, Хартия свободы печати, Декларация принципов поведения журналиста, Кодекс этических норм и их соблюдение в практической деятельности журналистов. А также в статье исследуется соблюдение норм и принципов международной журналистской этики. Автор на основе достоверных фактах указывает на наличие их нарушения в данном направлении и приходит к выводу, что каждый журналист должен чувствовать ответственность за соблюдение норм и принципов профессиональной этики перед своей совестью.

Ключевые слова*:* журналистика, журналист, СМИ, ЭСМИ, профессиональная этика журналиста, журналистская деятельность, достоверность, добросовестность, ответственность, социальная ответственность, честность, плагиат, аудитория.

MAINTENANCE OF PROFESSIONAL ETHICS - IS THE MAIN TERM OF JOURNALISTIC ACTIVITIES

The Present article is dedicated to one of the actual branch in journalists' professional activities. The author told about the main field of journalists' professional morality and he put into consideration topic related to international facts. Also, assimulated the main subdivisions such as: Journalists' professional moral code; International journalists' ethics principles; Charter of Freedom of Press; Declaration of journalists' ethics principles; Professional moral code in connection to journalists' practice activities. The author came into decision, that every journalist must feel responsibility in observation and fulfillment of standarts and professional ethics principles.

Key words: journalism; journalist; mass media; electronic media; journalists' professional ethics; journalistic activities; the accuracy; integrity; responsibility; social responsibility; honesty; plagiarism; audience.

Сведения об авторе: ***Гулов С.Н.*** – кандидат филологических наук, доцент, докторант ТНУ.
Телефон:**(+992) 93-567-60-35.** Электронная почта: **gulsang@mail.ru**

ФИЛМИ БАДЕӢ ВА ИСТИФОДАИ ҲУҶҶАТ

Д. Бобоев
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Бисёре аз киносенариянависони ҷавони тоҷик кӯшиши фаъоле барои истифодаи ҳуҷҷат дар сохтори асарҳои синамоӣ мекарданд. Онҳо эҳтимолияти публистикии онро дарк карда, илова бар ин аз маҳдуд кардани бадеияти он ҳаросе надоштанд. Масалан, чунон ки А. Аҳроров дар бораи кори Б. Содиқов дар филми «Имоми Аъзам" навишта буд: " киносенарист дар ҳақиқат, илми худро дар асоси масолеҳҳои ҳуҷҷатии аслӣ ва дар асоси масолеҳҳои бойгониҳои шахсии худаш, ҷамъоварӣ карда сохта буд. Вай ҷасурона дар филмнома матнҳои ҳуҷҷатҳои гуногунасл ва гуногунмаъноро дохил кард...

Дар филмҳои аз рӯйи асарҳои гуногун бардоштаи Бақо Содиқов «Имоми Аъзам» ва «Тундбод» бардошташуда хатҳои публистикӣ бо раванди рафторҳо дар услуби воқеӣ қувватдор карда шуда буд, ки чунин шароит ба ҳунарпешагон ва коргардонҳо имкони сохтани якчанд тасвираҳои ғайримуқаррарӣ ва бадеиро медод.

С. Раҳимов дар бораи «Имоми Аъзам», навишта буд, ки "филми Б. Содиқов ягон хусусияти сохтори бадеиро доро набуд" [1,162] ва каме қаблтар: "тарзи гузориши киносенарияи Б. Содиқов «Имоми Аъзам» боз дар кам андозае ("Тундбод"- Б.Д.) метавонист ҳамчун як бадеии кул қабул карда шавад" [2,431]. Дар мавриди аввала, ки ба худи филм дахл дорад, бо С. Раҳимов розӣ шудан мумкин аст: аз рӯйи сабк вай дар ҳақиқат, на он қадар ҳамто дошт. Лекин филм тамоман дигаргун буд: дар он гӯё "омезиши сабкҳо", ки шакли осори саҳнавии публитсистиро, ки дар он хусусиятҳои чунин силсилаи эҷодӣ зоҳир аст, маънидод мекард, иттифоқ ёфта буданд.

Дар байни инҳо – мутолиаи зиндадилона (оптимисти)-и фоҷеа, ки ба намуди намоён дар эзоҳи бағазабоваранда (бонафратона) баён гардида аст, ки дар хотимаи филми "Имоми Аъзам"ба тамошобини дар толор ва назди телевизон нишаста овози

муаззини масҷид равона карда шуда буд. Ашк дар чашмони бинанда, вобаста ба фоҷеабор будани ҳодисаи “Гирдбод”, ки аз рӯйи асари Ч. Айтматов “Зеркунда” бардошта шуда буд, амиқӣ ва ҳаҷмияти иҷроишӣ ва коргардони тасвир ҳалқа мезад. Вале ин маҳз ҳамон равонии публитсистие буд, ки ноумедиро не, балки “хоҳиши фаъолеро барои муборизаи оянда, нобоварии дилсардонаро не, балки ғайрату хашму сабукрӯҳиро” пайандозӣ менамуд, даъват кардан аст, ки гурӯҳи одамони мисли як қабилаи гуногуннажод барои он кӯшиш мекунанд ва ҳатто дар баъзе ҳолатҳо ба муқобили табиат мубориза мекунанд.

Хусусияти таъсирбахши нави чунин спектаклҳои қаҳрамонии публитсистӣ рангу боли таъкидёфтаи тазодии саҳна, вақте ки қаҳрамонон яке паси дигар дар зери садои мусиқии рақсии замонавӣ, ки даҳшатбор аст, маргу зиндагиро пешвоз мегиранд, чун як ҷузъи табиат фавт мекунанд, зиндагӣ мекунанд, буд.

Фавқулоддагии намоёни қисмати аввалаи филм бо содагии фоҷеаовари анҷоми он (ҳисобкунии машҳур бо ангуштон миқдори дар ҳаёт будагонро дар назди рӯди кӯҳӣ) рӯ ба рӯ шуда, тамошобинро бо ҷавоби ҳиссиётии хеле пуртаъсир тасхир мекард

«Тундбод» дар навбати худ бисёр баҳоҳои манфиро ба худ ба вуҷуд овард. Наттоқони на он қадар пухтакоре тарзи гузоришро дар умум ба ҳисоб гирифта, муаллиф ва коргардонро, барои он ки дар филм мақсади олӣ “фалсафаи филм вуҷуд надорад” маломат мекарданд. Лекин ин ғоя аз тарафи худи гузорандаи филм мухтасар ифода гардида буд: “Кино ва намоиши «Тундбод» дорои ғояи ягона: тайёрии шаҳрвандони миллатҳои гуногун, бахусус Тоҷикистон барои муҳофизати миллати худ, сохтори инсонӣ, тайёрии одамони ҷаҳон новобаста ба қурбониҳо барои ғалаба аз болои бадиҳои зиндагӣ, ки гоҳо табиат ва гоҳи дигар одамони бади табиат офарида дар муҳорибаи ногузири одам бо табиат буд.

Дар умум, филмро фазои муборизаи бошиддат ва оштинопазир, ки ҳамаи қисматҳои ихтилотии онро мубориза барои тозагии тафаҳуми муборизи инсон барои зистан бар зидди ҳамаи он чизҳое, ки барои сохтори ин идрок халалрасон буд, дар мадди аввал мегузошт. Агар худи Бақо Содиқов ҳам ин гуногунии услубро қабул медошт, вай фикри муттаҳид кардани онҳоро дар як услуб –синамои саҳнавии муҳорибавӣ барои зиндагӣ дошт. Ихтилофоти сабкии филмҳо аз тарафи Бақо Содиқов бо шарофати қарордоди он дар мавзӯи дутарафаи умумӣ, дар ғояи бузург аз рӯйи маъно ва ҷамъбасти он муттаҳид карда шуда буд.

Бинобар ин, метавон дид, ки тафовути назаррасе байни намоишҳои тарғибу ташвиқотии то ҷанги дохилӣ ва ҳангоми он сохта шуда, филмҳои анъанаҳои ин сабкро давомдиҳанда дар охирҳои солҳои 1992-ум ва аввалҳои солҳои 2010-ум вуҷуд дорад.

Хотимаи музаффариятноки ҷанги дохилӣ хусусиятҳои наверо дар санъат ба вуҷуд овард, ки барои ташаккули сабкҳои публистикии синамоӣ дар мадди аввал тавсифгари ҳодисаҳо воқеӣ шуда буд. Баъзан, дар атрофи ҳуҷҷатҳои пурмазмун ва хусусиятҳои хосдошта, ки дар муҷазбаёнии сохтор, эҳсосоти олӣ ва дигар элементҳои сохтори публитсистӣ дарҷ шудааст, пайдо шуданд.

Тадриҷан, сохтори сужети чунин эҷодиёт озодтар шуданд, тарзи гуфтор амалро, ки дар нумӯи худ барои дарккунонии тамошобин гӯё дар зери на он қадар “кунҷи тези ҳамла”равона гардида буд, ба худ мегирифт. Бештар дар синамо иғрокҳои аёнӣ на танҳо дар эҷодиётҳои ҳаҷвӣ, балки дар баъзе асарҳои қаҳрамонӣ низ мавриди истифода қарор мегирифт.

Элементҳои конструктивӣ бо элементҳои футуристикии тарзи ба расмиятдарории саҳнаи филм ҷойи худро ба андоми сохтори одии бадеии намоиш во гузоштанд. Синамо кӯшиш мекард, ки ҳар чӣ қадар фаҳмотар ва дақиқтар моҳияти асосии ғоя, мазмунро дар асоси кофтуковҳои шаҳодатҳои ҳуҷҷатӣ ба бинанда нишон диҳад. Он монеаи сунъии шартиро, ки байни тамошобин ва саҳнаи синамо (парда, майдончаи аксаран беҳаракати саҳна ва ғайраҳоро) вуҷуд дорад, аз байн бибарад.

Ниҳоятан, хусусияти хоси муҳимми вақт якҷошавии шартҳои иҷрои нақшҳо дар саҳна, элементҳои “мактабҳои азсаргузаронӣ” бо олитарин дастовардҳои сабкии шартан тарғиботии синамо мешавад.

Ҳамчун ин гуногунии сабкӣ ва жанрӣ дар синамои публитсистӣ на он қадар ба мафҳуми муассири саҳнавии филм ё услуби ҳуҷҷатӣ баробарқимат аст. Услубҳои публитсистии он дар имкониятҳо ва тавсифи бадеии муқаддасоти ҷамъиятӣ, ҳуҷҷатӣ, масолеҳи воқеӣ баён мегардад. Ҳақиқатан чунин тавсиф на ҳамеша имконпазир аст, чунки шаҳодати ҳуҷҷатие вуҷуд дорад, ки бо моҳияти худ тафаккури инсонро дар давраи муайяни зиндагӣ дар ҷомеа худ аз худ барандаи маънои аслӣ бошад ва ба шарҳу эзоҳи иловагӣ муҳтоҷ набошад Ҷаҳони муосири даҳшатҳои фашизм, Хиросимаро аз сар гузаронида хеле хуб медонад, ки чунин шаҳодатҳо хотираи таърихӣ мебошанд. Бисёре аз ҳуҷҷатҳо ва ҳақиқатҳо дар филмҳои публитсистӣ дорои “табиати такроршаванда” мебошанд, ки метавонанд якчанд намуди тафсироти гуногунеро баъзан, ҳатто баръаксро дошта бошанд. Масалан, аз рӯйи нуқтаи назари системаҳои сиёсии гуногун вобаста ба ин дорои маъноҳо ва мазмунҳои гуногун мегарданд.

Вобаста ба ин ба системаи К. С. Станиславский ҳамчун ба мактаби аслии санъати саҳнавӣ ҳамчун асоси илмии санъати актёрӣ барои сохтори намоишномаҳои хеле латиф ва бофасоҳат, лекин бо характерҳои психологӣ ва қаҳрамонҳои эҳсосии муассир рағбат зиёд шуд, ки синамои тамоми давлатҳои собиқи шӯравӣ аз ин назар баҳрабардор буда, ҳатто Михаил Ром ин назарро пазируфтааст.

А Д А Б И Ё Т

1. А. Аҳроров, стр. 162.
2. Раҳимов С. Режиссер Мейерхольд/ С.Раҳимов. –М., 1969.– стр. 431.
3. Муратов С.А. Документальный телефильм. Незаконченная биография/ С.А.Муратов. – М.: ВК, 2009.
4. Юровский А.Я. Телевидение – поиски и решения. 2-е издания., доп./ Юровский А.Я. – М., 1983г.
5. Леонтьев А. Спектакль? Нет фильм/ А.Леонтьев, А.Донатов // Лит.газ. 1960
6. Телевидение – это искусство/ Р.Борецкий, А.Григорьян, Л. Дмитриев. –М.,1957 г.

ДОКУМЕНТЫ И ФАКТЫ В ХУДОЖЕСТВЕННОМ ФИЛЬМЕ

Статья посвящена проблемам уместного применения фактологических материалов и документов в художественном фильме. В последние годы в таджикской кинокритике часто стали говорить о художественном фильме Б. Содикова «Имоми Аъзам». Как автору сценария, так и режиссёру удалось на основе различных фактологических материалов и документов создать такой фильм с особой действенностью и ёмким содержанием.

Ключевые слова: фильм, творчество, кино, факты, документ, сценария, кинокритика, телевидение, содержание, биография.

DOCUMENTS AND THE FACTS IN THE FILM

The article is devoted to the problems of the relevance of the factual material and documents in a feature film. In recent years, the Tajik Film Critics often have to talk about the film B. Sodikova "Imomi Azam". As the author of the script and the director managed based on various facts and documents to create a film with great effectiveness and rich content.

Key words: film, art, movies, facts, document, script, film critic, television, content, biography.

Сведения об авторе: ***Д. Бобоев***- кандидат филологических наук, доцент ТНУ

ТЕЛЕВИЗИОН ЧУН ВОСИТАИ ТАШАККУЛИ АРЗИШҲОИ ФАРҲАНГӢ

М.А. Сафарова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Телевизион (аз юн. tele «масофа» ва лот. viseo «дидан») чун васоити паҳнкунандаи ахбор солҳои 30-юми асри XX ба вуҷуд омада, солҳои 60-ум дар баробари матбуот ва радио васоити ахбори оммавии анъанавӣ шинохта гардид. Дар маҷмӯъ ягон дастоварди техникии дигар ба ҳаёти ҳаррӯзаи омма мисли телевизион зуд ворид нашуд ва ба инкишофи ҳамаҷонибаи инсоният мисли он таъсиргузор нагардид.

Набояд фаромӯш кард, ки телевизион яке аз васоити пурқудрати таъсиргузорӣ ба оммаи васеи одамон аст. Аз ин рӯ, давлатҳои абарқудрат ба фаъолияти он аҳамияти ҷиддӣ дода, баҳри таъсис додани телевизионҳои худӣ дар марзи давлатҳои дигар саъй менамоянд, чунки ТВ беҳтарин васоити маҳвкунии мафкураи омма ба шумор меравад ва барои ба даст гирифтани «лаҷом»-и кишвар беҳтарин ва қулайтарин восита аст.

Барои ба нестӣ бурдани номи як миллат ва ё суст кардани пояи давлате кифоя аст, ки омма аз забону фарҳанги миллӣ дур гардад. Дар пояндаву устувории он нақши ТВ муассир аст. Ин воқеият ҳар давлатро водор месозад, то дар инкишоф ва пешрафти телевизионҳои давлатӣ, ки тарғибгари фарҳангу тамаддуни миллӣ мебошанд, чораҳои зарурӣ андешад, то дар муқобили телевизионҳои ғайридавлатии мақсаднокамалкунанда истодагарӣ карда тавонад. Ҷаҳони имрӯза дари иттилоотро ба рӯйи мо боз намудааст. Дигар ҳеҷ гуна сензура сади роҳи паҳншавии ахбор шуда наметавонад. Барои ин, пеш аз ҳама, дар омода ва пахш намудани барномаҳо ба забони миллӣ бояд эътибор дод. «Сиёсати давлатии ҳар миллат оид ба забон самти асосии фаъолияти он аст, махсусан, агар гап сари инкишофи ҳамаҷонибаи фарҳанг ва ҷамъият бошад. Ин самтҳои фаъолияти ҷамъиятӣ ба дигар самтҳои фаъолияти давлат, ки дар пойдориаш мусоидат мекунад, пайваст мебошанд. Сиёсати давлатӣ оид ба забон таъсири бевосита дар инкишоф ва баҳамтаъсиррасонии дигар забонҳо, ки метавонад ҳам ба наздикшавӣ ва ҳам парокандашавии он оварад, мерасонад» [2,43]. Забони давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон забони тоҷикӣ бошад ҳам, аммо ВАО аз забонҳои ғайридавлатӣ низ истифода мекунанд. Ба истиснои забони тоҷикӣ боз бо 4 забони дигар-русӣ, арабӣ, узбекӣ ва англисӣ пешниҳод шудани ахбори телевизионӣ дар шабакаҳои давлатӣ шаҳодати он аст, ки Тоҷикистон на танҳо ба забону миллати худ арҷ мегузорад, балки эҳтироми фарҳангу забони аққалиятҳои миллиро низ ба ҷо меорад. Ин амал беҳтар аз он аст, ки дар телевизион ё шабакаҳои хориҷӣ ё хусусии манфиатдор барномаҳо бо забони тоҷикӣ, вале муқобили ҳукумату фарҳанги тоҷик пахш гарданд. Мисоли он баромадҳои пайдарҳами Додоҷони Атовулло дар арафаи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 2013) буд, ки тариқи шабакаи «К+» пешниҳод мешуд. Аз ин ҷост, ки Иброҳим Усмонов хулоса намудааст: «…фазои иттилоотӣ ба таври табиӣ ҳар қадар худитар монад, ба ҳамон андоза амнияти кишвар беҳтар таъмин мешавад.» [8,95].

Барои пойдории забон, фарҳанг ва тамаддуни миллӣ бояд ҳисси миллӣ ва ватандӯстии ҷавонон баланд бардошта шавад. «Ҳар қадар фарҳанг ва донишу фаҳмиши ҷомеа боло равад, …ҳамон андоза маҳорату тавоноии бештар лозим аст, то ба психологияи ҷомеа таъсир расад» [7,52]. Дар ин ҳол зери таъсири тарғиботи бегона ва фарҳанги аҷнабиён даровардани омма низ дар гумон аст. Дар шабакаҳои телевизионии кишвар ба масъалаи арҷгузорӣ ба фарҳанги миллӣ эътибори ҷиддӣ дода мешавад. Мавҷуд будани идораи барномаҳои фарҳангӣ дар чаҳор шабакаи давлатии Тоҷикистон, ки пайваста намоишҳои фарҳангию фароғатӣ омада мекунанд, шаҳодати он аст. Чизи дигаре, ки имрӯз Муассисаи давлатии ТВ «Сафина» пеша намудааст, дар либоси ровиёни барномаҳои хабарӣ (бо кадом забоне, ки бошад) зам намудани нишонае аз фарҳанги тоҷикон-пораи матои атлас ё дастдӯзии чаканӣ дар костюми ровиён бисёр зебанда аст ва ҳам ҳар нафарро аз тоҷик будани худ хабар медиҳанд. Костагиҳое, ки дар либоспӯшии худи ровиён ҷой дорад, аз рӯйи нишондод боварӣ аст, ки ислоҳпазиранд. Масалан, агар дар оғози фаъолияти ТВ «Сафина» Дилафрӯз Сатторова пайваста бо либоси аврупоӣ ба эфир мебаромад (дар барнома-озмун ё Кастинг), минбаъд дар лоиҳаи «Зебосанам» мо ӯро ҳамеша бо либоси миллӣ медидем. Набояд фаромӯш кард, ки либоси миллӣ ҷузъи ҷудоношавандаи фарҳанг аст.

Дар асри навин ҷавонон бояд бо технологияи навтарин ҳамқадам бошанд. Минбаъд онҳо на танҳо истифодабарандаи технология, балки иштирокчии бевоситаи ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар ба ҳисоб мераванд, ки ВАО, махсусан, телевизион онро инъикос менамояд. Аз ин лиҳоз бояд давлату ҳукумат аз болои фаъолияти воситаҳои ахбори омма, алалхусус васоити техникии ахбори оммавӣ назорати ҷиддӣ бурда, самти фаъолияти онҳоро дар тарбияи дурусти ҷавонон муайян созад, то ки ин насл имрӯзро пазируфта, ба зарбаҳои гуногуни оянда омода бошанд. Ба андешаи Е.П.Прохоров *«культуроформирующая функция заключается в участии прессы в пропаганде и распространении в обществе высших*

культурных ценностей, воспитании людей на образцах общемировой культуры, способствовании всестороннему развитию человека» [5,67].

Телевизион метавонад ҷомеаро дар ҳолати шахшуда нигоҳ дорад ва ё, баръакс, фаъол гардонад. Маҳз ба воситаи ТВ хориҷиён метавонанд бо манзараҳои зебо, забони миллӣ, урфу одат, маросиму анъанаҳо, умуман, фарҳанги як миллат ошно шаванд. ТВ ҷаҳонбинии одамонро васеъ мегардонад: барномаҳое пахш мекунад, ки масъалаҳои муҳимми глобалӣ мавриди баҳс қарор мегирад ва бо чеҳраҳои сиёсию фарҳангӣ ҳамарӯза имкони вохӯрданро медиҳад. Аудитория бояд интихоби дуруст карда тавонад, аммо дар ин интихоб ҳам телевизион мададгори асосӣ аст. Дар сатҳи паст омода кардани барномаҳо тамошобинро маҷбур месозад, ки дар иваз намудани шабака пешдастӣ кунад. Аз ҷониби дигар «робита миёни аудитория ва ВАО-и мушаххас вақте ба амал меояд, ки онҳо ӯро «худӣ» ҳисобанд ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ авторитету таъсиррасонии ВАО-ро дастгирии аудитория ҳисобида тавонанд» (П.С. 32)

Ба маънои «худӣ» на танҳо телевизионе ба назар гирифта мешавад, ки бо забони миллӣ сухан мегӯяд ва ё давлатӣ аст, балки ҳамон шабакае ба инобат гирифта мешавад, ки бо пешниҳоди барномаҳои ҷолибу фактҳои саҳеҳ талаботи аудиторияро қонеъ гардонда метавонад. Дар назди худ суоле мегузорем, ки оё шабакаҳои телевизионии моро аудитория «худӣ» меҳисобанд ё на?

Агар объективона посух гӯем, шабакаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон факту далоили заруриро ба бинандаи худ пешниҳод намекунанд, дар натиҷа бинанда рӯй меорад ба шабакаҳои дигар, ки аз он на танҳо хабар, балки таассуроти гуногун мебардорад: зери таъсири фарҳангу идеологияи бегона қарор мегирад. Чунки «…мамлакатҳои пулу воситаҳои техникидошта аз ҳар кунҷи олам, ахборро пайдо карда, онро аз чорчӯбаи диди сиёсии худ маънидод ва баён намуда, аз нав ба чорсӯйи дун паҳн мекунад. Ба ин васила худи воқеа не, диди дигарҳо дар бораи воқеа баён мешавад» [8,32]. Н. Постман дуруст мегӯяд, ки «мо ҳақиқатро мисли будаш намебинем, балки ҳамон гунае мебинем, ки забонҳоямон ба мо иҷозат медиҳанд, забонҳои мо ин васоити ахбори оммаи мост».

Чаҳор шабакаи давлатии телевизионии Тоҷикистон дар самти тарғиби анъанаҳои миллӣ ва пойдории забони давлатӣ, инъикоси таъриху тамаддуни тоҷикон, баланд бардоштани ҳисси миллӣ ва ватандӯстӣ фаъолият менамоянд ва қариб ҳама барномаҳои таҳия ва пахш намудаашон ба мавзӯъҳои мазкур бахшида шудааст. Барномаи «Сайди маънӣ» (аз «Шабакаи якум») намунаи барҷастаи он барномаҳост, ки муаллиф Давлати Раҳмониён бо мусоҳибони худ аз ҳар мисраи шоирон ё ҳар гуфтаи бузургон маънӣ ҷуста, ба бинанда пешниҳод менамояд. Дар замони муосир бо суҳбати дурудароз бинандаро нигоҳ доштан мушкил аст, вале ҳар нафаре, ки як маротиба «Сайди маънӣ»-ро мебинад, тобеи он мегардад. Барномаи мазкур қодир аст, хислатҳои ботамкинӣ, хушгуфторӣ, эҳтиром ба илму фарҳанг, одоби сухан гуфтан ва сухан шуниданро дар ботини тамошобин тарбият созад.

Барномаи телевизионӣ дар ҳоле маҳбуби тамошобин мегардад, ки самти муайян дошта, бо махсусиятҳои хосса худро муаррифӣ карда тавонад. Наворҳои асл аз ҷойи воқеа ва мусиқии дилкаш бо суханҳои пасикадрии мувофиқ метавонад бинандаро ҷалб созад. Мутаассифона, имрӯзҳо дар намоишҳои худ шабакаҳои давлатии Тоҷикистон аз наворҳои Интернет бештар истифода мекунанд. Ин гуна амалро бештар дар маҷаллаҳои телевизионӣ ва ахбори хориҷ аз кишвар мебинем, ки онҳо аз як ҷониб таъсири намоишро паст кунанд, аз ҷониби дигар фарҳанги бегонаро тарғиб месозанд.

Баъзан, чунин ба назар мерасад, ки журналистон барои пур кардани эфир намоишҳо омода мекунанд, чунки муҳтавояшон бисёр коста аст. Аз ин рӯ, тамошобин бояд аз тамошои намоишҳои сатҳӣ худдорӣ кунад. «Ба кӯдакон ва худамон, яъне калонсолон иҷозат додани тамошои тамоми намоишҳои телевизионӣ, аз филм, ба барномаҳои фарҳангию адабӣ ва омӯзишӣ то ба мусиқиҳои эстрадӣ диди эстетикиро паст карда, мустақилияти адешаро коста мегардонад, ки ин бисёр бад аст» [7,69]. Аммо дар ҳоли ба манфиат ва мақсаднок интихоб намудани тамошои барномаҳо ҷаҳонбинии шахс васеъ гашта, олами нав барояш во мешавад. Чунин намоишҳо, ки метавонанд тарбиятгари шахс бошанд, дар шабакаҳои давлатии мо кам нестанд. Барномаи «Чорсу», «Хонадон», «Аржанг», «Тарроҳ» аз ТВ «Сафина» ва намоишҳои «Беғараз панд», «Хонавода», «Сайди маънӣ» аз «Шабакаи якум» ва

лоиҳабарномаҳову озмунҳои алоҳида, ба монанди «Чакомаи гесу», «Тарроҳ» аз қабили он барномаҳоянд.

Озмуни телевизионии «Чакомаи гесӯ» бо мақсади пойдор намудани анъанаҳои ниёгон ва ҷалб намудани ҷавонон ба фарҳанги либоспӯшии миллӣ, ҳамчунин нигоҳдории гесувони тоҷикона (гесӯвони дароз) ташкил шуда буд. Дар сатҳи ниҳоят баланд гузаронидани он намоиш аз як ҷониб хуб буд, ки ҳадафро ба омма расониданд, аммо аз ҷониби дигар хонандагони макотиби миёна ва олӣ бо мақсади иштирок дар он аз дарсҳои таълимӣ дур монданд. Дар чорабиниҳои васеи фарҳангӣ аз сатҳи ноҳия оғоз карда то ба вилояту ҷумҳурӣ маҳз ҳамин камбудиро мебинем. Масалан, барои дар сатҳи баланд гузаронидани барномаи Наврӯзӣ чандин толибилмон аз дарсҳо дур мемонанд. Ҳамаи ин чорабиниҳо маҳз ба хотири он аст, ки ба воситаи телевизион сатҳи баланди гузариши ид намоиш дода шавад. «Воситаи пурқудраттарин тарғибот чун сирраш ба умум ошкор гардад, яъне дурӯғаш фош шавад, таъсироташро хамон лаҳза аз даст медиҳад [2,119]. Дар навор ҳам баръало маълум мегардад, ки иштирокчиёни чорабинӣ (толибилмон) ноуҳдабароёнаву дили нохоҳам ширкат доранд. Беҳтар мешуд, ки худи намояндагони фарҳанг ва ансамблҳои рақсӣ дар ин гуна чорабиниҳои фарҳангӣ ҷалб шаванд. Дар телевизион ҳам намоиш табиӣ мебарояд.

Муҳаққиқи соҳаи журналистика Иброҳим Усмонов дар замони кунунӣ ВАО - ро ба намудҳои зерин ҷудо намудаанд:

- ҳукуматӣ, расмӣ;
- сиёсӣ, ҳизбӣ;
- хусусӣ;
- соф тиҷоратӣ.

Ҳама намуди ВАО бо вуҷуди самти фаъолият вазифадор аст, ки ба арзишҳои миллӣ эҳтиром гузорад. Дар банди 5-уми «Меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ дар Тоҷикистон» (14.05. 2009) ин нукта зикр гардидааст: «Иффати миллӣ ва эҳтироми фарҳанги ғайр. ВАО ва журналист бояд иффат ва фарҳанги миллиро ҳангоми инъикоси ҳама гуна матолиб пос доранд. Аз тарғиби фисқу фуҷур, ки боиси косташавии иффати миллӣ мегардад, худдорӣ кунанд. Дар нигоштаҳо ба фарҳанги ғайр эҳтиромро риоя намоянд».

ВАО ва журналист аз паст задании қавму миллат, дину мазҳаб ва нажод худдорӣ намуда, ҷаҳонбинӣ ва суннату анъанаҳои дигаронро эҳтиром мекунанд».

Ҳар телевизионе, ки таъсис меёбад, мақсадаш тарғиби аҳдофи муассис аст. Барои телевизиони ҳукуматӣ ҳадафи аслӣ ҳимояи манфиатҳои давлат, фаҳмондадиҳии дурусти сиёсати пешгирифтаи Ҳукумат ва тарғиби фарҳанги миллӣ, ки ҷузъи ҷудонашавандаи сиёсат ва фаъолияти пурсамари давлат аст, мебошад. Чӣ гуна муаррифӣ гаштани давлат маҳз аз фаъолияти телевизион вобастагӣ дорад. Бинобар ин, Ҳукумат бояд барои пешрафти фаъолияти телевизионҳои ҳукуматӣ пайваста чораҳо андешад, то ки ҷомеа ба шабакаҳои шахсии манфиатхоҳ ва шабакаҳои бегона таваҷҷуҳ накарда ва зери тарғиби фарҳанги ғайримиллӣ намонад.

А Д А Б И Ё Т

1. Артюхова *И. С.* Ценности и воспитание/ *И. С.* Артюхова // Педагогика. 1999.- №4. -С.82.
2. Жак Иллюл. Пропаганда/ Жак Иллюл. –Р., 1962.
3. Медеуова Д. СМИ в условиях глобализации/ Д.Медеуова.-Алмааты: Жибек жол, - 2003.
4. Муқим Ҷ. Сиёсат ва ҷанги иттилоотӣ/ Ҷ.Муқим.- Душанбе.-2010
5. Пронина Е.Е. Психология журналистского творчество/ Е.Е.Пронина. –2-издание.-М.:Изд-во Моск.ун-та, 2003
6. Прохоров Е.П. Свобода СМИ в журналистской деятельности/ Е.П.Прохоров. - М., 2001.
7. Рощен. Психология и журналистика/ Рощен. -М.1989.
8. Сапунов Б.М. Культурология телевидения: Основы истории мировой и российской культуры/ Б.М.Сапунов. -М., 1998.
9. Усмонов И.К. Журналистика (чилди 4)/ И.К.Усмонов.-Душанбе-2011.
10. Ушари А.М. Против арабизации/ А.М.Ушари. -Хартум, 1983.
11. Neil Postman, The Disappearance of Childhood — New York: Vintage Books, a division of Random House, Inc., 1994.

ТЕЛЕВИДЕНИЕ КАК СРЕДСТВО ФОРМИРОВАНИЯ КУЛЬТУРНЫХ ЦЕННОСТЕЙ

В данной статье автором телевидение рассматривается как один из действенных средств формирования культурных ценностей. Телевидение как средство массовой коммуникации является одной из действенных форм эффективной трансляции и хранения информации о культурном наследии и инструментом социального и культурного воспитания человека на современном этапе. Оно создает образцы культурных ценностей, и способствует социально-историческому развитию общества.

Ключевые слова: Телевидение, журналистика, культура, аудитория, воздействие культуры на сознание людей, способы передачи информации, эффективное средство, формирование культурных ценностей.

TELEVISION AS MEANS OF FORMATION OF CULTURAL VALUES

In this article the author of the television is considered as one of the most effective means of formation of cultural values. Television as a means of mass communication is one of the most effective forms of effective broadcast and storage of information about cultural heritage and instrument of the social and cultural education of people on the modern stage. It creates patterns of cultural values, and promotes the socio-historical development of the society.

Key words: Television, journalism, culture, the audience, the impact of culture on people's consciousness, ways of information transmission, effective tool for the creation of cultural values.

Сведения об авторе: ***М.А. Сафарова*** – аспирантка очного отделения кафедры телевидения и радиовещания Таджикского национального университета.

ТАФОВУТУ ҲАМРАНГИИ ИСТИФОДАИ ЖАНРҲО ДАР ТЕЛЕВИЗИОНҲОИ ИТТИЛООТИИ «ҶАҲОННАМО» ВА «RUSSIA TODAY»

Далер Иброҳимов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муассисаи давлатии «Ҷаҳоннамо» бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №546 аз 31 октябри соли 2008 таъсис дода шудааст [3]. Самти фаъолияти Шабакаи «Ҷаҳоннамо» таъмини аҳолии ҶТ бо иттилооти фаврӣ ва дақиқ, огоҳ намудан аз навтарин рӯйдоди дохили кишвар ва хориҷи он, тарғиби ғояи ваҳдати миллӣ, демократия, афзалияти арзишҳои миллӣ ва инсонӣ, сулҳ ва башардӯстӣ, мусоидат намудан ба рушди ҷараёни сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии халқҳои ҶТ дар асоси риояи Сарқонун ва дигар санадҳои ҳуқуқии ҶТ мебошад.

Шабакаи “RT” («Russia Today» – аз англисӣ «Россияи имрӯз») нахустин шабакаи телевизионии иттилоотии Россия мебошад, ки ба таври шабонарӯзӣ бо забони англисӣ барнома пахш мекунад. Он 10-уми декабри соли 2005 бо ҷалби 100 рӯзноманигори англисзабон аз ҷониби Агентии давлатии иттилоотии «РИА Новости» бо мақсади «инъикоси мавқеи Россия дар муносибат бо масоили асосии сиёсати байналхалқӣ» ва «огоҳ намудани аудитория бо ҳодисаву воқеаҳои ҳаёти Россия»[4] таъсис дода шудааст.

Телевизион дар тӯли солиёни дароз шакл ва жанрҳои танҳо хоси худашро ба вуҷуд оварда, аз созмони махсуси мавод истифода мекунад. Табиист, ки тарзи пахши ҳамаи барномаҳо як хел нест. Тафовутҳо бениҳоят зиёданд, ҳар як қисмат сохтори хоса, қолабҳо, тарзи махсуси сабт дорад, ҳар як жанр маъхази таҳаввул, сарчашмаи пайдоиш, унсурҳои вижаи жанрсоз дорад. Ба гуфтаи муҳаққиқон Нуралиев А., Усмонов И., Саъдуллоев А. ва П. Гулмурод жанрҳои журналистикаро метавон ба се гурӯҳ табақабандӣ намуд:

1) жанрҳои хабарӣ;
2) жанрҳои таҳлилӣ;
3) жанрҳои публитсистӣ-бадеӣ.

Байни жанрҳои ахбории телевизион хабар нуфузи бештаре дорад ва онро муҳаққиқон ба намудҳои гуногун тақсим намудаанд: хабари васеъ, хроника ва хабари кӯтоҳ. Хроника аз маъмултарин жанрҳо маҳсуб мешавад. Аслан хроника

кӯтоҳтарин намуди хабар аст. Бо вуҷуди ин жанри дигаре мавсум ба хабари кӯтоҳ вуҷуд дорад. Вале муҳаққиқ Ҷовид Муқим хроника ва хабари кӯтоҳро як намуди жанри хабар медонад.

Хроника ҳамчун хабар ба саволҳои чӣ? кай? дар куҷо? посух мегӯяд ва хислати вижаи он фаврият ва мухтасарбаёнист. [1,11] Дар телевизиони «Ҷаҳоннамо» хроникаҳо бештар дар сатри равонҷой дода мешаванд. Тамошобин дар баробари дидан ва шунидани навигарӣ аз телевизион, инчунин дар поёни экран матнро хонда метавонад. Аммо ин матн пурра нест, балки як ҷумла аст, ки ба се саволи асосии жанри хабар: «чӣ? (кӣ?)», «кай?» ва «дар куҷо?» ҷавоб мегӯяд.

Хроника дар сатри равони шабакаи «RT» низ ба мушоҳида мерасад. Хабарҳои муҳимтарин ва фаврии рӯз ҳамзамон бо шарҳи васеъ тавассути навор, бо як ҷумла дар сатри равони ин шабака ҳам пешниҳод мегардад. Масалан, рӯзи 11-марти соли 2012, соати 15-13 ба вақти Москва дар зерхати «RT» ин хабарро хондан мумкин буд:

Vladimir Putin confirmed as Russia's president elect, after securing a comfortable win in the poll. (*Владимир Путин дар пайи ғалабаи мутлақ дар интихобот ҳамчун президенти тозаинтизоби Русия эътироф гардид.*) [5]

Дар шабакаҳои «Ҷаҳоннамо» ва «RT» хроникаро боз дар як ҳолати дигар вохӯрдан мумкин аст. Вақте ки барномаи хабарӣ шурӯъ мешавад, наттоқи барнома пеш аз шарҳу тавзеҳи ҳодисаҳо бо нидои «ин соат дар барнома» ё «сархати ахбор» мавзӯҳои баррасишавандаро муаррифӣ мекунад. Ин тарзи муаррифии сужаҳоро дар телевизион «анонс» мегӯянд. Анонси як мавзӯи барномаи хабарии шабакаи «ҷаҳоннамо»-ро аз назар мегузаронем:

Мамнӯияти иштироки Аҳмад Шафиқ дар интихоботи президентии Миср бекор карда шуд. [6]

Анонс як қолаби муайян надорад ва шаклу услуби пешниҳоди он ба журналист вобаста аст. Анонс асоси барнома ё мавзӯро ташкил медиҳад, ки мақсади пешниҳоди он ҷалби бинанда барои то охир тамошо кардани барнома аст. Дар он мумкин аст, чизе гуфта шавад, ки аҳамияти хабарӣ надошта бошад. Аз ин хотир, мо гуфта наметавонем, ки тамоми анонсҳои телевизион дар жанри хроника навишта мешаванд. Танҳо анонси барномаҳои хабарӣ ба талаботи жанри хроника мутобиқат мекунанд, зеро дар меҳвари онҳо навгонӣ, факти нав мавҷуд аст.

Вазифаи аввалиндараҷаи жанри хабар иттилоъ додан, ё худ ибрози факт мебошад. Таҳияи хабар бояд бо сабки ҳарами воруна сурат гирад. Яъне, дар аввали хабар бояд, иттилои муҳим гуфта шавад. Дар шабакаи иттилоотии Тоҷикистон – «Ҷаҳоннамо» аксар хабарҳо бо ин сабк навишта мешаванд. Сабаб дар он аст, ки ин хабарҳо дар асл ба усули «пирамидаи чаппа» таҳия гардида, дар телевизионҳои хориҷӣ пахш шудаанд. Хабарҳои мазкурро аз ин расонаҳо гирифта, ба тоҷикӣ тарҷума мекунанд. Тавре пажӯҳиш нишон дод, дар «Ҷаҳоннамо» дар вақти инъикоси масъалаҳои дохили кишвар низ ин сабк риоя мегардад. Танҳо дар баъзе мавридҳо иттилои муҳим ва асосӣ дар охири матн гуфта мешавад. Хабар кӯтоҳбаёниро тақозо менамояд. Аз ҳамин сабаб як ҷиҳати ҷаззобии хабар воқеа бошад, аз тарафи дигар, вобаста ба маҳорати хабарнигор аст. «Ҳангоми оғоз боз он чизро дар назар дошт, ки хабар бояд аз ягон фикри мароқовар сар шавад, аз суханҳои аввал хонанда фаҳмад, ки моҳияти навигарӣ дар чист...» [2,52]. Бинобар ҳамин хабарнигор бояд донад, ки навиштани хабарро аз куҷо ҳусни оғоз бахшад. Аксари кулли хабарҳо дар шабакаи «RT» ҳам бо сабки ҳарами воруна навишта мешаванд. Маълумоти асосӣ, факти асосӣ дар аввал гуфта мешавад ва фактҳои дувумдараҷаю сеюмдараҷа пас аз он ҷой мегиранд.

Як камбудии журналистони телевизионҳои Тоҷикистон аз он иборат аст, ки дар навиштани хабар аз обуранги бадеӣ ва ташбеҳу дигар санъатҳои бадеӣ истифода

мебаранд. Дар хабар истифода кардан аз санъатҳои бадеӣ комилан мухолифи талаботи жанр аст. Хабар кӯтоҳбаёниву муъҷазгуфториро меписандад. Пардоз додани сухану сафсатаи зиёд хоси ин жанр нест ва беҳунариву ноогоҳии муаллифро бозгӯ мекунад. Ин гуна хабарҳоро дар инъикоси рӯйдодҳои вобаста ба ҷашни Наврӯз дар «Ҷаҳоннамо» дучор омадем. Бемории ба маводи иттилоотӣ зам кардани бадеияту ба кор бурдани суханони бадеӣ дар репортажҳои ин шабака ҳам ба чашм мерасад, ки умуман, қобили қабул нест. Аз ҷумла, имрӯзҳо инъикоси корҳои сохтмонӣ дар нерӯгоҳи «Роғун» бо ҳамин шева сурат мегирад.

Чизи дигарро бояд зикр кард, ки дар телевизионҳои Тоҷикистон ҳангоми барномарезӣ аҳамиятнокӣ ва ҷолибияти хабар ба назар гирифта намешавад ва аксаран хабарҳо аз иттилои расмӣ шурӯъ мешаванд. Ин албатта, таваҷҷуҳи бинандаро ҷалб намекунад.

Гузориш яке аз жанрҳои паҳнгашта, амалкунанда ва барандаи телевизион аст.

Дар шабакаҳои телевизионии «Ҷаҳоннамо» ва «RT» репортаж жанри аз ҳама серистеъмолтарин ба шумор меравад. Рӯйдоду воқеаҳои рӯз дар ин ду шабака қабл аз ҳама дар қолаби ин жанр инъикос карда мешаванд. Аммо истифодаи ҷузъиёти жанр дар репортажҳои ду шабака махсусият ва фарқияти худро дорад. Дар шабакаи «Ҷаҳоннамо» навъи дуюми репортаж – таҳриршуда бештар ба назар мерасад. Мухбирони он ба ҷойи ҳодиса рафта, ҷараёни онро ба навор мегиранд ва ба студия омада, репортаж омода месозанд. Танҳо ҳангоми баргузории чорабиниҳои муҳимми сиёсии ҷумҳуриявию байналмилалӣ дар қаламрави кишвар бо истифода аз дастгоҳҳои шабакаҳои дигар гузоришҳои мустақим дар шабакаи «Ҷаҳоннамо» пахш мегардад. Масалан, рӯзи 27-уми марти соли 2012 мухбирони шабака якчанд маротиба аз рафти баргузории конфронси байналмилалии «RECCA» дар шаҳри Душанбе мустақиман гузориш доданд. Аммо ин гуна ҳолатҳо шояд дар давоми сол ангуштшумор бошанд. Дигар воқеаву рӯйдодҳо ба пуррагӣ аввал сабту баъдан инъикос карда мешаванд.

Дар шабакаи «RT» бошад, аз ҳарду навъи гузориш – мустақиму таҳриршуда қариб баробар истифода мебаранд. Хабарнигорони шабака ҳам аз дохили Россия ва ҳам берун аз он ба таври мустақим воқеаву рӯйдодҳои рӯзро инъикос мекунанд. Масалан, 27-уми марти соли 2012 дар барномаи «News»-и соати 12:00 наттоқи барнома дар хусуси баргузории ҷаласаи сарони давлатҳои ҷаҳон оид ба масъалаи яроқи ҳастаӣ дар Кореяи Ҷанубӣ хабар дода, мустақиман бо хабарнигори шабака дар ин кишвар Ирина Галушка тамос барқарор мекунад.

Дар шабакаи иттилоотии «Ҷаҳоннамо» репортаж бештар дар инъикоси масоили дохили кишвар ба кор бурда мешавад. Мухбирони шабака имконияти таҳияи гузоришро танҳо дар дохили ҷумҳурӣ доранд ва асоси гузоришҳои онҳоро воқеаву навигарии кишварамон ташкил медиҳад. Барои инъикоси ҳаводиси хориҷи кишвар гузоришҳои шабакаҳои хориҷӣ тарҷума карда мешаванд, аммо на ба пуррагӣ. Онҳо бо истифода аз чанд репортаж барои шабакаи худ хабар ё нигориш омода месозанд ва наметавон маводи хориҷии дар «Ҷаҳоннамо» пахшшударо репортаж гуфт. Мухбирони шабака пас аз сафар кардан ба ин ё он кишвар аз мамлакатҳои хориҷӣ репортаж таҳия мекунанд, аммо ин хеле кам ба мушоҳида мерасад.

Дар барномаҳои иттилоотии шабакаи «Ҷаҳоннамо» жанри мусоҳиба, табсира, хулосаи матбуотӣ ва мухбирнома хеле кам истифода мешаванд. Дар барномаҳои омоданамудаи идораи таҳлилӣ ва гурӯҳи эҷодии «Ирам» истифодаи жанрҳои мусоҳиба, табсира, хулосаи матбуотӣ, мухбирнома хеле фаровон буда, ҳатто жанри очерк дар шабакаи «Ҷаҳоннамо» ба кор бурда мешавад. Масалан, барномаи «Аз рӯзгори ситораҳо» аз жанри очерки портретӣ истифода намуда, дар ҳар барнома

роҷеъ ба ҳаёт ва фаъолияти як ҳунарпешаи машҳури синамои ҷаҳонӣ маълумот медиҳад. Барномаи «Фариштаи меҳр» дар хусуси ҳаёту фаъолияти занони фаъолу пешсафи ҷумҳурӣ омода мегардад.

Жанри нигориш бошад, дар барномаҳое, ки хислати ҷамъбастӣ доранд, истифода мешавад. Барномаҳои «7 рӯзи кишвар» ва «7 рӯзи олам» дар доираи ин жанр таҳия мегарданд.

Барномаҳои «Матбуоти ҷаҳон» ва «Рӯйдодҳо ва расонаҳо» бошанд, ба жанри хулосаи матбуотӣ, барномаи «Тафсири рӯз» ба табсира, барномаҳои «Суоли рӯз» ва «Тоҷикистон аз чашми дигарон» ба як намуди мусоҳиба - назарпурсӣ мутобиқат мекунанд.

Дар барномаҳои иттилоотии шабакаи «RT» бошад, жанри мусоҳиба хеле зиёд истифода мешавад. Пас аз пахш шудани гузоришҳои хабарӣ наттоқ дар студия истода, бо таҳлилгарону коршиносон аз ҳар гӯшаи ҷаҳон дар тамос мешавад ва ба суолҳои худ вобаста ба ин ё он мавзӯъ посух мегирад. Ғайр аз ин барномаҳои алоҳидае мавҷуданд, ки ба талаботи ин жанр мутобиқат мекунанд. Аз ҷумла, барномаҳои «Interview» (мусоҳиба) ва «CrossTalk» (чорсӯ) дар қолаби мусоҳиба пахш мешаванд. Жанри суҳбат ҳам дар ин шабака хеле серистеъмол аст. Журналистон, ки ҳамзамон коршиносону таҳлилгарони хуби ин ё он соҳа мебошанд, бо мусоҳиби худ атрофи мавзӯъ баҳс мекунанд ва мавқеи худро равшан менамоянд. Аз ҷумла, барномаи «Spotlight» (прожектор)-ро метавон суҳбат гуфт.

Бар хилофи «Ҷаҳоннамо» дар «RT» аз жанри шоу (ҳангома) ҳам истифода мебаранд: «The Alyona Show» (шоуи Алёна) ток-шоу дар хусуси воқеаҳои асосии Амрико буда, «Prime Time Russia» (вақти асосии Россия) шоу оид ба ҳодисаҳои муҳимми Россия аст.

Ҳамзамон, дар дар барномаи «XL Reports»-и Телевизиони «Russia Today» омехтаи жанрҳои тадқиқоти журналистӣ ва репортаж ба назар мерасад.

Аз ин мавзӯъ метавон хулоса кард, ки истифодаи жанрҳои журналистика дар ду шабакаи телевизионии мавриди таҳқиқ ба ҳам монанд аст, аммо корбурди жанрҳоро бо касбияти баланд мо бештар дар шабакаи телевизионии «RT»-и Россия дучор омадем. Зеро мухбирони «RT» аксаран тамоми ҷузъиёти жанрҳоро риоя намуда, ҳангоми таҳияи мавод кӯшиш менамоянд, ки тамоми маҳорати худро ба кор баранд. Дар телевизиони «Ҷаҳоннамо» бошад, на дар ҳама мавридҳо ба риояи талаботи жанрӣ диққат медиҳанд ва барномаҳо аз касбияти баланд бархурдор нестанд. Таҷрибаи «RT» дар ин замина метавонад барои шабакаи телевизионии ватанӣ ибратомӯз бошад.

А Д А Б И Ё Т

1. Саъдуллоев А. Жанрҳои журналистикаи радио / А. Саъдуллоев, С. Гулов. - Душанбе, 1997.
2. Журналистикаи советии тоҷик /А. Нуралиев, А. Саъдуллоев, И. Усмонов, У. Гулмуродов. - Душанбе: Ирфон, 1989.

Манобеъ:

3. [Захираи электроникӣ]www.jahonnamo.tj
4. [Захираи электроникӣ]www.lenta.ru/news/2005/06/06/channel/
5. Сатри равони ТВ «RT». - 2012. - 11 март
6. Анонси «Хабар». // ТВ «Ҷаҳоннамо». - 2012. - 26-апрел

РАЗНИЦА И СХОДСТВА ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ЖАНРОВ НА ТЕЛЕВИЗИОННЫХ ИНФОРМАЦИОННЫХ КАНАЛАХ «ДЖАХОННАМО» И «RUSSIA TODAY»

В данной статье автор попытался выявить разницу и сходства использования жанров журналистики на двух информационных каналах - информационном телеканале Таджикистана «Джахоннамо» и информационном англоязычном канале России -«RT». Автор пришёл к выводу о том, что использование информационных жанров на этих двух телевизионных каналах практически одинаково, тогда как организация работы разная и имеет свою специфику. Также тематике профессионализма журналистов в применении жанров уделено большое внимание.

Ключевые слова: телевидение**,** информация, Джахоннамо, RT, жанр.

DIFFERENCE AND SIMILARITIES OF USING GENRES IN THE INFORMATIONAL CHANNELS OF "JAHONNAMO" AND "RUSSIA TODAY"

This article was determined to research the differences and similarities of using journalistic genres in two informational TV channels - "Jahonnamo" and English TV news network of Russian Federation -"RT".

The researcher has come to a conclusion to use the news genre more in these two TV networks, however the practical method in the mentioned channels have their own features and differences. At the same time attention is paid to the theme of proffesionalism of journalists over the use of genres.

Key words: Television, information, Jahonnamo, RT, genre.

Сведения об авторе: ***Иброхимов Далер*** **-** аспирант кафедры международной журналистики Таджикского национального университета. Телефон: **(+992) 93-534-60-67.** Электроная почта: **d.ibrohimov@mail.ru**

ИНЪИКОСИ ВОҚЕОТИ СИЁСИИ МИСР ДАР РӮЗНОМАИ «АЛ-АҲРАМ»-И ИН КИШВАР

Фарзона Исмоилова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

«ал-Аҳрам» пас аз газетаи «Ал-Вақоеъ-ал-Мисрия» (1828) қадимтарин рӯзномаи кишвари Миср ба шумор меравад.Ин рӯзнома зиёда аз 135 сол аст, ки дар кишвари Миср бо ҳамин ном фаъолият мекунад. Гарчанде «Ал-Аҳрам» аз ҷониби муҳоҷирони лубнонӣ, бародарон Салим ва Бишор Тклаҳо соли 1875 таъсис ёфта бошад ҳам, он имрӯз яке аз бонуфузтарин рӯзномаҳои давлатии Миср ба шумор меравад.Редаксияи рӯзнома дар ибтидо дар шаҳри Искандария буд, аз соли 1899 то имрӯз он дар шаҳри Қоҳира нашр мешавад. Солҳои тӯлонӣнависандаи мисрӣ, дорандаи ҷоизаи Нобелӣ Наҷиб Маҳфуз дар «ал-Аҳрам» фаъолият мекард.Рӯзномаи «ал-Аҳрам» ҳаррӯз бо теъдоди 900000 ҳазор нусха бо формати А2 чоп мешавад.Ҳамчунин замимаҳои рӯзномаи мазкур бо забони англисӣ бо номи «AI-AhramWeekly» ва бо забони фаронсавӣ бо номи «Al-AhramHebdo» нашр мешавад. Сармуҳаррири рӯзнома айни замон рӯзноманигор Асъома Сурая мебошад. «ал-Аҳрам» рӯзномаи давлатӣ буда, имрӯз яке аз машҳуртарин рӯзномаҳои мисрӣ ба шумор меравад.

Оғози инқилобу даргириҳо ва ҳамоишҳои зиддиҳукуматӣ дар ҷумҳурии Мисри Араб (25 январи соли 2011) барои рӯзноманигорони мисрӣчизи нав набуд, зеро қабл аз шурӯи ин нооромиҳо дар матбуоти кишвар алакай мақолаҳои зиддиҳукуматӣ пайдо шуда буданд. Албатта, бо ворид шудани тағйирот дар системаи сиёсии кишвар мавқеъ ва ҷонибдории қисми зиёди рӯзномаҳову рӯзноманигорон дигар мешавад. Газетаи давлатии «ал-Аҳрам» дар ин воқеаҳо яке аз аввалинҳо шуда мавқеашро иваз кард ва 25-январи соли 2011 якумин шуда дар бораи бетартибиҳо дар майдони «Таҳрир» хабар нашр кард. «Озодии баён»-е, ки «ал-Аҳрам» дар ин давра ба даст оварда, дигар на танҳо ҳукумати Ҳусни Муборакро дастгирӣ намекард, балки мавқеашро тамоман тағйир дода, аз ҷониби муқобил дастгирӣ мекард.

То авҷгирифтани ин нооромиҳо дар ВАО-и Миср дар бораи ҳаракати «Ихвон-ул-муслимин» (бародарони мусулмон) иттилоъ пахш кардан ва ё чизе навиштан манъ буд.Аммо рӯзномаи «ал-Аҳрам» қабл аз шурӯи инқилоб дар бораи ин ҳаракат чанд иттилоъ нашр кард. Аз ҷумла, дар як хабараш навишта буд: «Роҳбари ҳаракати «Ихвон-ул-муслимин» гуфтааст, бо ноиби президент ҳамон вақт мулоқот мекунад, ки Ҳусни Муборак истеъфо диҳад» [6]. Ҳатто дар бораи даҳҳизби дигаре, ки дар ин нооромиҳо иштирок доштанд, газетаи мазкур маводи гуногун нашр мекард.Дар рӯзнома мусоҳибаҳо бо ҳазорон иштирокчиёни ин инқилоб аз ҳизбу табақаҳои гуногун ва нафарони саршиноси ҷомеа нашр мешуд.

Бояд гуфт, ки жанри мусоҳиба дар қатори хабар яке аз жанрҳои серитстеъмол дар рӯзномаи «ал-Аҳрам» башумор меравад, бахусус пас аз сар задани нооромиҳо дар Миср.Журналисти америкоӣ Дебора Поттер дар китоби худ «Независимая журналистика» менависад: «Аз ҳама чизи асосӣдар мусоҳиба, ин савол аст» [1,5].

Ҳамчунин муҳақиқони журналистикаи тоҷик А.Саъдуллоев ва М.Шоев менависанд: «Баҳсу ҷадал бо мусоҳибашаванда то ҳудуде, ки ба огаҳии мардум аз дидгоҳи он шахс кӯмаке кунад, хуб ва писандида аст, аммо бештар аз он мушкилзо мешавад» [4,57]. Рӯзноманигорони газетаи «ал-Аҳрам» низ дар инъикоси таҳаввулоти сиёсии Миср аз ин жанр хеле фарох истифода мекарданд ва ҳамчунин саволҳоро кӯтоҳу бо маврид ба мусоҳиб пешниҳод менамуданд.Масалан, бад аз як моҳи нооромиҳо дар рӯзномаи «ал-Аҳрам» мусоҳибаи рӯзноманигори газета бо профессори Донишгоҳи Қоҳира Айлам Саламӣнашр шуд. Рӯзноманигор савол медиҳад:

-Аз нигоҳи шумо чун як ҳуқуқшинос ва устоди фанни ҳуқуқ Ҳусни Муборак гунаҳгор аст, ё не?

-Ӯро мо наметавонем ба ягон гуноҳ муҷрим ҳисоб кунем, ба ҷуз аз хиёнат ба ватан , чунки то ҳол ягон гуноҳаш ба пуррагӣ собит нашудааст.

-Оё фармони ба эътирозчиён оташкушойҷиноят нест? Барои ин гуноҳаш ӯро баҳабс кашидан мумкин нест?

-Мувофиқи қонун фармон додан барои оташ кушодан ба эътирозчиён ҷавобгарӣ дорад, аммо барои гунаҳгор кардани Ҳусни Муборак ба ин ҷиноят далелҳои аниқ барои мо лозим аст.Масалан, сабти садои Муборак барои оташ кушодан ба иштирокчиёни тазоҳурот, шоҳидҳо, ташхиси вазъи рӯҳии президент дар ҳолати фармондеҳӣ ва монанди ин факту арқоми зиёд лозим аст…» [6].

Албатта вазифаи муқаддаси ҳар як журналист, ки дар шароити низоъҳои ҳарбӣ фаъолият дорад, ин аст, ки ба таври объективӣҳодисаро тасвир намуда, мавқеи ягон тарафро ҳимоя накунад [3,146]. Вале дар ин замон дар хабару мусоҳибаҳои «Ал-Аҳрам» чунин ба назар мерасид, ки онҳо тарафдорӣ аз ҷониби муқобил мекарданд.Ин рӯзномаи давлатие, ки то оғози ин ҳодисаҳо танҳо ба Муборак «сано бод» мегуфт, пас аз чанд моҳи нооромиҳо ва «гунаҳгор» эълон гардидани Ҳусни Муборак, ба таққиқи гуноххои ӯ пардохт.Масалан, 15 апрели соли 2011 рӯзномаи «ал-Аҳрам» навишта буд: «Раванди суди Ҳусни Муборак на кам аз як сол идома мекунад» [7]. Ин дар ҳолест, ки аз оғози нооромиҳо дар кишвари Миср ду сол сипарӣ шуда бошад ҳам то ҳол суд ҳукми қатъие дар бораи собиқ президент Ҳусни Муборак набаровардааст. Албатта, як фактро метавон чанд хел тафсир кард ва афкори ҷомеаро ба вуҷуд овард. Дар он вақт ҳамаи мардум интизори он буданд, ки кай ҳукми Муборакро мебароварда бошанду ӯро чи гуна ҷазо медода бошанд. Аз ин рӯ дар бораи «Суди Муборак» мавод нашр кардан хонандагони рӯзномаро боз ҳам зиёд мекард.

Аммо дар хабари дигараш рӯзнома боз ҷонибдории Муборакро карда, менависад: «Дар радиову телевизион ва рӯзномаҳои мисрӣ дарҷ шудааст, ки собиқ президент Ҳ.Муборак муроҷиатнома ба мардуми Мисрро омода кардааст, ки дар он аз мардум бахшиш мепурсад ва хоҳиш мекунад, ки мардум гуноҳашро бахшанд ва ӯ ҳозир аст, ки аз тамоми сарваташ даст кашад. Аммо адвокти президент ин хабарро рад кард. Бояд гуфт, ки Муборак ба ғайр аз як бӯстонсарой дар Шарм-ал-шайх ва 6 миллион фунт, ки онро дар муддати 62 сол ҷамъ овардааст, дигар чизе надорад» [7].

Бо оғоз шудани таҳаввулоти сиёсӣ дар ин кишвар мавқеи рӯзномаи мазкур иваз шуда бошад ҳам, аммо як навъ ҷонибдорӣ ё бо ҳасрат ёд кардан аз ҳукумати Ҳусни Муборак дар рӯзнома дида мешавад. Дар хабаре, ки 6 декарри соли 2011 ин рӯзнома нашр кардааст, дар бораи ташкили ҳукумати нави Миср сухан меравад, аммо рӯзноманигор дар охир боз аз системаи сиёсӣ ва ҳукумати Муборак ёдовар мешавад: «Сарвазири мамлакат Камол Алганҷурӣ таъсиси ҳайъати ҳукумати нави Мисрро ба охир расонид. Вазифаи аввалиндараҷаи ҳукумати нав-таъмини амният, беҳ кардани вазъи иқтисодӣ ва таъмини аҳолӣ бо ҷойи кор мебошад.Бояд гуфт, ки пас аз пош хӯрдани режими Ҳусни Муборак вазъият дар кишвар бисёр бад шуд ва то ҳол нафаре мисли ӯ пайдо нашудааст, ки ҳатто амниятро таъмин намояд» [6].

Муҳаққиқи журналистикаи тоҷик И.Усмонов дуруст гуфтааст, ки васоити ахбори омма вазифадор аст, ки сиёсати давлатро инъикос намояд ва таврe инъикос намояд, ки он ба татбиқи манфиати миллӣ мусоидат намояд [4,237]. Аммо рӯзномаи «ал-Аҳрам» на манфиатҳои миллиро ҷонибдорӣ мекард, балки вобаста ба тағйир ёфтани вазъи сиёсӣ ҷонибдорӣ аз тарафи муқобил ва ҳукмронҳои давр мекард. Қисми зиёди рӯзномаҳои мисрӣ, аз ҷумла «ал-Аҳрам» баъди инқилоб сабаби ноороміро дар сари қудрат будани Ҳусни Муборак медонистанд, аммо баъди сарнагун шудани Ҳукумати Муборак боз ҳамин рӯзноманигорон аз ноороміи вазъият ва бепарвоии роҳбарон нисбати ин ноороміҳо хабар медоданд.

«Дар маркази Қоҳира даргирист, ҳукуматдорон қуҷоянд? Мардум дар кӯчаҳои шаҳри Қоҳира ҷамъ омада, гирдиҳамоӣ мекунанду яке дигареро мекушаду хунрезӣ мекунад, куҷост ҳукумат? Чаро садди роҳи ин ноороміҳо гирифта намешавад? Задухӯрд лаҳза ба лаҳза авҷ мегирад. Мардум аз ин тазоҳурот дар шигифт шуда, мегӯянд: «Куҷост ҳукумат? Куҷост вазири корҳои дохила? Ҳангоми интихобшуданашон онҳо ваъдаи барпо кардани оромиро дода буданд. Акнун ки ба вазифа интихоб шуданд, чаро раҳми мардумро намехӯранду дар чунин лаҳзаҳои ноором дар утоқҳои кории худ менишинанд?» [7]. Аз навиштаи газетаи мазкур маълум аст, ки аз сари қудрат рафтани Муборак ва ба сари қудрат омадани Муҳаммад Мурсӣ натавонист вазъиятро ором кунад. Яъне аз инқилоби Миср се сол гузашта бошад ҳам вазъият дар ин кишвар ҳанӯз ҳам ноором аст.

Бояд гуфт, ки дар қатори хабарҳои сиёсӣ боз аз камбудию норасоиҳо ва харобиҳое, ки дар натиҷаи ин ноороміҳо ба вуқӯъ омаданд, рӯзномаи «ал-Аҳрам» хабар медод. Аз ҷумла, дар як хабараш навиштааст: «Бо сабаби инқилоб ва ноороміҳо дар кишвар фурудгоҳҳо аз фаъолият боз монданд, ки ин хеле зарари калонро ба бор овард» [7].

Дар хабари дигар бошад менависад: «Бо сабаби ин ноороміҳо дар Миср 28 корхонаи маводи ғизоӣаз фаъолият боз монданд, ки дар натиҷа 24 ҳазор нафар беҷойи кор монданд. Ин корхонаҳо 30 % маводи хӯрокаи аҳолии Мисрро таъмин мекарданд. Инак, боз як корхонаи дигарро бастанд, ки боз ҳазорон нафари дигар бекор монданд». Чунин хабарҳо аз натиҷаҳои инқилоб дар Миср дар ҳар шумораи ин рӯзнома дида мешуд.

Бояд гуфт, ки қисми зиёди рӯзномаҳои мисрӣ хабарро аз сомонаи рӯзномаи «ал-Аҳрам» ё бевосита дар такя ба хабари худи рӯзнома мегиранд. Чунин ба назар мерасад, ки гӯё «ал-Аҳрам» мисли қабл аз инқилоб ахбори аниқ ва сареъро ба онҳо пешниҳод мекунад. Аммо ҳарчанд рӯзномаи мазкур иттилои саривақтиро ба мардум расонад ҳам, аммо бад аз инқилоб мавқеи он дигар шуда буд. Инъикоси воқеаҳои сиёсии Миср дар рӯзномаи «ал-Аҳрам» ба таври бояду шояд ба роҳ монда шуда бошад ҳам, мавқеъгирӣ ва ҷонибдории ин ё он ҷониб дар маводи рӯзнома ба чашм мерасад. Дар ҳама маврид рӯзнома ва рӯзноманигор бояд аз мавқеи омма ҷонибдорӣ намояд ва баҳри ҳифзи манфиатҳои миллӣ ҳамеша кӯшиш кунад.

А Д А Б И Ё Т

1. Дебора П. Независимая журналистика.-дастури таълими / П.Деборра.-ГД США,2006.-96 с.
2. Муҳимов Љ. Сиёсат ва чанги иттилоотї: монография /Љ. Муҳимов.-Душанбе: Деваштич, 2006.- 71 с.
3. Усмонов И. Журналистика. Қ. 3: дастури таълимї / И. Усмонов.- Душанбе, 2008.-С. 400 с
4. Полетаев Э. Рӯзноманигории байналхалқӣ: роҳнамо барои муалифон аз Осиёи Марказӣ.-Душанбе,2005.-300 с.
5. Саъдуллоев А. М. Шоев: дастури таълими /Саъдуллоев А. М. Шоев.-Душанбе,2006.- 150 с.

Манобеъ:

6. [Захираи электроникӣ] http: // WWW.Al-Ahram. Org.eg.-2011
7. ал-Аҳрам .-2011-2013

ОСВЕЩЕНИЕ КОНФЛИКТНОЙ ПОЛИТИЧЕСКОЙ ОБСТАНОВКИ ЕГИПТА В ГАЗЕТЕ «АЛ-АХРАМ»

В данной статье описанны о конфликтной политической обстановки Египта в изданиях газеты «Ал-Ахрам» в годы 2011-2013.

Ключевые слова:революция, газета, политическая система, новости, журналист.

THE REFLECTION OF POLITICAL CONVERSION OF EGYPT IN THE NEWSPAPER «AL-AHRAM»

In the mentioned article the reflection of political conversion of Egypt in the newspaper «Al-Ahram» in the years 2011-2013.

Key words:revolution, newspaper, political system, news, journalist**.**

Сведения об авторе: ***Исмоилова Фарзона*** **–** аспирантка и факултета журналистики ТНУ.

РАДИО: ОМӮЗИШ, АХБОР ВА ТАВСЕА

Муҳсин Ризоӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Радио ба унвони василае барои дарёнавардӣ, мақсадҳои низомӣ, сиёсӣ ва истифодаҳои иҷорӣ шурӯъ ба кор кард, лекин аз ҳамон ибтидои амр таваҷҷуҳи ҷӯяндагони саргармиро ба худ ҷалб кард. Дар ҳоли ҳозир, расонаи кӯчак ва қобили тааммули ҳамл аст, ки бидуни ниёз ба савод ва маълумоти мухотаб қодир аст, муҳимтарин ахбор ва иттилоотро дар ихтиёри ӯ қарор диҳанд. Пеш аз он ки радио ба гунаи фарогир қобили истифодаи мухотабон дар маконҳои мутааддиде ҳамчун хона, автомобил, маҳалли кор, хиёбон ва ғайра бошад, аз ду ҷиҳати дигар бар соири расонаҳо бартариро дошт, ки иборатанд аз:

1. Интиқоли сареъ ва билфосилаи паём ва хабар;
2. Пӯшиши васеъ.

Радио бар замон ва макон ба роҳатӣ ғалаба мекунад ва монеаҳои аз ин дастаро аз миён бармедорад, паём ва хабари радио дар ҳамон лаҳзае, ки пахш мешавад, шунида ҳам мешавад. Амвоҷи радио ба роҳати аз монеаҳои мухталиф дар саросари ҷаҳон убур мекунад. Ба ҳамин далел, радио аз як вижагии муҳим, яъне байналмилалӣ будан ҳам бархурдор аст ва василаи муносиб ва таъсиргузор барои интишори ахбор ва иттилоот дар саросари як кишвар, як минтақа ё ҷаҳон ба шумор меравад. Ҳамон гуна ки гуфта шуд, ба далели қобили истифода радио дар миёни бесаводон ё камсаводон расонаи муносиб барои интиқоли паём ва хабар маҳсуб мешавад. Барномаҳои радиоӣ басуръат ба ҳавзаи хусусии зиндагии мухотабон нуфуз мекунанд ва барои ҷавомее, ки аввалин бартарии иртиботии онҳо иртиботи шифоҳӣ аст, метавонанд, беҳтарин расонаи хабарӣ, таблиғӣ, тафреҳӣ, омӯзишӣ маҳсуб шавад. Истифода аз радио маҳдудияти замонӣ надорад, яъне дар аксари соатҳои шабонарӯз метавон онро шунид, танавӯи барномаҳои он барои мухотаб ҷолиб аст ва дар ниҳоят қимати он нисбат ба соири василои иртиботи ҷамъӣ ҳамчун телевизион муносибтар аст.

Радио. Радио беҳтарин василаи эҷоди иртибот бо мухотабони пароканда ва ноҳамоҳанг аз назари фикрӣ ва фарҳангӣ дар марзҳои миллӣ ва байналмилалӣ аст. Истифодаи ҳамагонӣ аз ин васила ва қимати поёнии он дар муқоиса бо телевизион радиоро ба яке аз муносибтарин расонаҳои гурӯҳӣ барои ҷалби таваҷҷуҳи мардум ба хабари расона ва паёмҳои таблиғотӣ ва муаррифии анвои коло, хадамот ва маҳсулот табдил кардааст. Сарфи замони андак барои гӯш додан ба як хабар ва ё огаҳии бозаргонӣ дар радио имкони танаввӯи паёмҳои хабарии таблиғотиро ба мухотабони мухталиф бо алоқ ва салиқаҳои гуногун фароҳам мекунад.

Ҳамчунин, истифода аз мусиқӣ ва афзоиши қудрати тахайюли мухотабон ба ҳангоми шунидани паёмҳои хабарӣ, бозаргонӣ ва таблиғотӣ ҷозибаҳои таблиғ дар ин расонаро афзоиш медиҳад. Радио дар ҳадди аъло ба сурати (Расонаи тудаҳо) даромадаст. Лекин аз назари наҳваи истифодаи густурдае аз он дар заминаи иҷтимоӣ ва фарҳангӣ пешрӯй дорад.

Коркардҳои радиоӣ. *Радио ба унвони як расонаи бонуфуз, коркардҳои мутааддиде дар ҷомеа дорад, ки дар ин ҷо ба муҳимтарини онҳо ишора мешавад:*

1. Суръати интиқоли паём.
2. Эҷоди таҷассумсозӣ дар зеҳни мухотаб.

3. Адами ихтилол дар фаъолиятҳои дигар ба ҳангоми гӯш кардан ба радио.
4. Нуфузи равонии боло дар мухотабон.

Барномаҳои радиоӣ. *Барномаи радиоро метавон ба гурӯҳҳои зерин тақсим намуд:*

1. Иттилоотӣ-омӯзишӣ. 2.Саргармӣ-тафреҳӣ.

1). Иттилоот ба ду сурат хабарӣ ва умумӣ ироа мешавад. Иттилооти умумӣ муҷиби афзоиши маълумоти умумии мухотаб мешавад ва заруратан мабнӣ бар замон нест. Иттилооти хабарӣ иттилооте аст, ки аз аҳамияти вижае бархурдор мебошад ва муртакиби замон аст.

2). Барномаи омӯзишӣ ба ду сурат классик ва ғайриклассик аст. Омӯзиши классик омӯзише аст, ки ба наҳваи бо омӯзиши расмии кишвар иртибот дорад ва ё ба он ёрӣ мерасонад. Монанди дарсҳои фалсафа, кимиё, риёзӣ, физика ва ғайра.

Барномаи омӯзишии ғайриклассикӣ барномаҳое ҳастанд, ки муҷиби афзоиши кароии афроди мухталифи ҷомеа дар иртибот бо масоили мухталиф мешаванд. Монанди омӯзишҳои беҳдоштӣ, дарахткорӣ, ҳифзи муҳити зист, беҳдошти кӯдак ва кишоварзӣ.

Саргармӣ ва тафреҳӣ

3. Ироаи паём аст ба манзури эҷоди оромиши хотир, оромиши фикр, шодмонӣ ва эҷоди рӯҳия ба дур аз ҳар гуна лағв ва беҳудагӣ дар мухотаб ва ҳамчунин, эҷоди омодагӣ барои пазириши масъулиятҳои фардӣ, иҷтимоӣ ва ҷилавгирӣ аз ба ҳадар рафтани вақти фароғати мардум.

Нигориши хабари радио. *Хабар чист? Хабар гузориши бетарафона, дақиқ ва дар айни ҳол саҳеҳ ва айнӣ аз як рӯйдод аст. Хабар эълом ва баёни воқеаҳои ҷолиби зиндагии иҷтимоӣ ва нақли ақоид ва афкори умумӣ аст. Хабар гузориши айнӣ аз воқеиятҳост, ки дорои як ё чанд арзиши хабарӣ буда ва эҳтимолан таҳти таъсири омилҳои дарунсозмонӣ ва бурунсозмонӣ шакл гирифтааст.*

Аносири хабар. *Аносири хабар дарвоқеъ сутунҳои аслие аст, ки хабар бар он устувор мешавад ва нақшаи хабарро ташкил медиҳанд. Теъдоди онҳо 6 унсур аст, ки се унсур бо (к) ва се унсури онҳо бо (ч) оғоз мешавад. Додани ҷавоби муносиб, ба ин 6 унсур ва шаффоф кардани онҳо дар хабар, ба комил будан ва ҷомеъ будани он меафзояд. Аносири хабар ба ин шарҳ мебошад:*

1. Куҷо? 2. Кай? (чи касе)? 3. Кай? (чи вақт)? 4. Чӣ (чӣ чизе)? 5. Чаро? 6.Чӣ гуна (чӣ тавр)?

Арзишҳои хабариро, ки хабарнигори радио бояд дар ҳофиза дошта бошад, ба шарҳи зер мебошад:

1. Дарбаргирӣ. 2.Шуҳрат. 3. Бархурд, Ихтилофҳо, тазодҳои ҷисмонӣ ва фикрӣ. 4. Истисноҳо ва шигифтиҳо. 5. Бузургии фаровонии теъдод ва миқдор. 6. Муҷовирати ҷуғрофиёӣ ва маънавӣ. 7. Тозагӣ ва замони рӯйдод.

а) Дарбаргирӣ: рӯйдоди дорои арзиши хабарӣ дарбаргирӣ аст, ки бар теъдоди фаровоне аз афроди ҷомеа таъсиргузор бошад ва аслан муҳим нест, ки ин таъсир мусбат ё манфӣ, мустақим ё ғайримустақим бошад. Масалан, хабаре марбут ба саршумории умумӣ тамоми афроди ҷомеаро дар ҳар кишвар дар бар мегирад.

б) Шуҳрат: ашхос, ашё ва ниҳодҳое, ки дорои шӯҳрат ҳастанд, арзиши хабарӣ доранд. Масалан, дар арсаи сиёсӣ шахсиятҳое, монанди Обама, Путин, Э. Раҳмон, аммо дар арсаи фарҳангӣ, Ҷонмуҳаммад Шакур, А. Фирдавсӣ Рудакӣ, дар асраи варзишӣ қаҳрамонон, дар арсаи иҷтимоӣ ихтирокунандагон ва афроди нухбаи машҳур, ҳамчунин бурҷи Эфил, ҳайкали Сомонӣ, ниҳодҳо, радио ва телевизиони Русия, ББС форсӣ.

в) Бархурдҳо, ихтилофҳо ва тазодҳои ҷисмонӣ ва фикрӣ: ин гуна аз рӯйдодҳо ҳовии гурӯҳҳо, муҳит ва миллатҳо рух медиҳад. Ин бархурдҳо ба шакли инсон, алайҳи инсон, инсон алайҳи муҳит ва инсон алайҳи табиат, табиӣ ва ҳаводиси марбут ба ҳаёти ваҳш қобили пайгирӣ ҳастанд. Ахбори марбут ба сирқат, қатлҳо, ҷангҳо, тасодуфҳо, зилзилаҳо ва ғайраҳо. Аз ин қабил хабарҳо (бархурдӣ) ба шумор меоянд. Масалан, даргирӣ дар шаҳри Душанбе, оташгирии бозор «Корвон».

г) Истисноҳо ва шигифтҳо: ин навъ рӯйдодҳо ба хотири ғайриоддӣ ё аҷиб ва истисноӣ будан аз арзиши хабарӣ бархурдоранд. Мисол, пиртарин марди ҷопонӣ ё ҳиндӣ дар синни 130 солагӣ ҳамчунон сарзинда аст. Кӯдаки 5 солаи тоҷикистонӣ ҳофизи ҷузъӣ сиюми «Қуръон» шуд.

д) Бузургӣ ва фаровонии теъдоди хабар: Ин арзиши хабарӣ умдатан ба ададҳо ва рақамҳо марбут мешаванд, фарқе намекунад, ки ин арқом марбут ба чист? Мисол,

марги 100 нафар дар асари сукути ҳавопаймо, ё марги 20 нафар дар асари тасодуф. Теъдоди корбарони феесбук аз марзи нимиллиард нафар гузашт.

е). Муҷовирати ҷуғрофиёӣ ва маънавӣ:

1. Мухотабони расонаҳо тарҷеҳ медиҳанд, ки ибтидо аз хабарҳои марбут ба маҳалла, шаҳр, кишвар ва кишварҳои ҳамҷавори худ иттилоот касб кунанд. Муҷовират ба лиҳози арзиши хабарӣ дар ду шакл мавриди гузиниш қарор мегирад.

2. Маънавӣ: мисол ахбори марбут ба Афғонистон ва Эрон барои Тоҷикистон аз аҳамияти ҷуғрофиёӣ бештар аст.

ё) Тозагӣ ва замони Рӯйдод: донистани ин ки рӯйдод дар куҷо ва дар чи замоне ба вуқӯъ пайвастааст, дар ҷаҳон рақобатҳои хабарӣ аҳамияти вижае доранд. Ҳар андоза, ки вуқуи рӯйдод ва дарҷи он ба унвони хабар наздиктар бошад, хабар тоза хоҳад буд. Мисол, то ним соати дигар Конфоронси хабарии Э. Раҳмон ва В. Путин дар Душанбе баргузор мешавад, рӯзи якшанбе пахши зиндаи маросим.

Тафовути хабари радиоӣ ва телевизиони бо рӯзномаҳо

1. Гуфторҳои радиоӣ ва телевизионӣ барои гуфтан ва шунидан навишта мешаванд ва матнҳои мактуби рӯзномаҳо барои хондан.

2. Хабарҳои радиоӣ ва телевизионӣ дар як пахши хабарӣ, фақат як бор пахш мешаванд ва такрор намешаванд, дар ҳоле, ки дар як рӯзнома имкони мурури дубораи хабарҳо вуҷуд дорад.

3. Рӯзномаҳо метавонад чизҳое, ки таваҷҷуҳи ҳамагонро ҷалб намекунад, чоп кунанд. Аммо дар телевизион ва радио наметавонад, аз ин сутун ба он сутун ва аз ин саҳифа ба он саҳифаи дигар биравад. Ӯ бояд ахборро ҳамчуноне ки ҷараён дорад, бипазирад. Теъдоди мухотаб ва бинандагони радио ва телевизион аз тиражи рӯзномавӣ бештар аст.

4. Имкони архиви хабарҳои рӯзнома бо хазинаи кам ва дар натиҷа дастрасии умум вуҷуд дорад, дар сурате, ки архиви хабарҳои радио ва телеизион барои мухотабон имконпазир нест ва хазинаи бисёр зиёде ниёз дорад.

5. Хабарҳои радиоӣ ва телевизионӣ бояд сода ва равон буда ва аз луғоти душвор дар онҳо парҳез шавад, дар сурате ки дар хабарҳои рӯзнома, чунончи луғоти душвор вуҷуд дошта бошад, имкони муроҷиат ба фарҳанги луғат вуҷуд дорад.

6. Хабарҳои радиоӣ ва телевизионӣ бояд кӯтоҳ бошанд, то дарк шаванд. Дар сурате ки хабарҳои рӯзномаҳо бояд тӯлонӣ бошанд, бо дубора хондан дарк мешаванд.

7. Мухотабони радио ва телевизион ақшори мухталифи мардуми як ҷомеа ҳастанд, ки мумкин аст, баъзан савод низ надошта бошанд. Дар сурате, ки мухотабони рӯзномаҳо бояд аз саводи кофӣ барои мутолеа бархурдор бошанд.

8. Нигориш барои радио тавсифитар аз нигориш барои телевизион аст.

9. Гуфторҳои радиоӣ бо телевизионӣ бояд сиҳат, назм, тартиб ва эҷоз дошта бошанд.

Маҳоратҳои нигориши хабар. *Нигориши хабар тавоноиҳои маҳоратҳои вижаӣ дорад, ки таваҷҷуҳ ба онҳо зарурӣ аст:*

1.Тасаллут бар мавзӯи хабар. 2. Ошноӣ бо фунуни хабарӣ. 3.Туннависӣ. 4.Дурустнависӣ. 5.Равоннависӣ. 6.Соданависӣ. 7.Хулосанависӣ. 8.Гузиниши муносиби иттилоот. 9.Таъйини ҳаҷми муносиби иттилоот.10.Навиштани омор ва арқом.

Дар нигориши хабари радиои бояд, нукоти зерро мавриди назар қарор дод:

1. Баёни тавсифии хабар: чун мухотаб саҳнаи рӯйдодро мушоҳида намекунад (ба монанди тасвир), аз ин рӯ гузоришгар бояд гузориши худро нисбат ба хабари телевизион сабтшуда таҳия кунад, то мухотаби эҳсоси дар саҳнаи кунад.

2. Баёни муҳоваравӣ: матолиби хабар бояд ба таври муҳоваравӣ баён шавад, на дар қолиби расмӣ.

3. Аз калимаҳое, ки ёдоварикунандаи муҳит бошад, истифода шавад. Масалан, агар аз ҳузури ҷамъият суол мешавад, сару садои ҷамъият низ дар гузориш вуҷуд дошта бошад.

4. Аз калимот ва иборате истифода шавад, ки битавон бо ҷилваҳои савтии онҳоро мустанат кард.

5. Дар радио калимот ва иборате барои гуш навиша мешаванд, на бар чашм ва бояд ба ин диқати муҳим шавад.

6. Баёни сода аглаб дар нуқоти рустоӣ ва дар ҷойҳое, ки имкони дастрасӣ ба барқ низ вуҷуд надорад аз радио баҳра гирифта мешавад. Аз ин рӯ, бояд талош шавад, хабари радио бо ибороти сода ва қобили фаҳм нигориш шавад.

Хабарнигорӣ дар радио ва телевизион. Хабарнигорӣ аз ҷумлаи корҳои муҳимми ва калидӣ дар расона ба шумор меравад ва ҳар чи кадар даврумони фаъолияти расона густурдатар бошад, хабарнигорӣ дар он расона аҳамияти зиёде дорад. Хабарнигори радио ва телевизион ба тавоноиҳо, огоҳиҳо ва чирагии хос ниёз дорад. Дар асри ҳозир, ки ду расона, радио ва телевизион ҷаҳонро низ сейтараи худ гирифтаанд ва воқеае дар кӯтоҳтарин замон ба тамоми нуқоти кураи замин мухобира мешавад, дастандаркорони расонаҳо ҷойгоҳи вижае барои хабар ва интишори он қоил ҳастанд ва аз он ба унвони абзор ва аҳроми муассир барои пешбурди манофеи худ истифода мекунанд.

Аз ин рӯ, омӯзиш ва тарбияти хабарнигорон ва гузоришгарони чирадаст ва тавоно барои расонаҳо аҳамияти зиёде дорад, ва маъмулан, ҳазинаҳои калоне барои онҳо масраф мекунанд. Ба тавре ки эъзоми хабарнигор ба пойтахти як кишвари хориҷӣ солона ҳудуди 200 ҳазор доллар ҳазина дорад, ҳуқуқ ва ҳазинаи телефон ва телеграф низ маблағи калоне ба ҳамроҳ дорад, ки пардохти он аз назари иқтисодӣ бесарфа нест.

Таърифи хабарнигорӣ. *Фардест, ки бо истифода аз манобеи хабарӣ вазифаи таҳияи гузориш (мактуб, савтӣ ва тасвирӣ), комил, ҷомеъ ва қобили пахш аз як воқеаро ба уҳда дорад.*

Вижагиҳои хабарнигор

1. Муносиб будани тунд ва лаҳни садо.
2. Ҷаззоб будани чеҳра ва қиёфа.
3. Қудрати баён.
4. Тавоноии нигориш.
5. Мусаллат будани забони меъёр.
6. Ошноӣ бо маҳоратҳои иртиботӣ.
7. Тунднависӣ.
8. Огоҳии сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ.
9. Ошноӣ бо масоили байналмилалӣ.
10 . Таҳсилоти донишгоҳии муносиб.
11. Ошноӣ бо як забони байналмилалӣ.
12. Ҳушу дарки воло.
13. Ҷисму равони солим.
14. Тавоноии истифода аз таҷҳизоти хабар.

Сохтори хабар дар радио. *Хабари радио аз аҷзои мухталифе ташкил шудааст:*

1. Гуфтори матн: тавсифе аз иттилоот ва вижагиҳои рӯйдоди гузоришгар аст ва абъоди хабарро баён мекунад.

2. Мусоҳиба (масъул, коршинос ва мардум): шомили гуфтугӯ бо мақоми масъул, коршиноси барнома ё гуфтугӯ бо шоҳидони рӯйдод аст.

3. Мусиқӣ: аз мусиқӣ ба унвони зерсадо ё дар фосилаҳои хабар дар радио, он ҳам ба нудрат истифода мешавад.

4. Ҷилваи савтӣ: муҳаққиқон садои воқеиро садое донистаанд, ки бояд аз ҷисми садодиҳанда шунида шавад, бе он ки ба дунболи ин далел бошанд, ки онҳо ба чи сурат ба вуҷуд омадаанд.

5. Садо: омили зиндасозии тасовири филм аз тариқи наздик кардан ва пайвандонаи онҳо ба воқеият аст ва дар бинанда нисбат ба филм майл эҷод мекунад. Гарчи ҳофизаи шунавоӣ, тавоноии камтаре дар ҳифзи садо дорад, аммо ба таври кулли қувваи тахайюли он бештар аз чашм аст. Мо дар қиболи он чи мебинем, ҳисси ташхис ва тафкики қавитар дорем. Дар ҳоле ки гуш садоҳои ноошно ва ғайривоқеиро пеш аз чашм мепазирад ва нисбат ба такрори онҳо таҳаммули бештаре дорад.

Аҳдофи шашгонаи муҳандисии хабар. *Муҳандисии хабар 6 ҳадафи умда ва калидиро дунбол мекунад: аҳдофе, ки бояд ба таври ҳамзамон дар фароянди тавлид ва пахши хабар таҳаққуқ ёбанд. Ин аҳдоф шолудаи асосии маҳсули хабаранд, ки бо таҳаққуқи онҳо бистари муносибе барои таҳия ва ироаи хабар эҷод мешавад. Аҳдофи шашгонаи муҳандисии хабар ба шарҳи зер аст:*

1. Ҷомеънигарӣ. 2. Пурборсозӣ. 3. Навоварӣ. 4. Кайфият.5. Суръат. 6. Баҳрварии муҳандисӣ.

Хабар як тарҳи корбурдӣ аст, ки метавонад барои дастандаркорони хабарии расонаҳо, бахусус хабари радио ва телевизион муфид воқеъ шавад. Нигоранда бар ин бовар нест, ки ин тарҳ ҷомеъ ва монеъ аст, балки фатҳи бобеанд, ки ночиз дар ин замина медонад. Иҷрои ин тарҳ дар хатти тавлид ва пахши бисёре аз барномаҳои хабарии радио ва телевизион дар муддати ду сол таҷриба, арзёбӣ ва натиҷаи дилхоҳе оид шудааст. Шояд мухотабони ин тарҳ, ки маъмулан дастандаркорони хабари расонаҳо ҳастанд, дар ин тарҳ бар ҳасби зоҳир, кундаи кори хабар талаққӣ кунанд. Вале ин бовар саҳеҳ нест ва ин тарҳ роҳкорҳои истифодаи ҳушмандона ва олимона аз манобеи мухталиф ва замонро таъйин мекунад ва раъйи куллияи дастандаркорони хабар, бахусус радио ва телевизион натоиҷи дур аз интизориро ба армуғон меоварад.

Хулоса, радио бисёре аз мардумро самимона таҳти таъсир қарор медиҳад. Як навъ таъсири рӯдаррӯст, ба василаи радио нависанда, гӯянда ва шунаванда дар дунёи иртиботии воҳид ва муштараке қадам мегузорад. Ин ҳамон ҷанбаи фаврӣ ва самимонаи радио аст, ки метавонад як навъ таҷрибаи хусусӣ ва шахсӣ низ ба ҳисоб ояд.

Радио қудрати амиқ дорад, ки нохудогоҳ асар мегузорад ва ҳамаи чиз ва ҳама касро дар бар мегирад. Радио метавонад фикрҳои иҷтимоиро як созад, қудрати радио ба тавоноии таблҳо ва шайпурҳои ақвомҳои гузашта шабоҳат дорад.

Бо ин ҳама ҳанӯз бисёре аз нависандагони барномаҳои радиоӣ ба он чи бо ин васила метавонанд анҷом диҳанд, огоҳӣ надоранд. Дар миёни ҳамаи васоили иртиботи ҷамъӣ радио ҷойгоҳи вижае дорад, ин васила ба далели технологияи сода ва низ зиёд будани он метавонанд, дар он воҳид бо милионҳо нафар иртибот барқарор кунад. Баст ва густариши ҳаракатҳои тавсеавӣ дар ҷаҳон ҳамроҳ бо анбӯҳи нерӯи инсонии корсоз ҷиҳати таҳаққуқи ҳадафҳои мавриди назар, радиоро бо унвони абзори тавонманд, ки қудрат аз сахттарин роҳҳо ва ҳатто аз марзҳои ҷуғрофиёӣ ва низ нуфуз дар марзҳои қавмӣ ва қабилавиро дорост матраҳ сохта ва андешаи соҳибназарон ва ковишгаронро дар истифодаи беҳина аз ин васоил ба худ машғул доштааст.

Ҳамчунин пешрафтҳо ва таҳаввулоти васеъ бар тамомии заминаҳо ва зарурати интиқоли навовариҳо ба ҷомеаҳои суннатӣ ва ақибмонда, радиоро ба унвони абзори корсозӣ, ки метавонад, дар ҷиҳати пароканда намудани ёфтаҳои илмӣ ба кор гирифта шавад, бар сари забонҳо андохтааст. Радио яке аз маъмултарин ва корбурдатарин васоили иртиботи ҷамъӣ дар кишварҳои дар ҳоли тавсеа ба шумор меояд. Дар ин кишварҳо радио тавонистааст бо тавлид ва пахши барномаҳои муносиб ҳаракатҳои тавсеавиро шиддат ва қувват бибахшад. Ва ҳатто дар ин замина нақши аввалро доро бошад. Тавсеаи кишоварзӣ, рукни муҳим ва таъйинкунандае дар тавсеаи иқтисодии Тоҷикистни дар ҳоли тавсеа ба шумор меояд ва мусталзами ба коргирии василаи мутмаин ва қобили дастрасии нигариши иттилоот дар ҷомеаҳои рустоӣ ва коркунони бахши кишоварзӣ аст. Дар ин ҷо боз радио беш аз соирин матраҳ аст. Радио ба унвони василаи арзон ва ҳидоятгар дар аксари кишварҳо барои таҳақуқи ҳадафҳои тасеаи кишоварзӣ ба кор гирифта мешавад. Нақши муассири барномаҳои радиоиро дар тавсеаи кишоварзии кишварҳое чун Эрон, Ҳинд, Канада ва вузӯҳ мавриди баррасӣ қарор дода шуда, ба ин натиҷа расидаем аз он ҷойе, ки барномаҳои радиоии кишоварзӣ яке аз осонтарин ва низ асарбахштарин равишҳои барқарории иртибот барои тавсеаи кишоварзӣ ва иқтисоди кишвари Тоҷикистон ниҳояти истифодаро бурда ва кишвари Тоҷикистонро аз ақибмондагии иқтисодӣ наҷот дод.

А Д А Б И Ё Т

1. Аҳмади Хотунободӣ. Радио ва иртибототи тавсеавӣ / Аҳмади Хотунободӣ -Теҳрон: Интишороти Суруши, 2008.
2. Ҳуҷҷатуллоҳи Аббосӣ. Усули корбурдии хабарнигорӣ ва хабаррасонӣ дар радио / Ҳуҷҷатуллоҳи Аббосӣ -Теҳрон: Интишороти Суруш, 2006.

3. Сайимуҳаммади Додгарон. Мабонии иртибототи ҷамъӣ / Сайимуҳаммади Додгарон -Теҳрон: Интишороти Марворид, 2007.
4. Насрини Доной. Расонашиносӣ / Насрини Доной. -Теҳрон: Интишороти донишгоҳи илми-корбурдӣ, 2005.
5. Муҳаммадалии Ҷаҳонбахш. Иттилоърасонӣ ва таблиғоти фарҳангӣ / Муҳаммадалии Ҷаҳонбахш -Теҳрон: Интишороти донишгоҳи илми-корбурдӣ, 2006.

РАДИОВЕЩАНИЕ: ИЗУЧЕНИЕ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ И РАЗВИТИЕ

В данной статье автор рассматривает деятельность радиовещания, а также его значение в жизни современного общества. Радиовещание давно стало атрибутом жизни современного человека. Миллионы слушателей с помощью радиовещания ежедневно приобщаются к мировой культуре, узнают последние новости. Радио дает иной уровень и качество общения, а также большую свободу. Радио было и остается главным источником информации.

Ключевые слова: радио, аудитория радио, работники радиостанций, особенности работы, общение с людьми, вещание, информационная деятельность радио, публицистика, организация передач на радио.

BROADCASTING: THE STUDY OF THE ACTIVITIES AND DEVELOPMENT

In this article the author considers the activities of broadcasting, as well as its value in the life of modern society. Broadcasting ago became an attribute of modern life. Millions of listeners with broadcasts daily attached to the world culture, learn the latest news. Radio gives a different level and quality of communication, as well as greater freedom. Radio was and remains the main source of information,

Key words: radio, radio audience, employees of radio stations, especially the work, communication with people, broadcasting. information activities, radio, journalism, organization of programs on the radio.

Сведения об авторе: ***Мухсин Ризои*** – аспирант факультета журналистики ТНУ

АБРЕШИМ ДАР ЧИН

Сулаймони Усмон
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Чиниён дар бораи пайдоиши абрешим ва равиши истеҳсоли он афсонаву ривоятҳои зиёдеро боқӣ гузоштаанд, ки оғози он тибқи ишораи онҳо ба даврaҳои хеле бостонӣ, ҳатто ба чор аср пеш аз Туфони Нӯҳ тааллуқ дорад.

Тибқи яке аз афсонаҳо, гӯё Лей-тсу (Lei-tsou) нахустин маъшуқаи Ҳуванг- тӣ (Howang-ti) подшоҳи асотирии Чин, ки дар ҳазораи севуми пеш аз мелод ҳаёт ба сар бурдааст ва ӯро бунёдгузори фарҳанги Чин низ тарғиб мекунанд, марҳилаҳои ресидани абрешим ва бофтану малиладӯзии онро ихтироъ намуд. Лей Тсу бошад, дар асл, сабаби ришtани абрешимро ногаҳон аз кирми садпойе, ки машғули танидан буд, омӯхта, сипас, ба андешаи ихтирои бофтану ришtани абрешим шудааст.

Донишманди фаронсавӣ Лусе Булнойс (Luce Boulnois) дар асари худ “Роҳи абрешим” ба ин масъала таваҷҷуҳ намуда, зикр карда буд, ки қабл аз ӯ, Фу-ҳӣ (Fou-hie)- подшоҳи асотирии дигаре, ки нахустин қонунгузори кишвар буда, ихтирои хат ва тақвимро ба ӯ мансуб медонанд, як асбоби мусиқии мураккаб аз чӯб ва торҳои абрешим ихтироъ карда буд. Аз ин лиҳоз, абрешим ҳанӯз ҳам ҷузъе аз чандин ҳарфи чинӣ аст, ки возеҳкунандаи асбоби мусиқианд. Номи Лей-тсу бошад ба забони чинӣ аз вожаи “тсу”, яъне “ниё” ва “лей” сохта шудааст, ки ин калима худ низ аз се ҷузъи зер: зан, мазраа ва абрешим ташкил мешавад. Ба қавли ин муҳаққиқ, Си линг ше (Si ling-che), ки дар ривоятҳо гоҳе ба ҷойи он омадааст, номи қабилаи падараш буда, пеш аз он ки ҳамсари Ҳуванг-тӣ шавад, бо ҳамон ном ёд мешуд. Сипас, ӯ дар байни мардуми Чин машҳур гардида, ба унвони “Қадисаи ҳомӣ” (Нигаҳбони пок) –и ҳунар ва абрешим мавриди эҳтиром қарор гирифт [1.1- 2].

Кашфиёти мазкур асосан, тибқи ривоятҳо дар шимоли Чин, аниқтараш дар Шонтунг замоне рух дода буд, ки Ҳуванг-тӣ дар воқеъ ҳудуди империтории худро ба сӯйи ховар то дарёи Шонтунг густариш дода, вилоятеро ки дар он ҷо ҳоло ҳам ба таҳияи абрешими худрӯй машғуланд, дар ихтиёр дошт.

Маълумот дар бораи таърихӣ будани зуҳури абрешим на танҳо дар ривояту афсонаҳо, балки дар бозёфтҳои бостоншиносони Чин низ тасдиқи худро ёфтааст, ки шоҳиди ин гуфтаҳо бозёфтҳои аз вилояти Шан-сӣ (Chan- Si) дар соли 1926 ва аз вилояти Че-Кианг (Tche-Kiang) дар соли 1958 ба даст овардаи бостоншиносон буда метавонад, ки яке ба асри сангӣ ва дигаре ба асри навсангӣ тааллуқ доранд.

Дар бозёфтҳои нахуст дар баробари ашёи бозмонда як пиллаи кирми абрешим ва дар бозёфтҳои дувумӣ порчаҳои абрешиминро пайдо намуда буданд, ки тибқи маълумоти онҳо таърихи зиёда аз 4750 сола дорад. Сипас, аз таҳлили ин бозёфтҳо ба хулосае омадаанд, ки истифода аз тори кирми абрешим барои бофтан дар Чин таърихи бештар аз 5000 сола ва парвариши он дар даруни хонаҳо таърихи тақрибан 3000 сола дорад.

Тибқи ишораи таърихшинос ва донишманди шинохтаи Чин Фан Вэн- лан қавми Ҳуванг-тӣ, аввал дар Шимолу Ғарб сукунат дошт ва мувофиқи ривоятҳо тарзи ҳаёти бодиянишиниро дар ноҳияи кӯҳистонии Чолу мегузаронид. Сипас, қавмҳои сизюлӣ ва яндиро мағлуб намуда, оҳиста-оҳиста дар ноҳияи марказӣ маскан гирифт. Худи Ҳуванг-тӣ аз қавми Сзӣ буд ва тахаллуси Сюан Юан ва ё Ю- Сюн-ро дошт. Дар осори хаттии бостонӣ ривоятҳои зиёде дар бораи Ҳуванг-тӣ мавҷуд аст. Ба ӯ инчунин сохтани силоҳ аз яшм, ихтирои киштӣ, аробаҳо, тиру камон, панҷ намуди ранг кардани либосҳоро мутааллиқ медонанд. Лей-тсу, ба қавле зани қонунии Ҳуванг-тӣ буда, ба ӯ парвариши кирми абрешимро мансуб донистаанд [2. 25].

Бештаре аз ин ривоятҳо бо шарҳҳои мухталифи хирадмандони даврaҳои Чанго, Син ва Хан то ба ин давра расидааст ва ҳамаи онҳо низ умумӣ буда, дар онҳо Ҳуванг-тӣ асосгузор ва ё ба истилоҳ сарнасли чиниён ҳисобида мешавад, аз ин лиҳоз ҳам, ӯро созандаи ҳамаи маводи фарҳангӣ меҳисобанд.

Дар боби “Сзинюй”– и китоби “Гоюй” (“Таърихи шоҳаншоҳӣ”), ки онро ба муаррихи давраи шоҳии Лу Сзо Сю-мин мансуб медонанд, ишора гардидааст. Ҳуванг-тӣ бисту панҷ писар дошт, ки чаҳордаҳтои он номҳои хонаводагиро гирифта буданд ва ин гуфтаро дигар осори хаттӣ , аз ҷумла “Шанхайсзин”, ки яке аз китобҳои чинии бостонӣ роҷеъ ба ҷуғрофиё, ки тибқи тахмини донишмандон дар асрҳои IV- III то мелод таълиф ёфта буд, тасдиқ намудаанд. Дар осори хаттии боқимонда ишора гардидааст, ки шаҷараи ҳокимони бостонии -“тӣ” бидуни тағйир ва новобаста ба мухолифатҳояшон аз Ҳуванг-тӣ оғоз шудааст. Шояд ба ҳамин сабаб бошад, ки намояндаҳои баъд омада, ӯро чун ниёи бостонии худ парастиш намудаанд.

Мувофиқи ахбори донишмандони чинӣ [2] ҳақиқӣ будани осори фарҳангии сулола то ба ҳол дуруст исбот нашудааст, лекин тамаддуни Луншан тибқи ишораи онҳо аз тамаддуни Яншао боло ва аз тамаддуни Ин-Шан поёинтар будааст, ки ин омили бешаку шубҳа маҳсуб мешавад. Сипас, бо назар гирифтани осори мадании Луншан ҳолати ҷамъияти он даврaро чунин тасаввур кардаанд, ки он иборат аз заминдорӣ, домпарварӣ, кулолӣ, ресандагиву бофандагӣ аст.

Дар боби “Синчун”- и китоби “Гуан-сзи”, ки рисолаҳои фалсафӣ ва иқтисодиро дар бар гирифта, ба қалами ходими давлатӣ Си Гуан Чун тааллуқ дошт, гуфта шудааст, ки нахустин намояндагони сулолаи Ин, аспҳо ва барзаговҳоро ба аробаҳо бастанд, ки он минбаъд барои мардум нафъи зиёде расонд. Ин ихтироъ сипас, аҳамияти истифодаи аробаҳоро хеле афзоиш дод, тавре ки тоҷир Ван Хай низ барои тиҷорат бо қавмҳои ҳамсоя дар аробае, ки барзаговҳо баста шуда буд, рафтуомад мекард ва ба ивази молҳои гирифтааш матоъҳои абрешимӣ ва буқаҳоро медод.

Сипас ӯ барои васеъ намудани андозаи тиҷорат ба соҳили шимолии Хуанхе мекӯчад, вале ӯ дар ин ҷо зиндагии давомдор наёфта, аз тарафи қавми юӣ, ки аз гурӯҳи қавми тӣ (дӣ) буданд, кушта мешавад вале дере нагузашта бародари ӯ Ван

Хен қавми юиро шикаст дода, аробаи ӯро меситонад. Авлоди ӯ барои хизматҳои анҷомдодааш маросими ниҳоят калонеро барпо намуда, сесад буқаро қурбонӣ мекунанд.

То шикастхӯрии давлати Ся, Шан давлати начандон бузург, вале хеле пешрафта шуда буд. Инкишофи тиҷорат сабаб гардида буд, ки миқдори мол зиёд шавад ва ғуломон барои истеҳсолот бештар ҷалб карда шаванд. Дар ин давра шароит барои истеҳсоли маҳсулоти зиёде, аз қабили садаф, гӯшмоҳӣ, яшм ва абрешим ба вуҷуд омада буд, ки на танҳо барои фурӯш дар дохили кишвар, балки берун аз он низ басанда буд.

Вазъи дохилии давлати Шан оҳиста- оҳиста рӯ ба таназзул ниҳод, ки сабаби он тибқи ахбори сарчашмаҳои чинӣ, бахусус мувофиқи маълумоти бобҳои “Си- бо канли”, “Вэй- сзи”- и китоби “Шаншу” ва достони “Дан” аз китоби “Шитсзин” ба тезу тунд шудани мухолифатҳои синфӣ вобаста буд.

Сипас, дар давраи ҳокимияти Чоу Син буҳрони иқтисодӣ авҷ гирифт ва он ба ҳуҷуми ҳокими Чоу У-ван ба муқобили Чоу Син бурда расонд ва норозигии мардуми Шанро боз ҳам тезутунд кард. Аз тарафи дигар, дар байни сипоҳи Чоу Син дар майдони ҳарбу зарб шӯриш бархост, ки ҳамаи ин омилҳо муҷиби заиф гардидани тиҷорат ва истеҳсоли маҳсулот гардида буд.

Ахбор дар мавриди заминдории даврае, ки Бин маскани нахустин гунҳои чоусӣ буд дар достони “Сиюэ” аз китоби “Шитсзин” оварда шудааст ва дар он гуфта мешавад, ки фарзандони Гун ва назораткунандагони саҳро бисёр ҷиддӣ назар мекарданд, ки деҳқонон ва занҳои онҳо дар хонаводаи ашрофон пайваста кор кунанд. Деҳқонон ба шудгори заминҳо, шикор, сохтани қасрҳо ва занҳои онҳо бошанд ба парвариши кирми абрешим ва бофтану ресидани он машғул мешуданд [2. 67].

Абрешим ва матоъҳои абрешимӣ дар давраи шоҳии Чоу дар баробари дигар молҳои қимматбаҳо ба пойтахт оварда мешуд. Тиҷорат дар Чоуви шарқӣ бошад, хеле ривоҷ ёфта, шаҳрҳои зиёде ба вуҷуд омада буданд, ки онҳо баъдан ба марказҳои бузурги тиҷоратӣ табдил ёфтанд.

Аз солномаи таърихии мулкдорони Лу “Чунсю” маълум гардид, ки дар давоми 242 сол 483 задухӯрдҳои низомиён дар байни мулкдорони алоҳида сурат гирифтааст ва 450 бор мулкдорони хурд ба дарбори мулкдорони ҳукмрон ҳадяҳо ва боҷ бурдаанд. Ба сифати ҳадя онҳо молҳои аз абрешим таёршуда ва дигар навъи ҳадяҳо, мисли пусти ҳайвонот: гавазн, паланг, асп ва дигар молҳои аз абрешим, яшм ва маҳсулоти қимматбаҳову камёб сохташударо мебурданд. Сипас, тиҷорат дар байни ҳокимони Чен ва Чоу хеле вусъат ёфта, тоҷирони Чен ба Чоу пуст мефурӯхтанд ва аз Чу порчаҳои абрешимиро мехариданд. Савдогарони Сзин бошанд аз Чу чӯбу пуст мебурданд. Тоҷирон дар охири давраи Чун Сю хеле шуҳрат ёфта, ҳатто дар ҳалли масоили давлатӣ низ ширкат менамуданд.

Тиҷорати молӣ сабаби ба вуҷуд омадани пул шуда буд. Дар Чови ғарбӣ пулҳои аз мис сохташуда бо номи “бэй” ва “люй” мавриди истифода қарор гирифта буд, ки онҳо ба ҳамон “хуан” монанди доштанд. Тарзи сохти онҳоро фарҳанги “Шовен” низ шарҳ дода, мисли порчаи яшми сурохдор буданашонро таъкид намудааст. Дар Чови шарқӣ бошад, пулҳои мисии кордмонанд ва белмонанд ёфт шуда буданд. Новобаста ба ин, мулкдорон ва амалдорони олимақом дар замони Чун Сю додугирифтро бо порчаҳои абрешимӣ ва дигар молҳои арзиши баланддошта иваз менамуданд. Дар байни савдогарони хурд ва аҳолӣ бо гандум, нах ва ғайра савдо шудани мол ривоҷ гирифта буд, ва бо пул додугирифт тибқи маълумоти осори таърихии Чин хеле кам будааст.

Дар давраи Чанго (солҳои 403- 221 то милод) Шан Ян, ки яке аз ходимони шинохтаи он давр ба ҳисоб мерафт, соли 359 то милод, ислоҳоти нахустини худро гузаронида, дар байни заминдорон ва бофандагон шуҳрат ёфт. Номбурда кӯшиш карда буд, ки меҳнати онҳоро қадр намояд ва бо ин роҳ ҳосили ғалла ва парвариши кирми абрешимро зиёд кунад.

Сипас, бо кӯшиши ӯ тиҷорати дохилӣ байни ноҳияҳои Чин, хеле ривоҷ ёфта, муҳосира намудани замин аз тарафи заминдорони калон низ барҳам хурда буд. Ислоҳоти дуюми Шан Ян иқтидору ҳокимияти сиёсии заминдоронро боз ҳам устувору мустаҳакам намуд. Ӯ дар аввал ҳамаи шаҳрҳои хурд ва деҳаҳоро ба 41 вулусволиҳои бузург якҷо ва муттаҳид сохта, ба роҳбарияти онҳо корҳои идориро супорид. Танҳо бо ҳамин роҳ тавонист, ки таъсири ирсии ашрофони сиёсии боқимондаро аз байн бубарад ва ҳуқуқи ҳар як шахсро барои кишту кори замини нав эътироф намуда, андозро тибқи замини интихобшуда муқаррар намояд. Дар баробари ин, ӯ ба корҳои роҳсозӣ дар байни вулусволиҳо ва тиҷорати молу маҳсулоти бадастовардаи деҳқонон бисёр ҷиддӣ муносибат менамуд, ки ба ин асарҳои таърихии чиниён низ борҳо ишора намудаанд [2. 207-208].

Аз осори таърихии Чин чунин бармеояд, ки дар давраи Чови шарқӣ тиҷорати мулкӣ ва хусусии абрешим ва матоъҳои абрешимӣ ва дигар маҳсулоти хоҷагӣ хеле зиёд шуда, тиҷорат ба авҷи аълои худ расида буд. Дар ин замон ба қавли таърихнигорони чинӣ бузургтарин туҷҷорон, аз қабили Фан Ли ва Дуан Му Сӣ будаанд.

Туҷҷори бузурги дигар, ки ӯро бо номи савдогари бузурги намак ёд кардаанд, Сӣ Дун буд, ки дороиашро ба Ван ва Гунҳо қиёс намудаанд. Савдогари дигарро бо номи Бо Гӯй, ки аз Чов буд ва дар бораи тиҷорат суханҳои зиёде гуфтааст (Ниг.: Боби “Хо чи ле чуан” аз китоби “Шисзи”) асосгузор ва нахустустоди туҷҷорон донистаанд.

Ҳамин тавр, дар замони Чан Го Лин Сзи пойтахти Си, Хан- дан пойтахти Чао, ҳамчунин Далян ва Лоян шаҳрҳои бузурги тиҷоратӣ будаанд. Бозорҳои тиҷоратии абрешим, порчаҳои абрешимӣ ва дигар маҳсулот дар шаҳрҳои дигар, чун дар 70 деҳаҳои Шан- дан низ вуҷуд доштаанд, ки шарҳи онҳо дар “Сиси чуан” аз китоби “Исзин” оварда шуда, ки дар он гуфта мешавад: “Дар нисфи рӯз савдо мекарданд ва аз тамоми дунё мардум гирд меомаданд ва молҳоро аз тамоми гӯшаю канори кишвар оварда, бадал карда мерафтанд. Ҳар кас чизе ки мехост, мегирифт” [2. 221].

Дар боби “Ван- чи” аз китоби “Сюн-сзи” табдили мол дар он давра тасвир ёфта, зикр карда мешавад, ки дар бозорҳои Чин сагҳои калон ва давандаро (тозӣ) аз Шимол, пар, устухони фил, пусти каркадан, рангро аз Ҷануб, моҳиҳои баҳрӣ ва намаки баҳриро аз Шарқ, молҳои чармӣ, пашмӣ ва асбоби мусиқӣ бо торҳои аз думи барзагов сохташударо аз Ғарб харидан мумкин буд.

Баъзе аз заминдорон дар як вақт ба тиҷорат низ машғул буданд. Заминдороне буданд, ки ҳазорҳо дарахти хурмо, ҳазорҳо дарахти тут ва ғайра доштанд. Бисёре аз нодорҳову камбағалҳои Лоян ба назди оилаҳои савдогарони бой рафта, савдоро омӯхта, сипас дар якҷоягӣ бо онҳо ба кори тиҷорат машғул шуда, тамоми бозорҳои шаҳрҳои мамлакатро мегаштанд. Бахши зиёде аз онҳоро чун ғулом барои кишту кори замин, парвариши кирми абрешим ва бофтану ресидани он ва ғайра корҳои дигар истифода мебурданд.

Тибқи маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ дар давраи Чови ғарбӣ, роҳҳои саворагард ба ҳама тараф вуҷуд дошт ва дар замони Чови шарқӣ бошад, робитаҳои дарёӣ ва баҳрӣ, ки дар давраи Чан Го хеле инкишоф ёфта буд, ба вуҷуд омаданд, ки мисоли ин роҳҳо бо дарёҳои дохилӣ буда метавонад. Аз ахбори боби “Юй Гун”- и китоби “Шаншу” [2.241] маълум гардид, ки роҳи марказӣ, яъне роҳи тиҷоратӣ, дарёи

Хуан- хе буда, бо тамоми дарёҳои дигар пайваст мешудааст. Бо ин роҳ ба ҳамаи гирду атрофи нуҳ ҳавза, яъне ба тамоми Чин рафтан мумкин будааст.

Тиҷорат бо роҳҳои обӣ дар замони Чан Го вусъат ёфта, ивази молу маҳсулот ва фурӯши онҳо дар бозору марказҳои тиҷоратии кишвар омили муттаҳидшавии қавмҳои мухталиф ва вобаста шудани онҳо ба якдигар шуда буд. Дар боби “Юэлин” аз китоби “Лисзи” гуфта мешавад, ки дар моҳи дуюми тирамоҳ ҳамаи посбонгоҳҳо ва бозорҳо боз гардида, тоҷирҳо хабар дода мешуданд, то ки молҳои доштаи худро бо молҳои надоштаашон иваз намоянд. Ҳар касе, ки ба чизе зарурат дошт харидорӣ мекард. Аз ҳар тараф, ҳатто аз рустоҳои дур ҷамъ меомаданд, маҳсулоту хӯрока хеле фаровон буд. Камбудӣ дар моле, ки барои давлат ва ё мардум зарур буд ҳис карда намешуд. Ин худ нишондиҳандаи он буд, ки тиҷорат дар он замон мавқеи хосеро ишғол намуда, ҳар кадоме аз роҳбарони давлатҳо барои тиҷорати молҳои худ ва барқарор сохтани муносибатҳои тиҷоратӣ, посбонгоҳҳои худро дар ихтиёри тоҷирон мегузоштанд ва кӯшиш мекарданд, ки аз тиҷорату ивази молу маҳсулоти худ фоидаи бештаре ба даст биёранд [2. 241-242].

Дар “китобҳои рамзӣ”-и паҳншуда муаммоҳои ҳархела ҷамъоварӣ шуда буд. Баъзан, чунин китобҳоро нахонда, маънои муаммоҳоро фаҳмидану ёфтан ғайриимкон буд. Масалан, Сюн-сзи панҷ муамморо дар вазни “фу” бо номҳои: “Маросим”, “Хирадмандӣ” , “Абрҳо”, “Кирми абрешим” ва “Сӯзан” эҷод намуд, ки онҳо аз лиҳози шакл бисёр якхела буда, мазмуни онҳо танҳо ба онҳое марбут буд, ки ҳамеша мавзӯи баҳси конфутсийҳо маҳсуб мешуд. Тибқи ишораи адабиётшиносони чинӣ ин равиш (жанр) гарчанде нав бошад ҳам, дар адабиёт мақоми хосаеро ишғол накард.

Аз муаммои “Кирми абрешим” чунин бармеояд, ки ин масъала на танҳо дар байни мардум ва тоҷирон, балки дар байни аҳли илм ва бахусус, дар байни намояндагони конфутсия низ, ҳамеша мавриди баҳс қарор мегирифт. Аз мутолиаи ин муаммоҳо фаҳмида мешавад, ки аз донишмандони Шимоли Чин касе ба ҷуз Сюн-сзи ба ин масъала, яъне ба шеърҳои қофиядор, ки қасидаҳо навишта ва ба истилоҳи онҳо “Чэнсянс” эҷод карда бошад, машғул нашудааст. Чунин гумон меравад, ки ба ӯ таъсири шоир Сюи Юан аз вулусволии Чу расидааст. Аз ин лиҳоз, ватани эҷоди жанри навро дар адабиёт вулусволии Чу ва эҷодкунандаи онро шоири машҳур Сюи Юан меҳисобанд. Дар давраи ӯ, шеърҳо ва достонҳои зиёде дар бораи абрешим ва бофтани торҳои он эҷод шуда буданд, ки бештари онҳо дар китоби “Шитсзин” низ оварда шудаанд. Дар боби “Чиюэ” аз китоби “Люйши чунсю” паҳншавии оҳангҳои шаманӣ ва оҳангҳо дар бораи кирми абрешим ва худи абрешим дар давраи сукути Чу низ зикр гардидааст [2.274].

Дар байни мактабҳои зиёди Чан Го мактаби хоҷагидорӣ бо номи “нунсзя” мавҷуд буд, ки таҷрибаи хоҷагидориро ҷамъбаст намуда буд. Бахше аз назарияи мактаби мазкур дар чаҳор фасли китоби “Люйши чунсю” (“Шаннун”, “Жэнди”, “Бянту” ва “Шэнши”) оварда шудааст. “Хулосаи адабиёт” дар таърихи сулолаи Ханшу низ асареро дар бар мегирад, ки дар он дар баробари масоили дигар фасле ба масъалаи парвариши кирми абрешим бахшида шудааст [2.282].

Дар китоби “Шисзи” (“Ёддоштҳои таърихӣ”), ки ба қалами таърихшиноси шинохтаи Чини қадим Сим Сян тааллуқ дорад, хабар дода мешавад, ки намояндаи охири сулолаи Ся ниҳоят золим буд. Аз ин лиҳоз, мардум аз ӯ, рӯ гардонданд. Дере нагузашта, пешвои қавми шан Чен Тан ин золимро шикаст дода, қавмҳоро муттаҳид намуд. Сипас, гӯё сулолаи Шан, ки номи Инро гирифта буд, оғоз гардид. Тибқи солшумории ананавӣ ин воқеа дар асри XVIII қабл аз мелод рух дода буд.

Бисёре аз муаррихони чинӣ, бахусус тарафдорони ҷараёни ба истилоҳ “зиёдтанқидчиён”-и оғози асри XX ин маълумоти Сим Сянро боварибахш ҳисоб

накарда, давраи Шан Инро ба замони асотирӣ мутааллиқ медонанд. Вале ин даъво баъд аз пайдо шудани навиштаҳои бостонӣ дар устухони ҳайвонот ва косахонаи сангпуштҳо, ки тахминан ба ёдгориҳои давраи Шан-Ин мансуб мебошанд, тағйир ёфт. Дар таҳқиқоти баъдӣ, аз ҷумла дар асари Ван Го- Вей, ки соли 1917 ба нашр расида буд, бахусус дар навиштаҳои рӯйи устухонҳои бозёфтшуда номҳои бисёре аз давлатдорони замони Ин, ки таърихнигори Чини қадим Сим Сян номбар карда буд, ошкор гардид. Ин кашфиёти илмӣ манбаъҳои таърихии давраи Шан Инро тасдиқ намуд.

Бозёфтҳои бостоншиносии солҳои 1928, 1950 низ далели гуфтаҳои мазкур буда, дар онҳо ҳам, навиштаҳои зиёде рӯйи устухони ҳайвонот ва рӯйи косахонаи сангпуштҳо ёфт шуда буданд, ки ба давраи ҳукмронии қавмҳои Шан-Ин ва муносибати дуҷонибаи онҳо бо қавму қабилаҳои ҳамсоя тааллуқ доранд.

Маводи тамаддунии инҳо, тавре ки аз осори таърихӣ ва бозёфтҳои бостоншиносӣ маълум гардид, бо тамаддуни қавмҳои давраи неолит алоқаи зич доштааст [3. 10]. Таҳлили маводи ёфтшуда нишон медиҳад, ки тарзи коркарди замин, олоти деҳқонӣ, тарзи истифодаи онҳо бисёр кам ба тағйирот дучор шудаанд. Тағйирот асосан, дар олоти дарав, бахусус дар досҳои сангӣ, ки ба ивази онҳо досҳо бо дастаҳои чӯбӣ пайдо шуда буданд, рух дода буд. Дар ин давра тарзи нави киштукор, яъне кишти шолӣ ба вуҷуд омада буд, ки он дар навиштаҳои Иннӣ ба мушоҳида расиданд.

Инҳо ба парвариши кирми абрешим машғул шуда буданд. Маҳз аз ҳамин давра зуҳури кирмакпарварӣ ва шоҳибофӣ дар Чин, тавре ки аз маводи таърихӣ бармеояд, оғоз гардид, ки он баъдан рамзҳои махсуси чиниён шудааст, чунонеки римиён онро "кишвари абрешим" номидаанд [3.10 – 11].

Тибқи маълумоти таърихнигори Чини қадим Сим Сян асрҳои VIII-III то мелод замони ҳукмронии сулолаи Чови шарқӣ номида шудааст. Дар асрҳои VII-VI то мелод барои роҳбарӣ дар арсаи сиёсӣ панҷ давлат: Си, Сун, Сзин, Чу, Син мубориза мебурданд. Сипас, низоъҳои байнихудӣ дар асрҳои V-III то мелод, сабаби ба вуҷуд омадани ҳафт давлати бузург: Син, Чу, Си, Хан, Чоу, Вэй, Ян гардид.

Дар замони ҳукмронии ҳар кадоме аз онҳо тиҷорати абрешим ва молу маҳсулоти дигари рӯзгор низ новобаста ба бархурдҳои қавмӣ авҷ гирифта буд. Масалан, тиҷорати транзитӣ бо кӯчиён дар давраи ҳукмронии шоҳ Син, ки дар шимолу ғарбии кишвар ва пойтахти он шаҳри Сянян дар назди дарёи Вэй ва дар ноҳияи зироатии қадима ҷоигир шуда буд, метавонад далели гуфтаҳои мазкур бошад. Давлати Чу низ дар он давра яке аз кишварҳои бузургтарини тиҷоратии ҷанубии Чини қадим буд ва дар он муомилот бо тангаҳои тиллоӣ сурат мегирифт. Ин кишвар ҳудуди бисёр васееро чун бахше аз вилоятҳои ҳозираи Хубей, Хунан, Сзянси, Анхуй, Сзянсу, Шэнси, ва Хэнан фаро гирифта, бо давлати Ветнами қадим ва қавмҳои мухталифи зироатӣ ҳамсарҳад буд.

Дар ҳазораи якуми қабл аз мелод обёрии зироат ривоҷ ёфта, аз обанборҳои дарёи Хуанхе, Хуай ва Вэй ҷӯйҳои зиёде гузаронида шуданд, ки шароитро барои обёрӣ кардани заминҳои нав ва баланд бардоштани ҳосил муҳайё сохт. Дар баланд бардоштани иқтисоди ин кишвар пайдо шудани конҳои оҳан ва мис, ки минбаъд сабаби коркард ва аз онҳо тайёр намудани олоти хоҷагии деҳот шуда буд, нақши муҳим бозид.

Тибқи маълумоти рисолаи Чини қадим "Гуансзи" дар Чини он замон 5270 конҳои кӯҳӣ маълум будааст, ки аз 467 кони он мис ва аз боқимондаи онҳо маъдани оҳан мегирифтанд. Дар асари таърихии "Шанхайсзин", ки ба давраи Чанго тааллуқ дорад, номгӯйи 34 макони калонтарини маъдани оҳанистеҳсолкунӣ оварда шудааст,

ки он конҳои маъдан дар ҳар гӯшаву канори мамлакат ҷойгир шуда буданд. Аз бозёфтҳои солҳои 50- уми бостоншиносони чинӣ маълум гардид, ки дар тамоми Чин миқдори зиёди оҳани испор, каланд, белҳои оҳанӣ, табарҳо ва дигар маҳсулоти оҳании даврaҳои қадим, бахусус давраи Чанго пайдо шуданд.

Дар ин давра робитаҳои тиҷоратӣ дар ҳудуди давлатҳои алоҳида не, балки аз ҳудуди онҳо берун рафта буд. Ҳар кадоме аз ноҳияҳо ва шаҳрҳои калон ба баровардани яке аз маҳсулот махсус гардонида шуда буд. Масалан, Янчоу ва Синчоу бо молҳои абрешимӣ шуҳрат ёфта буданд.

Маълумоти муфассал роҷеъ ба тиҷорати роҳҳои дарёӣ дар китоби “Шисзи” дар боби “Дар бораи дарёҳо ва ҷӯйҳо” низ зикр ёфтааст, ки яке аз онҳо аз Инян дар ҳудуди давлати Хан сар шуда, ба зер, ба Хуанхе ҷорӣ мешуд. Сипас, ба ҷануби шарқ, ба ҷӯйи Хунгоу, ки чор дарёро ба ҳам мепайваст, тоб мехӯрд. Сохтори ҷӯйи Хунгоу имконияти мунтазами мубодилаи тиҷоратро дар байни давлатҳои хурди қадимии даштҳои марказӣ барқарор менамуд. Бо яке аз чор дарё, ба дарёи Ханшӯй ва сипас, ба қисми ғарбии давлати Чу рафтан мумкин буд. Дар шарқи Чу, дар аввали асри V то мелод ҷӯйи машҳури Хангоу байни дарёи Хуайхе ва Янсзи канда шуда буд. Роҳҳои обии доимӣ, инчунин дар ҷануби шарқии кишвар дар ҳудуди давлати У ва Юэ, дар маҳалле, ки ҷӯйҳои зиёде гузаронида шуда буд, вуҷуд дошт.

Тибқи ахбори Сим Сян дар бахши чоруми ислоҳоти Шан Ян, ки солҳои 356 то мелодро фаро гирифта буд, гуфта мешавад, ки пирону ҷавонон ва шахсоне, ки машғули шудгор, киштукор, бофтан ва истеҳсоли ғаллаву абрешим буданд, аз меҳнати маҷбурӣ, озод карда мешуданд. Дар давраи Удҳо бошад, конфутсияи рушду такомулёфта ва аз тарафи Дун Чун-шу ислоҳ шуда, ба ғояву мафкураи (идеология) расмӣ табдил ёфт. Тарафдорони дигар назарияҳо дар корҳои давлатӣ роҳ дода намешуданд. Онҳо кӯшиш мекарданд, ки дар кишвар навигариҳои зиёдеро ба вуҷуд оваранд. Сиёсатӣ хориҷии онҳо хеле фаъол шуда буд. Хатари ҷиддӣ барои Чин иттиҳоди гунҳо буд, ки дар ҳудуди асрҳои III-II дар Шимол бо сарварии Модэ ташкил ёфта буд. Империя дар асл новобаста ба қарордод “Дар бораи сулҳ ва хешӣ” дар ҳолати вобастагӣ қарор дошт ва аз ҳама гуна робитаҳои хориҷӣ маҳрум буд.

Онҳо, пеш аз он ки ба муқобили гунҳо ҷанг сар кунанд, намояндаи худ Чан Сянро ба ғарб барои ёфтани иттифоқчиён равон карданд, лекин ӯ ба асирии гунҳо афтода, танҳо баъди даҳ сол ахбори муҳимми зиёде дар бораи “кишварҳои Ғарб” ҷамъ намуда, баргашт. Ӯ тибқи ахбори муаррихон бори нахуст роҳро аз Чин ба воситаи даштҳо ва кӯҳҳо ба Осиёи Миёна боз намуд, ки ҳоло он на танҳо дар Аврупо, балки ба умум Шоҳроҳи бузурги абрешим номида мешавад [3. 39].

Сипоҳи Хан, амалиёти ҳарбиро дар соли 129 то мелод, мунтазири баргаштани намоянда нашуда, ба муқобили гунҳо шурӯъ кард. Баъди хунрезиҳои давомдори ҷангиён, муяссар гардид, ки онҳоро аз сарзамини Гансу бароранд. Гурӯҳи тоҷирони осудаҳол бошанд, барои барқарор шудани алоқа бо Ғарб ва истифодаи Шоҳроҳи бузурги абрешим ҳавасманд буданд. Ин роҳ аз пойтахти империя шаҳри Чанан оғоз шуда, ба шимоли Ғарб то Дунхуан, то ҷойе ки ба дуроҳа ҷудо шуда буд, тӯл кашида, ба дарвозаи Ҷунгар ва ба Қошғар мебурд. Роҳҳои тиҷоратӣ аз Қошғар ба Фарғонаву Бохтар ва аз он ҷо ба Парфия ва Ҳинд тӯл мекашид.

Чин бо ин роҳ абрешим, оҳан, фулузоти қимматбаҳо, молҳои ороишӣ ва доруворӣ мебурд. Бисёре аз ин молҳо ҳатто то ба империяи Рим низ мерасид. Чин аз Ғарб, пеш аз ҳама аз ноҳияи Фарғона аспҳои ҷангиро барои силоҳи вазнини лашкари савора мегирифт. Роҳи тиҷоратӣ барои аз Осиёи Миёна ба Чин ворид намудани

зироат хоҷагии қишлоқ, чун лубиё, дарахти чормағз, ангур ва заъфарон мусоидат мекард [3. 40].

Империяи Хан дар асри I то мелод давлати бузурге шуда, бо дигар давлатҳо алоқаи васеи хориҷӣ барқарор кард, лекин вазъияти дохилӣ то андозае ноустувор гардид.

Соли 23, яке аз дастаҳои Лю Сюан, ки ӯро дар ҳамон замон императори Хан бо номи Гэнши эълон карда буданд, маркази империя шаҳри Чананро гирифт, вале "Сурхабрӯвон" (дар таърих бо ҳамин истилоҳ ёд шудаанд) аз эътироф кардани Гэнши даст кашида, соли 25 шаҳри Чананро ишғол карда, подабонеро бо номи Лю Пен- зи ба тахт шинонданд. Баъди як сол дар шаҳри Чанан ва атрофи он гуруснагии сахте рух дод, ки сабаби партофта рафтани "Сурхабрӯвон" ба Шандун шуд. Дастаҳо онҳоро дар роҳ ба ватан иҳота ва пароканда карданд, сардорони онҳо дар ҷанг ба ҳалокат расиданд. Шӯришҳо дар соли 28 тамоман пахш шуданд. Зарбаҳои охиронро дар ин ҷангҳои шадиду бераҳмона ба муқобили шӯришгарон лашкари Лю Сю, яке аз аъзои насли хани императорӣ зад.

Сипас, Лю Сю, ки соли 25 императори дуюми империяи Хан эълон шуда буд, вазъи зиндагии пасти мардумро ба назар гирифта, фармон бароварда, ки рӯёдани андозро сабук гардонанд. Навиштаи чанде аз фармонҳо, аз ҷумла озод кардани ғуломони дараҷаҳои мухталиф дар ноҳияҳои гуногун, заминҳои иҳоташуда дар вақти ҷангҳои дохилӣ ва ғ., дар китоби "Хоуханшу" (Таърихи сулолаи Хани баъдӣ) низ зикр ёфтаанд.

Ҳамаи ин тағйироти иқтисодӣ ва боло рафтани фарҳангро дар империяи Хоу Хан, ки ӯро Хани баъдӣ ва ё хурд низ меномиданд, муҳайё сохт. Дар ин давра барои беҳтар шудани сарбандҳои об ва обёрикунонӣ маблағҳо ҷудо шуда, ба коргарон имтиёзҳо дода мешуд. Дар баробари ин, сохтани шаҳрҳо ва сохтани пойтахти нави империя шаҳри Лоян, ки онро сипас яке аз шаҳрҳои бузурги тиҷоратии абрешим меномиданд, оғоз гардид. Косибон дар устохонаҳои васеи бофандагӣ ва кулолгарӣ кор мекарданд. Тиҷорат ва додугирифти молӣ ва пулӣ хеле рушду такомул ёфта буд, ки ба ин гуфтаи Ван Чун файласуфи Чин ҳам шоҳид буда метавонад: "Баъзеҳо биринҷу ғалла, бархе молҳои бофташуда, дигарон ба парвариши гову аспҳо ва боқимонда барои зиёд кардани заминҳову хонаҳо машғул буданд" [3. 47].

Хулоса, ҷамъбасти маводи таърихӣ ва ривоятҳо бори дигар далели дар ин сарзамин зуҳур ёфтани абрешим ва таърихи бостонидоштаи онро нишон дода, нахуст дар манотиқи мухталифи ин кишвар, ки дар он даврaҳо, ҳар кадоме дар ҳукми вилоятҳои ҷудо аз ҳам вуҷуд доштанд ба фурӯш мерасид ва бо роҳҳои мушкилгузари хушкӣ ва дарёӣ интиқол меёфт.

А Д А Б И Ё Т

1. Luce Boulnois. La Route de la Soie/ Тарҷумаи Малик Носири Навбон. Пажӯҳишгоҳи улуми инсонӣ. –Теҳрон, 1383. – 351с.
2. История Китая с древнейших времен до наших дней/ Главная редакция восточной литературы. –М: 1974. – 532 с.
3. Фань Вэнь-лань. Древняя история Китая / Фань Вэнь-лань (от первобытно-общинного строя до образования централизованного феодального государство). Изд-во АН СССР. –М: 1958 -294 с .
4. Лубо Лесниченко Е. И. Древние шелковые ткани и вышивки в собрании Государственного Эрмитажа / Е. И Лесниченко Лубо. – Л: 1961.
5. Лубо Лесниченко Е. И.Шелковый путь в период Шести династий / Е. И. Лесниченко Лубо (по новым материалам).- Труды Государственного Эрмитажа Л.,Х1Х. Культура и искусство народов Востока. 8. –Л: 1978.
6. Сычоучжилу. Хань Тан Чжиу Шелковый путь/ Тканные изделия периодов Хань – Тан. Пекин, 1972.
7. Сыма Цянь. Ши Цзи (Исторические записки)/ перевод Л.А. Боровковой. –Пекин, 1975, глава 123, с. 3254.
8. У Минь Синьцзян Чуту Хан - Тан Сычжипинь Чутан Предварительное изучение шелковых тканей династий Хан-Тан, обнаруженных в Синьцзяне.- "Вэнь у".– 1962.– № 7/8.

ШЕЛК В КИТАЕ

В данной статье на основе изучения исторических источников, а также на основании преданий и легенд исследована общая картина появления шелка в Китае.

Ключевые слова: шелк в Китае, преданий и легенд, реформа Шан Ян, торговые связи

SILK IN CHINA

In this article based on the study of historical sources and based on the selected legend ore explore the big picture the appearance of silk in Chine.

Key words: silk in China, legends, reform Shan Yin, trades connection

Сведения об авторе: ***Сулаймони Усмон*** - аспирант дневного отделения Таджикского национального университета.Телефон: (+992) **917-26-56-23.**

ТАШАККУЛИ МАТБУОТ ДАР МИНТАҚАИ ХАТЛОН
(таърихи мухтасари пайдоиш, ташаккул ва рушди матбуот дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон)

М. Раҳимова
Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон ба номи М.Турсунзода

Ташаккул, рушду нумӯи матбуоти чопиро бе пайдоиши қоғаз тасаввур намудан ғайриимкон аст. Бино ба иттилои сарчашмаҳои таърихӣ дар соли 650 дар Самарқанд муассисаи тавлиди қоғаз ба вуҷуд омад. Халифа Ҳорунаррашид (786-809) қоғазро масолеҳи расмии сабт эълон дошт ва ҳамин тариқ, заминаи воқеанигорӣ ва таърихнигорӣ фароҳам омад [2, 3]. Табиист, ки давлатҳои рушдкарда дар ҳама давру замон барои амалӣ намудани навгониҳое, ки онҳоро тафаккури инсон офаридааст, ҷаҳд меварзанд.

Ба ҳамин хотир, нахустин рӯзномаҳо дар кишварҳои мутараққии Аврупо, амсоли Олмон-1609, Англия-1622, Франсия-1631 интишор гардида, аз як тараф, агар барои чопи ахбори ҷамъиятиву сиёсӣ, фарҳангиву фароғатӣ мусоидат намоянд, аз ҷониби дигар, воситаи ба даст овардани сармоя дониста мешуданд. Бо рушди воситаҳои истеҳсолот матбуот тадриҷан рушд кард ва ба кишварҳои ҷаҳон паҳн гардид.

Соли 1702 Дар Русия аввалин рӯзнома бо номи «Ведомости» ба арсаи вуҷуд омад. Таърихи пайдоиш ва ташаккули матбуоти Осиёи Миёнаро аз забти минтақа аз ҷониби Русияи подшоҳӣ дар нимаи дуюми қарни Х1Х ҷустан мумкин аст. Сиёсати мустамликадории Русияи подшоҳӣ ҷанбаҳои пешқадам низ дошт ва таъсиси матбаа ва нашрияҳо дар Туркистонро яке аз тағйироти ҷиддӣ ва саривақтӣ дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ, илмиву фарҳангии халқҳои минтақа шуморидан бамаврид аст. Ба фикри мо, мусоидати губернатори Туркистон дар ҳалли ин қазия ба омилҳои зер марбут буд:

- матбуот метавонист, дар тарғиби сиёсати ҳукумати Русияи подшоҳӣ, фаҳмонидани моҳияти қарору қонунҳои он нақш бозад;
- бо интишори мақолаҳо расму ойин, урфу одат, фолклор, дину забон, характер ва фарҳангу тамаддуни халқҳои маҳаллии онҳо омӯхта мешуд, ки ин омил барои сиёсати мустамликадорӣ ниҳоят зарур буд;
- матбуот метавонист ба ҳайси мубаллиғи фарҳангу тамаддуни Русияи подшоҳӣ, шиносонидани чеҳраҳои саршиноси тамаддуни он хизмат намояд.

Агар аввалин рӯзнома дар Осиёи Миёна «Туркистанские ведемости» бошад, нахустрӯзномаи тоҷикӣ бо номи «Бухорои Шариф» 11-уми марти соли 1912 ба табъ расидааст. Оид ба санаи таъсиси нахустрӯзномаи тоҷикӣ дар байни муҳаққиқони тоҷик Иброҳим Усмонов, Д.Давронов [4], П.Гулмуродзода [1] ва дигарон фикри ягона вуҷуд дорад, ки боиси баҳс нест. Матбуоти тоҷик дар замони Шӯравӣ зуд рушд кард ва ба яроқи муҳимтарини таъсиррасон ба афкори ҷомеа табдил ёфт ва системаи ягонаи матбуоти давлатӣ ба вуҷуд омад. На танҳо рӯзномаҳои марказиву ҷумҳуриявӣ, балки вилоятиву ноҳиявӣ бо теъдоди зиёд ба нашр мерасиданд. Барои мисол, дар соли 1948,-менависанд муҳаққиқони матбуоти тоҷик дар китоби «Таърихи журналистикаи тоҷик», - дар Тоҷикистон 7 рӯзномаи ҷумҳуриявӣ, 8 вилоятӣ, 44 ноҳиявӣ мебаромад [4, 206]. Ташаккули матбуот дар Тоҷикистон боиси он гардид, ки рӯзномаҳои музофотӣ ҳам рушд намоянд. Масалан, дар собиқ вилояти Кӯлоб

рӯзномаҳои «Ҳақиқати Кӯлоб», «Навиди Кӯлоб», «Навобод», «Зафар», «Насими Терай», «Гулистон», «Бо роҳи Коммунизм», «Ҳақиқати Ховалинг», «Навиди Балҷувон» чоп мешуданд. Онҳо ба системаи ягонаи матбуоти ҳукуматӣ дохил буданд ва аз лиҳози тобеият ба нашрияи мақомоти ҳизбии вилоятӣ, шаҳриву ноҳиявӣ дохил буданд.

Матбуоти собиқ вилояти Кӯлоб, ки ҷузъи ҷудонашавандаи матбуоти тоҷик аст, ҳамеша ба халқу Ватан хизмат кардааст. Солҳои 1928-1932 дар шаҳри Кӯлоб рӯзномаи «Маҳви бесаводӣ» чоп мешуд. Моҳи марти соли 1933 дар собиқ вилояти Кӯлоб рӯзномаҳои «Ҳақиқати Кӯлоб» ва соли 1944 «Кулябская правда» арзи вуҷуд карданд, ки ба ноҳияҳои Кӯлоб, Фархор, Восеъ, Ҳамадонӣ (Москва), Дашти Ҷум, Шӯрообод, Ховалинг, Темурмалик (Совет), Балҷувон, Сари Хосор ва Данғара хизмат мерасониданд [1,137]. Онҳо рӯзномаҳое мебошанд, ки то ҳол ба нашр расонида мешаванд ва рӯзномаи «Навиди Кӯлоб» мероси ҳамон «Ҳақиқати Кӯлоб» аст, ки аз соли 1933 [3, 5] нашр шуда, соли 2013 ҳаштодсола шуд. Дар ҳар шумораи он инъикоси воқеии ҳаёти мардум, солномаи озмоишҳои сахти аз сар гузарондаи халқ ва ғалабаҳои ба даст овардаи вай дар бозтоб ёфтааст.

«Ҳақиқати Кӯлоб» дар пропагандаи худ саъю кӯшиш менамуд, ки дар муборизаи идеологӣ ҳамеша дар сафи пеш бошад ва барои мавзӯъҳояш шаклҳои дилчаспу ҳаяҷонбахш ва таъсирбахшро пайдо кунад. Яке аз беҳтарин сифатҳои он комёбию камбудиҳоро ошкоро баён кардани вай буд. Рӯзнома саҳифаҳои худро бештар ба масъалаҳои муҳимми ҳалнашуда, сафарбар кардани омма, баҳри иҷрои нақшаи хоҷагӣ ва сохтмон, тарбияи насли наврас ва ошкор намудани хатоҳо ва бетартибиҳо банд мекард [3, 12].

Ҳангоми пажӯҳиш маълум гардид, ки дар саҳифаҳои матбуоти минтақаи Кӯлоб солҳои шастум- ҳафтодум ва ҳаштодуми асри XX мақолаҳои журналистон- Нураҳмад Одинаев, Шералӣ Яҳёев, Сафармуҳаммад Аюбӣ, Карим Давлатов, Бобоҷон Абдулвоҳидов, Акбар Муслимов, Абдулфайз Атоев, Аслон Исломов, Давлаталӣ Раҳмоналиев, Мираҳмад Амиршоев, Нозирҷон Ёдгорӣ, Мисралӣ Сониев, Ғанӣ Давлатов, Саид Раҳмонов, Бӯрихон Амиров ва ғ. ба нашр расидаанд. Онҳо аз ҷиҳати жарнӣ ва мавзӯӣ гуногун мебошанд. Дар саҳифаҳои матбуоти он солҳо асосан жанрҳои лавҳа, очерк, хабар, мусоҳиба, суҳбат мақоми нисбатан бештар доштанд. Тадқиқот нишон дод, ки бештар мавзӯъҳое инъикос шудаанд, ки бо дастури ҳизб ва мақомоти ҳизбиву давлатӣ фармоиш дода мешуданд.

Аз 1 январи соли 1976 шумораи аввалини рӯзномаҳои вилоятии «Роҳи ленинӣ», «Кулябская правда» ба дасти хонандагон расиданд. Ба рӯзномаи «Роҳи ленинӣ» журналистони бомаҳорат аз шаҳру ноҳияҳои вилоят ба кор ҷалб карда шуданд. Рӯзномаҳо ҳафтае панҷ шумора чоп мешуданд. Базаи полиграфии матбааи вилоятӣ мустаҳакам гардид. Қуввахои эҷодии ҳар ду рӯзномаи вилоятӣ аз ҳисоби мутахассисони соҳаи журналистика мустаҳакам мегардиданд. Мирзо Қосимов, Зуҳур Гадоев, Саидаброр Умаров С. Муродалиев, Мирзо Сироҷов, Раҷабалӣ Назаров, Мирзо Фирӯзов, Абдураҳмон Толибов, Ашӯр Иброҳимов, Моҳитобон Шарифова, Адолат Амирова, Файзулло Убайдуллоев, Масамӣ Абдураҳмонов аз ҷумлаи журналистоне буданд, ки услубҳои нави навишторро пайваста ҷустуҷӯ намуда, мақолаҳои публитсистӣ, очерку лавҳаҳо ва репортажҳои пурмазмуну таъсирбахш менавиштанд.

Соли 1988 вилояти Кӯлобу Қӯрғонтеппа барҳам хурда, вилояти Хатлон ташкил шуд. Фаъолияти рӯзномаҳои вилоятии «Роҳи ленинӣ», «Кулябская правда» қатъ ва рӯзномаи шаҳрии «Роҳи ленинӣ» ташкил шуд. Рӯзномаи нави вилоятии «Ҳақиқати Хатлон» ҳафтае панҷ шумора чоп мешуд. Дар шаҳри Кӯлоб бошад қароргоҳи мухбирони рӯзномаи вилоятии « Ҳақиқати Хатлон» ташкил шуд. Барои кор ҳамаи шароитҳо муҳайё буданд. Мухбирони қароргоҳ хеле сермаҳсул буданд. Ҳамчунин рӯзномаи вилоятӣ бо номи «Хатлонская правда» таъсис ёфт. Муҳаррири он К. В. Владимирович тасдиқ карда шуд. Дар қароргоҳи дар минтақаи Кӯлоб будаи рӯзномаи «Хатлонская правда» Гобеев Таймураз, Дикаев Турко, Рустам Одинаев, Давлат Ҷумъаев, Аъзам Абдусаломов фаъолияти эҷодӣ доштанд.

Бино ба навиштаи собиқадори матбуот Қувват Холов моҳи апрели соли 1990 вилояти Кӯлоб боз аз нав таъсис ёфт. Ба се забон се рӯзномаи вилоятӣ «Хатлон», «Кулябская паравда», «Элчӣ» аз чоп баромаданд. Баъди муттаҳид карда шудани вилоятҳои Кӯлобу Қӯрғонтеппа аз моҳи феврали соли 1993 рӯзномаи «Хатлон»

фаъолияташро дар шаҳри Кӯлоб қатъ намуд, рӯзномаи «Кулябская правда» ба рӯзномаи минтақавӣ табдил ёфта, фаъолияташро дар шаҳри Кӯлоб давом дод. Ҳамзамон рӯзномаи шаҳрӣ бо номи «Навиди Кӯлоб» ташкил карда шуд, ки ин давоми рӯзномаҳои «Ҳақиқати Кӯлоб», «Роҳи ленинӣ» ва «Хатлон» аз соли 1933 ҳисоб мерафт. Баробари нашр шудани рӯзномаи «Хатлон», рӯзномаҳои дигари вилоятӣ бо номи «Новый Хатлон», «Дӯстлик» чоп мешуд.

Ҳамин тавр, аз ташаккули матбуот дар минтақаи Кӯлоб чунин натиҷагирӣ кардан мумкин аст:

- барои сафарбар намудани мардум ҷиҳати пешрафти ҷомеа, рушди мактабу маориф, бунёди иншооти муҳимми ҳаёти ҷомеа саҳм гузошт;
- дар замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ эҳсоси мардумро барои мубориза бар зидди душман, ватандӯстиву меҳанпарастӣ қавӣ намуд;
- матбуоти минтақавӣ ҳарчанд дар тобеияти мақомоти ҳизбӣ қарор дошт, аммо бар зидди ноадолатиҳои замон, камбудиҳои ҷомеа, рафтори ношоистаи кормандони мақомоти давлатӣ маводи танқидӣ ва баҳсбарангез интишор мекард;
- он на танҳо афкори ҷомеаро инъикос мекард, балки барои ташаккули он ба самти муайяннамудаи давлат нақши калон бозид;
- барои бартараф намудани камбудиҳои ҷомеа фишанги асосӣ ба ҳисоб мерафт.

Истиқлолият ба тамоми соҳаҳои ҳаёт, аз ҷумла матбуоти чопӣ ва электронӣ дигаргунии куллӣ ворид кард. Дар баробари ВАО- и давлатӣ расонаҳои ғайриҳукуматӣ, шахсӣ, ҷамъиятӣ ба вуҷуд омаданд. Аз лиҳози тааллуқоти молӣ онҳо ба давлат, ҳизбу созмон, ҷамъиятҳо ва шахсони алоҳида марбутанд. Дар бозори расонаӣ рақобати эҷодӣ ба миён омад, ки матбуоти замони истиқлоли минтақаи Кӯлоб аз ин падидаҳо дар канор буда наметавонад.

А Д А Б И Ё Т

1. Қувваталӣ Холов. Садҳо савол барои сатре / Холов Қувваталӣ – Кӯлоб: Сада, 1996.
2. Пурсиш ва посух /мураттиб ва омодакунанда П.Гулмуродзода. – Душанбе: Зинат, 2012.
3. Роҳи пуршараф //Роҳи ленинӣ. – Кӯлоб, 1983.
4. Усмонов И. Таърихи журналистикаи тоҷик/ И. Усмонов, Д. Давронов. – Душанбе: Азия Принт, 2008.

ФОРМИРОВАНИЕ ПРЕССЫ В ХАТЛОНСКОЙ ОБЛАСТИ

В статье анализирована краткая история появления, формирования и развития прессы в Кулябской зоне Хатлонской области и ее роль в пропаганде образования, строительствя важных социальных объектов в жизни общества.

Ключевые слова: пресса (печать), образование, журналисты (корреспонденты), газета, СМИ, региональная пресса, читатели.

FORMATION OF THE PRESS IN THE KHATLON REGION

The article analyzed so brief history of the emergence, formation and development of the press in the Kulyab Khatlon region and its role in promoting population for the development of society, education, construction of important social projects in the community.

Key words: media, education, and journalists (reporters), newspaper, media, regional press, the readers.

Сведения об авторе: ***Мохрухсор Рахимова*** - аспирантка Государственного института искусств Таджикистана им. М.Турсунзаде. Телефон: **(+992) 988 80 72 79**

ЖАНРИ МУСОҲИБА ДАР ТАҲҚИҚИ ОЛИМОН

Нилуфар Собирова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҷойи шубҳа нест, ки фаъолияти журналистиро бе жанр тасаввур кардан ғайриимкон аст. Тавре муҳаққиқ М. Муродов қайд мекунад: «Маҳсули эҷоди рӯзноманигор маҳз тавассути жанрҳои гуногун, аз як тараф ба низом медарояд, мавзунӣ ва мушаххасӣ пайдо мекунад, аз ҷониби дигар ҷамъбаст мегардад» [1]. Дар баробари пешрафти илм ва навовариҳои замонавӣ жанрҳои журналистика инкишоф меёбанд, комил мегарданд ва дигаргун мешаванд. Чунин дигаргуниву таҳаввулот ҳамеша мадди назари олимон қарор доштаасту дорад. Муҳаққиқон бо пажӯҳишҳои

худ, аз як тараф, моҳият ва хусусияти жанрҳои алоҳидаро ошкор ва муайян мекунанд, аз сӯйи дигар, дар маърифати касбии онҳо ба журналистон, хусусан навомӯзон кумак мерасонанд.

Жанр маънои қолабро дорад. Ҳарчанд дар бораи моҳияти ин мафҳум андешаҳои гуногун вуҷуд дорад, аммо ағлаб онро калимаи франсавӣ медонанд, ки маънии ҷинс, намудро мефаҳмонад. Дар адабиётшиносӣ бошад, жанр аслан номи гурӯҳи асарҳоро ифода мекунад, ки бо хусусиятҳои маълум ба ягон ҷинси адабӣ тааллуқ доранд. Мафҳуми жанр аз ҷониби олимон ба тарзи гуногун шарҳу тавзеҳ ёфтааст. Чунончӣ, агар муҳаққиқон М.Черепахов ва В. Ученова жанрро ҳамчун «василаи тасвири воқеият» ҳисобанд, Ю.Д. Бараневич онро «категорияи таърихӣ» медонад.

Дар «Энсиклопедияи советии тоҷик» жанр ҳамчун «зуҳуроти таърихӣ» муаррифӣ шудааст. «Шакл ва мазмуни он дар ҳар давра хусусияти муайян мегирад. Дар баробари ин жанр дорои баъзе хусусиятҳои умумие мебошад, ки аз замоне ба замоне ва аз халқе ба халқе бе тағйир мегузарад» [2]. Аммо таҷрибаи зиндагӣ ва эҷод нишон медиҳад, ки хусусиятҳои жанр аз замон ба замон айнан намегузаштааст. Он гоҳо ба таҳаввулот дучор меояд. Хусусан ин ҷиҳат дар жанрҳои журналистика баръало мушоҳида мешавад.

Олими тоҷик, профессор Иброҳим Усмонов мафҳуми жанрро чунин таъриф мекунад: «Жанр қолабест, ки дар он фикр, факт рехта мешавад ва ҳар кадом қолаб ҳамон жанреро дода метавонад, ки ба он мувофиқат мекунад» [3].

Дар назари М. Муродов «Шаклҳои гуногун ва мухталифи инъикоси воқеа, ҳолату рӯйдод, ҷараён ва вазъият, ки аз ҷиҳати аломат, хусусият ва сохт унсурҳои умумӣ, такроршаванда ва хоса доранд, жанр номида мешавад» [4].

Пас, метавон гуфт, ки жанр қолаби эҷод буда, эҷодкор фикру андешаи худро дар чаҳорчӯбаи он ҷой медиҳад. Тавре ишора намудем дар журналистика аз жанрҳои зиёд истифода мебаранд ва фаъолияти эҷодии журналист бе жанр маънӣ надорад. Гузашта аз ин, жанрҳои журналистика ба гурӯҳу авноъ тақсимбандӣ мешаванд, ки ин мавзӯи суҳбати дигар аст. Дар ҳоли ҳозир мо сари яке аз жанрҳои фаъоли соҳаи журналистика – мусоҳиба, ки алалхусус дар ВАО-и замони истиқлол ба жанри хеле маъмулу серистифода табдил ёфтааст, қарор мегирем.

Жанри мусоҳиба дар асарҳои олимон ва корҳои илмии пажӯҳандагон зиёд ёдовар шудаву мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор гирифтааст. Ҳар яке аз муҳаққиқон дар баробари бозгӯ намудани махсусияти умдаи жанри мусоҳиба кӯшиш намудаанд, ки нуқтаи назари худро дар такя ба таҷрибаву малака бо зикри мисолҳои мушаххас, асоснок гардонанд.

Иброҳим Усмонов дар сарсухани китоби «Дар суҳбати соҳибдилон»-и рӯзноманигори варзидаи тоҷик Султон Ҳамад навиштааст: «Дар журналистикаи замони нав жанри мусоҳиба ба жанри рақами як табдил ёфт. Вай дар ҳамаи мавзӯъҳо навишта шуда, чунон умумияте касб кард, ки гоҳе ҷойи мақола ё такриз ва гоҳе ҳам ҷойи очеркро мегирад» [5]. Аз ин гуфта бармеояд, ки мусоҳиба дар ВАО-и муосир, хоса матбуоти даврӣ на танҳо доманаи мавзӯоташро густурда намудааст, балки шеваи ташкил ва тактикаи гуфторашро низ тағйир додааст.

Аммо бархе аз муҳаққиқон, хоса ҷавонон бартарӣ пайдо кардани жанри мусоҳибаро дар шакли таҳияи он медонанд. Ба пиндори эшон мусоҳиба осонтарин жанр аст. Ҳарчӣ хостӣ, мепурсӣ ва ҳарчӣ гуфтанд, менависӣ. Мутаассифона, чунин фаҳмиши ғалат аз як тараф, шогирдон ва аз тарафи дигар, кормандони воситаҳои ахборро ба роҳи нодуруст мебарад. Дар матбуоти даврии имрӯзаи кишвар вақтҳои охир баъзан мусоҳибаҳое ба чашм мерасанд, ки саволҳои дар онҳо гузошташуда, на ин ки низом надоранд, балки аз мантиқи сухан холианд.

Мутаассифона, дар садову симои Тоҷикистон низ вазъият аз рӯзномаву маҷаллаҳо бехтар нест. Аз тарз ва усули суолгузорӣ аён аст, ки журналист аз ҳунари мусоҳибаороӣ дур ва ё тамоман бехабар аст ва дар натиҷа ба чунин саволҳо посухҳое дода мешаванд, ки хонанда (аудитория) аз онҳо чизе барои худ гирифта наметавонад.

Аксари муҳаққиқон бар он назаранд, ки дар мусоҳиба одатан ду нафар ва баъзан зиёда аз он иштирок мекунанд ва аз ин ду (ё якчанд) нафар ҳатман як нафараш журналист аст. Ҳангоми баргузории мусоҳиба қаҳрамони асосӣ журналист аст, ӯ савол мегузорад ва аз ҳамсуҳбат ба суолҳояш ҷавоб мегирад. Пеш аз баргузории мусоҳиба рӯзноманигор бояд ба он омодагии ҷиддӣ бигирад ва барои

худ муайян намояд, ки он чигуна мусоҳиба аст, дар бораи чӣ ва бо кадом мақсад онро баргузор мекунад. Бояд саволҳояшро тартиб дода, дар дафтараш қайд намояд. Агар аз рӯйи дафтар нахонад ҳам, вале бо ин роҳ метавонад дилпур шавад, ҷуръат пайдо кунад, зеро дар дасташ ба иборае «шпаргалка» дорад. Пас аз анҷоми суҳбат метавонад суолҳои дар дафтарчааш қайдкардаро як бор аз назар гузаронад, то бовар ҳосил кунад, ки ба тамоми суолҳои омодакардааш ҷавоб гирифтааст ё не….

Мушкилоти дигари мусоҳиба риояи эҳтироми тарафҳо аст. Баъзан мушоҳида мекунем, ки мусоҳибон асли мақсадро як сӯ гузошта, ба таҳқири ҳамдигар ё таърифҳои беасос даст мезананд. Гоҳо мусоҳибон ба саволи журналист эътибор надода, хостаи худашонро ироа медоранд. Дар адабиёти назарӣ ин гуна амал тамоман маҳкум карда мешавад. И. Усмонов дар ин бора менависад: «Диалоги одии байни одамон, персонажҳои воқеа мусоҳиба шуда наметавонад. Вай гуфтугӯйи одӣ, суҳбати одӣ аст. Мусоҳиба ҳам он аст, ки барои муайян кардани воқеае журналист шахси мувофиқеро, ки он воқеаро медонад, мефаҳмад, пайдо карда, маҳз барои ӯ дар мавриди мавзӯъ савол тайёр мекунад» [6].

Вале Леонид Гвоздев олими рус ба он ақида аст, ки суҳбат ва гуфтугӯйи ҳамарӯза низ мусоҳиба буда метавонад. Ба ақидаи ӯ «мусоҳиба маъмулан, жанри хабарӣ ҳисоб мешавад. Ҳарчанд дар ҳақиқат, давоми даҳсолаҳои охир мусоҳиба на танҳо чун жанри хабарӣ аст, аммо дар журналистика онро чун мусоҳиба - шарҳ, мусоҳиба-очерк ва ҳатто мусоҳиба-мақола ва мусоҳиба-эссе истифода мебаранд. Шояд мусоҳибаро на ҳамчун жанр, балки ҳамчун як навъи журналистика, ки пурра ё қисман ба самти суҳбат ё гуфтугӯ равона шудааст, бояд қабул кард» [8].

Зимнан баъзе муҳаққиқони рус, аз ҷумла А. А. Тертичний мусоҳибаро ҳам ба гурӯҳи жанрҳои хабарӣ ва ҳам таҳлилӣ шомил мекунад, ки ба назари инҷониб дуруст нест. Зеро дар ташкили ҳар гуна мусоҳиба мухбир танҳо муносибати хабарӣ дорад. Яъне вазифаи ӯ бо пешниҳоди савол, ҷараён бахшидан ба гуфтугӯ ва ҷамъбасти он анҷом мепазирад.

Эрик Фихтелиус, муҳаққиқи соҳаи журналистика дар асари худ «Даҳ қоидаи журналистика» дар мавриди ҷараёни мусоҳиба навиштааст, ки саволҳои хуб – саволҳои андешидашуда, кӯтоҳ, аниқ ва одӣ мебошанд.

Ин муаллиф ба он назар аст, ки бештари вақт нуктаи ибтидоии саволгузорӣ кунҷковии худи мухбир аст. Дар ин бора ӯ маслиҳат медиҳад:

-ана инро донистан мехостам, ин барои хонанда, шунаванда ва бинандаи ман мароқовар аст. Ҳар як савол танҳо бояд як ҷанбаро фаро гирад.

-ду саволро дар як савол ғунҷонда шумо ба объекти мусоҳиба имконияти гурез аз ҷавоб ба саволи ноқулай ва посух гуфтан ба як суолро фароҳам меоред. Савол бояд шакли пурсишӣ дошта бошад, на шакли тасдиқӣ. Тарзи суолгузорӣ бояд ба мусоҳиб имкон диҳад, ки андеша, эҳсос ва чизи аз сар гузаронидаашро ифода намояд. Аз ин рӯ, аз саволҳое, ки ҷавоби яктаркибаи «ҲА» ё «НЕ» металабанд, бояд сарфи назар намуд»… [9]. Ҳамзамон, дар баробари баррасии хусусиятҳои мусоҳиба ва мусоҳибаорӣ амсоли омодагӣ, саволгузорӣ ва ҷараёни мусоҳиба, муҳаққиқон ба масъалаи муайян намудани анвои мусоҳиба низ таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд.

Аз ҷумла, А. Тертичный жанри мусоҳибаро аз рӯйи тарзи суолгузорӣ ба хабарӣ ва таҳлилӣ ҷудо кардааст. Ба қавли ин олим, «агар дар мусоҳиба саволҳои Чӣ? Кай? Дар куҷо? истифода бурда шаванд, он шакли хабариро мегирад ва агар мусоҳиб ва ҳамсуҳбат ба саволҳои Барои чӣ? Чӣ тарз? Ин чӣ маъно дорад? ва ғ. суолу ҷавоб кунанд, дар натиҷа мусоҳибаи таҳлилӣ сурат мегирад» [10]. Аммо, тавре дар боло ишора намудем, чунин навъи гурӯҳбандии мусоҳиба чандон асосӣ илмӣ надорад. Зеро таҳлил дар мусоҳиба на аз ҷониби мухбир, балки мусоҳиб ҳосил мешавад.

Муҳаққиқи қазоқ Барманқулов М. мусоҳибаро аз жанрҳои хабарии паҳншудаи матбуот унвон кардааст. Ӯ аз рӯйи хусусият жанри мусоҳибаро ба 4 навъ тақсим мекунад:

- мусоҳиба - ақида;
- мусоҳиба - хабар;
- мусоҳиба - ҳиссиёт, эҳсосот (эмотсия);
- мусоҳиба – таҳқиқоти сотсиологӣ [11].

Леонид Гвоздев бошад, менависад: «Мусоҳиба (суҳбат, гуфтугӯ) наметавонад воситаи асосии гирифтани маълумот (ба маънои васеаш) бошад, ки баъдан ба хонанда дар дилхоҳ жанр пешниҳод шавад».

Ба андешаи олимони соҳа асоси ҳамагуна мусоҳибаи муваффақ омодагии ҳамаҷонибаи мухбир аст. Ӯ бояд ба мавзӯи суҳбат сарфаҳм равад. Мавзӯъро на камтар аз мусоҳиб донад. Тасаввуроте, ки журналист бояд суолҳоро бадоҳатан, содалавҳона ва мувофиқи сатҳи миёнаи аудитория бидиҳад, нодуруст аст. Танҳо шахси аз мавзӯъ огоҳ метавонад чизи арзанда бипурсад.

Ҳамин тавр, мусоҳиба аз жанрҳои маъмул, серистеъмол ва дар айни замон мушкил ва масъулиятхоҳи журналистика маҳсуб меёбад. Ҳарчанд муҳаққиқони илми журналистика дар бораи хусусияти жанрӣ, тарзи суолгузорӣ, қонунияти таҳияи ин жанр назарҳои мухталиф доранд, аммо дар маҷмӯъ аксар жанри дар зоҳир осон ва моҳиятан мушкил ва масъулиятхоҳ будани онро тазаккур намудаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Барманқулов М. Жанры печати, радиовещания и телевидения. Сравнительный анализ/ М.Барманқулов.- Алма-Ата, 1974.
2. Гвоздев Л.З. Техника интервью/ Л.З.Гвоздев.- М.,1999.
3. Муродов М.Б. Асосоҳои фаъолияти эҷодии журналист/ М.Б. Муродов.- Душанбе, 2009.- Қ.1.
4. Усмонов И. Жанрҳои публитсистика/ И.Усмонов - Душанбе, 2009.
5. Тертычный А.А. Жанры периодической печати/ А.А.Тертычный.- М., 2000.

ЖАНР ИНТЕРВЬЮ В ИССЛЕДОВАНИЯХ УЧЕНЫХ

В данной статье коротко описаны особенности характерные информационному жанру- интервью, с помощью которого можно отличить интервью от остальных жанров журналистики.

Ключевые слова: пресса, интервью, анализ, представление, жанр, журналистика.

THE GENRE OF INTERVIEW IN THE RESEARCH OF SCIENTISTS

This article briefly describes characteristic features information the genre of interview, which you can distinguish interview from other genres of journalism.

Key words: media, interviews, analysis, presentation, genre, and journalism.

Сведения об авторе: ***Собирова Н. Т***. - соискатель Таджикского национального универистета

М У Н Д А Р И Ҷ А - С О Д Е Р Ж А Н И Е

З А Б О Н Ш И Н О С Ӣ

ЗАБОН - МЕҲВАРИ ШЕЪР
М.Саломов **……..** ***3***

НАҚШИ ПАСВАНДҲОИ АЗ МАЪНОИ ЛУҒАВӢ ОРӢ ДАР ТАШАККУЛИ ГИДРОНИМҲОИ МОВАРОУННАҲР
Д. Ҳомидов **.....** ***8***

СЛОВООБРАЗОВАТЕЛЬНЫЕ И СЕМАНТИЧЕСКИЕ КАЛЬКИ В КОМПЬЮТЕРНОЙ ИНФОРМАТИКЕ
М.Бекмурадов ***13***
……

СИНТАКТИКА ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИХ ЕДИНИЦ В РУССКОМ ЯЗЫКЕ
(на материале пьесы «Вишневый сад» А.П. Чехова)
З. К.Холикова **……** ***16***

МУХОТАБ ҲАМЧУН ВОҲИДИ КОММУНИКАТИВӢ ВА ВОСИТАИ ОДОБИ МУОШИРАТ
М. Р. Ҷӯраева **……** ***18***

ЭМОЦИОНАЛЬНАЯ И ЭМОТИВНАЯ КОММУНИКАЦИИ
Б.Ш. Бабаджанова **……** ***22***

ЗООНИМЫ И ФИТОНИМЫ - КОМПОНЕНТЫ ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКОЙ ЕДИНИЦЫ В НЕМЕЦКОМ, ТАДЖИКСКОМ И РУССКОМ ЯЗЫКАХ
К.Т. Гафарова **……** ***25***

СИСТЕМА СЕМАНТИЧЕСКИХ СВЯЗЕЙ И ПРОТИВОПОСТАВЛЕНИЙ ПРИ ОСВОЕНИИ РУССКО-ИНТЕРНАЦИОНАЛЬНОЙ ЛЕКСИКИ (НА ПРИМЕРЕ ПРОЗЫ Ф.НИЯЗИ)
М. М. Акилова **……** ***29***

ИСТИФОДАИ УСУЛИ КОММУНИКАТИВИИ ТАЪЛИМ ДАР МАШҒУЛИЯТҲОИ КОРҲОИ МУСАҚИЛОНА АЗ ФАННИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ
О. М. Қозихонова **……** ***33***

ИСТИЛОҲОТИ МАРБУТ БА АЪЗО ВА МОДДАҲОИ ТАРКИБИ БАДАНИ ИНСОН ДАР «ЗАХИРАИ ХОРАЗМШОҲӢ»- И ИСМОИЛИ ҶУРҶОНӢ
Ш.И. Ҳаитова **……** ***37***

ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВИИ МУРОДИФОТИ ИСМҲОИ МАЪНӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ (ДАР ЗАМИНАИ «ЁДДОШТҲО»-И С.АЙНӢ)
Т. Р. Назриев **……** ***43***

НОМҲОИ ЗАНОНА ДАР «ШОҲНОМА»-И АБУЛҚОСИМ ФИРДАВСӢ
Сомон Қурбонмамадов **……** ***48***

БАРРАСИИ РОБИТАИ ҲАММАЪНОИИ ВОЖАГОН ДАР «ЗАХИРАИ ХОРАЗМШОҲӢ» - И ИСМОИЛИ ҶУРҶОНИ
Заҳро Аҳмадӣ Калатеҳаҳмад Асадоллаҳ **……** ***52***

ПРОБЛЕМАИ ТАДҚИҚИ ҶОНИШИНҲО ДАР ЗАБОНИ ВАХОНӢ
Б.М. Неъматова ***56***

КОРБАСТИ ОНОМАСТИКА ДАР ОСОРИ ШАМСИДДИН ШОҲИН
А.А. Нуров ***59***

ВИЖАГИҲОИ ФЕЪЛҲОИ ПЕШВАНДӢ ДАР АШЪОРИ НОДИРИ НОДИРПУР
Хадича Меҳдизода Номӣ ***62***

ИСТИЛОҲ ВА ИБОРАҲОИ СОҲАИ ВАРЗИШ ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ
А.Н. Шафоатов ***67***

О НЕКОТОРЫХ ОСОБЕННОСТЯХ НАРЕЧИЙ КАК ЧАСТЬ РЕЧИ
С. О.Ходжаева ***69***

КОММУНИКАТИВНЫЙ МЕТОД ОБУЧЕНИЯ ИНОСТРАННОГО ЯЗЫКА
Х. Касымова ***75***

ИСТИЛОҲОТИ МАРБУТ БА ТАНДУРУСТӢ ВА НОМИ БЕМОРИҲО ДАР «ЗАХИРАИ ХОРАЗМШОХИ»-И ИСМОИЛИ ЧУРЧОНИ
Ш.И. Ҳаитова ***80***

СИНТАКСИЧЕСКИЕ ФАКТОРЫ ОРГАНИЗАЦИИ ТЕКСТА
М.К. Мирзаджанова, А.Д. Туйчиева ***85***

СИСТЕМА ПРЕДЛОГОВ АНГЛИЙСКОГО И РУССКОГО ЯЗЫКОВ
М.А. Назирова, М.А. Абдувохидова ***87***

ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ПРЕДПОСЫЛКИ ОТРАЖЕНИЯ ВОСПРИЯТИЯ ЧЕЛОВЕКА ЧЕРЕЗ ОРГАНЫ ЧУВСТВ КАЧЕСТВЕННЫМИ ПРИЛАГАТЕЛЬНЫМИ В ТАДЖИКСКОМ И РУССКОМ ЯЗЫКАХ
Ш.Р. Хасанова ***89***

КОНЦЕПТ "ВОЗРАСТ" В ЯЗЫКОВОЙ КАРТИНЕ МИРА
Л.И. Джамирова ***92***

НОМИНАТИВНЫЕ ПРЕДЛОЖЕНИЯ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ
П. Исматуллаева, Ф. Зикриеев ***96***

АЛОҚАИ МУВОФИҚАТИ ГРАММАТИКИ ВА БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ ОН ДАР НАСРИ АСРИ XVI
А.Ғаффоров, А.Алиев ***100***

БАРРАСӢ ВА ТАТБИҚИ СОХТВОЖАИ ТАСРИФИИ ҶАМЪ ДАР ГӮЙИШИ СИИСТОН, ЗАБОНИ ФОРСИИ ЭРОН ВА ЗАБОНИ ТОҶИКӢ
Аббос Тирафкан ***103***

К ПРОБЛЕМЕ АНГЛИЙСКОЙ ПЕРЕВОДОВЕДЧЕСКОЙ ТЕРМИНОЛОГИИ
Ш.С.Раззокбердиев ***106***

НАМУДИ ФЕЪЛ ВА ИСТИОРА ДАР ҒАЗАЛИЁТИ ҲОФИЗ
Фарибо Номдор, Марям Маҷидӣ ***109***

СЛОВООБРАЗОВАТЕЛЬНОЕ ОСВОЕНИЕ ИНОЯЗЫЧНОЙ ЛЕКСИКИ
Ф.А. Собирова ***114***

МОРФОЛОГИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ АДВЕРБИАЛЬНЫХ СЛОВОСОЧЕТАНИЙ

В ТАДЖИКСКОМ, РУССКОМ И В АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ
С.О. Ходжаева ***116***

А Д А Б И Ё Т Ш И Н О С Ӣ

ПЕЙЗАЖ ДАР РОМАНИ «ВОСЕЪ» - И С. УЛУҒЗОДА
Сироҷиддин Эмомалӣ ***121***

ТАЛМЕҲ ДАР ШЕЪРИ ҚАТРОН
А.М. Бобобеков ***126***

ТАМСИЛИ ҶОНВАРОН ДАР «ҲАДИҚАТ-УЛ-ҲАҚИҚА»-И ҲАКИМ САНОИИ ҒАЗНАВӢ
Гулрухсор Нозимова ***129***

СОХТОРИ ЖАНРИИ РУБОИЁТИ АМИР ХУСРАВ
Р.Тагоймуродов ***134***

МАВЗӮИ «НАСИҲАТ БА ФАРЗАНД» ВА ИНЪИКОСИ ОН ДАР ДОСТОНҲОИ ИШҚИИ РОМАНТИКИИ АДАБИЁТИ АСРИ XV
С.Маҳкамов ***141***

НАҚШИ ИМОМ ДАР ТАЪЛИМОТИ ИСМОИЛИЁН ВА ФАҲМИШИ НОСИРИ ХУСРАВ
Ҳоким Қаландаров ***148***

ХУСУСИЯТҲОИ ТАҲАВВУЛИ АДАБИЁТИ ӮЗБЕК ДАР АСРҲОИ XVI-XIX
Ж.Ӯ. Мамадиев ***150***

МАШРӮҲИ ФАРҲАНГҲОИ ФОРСӢ АЗ НАЗАРИ САИД МУҲАММАДАЛИИ ДОИЮЛИСЛОМ
Матлуба Сатторова ***154***

ЗАБОН ВА УСЛУБИ ОСОРИ УБАЙДИ РАҶАБ
Ф.Ҳусейнзад ***157***

ФИРДАВСӢ ДАР АНДЕШАИ ЗАРРИНКӮБ
Настаран Иброҳимзода ***165***

ТАБАРИ О МЕРВЕ И МЕРВСКОМ ОАЗИСЕ
Ф. Б. Бобоев ***172***

МУХТАССОТИ САБКИИ ҚАСОИДИ АСРИ XV
Муҳаммаддовуди Мунир ***176***

ҶОЙГОҲИ ИТТИЛОФИ УМР ВА ЛАҲЗАҲОИ ЗИНДАГӢ ДАР ҚАСИДАҲОИ НОСИРИ ХУСРАВ
Темури Шуҷоӣ ***187***

ҚАСИДАИ “ДАРЁИ АБРОР”-И АМИР ХУСРАВИ ДЕҲЛАВӢ ВА САРЧАШМАҲОИ АДАБИИ ОН
Латифов Фатҳилло ***191***

ХУСУСИЯТҲОИ МАВЗУИИ ҒАЗАЛИЁТИ АРАБИИ ҶАЛОЛУДДИНИ РУМӢ
Дилором Каримова ***196***

БАРРАСИИ ЧЕҲРАИ ДИНӢ ВА МАЗҲАБИИ НОСИРИ ХУСРАВ ДАР ДЕВОН

Руқияи Сухробӣ ……. *201*

ХУДШИНОСӢ, ҶАВҲАРИ ЗЕБОШИНОСӢ ДАР ТАЪЛИМУ ТАРБИЯТ
Муҳаммад Ҷаъфари Шариатмадорӣ *203*

ВОСТОЧНЫЕ ОБРАЗЫ В ПРОИЗВЕДЕНИЯХ ФРАНЦУЗСКИХ ПРОСВЕТИТЕЛЕЙ
Н.С. Гадоева ……. *208*

МАЗМУН ВА МУНДАРИҶАИ ҒАЗАЛИЁТИ ЛОИҚ ШЕРАЛӢ
Ф. Давлатов *211*

МАРҲАЛАИ НАВИНИ ИНКИШОФИ НАСРИ САНАДГАРО ДАР АДАБИЁТИ ТОҶИК
Малика Муродова ……. *225*

ДРЕВНИЕ КУЛЬТУРНЫЕ И РЕЛИГИОЗНЫЕ ТРАДИЦИИ ПЕРСОЯЗЫЧНЫХ НАРОДОВ В «ИСТОРИИ ТАБАРИ»
Ф. Б. Бобоев …….. *231*

НИГОҲЕ БА ДОСТОНИ «СИЁВУШ» ВА ҚИССАИ «ЮСУФИ НАБӢ»
Муҳаммадризо Мирӣ …… *235*

БАРРАСИИ «МАН» ДАР АШЪОРИ ҚАЙСАРИ АМИНПУР
Ориф Ғуломаббос, Муруввати Муҳаммадӣ …….. *240*

ШОИР ВА ЗАМОН
М. И.Икромова …… *245*

БАРРАСИИ ТАТБИҚИИ ГИРОИШҲОИ ФИКРИИ МЕНФЛУТӢ ВА ДЕҲХУДО
Ҳасани Додхоҳ, Маҳмуди Шакиб Ансорӣ, Парвини Гулизода, Баҳроми Назарпур *249*

ҲАЙДАРИИ ВУҶУДӢ-ҒАЗАЛПАРДОЗЕ МУМТОЗ ДАР АДАБИЁТИ МУОСИРИ АФҒОНИСТОН
Холида Фурӯғ *252*

ИСТИФОДАИ ЛОМЕИИ ГУРГОНӢ АЗ ҶОЙНОМҲО ДАР ОРОЯҲОИ БАДЕӢ
Умеда Султонмамадова *255*

Ж У Р Н А Л И С Т И К А

РИОЯИ ЭТИКАИ КАСБӢ - ШАРТИ МУҲИМИ ФАЪОЛИЯТИ ЖУРНАЛИСТӢ
С. Н. Гулов …… *259*

ФИЛМИ БАДЕӢ ВА ИСТИФОДАИ ҲУҶҶАТ
Д. Бобоев *263*

ТЕЛЕВИЗИОН ЧУН ВОСИТАИ ТАШАККУЛИ АРЗИШҲОИ ФАРҲАНГӢ
М.А. Сафарова …….. *265*

ТАФОВУТУ ҲАМРАНГИИ ИСТИФОДАИ ЖАНРҲО ДАР ТЕЛЕВИЗИОНҲОИ ИТТИЛООТИИ «ҶАҲОННАМО» ВА «RUSSIA TODAY»
Далер Иброҳимов *269*

ИНЪИКОСИ ВОҚЕОТИ СИЁСИИ МИСР ДАР РӮЗНОМАИ «АЛ-АҲРАМ»-И ИН КИШВАР

Фарзона Исмоилова …… *273*

РАДИО: ОМӮЗИШ, АХБОР ВА ТАВСЕА
Муҳсин Ризоӣ …… *276*

АБРЕШИМ ДАР ЧИН
Сулаймони Усмон *281*

ТАШАККУЛИ МАТБУОТ ДАР МИНТАҚАИ ХАТЛОН
(Таърихи мухтасари пайдоиш, ташаккул ва рушди матбуот дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон)
М. Раҳимова …… *289*

ЖАНРИ МУСОҲИБА ДАР ТАҲҚИҚИ ОЛИМОН
Нилуфар Собирова …… *291*

К СВЕДЕНИЮ АВТОРОВ

В научном журнале «Вестник Таджикского национального университета» печатаются статьи, содержащие результаты научных исследований по естественным, гуманитарным и экономическим наукам.

При направлении статьи в редколлегию авторам необходимо соблюдать следующие правила:

Размер статьи не должен превышать 10 страниц компьютерного текста, включая текст, таблицы, библиографию, рисунки и тексты аннотаций на таджикском, русском и английском языках.

Статья должна быть подготовлена в системе Microsoft Word. Одновременно с распечаткой статьи сдается электронная версия статьи. Рукопись должна быть отпечатана на компьютере (гарнитура Times New Roman Tj 14, формат А4, интервал одинарный, поля: верхнее - 3см, нижнее – 2,5см, левое – 3см, правое – 2см;), все листы статьи должны быть пронумерованы.

Сверху страницы по центру листа указывается название статьи, ниже через один интервал инициалы и фамилии автора (авторов). Ниже название организации, адрес, e-mail. Далее через строку следует основной текст. В конце статьи после списка литературы приводятся аннотации на русском и английском языках и ключевые слова (8 - 10 слов).

Список литературы приводится в общем порядке после основного текста статьи. Авторы должны соблюдать правила составления списка использованной литературы. Он должен содержать 5-6 наименований литературы.

Научные статьи, представленные в редакцию журнала, должны иметь экспертное заключение, авторскую справку (для статей серии естественных наук) и отзыв специалистов о возможности опубликования.

Плата за опубликование рукописей аспирантов не взимается.

Редколлегия оставляет за собой право производить сокращения и редакционные изменения статьи.

Статьи, не отвечающие настоящим правилам, редколлегией не принимаются.

Муҳаррири масъул: **М. Ибодова**
Масъули бахш**: Г. Зоғакова**
Муҳаррирон: **Ш. Абдуллоева**, **И. Ҳакимова,**
М.Манонова

Ответственный редактор: **М. Ибодова**
Редактор серии Филология: **Г. Зогакова**
Редакторы: **Ш. Абдуллоева, И. Хакимова**
М.Манонова

ДМТ, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17, бинои асосӣ, утоқи 37
ТНУ, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17, главный корпус, каб. 37
Телефон: 227-74-41 **E-mail: vestnik-tnu@mail.ru**
Сайт ТНУ: tnu.tj